**Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон**
**ба номи Садридин Айнӣ**

***Ҷӯраев А.Ҷ., Шарифов З.Р., Аброров Ҳ.А.***

# Географияи иқтисодӣ ва иҷтимоии мамлакатҳои хориҷӣ

**(Барои факултетҳои географияи мактабҳои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон)**

**Ба ифтихори 80-солагии ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ бахшида мешавад.**

**Бо қарори  Мушовараи вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун китоби дарсӣ ба  чоп тавсия шудааст.**
**Қисми  дуввум**

**Душанбе – 2011**
**«Ирфон»**

ББК
**Ҷӯраев А.Ҷ., Шарифов З.Р., Аброров Ҳ.А.**

Ш - Географияи иқтисодӣ ва иҷтимоии мамлакатҳои хориҷӣ.

Китоби дарсӣ. Дар зери таҳрири доктори илмҳои география, профессор **Муҳаббатов Х.М.**

Душанбе: «Ирфон», 2011,

**Муқарризон:** доктори илми иқтисод, профессор
**Умаров Х.У.**
доктори илми иқтисод, профессор
**Султонов З.**
доктори илми иқтисод, профессор
**А. Рауфӣ**
номзади илми география, дотсент
**Утаганов А.А.**
**Муҳаррирон: Хоркашев С. ва**
**Ахмедов Т.**

*Дар китоби дарсӣ принсипҳо ва методҳои ба сарзаминҳо (минтақаҳо) ва сарзаминият ҷудо намудани ҷаҳони муосир аз нуқтаи назари иқтисодию-иҷтимоӣ таҳлили васеи худро ёфта, сарзаминҳо ва давлатҳои алоҳидаи ҷаҳон, унсурҳои география гуманитарӣ аз қабили фарҳанг, тамадун, масоили этникӣ ва робитаи байни онҳо дар рушду такомули мамлакатҳо пешниҳод шудааст.*

*Китоб барои донишҷӯёни мактабҳои олӣ, миёнаи махсус, аспирантҳо, устодон ва ба кормандони илмӣ тавсия мешавад.*

ББК

© **Ҷӯраев А.Ҷ.,**
**Шарифов З.Р.,Аброров Ҳ.А. 2011**

**Мундарича**


Пешгуфтор……………………………………………………………………………..
Муқаддима…………………………………………………………………………
**Боби 1. Асосҳои ба сарзаминҳо (минтақаҳотақсим кардани ҷаҳон………………………..**
1.1. Музофот: мафҳум, навъҳо, дараҷаҳо (иерархия)……………………………
1.2. Ба сарзаминҳо тақсим кардани ҷаҳон дар географияи гуманитарӣ………
**Боби 2. Аврупои Ғарбӣ………………………………………………………………**
2.2. Германия…………………………………………………………………
2.3. Британияи Кабир…………………………………………………………
2.4. Франсия……………………………………………………………………
2.5. Италия……………………………………………………………………
2.6. Мамлакатҳои «гурӯҳи дуюм»…………………………………………………
2.7. Давлатҳои хурди Аврупо…………………………………………………
2.8. Аврупои Марказӣ ва Шарқӣ………………………………………………
**Боби 3. Сарзаминҳои пасошӯравӣ……………………………………………………**
3.1. Федератсияи Россия………………………………………………………
3.2. Украина, Белоруссия ва Малдава…………………………………………
3.3. Мамлакатҳои Пасикавказ…………………………………………………
3.4. Мамлакатҳои Осиёи Марказӣ……………………………………………
**Боби 4. Осиёи Шарқӣ: маркази иқтидори иқтисодии ҷаҳон……………………………**
4.1. Тавсифи умумии сарзамин………………………………………………
4.2. Ҷумҳурии Халқии Хитой…………………………………………………
4.3. Япония……………………………………………………………………..
**Боби 5. Осиёи Ҷанубӣ: мушкилоти демографӣ………………………………………**
5.1. Тавсифи умумии сарзамин………………………………………………
5.2. Ҳиндустон…………………………………………………………………
**Боби 6. Осиёи Ҷанубу Шарқӣ: ……………………………………………………**
6.1. Тавсифи умумии сарзамин………………………………………………
6.2. Ҷумҳурии Индонезия………………………………………………………
**Боби 7. Осиёи Ҷанубу Ғарбӣ ва Африкаи Шимолӣ……………………………………**
7.1. Осиёи Ҷанубу Ғарбӣ……………………………………………………........
7.2. Сарзамини баҳримиёназамини Африка……………………………………
**Боби 8. Африкаи ҷанубтари Саҳрои Кабир……………………………………………**
8.1. Мамлакатҳои Африкаи тропикӣ………………………………………….....
8.2. Африкаи Ғарбӣ ва Марказӣ………………………………………………
8.3. Африкаи Шарқӣ ва Ҷанубӣ…………………………………………………
**Боби 9. Америкаи англосаноатӣ ……………………………………………………**
9.1. Иёлоти Муттаҳидаи Америка……………………………………………
9.2. Канада…………………………………………………………………….....
**Боби 10. Америкаи Лотинӣ…………………………………………………………**
10.1. Тавсифи умумии сарзамин………………………………………………
10.2. Сарзамини Кариб…………………………………………………………
10.3. Америкаи Ҷанубӣ: Бразилия……………………………………………
**Боби 11. Австралия ва Океания………………………………………………………**
11.1. Иттиҳоди Австралия……………………………………………………
11.2. Океания…………………………………………………………………

# ПЕШГУФТОР

Китоби дарсии мазкур давоми мантиқии китоби дарсии «Географияи иқтисодӣ ва иҷтимоии мамлакатҳои хориҷӣ» (Душанбе, Ирфон – 2011) мебошад. Дар он тавсифи музофотҳои калонтарини фарҳангию таърихии ҷаҳон ва давлатҳои алоҳида дода мешавад.

Олими барҷастаи географияи гуманитарӣ Н. Н. Баранский (1883 – 1963) зикр менамояд, ки қисмати музофотии ин курс дар китобҳои дарсии география ва ҳамчунин дар монографияҳои илмии мамлакатшиносӣ на камтар аз 70 дарсади ҳаҷми умумиро дарбар бояд бигирад. Албатта, чунин тақсимот на ҳама вақт риоя карда мешавад, махсусан агар диверсификатсияи географияи ҷамъиятӣ ва пайдоиши самтҳои нави «мӯдшудаи» онро ба назар бигирем. Ба ҳар ҳол, воҳиди асосии таксономӣ дар географияи гуманитарӣ мисли пештара мамлакат (давлат) боқӣ мемонад ва дар иртибот ба ин сарзаминият дар география бояд ҳарчи равшантар ифодаи худро биёбад.

Муҳтавои географияи музофотӣ масъалаи алоҳида аст. Дар замони шӯравӣ фанни ба ном кишваршиносӣ аслан географияи иқтисодӣ, дақиқтараш географияи истеҳсолоти моддиро ба хотир меовард.Тавсифҳои он замонаи музофотҳои алоҳида (аз ҷумла ҷумҳуриҳои иттифоқӣ ва худмухтор) пур аз сужетҳои зиёди иқтисодию географӣ буданд.

Ночаспонии чунин «устухонбандии» курсҳои геграфияи музофотӣ дар даврони баъдазиндустриалӣ, вақте ки дар мамлакатҳои пешқадами ҷаҳон қисмати аъзами маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ (ММД) дар соҳаи хизматрасонӣ ба вуҷуд оварда мешуд, ҳарчи бештар ошкор гардид.

Тамоман равшан шуд, ки намоиши гуногунрангии географияи фарҳангҳо ва халқҳо дигар набояд ва наметавонад ба баёни «хушки» нақшаҳои истеҳсолӣ (алоқаҳои байнисоҳавӣ, сиклҳои барқистеҳсолкунанда, маҷмааҳои ҳудудию истеҳсолӣ ва ғ.) табдил биёбад. Ба ибораи дигар, тағйирёбии таносуби миқёси тавсифҳои ҷаҳон ба фоидаи географияи сиёсӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва экологӣ (албатта, бо ҳифзи сужетҳои иқтисодию географӣ) сурат мегирад.

Дигар аз «нуқтаи заъфи» географияи музофотӣ мухолифати байни усулҳои таҳлили маҷмӯии (комплексии) васъеи мамлакат (музофот) ва муҳимии унсурҳои таҳлилшаванда аз як тараф ва маҳдудияти ҳаҷми ҳамагуна китоби дарсӣ аз тарафи дигар мебошад. Аз ин лиҳоз имкон намешавад, ки ҳамаи паҳлӯҳои масъалаҳои муҳокимашаванда амиқ тасвир шаванд.

Муаллифони китоби дарсии мазкур баронанд, ки таҳлили маҷмӯӣ (комплексӣ) набояд ба қомусе табдил биёбад, ки тавсифи ҳамаи унсурҳои давлатро дарбар бигирад. Масалан, «корхонаи нон» ва ё «корхонаи шир» дар ҳар шаҳр ҳаст ва шарт нест дар тафсифи давлат ё музофот такроран инъикос ёбад.

Муҳимтар он аст, ки махсусиятҳои аз имтиҳони замон гузаштаи марз, беназирии он нишон дода шавад, то дар зеҳни хонанда тасаввурот дар бораи ҷаҳон аз нуқтаи назари инфиродияти сарзаминҳои ташкилдиҳандаи он шакл бигирад. Дар баробари ин муаллифон ба он эътибор доданд, ки унсурҳои географияи гуманитарӣ аз қабили, фарҳангу тамаддун, масоили этникӣ ва робитаи байни онҳо дар рушду такомули мамлакатҳо ифодаи равшани худро ёбанд, доираи фарогирии маълумоту мушкилот амиқу паҳно гардад, талаботи замони муосирро хубтар қонеъ карда тавонад.

Муаллифон

Ба ҷуз аз қонуни умумии география,
ки ҳамаи музофотҳоро нодир
мешуморад, ҳоҷат ба дигар постулати
умумӣ нест.

*Р. Хартшорн (Англия)*

# МУҚАДДИМА

Саволи асосие, ки пеш аз тавсифи ҳар сарзамин (минтақа) пайдо мешавад чунин мебошад: кадом минтақаҳоро ҳамчун асоси омӯзиш қабул бояд кард? Дар мавриди омӯзиши географияи гуманитарии ҷаҳон посухи осон ба ин савол риоя кардани марзҳои мавҷудаи сиёсӣ мебошад. Дар ин маврид лозим меояд қариб 230 давлат – худидоракунанда, худэълонкарда (эътирофнашуда) ва тобеъ (колонияҳо, доминионҳо, протекторатҳо, марзҳои зертобеъ, кондоминиумҳо, департаментҳои бурунмарзӣ, давлатҳои махлут ва ғ.) таҳлил карда шавад.

Вале ин роҳ ногузир ба тавсифи «муҳосиботии» марзҳои зиёд бо ишора кардан ба ҷузъҳо ва тобишҳои фаровони онҳо меоварад, ки дар ёд доштан, тасниф кардан ва хулоса баровардан душвор мегардад.

Асоси аз ҳама муносибтар барои тақсими «ғайризӯроваронаи» ҷаҳон на танҳо давлат, инчунин *музофотҳои таърихию фарҳангӣ (фарҳангию таърихӣ)* буда метавонанд, ки бар сари худ ҷаҳонҳои камубеш томи географӣ мебошанд. Албатта, томияти онҳо нисбист ва гузашта аз ин дар дохили онҳо сари ҳар чанд вақт низоъҳои на он қадар бехун сар мезананд, ки ягонагии онҳоро зери савол мебаранд. Вале ба мавҷудияти чунин минтақаҳо ягон шаку шубҳа нест. Дар ҳама ҳолат гап дар бораи кишваршиносӣ (мамлакатшиносӣ) – фанни географияе меравад, ки ба омӯзиши маҷмӯи мамлакатҳо (аз ҷумла маҷмӯи давлатҳо), таснифи ва хулоса кардани маълумот дар бораи табиат, аҳолӣ, фарҳанг ва ташкилоти ҷамъиятии онҳо машғул аст.

Шабеҳ донистани мамлакатштносӣ бо «гунбази» болои илмҳои география (Н. Н. Баранский, 1933) вазифаи синтези тавсифҳои алоҳидаи географии мамлакати мушаххасро инъикос менамояд (С. В. Калесник «синтези дуюмбора « гуфтааст»). Ин ҳолат агар аз як тараф «рисолати» географияро оиди ба вуҷуд овардани образҳои* дурахшон ва амиқи мамлакатшиносӣ эътироф намояд, аз тарафи дигар дар аксари маврид ба танқиди мамлакатшиносӣ сабаб мешавад, ки тибқи он гӯё мамлакатшиносӣ батадриҷ «умри худро ба поён мерасонад, зеро вазифаи тавсифи марзҳо кайҳо иҷро карда шудааст. Аҷиб аст, ки дар ин маврид географияи музофотӣ аз «тирҳои танқидӣ» дар амон мемонад. Бо он «мубориза мухолифони мамлакатштносӣ душвортар мегардад, зеро агар географияи минтақавиро аз доираи илми калон берун андозем, география доираи фаъолияти худро маҳдуд карда, ҳангоми ҳаракат ба сӯи ҳадафи асосӣ – дарку фаҳми илмии Замин ҳамчун томияте ки ба марзҳо дифференсиатсия тақсим шудааст - мелангад» (В. А. Пуляркин, 1998). Аммо бо назардошти ин далел, ки мафҳумҳои «мамлакатшиносӣ» ва «географияи музофотӣ» дар як ҳамвории таснифотию мантиқӣ ҷойгиранд, кӯшишҳои беэътибор донистани онҳо номуваффақ хоҳад буд. Албатта, мамлакатшиносӣ даъвои «илми махсус» буданро надорад, он фақат «шакли муттаҳид кардашудаи донишҳои гуногун дар бораи ин ё он мамлакат» (Н. Н. Баранский, 1943) мебошад. Ин гуфтаи олими маъруфро (ӯро дар «дӯст надоштани география» гунаҳкор кардан душвор аст), ки дар аксари маврид сарзаниш мекунанд, ба ин маънӣ бояд фаҳмид, ки иқтидори илмии мамлакатшиносии комплексиро ҳамчун соҳаи таълимию маърифатии дониш (на фақат барои алоқамандони география) аз ҳад зиёд нишон додан ҷоиз нест. «Истеъмолкунандагони берунии маҳсулоти мамлакатшиносӣ

---

*Дар иртибот ба ин ба хотир овардани силсилакитобҳои П. П. Семёнов -Тян-Шанский «Россия. Тавсифи пурраи сарзамини мо»; «Географияи нави ҷаҳон» ва «Замин ва одамон» дар зери таҳрири Э. Рюкло ва диг. кофист

чунон гуногунанд, ки супориши ягонаи иҷтимое вуҷуд надорад, то барои иҷрои он таҳқиқоти мамлакатшиносӣ тавонанд ба як самт рушд кунанд» (В. А. Пуляркин, 1998). Ғояҳои нав асосан дар соҳаҳои хусусии илми география «ҷамъоварӣ» мешаванд, аммо «гунбади» география одатан аз шаклҳои тайёри сохт «ҷамъоварӣ карда мешавад».

Дар баробари ин, гуфтаи Н. Н. Баранскийро набояд ҳамчун инкори пурраи асосҳои илмӣ надоштани мамлакатшиносӣ донист. Масалан, мамлакатштносии ҳаётан муҳимро дар муқобили мамлакатшиносии «одӣ» бигирем. Моҳияти консепсияи чунин мамлакатшиносӣ дар канора гирифтан аз тавсифҳои ҳамаҷони ба аз рӯи нақшаи додашуда ба сужетҳои алоҳида тақсим кардашудаи марз ифода ёфта, ба сифати масъалаҳои калидии (муҳими) марз «таъмин будан бо захираҳо, тарзи истифодаи марз, истифодаи табиат, «миқдор» ва «сифати» аҳолӣ, махсусгардонӣ ва якҷоякунии сохторҳои гуногуни хоҷагидорӣ (бо такя ба сохтори марзӣ), ба вуҷуд овардани инфрасохтори марз, рушд ва нақши ноҳияҳо» (Я. Г. Машбитс, 1998) қабул карда мешаванд. Масъалаҳои дорои муҳтавои илмӣ, дар навбати аввал ба се гурӯҳ муттаҳид карда мешаванд:

1) масъалаҳои дорои хусусияти универсалӣ ва қариб барои тамоми мамлакатҳои олам хос:

2) масъалаҳое ки пеш аз ҳама мамлакатҳои гурӯҳи мушаххас (мамлакатҳои пешқадам бо иқтисоди анъанавии бозорӣ, мамлакатҳои нави индустриалӣ, давлатҳои иқтисодиёташон дар ҳоли гузариш, мамлакатҳои ру ба рушд ва ғ.) манфиатдоранд;

3) масъалаҳои нодир ё инфиродӣ, ки на ба давлатҳо балки ба марзҳои мушаххас хосанд (Я. Г. Машбитс, 1998).

Ба ин афкори барномавии географи маъруфи рус оид ба мӯҳтавои мамалакатшиносии ҳаётан муҳими маҷмӯи ҳамовоз шуда, ба камбуди таваҷҷуҳ ба масъалаҳои калидии мамлакатшиносии табиию географӣ, аз ҷумла ба қонунмандиҳои дифференсиатсияи табиию географӣ, тақсимоти геосистемаҳои музофотӣ бо назардошти омилҳои минтақавӣ ва ғайриминтақавӣ ва ғ. ишора менамоем.

Мамлакатро ҳангоми таҳлили мамлакатшиносии маҷмӯи чӣ гуна тавсиф бояд кард? Дар «Луғати энсиклопедии географӣ» (1988) нақшаи намунавии тавсифҳои кишваршиносии маҷмӯи дода шудааст: мавқеи географӣ, суроби маҳал, релеф, иқлим, обҳо, хокҳо, олами ҳайвонаот ва наботот, захираҳои минералӣ ва табиӣ, аҳолӣ ва хоҷагӣ, ташкилоти марзӣ ва дифференсиатсияи дохилии онҳо.

Нақшаи тавсифи муфассали «калонблоки» кишвар (ҳамчун воҳиди давлатӣ) тибқи анъана вазъиятҳои зеринро дарбар мегирад:

1) хусусияти хос (тавсифи генераликардашуда ва ғункардашудаи объект, ки ҳамчун муаррифиномаи хос хизмат карда тавонад;
2) марз, мавқеи географӣ ва геополитикӣ (бо таҳлили нақши марз ҳамчун «саҳнаи фаъолияти одамон»;
3) давраҳои таърихию географии рушд (ҳамчун «рамзи генетикии» марз ва «нуқтаи пайванди замонҳо»);
4) табиат ва истифодаи табиат (баёни фаҳмои нақши муҳити табиӣ дар ҳаёти аҳолӣ, тавсифи дараҷаи «ҳузуру ҳаловатии» («комфорти») муҳити зист;
5) аҳолӣ ва фарҳанг («қалби тавсифҳои маҷмӯи кишваршиносӣ, мағзи он»);
6) хоҷагӣ (бо таваҷҷуҳ на ба сохторҳои технологӣ ва ташкилию идоракунӣ, балки ба махсусгардонӣ, дараҷаи рушд ва шаклҳои ҷойгиркунонӣ);
7) сокиншавӣ (ба вуҷуд овардани тасаввурот дар бораи «басти такягоҳии» марз);

8) ҷомеа (гап дар бораи инъикоси хусусиятҳои хоси тарзи ҳаёт, стратификатсияи сиёсии аҳолӣ меравад);
9) минтақаҳо (сохтани «образҳои» хотирмони қисматҳои таркибии мамлакат);
10) ҳолати муҳити табии зист (таҳлили вазъияти геоэкологӣ);
11) дурнамоҳо (пешгӯии тамоилҳои рушди марз).

Худ аз худ маълум аст, ки чунин нақша ҳамагӣ фақат «раҳнамои» услубӣ (методӣ) буда, мустақилият ва хусусиятҳои фарққунандаи минтақаро, ки дар ҳақиқат онро нодир мекунад, ба инобат намегирад.

***Б О Б И   1***

# Асосҳои ба сарзаминҳо тақсим кардани ҷаҳон

## 1.1. Сарзамин : мафҳум, навъҳо, дараҷаҳо (иерархия)

**Сарзамин ё ноҳия?** Истифодаи анъанавии ин ду истилоҳи хешованд дар забонҳои гуногун таърихи пурпечутоб дорад. Кӯшишҳои аз забон берун рондани истилоҳи «сарзамин» ҳамчун вожаи иқтибосӣ аз забони бегона ҳам номуваффақ ва ҳам беҳуда буданд. Якум, истилоҳи «ноҳия», ки соф русӣ мепиндоштанд, дар асл баромади хориҷӣ дорад. Дар забонҳои фаронсавӣ ва испанӣ онро фаровон истифода мекунанд. (Бояд гуфт, ки мафҳуми ноҳия ва ба ноҳияҳо тақсим намудани сарзаминҳои географиро муаллифи китоби гумноми «Ҳудуд-ул-олам» дар асри X истифода бурда, рубҳои маскуни он замон маълум (қитъаи Осиё, Европа ва Шимоли Африкоро аз рӯи аломатҳои табиат, дин, забон, кешҳо ва машғулияти аҳолӣ ба 51 ноҳия тақсим намуда онҳоро тавсиф намудааст.) Дуюм, дар давоми даҳсолаҳои истифода кардани ин истилоҳот ҳар яке хусусиятҳои бартарафнашавандаи худро пайдо кардааст (ҳарчанд унсурҳои ягонагии онҳо то ҳол зиёданд, ки имкон медиҳанд онҳоро ҳамчун муродиф ба кор баранд). «Ноҳия» истилоҳест бештар умумӣ ва камтарташаккулёфта, ки ба маънии зиёд истифода мешавад: аз ифодаи «ноҳияи европоӣ» то таркибҳое ба мисли «пойгоҳи ноҳиявии сабзавот», «дармонгоҳи ноҳиявӣ», «китобхонаи ноҳиявӣ» ва ғайра. Хосияти аксарияти маъниҳои ин истилоҳ ҳамчун часпак дар он аст, ки дар тақсимоти маъмурию марзи вазифаи «монополи»-ро иҷро менамояд.

Истилоҳи «сарзамин» дар забонҳои гуногун барои нишон додани таксонҳои калони табиию географӣ, иқтисодию географӣ, геополитикӣ ва таксонҳои дигари марзӣ ба кор бурда мешавад ва истифодаи он дар ифодаҳое ба мисли пойгоҳи сарзамини сабзавот маънӣ надорад. Албатта, дар баъзе маврид сарзаминҳо метавонанд чандин ноҳияҳои зертобеъи маъмуриро муттаҳид намоянд, вале инро ҳамчун истисно аз қоидаи умумӣ бояд қабул кард.. Тибқи анъанаҳои солҳои охир устуворгардида ареали маъмурию марзие ки ҳудуди хурд дорад музофот ва ноҳия номида мешавад.

Аслан, ҳамаи ин тобишҳои маъноӣ хусусияти академӣ доранд, чунки дар тарҷума ба бисёр забонҳои дунё мафҳумҳои зикршуда «якҷоя» мешаванд.

**Таърифи сарзамин.** Таърифи ҳаматарафаи сарзамин «барои тамоми ҳолати ҳаёт» вуҷуд надорад, ба истиснои тафсири назариявии ба ҳама маълуми он дар адабиёт: «сарзамин» марз (геотория)-е мебошад, ки бо маҷмӯи унсурҳои худ аз дигар марзҳо фарқ карда, дорои ягонагӣ, унсурҳои таркибии байни ҳам алоқаманд ва томият мебошад. Бахусус томият шарти объективӣ ва натиҷаи табиии рушди ин марз аст» (Э. Б. Алаев, 1983).

Боз чанд таърифи сарзаминро меоварем, ки дар адабиёти географӣ вомехӯранд (А. С. Макаревич, 1997).

1. Сарзамин комплексест иборат аз хок, ҳаво, набототу ҳайвонот ва инсонҳо ва ҳамаи инҳоро метавон дар муносибатҳои хос бо якдигар баррасӣ кард. Ҳамаи инҳо дар якҷоягӣ қисмати мушаххас ва хоси сатҳи Заминро ташкил медиҳанд.

---

*Ворид шудани ҳарду истилоҳ ба нимаи дуюми асри X1X рост меояд. Истилоҳи «ноҳия»-ро ба адабиёти географӣ соли 1879 А. С. Ермолов ҳангоми пешниҳоди шабакаи «ноҳияҳои» кишоварзӣ барои Россия ворид намуд. «Минтақа» бори аввал тахминан дар «Луғати вожаҳои хориҷӣ»-и И. Ф. Бурдон ва А. Д. Михелсон ҳанӯз дар соли 1877 «ҳуқуқи шаҳрвандӣ» пайдо карда буд. Бинобар ин, далелҳои тарафдорони «русӣ» будани «ноҳия»ро тамоман беасос ҳисобидан мумкин аст.

2. Сарзаминҳо инҳо мавзеъҳое мебошанд, ки дар доираи худ дорои шароити табиии якхела ва мутаносибан ба он «тарзи ҳаёти» бартар доранд.

3. Сарзамин истилоҳи географӣ барои тавсифи навъе муҳити зист,ки дар он унсурҳои географӣ ба воситаи муносибатҳои муайян ва доимӣ ба якдигар алоқаманд мебошанд.

4. Сарзамин гурӯҳи мамлакатҳои ҳамсоя, ки ноҳияи алоҳидаи иқтисодию географӣ ё аз нигоҳи таркиби миллӣ ва фарҳанг ба ҳам наздик ва ё аз нигоҳи сохтори сиёсӣ якхеларо ташкил медиҳанд.

5. Сарзамин вилоят, ноҳия; қисмате аз мамлакат, ки аз дигар вилоятҳо бо маҷмӯъи махсусиятҳои табиӣ ва ё таърихан ташаккулёфта, нисбатан устувор ва дар аксари маврид бо махсусиятҳои миллии таркиби аҳолӣ якҷояшуда ва ғ. фарқ мекунанд.

6. Сарзамин васила интихоб ва омӯзиши маҷмӯъи падидаҳои маконии мураккаб, ки дар рӯи замин вомехӯранд. Ҳама гуна қитъа ва ё қисмати сатҳи заминро метавон сарзамин номид, агар онҳо аз нуқтаи назари шароити мавҷудаи маконҳо якхела бошанд. Якхела будани сарзамин дар асоси нишондиҳандаҳои бо мақсади аз маҷмӯи падидаҳои заминӣ ҷудо намудани падидаҳое ки барои тавсиф ва ё инъикоси якҷояшавии онҳо дар доираи воҳиди географии ҷудошаванда заруранд, муайян карда мешавад. Тибқи ин таъриф сарзамин на объекти мустақиман вуҷуддошта ва на объекти табиӣ ҳисобида мешавад. «Ин консепсияи зеҳниест, ки бо роҳи тафаккур сохта шуда, аломатҳои муайяни барои марзи мазкур хосро истифода мебарад ва аломатҳоеро, ки ба масъалаи таҳлилшаванда муносибат надоранд, мепартояд» (P. James, F. Jones, 1954).

Кӯшишҳои ба вуҷуд овардани таърифи ҳаматарафаи сарзаминро маънидоди хоси он дар дигар соҳаҳои дониш бенатиҷа месозад. Масалан, маънидоди *маъмурию марзии* (сиёсию маъмурӣ ё ҳуқуқӣ)-и минтақа ҳамчун воҳиди фаръии миллӣ метавонад ба маънидоди назариявии дар боло овардашуда мувофиқат нанамояд, чунки ҷадвали маъмурӣ дар аксари маврид хусусияти озодона, яъне субъективӣ дорад. Хосияти ҳуқуқии чунин маънидод дар он зоҳир мешавад, ки ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои ташкилаҳои маъмурию марзӣ одатан дар Конститутсия сабту қайд гардидаанд ва ё бо қонунҳои махсус муайян карда шудаанд.

Маънидоди *фалсафии* сарзамин ба «ҷаҳони» махсусе шабоҳат дорад, ки дорои менталитет, тарзи тафаккур, анъанаҳо, ҷаҳонбинӣ ва ҷаҳоншиносӣ аст. Маънидоди *таърихии* сарзамин одатан ё ба шабоҳати бо мурури замон гумшуда (Галитсия, Мовароҳунар, Хуросон, Суғд, Трансилваня, Буковина, Банат ва ғ.), ё ба ягон аломати генетикӣ (дар гузашта мутааллиқ будан ба калисо, епархия, мунитсипалитет ва ғ.) ишора менамояд. Фаҳмиши *геополитикии* сарзамин ба дифференсиатсияи маконии қувваҳо ва ҷунбишҳои мухталифи сиёсӣ, марказҳои «иқтидор» ва «заъф» такя менамояд. Дар инҷо одатан «сарзамин ҳамчун гурӯҳи мамлакатҳое тасаввур карда мешавад, ки аз бисёр ҷиҳатҳои маълум, нисбат ба дигар мамлакатҳо, бо ҳамдигар алокамандиҳои зиёди мутақобил доранд» (K. Deutcsh, 1981).

Сарзамини *иқтисодӣ* – марзест дорои истеҳсолоти ба таври барҷаста махсусгардонидашуда ва томияти (яклухтии) муайяни хоҷагидорӣ. Кӯшишҳои ба таври синтетикӣ таъриф кардан ҳам вуҷуд доранд: «сарзамин - ин иттиҳоди зичи марзии таърихан ташаккулёбанда аст ва дорои муҳтавои табиӣ, муҳити иҷтимоию иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ, ҳамчунин сохтори маконӣ мебошад, ки аз сарзаминҳо ва воҳидҳои марзии дигар, ба мисли шаҳр ё миллат, фарқ мукунад (A. Markusen, 1987).

Маънидоди мухталифи истилоҳи сарзамин барои ёфтани таърифи ягонаи он душворӣ пеш меоварад. Ба ақидаи иқтисоддону географи маъруфи америкоӣ У. Айзард, сарзамин ҳамчун дефинитсия ба андозаи фурӯ рафтан ба назарияпардозиҳои

маконӣ гум мешавад ва фақат вобаста ба пайдоиши вазифаи мушаххас кардашуда арзи вуҷуд менамояд. Ба қавли дигар, иерархияи сарзаминҳоро фақат масъалаи илмӣ муайян менамояд, зеро сарзамин дар масъалае ки мо машғули омӯзиши он ҳастем, кайҳо муайян ва мушаххас гардидааст.

**Навъҳои сарзамин.** Дар адабиёти махсус зиёда аз 50 категорияи минтақаҳо вуҷуд дорад, ки ба ҷанбаҳои мухталифи муҳити табиӣ, биологӣ ё иҷтимоии муҳит таъаллуқ дошта, дар асоси нишонаҳои фаровони муқарраргардида муаяйн карда мешавад.

Дар адабиёти Ғарб ҳангоми таснифи сарзаминҳо се дараҷабанди нисбат ба дигарон зиёдтар истифода карда мешавад:

1) сарзаминҳое, ки аз рӯи *нишонаҳои ягона* ҷудо карда мешаванд. Дар ин маврид сухан дар бораи баҳисобгирии кадом падидаи инфиродие меравад, ки тибқи қоида ба дифференсиатсияи минбаъда эҳтиёҷ надорад, (масалан, қитъаи замине бо нишебии муайян, ё киштзори лаблабу дар ноҳияи иқтисодӣ). Ин сарзаминҳоро баъзан сарзаминҳои одӣ меноманд;

2) сарзаминҳое ки аз рӯи *якчанд нишона* ҷудо карда мешаванд. Онҳо якҷоягшавӣ ва симбиози падидаҳои гуногунро инъикос менамоянд. Намунаи муқаррарии онҳо сарзаминҳои ландшафтӣ дар географияи табиӣ буда метавонанд, ки бо назардошта омилҳои иқлимӣ, гидрографӣ, хокӣ, биотикӣ ва ғ. ҷудо карда мешаванд. Ин сарзаминҳо номи «сарзаминҳои мураккаб»-ро гирифтаанд;

3) сарзаминҳое, ки қариб ҳамаи *маҷмӯи падидаҳои фаъолияти инсонро* дар доираи марзи баррасишаванда фаро гирифтаанд. Одатан дар онҳо алоқамандии зичи байни индикаторҳои табиӣ ва ҷамъиятӣ инъикоси худро меёбанд. Мисоли чунин сарзаминҳо минтақаҳои фарҳангию таърихӣ шуда метавонанд. Баъзе аз географҳо ба таҳқиқи сарзаминҳое, ки бо назардошти баҳисобгирии маҷмӯи омилҳо ҷудо карда мешаванд, назари танқидӣ доранд. Онҳо ақида доранд, ки ҳангоми якҷоя кардани чандин унсур хулосаи мӯътамад баровардан душвор мегардад. Замоне нисбат ба чунин навъи сарзаминҳо истилоҳҳои «тоталӣ» ё «компаж» (аз вожаи лотинии compages- муттаҳидкунӣ, сохтор) истифода карда мешуданд.

Новобаста аз меъёре, ки дар асоси он сарзаминҳо ҷудо карда мешаванд, ҳар яке аз онҳо метавонанд *якхела (гомогенӣ)* ё *марказӣ (функсионалӣ)* буда бошанд. Сарзаминҳои якхела аз рӯи усули махсусиятҳои ягонаи ба онҳо хос (ё ассотсиатсияи чандин махсусият ) ҷудо карда мешаванд, ки нишониҳои фарққунандаи дохили онҳо дар ҳама ҷо ба мушоҳида мерасанд. Намунаи аёнии сарзаминҳои якхела сарзаминҳои иқлимӣ ба шумор мераванд. Сарзаминҳои марказӣ ареалҳое мебошанд, ки аз рӯи аз як нуқта дур шудан ё ба ҳам омадани миқдори модда, энергия ё ахбор тавсиф карда мешаванд. Мисоли сарзамини марказии табиии оддӣ ҳавзаи дарё бо ҳавзҳои зеризаминиаш метавонад бошад. Дар географияи гуманитарӣ (иҷтимоӣ) вилоятҳои маъмурӣ, доираи таъсири маҳалҳои маскунӣ, доираи фурӯш ва маҳалҳои ашёи хоми корхонаҳои саноатӣ, қитъаҳои почтаҳо, дармонгоҳҳо, мактабҳо ва ғ. сарзаминҳои марказӣ ҳисобида мешаванд.

**Сарзаминҳои табиию географӣ.** Яке аз душвориҳои мавҷудаи ба минтақаҳои табиию географӣ ҷудо кардани сатҳи замин баҳисобгирии якҷояи ҳам нишонаҳои минтақавӣ ва ҳам нишонаҳои ғайриминтақавӣ мебошад. (Чӣ хеле ки маълум аст, ба унсурҳои минтақавӣ иқлим, қабатҳои хок ва наботот, олами ҳайвонот дохил мешаванд; ба унсурҳои ғайриминтақавӣ сохти геологӣ ва таркиби петрографии ҷинсҳои кӯҳӣ дохил мешаванд). Ин ҳолат системаи воҳидҳои таксономии ба минтақаҳои табиию географӣ ҷудо карданро душвор гардонда, ба афзоиши дуршавӣ («дисперсия») ва хурд шудани фарогирии минтақаҳо мусоидат менамояд.

Дар географияи табиӣ зинаҳои (иерархияи) зерини таксонҳои табиию географӣ зиёд истифода карда мешавад:

1) сазамини *табиию географӣ* – воҳиди аз ҳама калонтарини ба қисматҳо ҷудокунӣ (ба истисnои уқёнусҳо, материкҳо ва зонаҳои табиӣ), ки таърихи умумии рушд доранд ва аз рӯи таркиби ягонаи сохти геологӣ муайян карда мешаванд (масалан, ҳамвории Европаи Шарқӣ, ҳамвории Сибири Ғарбӣ, Урал, Саҳрои Кабир ва ғ.).

2) вилоятҳои *табиию географӣ* бо назардошти палеографияи давраи чорум ва ҳодисаҳои минбаъда ҳаммонанд доништа мешавад; дар шакли он сохти геологӣ, неотектоника, таъсири яхбандӣ, трансгрессияҳои давраи чоруми баҳрӣ, равандҳои денудатсия, пайдоиши вулқон ва ғ. инъикос меёбад (масалан, пастхамиҳои зандровии ҳамвории Европаи Шарқӣ).

3) худи ноҳияи *табиию географӣ,* ки дар доираи вилоят ҷудо карда мешавад;

4) *ландшафт* ҳамчун мезомаҷмӯи табиию марзии мезосатҳ, ки ҷудо кардани он дар аксари маврид дар асоси минтақавӣ ва бо назардошти умумияти хусусиятҳои биоиқлимӣ, шароити якхелаи мувофиқати гармӣ ва нам ва ғ. амалӣ карда мешавад.

Дар доираи ландшафтҳои алоҳида, асосан бо такя ба хусусияти асосҳои литогенӣ, боз ҳам воҳидҳои тақсимшудаи табиию географиро ҷудо кардан мумкин аст, ки мавзеъ ва *фатсия* номида мешаванд.

Вале масъалаи таснифи воҳидҳои табиию географӣ аз ҳад зиёд мураккаб аст. Баъзе муаллифон ( масалан, Д. Л. Арманд,1952) таъйид менамоянд, ки ёфтани воҳиди ибтидоии таксономӣ дар географияи табиӣ умуман номумкин аст (гӯё дар табиат «зинапояи» яклухти системаҳои моддӣ вуҷуд дорад, вале дар ягон ҷой «майдончае» нест, ки аз он ҷой ба боло ё ба поин биравӣ).

*Сарзамин ва сарзаминият (регионализм).* Саҳеҳияти нопурраи истилоҳи сарзамин ва моҳияти он дар байни соҳаҳои дониш ва мактабҳои илмӣ табиист ки ба мафҳуми «сарзаминият» бетаъсир нахоҳад буд. Тафсири он мутаассифона, на дар «Луғати энсиклопедии географӣ», (1998), на дар луғати мафҳумоту истилоҳоти Э. Б. Алаева «Географияи иҷтимоию иқтисодӣ» (1983) дода нашудааст. Ҳол онки истилоҳи «сарзаминият» дар даҳсолаи охир дар адабиёт ба таври васеъ истифода бурда мешавад.

Ба ақидаи географи барҷастаи рус Я. Г. Машбитс, «сарзаминият» далели дар кишвар мавҷуд будани ноҳияҳо бо фарқияти калони табиӣ, хоҷагидорӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва этнофарҳангӣ мебошад. Баъзан сарзаминиятро ҳамчун муносибат ба баррасӣ ва ҳалли масъалаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва ғ. аз зовияи манфиатҳо ва талаботи ин ё он минтақа маънидод мекунанд.

Тибқи анъанаҳои дар адабиёт роиҷгардида, истилоҳи сарзаминият асосан нисбат ба равандҳои гуногуни ҷамъиятӣ (дифференсиатсияи иқтисодии макон, ҳаракат барои ба даст овардани ҳуқуқҳои этникӣ, ғайримарказонидани сохти давлатӣ, ҳамкории байнидавлатии сарзаминҳои ҳамсоя ва ғ.) ба кор бурда мешавад. Ҳамзамон, барои дар байни географияи табиӣ ва равандҳои ба сарзаминҳо ҷудокунӣ «девор» бардоштан ягон асос вуҷуд надорад; чароки ҳардуро метавон ҳам аз зовияи дифференсиатсияи худи муҳити табиӣ ва ҳам вобаста ба таъсири шароити табиӣ ба сарзамини кардани фазои иҷтимоию иқтисодӣ баррасӣ намуд.

***

Дар хулосаи гуфтаҳои боло метавон зикр намуд, ки география дар солҳои дурударози мавҷудияти худ чандин «саргармии» ҷиддии илмӣ (ё ба ном парадигма)-ро аз сар гузаронд.Яке аз инҳо парадигмаи сарзаминият буд. Олимони бисёре тарафдори ин нуқтаи назар буданд, ки ҳадафи география омӯзиши сарзаминҳо мебошад. Барҷастатарин намояндаи географияи минтақавӣ дар Ғарб Р. Хартшорн таъкид мекард, ки «ҳилаи асосии география хотамкорӣ кардани ландшафтҳои алоҳида дар сатҳи замин мебошад».Вале дар ин тарзи маънидод мафҳумҳои

«география « ва «сарзаминшиносӣ» амалан якҷоя карда шудаанд, ки имкониятҳои географияро ба таври қатъӣ танг намудааст.

**Саволҳо ва супоришҳои санҷишӣ**

*1. Сабаби истифодаи зиёди ду мафҳуми хешованд – «ноҳия» ва «сарзамин» дар забонҳои гуногун чист ва дар байни онҳо чӣ фарқи семантикӣ вуҷуд дорад?*

*2. Чаро ба вуҷуд овардани таърифи ҳаматарафаи сарзамин, ки дар «ҳамаи ҳолатҳои ҳаёт» ба кор ояд, душвор аст?*

*3. Мисолҳои ба ҳам баробар тобеъкунии воҳидҳои сарзаминро дар намунаи ягон соҳаи дониш нишон диҳед.*

*4. Мӯҳтавои мафҳуми «сарзаминият»-ро шарҳ диҳед.*

*5. Мафҳумҳои «ташкили сарзамин» ва «эҷоди сарзамин» бо ҳамдигар чӣ муносибат доранд? Бо шаклҳои пешқадам ва сусти ба сарзамин ҷудокунӣ чӣ алоқамандӣ доранд? Мисолҳо биёваред.*

6. *Баҳогузории зерини «навмедонаи» сарзаминият аз тарафи олими Ғарб Э. Айсерманро шарҳ диҳед: «Сарзаминият дар фазои зеҳнӣ гум шудааст, зеро он натавонист на назария ва усулҳои нав бавуҷуд биёварад ва на онҳоро дар амал татбиқ намояд. Ҳамаи ин сохт дар зери таҳдиди таназзули зеҳнӣ қарор дорад».*

## 1.2 Ба сарзаминҳо тақсим кардани ҷаҳон дар географияи гуманитарӣ

**Сарзаминҳои фарҳангию таърихии ҷаҳон.** Кураи заминро бо тарзҳои гуногун ба сарзаминҳо тақсим кардан мумкин аст. Ҳама гуна тақсимот маҳсули тафаккури мо буда, хусусияти шартӣ дорад. Ба ёд оварем, ки дар гузаштаи начандон дур тамоми дунё ба Ҷаҳони Қадим ва Ҷаҳони Нав тақсим шуда буд. Дар зери Ҷаҳони Қадим се қисмати дар қадимулайём маълуми олам – Европа, Осиё ва Африка. Ҷаҳони Нав қисмати чоруми то асри ХУ1 ба европоиён номаълуми олам – Америкаро дарбар мегирифт. Ҳамин хел тақсимоти умумии сайёра ба минтақаҳо ва «ҷудо» кардани онҳо ба азхуд кардашуда ва маскуншуда (Ойкумена) аз як тараф ва дастнохӯрда аз тарафи дигар имрӯз ҳам метавонист сурат бигирад.

Ба сифати сарзаминҳои махсус метавон сарзаминҳои табиию географӣ (Саҳрои Кабир, Ҳимолой, Помир, ҳамвории Сибири Ғарбӣ ва ғ.), сарзаминҳои иқтисодӣ, ҳудудҳои зисти халқҳои аз нигоҳи этникӣ хешованд, гурӯҳҳои конфессиалӣ ва ҳатто мамлакатҳои алоҳидаро баррасӣ намуд. Дар гузаштаи наздик дунё ҷиддан ба ҷаҳонҳои иҷтимоию иқтисодӣ – «ҷаҳони сотсиализм», «ҷаҳони капитализм» ва «ҷаҳони сеюм» (мамлакатҳои рӯ ба рушд) тақсим шуда буд. Чунин тақсимот имрӯз бо сабабҳои ба ҳама фаҳмо маънои худро гум кардааст. Баъзан сатҳи некӯаҳволии мамлакатҳо ва халқҳоро (шимоли сарватманд ва ҷануби қашшоқ ва ғ.) ба дараҷаи меъёри асосии дифференсиатсияи инсоният баровардаанд. Усулҳои аз рӯи фарқияти забонҳо, динҳо ва ғ. ба сарзаминҳо тақсим кардани ҷаҳон ҳам васеъ паҳн гардидаанд. Ҳамаи ин вобаста ба он аст, ки кадом меъёр асоси ба сарзаминҳо таксим кардани ҷаҳон интихоб карда шудааст.

Ба қавли дигар, ба равандҳои ба сарзаминҳо ҷудо кардани ҷамъият омилҳои бисёре таъсиргузоранд: таркиби этникӣ ва конфессионалии аҳолӣ, омили демографӣ ва тарҳи маскунсозии аҳолӣ, сиёсати давлат, махсусиятҳои муҳити табиӣ ва ғ. Ба сифати мисол ба нақши омили **этникӣ** нигоҳ мекунем.

Дар бисёр давлатҳои Осиё ва Африка дар раванди рушди муосири онҳо масъалаҳои этномиллӣ афзалият пайдо карда истодаанд. Вале дар аксари мавврид сухан дар бораи низоъҳои мустақими этникӣ намеравад. Падида хусусиятҳои амиқ пайдо карда, ҷанбаҳои мухталифи муносибатҳои байни шахсиятҳо ва психологияи онҳоро дарбар мегирад. Дар харитаи этникии ин қисмати Замин бисёр вазъиятҳои

ғайричашмдошт, ки асрҳо пеш тарҳрезӣ шуда то ҳол «сарбастаанд» вуҷуд доранд ва мухолифи орзую ормонҳои миллионҳо одамон мебошанд. Масалан, бигирем масъалаи этноси курдро, ки дар ҷаҳон яке аз калонтарин буда, то ҳол давлати худро надорад. Маълум аст, ки курдҳо дар тамоми ҷаҳон парешонанд, аммо аслан дар қисмати ҷанубу шарқи Туркия, шимолу ғарби Эрон, шимолу шарқи Ироқ ва шимолу шарқи (қисман шимолу ғарби) Сурия зиндагӣ мекунанд. Вобаста ба ин, мавҷудияти сарзамини томи этникӣ, ки дар адабиёти имрӯза ба Курдистони Ироқ, Туркия, Эрон ва Сурия номгузорӣ шудаанд, воқеияти рӯз аст.

Худшиносии курдҳо новобаста аз маҳвсозӣ ва «вестернкунонии» чандинасра гум нашуда, сифатҳои нав пайдо кардааст. Давлатҳои дар боло номбаршуда ҳарчанд барои сохтани давлатҳои миллӣ ва мазҳабӣ кӯшиш кунанд ҳам (аксарияти курдҳо язидияро мепарастанд), оташи сарзаминхоҳии курдҳо минбаъд низ аланга хоҳад зад.

Метавон ихтилофи бардавоми чунин этносҳо, ба мисли хуту ва тутсӣ дар Руанда, тамилҳо ва сингалҳо дар Шри – Ланка, хантсҳо ва тибетиҳо дар ҶХХ, туркҳои кироӣ ва юнониҳои кипрӣ дар Кипр, фаластиниҳо ва яҳудиён дар Исроил, ақвами бешумор дар Яман, Нигерия, Чад, Камерун, Либерия, Сомалӣ ва дигар давлатҳоро дар пасманзари равандҳои гоҳ суст ва гоҳ тезутундшавандаи ҷудоихоҳӣ ва сарзсминҳои  ба таври махсус таҳлил кард. Вале ба ин ҳам равшан аст, ки дар ягон ҷои ҷаҳон ба мисли Осиё ва Африка омили этникии сарзаминҳои ин қадар барҷаста ба мушоҳида намерасад.

Дар ҳаёти воқеӣ дар баробари ҷудо кардани давлатҳо  ба зикри номи минтақаҳои ба худ хоси интернатсионалӣ, ба мисли Европаи Ғарбӣ, Шарқи Наздик, Ҳиндухитой, Африкаи Тропикӣ ва ғ дучор меоем. Чунин сарзаминҳои калон тибқи қоида аз рӯи шабоҳати нисбии сарнавишти таърихии халқҳояшон, монандиҳои мушаххаси этноконфессиалӣ, баъзе умумиятҳо дар махсусгардонии хоҷагидорӣ ва ғ. тавсиф карда мешаванд. Қариб шартан онҳоро метавон минтақаҳои фарҳангию таърихии ҷаҳон номид.

Бешак, чунин сарзаминҳоро бо дараҷаҳои мухталифи ваҳдати дохилӣ фарқ мекунанд. Баъзе аз онҳо (масалан, Европаи Ғарбӣ)кайҳо аз нигоҳи сиёсӣ, фарҳангӣ ва хоҷагидорӣ пайкараи камубеш томро ба хотир меоваранд. Дар айни замон, ваҳдати дигарон (масалан, Африкаи Тропикӣ) ба сабаби вуҷуд доштани фарқиятҳои азим дар роҳҳои рушди фарҳангӣ ва иҷтимоию иқтисодӣ  шубҳанок менамояд.

Дараҷаи ҳамгироии дохилии сарзаминҳои фарҳангию таърихӣ аз чӣ вобаста аст?  Аз омилҳои зиёд ва пеш аз ҳама  аз сарнавишти таърихӣ ва навъи тамаддуни ташаккулёфта, рафти равандҳои этникӣ, самтҳои алоқаҳои иқтисодӣ, рушди роҳҳои нақлиётӣ ва ҳатто ҷойгиршавии саддҳои табиӣ (кӯҳҳои баланд, баҳрҳо ва ғ.)

Дар замони муосир дар муттаҳидкунии чунин сарзаминҳо  нақши хосро ҳамгироии иқтисодии давлатҳо, ба вуҷуд овардани бозори умумӣ, фазои ягонаи иқтисодӣ, арзи ягона ва ғ. мебозанд. Масалан, мавҳи ҳамгироии воқеии иқтисодӣ дар мамлакатҳои Африка ё Океания бори дигар ҷудоии географии халқҳои ин минтақаҳоро тасдиқ менамояд.

**Фарҳанг ва тамаддун: тафсири географӣ.** Ба гуногунии роҳҳои тафсири мафҳумҳои «фарҳанг» ва «тамаддун» нигоҳ накарда, касе наметавонад таъсири бузурги ин хариқаҳоро (феноменҳоро) ба дифференсиатсияи марзии ҷаҳони муосир инкор бикунад. Ба далели онки маҳз фарҳанг метавонад пеши роҳи «ҷӯшиши» «деги сиёсӣ» ҷаҳонро бигирад, таҳқиқи амиқи гуногунрангии фарҳангии ҷаҳон, ҳудудҳои тамаддунӣ ва «порашавии» онро хеле муҳим мешуморанд.

Таърифи классикии фарҳанг дар зери ин мафҳум маҷмӯи донишҳоеро дар назар дорад, ки инсон барои андӯхтани таҷрибаи маънавӣ ва завқ бурдан аз машғулӣ ба ҳунар, адабиёт ва илм бояд ба даст биёварад. Баъзан фарҳанг ба таври ҳаҷман васеъ маънидод карда мешавад, яъне онро маҷмӯи арзишҳои маънавӣ ва моддӣ,

ҳамчунин тарзҳои ба вуҷуд овардан ва истифода кардани онҳо медонанд, ба ин маънӣ мафҳуми фарҳанг бо мафҳуми тамаддун баробар мешавад.

Ақидае вуҷуд дорад, ки гӯё фарҳанг (ба маънии танг) дар фарқият бо тамаддун, ба падидаҳои субъективӣ таалluқ дорад, зеро ки инсон маҷмӯи донишҳоро ба василаи таълим ва воситаҳои ахбори умум соҳиб мегардад ва дар навбати худ, маориф ва васоити ахбори омаро (ВАО-ро) метавонанд аз тарафи ҳукумат ва ба манфиати ҳукумат назорат кунанд. Дар таърих мисолҳоро метавон ёфт, ки фарҳанги аз боло ба ҷомеа пешниҳодгардида бо арзишҳои тамаддуни анъанавӣ мухолиф будаанд (Олмони фашистӣ ва ғ.).

Истилоҳи «тамаддун» (цивилизация) бори аввал дар Фаронса ба муоширaт ворид карда шуд. Одамини хайрхоҳи бошандагони доимии толорҳои Парижро чунин меномиданд. Аз замоне ки истилоҳ ба илм ворид гардид (муаррих ва файласуфи шотландӣ А. Фергюссон), маънои он тағйир ёфт. Чанде ҳамчун синоними фарҳанг ба кор рафт, баъдан маънои васеъ пайдо намуд. Ҳоло дар зери мафҳуми тамаддун « иттиҳоди фарҳангие, ки фарҳангитарин одамонро баъд аз он ки инсон аз дигар навъҳои биологӣ ҷудо гардид, муттаҳид менамояд» (С, Хантингтон, 1993).

Комилан равшан аст, ки тамаддунро ҳам бо маҳакҳои объективӣ (таърих, дин, забон, анъанаҳо, ниҳодҳо) ва ҳам субъективӣ – хусусияти «худмонандкунӣ» мушаххас кардан мумкин аст. Он метавонад давлатҳои зиёд (мисли Европаи Ғарбӣ) ва танҳо як давлат (Япония)-ро дарбар бигирад. Ҳар як тамаддун бо махсусиятҳои нотакрор ва сохтори дохилии ба худ хос фарқ мекунад (масалан, тамаддуни японӣ моҳиятан як гуна (вариант) дорад; тамаддуни ғарбӣ – ду гунаи асосӣ: европоӣ ва америкоишимолӣ; исломӣ – ҳадди ақал се: арабӣ, туркӣ, малайӣ). Дар айни замон тамаддун пеш аз ҳама диққати моро ҳамчун фазои минтақавӣ (глобалӣ), ки мӯҳтавои фарҳангии ба худ хос дорад, ҷалб менамояд. Ҳамаи тамаддунҳо аз маҷмӯи компонентҳо ва алоқаҳои компонентҳо таркиб ёфтаанд ва набояд фаромӯш кард, ки мафҳуми тамаддун на танҳо фарҳанги маънавӣ ва моддии одамон, инчунин ландшафтҳои табиии фарҳангонидашуда, яъне дар асл табиатро низ дарбар мегирад.

Яке аз падидаҳои хеле хуби раванди муоширати муосир робитаҳои гуногунранги фарҳангии инсоният мебошад. Онҳо реша дар даврони қадим доранд, дар замоне ки қабилаҳои ибтидоӣ олоти маданияти моддиро байни якдигар иваз мекарданд ва ин табодул имрӯз дар шакли ҳамгироии миқёсан бузурги фарҳанг ва тамаддунҳои сарзамини идома дорад. Чунин синтези фарҳангҳо дуршавии одамон ва автаркияи иқтисодии давлатҳоро бартараф сохта, ба барҳам задани эҳсоси тарс аз ҳама чизи нав ва ғайриодӣ мусоидат менамояд.

Шояд зикри ин нукта ғайриодӣ намояд, вале империяҳое, ки ҳамеша барои тасарруфи замин ҷангҳо мекарданд, дар ҳамгироии фарҳангҳои ҷаҳонӣ саҳми хос доранд. Вақте зубдагони интеллектуалии ақвоми мағлуб бо зубдагони колонизаторҳо, ки ҳарду дар маҷмӯъ муҳаррикони рушди фарҳангӣ ба шумор меравадн, ба ҳам пайвастанд, муттаҳидии ақлонӣ (консолидатсияи интеллектуалӣ) ба вуҷуд омад, майдони эҷоди маънавии аҳолии метрополия ва колонияҳо васеъ гардид. Дар қатори империяҳои Рим ва Македония, ки дар ҳамгироии фарҳанги ҷаҳонӣ саҳми бузург доранд, метавон аз Хилофати Араб, империяҳои Хитой, Усмонӣ, Британия, Россия ва ғ. ном бурд.

Дар асри XX1 ҷаҳон бо суръати то ҳол диданашуда тағйир меёбад. Имрӯз алоқаҳои иқтисодӣ афзоиш ёфта, шабакаи коммуникатсияҳои глобалӣ ва воситаҳои ахбори умум васеъ мегардад. Табодули арзишҳои фарҳангӣ дар доираи барномаҳои мухталифи миллӣ ва байналхалқӣ зиёд шуда, сарнавишти халқҳо ба як сарнавишти ҷаҳонӣ табдил меёбад.

Баъзе олимони Ғарб дар робита бо ин дар андешае мебошанд, ки «истиқлоли давлатҳо мафҳуми худро гум кардааст». Дар ҳақиқат, ҳар сол давлатҳо ҳарчи бештар ваколатҳои худро ба дӯши ҷомеаи ҷаҳонӣ (аз ҷумла СММ) вомегузоранд. Вале

накши давлат ҳамчун кафили субот ва раҳнамои қувваҳо дар раванди ҳамгироии ҷаҳонӣ кам нашуда, баръакс меафзояд. Гуфтаи Гегел дар китоби «Фалсафаи ҳуқуқ» дар бораи он ки давлат маҳдудияти иттиҳоди этникӣ ва ассотсиатсияҳои шаҳрвандиро пушти сар мегузорад; ба шакле табдил меёбад, ки дар он инсоният метавонад қобилиятҳои эҷодии худро ба таври пурра рушд бидиҳад, тасдиқ мешаванд. Ва баръакс: то ҳол тасаввуроти Руссо (ки баъдан К. Маркс ва пайравонаш тарафдорӣ карданд) дар бораи инкори давлат ва марги тадриҷии он амалӣ нашуда истодаанд.

Равандҳои ҳамгироӣ ва минтақахоҳӣ ҳамеша паҳлӯи ҳам «гом мезананд», қувваҳои марказшитоб ҷои худро ба қувваҳои марказгурез медиҳанд ва баръакс. Ба ҳар ҳол, роҳ то замони ваҳдати маънавии умумиинсонӣ хеле дур аст.

Хулоса, ҳамгироии фарҳангии ҷаҳон метавонад ва бояд ба рушди (эҳёи) фарҳанги миллӣ, рушди ба худ хоси халқҳо, эҳтиром ба забони миллӣ, фарҳанги маънавӣ ва давлатдорӣ. такя намояд. Вале ин масъала он қадар одӣ нест. Аз Фихте сар карда ва аз он пештар ҳам дар афкори ҷамъиятии Европа ақидаи ҳукмрон буд, ки ҳар як миллат давлати худро бояд дошта бошад.Агар имрӯз миллат ба таври дисперсӣ ба дигар миллат «часпонида» шуда бошад чӣ? Ва агар истиқлоли як миллат ба маҳви истиқлоли миллати дигар оварда расонад чӣ? Ва агар этнос дар натиҷаи вазъиятҳои таърихии баамаломада умуман бедавлат бошад чӣ? Ва умуман дар зери мафҳуми миллат чиро бояд фаҳмид? Чӣ хеле ки мебинем, саволҳо аз ҷавобҳо бештар мебошанд.

**Усули «бисёрзинавии» сохти сарзаминҳои фарҳангию таърихӣ.** Аксарияти минтақаҳои калони фарҳангию таърихии ҷаҳон сохтори мураккаби бисёрзинавӣ (ва ё «матрёшкагӣ») доранд, ки онро дар мисоли Европаи Ғарбии «классикӣ» хуб дидан мумкин аст. Дар он, тибқи анъана, Европаи Ҷанубӣ, Марказӣ, Шимолӣ ва ҷазираҳои Британияро метавон ҷудо кард. Дар ҳудуди баъзе аз онҳо сарзаминҳо дорои мақоми пасттарро ҳам дидан мумкин аст, масалан мамлакатҳои Скандинавия ва мамлакатҳои Бенилюкс. Дар навбати худ, бисёр давлатҳо дар дохили худ «маконҳои фарҳангию таърихӣ»-и музофотӣ доранд. Масалан, дар Британияи Кабир Шотландия ва Уэллс; дар Фаронса – Лотарингия, Элзас, Бретан, Корсика, Бургундия, Прованс, Лангедок ва ғ.; дар Германия, Бавария, Тюрингия, Саксония-Мнхалт ва ғ.; дар Испания – Мамлакати Баскҳо, Андалузия, Кастилия, Каталония ва ғ..

Осиёи хориҷиро дар аксари маврид аз нуқтаи назари минтақаҳои ташкилдиҳандаи он, ба мисли Осиёи Ҷанубу Ғарбӣ, Осиё Шарқӣ, Ҷанубӣ ва Осиёи Ҷанубу Шарқӣ меомӯзанд. Пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ ба пайдоиши Осиёи Марказӣ дар ҳайати Қазоқистон, Ӯзбекистон, Тоҷикистон, Қирғизистон, Туркманистон сабаб гардид. Тибқи қоида, дар дохили ҳар як аз ин сарзамин музофотҳои дорои мақоми пасттар арзи вуҷуд доранд, ки дорои фарҳанги хоси фанонашаванда мебошанд. Давлатҳои Америкаро одатан бо назардошти мавҷудияти сарзаминҳои камубеш томиятдошта, ба мисли Америкаи англисизабон (ИМА ва Канада) ва Америкаи Лотинӣ (дар ҳайати минтақаҳои дорои мақоми пасттар: Мексика, Америкаи Марказӣ ва Вест-Индия, мамлакатҳои Анд ва давлатҳои ҳавзаи Амазонкаю пастхамии Лапландия) меомӯзанд. Дар ҳайати Африка саҳеҳан сарзаминҳои Африкаи Шимолӣ (ки майли бештар ба Осиёи Ҷанубу Ғарбии исломӣ дорад) ва Африкаи ҷанубтари Саҳрои Кабир (дар ҳайати Африкаи Ғарбӣ, Шарқӣ: Марказӣ ва Ҷанубӣ)-ро ҷудо кардан мумкин аст.

Баъзан чунин ҳам мешавад, ки як мамлакат якбора ба ду ё зиёда аз он музофоти фарҳангию таърихӣ тааллуқ мегирад. Масалан, Миср мамлакати шимолиафрикаӣ, шарқиназдикӣ, шарқимиёнаӣ ва арабӣ мебошад. (Шарқи Наздикро мамлакатҳои дар буриши Осиёи Ҷанубу Ғарбӣ, Африкаи Шимолӣ ва Европа

ҷойгирифта ташкил медиҳанд ва дар маҷмӯъ бо Эрону Афғонистон онҳо Шарқи Миёнаро ташкил медиҳанд).

**Сарҳади сарзаминҳо.** Яке аз соҳаҳои камомӯхташудаи илм мавзӯи сарҳади (ё ҳудуд)-и навъҳои гуногуни сарзаминҳо дар фазои географӣ, таърихӣ, иҷтимоию фарҳангӣ, иқтисодӣ, ахборӣ ва ғ. ба шумор меравад. Таваҷҷӯҳи зиёди минтақаҳоҳон дар солҳои охир ба дарку фаҳми коммуникативнокии ҳудудӣ натиҷаҳои калон ба бор оварда, ояндаи хуб доштани ин самти илмиро нишон дод. Агар таҳиягарони он бештар ва амиқтар ба таҳқиқоти байнисоҳавӣ дар бархурии географияи гуманитарӣ ва фалсафа, марфологияи фарҳанг, этнология, иқтисодиёт ва ғ. рӯ меоварданд, ин натиҷаҳо боз ҳам самараноктар мешуд.

Асосҳои фалсафии ҳолатҳои сарҳадиро бори аввал файласуф И. Кант ташреҳ намуда, зимнан худро ҳамчун географ муаррифӣ намудааст. «Танҳо олими бузург, …ки уфуқҳои рӯҳонӣ ва заминии илмро омӯхтааст, метавонист тасаввурот дар бораи ҷаҳонҳои имманентӣ ва транстсендентиро ба вуҷуд биёварад, ки дар он мафҳумҳои географӣ бо мафҳумҳои фалсафӣ якҷоя садо медиҳанд» (В. А. Дергачев, 1999).

Ҳангоми дар харитаи географӣ сабт намудани ҳама гуна нуқтаҳои фарққунандаи сатҳи замин (яъне сарзаминҳо), зарурати бо ин ё он нишонаи маҳдудкунанда тақсим намудани онҳо пеш меояд. Иҷрои ин кор на ҳама вақт осон аст, махсусан вақте ки сарзаминҳоро падидаҳои канда-канда ва ё «якҷоя»-и паҳншавӣ муттаҳид менамоянд. Дар мавриди мазкур душворӣ ҳангоми муайян намудани қитъаҳои канораӣ, ки хусусияти гузариш доранд, пеш меояд. Ва баръакс, агар сарзаминҳо фарқият дар шиддатнокии паҳншавии сартосариро инъикос намоянд, ба вуҷуд овардани тарҳи сарҳадҳои онҳо хеле осон мегардад.

Хусусияти хатҳои сарҳадӣ вобаста ба он аст, ки сухан дар бораи кадом марз меравад – алоҳида ё ҳудудҳои паҳншавии канда-канда ё якҷоя. Ҳудудҳои сарзаминҳо, ки дар натиҷаи фаъолияти одамон ба вуҷуд омадаанд, нисбат ба ҳудудҳои табиӣ саҳеҳтару дақиқтар мебошанд. Намунаи классикии ин хел ҳудудҳо сарҳадҳои сиёсӣ ва маъмурӣ, ки хусусияти сарҳадӣ доранд, буда метавонанд. Сарҳадҳои ландшафтҳои фарҳангӣ ҳам камубеш дақиқанд. Вале, масалан, сарҳадҳои сарзаминҳои табиии геоботаникӣ он қадар равшан нестанд: тайга тадриҷан чунон ба тундра мегузарад, ки зарурати ҷудл кардани ҷангалу тундра пеш меояд. Дар навбати худ, дашт дар аксари маврид ба воситаи ҷангалу дашт бо ҷангал якҷоя мешавад.

Аз дигар тараф, сарҳадҳои сарзаминҳои иҷтимоию фарҳангӣ дар бисёр ҳолатҳо хусусияти гузариш ва барҷастаи «маргиналӣ» -ро доранд. Ин гуфтаҳо ба сарҳадҳои сарзаминҳои фарҳангию таърихӣ низ дахл доранд. Масалан, Лангедок дар Фаронса ва Пйемонт дар Италия аз дур ба назар сарҳадҳои аниқ доранд, вақте наздик мешавед, бо як қатор «ареалҳои намунавӣ»-и кӯчак рӯ ба рӯ мегардед. Мисолҳои бешумори баҳсҳоро дар атрофи мафҳумҳои «Европаи Марказӣ», «Европаи Шарқӣ», «Шарқи Миёна», « Осиёи Марказӣ» овардан мумкин аст.

Бояд пеши худ ду ҳолати вобаста ба сарҳадҳои сарзаминро шинохт: хусусияти сарҳад, ки аз хати аниқ ва ё «тасмаи номушаххас иборат аст, як тарафи кор аст, тарафи дигари кор қобилияти делимитатсияи онҳо ва сабти онҳо дар харита мебошад. Ҳангоми хурд будани миқёси харита ғафсии хати кашидаи харитакаш метавонад аз сарҳади воқеӣ – сарзамин васеътар бошад, ки таҳрифи ҳақиқат ҳисоб меёбад. Дар баробари ин, фаҳмост ки сарҳади сарзамин, ки дар асоси як аломат ҷудо карда шудааст, аз ҳама зиёдтар ба тасвир дар харита мувофиқат менамояд (бо шарти мувофиқати ғафсии хат дар харита бо васеъии марзи гузариш) ва аз сарҳади минтақа, ки дар асоси маҷмӯи аломатҳо кашида шудааст, фарқ мекунад. Дар ҳолати охирин сарҳади минтақа ба шарте аниқ буда метавонад, ки агар хатҳои «хусусии» ташкилдиҳандаи он ба якдигар мувофмқат намоянд.

**Мафҳумҳои коммуникативнокии ҳудудӣ ва энергетикаи ҳудудӣ.** Истилоҳи лотинии «коммуникатсия» маънои шакли алоқа, роҳи интиқол, ҷараёни интиқоли ахбор ва ғайраро дорад. Ин мафҳум «маънои умумӣ дорад, ки дар фазои мушаххаси географӣ, таърихӣ, иҷтимоию фарҳангӣ, иқтисодӣ, ахборӣ ва ғайра ошкор мешавад. Дар фазои иҷтимоию фарҳангӣ коммуникатсия одатан ҳамчун «интиқоли ахбор» аз одам ба одам дар ҷараёни ҳама гуна фаъолият таъриф карда мешавад. Анъана ҳамчун коммуникатсия дар замон интиқоли арзишҳо ва мактуботро аз насл ба насл ба амал мебарорад. Навъҳои коммуникатсияи транссарҳадӣ дар фазои иҷтимоию иқтисодӣ муносибатҳои комплиментарии иқтисодӣ ва дар фазои иқтисодӣ даҳлезҳои коммуникатсионии тезонидани гардиши сармояи тиҷоратӣ, саноатӣ ва молиявӣ ба шумор меравианд (минтақаҳои озоди иқтисодӣ ва ғ.)» (В. А. Дергачев, 1999).

Ақидае вуҷуд дорад, ки дар асрҳои 11 ва 111 то милод баробари гум шудани имкониятҳо барои мустамликасозии ҳудудӣ ва экспансияи маънавӣ замони ҳолатҳои маргиналӣ фаро расид, ки даъвои васеъ кардани уфуқҳои маърифати инсонро дошт. сухан дар бораи ҳолатҳои маргиналии (аз вожаи лотинии marginalis – дар варта истодан) на танҳо модда, инчунин одамон (марзҳо, табақаҳо, ҷомеаҳои маргиналӣ; нуқтаҳои пайванди байни уқёнус ва қитъа, биосфера, литосфера, ва атмосферв; муносибатҳои ҳудудии бинарӣ ва системаҳои ғарб – шарқ, шимол – ҷануб, ислом – насроният, тамаддунҳои ғарб ва шарқ, шаҳр ва деҳот ва ғ.) меравад.

Мафҳуми «энергетикаи ҳудудӣ» бо коммуникатсияи ҳудудӣ пайванди танготанг дорад. Чунин қабул шудааст, ки маҳз сарзаминҳои маргиналӣ, ки ба майдонҳои табиӣ, иқтисодӣ, иҷтимоию фарҳангӣ, ахборӣ ва ғ. мувофиқат намекунанд, манбаи импулсҳои энергетикӣ ба шумор меравианд. Дидан душвор нест, ки энергетикаи ҳудудӣ бо эҳсосу идроки одамон муносибатҳои бевосита дорад ва ҳамин тавр, метавонад на танҳо захираи стратегии рушди моддӣ, балки захираи эҳёи маънавии фард, этнос, давлат низ буда бошад.

Дар байни объектҳои мавриди таҳқиқи коммуникативнокии ҳудудӣ объектҳои сиёсӣ (давлати буферӣ, транзитӣ), иқтисодӣ (минтақаи озоди иқтисодӣ, иқтисоди маргиналӣ), иҷтимоию фарҳангӣ (фарҳанги маргиналӣ, бифарҳанг, диаспора), табиӣ (фронтҳои атмосферӣ), нуқтаҳои пайванди уқёнус ва хушкӣ) вомехӯранд. Ҳатто барои шабоҳат додани падидаҳо ва сохторҳои мувофиқ истилоҳҳои махсус арзи вуҷуд намудаанд: геостратҳо – яъне фазоҳои болоиҳам ҷогирифта; геомарҳо – майдонҳои пурэнергияи сарҳадӣ ва ғ. (В. А. Дергачев, 1999).

Ба ақидаи сиёсатшиноси машҳури америкоӣ С. Хантингтон, маҳз хати тақсимоти байни тамаддунҳоро ҳамчун маконҳои энергетикаи ҳудудӣ, дар асри XX1 ҳудудҳои сиёсӣ ва идеологии замони «ҷанги сард» иваз мекунанд ва ба манбаи бухронҳо ва ҳатто ҷангҳо табдил меёбанд. Муаллиф тасдиқ мекунад, ки дар «ҷаҳони нав» манбаъҳои асосии низоъҳоро дар доираи фарқияти фарҳангҳо бояд ҷуст. «Низоъҳои асосӣ... дар байни миллатҳо ва гурӯҳҳои ба тамаддунҳои гуногун тааллуқдошта ба амал хоҳад омад. Ихтилофи тамаддунҳо дар сиёсат афзалият пайдо хоҳад кард» (С. Хантингтон, 1993).

Мухолифати тамаддунҳо, ба ақидаи С. Хантингтон, дар ду сатҳ ҷой дорад: музофоти (локалӣ) ва умумисайёравӣ (глобалӣ). Дар сатҳи музофоти аҳолии сарзаминҳои байнитамаддунии ҳамсоя, «мусаллаҳ бо энергетикаи ҳудудӣ», даъваи марз мекунад ва бартарии анъанаҳои фарҳангии худро нишон додан мехоҳад. Дар сатҳи глобалӣ, мамлакатҳои мутааллиқ ба тамаддунҳои мухталиф дар соҳаҳои ҳарбӣ ва иқтисодӣ зӯрозмоӣ мекунанд ва бо тамоми қувва арзишҳои рӯҳонӣ ва фарҳангии худро бузургтар нишон доданӣ мешаванд. Иқтидори аз ҳама зиёди энергетикӣ гӯё дар сарҳади байни тамаддунҳои ғарбӣ (ғарбию яҳудӣ) ва тамаддуни исломӣ, ки муборизаашон, ба таъйиди муаллиф, таърихи қариб 1300- сола дорад ва нишонаи хомӯш гаштанаш ҳеч пайдо нест, ҷамъ омадаанд.

Дар баробари ин, нақшаи С. Хантингтон барои бисёриҳо хеле одӣ менамояд. Ақидае вуҷуд дорад, ки то ба ҳол фоҷиаҳои сангинтарин ва хунинтарин дар доираи ҳамон як тамаддун рух додаанд.Гитлерчиён европоиҳои насронӣ ва яҳудиро қир карданд, болшевикҳо, маоистҳо, полпотовҳо дар мамлакатҳои худ генотсидро амалӣ намуданд. Хешигарии конфессиалӣ ва фарҳангии Япония бо Корея ва Хитой садди роҳи он нагардид ва Япония борҳо бо ин давлатҳо ҷанг оғоз кард ва ғ.. Гузашта аз ин, маълум аст, ки ҷангҳои шаҳрвандӣ одатан сахттарин ва бераҳмонатарини ҷангҳоянд.

Пас, дар ин ҳолат бо консепсияи энергетикаи ҳудудӣ чӣ бояд кард?Оё бо сабаби инкори ихтилофи тамаддунҳо пояҳои он намеларзад?

Фарқияти байни тамаддунҳо, дар ҳақиқат, воқеӣ ва муҳиманд ва бисёрии одамон омодаанд барои ақида, авлод, замини аҷдод бимиранд. Аммо аз нигоҳи глобалӣ «ба кор рафтани» модели Хантингтон дар зери шубҳа аст, зерои, якум: низоъи глобалӣ ба марги башарият баробар аст; дуюм, давлатҳои ба тамаддунҳои мухталиф тааллуқдошта барои рушди ҳарчи бештари иҷтимоию иқтисодӣ рӯ ба бозори ҷаҳонӣ меоваранд, зеро қонуни арзиш барои ҳамаи форматсияҳо ва тамаддунҳо ягона мебошад; сеюм, ақидае вуҷуд дорад, ки ягонагии ҷаҳон ва тамаддунҳоро зери шубҳа мебарад. Яъне, тасаввурот дар бораи тамаддунҳо ҳамчун «воҳидҳо» аз нуқтаи назари томияти ҷаҳон на ҳамеша мувофиқи матлаб аст.

***

Хулоса, ба сифати меҳвари тақсимоти аз ҳама беҳтари ҷаҳон (ва ё ба сарзаминҳо ҷудо кардан) тавсифҳои фарҳангӣ, ки нисбат ба тавсифҳои идеологӣ, сиёсӣ ё иқтисодӣ камубеш мутаҳаррик ва тағйирёбандаанд, гирифта шудаанд. («Коммунистҳо метавонанд демократ, сарватмандон қашшоқ шаванд ва баръакс, аммо русҳо наметавонанд эстон, озарбойҷониҳо наметавонанд арманӣ шаванд» - навишта буд Хантингтон). Равшан аст, ки мафҳуми «фарҳанг» ҳам забон, ҳам дин, ҳам иқтисодиёт ва дигар маҳакҳоро дарбар мегирад. Дар навбати худ, дар дохили сарзаминҳои калони фарҳангию таърихӣ сарзаминҳои дорои мақоми пасттар ҳам вуҷуд доранд.

**Савол ва супоришҳои санҷишӣ**

1. *Ба сарзаминҳои фарҳанигию иҷтимоӣ ҷудо кардани ҷаҳон, дар муқоиса, масалан, бо тақсимоти иқтисодӣ ва сиёсӣ чӣ фарқ дорад?*

2. *Дар байни мафҳумҳои «фарҳанг» ва «тамаддун» чӣ навъи ҳудудгузорӣ қабул карда шудааст?*

3. *Саҳми империяҳоро дар ҳамгироии фарҳангҳои ҷаҳонӣ чӣ гуна метавон баҳогузорӣ кард? Мисолҳои мушаххас биёваред.*

4. *Маънои ифодаи зерро шарҳ диҳед: «фарҳанг «таҳшини сахт»-и ташкилаҳои ҳудудии ҷамъиятию сиёсӣ мебошад».*

5. *Аксарияти ҳудудҳо, ки сарзаминҳоро аз ҳам ҷудо мекунанд, гузаришҳои ногаҳониро инъикос наменамоянд. Чаро ин тавр аст?*

6. *Мафҳуми «энергетикаи ҳудудӣ» чӣ маъно дорад?*

7. *Назарияи низоъи тамаддунҳои С. Хантингтон ба хориқии (феномени) энергетикаи ҳудудӣ чӣ муносибат дорад?*

# *БОБИ 2.*

## Аврупои Ғарбӣ

### Тавсифи умумии Аврупои Ғарбӣ

**Ҳудуд. Шароитҳои табиӣ ва захираҳо.** Аврупои Ғарбӣ ҳадди ғарбии материки Евросиёро (3,7 млн. км$^2$) ишғол менамояд. Хати соҳилии ин қисми ҷаҳон бо бисёр буридашуданаш фарқ менамояд, ки аз ҷазира ва нимҷазираҳои сершумор иборатанд. Аз се тараф онро баҳрҳо иҳота карда, танҳо дар шарқ ҷабъаи васеи сарҳадоти хушкӣ бо мамлакатҳои Аврупои Марказӣ-Шарқӣ, дар шимолу шарқ бошад бо Руссия низ ҳамҷавор аст. Хатҳои ба масофаи калони кашидашудаи соҳилҳо бо тақсимоти мураккаби релеф мувофиқ омадааст. Инҷо паҳноҳои теппадор ва кӯҳҳои қадимаи палеозойи вайронгаштаи на онқадар баландро (аҳён баландиҳо зиёда аз 1,5 ҳаз. м. қад кашидаанд), инчунин, кӯҳҳои баланди ҷавони Алп (ё канори баҳри Миёназамин) системае, ки қисмати асосии бахшгоҳи обҳои материкро ташкил медиҳанд, дидан мумкин аст. Инҷо Монблан (4807 м) қуллаи аз ҳама баланди минтақа ҷойгир аст. Аксари кӯҳҳо ба паҳноҳои водиҳо чудо гардида, одамон маскан гирифтаанд тавассути ағбаҳо роҳҳои оҳан ва автомобилӣ гузаронида шудаанд. Дар қаъри замин намудҳои зиёди ашёи минералӣ: нафт, ангишт ва гази табиӣ, оҳан, сурб, руҳ, боксит, тилло, симоб, намакҳои калий, сулфури холис, мармар ва дигар канданиҳои фоиданок мавҷуданд. Аммо ин намудҳои зиёд ва гуногуни канданиҳо талаботи минтақаро бо намудҳои муҳими маъданҳои металлӣ таъмин карда наметавонад. Аз ин рӯ, иқтисоди маҳаллӣ умуман аз воридот вобаста аст. Қисми асосии Аврупои Ғарбӣ дар минтақаи иқлими субтропикӣ ҷой гирифта, ҳарорат ва намии мусоидро барои соҳаҳои гуногуни хоҷагии қишлоқ фароҳам овардааст. Зимистони мулоим ва давраи калони нумӯи растаниро дар қисмати ҷанубии минтақа имкон додаст, ки соли дароз расиши растаниҳо аз қабили: ғалладонагиҳо, алаф, сабзавотҳоро таъмин намояд. Барои қисматҳои наздиатлантикии минтақа намии аз ҳад зиёд, барои мамлакатҳои канори баҳри миёназаминӣ, нарасидани боришот дар давраи тобистон хос мебошад, дар баъзе ноҳияҳо обёрии сунъӣ лозим аст. Иқлими баҳримиёназаминӣ барои ҳаёти инсон басо хуб мусоид аст.

Хоки ин минтақа хеле гуногун аст, аммо дар ҳолати табиӣ ҳосилхезии на он қадар баланд дорад. Дар ҷараёни истифодаи бисёрасра сифати онро беҳтар карда тавонистанд. Маҳз, дар Аврупо аввалин бор дар ҷаҳон системаи сунъии беҳтарсозии хусусияти хок бо ёрии нуриҳои химиёвӣ ҷорӣ гардид. Зиёда аз 30% масоҳати Аврупои Ғарбиро бешаҳо ишғол намудаанд, ки дар аксари мамлакатҳо (ба ғайр аз Шветсия ва Финляндия) ба таври сунъӣ шинонидашудаанд. Взифаи асосӣ ва муосири онҳо – ин ҳифзи табиат ва санитарӣ-гигиенӣ мебошад.

Захираҳои обии Аврупои Ғарбӣ калонанд. Рейн, Дунай ва дигар дарёҳо, инчунин, каналҳо – роҳҳои қулайи нақлиётӣ буда, дарёҳои Скандинавӣ, Алп ва дигар минтақаҳои кӯҳӣ, иқтидори азими гидроэнергетикӣ доранд. Аммо, истифодаи калони об барои аҳолӣ ва хоҷагиҳо ба ифлос гардидани қтсми назарраси захираи об оварда расонид, ки дар аксари ҷойҳо нарасидани оби тоза эҳсос мегардад. Зичии баланди аҳолӣ аз қадим ба истифода ва азхудкунии пурсамари захираҳои табиии минтақа мусоидат намудааст. Новобаста аз баланд гардидани хароҷотҳо ба ҳифзи табиат, дар як сол партовҳои зараровар ба як нафар: $CO_2$- 8 т, буғҳои сулфур ва оксиди нитроген – 35 ва 30 кг-ро ташкил медиҳад.

**Хусусияти инкишоф.** Ин минтақа – яке аз марказҳои асосии тамаддуни ҷаҳонӣ мебошад. Дар ҳудуди он 25 давлати соҳибистиқлол (бо масоҳати умумии 3,7 млн км$^2$ ва 387 млн нафар аҳолӣ) ҷойгир буда, аз рӯи андозаи масоҳат, сохти давлатдорӣ ва дараҷаи инкишофи иқтисодӣ-иҷтимоӣ фарқ намоянд ҳам, аммо дар минтақаи географӣ ҳамсоя мебошанд ва алоқаҳои қавии иқтисодӣ, сиёсӣ, маданӣ доранд **(Ҷадвали 1.).**

*Ҷадвали № 1*

## Харитаи сиёсии Аврупои Ғарбӣ

| | Мамлакатҳо | Масоҳат, ҳаз, км² | Аҳолӣ, нафар, (с 2000) | Сохти давлатдорӣ | Пойтахт |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Ҷумҳурии Австрия | 83,9 | 8,1 | Ҷумҳурии федеративӣ | Вена |
| 2 | Андорра | 0,5 | 0,06 | Ҷумҳурӣ | Андорра-ла-Вьеха Брюссель |
| 3 | Шоҳаншоҳии Белгия | 30,5 | 10,2 | Монархияи конститутсионӣ | Брюссель |
| 4 | Давлат-шаҳр | 0,004 | 0,001 | Монархияи теократи | Ватикан |
| 5 | Британияи Кабир ва Ирландияи шимолӣ | 242,5 | 59,3 | Монархияи парлумонӣ | Лондон |
| 6 | Германия | 357,0 | 82,5 | Ҷумҳурии федеративи | Бонн,Берлин |
| 7 | Гибралтар | 0,06 | 0,03 | Мулки Британия кабир | Гибралтар |
| 8 | Юнон | 132,0 | 10,5 | Монархияи конститутсионӣ | Афина |
| 9 | Дания | 43,1 | 5,3 | Ҷумҳурӣ | Копенгаген |
| 10 | Ирландия | 70,3 | 3,7 | Монархияи конститутсионӣ | Дублин |
| 11 | Исландия Ҷумҳури | 103,0 | 0,3 | Монархияи конститутсионӣ | Рейкьявик |
| 12 | Испания (шоҳаншоҳӣ) | 504,8 | 39,5 | Монархияи парлумонӣ | Мадрид |
| 13 | Италия | 301,2 | 57,7 | Ҷумҳури | Рим |
| 14 | Лихтенштейн | 0,16 | 0,03 | Монархияи конститутсионӣ | Вадуц |
| 15 | Люксембург | 2,6 | 0,4 | Монархияи конститутсионӣ | Люксембург |
| 16 | Малта (Ҷумҳурии Малта) | 0,3 | 0,4 | Ҷумҳурӣ | Валлетта |
| 17 | Монако (Хонигарии Монако) | 0,002 | 0,003 | Монархияи конститутсионӣ | Монако |
| 18 | Нидерландия (Шоҳигарии Нидерландия) | 41,215,9 | 15,9 | Монархияи конститутсионӣ | Амстердам |
| 19 | Норвегия (Шоҳигарии Норвегия) | 324,2 | 4,5 | Монархияи конститутсионӣ | Осло |
| 20 | Португалия | 92,1 | 10,0 | Ҷумҳурӣ | Лиссабон |
| 21 | Сан-Марино | 0,061 | 0,03 | Ҷумҳурӣ | Сан- Марино |
| 22 | Финляндия | 337,0 | 5,2 | Ҷумҳурӣ | Хельсинки |
| 23 | Франция | 551,6 | 59,4 | Ҷумҳурӣ | Париж |
| 24 | Швейтсария | 41,3 | 7,1 | Ҷумҳурӣ | Берн |
| 25 | Швеция | 450,0 | 8,9 | Монархияи конститутсионӣ | Стокгольм |

Барои мамлакатҳои Аврупои Ғарбӣ дараҷаи баланди инкишофи муносибатҳои бозории капиталистӣ ва қувваҳои истеҳсолкунанда хос мебошад. Минтақа 3% марзи маскун, 7% аҳолии Заминро ташкил медиҳад, дар он ҷо зиёда аз 1/5 саноат ва тақрибан 1/5 маҳсулоти ҷаҳонии хоҷагии қишлоқ истеҳсол гардида, аҳамияти умумисайёравии алоқаҳои иқтисодии берунаи ин мамлакатҳо: савдои беруна, муҳоҷират, сармоя ва қувваи корӣ, ҷаҳонгардӣ, мубодилаи литсензияҳо ва ғайра доранд.

Ҷои асосиро дар иқтисодиёти минтақа Германия, Фаронса, Британияи Кабир ва Итолиё ишғол намудаанд, ки ба «ҳафтгонаи калон» ворид буда, давлатҳои абарқудрати ҷаҳонӣ бо иқтисоди бозорӣ мебошанд, аммо дар инҷо давлатҳои аҳолиашон наонқадар зиёди то 10 млн. аҳолӣ дошта бартарӣ доранд, ки байни онҳо 5 давлати хурд-Андорра ва ғайра, мулкҳои британии Гибралтар, ки ҷамъулҷамъ 180 ҳаз нафар аҳолӣ доранд фарқ мекунанд. Дар байни мамлакатҳои калону хурд Испания мавқеи мобайнӣ дорад, ки аз рӯи масоҳат дуюмин буда, аз рӯи шумораи аҳолӣ дар минтақа ҷои панҷумро ишғол мекунад. Қариб нисфи мамлакатҳо монархӣ (аз ҳама фоизи баланд байни минтақаҳои ҷаҳон) буда, боқимонда ҷумҳурият аст.

Аз рӯи инкишофи босуръати ҷараёнҳои иқтисодӣ дар Аврупои ғарбӣ дар нимаи дуюми асри XX, махсусан нақши (ИА ЕС)-Иттифоқи Аврупо калон аст, ки ҳоло 25 давлат ва зиёда аз 95% аҳолии минтақаро фаро гирифтааст (маркази идораи онҳо-Брюссел мебошад).

Шартнома оид ба ташкили ИА дар Рим соли 1957 ба имзо расида аз соли 1958 ба фаъолият шурӯъ намудааст. Аввалан ба ташкилот 6 мамлакат аъзо буданд, инҳо: ҶФГ, Франсия, Италия, Нидерландия, Белгия ва Люксембург, баъдан, аъзоёни ин иттифоқ Британияи Кабир, Ирландия, Дания (1973), Юнон (1981), Испания ва Португалия (1986), Австрия, Шветсия ва Финляндия (1995), дар соли 2004 ба иттифоқ боз 10 давлат Кипр, Малта ва мамлакатҳои калони собиқ сотсиалистӣ Венгрия, Полша, Словакия, Словения, Чехия, Латвия, Литва, Эстония ворид гардиданд. Институтҳои муҳими ИА: 1) шӯрои аврупоӣ, ки ба он сарварони давлат ва ҳукумати мамлакатҳои иштирокчӣ дохиланд; дар ин шӯро масъалаҳои асосии инкишофи ҷамъиятӣ ҳал мегарданд; 2) Комиссияи ИА (КИА) – мақомоти иҷроия буда, татбиқи барнома ва қарорҳоро таҳти назорат мегирад; 3) Шӯрои вазирон, ки аз ҷониби намояндагони ҳамаи мамлакатҳо бо навбат ба муддати 6 моҳ сарвариро ба ӯҳда гирифта, фаъолияти ИА-ро идора менамоянд; 4) Европарламент (макон – Страсбург) мебошад. Вазифаи асосии он – назорати фаъолияти КИА, буҷа ва қонунҳои он аст; 5) Суди аврупоӣ. Буҷаи ИА аз ҳисоби ҳаққи азогии тамоми давлатҳо ташаккул меёбад, аммо тахминан нисфи ин маблағро саҳми Олмон ташкил медиҳад. Бо бавуҷудомадани ИА мавқеи ҳолати иқтисодӣ-географии аксари мамлакатҳо ва ноҳияҳо тағйир ёфт. Махсусан, мавқеи Роттердам ва дигар марказҳо баланд шуда, ба «тири» наздирейнии ИА ба мисли ноҳияҳои дараҷаи баланди инкишоф наздикӣ намуда, ба истеҳсоли маҳсулоти нав баровард. Дар маҷмӯъ ҳамгироӣ боиси инкишофи истеҳсолот робитаҳои молиявии канораҳо гардид, ба кам гардидани камомадҳо ва баландшавии самаранокии онҳо мусоидат кард.

Иттиҳоди иқтисодӣ аврупоӣ душвориҳои зиёдро байни мамлакатҳо паси сар намуда, аммо қувваҳои сиёсӣ баҳри ҳамгироии Аврупои Ғарбӣ баромад намуда, барои ташкили Иёлоти Муттаҳидаи Аврупо, ҳукумати аврупоӣ, муттаҳидии қӯшунҳои мусаллаҳ асъор, шаҳрвандӣ ва ғайра фаъолият менамоянд.

Соли 1993 дар Маастрихте (Нидерландия) аз ҷониби 12 сарвари давлат барномаи минбаъдаи ҳамгироии иқтисодӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ то соли 2000 қабул намуданд, дар он шаҳрвандии ягона, иттифоқи иқтисодӣ ва асъорӣ (асъори ягона – евро соли 1999) иттифоқи сиёсӣ (сиёсати умумӣ дар соҳаи корҳои хориҷӣ ва бехатарӣ, коркарди сиёсати умумии муҳофизатӣ ва ғайра) ҷорӣ шуда, ягонагии ҳуҷҷатгузории ҳуқуқӣ, қонунҳои меҳнатӣ ва иҷтимоӣ, сиёсати муҳоҷиратӣ, мустаҳкам намудани моҳияти европарламентро пеш гирифтаанд. Марҳилаи муҳими ҷараёни баландшавии ҳамгироӣ созишномаи Шенген (1995) оид ба маҳдуд кардани назорати сарҳадӣ оид ба гузаштани одамон байни мамлакатҳо (ба ғайр аз Британияи Кабир, Ирландия, Шветсия, Финляндия) мебошад. Баъдтар, ба ин созишнома дигар мамлакатҳо низ ҳамроҳ шуданд, Шветсария, Норвегия, Исландия, Малта ва Кипр «муҳити иқтисодии аврупоӣ»-и ягонаро ташкил менамоянд. Ҳамин тавр, мафҳуми Аврупои Ғарбӣ ва ИА қариб шабеҳанд ва таъсири иқтисодии ИА ба мамлакатҳои Марказӣ-Шарқии Аврупо зиёд шуда истодааст. Ба аъзогии шӯро соли 2004 – Полша, Чехия, Словения, Латвия, Литва, Словакия қабул шуданд. Созишнома оид ба ҳарифӣ ва ҳамкорӣ байни ИА ва Руссия (1994) баста шуда буд.

Аксари мамлакатҳои Аврупои Ғарбӣ – аъзоёни блоки ҳарбӣ-сиёсии НАТО (маскан дар Брюссел), ки нақши ҳалкунандаро дар он ИМА мебозад. Ба ин блок мамлакатҳои бетараф-Шветсария, Ирландия дохил намешаванд. Соли 1999 дар ҳайати НАТО Полша, Чехия ва Венгрия дохил шуд.

Аврупои Ғарбӣ – яке аз минтақаҳои сераҳолии ҷаҳон (зиёда аз 100 нафар ба 1 км$^2$) аст.

Аз рӯи суръати афзоиши аҳолӣ Аврупои Ғарбӣ дар байни минтақаҳои ҷаҳон ҷои охиронро ишғол намуда, саҳми он дар аҳолии кураи Замин кам мегардад (1900 сол – 12,5, 1998 сол – 6,6%). Сабаби асосии ин омил – паст рафтани афзоиши табиии аҳолӣ (дар солҳои 1995-1999 тавлиди кӯдакон 11, фавти онон – 10%) гардидааст. Дараҷаи пасти тавлид ва нисбатан баланд будани фавт ин натиҷаи зиёд будани пиронсолон (синну соли миёнаи занон 80 сол ва мардон 74 сол аст), инчунин,

бекории мардум, махсусан байни ҷавонон ва бӯҳрони ноустувории оилаҳо мебошад. Саҳми оилаҳои бефарзанд ва нафароне, ки танҳо мондаанд, низ калонанд. Дар баъзе мамлакатҳо фавт аз тавлид зиёдтар ба назар мерасад, хавфи хотимаёбии миллат пеш омадааст, аз ин рӯ, дар аксари мамлакатҳо ҳукумат баҳри афзоиши тавлиди кӯдакон чораҳои ҳавасмандкунӣ пеш гирифтаанд. Бо сабаҳои иқтисодию сиёсӣ муҳоҷирати аҳолӣ аз мамлакатҳои Аврупои Марказӣ ва Шарқӣ аз Африқо ва Осиё калон аст, муҳоҷират дар дохили мамлакатҳои минтақа низ назаррас аст. Дар натиҷа дар ин мамлакатҳо 18-20 млн. муҳоҷир ба қайд гирифта шудааст. Мамлакатҳои муҳими муҳоҷирқабулкунанда Германия, Франсия, Британияи Кабир, Нидерландия мебошанд. Баъзе солҳо афзоиши муҳоҷирон дар минтақа нисбат ба афзоиши табиӣ бартарӣ доранд. Муҳоҷират ба шумораи аҳолӣ ва иқтидори қувваҳои корӣ ва аксари мамлакатҳо таъсир гузошта, ҳайати миллӣ ва нажодиро мураккаб менамояд. Афзудани бӯҳрони демографӣ дар солҳои 90-ум ба зиёд гардидани теъдоди коргарони муҳоҷир оварда расонид. Дар бисёр мамалкатҳо ҳуҷҷатҳои воридшавӣ сода карда шудаанд. Дар ин мамлакатҳо 1/4-и коргарон ба робитаҳои меҳнатӣ ҷалб карда шуда, фарзандони онҳо дар мактабҳои миёнаи 12 сола таҳсил менамоянд. Баъди хатми мактаб онҳо ҳуқуқ доранд, ки ба донишгоҳҳо дохил шаванд. Нисфи зиёди аҳолӣ дар сини аз 25 то 50 сола маълумоти олӣ доранд. Дар ин ҷо захираи қувваи корӣ ва кадрҳои баландихтисос назар ба ИМА зиёд мебошанд, аммо намояндаҳои фаъоли иқтисодӣ 2/3 фоизи андозаи захираҳои меҳнатиро ташкил медиҳад. Нишондоди баланди сармоя ва истеҳсолот аз ҳисоби коргарони кироя ва хизматчиёни байни тамоми меҳнаткашон 83% мебошад. Дар натиҷаи ҷараёнҳои интегратсионӣ ва баландшавии ҳисоби (ТНК) истифодаи захираҳои меҳнатӣ хосияти байналмиллалиро гирифта истодааст. Маълум шуда истодааст, ки дар соҳаи истеҳсолоти моддӣ шумораи коргарон кам вале шумораи аҳолӣ дар соҳаи ғайриистеҳсолӣ рӯ ба афзоиш дорад. Дар соли 2001 машғул буданд (аз рӯи %): дар хоҷагиҳои ҷангал ва хоҷагии қишлоқ, моҳидорӣ – 5,0, саноати сабук ва сохтмон – 29,4, дар нақлиёт ва соҳаи амалиётҳои молиявӣ, савдо, соҳаҳои дигари хизматрасонӣ ва идоракунӣ – 65,6 фоизро ташкил медиҳад. Дар Аврупои Ғарбӣ 3/4 фоизи аҳолӣ дар шаҳрҳо (дар Британияи Кабир, Германия, Белгия, Шветсия, Исландия – зиёда аз 85%, аммо дар Португалия 50%) зиндагӣ мекунанд, ки шакли шаҳрдории агломеративӣ буда, 34 шаҳр аз 1 млн. зиёд аҳолӣ доранд. Аз рӯи шумори шаҳрҳои калон ва аз рӯи ҳудуднокӣ Аврупои Ғарбӣ аз Амрикои Шимолӣ мегузарад, аммо аз рӯи ҳисоби миёнаи сераҳолӣ будани шаҳри калон ва аз рӯи дараҷаи инкишофи минтақаҳои наздишаҳрӣ ақибмонда аст. Агломератсияҳои азими минтақа – Лондон 12 млн аҳолӣ ва Парижӣ 9,6 млн аҳолӣ дорад. Ноҳияҳои шаҳрии калон ва шаклашон душвори тақсимоти ҳудудӣ (Рейн – Рур дар Германия) мебошад. Шаҳрҳои калонтарин Англисӣ ва Наздирейнӣ (дар ҳудуди Германия, Нидерландия, Белгия ва Франсия) тақрибан бо 40 млн аҳолӣ дар ҳар кадоми ин давлатҳо мебошад.

Бо сабаби тезутунд гардидани бӯҳрони иқтисодӣ ва иҷтимоии шаҳрҳои калон, бад гардидани шароити зист дар он ҷо, кам гардидани шуғли аҳолӣ, инчунин, сиёсати давлатии боз доштани афзоиши агломератсияҳои гипертрофӣ ва беҳтар шудани нақлиёт афзоиши аҳолии шаҳр суст шуда, аз шаҳр берун он ба тарафҳои қишлоқ майл менамояд.

**Тавсифи умумии хоҷагӣ**. Баъди ҷанги Дуюми ҷаҳонӣ хоҷагии аксари мамлакатҳо вайрон шудаанд, саҳми минтақа дар иқтисодиёти ҷаҳонӣ кам гардид, аксари амалиётҳои сармояи Аврупои Ғарб дар бозори ҷаҳонӣ барҳам хӯрд, пастравии системаи мустамликадорӣ ба мушоҳида мерасид. Аврупои Ғарбӣ дар соҳаи иқтисодӣ, сиёсӣ ва ҳарбӣ ба ИМА вобастагӣ пайдо кард.

Аммо дар солҳои 50-60-уми асри XX иқтисодиёти минтақа бо суръати баланд пеш рафта, ба ин азнавсозӣ ва васеъ гардидани сармояи асосӣ ва ташкили истеҳсолоти нав дар пояи расидан ба ИИТ, қувваи арзонии корӣ (дар муқоиса бо ИМА), баландшавии босуръати талабот ба молҳои истеъмолӣ, ворид шудани сармоя

аз ИМА, интегратсия, кам шудани хароҷотҳои ҳарбӣ  ва ғайра мебошад. Дар оғози солҳои 70-ум Аврупои  Ғарбӣ  аз рӯи ҳаҷми истеҳсолоти саноатӣ қариб ба ИМА наздик шуда, амалиётҳои тиҷорати беруна ва молиявии он шиддат гирифт, қарзи молиявии мамлакатҳои Аврупои Ғарбӣ аз ИМА кам шуда, «тафовути  технологӣ» байни ин ду маркази ҷаҳонӣ коҳиш ёфт, фарқияти дараҷаи маҳсулнокии  меҳнат ва музди маош низ паст шуд. Ин боиси шиддатёбии рақобати байни Европаи Ғарбӣ, ИМА ва Япония гардид. Бӯҳрони барзиёд  истеҳсолии солҳои 1974-1975, 1980-1982 ва 1992-1993 ва ибтидои асри XXI чуқур гардид. Аммо дар солҳои байни бӯҳронӣ иқтисодӣ  Аврупои Ғарбӣ назар ба ИМА тезтар тараққӣ мекард. Такони ҷиддӣ барои инкишоф дар ин солҳо ин нақши давлат дар сиёсати иқтисодии дохилӣ, зиёд шудани сармоягузорӣ аз ҳисоби навовариҳои истеҳсолӣ, баландшавии босуръати мошинсозӣ (махсусан электроника), химия, барномасозӣ, ҷараёнҳои чуқури интегратсионӣ аз он ҷумла, ҳамкориҳои илмӣ-техникӣ, сиёсати росткунии дараҷаҳои иқтисодии мамлакатҳои ИА, ворид гардидани воситаҳо (маблағҳо) ба буҷаи давлатӣ аз ҳисоби азхудкунӣ, инчунин, зиёдшавии мавқеи масоҳати савдои беруна мебошад. Аз соли 1994 аз ҷониби шӯрои ИА «Самтҳои  асосии сиёсати нави иқтисодӣ» қабул шудаанд. Ҳолати муосири иқтисодӣ дар Аврупои Ғарбӣ ва ИМА чунин нишондодҳоро аз рӯи соли 1998 дар муқоиса бо соли 2001 нишон медиҳанд. Аврупои Ғарбӣ: ММД - +2,9%, истеҳсолоти саноатӣ - +3,3%, содироти мол ва хизматрасонӣ - +5,4%, таваррум - +1,7%, бекорӣ –+ 9,4% аст. Дар ИМА мувофиқан: 2,3; 3,6; 1,5; 1,6; 4,5%-ро ташкил медод.

Дар замони ҳозира,  иқтисодӣ Аврупои Ғарбии тақрибан ба иқтисоди ИМА аз рӯи ҳаҷми ММД, истеҳсолоти саноатӣ ва хоҷагии қишлоқ, тиҷорати хизматрасонии гуногун (нақлиётӣ, бонкӣ ва суғуртавӣ, сайёҳӣ, сохтмонӣ, телекоммуникатсионӣ, барномаҳои МЭҲ, муҳандисӣ ва ғайра) баробар аст. Саҳми ин  минтақаи  дар тиҷорати ҷаҳонӣ ва захираҳои асъории ҷаҳон беш аз  40%-ро ташкил медиҳад.

Қафомонии Аврупои Ғарбӣ аз ИМА аз рӯи дараҷаи инкишоф ва махсусияти истеҳсолӣ ва иқтидори илмӣ-техникӣ, инкишофи сохтори нақлиётӣ ва системаи телекоммуникатсионӣ, дараҷаи зиндагии  одамон кам гардидааст. Ҷиҳати хоси иқтисодии минтақа – дараҷаи баланди инкишофи амалиётҳои постиндустриалӣ буда, дар соҳаи ғайриистеҳсолӣ зиёда аз 2/3 ва аз онҳо зиёда аз 3/5 ММД ва тамоми нархи маҳсулоти тоза-шартӣ машғуланд, ҳарчанд нақши «хизматҳои индустрӣ» дар иқтисодиёти ИМА боз ҳам баландатаранд.

Бинобар он ки минтақа аз давлатҳои на он қадар калон иборат аст, ин ҷо махсусан корпоратсияҳои трансмиллӣ (ва байналмиллалӣ)  мақоми калон доранд, ки сармояи мамлакатҳои гуногун бо география   васеи корхонаҳо онро муттаҳид месозад. Масалан, дар ширкати «Рош Холдинг» барои давлатҳои хориҷӣ 75-80%-и дороиҳо рост омада, ба 95 % маблағи фурӯш баробар аст (Ҷадвали 2).

*Ҷадвали № 2*

**Калонтарин компанияҳои бурунмарзии Аврупои Ғарби (1997)**

| Ном ва Мамлакат | Саноат | Ҳаҷми умумии сармоя млрд. | Давргарди | Даромад | Шумораи умумии коргарон ҳазор нафар |
|---|---|---|---|---|---|
| Ройял датч- шелл (Нидерландия) | саноати нефт | 191,0 | 131,6 | 17,4 | 101 |
| Новартис (Шветсария) | саноати фармат | 104,5 | 24,6 | 1,8 | 116 |
| Бритишпетролеум Британияи кабир | саноати нефт | 85,9 | 71,7 | 5,9 | 54 |
| Рош Холдинг Шветсария | саноати фарматсев | 85,8 | 13,4 | 3,2 | 54 |
| Глеско Веллкам Британияи Кабир | саноати фармасевти | 79,7 | 53,7 | 4,7 | 306 |
| Юнелевер (Нидерландия) | саноати хурокворӣ | 57,5 | 53,7 | 4,3 | 221 |
| Нестле Шветсария | саноати хӯрокворӣ | 54,3 | 41,7 | 3,3 | 221 |
| Энтни миллии идрокарбури (ЭМИ) (Италия) | саноати нефт | 49,9 | 47,9 | 4,7 | 86 |
| | | 42,7 | 59,5 | 1,1 | 291 |
| Даймлер Бенс (Германия) | саноати автомобили | | | | |
| Семенс (Германия) | электроника | 37,4 | 52,7 | 1,8 | 379 |

Хусусияти муҳими иқтисодиёти Аврупои Ғарбӣ – нисбатан бартарӣ доштани бахши давлатӣ назар ба иқтисодиёти ИМА мебошад; давлат қисми назарраси даромади миллиро таҳти назорат гирифтааст, дар заводҳои давлатӣ 15-20% маҳсулоти саноатӣ истеҳсол карда мешавад. Мавқеи давлат махсусан, дар соҳаи энергетика мустаҳкам аст. (ба ғайр аз хоҷагии нафт), дар нақлиёт ва дар алоқа, дар металлургия ва баъзе соҳаҳои мошинсозӣ, дар байни мамлакатҳо бошад – дар байни Шветсария, Франсия, Италия, Юнон, Австрия, Шветсия мустаҳкам аст. Аммо дар бисёр мамлакатҳо қисми зиёди амволи давлат хусусӣ карда мешавад.

Дар давлатҳои ИА ва дигар аксари мамлакатҳо барномаҳои давлатии дарозмуддати иқтисодӣ ва иҷтимоӣ ба роҳ монда мешаванд, ки дар онҳо диққати асосӣ ба масъалаҳои минтақавӣ нигаронида шудааст. Ҳамчунин, мамлакатҳои ИА ба ноҳияҳои иқтисодӣ –банақшагирифташуда баҳри инкишофи «масъалаҳои мубрам»-и (проблемавӣ) ноҳияҳо аз ҳисоби буҷаи иттифоқ, ки ба онҳо фондҳои калони махсус ҷудо карда мешавад. Мақсадҳои асосии барномаҳои минтақавӣ: 1) инкишофи ноҳияҳои аграрии қафомонда (ҷануби Италия, қисми калони Ирландия, Испанияи ғарбӣ ва ғайра); 2) пеш бурдан ва ҷоннок намудани ноҳияҳои кӯҳнаи саноатӣ (шимолу шарқии Англия, Саар, Белгияи «сиёҳ», Германияи шарқӣ); 3) назорат аз болои инкишофи аглометарсияҳои шаҳрӣ ва ноҳияҳои наздисарҳадӣ, инчунин, вилоятҳои шимолии камаҳолии Финляндия ва Шветсия. Барои инкишофи мақсадноки минтақавӣ дар солҳои 1994-2001 тақрибан 76 млрд доллар сарф шуда буд. Ин қисми дуюми хароҷотии буҷаи ИА баъди хоҷагии қишлоқ аст.

Аврупои Ғарбӣ – маркази аз ҳама муҳими амалиётҳои молиявӣ дар ҷаҳон мебошад; ин ҷо калонтарин 1/3 (сеяки) андозаи дороиҳо бонкӣ ва ширкатҳои суғуртавии ҷаҳонӣ

ҷойгир аст; Лондон, Франкфурт дар Майна, Амстердам, Париж, Брюссел, Сюрих, Люксембург марказҳои молиявии он мебошанд.

Муҳоҷирати сармоя байни мамлакатҳои минтақаҳои хеле баланд аст; аксари онҳо сармояи калонро дар дигар минтақаҳои мамлакатҳои ҷаҳон мегузоранд, дар навбати худ дар Аврупои Ғарбӣ амалиётҳои сармояи ИМА калон аст. Аммо сармоягузориҳо ИМА дар Аврупои Ғарбӣ аз сармоягузориҳои Арупоиҳои Ғарбии ба мамлакат қафомондатаранд, ва тавозуни сармоягузориҳо тез ба фоидаи ширкатҳои бонкӣ аврупоии боло рафтааст. Нақши сармояи амрикоӣ махсусан дар саноати нафт ва электроника калон аст. Махсусан амалиётҳои молиявии байналмиллалии Британияи Кабир, Германия ва Нидерландия калон аст. Аз рӯи захираи тилло Германия ва Шветсария дар пеш аст. Аз рӯи нишондодҳои дар боло овардашуда ва дар мавриди таҳлили иқтисодиёт дар Аврупои Ғарбӣ амалиётҳои се бахшро бояд ба инобат гирифт ин ҳам бошад сармояи милии хусусӣ, давлатӣ ва хориҷӣ (масалан, дар саноати Австрия саҳми онҳо тақрибан 45, 30 ва 25%-ро ташкил медиҳад).

Дар давраи солҳои баъдиҷангӣ дигаргуниҳои назаррас дар сохтори соҳавии иқтисодиёти маҳаллӣ рӯй доданд – аҳамияти мошинсозӣ ва саноати химиявӣ, махсусан, - соҳаҳои ғайриистеҳсолӣ баланд шуда, аммо ҳоло ҳам назар ба ИМА мавқеи хоҷагии қишлоқ хеле баланд аст, дар саноат бошад – соҳаҳои гурӯҳи Б аст. Аз рӯи андозаи маҳсулотнокии саноати сабук ва хӯрока Аврупои Ғарбӣ аз ИМА дар пеш аст. Аврупои Ғарбӣ аз ИМА ҳоло ҳам дар дараҷаи махсусгардонии ҳам саноат ва ҳам хоҷагии қишлоқ, истеҳсолоти энергетикӣ ва истеҳсоли мошин хеле ақибмонда аст, ҳоло ҳам технологияи пешқадам (масалан МЭҲ) васеъ истифода намешавад, аммо ин нишондодҳоро муқоиса намуда, бояд қайд намуд, ки дар ИМА наздики 2/3 чунин хароҷотҳо бо мақсадҳои ҳарбӣ ва барномаҳои кайҳонӣ сарф мешаванд, ки дар Аврупои Ғарбӣ ин 1/4 кам аст. Аз рӯи сабабҳои нишондодашуда Аврупои Ғарбӣ аз ИМА аз рӯи аксари нишондодҳои умумииқтисодӣ (масалан, даромади миллӣ ва ММД ба сари аҳолӣ) ақиб мемонад, ҳарчанд мамлакатҳои нисбатан тараққикарда (Шветсария ва Норвегия) дар ин самт нисбат ба ИМА камтар қафо мемонанд.

Бояд қайд кард, ки тахти нишондодҳои миёна аз рӯи минтақа фарқиятҳои калон байни мамлакатҳои алоҳида дар суръат ва дараҷаи муосири инкишофи иқтисодӣ маҳфуз мондааст. Дар натиҷа фарқият байни мамлакатҳо дар нимаи дуюми асри XX кам гардид. Масалан, аз ҳисоби баландшавии босуръати саноат ва соҳаи ғайриистеҳсолӣ Испания, Португалия, Юнон, Ирландия – пештар мамлакатҳои аграрӣ буданд ба минтақаҳои аграрии индустриалӣ бадал шуданд дар хоҷагиҳои дигар (ба мисли сайёҳӣ, киштисозӣ дар Юнон ва ғайра) ба пеш бароmаданд. Аммо, акнун тафовут дар дараҷаи инкишофи қувваҳои истеҳсолкунанда ва даромадҳои аҳолӣ байни мамлакатҳо хеле назаррас аст. Маҳсулнокии меҳнат дар Португалия, Юнон ва дар Малта назар ба Белгия ва Нидерландия ду баробар паст мебошад.

**Саноат**. Захираҳои минералии минтақа гуногун бошад ҳам, аммо захираи аксари канданиҳои фоиданок зиёд нест ва ба нобудшавӣ наздиканд. Захираи калони ангиштсанг (дар Британияи Кабир, Германия ва дигар мамлакатҳо) ва маъдани оҳани (Франсия, Шветсия) ҳамчун базаи инкишофи саноати вазнин дар минтақа дар асри XIX хизмат намудаанд. Аммо баланшавии афзоиши муосири ангишт аз ҳисоби шароитҳои вазнини истеҳсоли ба вуҷуд омада, дар металлургия акнун асосан маъданҳои бойи оҳан аз дигар қисматҳои дунё овардашаванда, истифода мешавад. Аҳамияти калонро захираҳои ангиштсанги Германия ва Британияи Кабир, ангишти сиёҳтоб аз Германия, гази табии Нидерландия, урани Фаронса ва ғайра мебозад. Воқеъаи муҳим – ҷустуҷӯ ва оғози ба кор додани (соли 1975) захираҳои нафт ва газ дар қаъри баҳри Шимол (бахши Британияи Кабир ва Норвегия) мебошад, ки 2,6 млрд т, захираи нафт ва 6 трлн $м^3$ гази табии ошкор шудааст.

Умуман, Аврупои Ғарбӣ бо ашёи минералӣ назар ба Амрикои шимолӣ хеле суст таъмин аст, аввалан, ҳаминро нишон медиҳад, ки назар ба ИМА ва Канада саноати коркардабарой ин ашё нокифоя аст, дуввум он, ки саноат ба ашёи минералии воридотӣ аз дигар минтақаҳои ҷаҳон вобастагӣ дорад.

Тақрибан нисфи захираҳои энергетики истифодашаванда воридотӣ мебошад. Танҳо Норвегия, Британияи Кабир ва Нидерландия бо захираҳои гидроэнергетикӣ хуб таъмин мебошанд. Дар сиёсати энергетики ИА ва давлатҳои алоҳида муҳим он аст, ки сарфакор бошад қувваи барқ, самаранок истифода шаванд. Базаи маҳаллии энергетикӣ аз ҳисоби бадаст даровардани нафту газ дар баҳри Шимолӣ ва махсусан – инкишофи энергетикаи ядроӣ ва истифодаи захираҳои ғайрианъанавии аз нав бавуҷудояндаи энергетикӣ (ба мисли энергияи офтоб, шамол, мадду ҷазри баҳри ва ғайра), кам кардани воридоти нафт мебошад. Соли 1997 дар Аврупои Ғарбӣ 328 млн т нафт (зиёда аз 90% дар баҳри Шимолӣ) истеҳсол карда шуд, аммо истифодаи он 630 млн тоннаро ташкил дод. Қисми асосии нафт аз минтақаҳои «нооромъ»-и ҷаҳон, махсусан аз Шарқи Наздик ва Миёна, Африка ворид мешавад, воридоти нафт аз Руссия низ назаррас аст. Барои ворид намудани нафт шабақаи хатти нафт аз бандарҳои баҳрӣ ба маркази истеъмол гузаронида шудааст. Муҳимтарини онҳо Роттердам, Кёлн – Франкфурт дар Майна, Марсел – Лион – Страсбург – Карлсруэ, Генуя – Инголштадт, Триест – Инголштадт мебошанд. Заводҳои азнавкоркардабарории нафтӣ ҳар сол имкон доранд, ки то 600 млн т нафтро коркард намоянд. Давлати якум аз рӯи таваноӣ (заводҳои азнавкоркардабарории нафтӣ) ЗАН - Италия буда, энергетикаи он аз 2/3 ҳисса ба нафт такя мекунад. Дар таъмини нафт ҳам дар коркарди он ва ҳам дар фурӯши маҳсулоти нафтӣ дар бозори маҳаллӣ, мавқеи ҳалкунандаро монополияҳои америкоӣ ва британӣ ишғол намудаанд.

Тақрибан, 1/4 ҳиссаи гази истеҳсолшаванда (ҳамагӣ дар минтақа 276 млрд м$^3$ дар соли 2001) ба Нидерландия «кони Гронинген дар шимолу шарқи мамлакат» ва 3/4 – ҳиссааш ба баҳри Шимол рост меояд. Дар солҳои 90-ум ҳар сол тақрибан 70 млрд м$^3$ –и гази россиягӣ ворид мегардид. Содироти ангишт 120-130 млн тонна дар як солро ташкил медиҳад. Минбаъда кам намудани нақши ангишт дар энергетикаи минтақа ба нақша гирифта шудааст. Соҳаҳои асосии истеъмоли ангиштсанг дар нерӯгоҳҳои электрикӣ ва истеҳсоли кокс (40-50 млн т ҳар сол) мебошанд. Дар солҳои баъдиҷангӣ географияи истеҳсоли ангиштсанг дигаргун шуд. Акнун он дар Британияи Кабир (48 млн т дар соли 2001) ва Германия (62 млн т) буда, дар ин мамлакатҳо дар ҳавзаҳои калонтарин – дар Рурж, Йоркширск, Нортумберленд-Даремск ва Уэлси Ҷанубӣ (Британияи Кабир) қарор дорад, ҳол он ки истеҳсоли ангишт дар Фаронса кам гардида дар Нидерландия ва Белгия барҳам дода шудааст. Тақрибан, 3/4 ҳиссаи истеҳсоли ангишти сиёҳтоб (285 млн т соли 1999) дар Германия буда, боз 1/5 ҳиссаи он дар Юнон мебошад.

Мамлакатҳои Аврупои Ғарбӣ 1/6 ҳиссаи қувваи барқи ҷаҳонро истеҳсол менамоянд, ки дар ин қиёс онҳо аз ИМА бо сабаби инкишофи пасти қувваи барқ дар Португалия, Испания, Юнон, Ирландия қафо мемонанд, (ҳарчанд Норвегия ҷои аввалро дар ҷаҳон аз рӯи истеҳсоли қувваи барқ ба ҳар сари аҳолӣ дорад). Нерӯи барқи Аврупои Ғарбӣ аз нерӯи барқи ИМА бо нақши баланди НБО, ки ба он тақрибан 20% қувваи барқ рост меояд, фарқ намуда, (дар Норвегия, Шветсария намуди асосӣ НБО аст), ва НБА (30% мебошанд). Иқтидори гидроэнергетики минтақа кайҳост аз худ шудаст; дар ин ҷо НБО-ҳои на он қадар калон мавҷуданд, ки гурӯҳ-гурӯҳ дар назди дарёҳои кӯҳӣ ҷойгиранд, системаҳои нисбатан азими НБО дар Рона ва дар Рейн дар Шветсия ва ғайра ҷогиранд. Дар Аврупои Ғарбӣ 1/3 ҳиссаи тамоми НБА-и ҷаҳон амал мекунад, ва дар энергетикаи ядроӣ Франсия пешсаф аст, аз рӯи тавоноии НБА танҳо аз ИМА қафо мемонад. НбА Франсияро аввалин содироткунандаи қувваи барқ дар минтақа кардааст

Дар сохтори муосир ***саноати коркардабароянда*** асоси истеҳсолӣ воситаҳои истеҳсолот буда, махсусан соҳаҳои навтарини тез тараққикардаистода мошинсозӣ ва химиявӣ мебошанд. Саноати Аврупои Ғарбӣ дар истеҳсоли маҳсулоти душвори илмталаби технологӣ ҷалб шуда истодааст. Наздикшавии сохторҳои соҳавии саноатии Аврупои Ғарбӣ бо ИМА ба вуҷуд омада истодааст, аммо «ҷудоии технологӣ» дар саноат нигоҳ дошта мешавад: аз ҷумла, ИМА аз Аврупои Ғарбӣ аз

рӯи истеҳсол ва ҷорӣ намудани МЭҲ-ҳои азим, техникаи ракетӣ-кайҳонӣ дар пеш аст. Аммо баъзе соҳаҳое мавҷуданд, ки аз ИМА гузаштаанд: инҳо тайёр намудани доруворӣ, асбобҳои саҳекор ва оптикӣ, киштисозӣ, дастгоҳсозӣ ва ғайраанд.

Аз рӯи ҳаҷми об кардани чӯяну оҳан (97 ва 156 млн т дар соли 1995) Аврупои Ғарбӣ ҷои намоёнро дар ҷаҳон (1/6 ҳиссаи маҳсулот) ишғол намудааст, аммо металлургияи сиёҳ бӯҳрони дурударозро бо сабаби паст гардидани талабот ба ин маҳсулот ҳам дар бозори дохилӣ ва ҳам дар бозори байналмилалӣ ишғол мекунад. Иқтидори заводҳо танҳо 50-60% истифода мешаванд.

Истеҳсоли маъдани оҳан дар минтақа ба 140-150 млн т дар солҳои 60-ум то 29 дар соли 1995 кам карда шуда, (Шветсия – 22 млн т), ва дар як вақт ҳар сол зиёда аз 100 млн т маъдани бой аз Амрико, Африқо ва Австралия ворид мегардад. Барои ба даст даровардани кокс ангишти Рур васеъ истифода мегардад. Ҷои аввалро дар металлургия Германия гирифтааст (30 млн т чӯян ва 45 млн т оҳан дар соли 1997), баъди он Италия меистад, ки 26 млн т оҳан, Франсия ва Британияи Кабир (19-20 млн т) меистад. Содироткунандагони азим пӯлод Германия, Франсия, Белгия ва Люксембург мебошанд.

***Металлургияи рангаи*** Аврупои Ғарбӣ консентрати маъданро аз Африка ва Амрико васеъ истифода менамояд ва танҳо соҳаи муҳими он – истеҳсоли алюминий (3 млн т коркарди аввалаи металл ба соли 1995 рост меояд) – тахминан нисфи он ба маҳсулоти маҳаллӣ такя мекунад. Аввалин мамлакатҳои гудозандаи алюминий – Норвегия (0,9 млн т) ва Германия (0,5 млн т) мебошанд.

Соҳаи пешбарандаи саноатӣ дар Аврупои Ғарбӣ - ***мошинсозӣ*** буда, зиёда аз 1/3 ҳиссаи тамоми индустрия ва арзиши маҳсулоти саноатӣ рост меояд. Ин ҷо 25-30% маҳсулоти мошинсозии ҷаҳонӣ бароварда мешавад, минтақа – аввалин дар ҷаҳон истеҳсолкунанда ва содиркунандаи мошин ва таҷҳизоти мошин мебошад, ки тамоми соҳаҳои асосии мошинсозӣ инкишоф ёфтааст. Дар ин ҷо тақрибан 45% истеҳсоли ҷаҳонии дастгоҳҳо ва мошинҳои прессӣ-оҳангарӣ ҷой дошта, Германия дар ин самт танҳо аз Япония ақиб мемонад. Истеҳсолкунандагони калонтарини дастгоҳҳои мошинсозӣ – Италия ва Швейсария мебошанд.

Аҳамияти ***мошинсозии нақлиётӣ*** низ хеле калон аст, махсусан, соҳаи асосии он – *автомобилсозӣ* аст. Истеҳсоли автомобилҳо дар солҳои охир 13-15 млн ададро (аз онҳо 85% сабукрав) ташкил медиҳад, аммо 1/4 ҳиссаи он ба саҳми филиалҳои ширкатҳои америкоии дар Аврупо буда рост меояд. Саноати автомобилӣ – зиёда аз 2/5 мошинҳои нав, ки дар заводҳои пешбари ширкатҳои «Фолксваген» ва «Даймлер-Бенс»-и Германия, «Рено» ва «Пежо-Ситроен»-и Франсия, «Фиат»-и Италия, «Ровер груп»-и Британияи Кабир бароварда мешавад. Дар Германия ҳар сол зиёда аз 4 млн автомобил, дар Франсия – зиёда аз 3 млн, 1,8 млн дар Италия, Испания ва Британияи Кабир истеҳсол мешавад. Дар аксари дигар мамлакатҳои минтақа танҳо заводҳои қисмҳои автомобилӣ мавҷуданд. Умуман бо саноати автомобилсозӣ 10 млн одам сарукор дорад.

Аврупои Ғарбӣ то ҷанги Дуюми ҷаҳонӣ маркази ҷаҳонии киштисозӣ буда, махсусан дар киштисозии Британияи Кабир мавқеи калонро ишғол мекард. Аммо ҳоло киштисозии маҳаллӣ аз Япония ва Кореяи Ҷанубӣ сахт ақиб мемонад. Бо сабаби бӯҳрон истеҳсоли киштиҳо хеле кам гардид; солҳои охир тоннажи баровардани киштиҳо ба баҳр 3-3,5 млн бррегтро ташкил медиҳад. Солҳои 90-ум Германия, Италия ва Дания дар сафи пеш меистоданд.

Аврупои Ғарбӣ дар соҳаи истеҳсолӣ ҳавопаймоӣ ва саноати кайҳонӣ аз Амрико ақиб мемонад. Ин ҷо ҳавопаймоҳои истеҳсоли ИМА васеъ ба кор бурда мешаванд. Саноати мустақили гуногуни ҳавопаймоиро танҳо Франсия ва Британияи Кабир доранд. Бо сабаби паст гардонидани рақобати ҳавопаймоҳои азими ИМА ширкатҳои намоёни ҳавопаймоии Аврупои Ғарбӣ бо дастгирии мақомотҳои давлатӣ

истеҳсоли самолётҳои худ (аэробусҳо, ҳавопаймоҳои ҳарбӣ ва ғайраро) ба роҳ монданд. Соли 1998 ширкати франсавӣ-британии «Эрбас» ташкил шуд, ки аз рӯи миқёси истеҳсоли лайнерҳо ва дигар техникаи ҳавопаймоӣ рақобатро ба «боингҳо» ба вуҷуд овард. Штаби «Эрбас» - дар шаҳри Тулуза воқеъ аст. Пешсафи техникаи ракетӣ – кайҳонӣ – Франсия мебошад. Ракетаҳои вай «Ариан» барои баровардани ҳавопаймои ИА ва дигар мамлакатҳо истифода мешавад.

**Саноати электротехникӣ ва электронӣ** бо миқёси худ, сохтори соҳавии мураккаб, аппаратураи электронӣ, радиоӣ ва телефонӣ дар сафи пеш аст. Дар ин соҳа ҷойи аввалро Германия (ширкати «Сименс» ва дигар ширкатҳо) мегирад, тахминан ду маротиба поинтарро Британияи Кабир ва Франсия ишғол мекунад, Италия – яке аз калонтарин дар ҷаҳон истеҳсолкунандаи яхдонҳо ва мошинҳои ҷомашӯӣ аст, Нидерландия истеҳсолкунандаи («Филипс») телевизорҳо ва радио, лампаҳо, дастгоҳҳои рентгенӣ ва тиббӣ мебошад. Бо андозаҳои калони мошинсозии ҳарбӣ Фаронса, Британияи Кабир ва Олмон ҷудо меистад. Франсия, Германия Британияи Кабир ва Италия агентии аврупоии ҳарбиро ташкил кардаанд. Вазифаи он коркарди якҷояи барномаҳои ҳарбӣ ва намунаи яроқҳо мебошад. Аз рӯи дараҷаи умумии инкишофи мошинсозии мамлакатҳои Аврупои Ғарбиро ба чунин гурӯҳо ҷудо мекунанд: 1) Олмон – мамлакати дараҷаи баланди инкишофи мошинсозӣ, самти васеи он (дар якҷоягӣ бо Япония) аз рӯи нархи содироти маҳсулоти мошинсозӣ. 2) Франсия, Британияи Кабир ва Италия мамлакатҳои самти васеъдоштаи мошинсозӣ, 3) Швейсария, Авсрия, Шветсия, Нидерландия, Белгия, Норвегия, Финляндия, мамлакатҳои дараҷаи баланди инкишофи соҳаҳои алоҳидаи мошинсозӣ, ки ба содирот равона карда мешаванд. 4) мамлакатҳои дараҷаи миёнаи мошинсозӣ дошта – Испания, Ирландия, Дания; 5) мамлакатҳои дараҷаи пасти инкишофи мошинсозӣ – Юнон, Португалия, Исландия мебошанд. Дар ин мамлакатҳо мошинсозӣ дар сохтори саноат танҳо 15-20% - ро ташкил дода, аҳамияти калонро коркарди металл, истеҳсоли мошинҳои на он қадар мураккаб, ҷамъкунӣ ва таъмири воситаҳои нақлиёт доранд. Аврупои Ғарбӣ дар соҳаи саноати химиявӣ мавқеи пешбарандаро дар ҷаҳон дорад; ин ҷо тахминан 1/5 ҳиссаи тамоми химикатҳо дар ҷаҳон баровардa мешаванд ва нисфи зиёди ин маҳсулот содир карда мешавад. Баъди ҷанги Дуюми ҷаҳонӣ солҳои зиёд суръати саноати химиявӣ дар маҷмӯъ аз дигар соҳаҳои саноат дар пеш буд. Махсусан, нефтухимия тез пеш мерафт, ки маҳсулоти содиротӣ ба ҳисоб мерафт. Корхонаҳои соҳа асосан дар наздикии бандарҳо сохта мешуданд. Дар солҳои охир бошад, суръати он паст гардида, ба бӯҳрон дучор шуд. Сабабҳои асосӣ: кам гардидани талабот ба бисёр химикатҳои «анъанавӣ», сохторҳо ва технологияи азнавсозии истеҳсолот, васеъ кардани воридоти химикатҳо аз рӯи нархи паст аст. Дар солҳои 90-ум соҳаи истеҳсоли доруворӣ ва пластмасс дар сафи пеш буд. Акнун аз 10 сармояи аз рӯи ҳаҷм калонтарини саноатии Аврупои Ғарбӣ сетоаш дар фармасевтика фаъолият доранд. Химикатҳо 20% нархи тамоми маҳсулоти саноатии минтақаро ташкил медиҳад. Аксари мамлакатҳо бо тахассусҳои зерин: Германия – маҳсулоти рангубор ва пластмасс, Франсия – каучуки синтетикӣ, Белгия – нуриҳои химиявӣ ва истеҳсоли сода, Шветсия ва Норвегия – нерӯи барқ ва химияи беша, Шветсария – фармасевтика (дорусозӣ) ва ғайра машҳӯранд. Умуман дар тамоми соҳаҳои саноати химияи минтақа нақши Германия, баъдан Франсия ва Британияи Кабир калон мебошад.

**Саноати сабуки** Аврупои Ғарбӣ давраҳои вазнинро аз сар гузаронида истодааст, ки дар оғози асри XX ҳолати пешсафро дар ҷаҳон дошт. Яке аз сабабҳо – барҳамхӯрии бозори берунӣ бо сабабҳои суръати баланди истеҳсоли матоъҳо, либос ва пойафзол дар мамлакатҳои тараққикарда ва воридоти васеи ин молҳо, махсусан либоси болопӯш мебошад. Ба Аврупои Ғарбӣ бартарият дар истеҳсол ва истифодаи матоъҳои пашмӣ, маҳсулотҳои «ошёнаҳои баланд»-и саноати сабук, ба мисли мӯина, қолинҳо, ашёи варзишӣ-люкс, мебели қиммат ва косаю табақ, бозичаҳо, зару зевари ороишӣ бартариро нигоҳ доштаанд. Мамлакатҳои аввалин – истеҳсолкунандагон

дар ин самт – Германия ва Италия мебошанд. Содироткунандагони пешсафи ҳамаи намудҳои маҳсулоти бешавӣ (аз ҷумла, қоғаз) – Финляндия ва Шветсия мебошанд.

**Хоҷагии қишлоқи** Аврупои Ғарбӣ дар маҷмӯъ бо дараҷаи баланди инкишофи истеҳсолӣ ва молӣ тавсиф шуда, ҷои намоёнро дар хоҷагии қишлоқи ҷаҳонӣ ишғол менамояд; инҷо 12-15%-и ғалла, тақрибан 20% гӯшт ва 30% шири ҷаҳонӣ истеҳсол карда мешавад.

Дар се даҳсолаи охир азнавмусаллаҳсозии техникии хоҷагии қишлоқ ба «танг карда баровардани» қисми назарраси хоҷагиҳои майда оварда расонид, аз замин 2/3 коргаронро «озод намуд» ва ба баландшавии маҳсулнокии меҳнат дар комплекси агросаноатӣ мусоидат кард.

Дар шароити бӯҳрон барзиёдистеҳсолкунӣ таъсири амиқро ба инкишофи хоҷагии қишлоқ сиёсати аграрии ИА (нақшаҳои «Аврупои сабз») расонид, ки он нисфи тамоми хароҷотҳои буҷаи иттифоқро фурӯ мебарад. Мақомотҳои ИА бозори хоҷагии қишлоқ ва нархҳоро оид ба маҳсулот ҷиддӣ назорат мекунанд, ҳимояи истеҳсоли маҳаллиро аз воридоти молҳои арзишашон паст таъмин намуда, системаи квотаро ба паст гардонидани миқёси истеҳсоли ғалла, шир, шакар, шароб равона месозанд. Диққати асосӣ ба баландбардоштани сифати маҳсулоти хоҷагии қишлоқ, самаранокии истеҳсолот, ҳифзи муҳити табии атроф ва истифодаи заминҳои каммаҳсул, ки онҳоро аз истифодаи самараноки хоҷагии қишлоқ дур месозанд, барои бунёди бешазор ва дигар мақсадҳо дода мешавад.

Зери таъсири интегратсияи минтақа махсусгардонии хоҷагии қишлоқи мамлакат тез боло рафтааст. Акнун, Италияро, мамлакати «боғу обчакорӣ» ва Данияро «фермаи чорвопарвари»-и Иттиҳоди Аврупо меноманд. Ҷои махсусро дар хоҷагии қишлоқи на танҳо минтақаҳо, балки ҷаҳон Нидерландия ҳам аз рӯи дараҷаи инкишоф ҳам аз рӯи миқёси содироти молҳои сифаташон баланд (маҳсулоти ширӣ, тухм, сабзавот, гулҳо ва ғайра) ишғол менамояд.

Дар муносибатҳои аграрӣ ва аз рӯи дараҷаи инкишофи хоҷагии қишлоқ, маҳсулнокии он то ҳол нигоҳ дошта шудааст. Агар дар мамлакатҳои Аврупои Шимолӣ ва Миёна асосан гузариш ба истеҳсоли калони молӣ (ки онҷо чорводорӣ, хукпарварӣ ва паррандапарварӣ бартарӣ доранд) ба охир расида бошад, аммо дар Ҷануби Аврупо ҳоло ҳам боқимондаҳои феодалӣ дар хоҷагии қишлоқ дучор мешаванд. Мавқеи калонро дар ин масъала корпоратсияҳои хоҷагии қишлоқ ва иҷораи замин мебозад. Омилҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва табиӣ назар ба ИМА ва Руссия муайян гардида, чорводориро дар хоҷагии қишлоқи Аврупои Ғарбӣ рушд додааст, растанипарварӣ равнақи кори ин соҳаро тахмин менамояд. Дар баъзе мамлакатҳо зироҳатҳои хӯроки чорво назар ба соҳаи хӯроквории аҳолӣ масоҳати калонро фаро гирифтаанд.

Масоҳати заминҳои хоҷагии қишлоқ қариб нисфи масоҳати минтақаро ишғол мекунад. 24% заминҳои шудгор, 16% - чарогоҳҳо ва 4% - зироатҳои бисёрсола ишғол кардаанд. Зироатҳои муҳимтарини ғалладонагӣ гандум ва ҷав (тақрибан 45-50 ва 25% аз ҳисоби умумии ғалладонагӣ), боз 15-17% ҳиссаи ғалларо ҷуворӣ ташкил медиҳад. Ҳосилнокии зироҳатҳои ғалладона ғаллагӣ ба ҳисоби миёна назар ба ИМА 2 маротиба зиёд (зиёда аз 50 с/га) мебошад, ба чунин дастовард истифодаи нуриҳои минералӣ мусоидат кардааст. Тақрибан 1/3 ҳиссаи ҷамъоварии ғалладонагӣ ба саҳми Франсия рост омада – ягона содиротгари калони ғалладонагӣ дар минтақа ба ҳисоб меравад. Аврупои Ғарбӣ – истеҳсолкунандаи азими картошка (аввалинҳо – Германия ва Нидерландия), лаблабуи қанд (Франсия, Германия, Италия), сабзавот ва мева (Италия), ангур ва шароби ангурӣ (Франсия, Италия, Испания), зайтун (Испания, Италия) ва ғайра аст.

**Чорвопарварӣ** самти ширӣ-гӯштӣдошта назар ба ИМА, ду маротиба зиёд шир истеҳсол мешавад, , ҳарчанд ҳар ду минтақа аз рӯи истеҳсоли гӯшт баробаранд, танҳо Аврупои Ғарбӣ аз ИМА бо соҳаи хукпарварӣ ва каме аз паррандапарварӣ фарқ

дорад. Муайян шудааст, ки истеҳсоли шир ба як гов дар ИА – 4,2 ҳаз.л дар як сол буда ин нишондод дар Шветсия – 7,2 ҳаз.л. аст. Моҳияти чорвопарварии гӯштӣ баланд шуда, истеҳсоли гӯшти гов боло рафтааст, зеро талабот ба гӯшти гӯсфанд калон нест. Чорвои калони шохдор – 86 млн. сар (дар сафи пеш Франсия), хукҳо – 109 млн. сар (Германия), бузу гӯсфанд – 133 (аввалинҳо – Британияи Кабир ва Испания) мебошанд. Дар мамлакатҳои шимолӣ парвариши ҳайвонҳои муинадор инкишоф ёфтаанд, зеро шароитҳои иқлимӣ ва истеҳсоли хӯроки чорво мусоид мавҷуд аст. Аз рӯи истеҳсоли пӯсти муинадор Дания ва Финляндия дар якҷоягӣ бо ИМА ҷои якумро дар ҷаҳон ишғол кардаанд. Мамлакатҳои асосии моҳидорӣ: Норвегия, Дания ва Исландия мебошанд, ки 2,5 -1,8 млн т аст.

**Нақлиёт.** Аврупои Ғарбӣ - минтақаи хеле пешрафтаи нақлиётӣ буда, аз ҷониби давлат таҳти назорат гирифта шудааст. Нақлиёт мунтазам тараққӣ карда меистад. Дар мамлакатҳои ИА баъди ҷанги Дуюми ҷаҳон шабакаи нақлиётӣ пешрафта гаштааст. Аҳамияти азимро дар сохтор гузаронидани нақлиёт ҳавоӣ ва лӯлагӣ доранд. Ва бо сабаби рақобати нақлиёти автомобилӣ роҳҳои оҳан кам сохта мешаванд. Ҳамин тавр дар Британияи Кабир – дар ватани роҳҳои оҳан – аз оғози солҳои 60-ум дарозии роҳҳои амалкунандаи оҳан ба 1/3 маротиба кам гардид, дар минтақа бошад, ин намуди алоқа ба 25% поён фаромад. Фоизи як қатор намудҳои нақлиёти дохилӣ чунин аст: (т/км, соли 1997 баҳо): автомобилӣ – 74, роҳи оҳан – 14, лӯла – 5, обӣ – 7. Истифодаи автомобилҳо дар мусофиркашонӣ тақрибан 85 %-ро ташкил дода буд.

Тӯли умумии истифодаи хатҳои роҳи оҳан тақрибан 160 ҳаз. км мебошад, яъне 10%-и шабакаи ҷаҳонӣ аст. Зиёда аз 1/3-и роҳҳо электронидашуда (дар ИМА – 5%), нақлиёти электрикӣ зиёда аз ½маротиба кашонидани мусофирон ва борҳоро мегузаронанд. Автоматрисҳо ва вагонҳои моторӣ васеъ истифода мешаванд, аммо дар ноҳияҳои кӯҳӣ (Шветсария ва Шветсия) – то 90%-и тамоми кашонидани мусофиру борхо тавассути электровозҳо кашонида мешаванд. Роҳи васеи магистрали байни минтақаҳо – Лиссабон – Мадрид – Париж – Берлин (баъдан ба Варшава ва Москва), инчунин роҳҳои муҳимтарини – Лондон – Кале – Париж – Марсел, Гамбург – Мюнхен – Римро мепайвандад. Қисмати нави муҳим дар шабакаи роҳҳои оҳан (ва автомобилӣ) – туннели Ла – Манш мебошад, ки соҳилҳои Франсия ва Англияро ба ҳам мепайвандад.

Шабакаи зичи роҳҳои хуби автомобилӣ мавҷуд аст, ки дар байни онҳо зиёда аз 40 ҳаз. км барои ҳаракати босуръати автомобилӣ пешбинӣ шудааст. Роҳҳои зиёди моҳияташон байналмилалӣ мавҷуданд (Лондон – Франкфурт-дар –Майне – Вена – Белград – Стамбул, Лиссабон – Париж – Стокголм ва ғайра). Парки автомобилӣ – 175 млн, ки аз онҳо тақрибан 85%-ро сабукрав ташкил медиҳанд.

Дар баъзе мамлакатҳо (Британияи Кабир, Италия, Испания) ба саҳми автомобилҳо зиёда аз 85% муомилоти борҳои дохилӣ рост меояд.

Нақлиёти дохилии обӣ асосан барои кашонидани борҳои «ғайрисуръатӣ» истифода мешавад. Дарозии роҳҳои киштигард 30 ҳаз. км (нисфи он – каналҳо ва дарёҳо) мебошад. Фишанги асосии онҳо – Рейн мебошад, ки ба тариқи каналҳо қариб, ки бо ҳамаи дигар дарёҳои калони минтақа пайваст аст. Муомилоти борҳо дар он – 250-300 млн т дар як сол аст. Бинобар васеъ истифода гардидани нақлиёти рейнӣ иқтидори нақлиётӣ, дар Нидерландия, нақлиёти дарёиро зиёда аз 1/2 кашониданҳои борҳои дохилӣ ба роҳ мондаанд. Киштиҳои маъмули худҳаракати «европоӣ» (борбардориашон – 1350 т, фурунишинӣ – 2,5 м) мебошанд. Аҳамияти калонро барои минбаъда баландшавии кашониданҳои бор роҳҳои нави обии байналмилалии – Рейн – Майн – Дунай ва Рейн – Рона мебозад.

Бо сабаби тез баланд шудани истифодаи нафту газ дар солҳои 50-70-ум шабакаи алоқаҳои нафтию газӣ босуръат зиёд гардид.

Аз қадим дар ҳаёти халқиятҳои Аврупои Ғарбӣ нақлиёти баҳрӣ аҳамияти калон мебозид; он ба сифати кашонидани борҳо васеъ истифода мешуд. Тоннажи флоти тиҷоратии баҳрии мамлакати Аврупои Ғарбӣ - 94 млн бр.-рег. т, яъне тақрибан 1/4 тоннажи флоти баҳрии ҷаҳон аст. Норвегия ва Юнон аз рӯи андозаи флоти зери байрақи «арзон»-и онҳо ба об фиристода шуда, (22 ва 30 млн бр.-рег. т,-ро дар соли 1995) ташкил дода, дар ҷаҳон танҳо аз Либерия, Панама ва Япония ақиб мемонанд, ки онҳо даромадҳои калонро аз фрахтаҳо ба даст меоранд. Барои боркашонии баҳрӣ бандарҳои зиёд хизмат мерасонанд, ки зиёда аз 10 –тои онҳо киштиҳои борбардориашон зиёда аз 200 ҳаз. т,-ро доранд. Бандарҳои бузург оид ба муомилоти бор (млн т)-ро: Роттердам – 290, Антверпен – 102, Марсел – 88, Гамбург – 66, Гавр – 55, Лондон – 51 дорад.

Роттердам (1 млн аҳолӣ), ки дар наздикии Рейн дар маркази алоқаҳои Аврупои Ғарбӣ - «Бандари европоӣ» ҷойгир аст, - аз ҳама бандари калон ва универсалии ҷаҳон, ягона амалиётҳои нақлиётӣ ба ҳисоб меравад. Вазни борҳои воридшаванда назар ба баровардашаванда зиёд аст, зеро воридоти ашёи (нафт, ангишт ва дигар) зиёдтаранд, аммо дар мавриди баровардан дар қатори маҳсулотҳои нафтӣ ва ангиштӣ (аз Рур) аксари молҳои тайёри саноатӣ (мошинҳо ва таҷҳизоти химикатӣ) мебошад. Роттердам – маркази азимтарин дар минтақаи комплекси бандарӣ-саноатӣ мебошад. Дар ин ҷо идоракуниҳои корпоратсияҳои зиёди байналмилалӣ ҷойгир аст, ки аз он ҷумла «Ройл датч-шелл» ва «Юнилевер» бонкҳо мавҷуданд.

Дар кашонидани мусофирони байналмилалии ва алоқа, махсусан байни материкӣ нақлиёти ҳавоӣ васеъ истифода мешавад. Марказҳои калонтарини фурудгоҳҳои ҳавоӣ: Лондон, Париж, Франк-фурт-дар-Майне мебошад.

**Сайёҳӣ**. Аврупои Ғарбӣ - маркази асосии сайёҳии байналмилалӣ аст, ки 2/3 ҳиссаи тамоми сайёҳони хориҷиро дар ҷаҳон ба худ ҷалб мекунад. Минтақаҳои бештар аз тарафи сайёҳон диданӣ – Алп ва баҳри Миёназамин мебошад., ки одамонро бо иқлим, табиати афсонавӣ, ҷойҳои таърихии зиёд, базаи бонуфузи моддӣ-техникӣ ба худ ҷалб намудааст. Ба Алп ҳар сол зиёда аз 60 млн сайёҳон меоянд, ки чораҳои махсусро оид ба ҳимояи муҳити атроф талаб менамоянд. Хизматрасонии сайёҳон – соҳаи муҳими иқтисодиёти аксари мамлакатҳо, сарчашмаи бадаст даровардани маблағҳои калони асъори хориҷӣ, сабабгори сохтмони роҳҳои нақлиётӣ, меҳмонхонаҳо ва дигар сохторҳо барои сайёҳӣ, тиҷорат, азнавсозии касбу ҳунарҳои бобоӣ мебошад. Ба хизматрасонии сайёҳон дар минтақа зиёда аз 10 млн одамон ҷалб карда шуда, ин намуди асосии даромаднокии аксари ноҳияҳо маҳсуб меёбад.

Аз ҷиҳати шумораи, сайёҳони хориҷӣ ва даромади аз онҳо ба даст меомада Франсия, Испания ва Италия дар сафи пеш буда, дар байни солҳои 90-ум ба ҳар кадоми аз ин мамлакатҳо ҳар сол зиёда аз 30 млн сайёҳ меомад ва даромад аз ҳисоби сайёҳони хориҷӣ зиёда аз 10 млрд долларро ташкил медод. Аз ҷиҳати шумораи сайёҳон ва андозаи даромад аз онҳо ба ҳар сари аҳолӣ, Швейтсария ва Австрия дар пеш аст. Камомади асъории зиёдтарин аз мубодилаи сайёҳон ба Олмон рост меояд.

**Савдои беруна** – шакли аз ҳама муҳими алоқаҳои беруна дар байни мамлакатҳои Аврупои Ғарбӣ ба ҳисоб меравад. Миқёс савдои хориҷӣ пас аз ҷанги Дуюми ҷаҳон хеле афзуд, зеро аз хориҷа ашёи хоми минералӣ бештар ворид шуда, маҳсулоти тайёр содир карда мешавад. Махсусан, нақши минтақа аз рӯи воридоти ҷаҳонии барқӣ ва ашёи минералӣ ва дар содироти мошин ва таҷҳизоти мошинӣ, химикатҳо калон аст. Аз рӯи андозаи даромади савдои муҳимтарини маҳсулот мошинсозӣ Германия ҷои дуюмро дар ҷаҳон баъди Япония ишғол кардааст; ин нишондодҳо барои Италия ва Франсия низ калонанд. Муомилоти савдои берунӣ барои як сокини мамлакат дар Аврупои Ғарбӣ назар ба ИМА ва Япония 2 баробар зиёд аст ва аз 22-25 ҳаз долларро ташкил медиҳад. Ба саҳми мамлакатҳои минтақа тақрибан 40-45% муомилоти тиҷорати ҷаҳонӣ рост меояд, ки аз саҳми ИМА 3

маротиба зиёд аст. Солҳои охир нархи содирот аз нарх воридот гузаштааст. Тиҷорати паст махсусан дар Юнон, Испания, Португалия мебошад, аммо дар Германия – мамлакати дороиҳояш калону устувори савдои берунӣ буда, аз рӯи содироти асосии мошин ва таҷҳизоти мошинӣ ба вуҷуд омадааст. Дар аксари мамлакатҳо камомади тиҷорати беруна дар мувозина (балaнси) пардохтӣ аз рӯи даромадҳои аз содироти сармоя, сайёҳӣ, патентҳо ва литсензияҳо ва дигар сарчашмаҳо ба вуҷуд омада пӯшонида мешавад. Зиёда аз 60% амалиётҳои тиҷорати беруна ба савдои муомилотии мамлакатҳои минтақа байни худӣ рост меояд ва дараҷаи баланди интегратсияи мамлакатро тасдиқ менамояд, ки 16% ба тиҷорат бо ИМА, Япония ва дигар мамлакатҳои иқтисодии инкишоф намудаи бозорӣ; 20% - ба мамлакатҳои тараққиёбанда ва 4-5%- ба давлатҳои собиқ шӯравӣ (нисф - ба Руссия) рост меояд. Селаҳои асосии байнидавлатии молҳо: Германия – Франсия ва Германия – Нидерландия мебошад.

## 2.2 **Германия**

Масоҳаташ 357,0 км$^2$.

Аҳолиаш 82,5 млн. нафар.

Вазъи иқтисодӣ ва сиёсии Европаи Ғарбӣ аз кишварҳое, ки ба «ҳаштгонаи калон» шомиланд,вобастагии зиёд доранд. Яке аз онҳо Германия (ҶФГ), ки баъд аз Россия аз ҷиҳати шумораи аҳолӣ (зиёда аз 82,5 млн нафар ) ва маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ (ММД) ва аз рӯи иқтидори иқтисодиаш (баъд аз ИМА,РХХ ва Япония) дар ҷои чорум меистад . Парокандагии бисёрасринаи миллати немис аз бисёр ҷиҳат натиҷаи сохтори федеративии кунинии кишвар шуд ,ҳар яке аз 16 заминаҳои музофотҳои (расми 1.) он конститутсия ,парламент ва хусусиятҳои худро дорад.Натиҷаи ҷанги Дуюми ҷаҳонӣ ба ду тақсим шудани Германия ҶФГ ва ҶДГ ва аз даст додани минтақаҳои шарқии Германия ба мудирияти Полша ва ИҶШС шуд (Померания ва Селезия, Пуруссияи Ғарбӣ,) якҷояшавии Германия фақат соли 1990 сурат гирифт ва Германия ягона срҳадҳои баъди ҷангӣ Дуюми ҷаҳонӣ ба амал омадаро эътироф кард .

*Расми 1. Сарҳади музофоти давлатӣ*




*I – Шлезвиг-Гольштейн; II – Мекленбург-Поперенияи аввал; III – Бранденбург; IV – Саксония-Анхальт: 1 – Дессау, 2 – Галле; 5 – Саксония; VI – Тюрингия; VII – Бовария: 1 – Франконияи поён, 2 – Франконияи боло, 3 – Франконияи миёна, 4 – Пфалци боло, 5 – Боварияи поён, 6. Боварияи боло, 7 – Швабия, VIII – Баден-Вюртемберг: 1 – Штутгарт, 2 – Карлсруэ, 3 – Тюбинген, 4 – Фрайбург; IX – Саар; X – Рейнланд-Пфальц: 1 – Трир, 2 – Кобленц, 3 – Рейнгенссен-Пфальц,; XI - Гессен: 1 – Кассель, 2 – Гисен, 3 – Дармштадт; XII- Северный Рейн-Вестфалия: 1 – Дюссельдорф, 2 – Мюнстер, 3 – Детьмолд, 4 – Арнсберг, 5 – Кёльн; XIII - Саксонияи миёна: 1 – Везер-Эме, 2 – Люнебург, 3 - Ганновер, 4 –Брауншвейт; XIV – Гамбург; XV – Берлин; XVI – Бремен.*

Германия кишварест, ки маданияти барҷастаи таърихӣ надорад. Мақоми пойтахтро Берлин ва Бонн доранд,суди федералии конститутсионӣ дар Корлслуэ, Бундесбанк дар Фанкфурт, Суди федералии андоз дар Мюнхен, Мудирияти федералии Омор дар Висбаден ҷойгиранд.

**Мавқеи географӣ ва табиат.** Дар Европаи Марказӣ ҷойгир шудани Германия бо мавҷудияти миқдори зиёди кишварҳои ҳамсоя фарқ мекунад. (9 кишвар), ки онҳо калонтарин ҳарифони тиҷоратии Германия мебошанд (Белгия, Люксембург, Нидерландия, Франция) ё бо онҳо хешии этники ва забонӣ доранд (Австралия,Шветсария).

Кишварҳои ҳамсоя баромади Германияро бо тамоми минтақаҳои Европа таъмин мекунанд.Дар маркази Европа ҷойгир будан ба Германия имкояти таъсиири васеъ ва характери хоси рушди таърихӣ ва хоҷагиро фароҳам овард.

**Аҳолӣ.** Дар бораи аҷдодони немисҳои кунунӣ –тевтонҳо дар давраҳои антиқа маълум буд. Қабилаҳои қадимаи немисҳо ба шимолигерманиӣ,ғарбигерманӣ ва

шарқигерманӣ ҷудо мешуданд. Якуминҳо дар соҳили Рейн,соҳили шимолии баҳр ва соҳили Элба зидагӣ мекарданд.Дуюминҳо ҷанубии Скандинавия ва Данияи ҳозираро ишғол мекарданд.Дар Балтика ва болооби Одер қабилаҳои шарқигерманӣ –вандалҳо зиндагӣ мекарданд .Германиҳо мардуми ҷангӣ(ҷанговар) буданд, нотарсу ҷасур ва аз ин ҷиҳат аз ҳамсояҳо боло меистоданд .

Миллати ягонаи немис яке аз миллатҳои ҷавонтарини Европа мебошад. Ба немисҳо кӯҳанпарасти (архоизм) хос нест.Меҳнатустӣ ,сарфакорӣ ва интизомнокӣ дар бартараф кардани марҳилаҳои душвори таърихи милат ва сохтани ҷамъияти пешрафтаи немис ёри расонданд.Аз ҷиҳати аҳоли (зиёда аз 82,5 млн нафар) Германия ҳоло дар Европаи хориҷӣ пешсаф аст. Зиёда аз 90% аҳолиро немисҳо ташкил медиҳанд. Аҳолии боқимондаро туркҳо, италиянҳо,юнониҳо, хорватҳо, сербҳо, даниягиҳо, (50 ҳазор), сербҳо (қариб 100 ҳазор) ва ғайра зиндагӣ мекунанд. Немисҳо ба миллатҳои пиршудаистода дохил мешавад. Соли 2040 қисми аҳоли, ки синашон аз 60 боло ҳоло 21% то 32% меафзояд. Пиршавӣ ва мувофиқи он камшудани аҳоли Германия (дар арафаи соли 2040 аҳоли то ба 72 млн нафар мефарояд) минбаъд идома меёбад. Боздошти аҳолӣ ба муҳоҷират вобаста мегардад. Паҳншавии аҳоли (зичии ҷойгиршави) дар Германияи кунуни нисбатан як хела аст. Поясҳои асоси паҳншавии аҳоли агломератсияҳо ва шаҳрҳои аҳмияти ҷаҳони дошта (Гамбур Мюнхен, Кёлн, Штутгарт) аҳмияти милли дошта (Бремен, Ганнове, Дрезден, Лейпсиг) ва шаҳрҳои мақоми минтақавӣ дошта (Кил, Кассел, Вюрс-бург, Магдебург) ташкил медиҳанд. Узвҳои асосии сохторо камуникатсияҳои асосии нақлиёт ташкил медиҳанд.Дар ин система ҷои махсусро Берлин(3,6 млн нафар) ишғол мекунад, пойтахти кишвар дар Германия роли асосиро мебозад.

Берлин охири асри XII ва аввали асри XIII дар чорраҳаи назди дарёи Шпрее дар байни Элба ва Одер тахминан 177 км. дуртар аз соҳили баҳри Балтик чун шаҳрчаи начандон калони тиҷорати пайдо шуд. Аввалан вай аз ду қисм: Кёлн дар ҷазираи дарёи Шпрее ва соли 1470 Берлин дар шимолтари дарёи Шпрее. Соли 1307 ҳардуи онҳо иттифоқ баста соли 1432 як шуданд ва Берлин-Кёлн пойтахти Бранден Бург шуд. Соли 1871 баъди ғалабаи Пруссия дар ҷанги Франсия-Пруссия, Берлин пойтахти Империяи Германияи азнавсохташуда шуд. ҶФГ кишвари протестанҳо ва католикҳост (якуминҳо зиёдтаранд). Нисбати онҳо ба натиҷаи интихобот дар заминҳо (мухторият – музофотҳо) ва нисбати қувваҳои сиёси дар минтақиҳо таъсири калон доранд. Давлати Подшоҳии (Кароли) Германия дар аввали асри X таъсис ёфт.

Вай минтақаҳои байни Рейн ва Элба,доманаҳои Алп,ҷараёни миёнаи Дунай ва баҳри Шимолиро ишғол мекард. Соли 962, Империяи Муқаддаси (Священная) Римии миллати немис сохта шуд,ки он давлати пешқадами Европа шуд. Империя аз омехтаи монархияҳои тобеъ ва озод иборат буд ва то соли 1806 арзи ҳастӣ кард .Соли 1871 Германия таҳти роҳбарии Прусия ба давлати мутамарказ табдил ёфт. Дар ин вақт даври «грюндерӣ» -индустриализация сар шуд. Мамлакат бо сурът тараққӣ мекард, фаолияти сиёсӣ пеш мебурд. Ҷанги Якуми ҷаҳон (соли 1914-1918) барои мамлакат санҷиши ҷиддӣ буд, ки дар ҷараёни он Германия шикаст хурд. Пас аз ҷанг соли 1919 дар Германия Ҷумҳурии Веймари эълон карда шуд. Охири соли 1920 ва аввали соли 1930 дар шароити бӯҳрони чуқури иқтисодӣ ба сари ҳокимият фашистон омаданд. Дар мамлакат режими диктатураи терористии Гитлер -рейхи Сеюм барқарор шуд. Мақсади фашистон тайёрӣ ба ҷанги ҷаҳонии нав буд. Ҷанги Дуюми ҷаҳониро (1939-1945) сар карда, Германия боз худро зидди ҷаҳон гузошт .

Мағлубият дар ин чанг Геманияро бо харобӣ, забт ва порашавӣ овард.Соли 1949 ду давлати Германӣ таъсис ёфтанд –Республикаи Федеративии Германия (РФГ аз минтақаи ишғолкардаи америкаиҳо ,ангилисҳо, французҳо иборат), ё Германияи Ғарбӣ ва Республикаи Демократии Германия (РДГ) ё Геманияи Шарқӣ. Шаҳри Берлин ҳам ба қисми Ғарбӣ ва Шарқӣ тақсим шуд.

Берлини Шарқӣ пойтахти РДГ шуд. Берлини Ғарбӣ, ки дар маркази РДГ воқеъ буд мақоми махсус гирифт,ки мувофиқи созишномаи чорҷонибаи байни

ИҶШС, ИМА, Британияи Кабир ва Франсия идора карда мешуд. Дар давраи мавҷудияти ҷудогона ҶФГ яке аз давлатҳои тараққикардаи ҷаҳон шуд, РДГ – «намоишгоҳи сотсиализм» шуд.

Нимаи дуюми асри XX зери парчами зиддияти байни Ғарб ва Шарқ Гемания гузашт. Пош хурдани ИҶШС ва системаи ҷаҳонии сотсиализм ба барҳам хӯрдани таъсири Шуравӣ дар кишварҳои Европаи Марказӣ –Шарқӣ овард. Дар натиҷа октябири соли 1990 якҷояшавии ду Германия ба амал омад. ҶДГ ва Берлини Ғарбӣ ба ҳайати ҶФГ дохил шуданд.

**Сардори (роҳбари) Федеративии Германия** Президенти федералӣ мебошад, ки вай асосан вазифаҳои намояндагиро иҷро мекунад. Ҳокимияти иҷроия дар дасти сардори (роҳбари) ҳукумат канселери федералӣ мебошад ,ки вай пешвои ҳизбиест ,ки дар парламент аксариятро ташкил мекунад. Канслери федералӣ шахси асосии давлатест, ки равияҳои асосии сиёсати давлатро муайян мекунад. Ҳокимияти қонунгузорӣ ба парламент таалуқ дорад, ки он аз як палата Бундестаг иборат аст. Ҳизбҳои сиёси аз ҳизбҳои насронӣ, демрократӣ (ҲНД) ва ҳизби сотсиал демократии Германия (ҲСДГ) иборат мебошанд. Солҳои гузашта Германия фаолияти худро кулан тағйир дод. Дар ҳаёти дохилии давлат ҳали мушкилоти мураккаби муттаҳишавӣ (якшавӣ), ки ақибмонии заминҳои нави шарқӣ ва заминҳои кӯҳнаи ғарбӣ аз рӯи тамоми нишондиҳандаҳо ба миён гузошта шуд. Дар арсаи байналхалқӣ кӯшиши ишғол кардани ҷои нав дар Европаи тағирёфтаистода ва ҷаҳон аст. Сиёсати Германия фаро расидани давраи нави таърихи Европа ва ҷаҳонро эҳсос кард ,ки ин зиддият бояд ба ҳамкорию ҳамбастагии тамоми кишварҳо иваз карда шавад.

**Иқтисодиёт**. ҶФГ-мамлакати иқтисодии индустриалӣ дошта мебошад, ки дар он 2/3 ҳисса ба соҳаи хизматрасонӣ, 1/3 ҳисса ба саноат ва фақат1% ба хоҷагии кишоварзӣ, ҷангал ва моҳидорӣ тааллуқ доранд. Иқтидои иқтисоди Германия дар Европа ҷои якум, дар ҷаҳон ҷои чорум мебошад.(ИМА,Хитой ва Япония). То якҷояшавӣ Германияи Ғарбӣ ва Шарқӣ системаҳои хоҷагидории ҳархела доштанд. Дар ҶФГ модели иқтисодии «хоҷагии бозоргонии иҷтимоӣ» тараққӣ кард, ки он самаранокии баланди иқтисоди бозоргонӣ ва сатҳи баландтарини ҳаёти тамоми аҳолиро таъмин кард. Дар ҶДГ хоҷагии плании марказонидашуда ҳукронӣ мекард. Баъди якҷоя шудани заминҳои Гарбӣ ва Шарқӣ дар соли 1990 дуюминҳо аз бисёр ҷиҳатҳо дар ҳолати касодӣ монданд.

**Саноати кӯҳӣ** бо сабаби камчинии захираҳои менералӣ асосан аз истихроҷи ангиштсанг ва намакҳои калийи иборат аст. Ангиштсанг дар ҳавзаҳои Рур ва Саар ва инчунин ҳавзаҳои ангиштсанги сиёҳтоби Кёлн ва Силезия истеҳсол карда мешаванд. Ҳар сол зиёда аз 200 млн тонна (аз ҷумла 175 млн тонна ангишти сиёҳтоб дар ҷаҳон ҷои якум) истеҳсол карда мешавад. Саноати ангиштсанг самаранокии ками иқтисодӣ дорад, бинобар ин бо бюдҷети давлатӣ дастгирӣ карда мешавад. Гази маҳаллӣ ҳамаги сеяки талаботи саноатро таъмин мекунад, истеҳсоли нефт умуман ночиз аст.

Аз ин лиҳоз Германия маҷбур шуд ,ки ҳаҷми калони нефтро аз кишварҳои халиҷи Форс, Африкаи Шимолӣ ва Россия, гази табиирo аз давлатҳои ҳамсоя Ниделандия, Норвегия ва Россия бихарад. Намакҳои калйӣ дар Саксонияи Поёнӣ ва Гессен истеҳсол карда мешавад.

**Электроэнергетика** асосан ба неругоҳҳои барқии ҳарорати атомӣ такя мекунад. Ҳиссаи нерӯгоҳҳои атоми қариб ва сеяки тамоми қувваи барқии дар кишвар истеҳсолшавандаро ташкил медиҳад (зиёда аз 540 млрд кВт соат), солҳои охир дар тамоми кишвар истифодаи таҷҳизоти барқии бодӣ (шамолӣ) васеъ ҷорӣ шудаистодааст.

**Саноати коркардабарорӣ** соҳаи асосии индустрияи кишвар мебошад .Корхонаҳои металургияи сиёҳ (гудохта гирифтани пӯлод 45 млн тонна Германия

дар ҷаҳон ҷои чорумро ишғол мекунад) асосан дар замини Рейни Шимолӣ Вестфалия (Дуйсбург, Дортмунд) ҷойгир аст. Ба сифати ашёи хом оҳанпораҳо (металлпора) истфода бурда мешавад, ки он қариб нисфи талаботи соҳаҳоро таъмин мекунад. Пӯлод қариб ҳама вақт чун прокат ва қубур ба хориҷа бароварда мешавад. Металургияи ранга низ бо ашёи овардашуда ва оҳанпораи металли кор мекунад(масалан, мис қариб 90%). Аз рӯи истеҳсоли алюминийи аввалия Германия дар Европа ҷои аввалро ишғол мекунад. Дар умум саноати металлургии Германия ҳоло асосан дар коркарди дубораи металҳо гирд оварда шудааст. Гузаштани соҳа ба ашёихоми аз берун овардашаванда ҷойгиронии соҳаро ба назди бандарҳо овард. Аз ин сабаб марказҳои калони металургӣ Гамбург ва Бремен шуданд.

**Мошинсозӣ** – соҳаи асосии саноати Германия мебошад. Мошисозӣ 50% ҳаҷми содироти кишварро ташкил медиҳад. Соҳа аз мошинсозии умумӣ асосан дар Бовария, Баден –Вюртемберг ва Рейни Шимолӣ -Весфалия ҷойгир шуданд, ки дар он таҷҳизоти навтарин ва баландмаҳсул барои корхонаҳои саноатӣ ва нерӯгоҳҳои барқӣ истеҳсол карда мешаванд. Саноати автомобилсозӣ дар як сол қриб 6 млн автомобилро истеҳсол мекунанд. Заводи калонтарини автомобисозӣ дар Волфсбург (ширкати «Фолксваген»), Штутгард («Даймлер-Бенс»), Кёлн («Форд»), Франкфурт дар Майн («Опел»), Мюнхен («БМВ»), Хайлброне («Ауди») ҷойгир шудаанд. Филиалҳои ин заводҳо дар шаҳрҳои дигари кишвар Берлин, Бремен, Гамбург, Ганновер, Мангейм, Мюнхен, кушода шуданд. Марказҳои калони киштисозӣ Бремен (бо Бремерхафен), Гамбург, Кил, Любек, Пансенбург, Эмден мебошанд. Соҳаи мошинсозӣ инчунин ҳавопаймоҳои (самолётҳои) ҳарби ва граждани истеҳсол мекунанд (Мюхен), таҳҷизотҳои оптикӣ –механикӣ (Баден –Вютемберг, Тюрингия) ва таҷҳизоти полиграфӣ (дар ҷаҳон дар ҷои якум) истеҳсол мекунад. Истеҳсоли асбобу анҷоми электротехникӣ васеъ ба роҳ монда шудааст (ширкатҳои «Бош» «Грюндиг» «Миле» «Томас»). Марказҳои истеҳсоли пӯлод (Гамбург, Гонновер, Мангейм, Мюнхен, Нюрнберг, Франкфурт дар Майн, Штутгарт) мебошанд. Тараққии бо суръати электротехника дар ҷануби Германия дар ташаккулёбии минтақа Истеҳсоли «хайтек» техникаи баланд (Мюнхен-Аутсбург-Улм-Штутгарт) мусоидат кард.

**Саноати химия** дар Германия ҷои думро ишғол мекунад. Номгӯи васеъи маҳсулоти баландтехнологӣ –кислотаҳо, нуриҳои менералӣ, рангҳо, лакҳо, доруворӣ, маҳсулоти нафти истеҳсол карда мешавад. Ҳиссаи молҳои химиявӣ зиёда аз 10%-и маҳсулоти тамоми истеҳсолот ва содироти Германияро ташкил медиҳад. Ширкатҳои калонтарин «Байер» «Хехст» «БАСФ» мебошанд. Корхонаҳои асосии соҳа дар ноҳияи Рур ва бандарҳои баҳрӣ ҷойгиранд. Зводҳои калотарини коркарди нефтро Весселинг (дар назди Кёлн), Гелзенкирхен (Ноҳияи Рур), Гамбург, Карлеруэ, Ингольштадт сохта шуданд. Марказҳои нави саноатӣ химявӣ Леверкузен, Франкфурт дар Майн, Людвсхафен ва ғайра ба ҳисоб мераванд.

**Саноати сабук ва хӯрока** соҳаҳои тараққи карда ба ҳисоб меравад. Саноати сабук ба истеҳсоли пойафзоли ҷармин ва нассоҷӣ машҳур аст. Дар соҳаҳои хӯрока ва саноати пивопазӣ ва тамоку чашмрасанд. Соҳаҳои зиёди саноат дар асоси ашёи хоми ватанӣ кор мекунанд,боқимондаҳо аз воридот вобастаанд. Ҷойгиршавии корхонаҳои саноати сабук ва хӯрока аз ашёи хом вобаста аст. Истеҳсоли маҳсулоти чинигии анъанавӣ (чинии майсен дар ҷаҳон машҳуртарин аст) дар Гемания мебошад,истеҳсоли коғаз дар Саксония ва Бранденбург ба роҳ монда шудааст.

Дар соҳаи кишоварзӣ қариб 500 ҳазор хоҷагиҳои фермерӣ мавҷуданд,ки дар онҳо 1,3 млн одам кор мекунад. Германия ҳама вақт бо сатҳи баланди рушди хоҷагии кишоварзӣ ва маблағгузории он аз дигарон фарқ мекард. Маблағгузорӣ ба соҳаи кишоварзӣ ва ҳиссаи калони заминҳои обёришаванда ва ҳаҷми калони истифодаи нуриҳо органикӣ ва минералӣ рост меояд. Бо сабабҳои хоси иқлимии худ дар сохтори хоҷагии кишоварзии Германия чорводорӣ нисбат ба растанипаварӣ бартарӣ дорад. Растанипарварӣ ҳозир ҳам асосан барои таъмин кардани ҷорво бо хӯрока

нигаронида шудааст. Дар соҳаи чорводорӣ парвариши чорвои калони шохдор ва хукпкрварӣ мақоми асосӣ доранд.

Гарчанде ки тақсимот ва зичии миёнаи ҷорвои калон шохдор дар Германия хеле калон аст, ин нишондод дар ҷануби кишвар боз ҳам калонтар аст, дар шимол бошад-миқдори хукҳо нисбат ба дигар минтақаҳо зиёдтар аст. Дар байни растанипарварӣ (бо истиснои зироатҳои хӯрокаи ҷорво) гандум, сӯлӣ, картошка, ҷавдор, лубиёгиҳо ва лаблабуни қанд зиёдтаранд. Ноҳияҳои ассосии истеҳсоли гандум Вюртемберг ва Бавария, ҷавдор, бошад – Бранденбург мебошанд. Браунгивайг ва Гановер лаблабуни қанд- Германияи Миёна мебошанд. Зироатҳои хӯрока маккаҷуворӣ, картошка ҷав ва сӯлӣ дар тамоми кишвар парвариш мешавад. Умум он дар тақсимот минтақавии парваришии зироатҳо мақоми асосиро шароити табиӣ мебозад (тазвиҷи захираи гармӣ, намӣ ва замин), дар чорвопарварӣ - муҳайё будани хӯрокии лозимӣ мебошад.

Соҳаи кишоварзии пурсамар рушди саноати бисёрсоҳаи хӯрокаро муайян мекунад. Баъзе самтҳи ин соҳа дар истеҳсоли маҳсулот дар ҷаҳон ба ҷои аввал баромаданд. Дар навбати якум ин ба истеҳсоли шир, гушт, пиво ва шакар дахл дорад.

**Нақлиёт** Гирмания дорои комплекси нақлиёти замонавии пешрафта мебошад. Аз ҷиҳати зичии шабакаи роҳҳои нақлиёт кишвар дар ҷаҳон пешсаф мебошад. Мақоми асосиро дар мусофиркашонӣ ва баркашинӣ нақлиёти автомобилӣ мебозад. Миқдори автомобилҳо дар мамлакат қариб 50 млнро ташкил медиҳад, ки зиёда аз 40 млн машинаҳои сабукрав мебошад. Дарозии умумии роҳҳои автомобилгард 231 ҳазор км. аз он ҷумла – 11 ҳазор км ба роҳҳои федералӣ дохиланд. Дар ҷойи дуюм нақлиёти роҳи оҳан меистад. Дарозии роҳҳои оҳан 80 ҳазор км мебошад. Дар баъзе ҷойҳо ҳаракати баландсуръати ташкил шудааст (масалан, Гамбург - Берлин). Бандарҳои калонтарини баҳрӣ Гамбург, Бремен, Вилгелмхафен, Росток мебошанд. Флоти тиҷоратӣ қариб 850 киштӣ дорад. Мавқеи назаррасро нақлиёти дохилии обӣ мебозад, ки он аз нақлиёти роҳи оҳан каме поёнтар меистад. Шабақаи васеъи каналҳо (аз ҳама дарозаш Рейн-Майн-Дунай) ба ҳамаи марказҳои иқтисоди ҶФГ баромад ба комплексҳои бандарии кишвар, инчунин ба Роттердам ва Антверпен имконпазир мегардонад. Нуқтаҳои асосии ҳавопаймойи Германия –Франкфурт дар Майн (дар мусофиркашонӣ дар Европа ҷойи якӯм), Мюнхен, Дюсселдорф, Берлин мебошанд. Парки ҳавопаймоҳо аз 1,4 ҳазор ҳавопаймо, аз он ҷумла аз 400 лайнер иборат аст.

**Робитаҳои иқтисодии берунӣ** яке қисмҳои асоситарини системаи хаҷагидории Гирмания мебошад. Мамлакат аз ҷиҳати воридот ва содирот дар ҷаҳон ҷойи дуюмро мегирад. Муносибатҳои тиҷоратӣ асосан бо кишварҳои иттиҳоди Европа сурат мегирад. Дар сохтори содирот ва воридот маҳсулоти тайёр инчунин хӯрока, нимфабрикатҳо, ашёи хом афзалият доранд. Ҳарифи калонтарини Германия дар фаъолияти маблағгузорӣ ИМА, Нидерландия, Швейцария, Франсия ва Британияи Кабир мебошанд. ҶФГ дар корҳои тиҷоратӣ-иқтисодӣ ҳамкори асосии Россия мебошад. 20% мубодилаи мол ва 25%-и маблағгузории бевоситаи ҶФГ ба Россия рост меояд. Қариб 90%-и содироти Россияро ба ҶФГ воридоти энергия ва ашёи хом ташкил медиҳад. Россия ба ҶФГ сеяки гази табии ва чоряки нефти истифодашавандаро содир мекунад. Аз ҶФГ ба Россия маҳсулоти тайёр ворид карда мешавад.Шаклҳои дигари робитаҳои берунӣ иқтисодӣ равнақ ёфта истодаанд.

**Равандҳои дохилии интегратсионӣ ва сиёсати музофотӣ**

Дар давоми чандин садсолаҳо Германия ба мулкҳои сершумор князиҳо, графҳо, героегиҳо, епископиҳо, шаҳрҳои озод тақсим шуда буд, ки марзи онҳо байни якдигар печутоб ёфта буданд. Аксарияти заминҳои Германия кунунӣ «чеҳраи» пештараи худро нигоҳ доштанд: фарҳанг, тарзи зист, махсусияти хоҷагидорӣ.

Гузаштани қисми шарқии Германия ба муносибатҳои иқтисодиёти бозоргонӣ ба тағирёбии ҷиддии сохтори хоҷагидорӣ овард. Бисёрии соҳаҳо ва корхонаҳо ҳаҷми истеҳсолотро кам карданд, чандин молҳои истеҳсолшавандаро иваз карданд ё нолозим шуданд ва барҳам хӯрданд. Баъзе аз музофотҳо - Саксония, Саксония- Анхалт, Тюрингия ба «минтақаҳои фоҷиавӣ» табдил шуданд. (ҷадвали 3.)

***Ҷадвали 3.***

**Нишондодҳои иҷтимоӣ –иқтисодии заминҳои музофотҳои ҶФГ**

| Заминҳо | Масоҳат | | Аҳолӣ | | ММД |
|---|---|---|---|---|---|
| | Ҳазор км² | % | млн | % | % |
| Баден-Вюртемберг | 35,7 | 10,0 | 10,4 | 12,7 | 13,6 |
| Бавария | 70,5 | 19,8 | 12,1 | 14,8 | 16,2 |
| Бранденбург | 29,4 | 8,3 | 2,6 | 3,2 | 2,0 |
| Гассен | 21,1 | 5,9 | 6,1 | 7,4 | 8,1 |
| Макленбург | 23,2 | 6,5 | 1,8 | 2,2 | 1,3 |
| Саксонияи Поён | 47,6 | 13,3 | 7,9 | 9,6 | 7,3 |
| Рейни Шимолӣ | 34,1 | 9,6 | 18,0 | 21,9 | 26,5 |
| Рейнланд-Пфалтс | 19,8 | 5,6 | 4,0 | 4,9 | 4,1 |
| Саар | 2,5 | 0,7 | 1,1 | 1,3 | 1,2 |
| Саксония | 18,4 | 5,1 | 4,5 | 5,5 | 3,0 |
| Саксония-Анхалт | 20,4 | 5,7 | 2,7 | 3,2 | 1,7 |
| Тюрингия | 16,2 | 4,5 | 2,5 | 3,0 | 1,8 |
| Шлезвиг Голштейн | 15,7 | 4,4 | 2,8 | 3,4 | зД |
| Берлин | 0,9 | 0,3 | 3,6 | 4,0 | 4Д |
| Бремен | 0,4 | од | 0,7 | 0,8 | 3,9 |
| Гамбург | 0,7 | 0,2 | 1,7 | 2д | 2д |
| Заминҳои куҳна | 248,1 | 69,6 | 64,9 | 81,4 | 89,2 |
| Заминҳои нав | 108,5 | 30,4 | 17,6 | 18,6 | 10,8 |
| Германия | 356,6 | 100,0 | 82,5 | 100,0 | 100,0 |

Комплексии сузишворӣ – энергетики ҶДГ-и собиқ кулан аз нав сохта шуданд. Истеҳсоли ангишти сиёҳтоб якчанд бор кам шуд. Электроэнергнтика дар сатҳи нави техникӣ аз нав сохта шуд. Баробари ҳамаҷониба кам шудани ҳаҷми истеҳсолот дар Германияи Шарқӣ баъзе соҳаҳо фаъолияти худро нигоҳ доштанд ва тараққӣ карданд. Ин ба соҳаи автомобилсозӣ дахл дорад. Заводҳои Айзенах, Тсвикау ва Людвигсфелд (автомобилҳои сабукрави «Вартбур» «Трабони» ва боркаш истеҳсол мекарданд) баъд аз навсозӣ ба истеҳсоли автомобилҳои «Опел» «Фолкеваген» ва «Дайм-лер-Бентс» шурӯъ карданд. Лейпциг ва Хемнитс ба марказҳои калони автомобилсозӣ мубаддал шуданд, ки филиалҳои БМВ ва Фолксваген ҷой гирифтаанд. Истеҳсолоти таҷҳизотҳои электротехникӣ дар Саксония пайдо шуд. Пойтахти Германия муттаҳидшуда Берлин рӯ ба тараққӣ ниҳод. Шарти ҷиддитарини интеграсия якҷояшавии системаи ягонаи нақлиёт буд. Ҳаракати мунтазами нақлиётҳои автомобилӣ, роҳи оҳан, обӣ ва ҳавоӣ дар байни қисмҳои ғарбӣ ва шарқии мамлакат барқарор карда шуд. Берлин аз нав ба калотарин марказҳои нақлиёт табдил ёфт.

Солҳои аввали пас аз якҷояшавӣ болоравии иқтисодиёти заминҳои шарқӣ ба 10% расид. Ҳоло ин суръати болоравии иқтисодиёт якбора суст шуд ва аз нишондодҳои Германияи Ғарбӣ поёнтар шуд. Аз ин сабаби сатҳи маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ (ММД) ба сари ҳар як кас 60% ғарбро ташкил медиҳад. Сатҳи бекорӣ дар шарқ нисбат ба ғарб ду маротиба зиёд аст. Барои пурра ва воқеӣ якҷоя шудани Германия вақти зиёд ва маблағгузории иловагӣ лозим аст.

Моҷароҳои иҷтимоӣ –иқтисодӣ ва ҳарбӣ сиёсӣ, ки борҳо бор дар асри XX ба сари Германия омад, бешубҳа ба микёси гузаронидани сиёсати музофотии Германия таъсир расонд.

Аввалин (марҳилаи якӯми) кӯшишҳои фаъоли ҶФГ оиди азнавсозии музофотии кишвар фақат дар давраи баъдиҷангӣ (охири солҳои 40 ва аввали солҳои 50) вобаста ба зарурияти расонидани кӯмак ба минтақаҳое,ки дар натиҷаи ҷанги Дуюми ҷаҳон сахт хароб шуданд, рост меояд. Марҳилаи оянда (солҳои 60-80) ба давраи нисбатан осоиштаи рушди иқтисодии кишвар рост меояд, ки он вақт иқтисодиёт дар болоравӣ буд,сатҳи бо кор таъмин будани аҳолӣ чунон баланд,ки дар базе соҳаҳои истеҳсолот қувваи корӣ нарасид. Вобаста ба ин тактикаи минтақавӣ дар навбати аввал дар ҷалб кардани қувваи кории нопурра истифодашуда ва равона кардани қувва ба марказҳои федералии тараққикарда нигаронида шуда буд. Хислатҳои манфии ин марҳила дар мушкилиҳои сохторӣ дар марказҳои саноатӣ ангиштсанг ва металлургӣ аён шуд (Рур, Саар ва ғайра), ки дар он ҷойҳо мушкилоти музофотро ба миён оаврд. Дар охир, марҳилаи навтарин бо дохилшавии заминҳои нав (собиқ ҶДГ) ба комплеси хоҷагидории кишвар вобаста аст,ки дар натиҷаи он иқтисодиёти Германия пора шуда буд. Баъди якҷоя шудани кишвар вайроншавӣ нисбати рушди иҷтимоӣ –иқтисодии заминҳо хеле афзуд. Аз як тараф, дар мамлакат минтақаҳои ҷамъшавии қувваҳои истеҳсолӣ (Рейн-Майн, Рейн-Маккар, Штутгарт, Мюнхен, Ганновер, Берлин, Бермен, Нюрнберг, Гамбург, Лейпциг), ки дар онҳо 2/3 ҳиссаи аҳолӣ ва то 80%-и истеҳсолоти саноатӣ фароҳам омад. Аз тарафи дигар вилоятҳои камтараққикарда ва камаҳолии собиқ ҶДГ ҳамроҳ шуданд: Росток, Шверин, Нейбранденбург, (заминҳои Мекленбурги пешина, ҳоло Мекленбург, Померанияи наздик), ки онҳо дар якҷоягӣ бо минтақаҳои сарҳадӣ бо ҶДГ (аз Фленсбургто Пассау), инчунин бо истеҳсолоти саноати маъдани кӯҳии қадимаи Рур ва Саар имрӯз «дарди ҷиноийи» ҳукумати Бонн шудааст. Ҳукумати Бонн маҷбур аст, ки дар ҳалли ду масъалаи гуногун ва мураккаб дигаргунсозии сохторӣ ва мутобиққунии ояндаи хоҷагӣ ба талаботи дохилӣ ва берунӣ ва дигаргунсозии куллии системавии иқтисодиёти собиқ ҶДГ-ро ҳал кунад.

**Савол ва супоришҳои санҷишӣ**

1. *Сохти федеративии имрӯзаи Германияро чи тавр шаҳр бояд дод, ҳар он ки мамлакат монотикӣ мебошад?*
2. *Барои чи дар Европа миллати немисҳоро «ҷавон» меъисобанд?*
3. *Германия дар кадом соҳаҳои иқтисодиёти хоҷагӣ мабаланд дорад?*
4. *Дар Германия доир ба сиёсати музофотӣ чи тадбирҳо меандешанд?*
5. *Яке аз соҳаҳои пешбарандаи иқтисодиёти ҶФГ туризм мебошад. Ҷойҳои сайёҳии онро ба таври мушаххас номбар кунед?*
6. *Яке аз шаҳри калон ва муқаддаси Германияро номбар кунед?*

## 2.3 Британяи Кабир

Масоҳаташ-242,5 ҳазор км$^2$. Аҳолияш-60, 441. 457 нафар. Номи расмиаш Шоҳаншоҳии Муттаҳидаи Британияи Кабир (аз номи ҷазираи калонтарини он Англия гирифта шудааст), ва Ирландияи Шимолӣ мебошад.

То охири асри XIX- ин кишвар империяи пурқувваттарини ҷаҳон, ватани капитализм (иқтисоди бозоргони) ва инқилоби навтарини саноатӣ буд. Дар хатҳои муҳими киштигард ва тиҷоратии (савдои) чаҳонӣ, ки аз гулугоҳҳои Ла-Манш ва Па-де-Кале мегузаранд мавқеъ гардид, ба шоҳи баҳрҳо (устохонаи ҷаҳон, банкири ҷаҳонӣ) имконияти робитаю алоқаро бо тамоми қисмҳои курраи Замин муҳайё мекард.

Қудрати пешинаро дар ибтидои асри XX аз даст дода, бошад ҳам чун яке аз давлатҳои тараққикардаи индустралии боқӣ монд. Ин давлат дорои яроқи ядрои,

паҳнкунандаи бузурги сармоя (капитал), асосгузори Иттифоқи Британии миллатхои (аз соли  1947) ки ба ҳайати он ҳанӯз кариб 50 миллин ва мустамликаҳо шомилонд.

Аз империяи калони мустамликавии пешинаи Британияи Кабир порахои начандон калони иборат аз ҷазираҳо ки, муҳимтарини онҳо Англия, Бермуд, Британия, Виргин, Кайман, Терке ва Кайкос, Монтсерат,Фолкленд, Питкерн, Хендесон, Елинаи Муқаддас  (Светая Елена) ва дигарон боқӣ монданд.

**Масоҳат, шароити табии ва захираҳо**

Британияи Кабир дар ҷазираҳои Британ ҷойгир аст ва калонтарини онҳо ҷазираҳои  Британяи Кабирро пурра ,кисми шимолу  шарқии ҷазираи Ирландияро ,ки аз рӯи масоҳат  дуюмин аст, инчунин як қатор ҷазираҳои хурдро (Англси, Мэн, Уайт ва ғайраҳо) ва чор гуруҳҳои ҷазирагиро –Гебридҳо,Оркнейтҳо, Шотландҳо (дар укёнуси Атлантик), Нормандҳо (дар гулӯгҳои Ла-Манш) ишғол мекунанд.Ҳудуди Британияи Кабир ба чор вилояти таърихӣ–географӣ тақсим мешаванд: Англия, Уэлс, Шотландия ва Ирландияи Шимолӣ (Олстер) Ҷадвали 4.

***Ҷадвали 4.***

**Вилоятҳои  таърихию  географии Британияи Кабир**

| Вилоятҳои таърихӣ-географӣ | Масоҳат, ҳаз. км$^2$ | Ахолӣ, млн нафар | Марказӣ маъмурӣ |
|---|---|---|---|
| Англия | 131 | 49,5 | Лодон |
| Уэлс | 20,8 | 3,0 | Кардифф |
| Шотландия | 78,8 | 5,5 | Эдинбург |
| Ирландияи Шимолӣ | 14,2 | 1,7 | Белфаст |

Ба саҳми Англия зиёда аз нисфи масоҳати кишвар ва қисми бештари  аҳолӣ рост меояд . Гибралтар ,ки дар соҳили аврупоии димоғҳои  Гибралтар ҷойгир аст, дар зери назорати Британияи Кабир мебошад, инчунин тахминан 15 ҷазираи хурд дар укёнуси Атлантик буда низ дохил мешаванд.

Мавқеи махсуси  кишвар дар гузашта ба вай манфиати  калони стратегӣ медод. Чудоӣ аз Европа ба востаи гулӯгҳои Ла-манш (канали Англия ) ва Па-де-Каля (гулӯгҳои Дувр )Британяи Кабир аз таҷовузи ногаҳонии душманон бозмедошт. Британяи Кабир диққати асосии худро ба тараққиёти флоти бахри дода, имконияти бехатарии ҳудуди  худро  таъмин  кард ва ба давлати пуркудрати баҳри табдил ёфт, мустамликаҳои калон ва бойро ба даст овард, доираи  таъсири худро дар дуриҳо аз Европа афзун намуд. Дар асри хх Британяи Кабир бехатарии стратеги ва афзалияти худро нисбатан  гум кард. Дар шароити муосири ҷаҳонишавӣ робитаҳои васеъ ба давлат ва музофотҳои дигар  муҳимтар шуд .

Дар марзи Британияи Кабир ду хел релйеф  мавҷуданд: кӯҳӣ дар шимолу-ғарб ва ҳамворӣ дар ҷануб ва ҷанубу-шарқ. Кухҳо баландии миёна доранд, беҷангал, чандон бурида нашудаанд, ба онҳо ба осонӣ баромадан мумкин аст. Ҳамвориҳо  на фақат дар  ҷануб ва ҷануби–шарқ, балки дар  қисми маркази Британяи Кабирро воқеъ гардидаанд. Дар ин ҷо қисми асосии заминҳои кишоварзӣ, хусусан шудгоршаванда ҷойгирифтаанд. Дарёҳои Британяи Кабир кӯтоҳ вале серобанд. Фақат ду дарёи  онҳо  Темза  ва Шимолӣ  (Севери) зиёда  аз  300 км  дарозӣ  доранд. Дарёҳо ба якдигар наздиканд ва азбаски онҳо аз якдигар бо теппаҳои начандон баланд ҷудо шудаанд, бо воситаи каналҳо  пайваст кардани онҳо осон аст.

Эстуарияҳо (як нав халиҷ) моҳияти калони нақлиётӣ доранд, дар онҳо тамоми бандарҳои калон ҷойгиранд. Барои сохтмони бандарҳои баҳрӣ  соилҳои буридашудаи ҷазираҳо, ки ба даруни хушкиҳо дохил шуданд, мусоидат мекунанд.

Барои Британияи Кабир иқлими намноки уқёнусӣ хос аст, доминаи (амплитудаи) ҳарорат дар мавсимҳо паст аст. Зимистон нарм, тобистон салқин. Барф ва хунукӣ меҳмонҳои нодиранд (кам рух медиҳанд), аммо борону туман тез-тез мушоҳида мешаванд.

Аз рӯи омор дар Британяи Кабир дар як рӯз офтоб ба ҳисоби миёна 3 соату 20 дақиқа нурафкани мекунад, дигар вақт зери абру туман пинҳон аст.

Кишвар аз канданиҳои фоиданок бой нест. Захираҳои ангиштсанг хеле зиёд аст (ҳвазаҳои Марказӣ Йорк, Шотландия, Уэлси Ҷанубӣ ).

Нефт ва гази аз тунукобаҳои баҳри гирифташаванда истифодаи дохилиро қонеъ мегарданд ва қисман аз беруни кишвар мешаванд .Дар қисми марказии Британяи Кабир конҳои оҳан дар нимҷазираи Корнуэл –конҳои начандон калони мис ва қалъагӣ мавҷуданд. Гилҳои каолинӣ ва масолеҳи гуногуни сохтмони васеъ паҳн шуданд. Бахр дар ҳаёти мардуми Англия ҳамавақт мақоми калон мебозад. Масофаи дуртарин, ки мардумро аз соҳили баҳр ҷудо мекунад, 100-120 км аст. Ҳар як маҳали аҳолинишини Британияи Кабир бақадри кам ё зиёд бо баҳр вобаста аст ва боигарии табиии онро истифода мебаранд.

**Аҳолӣ.** Дар даврахои қадим дар ҷазираҳои Британ қабилаҳои келтҳо зиндагӣ мекарданд. Дар аввали эраи мо Британияи Кабирро румиҳо ишғол карданд (гарчанде, ки Ирландия ва Шатландияро тобеъ карда натавонистанд). Дар асри V ба ҷазираҳо қабилаҳои германӣ – англҳо, саксҳо ва ютҳо, ки дар назди дарёҳои Элба, Рейн ва Ютландия зиндагӣ мекарданд,ворид шуданд. Онҳо аҳолии маҳалӣ келтҳоро ба минтақаҳои шимолӣ ва ғарбӣ танг карда баровадаанд, ва дар марказ давлати англосаксонӣ сохтанд. Дар асри IX қисми шарқии давлати англосоксонинро даниягиҳо ишғол карданд, қисми ғарбии он зери идораи англисҳо монд. Забткунандагони охирини ҷазираҳо даниягиҳо бо гузаштани вақт бо англосаксонҳо омехта шуданд. Дар асри XIII Англия бо зӯрӣ Уэлсро ва дар асри XVII Ирландия ва Шатландияро бо худ ҳамрох кард.

Ба ҳамин тариқ, англисҳо –мардумест ,ки дар натиҷаи омезишши англосак сони ва норманҳо (данияигиҳо) бо қабилаҳои таҳҷоии келтҳо ба вуҷуд омадааст. Шароити таърихию географӣ ва вазъият барои англисҳо чунин сифатҳои милӣ мисли қувваи ирода, суботкорӣ, нерӯро тарбия кард, ки бе ин сифатҳо дар оянда сохтани империяи мустамликавӣ ва диаспораҳои англосаксонӣ ғайри имкон мебуд.

Соли 1921 ба Ирландия мақомоти доминион дода шуд. Қисми шимолу-шарқи тараққикардатарини Ирландия, яъне Олстер дар ҳайати Британияи Кабир бо идоракунии худмухтор боқӣ монд. Аз соли 1972 Олстер дар амал аз тарафи ҳукумати марказии Британияи Кабир идора карда мешавад. Давлати подшоҳии Шотландия дар асри XI ташкил шуд. Баъди тасдиқ шудани Споартҳои Исландӣ дар тахти ангилисӣ (с. 1603) Шатландия бо Ангилия якҷоя шуд – (с. 1652, расман с. 1707).

Англисҳое, ки дар Ангилия, Уэлс ва ҷониби Шотландия зиндагӣ мекунанд, аксарияти ҳукмрон (81%) аҳолии Британияи Кабири ҳозираро ташкил медиҳанд – Шотландҳо 9%, боқимондаҳо - ирландҳо, уэлсиҳо (валлйҳо), мардуми аз мустамликаҳо омадагӣ ва хориҷиёни дигар мебошанд. Мавҷудияти Ҳиндуҳои нав – зардпӯстҳои аз Америка омада, индҳо, ҳиндуҳо, покистониҳо, малайҳо ва африкоиҳо ҳодисаи ҷолиби диққати британӣ мебошад. Миқдори фирориён (иммигрантҳо) аз давлатҳои Иттифоқ омада 4% расид ва афзуда истодааст. Афзудани миқдори фирориён нақши кварталҳоро дар бисёр шаҳрҳо дигар мекунад, баъзе ноҳияҳоро ба ноҳияҳои Деҳли, Қарочи, Коломбо монанд мекунад. Намояндагони ин гурӯҳо дар парлумон ва органҳои интихоби иштирок мекунанд.

Британияи Кабир давлатест, ки зичии аҳолаш хеле баланд ва дараҷаи шаҳршави хеле баланд аст. Дар шаҳрҳо зиёда аз 80% аҳолӣ зиндагӣ мекунанд, ки зиёда аз нисфи он дар шаҳрҳои калонтарин ва агломератсияҳо ҷойгиранд. Ин агломератсияҳоро (дар Британияи Кабир конурбатсия меноманд). Ҳалқаи васеъи шаҳришавии (урбанизатсияи) Англияро (мегополис) ташкил доданд ,ки агломератсияи Лондон (7,2 млн нафар), Мначестер (2,4 млн нафар), Бирмингем (2,3 млн нафар), Лидса (1,7 млн нафар), Ливерпуал (1,4 млн нафвар). Берун аз ҳудуди он факт ду конурбатсияи миллионӣ мавҷуданд: шимолу–шарқӣ наздибаҳр марказ Нюкасл ва шатландӣ дар соҳили дарёи Клайд (марказ Глазго).

Шаҳри калонтарини асосии Британияи Кабир Лондон манзараҳои зиёди диққатҷалбкунанда дорад, аз шаҳрҳои дигари Европа хеле фарқ мекунад ва ба онҳо монанд нест. «Кӯчаҳои амудӣ» яъне иморатҳои бисёрошиёна дар Лондон каманд аз ин сабаб шахр бо «паҳноӣ» месабзад, ки дар натиҷа деҳаҳои атроф, ба он ҳамроҳ мешаванд. Идеалҳои асосии англичанҳо –доштани хонаи хусусӣ ва боғ берун аз шаҳр ва ҳаёти бо ноҳяи ва ҷамъити маҳдудшуда аст. Аз ин сабаб онҳое, ки дар иморати бисёрошёна ва дар шаҳр зиндагӣ мекунанд, дар назди иморат, дар айвон, балкон ва дар таги тирезаҳо гулу сабза мепарваранд. Дар натиҷа Лондон на фақат чун маркази бузурги ҷаҳонӣ, балки баъзан чун шаҳраки ором метобад. Ин таасуротро бустонсарои подшоҳи Гайд-парк, боғҳои Кенсингтан, Рид –жентес–парк ва боғҳои дигар пурра мекунанд. Ва дар охир аз он вақте,ки дар Британия қонуни ҳавои тоза амал мекунад,дар Лондон дудгӯлаҳои (смогн) «бузург» нест. Маркази таърихии шаҳр – маркази кори –Сити мебошад. Ин двалат дар дохили давлат аст, новобаста аз ҳокимияти шаҳр, бо полис (полиция), лорд –мэр ва табақаҳои худ. ки онро монах(шоҳ)этироф мекунад. Лондон маҳз аз ҳамин ҷо рӯ ба тараққӣ овард. Дар ин ҷо ҳатто боқимондаҳои девори қалъаи римиҳо боқӣ мондааст, ки он соли 45-и эраи нав сохта шудааст. Дар давоми умри худ Сити борҳо сӯхта ва боз аз нав барқарор шудааст. Символи Сити сбори (масҷиди) боҳашамати Павели Муқаддас (Сент пол ) мебошад.

Ривояте ҳаст, ки меъморсозандаи ин масҷид дар асри XVII аз коргар хостаст санге биёрад, токи маркази иморатро дар майдони сохтмон нишона кунад. Саги овардашуда сангм мазор будааст, ки дар он «Resurgam» (Боз бармехезам) навишта шуда буд. Дар вақти ҷанги Дуюми ҷаҳонӣ тамоми иморатҳои гирду атроф хароб шуда буданд, лекин Сент-Пол пойбарҷо буд.

Дар болотари дарёи Темза маркази дуюми таърихии шаҳр Вестминстер ҷойгир аст, ки дар он иморати парламент ва қароргоҳи шоҳҳои англис –қасри Букигем ҷойгир аст. Ба Сити ва Вестминстер қисми шимолу–ғабии Лондон Вест–Энд мечаспад,ки пеш дар он мардуми маъруфи ангилис макон доштанд. Ҳоло низ дар он ҷо намоишгоҳҳои дурахшони магазинҳои Пикадилли, гузарҳои зисти аристократҳо, театрҳо ва донишгоҳҳои олӣ ҷойгиранд. Барои ташриф ба осорхонаҳои Британия, ки дар он тиллои фиравнҳо, мармари Парфенон бойгониҳои асури ва ҳақозо ҷамъ кардашудаанд, кифоя аст. Дар самти поёнтар ҷараёнгоҳи Темдза ноҳияи бандарӣ ва саноатии Ист –Энд ҷойгир аст ,Бандари Лодон лаб-лаби дарё ба 70 км тӯл кашидааст .

**Давлат. сохти давлати** Британияи Кабир монархияи парламетӣ мебошад. Дар кишвар коститусия чун Сарқонуни ягона мавчуд нест. Асоси тартиботи мавҷударо «Билл дар бораи ҳуқуқ», ки он соли1689 қабул шудааст ва қонуни азтарафи парламет қабулшуда, претедентҳои судӣ ,созишномаҳои ҷамъятӣ ва урфу одат ташкил медиҳанд.

Сардори давлат -шоҳ (корол, малика) мебошад. Ҳокимияти шоҳӣ умрбод буда ,чун мерос дода мешавад.Шоҳ(король) дорандаи ҳокимияти болотарини иҷроия сардори системаи судӣ ,сарфармодеҳи қувваҳои мусаллаҳ,сардори дунявии калисои давлатии англиканӣ ва сардори Иттифоқ мебошад.

Шоҳ ҳуқуқи таин кардани сарвазир,судияҳо,дипломатҳо, офицерони армия,флот ва авиатсия, губернаторҳо ,бастани созишномаҳои байнидавлатӣ,эълони ҷанг ва бастани сулхро дорад. Шоҳ қисми таркибии парламет ҳисоб карда мешавад,яъне King(Queen) in parliament,ва тибқи ин қонун ҷаласаҳои парламентро даъват карда метавонад, ки онҳо ба нутқи ҷулус (тоҷмонӣ) кушода мешаванд. Ғайр аз ин шоҳ метавонад палатаи ҷамъиятиро пароканда кунад, лоиҳаи қонунҳоро, ки парламент қабул кардааст, тасдиқ кунад; ҳуқуқи авф карданро дорад, унвонҳои пэр, барон, рыцар (баҳодур) ва унвонҳои дигари фахриро дода метавонад. Фармонҳои гуногун, указҳо дода метавонад. Аммо дар асл манархи

Ангилис ба ном-сардори давлат буда (шоҳӣ мекунад, лекин идора намекунад), ҳуқуқҳои шоҳ қариб тамоман дар дасти ҳокимияти иҷроия- девони вазирон мебошад. Органи болотарини идоракунии шоҳӣ гӯё Шӯрои махфӣ ҳисоб мешавад, ки ба ҳайати он шахсони писандидаи фахрӣ якумра дохил мешаванд 150 соли охир ин Шӯро дар амал фаъолият намекунад.

Органи болотарини ҳокимияти қонунгузори – парламент, анъанаҳои бисёрсола дорад. Парламент аз манарх (шоҳ) Палатаи лордҳо (умрбод ва меъросӣ – 618 нафар) ва Палатаи ҷамоат (органи интихобшаванда иборат аз 659 – нафар ба муддати 5 –сол бо системаи монетарӣ интихоб мешавад). Ҳукумати Британияи Кабир аз тарафи пешвои (лидери) ҳизб, ки дар интихобот ба Палатаи ҷамоат овози зиёдтарин гирифта аст, сохта мешавад. Ҳукумат аз ҳайати вазирони пешбар ва вазироне, ки ба девони вазирон дохил намешаванд иборат аст. Ҳукуматоро сарвазир сарвари мекунад. Девони вазирон тамоми масъулиятро оид ба амали кардани сиёсати дохили ва берунии кишварро дар ихтиёр доранд. Британияи Кабир – давлати унитарие, ки аз чор вилояти таръихан ба миён омад – Англия, Уэлс, Ирландияи Шимолӣ ва Шотландия иборат аст, ки системаҳои хусусии ҳуқуқӣ ва судӣ, калисо миллӣ,органҳои идоракунии маҳалиро доранд. Ирландияи шимолӣ дорои ҳуқуқи маъмурии худмухтории маҳдуд дорад дар асл он аз тарафи Хукумати Британяи Кабир идора карда мешавад.

Дар маъмурият Британяи Кабир ба графиҳо ҷудо мешавад. (Англия, Уэлс), ҳавзаҳо (Ирландияи Шимолӣ), ноҳияҳо ва ҷазираҳо (Шотландия). Ҷазираи Мэн (баҳри Ирланд) ва чазираҳои Норманд низ воҳидҳои мустақили маъмурӣ мебошанд. Органҳои интихобшавандаи худидоракунӣ (бо истиснои мавзеъҳои кам аҳолӣ, ки ба востаи маҷлиси умумии бошанагон идора карда мешавад) шӯроҳо мебошанд.

Онҳо масъалаҳои ободонии маҳалӣ, нақлиёт, обтаъминкунӣ, хизмарасонӣ, тандурустӣ, маорифро идора мекунанд. Ғайр аз тартиботи ҷамъияти, ҳифзи шаҳрвандӣ, бехатарии зидди сӯхтор ва ғайраро ба дӯш доранд. Доктринаи ҳозираи сиёсати берунаи Британияи Кабир кӯшиш дар муайян кардани «минтақаи ҷамъкунии дипломатияи Британия» дар мувофиқа бо мақоми тағйирёфтаи байналхаклқии кишвар мебошад. Чун воситаи ба мақсад расидани ин дипломатия ҳамкорӣ бо кишварҳои Иттифоқи Европа ва робитаҳои дуҷониба бо ИМА мавриди баррасӣ аст. Барбари афзудаистодани сиёсати берунаи Британияи Кабир торафт ба «европоикунонӣ»-и тарзи ҳаёт саърокушиш дорад.

**Иқтисодиёт.** Гарчанде, ки дар асри XX Британияи Кабир дар иқтисоди ҷаҳонӣ баъзе мавқеъҳои худро аз даст дод, роли ва ҳоло ҳам назаррас аст. Кишвар то ҳол (баъд аз ИМА) «империяи васеъи хоҷагӣ»-ро дар хориҷа дорост ва имконияти истифодаи механизм Иттиҳоди миллатҳоро дар расидан ба ҳадафҳои стратегӣ дорад. Дар даҳсолаи охирон ҷараёни ҷоннок кардани иқтисодиёти Британия дар асоси интенсификатсия ва оқилона сохтани сохтори он мушоҳида карда мешавад. Мавқеъи кишвар дар соҳаи истеҳсолоти илмталаб мустаҳкам шуд ,сохтори иқтисодиёт хосияти баланди саноатӣ гирифт (зиёда аз 70% соҳаи хизматрасонӣ, 20% саноат, 2% хоҷагиҳои кишшоварзӣ,ҷангл,моҳидорӣ ва ғайра ).

Сохтори индустрияи Британия хоси сохтори кишварҳои тараққикардаи ҷаҳон мебошад. Мақоми афзалтарин ба мошисозии мураккаб таалуқ дорад (Лодон, Ковентри, Бирмингем ва ғайра). Хусусан истеҳсоли таҷҳизоти электротехники, электроника ва воситаҳои нақлиёт хеле тараққӣ кардааст. Корхонаҳои соҳа дар тамоми ноҳияҳои кишвар ҷойгиранд. Баробари ин Лондон, Англияи Маркази ва Шимолӣ мавқеи хуб дорад. (дастгоҳсозӣ станоксозӣ, асбобсозӣ, элнктроника, автомобисозӣ ва истеҳсоли ҳавопаймоҳо дар Шотландия мошисозии вазнин рушд ёфтааст. Металургияи сиёҳ соҳаи анъанавист. Корхонаҳои металургӣ дар ноҳияҳои истеҳсоли ангиштсанг, конҳои маъдани оҳан ва дар бандарҳо ки ба востаи онҳо аз берун ашёи хом ва металлҳои легиронидани ворид мешаванд,ҷойгиранд. Ба

бандарҳо корхонаҳои металургияи ранга, ки низ бо ашёи хоми беруна таъмин мешаванд, вобастаанд.

Хусусан бандарҳои Англия аз қабили Уэлси Ҷанубӣ, болоби Темза ҷолиби диққатанд. Истеҳсоли алюминий дар назди НБО-ҳои Шотландия ҷамъ шудаанд. Саноъати химявӣ, барвақт манбаи калони ашёи хом нефт ва гази баҳри Сафедро ба даст гирифтаанд,фаолона тараққӣ карда исодаанд.

Истеҳсоли нахҳои синтетикӣ ,навҳои нави пласмасси, рангкунанда, нурии менералӣ ,молҳои фарматсевтӣ соҳаҳои калони истеҳсолот мебошанд. Ноҳияҳои асосии саноъти химявӣ Англияи Марказӣ ва Шимолӣ, Уэлси Ҷанубӣ мебошанд. Химияи нефт бештар дар шаҳрҳои бандарӣ наздиканд.

**Саноати нассоҷии** (хусусан пашми) Англия дар ҷаҳон машҳуранд, ки як вақтҳо дар ҷаҳон ҳамтои худро надошт.

Британяи Кабир захираҳои калони ангишсанг дорад. Роли асосиро дар истеҳсоли ангиштсанг ҳавзҳои Марказӣ ва Йорк мебозанд.Истеҳсоли нефт ва газ дар баҳри Сафед, ки он талаботи дохилиро таъмиин мекунад ва ба хориҷи кишвар мефурӯшад, бо суръат тараққӣ меёбад. Нерӯи барқӣ асосан дар неругоҳҳои барқии ҳарорати (турбинаҳои газӣ) асос ёфтааст, ки миқдори онҳо хусусан дар Англияи Марказӣ ва Ҷанубу Шарқи хеле бисёранд. Дар Шотландия нерӯгоҳҳои гидровликӣ мавқеи бартарӣ доранд .

Нерӯгоҳҳои ҳарорати (ТЭС)ва обӣ (НБО) –ро нерӯгоҳҳои атомӣ (НБА) пурра мекунанд,ки онҳо дар Англия ҷойгиранд.

**Кишоварзӣ -** яке аз соҳаҳои сермаҳсул ва механиконидашудаи ҷаҳон аст. Дар ин соҳа ҳамагӣ 2% аҳолии коркунанда фаолият мекунанд. Бо вуҷуди ин 2% аҳолӣ 75%-и талаботи мардумро бо маҳсулоти хӯрока таъмин мекунанд .Соҳаи асосии он чорводорӣ мебошад, ки он бо чарогоҳҳои табиӣ ва алафзорҳо таъмин аст. Қисми зиёди майдони чарогоҳою алафзорҳо дар тамоми сол истифода мешаванд.Дар ноҳияҳои кӯҳии Шотландия, Англияи Шимолӣ ва Уэлс гусфандпарварӣ тараққӣ кардааст. Зироатпарварӣ хусусан ба Англияи Ҷанубӣ мансуб аст, ки дар он ҷо зироатҳои ғалладонагӣ (гандум, ҷав, арзан), лаблабуи қанд, зироатҳои полезӣ, мевагӣ парвариш карда мешавад. Дар Ирландияи Шимолӣ ва Шотландия картошка, ҷавдор, растаниҳои зироати парвариш карда мешаванд. Моҳигирӣ, ки қисми зиёди маводи хурокаро ташкил медиҳад, дар Европа калонтарин аст. Сайди моҳӣ қариби 40%-и ҳаҷми истеъмоли маводи моҳии дохилиро ташкил медиҳад.

Британяи Кабир системаи ба дараҷаи баланд тараққи кардаи нақлиёт дорад. аз рӯи таъминот ва комуникатсияи нақлиётӣ кишвар дар ҷаҳон яке аз ҷойҳои аввалро мегирад. Ҳаҷми асосии боркаши ба нақлиёти автомобилӣ рост меояд. Борҳои калони яклухт ба масофаҳои дур бо роҳи оҳан бурда мешавад.

Аз таги гулӯгоҳи Ла –Маниш ба Европа тунели роҳи оҳан гузаронида шудааст. Нақлиёти баҳрӣ ба робитаҳои берунии иқтисодӣ хизмат мекунад. Бандарҳои мавқеи ҷаҳонӣ дошта-Лондон, Ливерпул мебошанд. Бандарҳои Глазго, Бристол, Гул, Юнокасл аҳамияти миллӣ доранд. Дар боркашонӣ ва мусофиркашонии байналхалқӣ, инчунин дар ҳаракати дохили нақлиёти авиатсионӣ роли калон мебозад. Дар кишвар қариб 150- бандарҳои ҳавоӣ (фурудгоҳҳо)-и шаҳрвандӣ мебошанд.

Британияи Кабир дар соҳаҳои гуногуни робитаҳои иқтисодӣ дар ҷаҳон дар ҷори аввал меистад. Доду гирифти сармояи Британия ба Америкаи Шимолӣ, кишварҳои иттиҳоди Европа, Чин ва Бразиля рост меояд. Ба Британяи Кабир қисми калони содироти ҷаҳонии мол ва хизмат рост меояд. Дар сохтори моли экспорт ҷои асосиро маҳсулоти мошисозӣ ишғол мекунад, аз он ҷумла таҷҳизоти электротехникӣ ва механизмҳои саноатӣ, востаҳои нақлиёт, техникаи ҳисобарор, таҷҳизоти телекамуникатсионӣ,маҳсулоти соҳаи химия, маҳсулоти соҳаи тиб. Британия

калонтарин содиркунандаи нефт ва маводи хурока мебошад. Металлҳои сиёҳ ва ранга дар содирот қисми назррасро ташкил медиҳанд. Ҳамкорони калонтарини савдои Британяи ин Иттиҳоди Европа, ИМА,Ҳиндустон, Малайзия, Бразилия ва Чин мебошанд.

**Тафовути музофотҳо ва сиёсати музофотӣ**

Тағироти бениҳоят калони табиат, иқтисодиёту иҷтимоиёт ва маданӣ дар Британияи Кабир мушоида карда намешавад: дар ҳама ҷо як типии иқлим, набудани фарқияти назарраси байни музофотҳо дар масъалаҳои таъминоти иҷтимоии аҳолӣ ва ғайра. Бо вуҷуди ин, масалан, кӯҳҳои Грампиан дар шимол, ки қуллаи баландтаринаш Бен-Невис 1343м аст, дар ҳамвориҳои соҳилии ҷануб, бориш нобаробар тақсим шудааст. Дар шимол 1600мм бориш ва дар шарқ 800 мм бориш мешавад. чарогоҳҳӣ гусфандпаварии Шотландия аз заминҳои шудгоршавандаи Англияи ҷанубӣ фарқ мекунанд. Фарқияти фарҳангӣ хусусан, вақте ки сухан дар бораи Шотланд ва Уэелс меравад, калонанд. Англия як «маркази мутаҳидкунандаи» давлат мебошад, ки минтақаҳои Ҷанубӣ, Марказӣ ва Шимолиро дар ҳайати худ дорад. Минтақаҳои калонтарин ва аз ҷиҳати иқитисодӣ тараққикардатарини минтақа Англияи Ҷанубӣ мебошад (дар 26% масоҳати кишвар 40 % аҳолӣ, 33% маҳсулоти саноати ва 49% маҳсулоти кишоварзӣ рост меояд). Дар ин ҷо зиёда аз нисфи маҳсулоти радиоэлектироникаи умумӣ, автомабилсозӣ, саноати сабук ва хӯрока истеҳсол карда мешавад. Чорводорӣ тараққи кардааст, зироатҳои ғалладона ва хӯроки чорво парвариш карда мешвад. Музофот аз коммуникактсияҳои нақлиёти таъмин карда шудааст, ба бандарҳои шарқ, ҷануб ва ҷанубу ғарбии соҳилҳо ашёи гуногун аз хориҷа оварда мешавад. Дар иқтисодиёт мавқеи муайянкунандаро алгомератсияи пойтахт ишғол мекунад. Лондон маркази калонтарини саноатӣ, молиявӣ- тадқиқотӣ, фарҳангиии миллӣ ва ҷаҳон мебошад.

**Англияи Марказӣ** аз 1/5 ҳиссаи, масоҳатро дарбар мегирад ва 1/3 ҳиссаи аҳолии кишвар истиқомат мекунанд. Ин ноҳияи саноати мебошад, ки дар он ҷо хоҷагиҳои назишаҳрӣ асосан хизматрасонӣ мекунанд. Дар ин ҷо якуммин корхонаҳои саноатии Британияи Кабир пайдо шудаанд. Ҳол территорияҳои Мидленд (Бирменгем, Шеффилд, Ковентри), Ланкашир (Манчестер, Ливерпул), Йоркшир (Бредфорл, Лидс) марказҳои саноатианд. Дар ин ҷо соҳаи истихроҷ, корхонаҳои металлургӣ, мошинсзӣ саноати химиявӣ, нассоҷи ҷойгир шудаанд.

**Агилияи Шимолӣ** – низ ноҳияи саноатӣ мебошад, ки тараққиёти он истеҳсоли нефт ва гази табиӣ, электроэнергетикаи атомӣ, мошинсозии ҳарбӣ, саноати химияро таъмин мекунад. Суръати тарақиёти соҳаи кишоварзӣ аз истеҳсолоти Англяи Марказӣ ва Ҷануби ақиб мондааст. Музофотҳои гирду атроф он Шотландия, Уэлс ва Ирландияи Шимолӣ мебошанд. Шотландия 32% марзи кишварро ташкил медиҳад – аз рӯи масоҳат ноҳияи калонтарин аст. Аз рӯи аҳолӣ аз Англия хеле қафо меистад. Фаъолияти хоҷагӣ асосан дар ҳамвориҳои Шотландияи Шимолӣ ҷой доранд. Ин ҷо дар канори дарёи Клайд, шаҳр – миллионер Глазго ҷойгир буда, дар соҳилҳои халиҷи Ферт-оф-Форт макази Шотландия – Эдинбург ҷойгир аст. Глазго маркази асосии саноатии Шотландия мебошад, ки дар он натанҳо соҳаҳои анъанавӣ, балки соҳаҳои навтарини саноат воқеъ гардидаанд.

**Уэлс ва Ирландияи Шимолӣ** асосан манбаи ашёи хом мебошанд. Уэлс ангиштасанг, металлҳои сиёҳ ва баъзе металҳои ранга истеҳсол мекунанд. Бо вуҷуди ин ҳарду ноҳия истеҳсолоти корхонаҳои саноатӣ мошинсозӣ аз он ҷумла барои соҳаҳои навтарин низ вуҷуд доранд. Дар марказҳои маъмурӣ Кардифф ва Белфест ин соҳаҳо мавҷуданд.

Акнун чанд сухан дар бораи сиёсати музофотии Британияи Кабир. Бо сабабҳои гуногун (индустриализатсияи барвақт, территоряҳо на чандон калони

мероси муракабу печдарпечи, қонунгузорӣ дар бораи истифодаи замин, сохтори шаҳрҳо ва худидоракунии маҳалӣ ва бӯҳронҳои иқтисодии даврӣ ва ғайра)., Британяи Кабир пештар аз маалакатҳои дигари ғарб ба идоракунии давлатии истифодаи марзи шурӯъ кард. Ҳанӯз дар соли 1919 бо қабул кардани қонуни «Дастгирии Соҳибкорӣ» ҳукуматдорони британӣ кӯшиш карданд, ки ба аз навсозии музофотии мамлакат бо роҳи гузаронидани сиёсати барпо кардани ҷойҳои нави корӣ дар ноҳияҳои ақибмонда, таъсир расонанд. Баъзе тадқиқочиён мегӯянд, ки характери сиёсати музофотии давлат дар давоми даҳсолаҳо бо ду мақсад гузаронида мешуд: якуми онҳо бо зарурияти мубориза бо бекорӣ дар ноҳияҳои ақибмонда хусусан дар Шотландия ва Уелс: дуюм бо зарурияти боздошти «конурбатсия» (конурбатция) ва «сабуккунии» Лондон (Ин тарзи сиёсати музофотии британӣ яктарафа аст ,аммо пояи (асоси) он дуруст нишон дода шудааст).

Даври дахолати фаолонаи давлат ба ҷараёнҳои иқтисодӣ-иҷтимоии музофотӣ дар Британияи Кабир солҳои 30-юми асри XIX сар шуда буд ва ба ин бӯҳрони иқтисодӣ ,ки тамоми ҷаҳони ғарбиро фаро гирифта буд равона шуда буд.

Фаъолияти амалҳои ҳукумат ифодаи аёни зидди бӯҳронӣ дошт ва маҷмӯи пешниҳодҳо баҳри кӯмакрасонӣ ба ноҳияҳои аз бӯҳрон зарадида (соҳили шимолу-шарқӣ, ғарби Кемберленд, Ҷануби Уелс, музофоти саноатии Шотландия ва ғайра) нигаронида шуда буданд.Баъдтар Комиссияи махсуси ҳукуматӣ таъсис дода шуд, ки барои омӯхтани мушкилоти музофотҳои баланд идустриалӣ пеш аз ҷанг маърӯзаи маъмурӣ Барлоуро бо барномаи васеъи сиёсати музофоти дар оянда пешниҳод карда буд. Дар ин ҳуҷҷат барнома алалхусус таъсиси шӯрои саноати мили пешниҳод карда шуд, ки ҷойгиркунии оқилонаи ратсионалии саноат, аз навсозии шаҳрҳо, мубориза зидди ҳиҷрати аҳлӣ ва конурбатсияҳои калон ва ғайраро ба ӯҳда дошт. Ҷанги Дуюми ҷаҳон ба амалӣ гаштани ғояҳое, ки дар маърӯзаи Барлоу дарҷ шуда буд, халал расонд, аммо пешниҳоди қонунгузорӣ оиди пузӯр кардани пешрафти музофотӣ дар иқтисоди мамлакат идома ёфтанд. Баъдтар дар бораи таъсиси вазорати ба нақшагирии шаҳрӣ ва деҳот барои ба танзим даровардани ҷараёнҳои истифодаи марзро қонун баровард. Дар сатҳи ҳукумат барои сохтмони саноатӣ дар ноҳияҳои ақибмонда чораҳо андешида шуданд. Сохтани корхнаҳои нав дар ҳудуди Лодон ва Бирмингем ва агломератсияҳои дигар манъ карда шуд Сохтмон дар митақаҳои ақибмонда дастгирӣ ёфт. Шинондани дарахтон дар гирдогиди шаҳрҳо низ дастгирӣ карда шуд. Аммо дар нимаи дуюми асри XX таваҷҷӯх ба сиёсати музофотӣ дар мамлакат коҳиш ёфт. Чунин ҳисобида мешавад, ки сабаби паст шудани таваҷҷӯҳи пештара ба сиёсати музофотӣ пеш аз ҳама дар мустаҳкам шудани мавқеъи сектори хусусӣ мебошад. (Маълум аст ,ки асоси ташкилӣ молявии сиёсати минтақавии сектори давлатӣ мебошад). Дигаргуниҳои калонтари дар сиёсати музофоти британӣ ба ҳукмронии ҳукумати консерваторҳо бо сардории М.Тетчер рост меояд, ки дар он вақт ҷараёни хусусигардонии соҳаҳои миллишудаи саноатӣ сар шуд. Дар мобайни солҳои 80-ум 90- моликият хусусӣ карда шуд, ки сеяки тамоми моликияти саноатии давлатро ташкил мекард (аз он ҷумла, телекаммуникатсия ва корхонаҳои саноати газ). Солҳои оянда аксарияти аксияҳои ширкати нефти «Бритиш петролиум» компнияи пулодрезӣ ва таминоти барқӣ фурухта шуданд ва солҳои 90-ум масалаи ғайримилликунонии (ғайридавлатикунонии) саноати ангишт ба миён омад. Бо мақсади нияти хуби сарфкунии маблағ ҳукумат тамоми системаи сиёсати музофотиро (ба тарафи суст кардани имкониятҳои молявии он) кулан аз нав дида баромад. Речаи ҳавасмандкунии тараққиёт сахт карда шуд ,пеш аз ҳама сатҳи мабағгузорӣ паст ва бадтар тамоман қат карда шуд. (вобаста аз типии музофот), шарити додани кумаки селективӣ (хостагирӣ) мураккаб карда шуданд.

Оҳиста-оҳиста андозаи музофотҳои проблемавӣ кам шуд, тамоми қувва ба минтақаҳои бӯҳронӣ равон карда шуд. Дар шакли бутун даврии «тетчеризм»ба методалогияи сиёсати музофотии британи кам дигаргуниҳои прнсипалӣ даровард-

дар ин давра суст шудани дахолати давлат ба иқтисодиёт, ва чун натиҷа ,камшавии (пастшавии )афзалиятҳои музофотӣ ба миён омад.

**Саволҳои санҷишӣ ва супоришҳо:**

1.*Чаро дар аввали асри XX Британияи Кабир мақеъи худро дар механизми фаъолияти сиёсат ва иқтисоди ҷаҳонӣ гум кард?*

*2. Сабабҳои аз тарафи Британияи Кабир созмон додани «Иттифоқ британии миллатҳо»-ро ба хотир оред?*

*3.Аз чи сабаб ифодаи «тартиби коститутсионӣ» нисбат ба Британияи Кабир на чандон дуруст аст .Дар ин ҷо асоси тартиби мавҷуда чист?*

*4. Дар кадом соҳои робитаи иқтисодӣ байналмилалӣ Британияи Кабир дар ҷойҳои аввал меистад?*

*5. Аз рӯи «қудрати» иқиисодӣ ва хоҷагидории ихтисоси Англия,Уэлс, Шотландия ва Ирландияи Шимолӣ байни якдигар дар кадом мавқеанд?*

*6.Ба фикри Шумо дар бори мавҷуд будани этнофарҳанги махсуси Шотландӣ ваУэлс дар ҳайати Британияи Кабир сухан рондан мумкин аст ?*

## 2.4 Франсия

Франсия (Ҷумҳурии Франсия).

Масоҳаташ 551 ҳазор км$^2$.

Аҳолиаш-60 миллион нафар.

Зичии аҳоли дар 1 км$^2$ -108 нафар.

Ҷумҳурии Франсия замоне империяи бузурги мустамликадорӣ буда, баъд аз Англия аз ҷиҳати иқтидори иқтисодӣ пуриқдитортарин салтанат дар ҷаҳон ба ҳисоб мерафт. Айни замон яке аз давлатҳои обурӯманди дунё ва аз ҷиҳати сиёсӣ, иқтисодӣ ва маданӣ мақоми воло дошта ба шумор меравад. Ин мамлакат дорои яроқӣ ядрои буда, мустақил таҷрибаҳои омӯзиши кайҳонро мегузаронад. Франсия яке аз ҷумҳӯриҳое мебошад, ки барои ташкили «Иттиҳоди Аврупо» саҳми арзандае гузоштааст. Пойтахти Франсия шаҳри Праиж, бузургтарин маркази тамаддуни дунё, маркази муҳими қисмати ғарбии давлатҳои Аврупо, яке аз шаҳрҳои сайёҳии дунё ва ғайраҳо мебошад. Маркази идории ҷамъияти «ЮНЕСКО» дар ин шаҳр қарор дорад. Мақоми Франсия дар ҷомеаи ҷаҳонӣ ин на танҳо сатҳи баланди иқтисодиву молиявӣ, балки таҷрибаи амиқи таърихии мамлакат ва тавоноии мутобиқшавии сиёсатро дар тӯли таърих нишон додааст.

Франсия ба мисли Англия бокимондаҳои дороии (ба ном департаментҳои «паси баҳри» заминҳо ва ғайраҳо) худ, ки аз даврони империяи мустамликави (Тваделупа, Мартинка, Реюнон, Гвианаи фаронсавӣ, Полинезияи фаронсавӣ, Каледонияи Нав, Уолисс, Футуна, ҷазираҳои Антрактида, ҷазираҳои Ҷанубӣ, Майётта, Сен-Пер ва Микелон)-ро сиҳиб аст. Дар Гвианаи Франсия маркази машҳӯри космодроми «Франсия Куру» ҷойгир мебошад.

### Мавқеъи географӣ, иқлим ва захираҳои зеризаминӣ

Аз рӯи масоҳт Франсия ду маротиба аз Британияи Кабир калон буда, дар Аврупои хориҷӣ (баъд аз Украина) дар ҷойи дуввум меистад. Илова бар минтақаҳои материкӣ ва ҷазираи Коросика боз баъзе ҷазираҳои хурд-хурде ба ҳудуди Франсия дохил мебошанд. Мавқеи махсуси ҷойгиршавии географӣ дар чорроҳаи байналмилалӣ қарор доштан, ҳамсарҳад будан бо уқёнус (Атлантика ва баҳри Миёназамин), ҳамсарҳад будан бо Белгия, Шветсария ва наздик будан ба давлатҳои африқои Магриба барои рушди тамоми соҳаҳо шароити мусоид фароҳам меоварад. Баъд аз ба кор додани нақби зери обӣ аз зери Ла-Манш ба ин иртиботот Британияи

Кабир низ дохил гардид. Дар сарҳадҳои Франсия ду ҷумҳурии хурд, яъне Монако (дар соҳилҳои Лазур) ва Андорра (дар Пиреней) қарор доранд. Франсия дорои якчанд  марзу буми пасибаҳрӣ ва ширкатҳо дар Америка, Африка ва Океания, ки масоҳати умумиашон ба 127 ҳазор км$^2$ мерасад, доро мебошад.

Масоҳат ва ҷойгиршавии қулайии ва зебои Франсия  (баъзан фаронсавиҳо ватани худро «Эгзагон», яъне шашкунҷа ном мебаранд), самти васеъи интиқоли маҳсулотҳои гуногун, ба воситаи марзҳои соҳилӣ ва мавқеи коммуникатсионии Франсияро  боло мебардорад. Қисмати зиёди марзҳои хушкигарди Франсия  аз сарҳадҳои кӯҳҳои Пиреней, Алп, Юр ва баъзе дарёҳо мегузарад. Танҳо қисмати шимолу-шарқии сарҳад (бо Олмон, Люксембург ва Белгия) аз ҳамвори мегузарад тағйир намеёбанд ва марзи аниқи табии  низ надоранд. Маҳз ҳамин нозӯки дар бисёр маврид сабаби ҳуҷумҳои аҷнабиён гаштааст.

Бартарияти табиии Франсия ин минтақаҳои кӯҳии сарҳад дар шарқ ва ҷануб, пастхамиҳо ва ҳамвориҳои васеъ дар марказ, шимол ва ғарб, мебошанд. Алп ва Юр сарҳадҳои географии  Франсия, бо  Италия ва Шведсария мебошанд. Қуллаҳои зиёди Алп беш аз  4 000 м баланди доранд. Кӯҳи Монблан (4 807 м), аз ҳама баландтарин қулла дар Аврупо мебошад. Баландии кӯҳи Юр тақрибан ба 1700м марасад ва тадриҷан  ба сӯи води Рона паст шуда меравад. Дар қисмати шимолу шарқи сарҳади Франсия-Германия аз Рейн мегузарад. Дар ин қисмати Франсия  силсилаи кӯҳӣ Вогез, ки баландиаш 1424 м мебошад, қарор дорад. Пиреней, ки монеаи табиӣ миёни Франсия  ва Испания аз ҷониби Фаронса 3298м баланди дорад. Паҳнкӯҳи Марказӣ аз кӯҳсори ҷанубу шарқии  водии Рон ҷудо  аст. Масоҳати ҳамворӣ аз ҳама майдони калонтарин дар Франсия ба ҳисоб меравад. Аз байни ин ҳамворӣ  дарёҳои Сен, Лаура ва Гаронна ҷори мешаванд. Тақрибан  аз ду ҳазор дарёе, ки дар Франсия ҷори мешаванд, дар ин ё он қисми  онҳо киштиҳо ҳаракат менамоянд. Кӯлҳо дар Франсия наонқадар зиёданд ва аз ҳама асосияшон ин кули Женева мебошад, ки қисмати зиёди он дар Шветсария ҷойгир аст.

Маъданҳои минералии мамлакат гуногун ва хеле зиёд мебошанд. Франсия дорои канданиҳои фаровони фоиданок дар Аврупои Ғарбӣ буда, миқдори зиёди маъданҳояш ин оҳан, боксид,  калий,  намаксанг ва маъдани уран мебошад. Канданиҳои фоиданок асосан дар шимол,  шимолу шарқ ва ҷануби Франсия  ҷойгир мебошанд. Камчинии маводи сӯзишвориро ба воситаи  истифодаи нерӯгоҳои барқии обӣ ҷуброн  месозанд. Аз ҷиҳати бузургии захираҳои обӣ Франсия  дар байни давлатҳои  Аврупои хориҷи танҳо аз, Нарвегия ва давлатҳои Балкан қафо мемонад. Захираҳои табиию тансиҳатӣ, курорту санаторияҳо хеле зиёданд.  Хусусан, дар Франсия диққати одамонро   курорту лагерҳои лижаронии зиёди Алп ҷалб меномоянд.

**Аҳолӣ.** Баъзан давлати Франсияро  бо номи қадимааш, яъне Галлия ном мебурданд ва шаҳрвандонашро галлҳо. Ин номгузорӣ на онқадар мафҳуми худашро ифода мекунад, чун ки мамлакати қадимаи Галлия масоҳати ниҳоят калонро ташкил менамуд, яъне Белгия, Люксембург, як қисмати Нидерландия, Шиветсария ва шимоли Италияро низ фар мегирифт.

Таърих гувоҳ аст, ки 58-51-уми пеш аз милод Галлия аз ҷониби римиҳо  ишғол кардашуда буд. Баъд аз забт румиҳо  ташаккули  халқи румӣ-галлиҳо дар асоси фарҳанги Рим, аз ҷониби румиҳо ба роҳ монда шуд. Аз асри III милодӣ қабилаҳои германии-франкҳо ба ҳуҷум ва ишғол намудан оғоз бахшиданд. То дами порашавии ипреияи бузурги Рим, онҳо минтақаи калони Галлро забт карда гирифтанд. Баъдтар, дар асри VI аз Испания дар қисмати ҷануби Галлия басконҳо омаданд. Онҳо бо қабилаҳои онҷо якҷоя шуда, қабилаи этникии нав, яъне гасконҳоро ба вуҷуд оварданд. Дар зери таъсири фарҳанги галло-ромиҳо, фарангҳои олмонӣ забан ва фарҳоанги худро аз даст медиҳанд. Соли 843 римишудагиҳои франкӣ шоҳигарии бузург ва пуриқтидори худро бо номи Франсия  ташкил намуданд. Аз сабаби он ки

дар ташкил намудани аҳолии Франсия дар шимол ва ҷануб қабилаҳои этникии гуногун, ки сатҳи римиашон якхела набуданд, онҳо ба ду гурӯҳи этники (гарчанде ки як авлод буданд) фаронсавиҳои шимолӣ ва правонсалҳо тақсим гаштанд. Бинобар ҳамин фаронсавиҳо дорои худшиносии мустаҳками дутарафа мебошанд.

Айни замон фаронсавиҳо тақрибан 90% аҳолии Франсия ташкил медиҳанд. Қисматҳои дурдасти вилоятҳояш, ки аз гурӯҳҳои этникии урфу одатҳояшон гуногун-бритонҳо 1,5 миллион нафар, элвазҳо аз 1-миллион зиёдтар, фламанҳо, корисканҳо, баскиҳо, католанҳо зиндагӣ мекунанд. Дар мамалакат дар зиёда аз 5 миллион муҳоҷирон, ки қисми зиёдашон аз мамлакатҳои Африқои Шимолӣ ва қисми дигарашон аз мустамликаҳои Франсия-Португалия, ворид шуданд. Кариб 2/3 ҳиссаи аҳолии мамалакат дар қисматҳои хати Гарв-Марсел, дар самти шарқӣ ҷойгир шудаанд. Дар ин минтақа шаҳрҳои калонтарини Франсия-Париж, Лион, Мрсел, Лилл, Тулуза, Нисса, Страсбург, Нант ва Бордо қарор доранд. Тақрибан 90% аҳоли католикҳо мебошанд.

Париж дар ҷойи сераҳолии қабилаи паризиҳои Лютенӣ рушд ёфт. Аз асри III-IV солшумории милодӣ, ҳамчун Призием (баъдтар Франс. Paris) номбурда мешуд. Дар охирҳои аср X Париж пойтахти давлати Франсия мегардад.

Париж аз ҳама пойтахти зеботарин дар Аврупо ба шумор меравад.ин шахр ба дигар шаҳрҳои Франсия ягон монанди надорад. Бинобар ин Парижро «шахр-давлате бо қонуни худ» ном мебаранд. Ҳар як кӯчаву хиёбони шаҳри дорои таърихи худ мебошад. Ёдгориҳои таърихи ва осорхонаҳояш бошанд дар тамоми дунё машҳӯранд. Сохтори архитектуравии гузаштаи шаҳр нигоҳ дошта шудааст. Ин шаҳрест, ки аз тағйиротҳо ҳарос надорад. Париж-иҳоткунандаи зебой, санъат ва муд, шаҳри ҷазоби умумӣ мебошад. Маркази Париж ин ҷазираи Ситэ дар Сена мебошад. Аз ҳама бинои таърихӣ, ки бо воқеяҳои зиёди тарихӣ алоқамнд аст, ин калисои «Модархудоӣ Париж» мебошад, ки дар асри XII-XIV сохта шудааст. Яке аз ҷойҳои таърихии шахр, ки баландиаш 82 м аст, паси ду манораи чоркунҷа ҷойгир аст. Дар тӯли рузҳои маросимҳои гуногун шаҳрвандон метавонанд ба баландии зангулаи 16 тоннагии миссин баромада, зебоии шаҳрро тамошо намуда, баҳраманд гарданд. Ин зангула дар асари В. Гюг «Калисои модархудойи Париж», ки қаҳрамони асосӣ Квазимо мебозид, омадааст. Аз ҳама воқеаи хотирмон ин қасамёдкунии Напалиони I, дар соли 1804 буд, ки ипeратор ба худаш тоҷ гузошт. Қисми ғарбии Ситеро биноҳои давлати-меҳмонхонаҳое ташкил кардаанд, ки идоракнандагони авали шоҳигари дар он ҷо умр ба сар мебурданд.

**Давлат. Шоҳигарии Франкҳо**, ки дар соли 843 ташкил ёфта буд, муддати дароз ба шакли феодалӣ поравӣ фаъолият менамуд. Муттаҳидкунонии давлат дар асри XV хотима ёфт. Тартиботи мутлақи давлатдории шоҳигариро инқилоби бузурги Франсия, ки дар охири асри XVIII оғоз ёфта буд, аз байн бурд. Сол 1792 аввалин Ҷумҳурии Франсия (республикаи 1-ум) ташкил гашт. Баъд аз табадулоти давлати соли 1799, ки сабаби анҷоми инқилоб гашт, дар кишвар диктатураи ҳарбии Напалеон Банапарт (дар шакли консолӣ ва аз соли 1804 империя (империя 1-ум) ҳукмрон мешавад. Баъд аз шикасти давлатдории Напалеон, ҳукуматдории монархии сарқонун, ки аз соли 1814 то соли 1848 фаъолият менамуд, сари қудрат омад. Инқилоби февралии соли1848 сохтори ҷумҳуриро (ҷумҳурии 2-юм) ҷорӣ намуд. Вале соли 1852 ҷумҳуриятро империяи Напалиони III иваз намуд. Дар давоми ҷанги Франк-Пруссӣ соли 1870-1871, ки дар ин ҷанг ипeратор асир гирифта шуд, инқилоби сентябр оғоз гашт, ки ин инқилоб сабаби ташкили ҷумҳурии 3-юм гашт. Дар моҳи марти соли 1871 дар натиҷаи шуриш дар шаҳри Париж шакли давлатидоракунӣ, ки бо номи Коммунаи Париж ташкил ёфт, ки аз ҷониби ҳукумат шикаст дода мешавад. Соли 1875 Сарқонуни 3-юми ҷумҳурӣ қабул када мешавад.

Дар охири асри XIX ҷумҳурии мустамликавии Франсия ташкил карда мешавад. Дар натиҷа Фаронса ба яке аз давлатҳои абарқудрати дунё табдил ёфт. Дар ҳайати Антанта ((Антант-Entent калимаи фаронсавӣ буда, маънояш-созиш, розигӣ

мебошад) («Созиши сегона»)- муттаҳидшавии Британияи Кабир, Франсия ва Русия, ки соли 1904-1907 баста шуда буд. Баъдан дар рафти Ҷанги якуми ҷаҳон ба муқобили Германия зиёда аз 20 давлат (ИМА, Япония, Италия ва ғайраҳо) ба ин созишнома дохил гашта буданд). Франсия дар ҷанги якуми ҷаҳон иштирок намуд, ки ин ҷанг ба манфиъати Франсия, яъен бастани шартномаи сулҳи Версал соли 1919 анҷом ёфт. Соли 1940 Фаронса аз ҷониби қувваҳои германию италиягӣ таҳти тасарруф қарор мегирад. Соли 1944 аз ҷониби қувваҳои муқобили гитлерӣ ва ҳаракати муқовимат Франсия озод карда шуд. Соли 1946 Сарқонуни 4-уми Ҷумҳурии Франсия аронса қабул карда шуд. Соли 1958 ҳангоми сари кудрат омадани Ҷумҳурии 5-ум, Франсия боз яке аз давлатҳои пешқдами ҷаҳон гардид.

Франсияи ҷадид-ҷумҳурии *президентӣ*. Призидент роҳбари давлат ва ҳокимияти иҷроия қудрат мебошад. Аз ҷониби президент вазирон ва аъзоёни ҳукумат (бо розигии парлумон) таъин менамояд, роҳбари шӯрои вазирон, қувваҳои мусалаҳро идора менамояд. Парлумон аз ду палата: шӯрои миллӣ ва сенат иборат аст. Ҳизбҳои фаъол дар Франсия -Ҳизби фаронсиявии сотсиалисти (ҲФС), муттаҳиди барои дастгирии ҷумҳурии (ИБДҶ), Ҳизби фаронсавии коммунистӣ (ҲФК), мебошанд. Иттифоқи касаба ташкилоти васеъ ва пурнуфуз мебошад.

Идоракунандаи-ҳудудӣ Франсия аз 95 департамент ва ҳудуди-идоракунанда-Корсики, (расми 2.) иборат мебошад. Инчунин ба ҳайати Фаронса 4 департаменти берун аз баҳрӣ (Гведелупа, Гвиана, Мартиника ва Реюнон), 4 ҳудуди беруни баҳрӣ (Каледонияи Нав, Полинезияи фаронсавӣ, ҳудудҳои ҷанубиарктикии фаронсавӣ Уоллис ва Футунаи), ҳудудҳои махсус-ҷазираи Майотта, ҷазираи Сен-Пиер ва Микелон, дохил мегарданд.

Консепсияи асосии сиёсати хориҷии Фаронса ин гузаронидани сиёсати фаъоли мустақили хориҷӣ мебошад. Фаронса зина ба зина барои сохтани маркази пуриқтидори ҷаҳонӣ дар Аврупои Ғарбӣ кӯшиш ба харҷ медиҳад.

***Расми 2. Ноҳияҳо ва департаментҳои Франсия***




*Нор-Па-де-Кале: 1 – Паде-Кале, 2 – Нор; Нормандияи Поён: 1 – Манш, 2 – Калвадос, 3 – Орн; Нормандияи Боло: 1 – Сенаи Наздибаҳри, 2 – Эр; Пикардия: 1 – Сомма, 2 – Эн, 3 – Уаза; Шампан-Ардени:1 – Ардени, 2 – Марна, 3 – Об, 4 – Марнаи Боло; Ил-де-Франс: 1 – Париж, 2 – О-де-Сен, 3 –*

*Ивелин, 4 – Вал-д'Уаз, 5 – Сен-Сен-Дени, 6 – Вал-де-Марн, 7 – Сена ва Марна, 8 – Эссонн; Марказ: 1 – Эрва Луара, 2 – Луара, 3 – Луара ва Шер, 4 – Эндр ва Луара, 5 – Эндр, 6 – Шер; Лимузен: 1 – Венаи Боло, 2 – Крез, 3 – Коррез; Оверн: 1 – Але, 2 – Пюи-де-Дом, 3 – Кандаль, 4 – Лаураи Боло,; Бреиан: 1 – Финистер, 2 – Кот-Дармор, 3 – Мориан, 4 – Ил ва Вилен; Пэи-де-ла-Луар: 1 – Майенн, 2 – Сарта, 3 – Лаураи Атлантики, 4 – Мен ва Луара, 5 – Вандея; Пуату-Шаранта: 1 – Дё-Север, 2 – Венна, 3 – Шарантаи Наздибаҳр, 4 – Шаранта; Лотарингия: 1 – Мез, 2 – Мерт ва Мозел, **3** - Мозель,^- Вогезы; Эльзас: **1** -Нижний Рейн, **2** - Верхний Рейн; Бургундия: **1** -Йонна, **2** - Кот-д'Ор, **3** - Ньевр, **4** - Сона и Луара; Франш-Конте: **1** - Верхняя Сона, **2** — Ду, **3** — Юра; Аквитания: **1** - Жиронда, **2** -Дордонь, **3** - Лоти Гаронна **4** — Ланды, **5** - Атлантические Пиренеи; Южные Пиренеи: **1** - Лот,2 - Аверон, **3** - Тарн и Гаронна, 4 - Тарн, 5 - Жер, (5 - Верхние Пиренеи,7 — Верхняя Гаронна, **8** — Арьеж; Л анге док-Руси льон: **1** —— Л озер, **2** — Гар, **3** —Эро, 4 — Од, 5 — Восточные Пиренеи; Рона-Альпы: **1** — Луара, **2** — Рона, J — Эн **U** — Верхняя Савойя, 5 — Савойя, **6** — Ардеш, 7 - Дром, **8** — Изер;Прованс-Альпы-Лазурный берег: **1** - Воклюз, **2** - Верхние Альпы, **3** - АльпыВерхнего Прованса, **4** - Буш-дю-Рон, 5- Вар, **6**- Приморские Альпы; Корсика: **1** — Верхняя Корсика, **2** — Южная Корсика.*

**Иқтисодиёт.** Франсия кишвари мутараққии индустриалӣ буда, дар рушду нумӯи самтҳои илму техника ва саноат дар ҷаҳон ҷойи намоёнро магирад. Хусусияти анъанавии иқтисодиёти Франсия дар он аст, ки мавқеъи асосиро сектори калони давлатӣ ташкил медиҳад. Санҷиш гузаронии иқтисодиёт дар Франсия хосияти стратегӣ ва барномаи умумимиллӣ дорад, аз рӯи нақша пеш бурда мешавад. Саноати истихроҷкнанда дар ҳоли бӯҳрони иқтисодӣ қарор дорад. Дар мамлакат истеҳсоли ангиштсанг, маъдани оҳан, бокситҳо тамоман қатъ гардидааст. Асосан маъданҳои зеризамини дар қисмати марказӣ (маъдани уран), дар ҷанубу ғарб (гази табиӣ) ҷой гирифтаанд. Франсия дар масъалаи фурӯши маҳсулоти минералии хом ҷойи намоёнро ишғол менамояд. Асосан энергетикаи миллиро нерӯгоҳҳои барқии атомӣ ташкил медиҳад. Саҳми НБА дар маҷмӯи истеҳсоли энергетики ба 84% баробар аст. Таърихӣ иқтисодиёти Франсия ба се зина тақсим мешавад: якум, баъди ҷангӣ, дар замони ҷанг ба нақшагири маҷбурӣ буд ва миқдори истеҳсол пӯлод, нерӯи барқ бо нархҳояш мувофиқат менамуд. Дуввум, «индикатив» бояд давлат ва шахсони воқеъи мақоми худро дар истеҳсолот муайян намоянд. Севум, ин зинаи тараққиёти банақшагирии стратегист. Аз рӯи ин нишондиҳанда Франсия мақоми аввалро ишғол менамояд. Дар бобати истеҳсол ва истифодаи НБО мақоми махсусро доро мебошад.

Дар сектори истаҳсоли саноатӣ саноатӣ коркардабарои ҷои махсусро мегирад. Дар металлургия ҷои махсусро таёр намудани метали сиёҳ Дюн Керк, Форс ишғол манамояд. Ашёи хоми алюминий аз дигар давлатҳо оварда бо нерӯи барқи арзони маҳаллӣ таъмин карда мешавад. Саноати истеҳсоли алюминий ва электроэнергетикаи арзони аз НБО-ҳои кӯҳҳои Алп, Пиреной ва қисмти Марказиро коркард менамояд. Ҷойи муҳимро дар саноат самти машинасозӣ мегирад. Дар сохтори машинасозӣ автомобилсозӣ ва воситаҳои нақлиёт ҷойи аввалро мегирад. Франсия бо дигар давлатҳои ҷаҳон рақобатпазир буда, дар бозори ҷаҳонӣ ба фурӯши автомобил, техникаи кайҳонӣ ва киштисозӣ ҷойи махсусро мегирад. Ширкатҳои бузурги автомабилсозӣ «Рено», «Пежо» ва ҷиҳозҳои кайҳонӣ «Аэроспасял», «Авон Марсел Дессо Бреге» дар қатори калонтарин ширкатҳои дунё ҷойгир мебошанд. Истеҳсоли масулоти саноатӣ электротехникӣ мақоми намоён дорад. Тақрибан 40% маҳсулоти саноатӣ асбобҳои мошинасозӣ ба хориҷа бароварда мешаванд. Саноати машинасозӣ асосан дар шахрҳои калон (Париж, Лион) ва атрофии онҳо ҷойгиронида шудаанд. Саноати кимиё пас аз машинасозӣ мақоми дуввумро мегирад. Мавқеъи махсусро истеҳсоли атриёт, косметика, доруворӣ ишғол менамояд. Истеҳсоли маводҳои резини низ ба роҳ монда шудааст. Саноати химия низ дар атрофии Париж, Лион ва Ҷануби Франсия воқеъ гардидаанд.

Мақоми сеюмро саноати сабук мегирад, ки он дар Аврупо ва дар ҷаҳон аз ҷиҳтаи истеҳсоли матоъ, либоса, пайафзол дар сафи аввал меистад. Маҳсулоти истеҳсолшаванда зебо ва бо сифат мебошанд. Франсия ҳамчун маркази муди қонунӣ ба шумор меравад. Ҷойи намоёнро маркази дузандагӣ, ки дар Париж воқеъ аст,

ишғол менамояд. Миқдори зиёд ва маҳсулотҳои гуногунтамғаро дар саноати хӯрокворӣ истеҳсол менамоянд. Қисми зиёди хӯрока ба монанди истеҳсоли вино, қаннодӣ, соҳаи консервабарорӣ ҷойи намоёнро ишғол менамояд. Саноати хӯркворӣ дар тамоми ноҳияҳо бо меъёри талабот сохта шудаанд.

Илова бар ин комплекси агросаноатии Франсия ҷойи махсусро ишғол менамояд. Франсия дар Аврупои Ғарбӣ дар соҳаи истеҳсоли гӯшт, шир, гандум ва лаблабӯи қанд ҷойи якум, дар ҷаҳон аз ҷиҳати истеҳсоли панирро ҷойи дуввум, дар Аврупо (баъд аз Италия) аз рӯи истеҳсоли ангур ҷойи дуввумро ишғол менамояд. Ҳосилнокии гандум (зиёда аз 70 с/га) мебошад. Миқдори гуногуни дарахтҳои мевадиҳандаи канори баҳри Миёназамини фаронсавӣ (шафтолу, бодом, зардолу, себ ва меваҳои ситруси) хеле серҳосил мебошанд. Хоҷагидорони хӯрду калони деҳқонӣ ба истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ машғуланд. Дар сектори аграрӣ бошад, корхонаҳои калон маҳсулоти гуногун истеҳсол менамоянд. Дар хоҷагии қишлоқӣ Франсия тақрибан 1млн. нафар одам фалоълит менамоянд, ки бо миқдори маҳсулоти истеҳсолкардаашон дар байни мамолики мутарақӣ (баъд аз ИМА ва Канада) ҷойи сеюмро ва дар Аврупои Ғарбӣ ҷойи якумро мегирад.

Беш аз нисфи арзиши маҳсулоти хоҷагии қишлоқ ба чорводорӣ рост меояд. Соҳаи муҳими чорводорӣ ин парвариши чорвои калони шохдор мебошад. Саршумори чорвои калони шохдор асосан дар қисмати шимолу ғарбии мамлакат рост меояд, ки дар ин минтақаҳо чарогоҳҳои калон мавҷуд мебошанд. Илова бар ин дар ҳамвориҳои Марказӣ низ чорводорӣ тарақӣ кардааст. Истеҳсоли гушту шир, равған, панир ва консерваҳо хуб ба роҳ монда шудааст.

Дар зироаткорӣ мақоми аввалро кишти гандум ишғол менамояд. Ангурпарварӣ, зироатҳои полизӣ, боғпарварӣ ва дигар намуди зироҳатҳои кишоварзӣ мавқеи намоён доранд. Гандум, ҷав ва ҷуворимакка асосан дар ҳамвориҳои шимоли Франсия кишт карда мешаванд. Ангур ва коркардаи он дар ҳамвориҳо ва поёнҷараёни дарёи Гаронна, Дордона ва Шаранта парвариш карда мешавад. Шароби машҳури коняк дар шаҳри Коняки ҳамин музофот тайёр карда мешавад. Дигар ноҳияи махсусгардонидашуда барои истеҳсоли Шампан-Бургундия ва ғайраҳо мебошанд. Аз зиротҳои техникӣ лаблабӯи қанд, дар қисмати шимолии Фаронса кишт ва парвариш карда мешавад.

Хати таъминоти нақлиёти Франсия чунон барномарезӣ карда шудааст, ки ба маркази шаҳр бар мегардад, яъне ба Париж омада мерасад. Тамоми роҳҳои оҳан, шоҳроҳҳои автомобилӣ, роҳҳои обии дохилӣ, фурудгоҳҳо аз маркази кишвар оғоз мегарданд. Таносуби байни намудҳои нақлиёт барои марказҳои мамлакатҳои индустриявӣ қариб монанд мебошад. Қисмати зиёди интиқоли дохилии мусофирон ва маҳсулотҳои гуногунро нақлитҳои автомобилӣ ва роҳи оҳан таъмин менамоянд. Франсия дар Аврупо аз ҳама зиёд роҳи оҳан(қариб 40 000 км) дорад. Хатҳои нақлиёт бо нерӯи барқ хуб ҷиҳозонида шуда, суръати тези онҳоро (дорои 50 маркази муҳим) таъмин мекунад. Аз ин гуфтаҳо бар меояд, ки Фаронса дар Аврупо аз ин ҷиҳат яке аз давлатҳои пешрафта мебошад. Ин кишвар дар тартиб додани лоиҳаҳои байналмилалӣ аз ҷумла барои сохтани магистралҳои баландсуръат дар ИМА ва дигар мамлакатҳо саҳми арзандаеро доро мебошад. Дарозии роҳи автомобили тақрибан ба 1,1 млн. км мерасад. Фаронса дар байни мамлакатхои мутарақӣ танҳо аз ИМА қафо меистад. Махсусан, нақлиёти автомобилӣ барои интиқоли мусофирон мавқеи намоёнро доро мебошад. Саҳми нақлиёти ҳавои дар интиқоли мусофирон калон аст. Нақлиёти обӣ асосан миёни давлатҳо робитаҳои иқтисодиро таъмин менамоянд. Бандарҳои асоси- Марсел, Гавр, Дюнкерк, Нант, Бордо ва Руан мебошанд. Франсия бо давлатҳои ҳамсоя муносибатҳои иқтисодӣ ва ҳамкориҳои ба ҳарду ҷониб судмандро анҷом медиҳад. Аз ҷиҳати ҳаҷми савдои берунӣ ва содироти маҳсулотҳои саноатӣ дар ҷаҳон ҷойи чорумро (баъди ИМА, Германия ва Япония) ишғол менамояд. Ҳарифони асосии мамлакат ИА (Иттиҳоди Аврупо, Олмон, Италия, Британияи Кабир, Белгия, Нидерландия, Люуксенбург) мебошад. Бо

кишварҳои ИМА, Япония, Хитой, Африқо, Шарқи Наздик, Шарқи Миёна, Амрикои Лотинӣ ҳамкориҳои зич дорад. Франсия барои амалӣ намудани лоиҳаҳои инвеститсионӣ мавқеъи муҳим дорад. Дар масъалаи маблағгузории хориҷӣ дар ҷаҳон ҷои саввумро мегирад. Франсия аз рӯи миқдори қабули сайёҳон, ки 80 млн. нафарро ташкил медиҳанд, дар ҷаҳон ҷои аввал ва аз ҷиҳати даромад аз ин соҳа пас аз Испания ҷои дуввумро мегирад. .

**Тафовутҳои ноҳиявӣ ва сиёсати музофотӣ.** Дар чунин майдони васеъ ва дорои таърихи бой, фарқияти ноҳиявӣ хело зиёд ба назар мерасанд. Баъзе аз онҳоро, ки ба географияи иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дахл дорад, дида мебароем:

Парж ва тамоми ҳашамати атроф ҳамун пойтахти мамлакат дар ташаккулёбии иқтисодиёти миллӣ, илм, мадания ва ғайраҳо нақши муҳимро бозидааст;

Меҳвари асосии миллат-асосан аз хати Париж-Лион-Марсел мегузарад, ки қисмати ғарбӣ ва ҷанубу ғарбии ноҳияҳои Франсия назар ба шимол ва шарқии кишвар кишоварзӣ бартарӣ дорад. Масалан Бретан бо боғҳои себ ва марғзорҳои сералафи ширдор барои чарогоҳ шӯҳратманд мебошад.

Марказҳои асосии металургияи анъанавии сиёҳ дар шимол (Лотарингия), металлургияи ранга дар ҷануб, машинасозӣ дар марказ ва шарқ воқеъ гаштаанд.

Қабилаҳои этникии ҷудогона дар гирду атрофии мамлакат зиндагӣ менамоянд, аз қабили бретонҳо, корсикагиҳо, элзасҳо, баскиҳо, баллонҳо, каталонҳо, дар ноҳиябандӣ ҳудуди давлатро ба се қисм тақсим менамоянд:

**Музофоти шимолӣ.** Ин қисми шимоли Франсия, аз ҷумла тамоми атрофи Парижро дар бар мегирад. Дар масъалаи хоҷагидорӣ ва дигар ҷабҳаҳои фаъолият мавқеъи махсус дорад. Дар ин музофот нисфи аҳолии Франсия ҷойгир шудааст ва қисми зиёди маҳсулотҳои саноатиро истеҳсол менамоянд. Париж марказӣ саноати гуногунсоҳаи хоҷагии халқ ва шаъну эътибори тамоми Фаронса мебошад.

**Ба музофоти ҷанубу шарқӣ води Рана**, баҳри Миёназамин ва Алп дохил мешаванд. Ин музофот дар тири тараққиёти хати индустрияви Аврупо ҷойгир шудаст. Сатҳи тараққиёти Ҷанубу шарқ нисбат ба Шимол дар зинаи на чандон хуб ҷойгир шудааст. Соҳаҳои истеҳсолӣ асосан дар шаҳри Ло ин ва гирду атрофии он ҷойгир шудаанд. Лион (1,2 млн. нафар аҳолӣ) дорад. шаҳри калонтарин баъд аз Париж, маркази иқтисодӣ мебошад. Ба ғайр аз ин истеҳсолоти калони саноатӣ дар ноҳияи Марсел (1,2 млн. нафар аҳолӣ дорад) аз рӯи зичии зиёди ҷойгиршавии аҳолӣ шаҳри севвуми Франсия ба ҳисоб меравад. Илова бар ин, Марсел бандари асосии баҳрии мамлакат мебошад.

Дар ин минтақа хоҷагии қишлоқ бо суръат тарақӣ карда истодааст. Хоҷагиҳои махсусгардонидашудаи ангурпарварӣ, боғпарварӣ, сабзавотпарварӣ ташкил ёфтаанд. Нақши намоёнро маҷмӯи хизматрасонии сайёҳӣ дар шарқи баҳри Миёназамин бозида истодааст, ки даромади зиёди шаҳрро таъмин менамояд.

Музофоти Ғарбӣ нисфи масоҳати мамлакатро ташкил дода, аз панҷ як ҳиссаи маҳсулоти истеҳсолшудаи саноатиро ташкил медиҳад. Музофоти Ғарб сатҳи пасти тараққиётро доро мебошад.

Хусусияти тахассуси онро дар бисёр маврид хоҷагии қишлоқ, саноати сабӯк ва хӯроки муайян менамояд. Дар ҳамин хол, истеҳсолоти саноатӣ дар шаҳрҳои бузург-Борд, Тулуза, Нант, Сен-Назер мутамарказонида шуда аст. Илова бар ин дар ин шаҳрҳо саноати ҳарбӣ (авиатсионӣ-реактивӣ, аэрокосмикӣ ва ғайраҳо), киштисозӣ, истеҳсоли маҳсулоти кимиёвӣ ба роҳ монда шуда аст.

**Сиёсати музофотии Франсия.** Сектори давлати ҳамчун воситаи асосии иҷро намудани сиёсати музофоти мебошад. Дар гузаштаи на чандон дур солҳои 80-уми асри XX 20% - и қудрати истеҳсоли дар ихтиёри давлат буд. Бонкҳои давлати 3/4

депозитӣ ва қарздиҳиро иҷро менамуданд ва дар сектори давлатӣ тақрибан 1/4 коргарон ва хизматчиёни давлитии ин мақомот буданд. Дар ин ҳол истеҳсоли нерӯи тамоми барқ, газ, нақлиёт, алоқа, киштисозӣ, ҳавопаймосозӣ, истеҳсоли ангишт ва дигар соҳаҳо дар ихтиёри давлати буданд.

Солҳои 80-90 асри гузашта вазъ тағйир ёфт, яъне шакли моликияти тағйир ёфт, аммо на ба манфиати давлат. Вале сохторҳои дигар ба монанди: буҷа, сиёсати қарздиҳӣ, инкишофи минтақавӣ, сиёсати боҷ, идора намудани нарх,хардҳои давлатӣ ва ғайраҳо дар ихтиёри давлат монданд.

Франсия кишвари классики барномарезии бозор ба шумор меравад, ки баъд аз ҷанг ҳамеша банақшагирии иқтисодиёт ба амал бапрварда мешавад. Ин нақшаҳо натанҳо инкишофи миллиро нишон медоданд, балки роҳҳо ва усулҳои бароҳмондани барномаҳои минтақавиро дар худ таҷассум мекунанд. Айни замон иҷрои вазифаҳои зерин дар назар дошташудааст:

1. Десентрализатсиякунонии Франсия, яъне суст намудани рафти истеҳсолот ва кам намудани аҳолии марказ-Париж;
2. Индустриализатсиякунонии департаментҳои аграрӣ, хуб намудани вазъи комуналӣ ва хоҷагидорӣ;
3. Реконверсияи саноат дар музофотҳои кӯҳна аз худшудаи барҷомонда (музофоти Шимол, Лотарингия);
4. Ҳавасманднамоии тарақиёти шаҳрҳои миёна ва хурди марказҳои музофот.
5. Бартари додан ба тараққиёти саноати музофоти Ғарб ва массиви Марказӣ ва барҳам додани ҷудоии онҳо тавассути созмони инфрасохтор;
6. Тараққи додани сектори сеюм дар гирду атрофи музофот

Тобишҳои музофотҳои Франсия дар сатҳи тараққиёти истеҳсолот ва талаботҳои стандартии иҷтимоӣ фарқи калон дорад. Аҳолии музофотҳо дигар нисбат ба аҳолии марказ шароити хуб доранд, ба чашм аён мешавад. Ин мушкилот ҳукуматро водор ба тақсимнамоии баробари «тағйироти минтақвӣ»-и мамлакат, баҳри пайдо намудани мувозинати хоҷағӣ ва аҳолӣ, равон менамояд.

Чи тавре ки дар боло қайд карда шуд, яке аз самтҳои тараққиёти сиёсати музофотҳои Фаронса ин иқтисодиёти Парижро аз марказ интиқол додан мебошад. Масоҳаташ 7 департамент (Париж, Эссон, Сенаи Боло, Сена-Сен-Дени, Водии Марн, Водии Уаз ва Ивелин), маркази ноҳияи Ил-де-Франс тақрибан 20% аҳолии фаъоли иқтисодӣ, 70% коргарони илмӣ, нисфи зиёди муҳандисон ва ғайраҳоро ташкил медиҳад. Роҳбарияти давлат барои аз марказ кӯчонондани корхонаҳои саноатӣ саҳми худро гузошта истодаанд.

Хусусияти махсуси сиёсати музофотии Франсия ин таҳлили назариявии амиқ ва назарияи мазкурро пайваст намудан бо яке аз музофот мебошад. Дар мубоҳисаҳо ё ин ки ҳангоми интихоби дигаргунсозӣ ду консепсияи ба ҳам муқобилро таҳти истифода қарор медиҳанд: назарияи «пошидан» дар иқтисодаёт ё ин ки назарияи тақсими қувваҳои меҳнатӣ ва консепсияи қутбҳои тараққии олимони барҷастаи фаронсавӣ Ф. Перру ва Ж. Будвилл мебошад. Мувофиқи яке аз ин назарияҳо тараққиёти музофот бо назардошти якхела ҷойгир намуданӣ қувваҳои истеҳсолкунанда дар қаламрави мамлакат «ҷо ба ҷо гузорӣ», сохтмонҳои иншоотҳои саноатӣ тарзе ба роҳ монда шавад, ки истеҳсолот захираҳои меҳнатиро «ҷӯяд», на баракс, ба роҳ монда шавад. Тарафдорони ин назария хадди ақал як бартари , яъне дар ҳолати амалӣ гаштани ин назария муҳоҷирати меҳнатӣ аз байн бурда мешавад ва дар баробари ин мушкилоти ҳукумат низ камтар мегардад.

Дар таҷриба бештар назарияи «қутбҳо ва марказҳои ташаккул» истифадо мешавад ва ҳукумат тамоми қувваи худро барои дастгирии ин назария харҷ менамояд. Татқиқотгарони музофотҳо ба ин назаранд, ки ин амал ба нигоҳ доштани захираҳои миллӣ имкон медиҳад.

**Саволҳои ва супоришҳои санҷишӣ**

*1. Майдони мулки Франсия буда, тақрибан 135 ҳаз. км$^2$ бо аҳолии 1,5 млн. нафар. Ин 4 депертаменти беруни баҳрӣ (Гваделупа, Мартинка, Гвиана дар Америкаи ҷанубӣ, Реюнон дар океани Ҳинд); минтақаҳои махсус-ҷазираи Сан-Пиер ва Миколон дар Амрикои шимолӣ;* ***** *5 ҳудудӣ беруни баҳрӣ (Каледонияи Нав, Полинезияи фаронсавӣ, ҷазираи Уолис ва Футуна; ҷазираи шимли антрактикии фаронсавӣ-ҷазираи Кергелен, Сен-Пол, Амстердам); ҷазираи Майотаро аз харита ёбед.*

*2. Чӣ чизро дар назар дорад иттиҳоди фаронсавиҳо? Кадом кишварҳо ба он дохил мебошанд?*

*3. Бартариҳо ва норасогиҳои захираҳои табиии Франсияро номбар кунед?*

*4. То ибтидои асри XIX Франсия давлати бисёрмилата буд. Ин истилоҳро шарҳ диҳед.*

*5. Чӣ гунна метавон мақоми хоси Франсияро дар соҳаи маҳсулоти кишоварзӣ дар сатҳи бозори ҷаҳонӣ шарҳ дод?*

*6. Топонимҳои фаронсавии зеринро шарҳ диҳед: Версал, Сорбонна, Монпарнас, ҷангали Булонӣ, майдони Елисӣ, боги Тюилрӣ ва Лувр.*

## 2.5 Италия

Масоҳаташ – 301, 2 ҳазор км$^2$. Аҳолӣ – 58.103.033. нафар. Италия (Ҷумҳурии Италия) – яке аз давлатҳои қадимтарини ҷаҳон мебошад. Дар айни замон, он яке аз давлатҳои ҷавон буда, дар харитаи сиёсӣ соли 1871, баъди пурра муттаҳид гардидани шоҳигариҳо ва герсоггариҳои алоҳида дар ҳудуди он, пайдо шудааст. Италияи муосир дар якҷоягӣ бо «євросегона» (Германия, Британияи Кабир, Франсия) «чоргонаи азими Аврупои Ғарбӣ мамоликҳои калони ҷаҳониро ташкил дода, ба «ҳаштгона»-и давлатҳои бузурги ҷаҳонӣ дохил аст. Италияи ҳозира ҷумҳурии демократии парламентӣ буда, давраи мудҳиши сарварии режими фашистии Муссолинӣ (тарафдори Гитлер)-ро аз сар гузаронидааст. Аз рӯи нишондодҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ Италия дар қатори Британияи Кабир, Франсия ва Германия меистад. Бояд зикр намуд, ки масъалаи вазнини иқтисодӣ иҷтимоии ҷануб, мамлакатро ба қафо мекашад.

**Мавқеъи географӣ, табиат ва захираҳо.** Италия – давлати Аврупои Ҷанубӣ буда, нимҷазираи Аппенин дар баҳри Миёназамин аст, ки аз тарафи шимол паҳнои Падан пайваст шуда, атрофашро кӯҳҳои Алп иҳота мекунад, инчунин, якчанд ҷазираҳо дорад, ки калонтаринаш – Ситсилия ва Сардиния мебошад. Аз ҳар тараф, дар масоҳати на беш аз 230 км соҳилҳои баҳр ҷойгир шуда аст. Чунин ҷойгиршавӣ аз давраи аввали тамаддуни Миср, Юнон, Финикия бо наздик омадани маданияти онҳо оғоз гардида, дар асрҳои минбаъда имкон дод, ки муносибатҳои зичро бо халқҳои канори баҳри Миёназамин ва минтақаи Аврупо ба даст доранд.

Италия – мамлакати хоси баҳри миёназаминие, ки дар қисми марказии Аврупои Ҷанубӣ ҷойгир мебошад. Дар шимол, дар қисми материкӣ Италия бо Франсия, Шветсария, Австрия ва Словения ҳамсарҳад аст. Дохили ҳудуди Италия ду давлати хурд – Сан-Марино ва Ватикан ҷойгиранд. Дар ҷануб он (гулугоҳи Тунис) бо Африқо ҳамсоя мебошад. Нимҷазираи Аппенин ба дохили баҳри Миёназамин даромада рафтаст. Соҳилҳои Италияро аз тарафи ғарб –баҳри Лигурӣ ва Тиррен, дар ҷануб- баҳри Ионӣ, дар шарқ- баҳри Адриатик иҳота мекунад. Мавқеи Италия дар маркази ҳавзаи баҳри Миёназамин, дар чорроҳаи роҳҳои савдо байни Ғарбу Шарқ ҳамеша нақши муҳимро дар ҳаёти мамлакат мебозид. Дар асри XX мавқеи асосиро ҳолати Италия дар роҳи бо мамлакатҳои Шарқи Наздик бо макони бойи захираи нефт, бо ноҳияҳои индустриалии Аврупо ҳамҳудуд буданаш саноаташ нафти Шарқи Наздикро истифода менамояд, созгор афтидааст. Инкишофи нақлиёти ҳавоии Итолиёро бо мамлакатҳои Аврупо, Амрико, Осиё ва Африқо пайваст мегардад.

Мавқеи географии Италия дар муносибати стратегӣ низ хеле муҳим аст. НАТО Итолиёро асоси тамоми системаи ҳарбии худ дар Аврупои ҷанубӣ ва дар тамоми баҳри Миёназамин ҳисоб мекунад. Дар ҳудуди мамлакат даҳо базаҳои

ҳарбӣ ва полигонҳои НАТО ва ИМА ҷойгиранд. Италия – иштирокчии фаъоли ин блоки ҳарбӣ мебошад.

Италия - мамлакати кӯҳӣ (4/5 ҳудуди мамлакат) мебошад. Дар шимол нишебиҳои ҷанубии Алпӣ бо нуқтаи баланди Аврупо-Монблан (Монте Бианко, 4 807 м) хобидаанд. Қаторкӯҳҳои Алп, ки бо камони калоне дар масоҳати 1 200 км аз ғарб ба шарқ тӯл кашидаст, бо ағбаҳо ва водиҳои зиёде, ки ба мӯҳлати кӯтоҳ танҳо зимистон маҳкам мешавад, бо дигар мамлакатҳо пайваст мешавад. Аз болои ағбаҳо роҳҳои автомобилӣ мегузаранд ва дар баъзе ҷойҳо нақбҳо мавҷуданд. Дар ҷанубу шарқ Алпҳо ба кӯҳҳои Аппенин гузашта, дар нимҷазираи Аппенин паҳн шудаанд. Аппени – яке аз кӯҳҳои ҷавонтарин дар кураи Замин ба ҳисоб меравад. Аз ҷиҳати масофа (1 500 км) аз кӯҳҳои Алпӣ бартарӣ дорад, вале чандон баланд нестанд. Нуқтаи баланди он – кӯҳи Корно 2 914 м аст. Байни Алпу Апенин ҳамвории Падан (Ломбард) ва води По ҷойгир аст.

Италия – яке аз мамлакатҳои аврупоиест, ки заминҷунбиҳои зиёд рух медиҳанд. Баъзеи онҳо хосияти фоҷиавӣ доранд. Дар асри XX дар мамлакат зиёда аз 150 заминҷунбӣ ба қайд гирифта шудааст. Маҳалли аз ҳама фаъоли зилзилавӣ Италияи Марказӣ ва Ҷанубӣ мебошад. Дар Италия, вулканҳо зиёданд. Вулкани фаъол – Везувий (1 277 м) буда, наздикии Неапол ва Этна (3 323 м) дар Ситсилия ҷойгир аст. Релйефи ҷазираи Ситсилия ва Сардиния ба релйефи нимҷазираи Аппенин монанд буда, - асосан аз кӯҳҳо ва ҳамвориҳои наздисоҳили иборатанд. Дарёҳои асосии Итолиё – По ва Тибр мебошанд. Дар мамлакат кӯлҳои зиёд мавҷуданд, ки калонтаринашон Гарда, Лаго-Мадҷоре ва Комо мебошад.

Италия аз шимол ба ҷануб ба масофаи 1200 км тӯл кашида боиси гуногунии иқлими гарми мӯътадили ҳамвории Падан ва субтропики ҷазираи Ситсилия гардида аст. Барои нимҷазира ва ҷазираҳои Италия иқлими баҳри Миёназамини хос мебошад.

Набототи Италия хеле гуногун буда, ба ғайр аз баландкӯҳҳо дар дигар қисматҳо ландшафтҳои маданӣ бартари доранд. Асосан намудҳои набототи субтропикӣ – ситрусӣ, зайтун, бодом, анор, анҷир вомехӯрад.

Италия аз канданиҳои фоиданок бой нест. Мамлакат аз захираҳои сӯзишворӣ ва ашёи маъданӣ, махсусан барои металлургияи сиёҳ хеле суст таъмин аст. Аммо Италия бо конҳои симоб маъданҳои полиметалӣ ва молибден, сурма, бокситҳо дар байни давлатҳо ҷудо шуда меистад. Захираҳои назарраси маҳсулоти химиёвӣ – сулфури табиӣ, сулфати оҳан, намаки ошӣ ва калий бой мебошад. Дар ин ҷо захираи калону машҳӯри мармари сафеди каррарӣ мавҷуд аст, ки барои ороиши биноҳо ва ба вуҷуд овардани муҷассамаҳои зиёде аз ҷониби римиҳои қадим истифода гардидааст. Кони ангиштсанг ва ангиштсанги сиёҳтоб, маъданҳои оҳан, нефт ва гази табиӣ он қадар назаррас нест. Аммо, ҳамчун базаи энергетикӣ захираҳои азими гидроэнергетикӣ, пеш аз ҳама, дарёҳои алпӣ хизмат мекунанд. Масолеҳи сохтмон захираи беандоза дорад.

Захираҳои табиии таҷдиди саломатии Италия хеле гуногун мебошад. Дар мамлакат ноҳияҳои зиёди истироҳатӣ ва сайёҳи, ки дар ҷаҳон машҳур гаштаанд, хеле зиёданд.

**Аҳолӣ.** Ҷиҳати фарққунанадаи аҳолии Италия – якҷинсии он аст. Италиягиҳо 97%-и аҳолии мамлакатро ташкил медиҳанд. Ва яке аз халқияти шуморааш зиёд дар Аврупо аз рӯи гурӯҳи забонҳои романӣ мебошад. Миллати италиягиҳо дар натиҷаи омехта гардидани қабилаҳо ва қавмҳои Аврупо ва Осиё бо аҳолии таҳҷоии нимҷазираи Аппенин ба вуҷуд омадааст. Қадимтарин асоси этноси итолиёиҳоро этрускҳо ташкил медиҳанд, ки ба онҳо маданияти юнониҳо ва финикягиҳо таъсири калон расонида буд, инчунин, латиниҳо (баъдан римиҳо), ки ҳашт аср пеш аз милод дар шаҳри Рим зиндагӣ мекарданд ва империяи азимро ташкил намуда буданд. Маҳдуд сохтани ҳокимияти Рим ба оғози ҷараёни романӣ оварда расонид, ки нақши умумиаврупоӣ ва ҷаҳониро бозидааст. Аҳолии романишудаи империя якчанд маротиба бо халқиятҳои забтшуда ва халқҳои овардашуда – арабҳо, немисҳо омехта

гаштааст. Аз ин рӯ, дар симои итолиёиҳои ҳозира дар ҷануб ва шимоли мамлакат тарҳҳои гуногуни этникӣ ба назар мерасанд.

Ба динамикаи миқдори аҳолӣ ва сохтори Италия муҳоҷирати беруна таъсири калон мерасонад. Муддати дароз халқи Италия муҳоҷирати хеле зиёд намудааст. Ҳоло берун аз мамлакат тахминан 10 млн. итолиёиҳо, аз ҷумла, дар ИМА ва Канада (зиёда аз 5 млн. нафар), Франсия ва Германия (қариб 2 млн), Аргентина ва Бразилия (зиёда аз 1,5 млн. нафар) зиндагӣ мекунанд. Ҳоло дар Италия 100-150 ҳазор нафар дар як сол чун салдои мусбии муҳоҷирон ба мушоҳида расидааст.

Миқдори хориҷиён, ки иҷозати дар мамлакат истиқомат карданро гирифтаанд, ба 1 млн. нафар (асосан инҳо ба ном «экстракоммуникаторон» - арабҳо аз Югославияи пешина, албанҳо) расидааст. Таъсири амиқро ба бисёр тарафҳои ҳаёти итолиёиҳо калисои католикӣ мегузорад. Нақши муҳимро ба ин омил ҷой гирифтани давлати Папиа Ватикан дар маркази шаҳри Рим мебозад.

Аҳолӣ дар малакат нобаробар тақсим шудааст. Минтақаҳои сераҳолии Италия – қисматҳои паҳновари шимолу қисми марказии он аст, ки аз ҳисоби шароити мусоид барои инкишофи заминдорӣ, саноати гуногун, фаъолияти бандарӣ ва сайёҳӣ сар задаст.

Дар даҳсолаи охир дар Италия, махсусан дар қисмати шимолии он, ҷараёни урбанизатсионӣ бо сурат оғоз гардида аст. Дар мамлакат миқдори шаҳрҳо зиёд шуда истодааст, ки аҳолии онҳо аз 100 ҳазор нафар мегузарад, агломератсияҳои нав шаҳрҳоро васеъ мегардонад. Зиёда аз 12%-и аҳолии мамлакат дар чор шаҳри калонтарин, ки ҳар кадом зиёда аз 1 млн аҳолӣ дорад, маскан гирифтааст, - инҳо Рим (3 млн), Милан (1,7 млн), Неапол (1,2 млн) ва Турин (1,1 млн) нафар аҳолӣ доранд.

Рим – маркази Италия ва вилояти Латсио буда, калонтарин дар мамлакат ва яке аз шаҳрҳои тамошобоби ҷаҳон аст. Рим дар ҳафт тепа ҷой гирифта, аз ду тарафаш дарёи Тибр мегузарад, ки дар наздикии баҳри Тиррен ба он мерезад. Дар ҳамон мавзеъ давлат – шаҳри Ватикан ҷойгир аст, ки маркази умумиҷаҳонии католикӣ мебошад. Дар марҳилаи ҳозира дар Рим тақрибан 3 млн нафар аҳолӣ зиндагӣ мекунад. Аҳолии Рим бо шаҳрҳои гирду атрофаш тақрибан 3, 9 млн нафар аст. Рим яке аз шаҳрҳои қадимтарин ва бузургтарини дунй буда, дар таърих чун «Шаҳри абадӣ» ворид шудааст. Соли 753 то милод чун маркази империяи Рим ном баровардa, баъдан чун шаҳри асосии давлати Папӣ машҳур гаштааст, аз соли 1871 – он пойтахти муттаҳидаи Итолиё аст.

**Давлат**. Дар асрҳои миёна Италия чун давлати парокандаи феодалӣ маълум буд. Аз охири асри XV заминҳои сустшудаи итолиёӣ ба майдони ҳарбӣ задухурдҳо барои пешсафи байни давлатҳои пешсафи дар Аврупо байни Испания, Австрия ва Франсия табдил ёфта гашта буд. Дар асри XVI қисми зиёди Италия зери ҳукмронии Испания афтода, аз оғози асри XVIII зери ҳукмронии Габсбургҳои австрияги қарор дошт. Дар давраи ҷангҳои наполеонӣ ҳудуди мамлакат зери забткориҳои Франсия қарор дошта, то соли 1814 идома ёфт. Дар охири соли 1860 Италия бо шоҳигарии Италиявӣ якҷоя мегардад. Соли 1870 Итолиё чун давлати миллӣ ташкил шудааст. Соли 1922 дар мамлакат низоми фошистии Муссолинӣ ҷорӣ гардида буд. Соли 1940 Италия ба ҷанги Дуюми ҷаҳонӣ ҳамроҳ гардида, тарафдори германияи фашистӣ буд. Моҳи сентябри соли 1943 Италия худро аз ҷанг барканор гирифт, аммо қӯшунҳои гитлерӣ ба хоки онро ишғол намуданд. Дар авали моҳи июни соли 1944 қувваҳои сулҳхоҳи англо-америкоӣ ба Рим ворид гашта, Италияро озод намуданд. Ва июни соли 1946 Италия ҷумҳурият эълон гардид.

Италия – ҷумҳурии парламентӣ аст. Сарвари давлат – президент. Парламент интихобшаванда буда, амалҳои намояндагиро иҷро менамояд. Парламент чун органи олии қонунгузор аз ду палата – сенатаи республикавӣ ва палатаи депутатҳо иборат аст. Ҳокимияти иҷроия аз ҷониби ҳукумат (совети вазирон) бо сарварии раиси он ба роҳ монда шудааст.

Ҳизбҳои асосии сиёсии Италия: Ҳизби демократии қувваҳои чап (ПДҚЧ), Ҳизби миллии италиявӣ (ПМИ), Ҳаракати «Ба пеш, Италия» мебошад. Иттиҳодияҳои иттифоқи касаба – конфедератсияи умумии италиявии меҳнат (КУИМ) мебошад.

Аз ҷиҳати маъмурию марзӣ Италия аз 20 вилоят иборат буда, ба он 94 музофоти дурдаст ва 8 101 коммуна ворид аст. Панҷ вилоят (Ситсилия, Сардиния, Трентино-Алто-Адиҷе, Валле-д/Аост ва Фриуле-Венетсия-Ҷулия) статуси махсуси автономиро доро мебошанд.

Онҳо метавонанд, ки актҳои ҳуқуқиро дар доираи салоҳияти худ бароранд, мақомотҳои иҷроия (ҷунтҳо) бошад, ваколатҳои васеъро дар ҳалли масъалаҳои дохилӣ доранд.

Равияҳои стратегии сиёсати берунаи италиявӣ бо курсҳои «атлантикӣ» ва «аврупоӣ» алоқаманд мебошад. Дар навбати худ, нақши Итолиё дар муносибатҳои байналмилалии муосир танҳо аз иштироки вай дар ин ду блок нест. Итолиё дар сиёсати берунӣ ва дохилии худ тамоми ҷанбаҳои муосирро ба назар мегирад.

**Иқтисод**. Италия – мамлакати тараққиқарда буда, аз рӯи нишондиҳандаҳои иқтисодии худ яке аз давлатҳои абарқудрати аврупоӣ мебошад. Аз рӯи норасоиҳои канданиҳои фоиданок дар хоҷагиҳо, асосан он соҳаҳое пешраванд, ки қувваҳои кории тахассусиро талаб менамоянд, ки ба он ашёи хом ва сӯзишворӣ кам сарф мегардад ва асосан маҳсулоти содиротиро истеҳсол менамоянд. Аз ин рӯ, барои иқтисодиёти Италия алоқаҳои беруна ва муносибатҳои хоҷагидориҳои ҷаҳонӣ муҳим мебошад.

Хусусияти муҳими иқтисодиёти Италия – иштироки фаъоли давлат оид ба танзим ва ҳавасмандкунии зисти хоҷагӣ мебошад. Шакл ва хусусияти таъсиррасонии давлатӣ ба иқтисодиёт аз рӯи омилҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ муайян мегардад. Яке аз онҳо – фарқиятҳои ҷиддии ҳудудӣ дар ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ байни ноҳияҳои шимолӣ ва ҷанубии қафомонда мебошад.

Барои сохтори саноатии италиявӣ мавқеъи пасти саноати истихроҷи кӯҳӣ хос мебошад. Дар байни канданиҳои фоиданоки мамлакат аз рӯи мақоми саноатӣ ва содиротӣ газ, сулфати оҳан, маъданҳои полиметаллӣ, намакҳои калий, симоб, мармар, пахтасанг (асбест) ва дигар маводҳои сохтмониро ҷудо кардан ба мврид мебошад. Зиёда аз 70%-и захираҳои минералии истеъмолии мамлакат ва 84%-и барқ аз хориҷи кишвар ворид мегардад (нефт-95%, гази табиӣ-77%, ангишт-97%).

Нерӯи барқ яке аз соҳаҳои ривоҷёфта дар муносибати техникии саноатӣ ба ҳисоб меравад. Амалан, захираҳои гидроэнергетики мамлакат пурра истифода мешаванд. Қисми калони онҳо дар Алпҳо ҷой гирифта, дар гузашта НБО-ҳо асоси гидроэнергетики италиявиҳоро ташкил медод, аммо, солҳои охир 80%-и истеҳсоли қувваи барқ ба нерӯгоҳҳои ҳарорати рост меояд. Ҳиссаи нерӯгоҳҳои атомӣ дар истеҳсоли қувваи барқ ночиз буда, қисми истеъмолии мамлакат аз ҳисоби воридот ҷуброн карда мешавад.

Саноати коркардабароянда асосан аз металлургия мошинсозӣ, кимиёӣ, саноати сабук ва хӯрока иборат мебошад. Металлургия пурра аз захираҳои воридотӣ вобастагӣ дорад. Аз хориҷи кишвар (асосан аз ИМА) ангиштсанги коксшаванда ворид мегардад, зиёда аз 90%-и маъдани оҳани истеъмолӣ, 75%-и оҳанпора, тахминан 70%-и маъдани марганетс ворид карда мешавад. Металлургия асосан ба бандарҳо вобастагӣ дорад, зеро ба воситаи онҳо ашё ва сӯзишворӣ барои соҳаҳо ё марказҳои калони мошинсозӣ ворид мегардад. «Ядро»-и металлургияи сиёҳ 4 комбинати азими металлургии Генуя, Неапол, Помбино ва Таранто ба шумор меравад. Истеҳсоли маҳсулоти металлҳои ранга ва сабук, саноати алюминий, гудохтани сурб, руҳ ва симоб хеле инкишоф ёфтааст. Гудохтани металлҳои ранга ба захираҳои нерӯи барқ (заводҳои алюминӣ, руҳ ва магний), ё кони маъдани полиметаллӣ эҳтиёҷ дорад. Солҳои охир бо мақсади нигоҳ доштани тозагии муҳити Италия конҳои бойи минерали киноварро (симоб)-ро истифода наменамоянд аз Испания оид ба истеҳсоли симоб қафо монда аст.

Соҳаи *мошинсозӣ* нақши пешбарандаро дар истеҳсолоти саноатӣ мебозад. Он 4/4 ҳиссаи тамоми маҳсулоти саноати коркардбарояндаро истеҳсол ва ҷои аввалро ишғол менамояд. Ин соҳа қудрат дорад, ки тамоми талаботҳои асосии мамлакатро бо мошин ва таҷҳизот таъмин намояд. Дар байни соҳаҳои мошинсозӣ махсусан автомобилсозӣ ҷои намоёнро мегирад. Италия яке аз таъминкунандагони

калонтарини автомобилҳо дар бозори ҷаҳонӣ мебошад. Маҳсулоти асосии онро автомобилҳои сабукрав ташкил медиҳад. Вазъи пешбарандаро консерни «ФИАТ» ишғол намудааст, ки аз ҳама ширкати пурқудрати хусусии Италия ва яке аз калонтарин дар ҷаҳон аст. Дар заводҳои консерн, ки дар тамоми мамлакат паҳн шудаанд, на танҳо автомобилҳои сабукрав, балки мошинҳои боркаш, автобусҳо, электровозҳо, трамвайҳо, троллейбусҳо, тракторҳо ва ғайраи стеҳсол мекунанд. Аксари корхонаҳои «ФИАТ» дар шаҳри Турин ва атрофи он ҷойгир мебошанд. Заводҳои автомобили «ФИАТ» инчунин, дар ҷануби Итолиё – наздикии Неапол ва Палермо ҷойгир шудаанд.

Соҳаи анъанавии мошинсозӣдар Италия *киштисозӣ* ба шумор рафта, тақрибан 90%-и тамоми иқтидори киштисозии мамлакат ба ширкати «Инталкантери» таалуқ дорад. Муваффақиятҳои назаррасро Италия аз ҳисоби саноати электротехникӣ, махсусан дар соҳаи барояш нав – истеҳсоли техникаи электронӣ ба даст даровардааст. Аз ҳама гиреҳи пуриқтидори истеҳсолоти электротехникӣ – Милан мебошад. Дар солҳои охир сохтмони корхонаҳои электротехникӣ ба ҷануб, ба минтақаҳои Неапол ва Бари ҷойгиронда шудаанд. Саноати мошинсозии хоҷагии қишлоқ ривоҷ ёфта аст, аз ҷумла барои пешравии тракторсозӣ этибори ҷидди дода шудааст. Инчунин, истеҳсоли мошин ва таҷҳизотҳо барои саноатӣ химиёвӣ, саноати бофандагӣ, пойафзол, хӯрока ва полиграфии ривоҷ ёфта аст.

**Саноати химиёвӣ**. Симои ин соҳаро корхонаи химияи органикӣ: комбинатҳои азими нефтухимикӣ ташкил медиҳанд ва заводҳои алоҳидае, бо маҳсулотҳои нафтӣ ва гази табиӣ кор мекунанд, ҳиссаи калон дорад. Саноати коркардабарории нафти Итолиё аз ҳама пуриқтидор дар мамолики Аврупо мебошад. Он на танҳо талаботи дохилӣ, балки талаботи калони содиротии тамоми мамлакатҳои аврупоро таъмин мекунад. Нафт ба Италия тавассути баҳри Миёназамин асосан аз мамлакатҳои Шарқи Наздик ва Африкаи Шимолӣ ворид карда мешавад. Аз ҳама заводи калонтарини нефт коркунӣ дар шимолу шарқи Ситсилия дар шаҳри Милатсо ва шимоли мамлакат сохта шудааст. Аҳамияти калонро барои тамоми хоҷагии Италия истеҳсоли гази маҳаллӣ ва воридотии гази табиӣ дорад. Талабот ба гази табиӣ сол аз сол зиёд шуда истодааст ва Итолиё онро аз Африқои Шимолӣ, Нидерландия ва Руссия ворид месозад.

Маҳсулоти нафту химиявӣ хеле гуногун аст. Махсусан истеҳсоли пластмасс ва наххои химиявӣ хеле ривоҷ ёфта, яке аз самтҳои асосии махсусгардонидашудаи хоҷагӣ гаштааст. Италия дар Аврупо инчунин, аз рӯи дараҷаи инкишофи саноати рангубори лакӣ ва дорусозӣ шӯҳрат пайдо кардааст.

Ҷои дуюмро дар индустрияи Италия – саноати нассоҷӣ ишғол мекунад. Он матоъ ва ресмонро аз пахта, пашм, шоҳӣ, катон, ҷут ва наххои химикӣ, инчунин, трикотажи гуногун истеҳсол менамояд. Корхонаҳои соҳа дар қисми шимолӣ ва маркази мамлакат хеле васеъ ҷойгир мебошанд. Ҷои дуюмро дар ҷаҳон (баъди ИМА) аз рӯи истеҳсоли пойафзол Италия ишғол менамояд, ки аз рӯи содирот бошад дар ҷои аввал аст.

Дар иқтисодиёти Италия ҷои намоёнро индустрияи хӯрока ишғол мекунад. Барои мамлакат саноати ордбарорӣ хеле муҳим аст. Дар ҷануб махсусан ноҳияи Неапол фарқ мекунад, ки дар онҷо на танҳо орд, балки макаронҳои машҳури итолиёӣ истеҳсол карда шуда, бо ин маҳсулот Италия ҷои аввалро дар ҷаҳон ишғол намудааст. Истеҳсоли консерва, махсусан консервакунонии мева ва сабзавот, инчунин, гӯшт, моҳӣ ва шароббарорӣ хеле ривоҷ ёфтааст. Италия истеҳсолкунандаи ҷаҳонии шаробҳои ангурӣ ва равғани зайтун мебошад. Мамлакат бо панирҳои худ аз қадим машҳур аст. Тамоми саноати шири мамлакат дар шимол ҷой гирифта, дар он ҷо чорвопарварии ширӣ ривоҷ ёфтааст.

Дар байни дигар соҳаҳо саноати мебелсозиро ҷудо кардан мумкин аст. Аз рӯи анъанаи мавҷуда бо миқдори калон мебелҳои «қадима» истеҳсол менамоянд. Аз рӯи захираҳои мавҷудаи истеҳсоли оҳак, мармар, лаъл, гил, гаҷ, пахтасанг саноати

маҳсулоти сохтмонӣ ривоҷ ёфтааст. Тайёр намудани маҳсулоти фаянсӣ (чинӣ) хеле ривоҷ ёфта, таърихи хеле қадима дорад.

**Хоҷагии қишлоқи Италия** бо хоҷагиҳои майдаи камдаромад тавсиф мегардад. Ба ҳисоби миёнаи як хоҷагӣ 6 га майдон дорад, ки ба муқобили 18, 5 га ба ҳисоби миёна ИА (ЕС) мебошад. Соҳаи растанипарварӣ ривоҷ ёфта, маҳсулотҳои «баҳримиёназаминӣ» ба мисли ситрусӣ, ангур, зайтун, меваҳо, сабзавот дар пеш аст. Аз рӯи ҷамъоварии ангур ва зайтун Италия мамлакати пешбар мебошад. Инчунин, гандум ва ҷуворимакка парвариш карда мешавад. Аз рӯи ҷамъоварии шолӣ Италия дар Аврупо ҷои аввал буда, аз рӯи маҳсулнокӣ ба қатори давлатҳои пешбари истеҳсолкунандаи шолӣ дохил аст. Шолӣ дар заминҳои корами паҳнои Падан кишт карда мешавад. Зироҳатҳои асосии техникӣ– лаблабуи қанд, пахта, катон мебошад. Дар ҳаҷми калон сабзавот ва растаниҳои полизи кишт карда мешавад.

Растанипарварӣ танҳо дар шимол ба дараҷаи баланд рушд намуда, махсусан дар паҳнои Падан ривоҷ ёфта, дараҷаи механизатсия баланд буда, дар ҳаҷми калон нурии минералӣ истифода карда мешавад.

Мутаносибан, нақши чорводорӣ ҳам, баланд шуда истодааст. Чорводории ширӣ ва гӯштӣ дар шимоли мамлакат ривоҷ ёфта, барои минтақаҳои дигар аз рӯи чорвои шохдори хурд бартарӣ дорад. Италия дар ҳаҷмҳои назаррас маҳсулоти чорводорӣ ва хӯрокаи онро харидорӣ менамояд.

Дар Италия шикори моҳӣ суст тараққӣ намудааст. Баҳрҳое, ки атрофии Италияро иҳота намудаанд, аз моҳӣ бой набуда, аз рӯи масоҳат пастобаи баҳр кам мебошад. Моҳидорӣ дар оби соф сол аз сол кам гардида аст, сабаб он, ки обҳои дарёӣ ва кӯлҳо бо партовҳои саноатӣ ифлос гаштаанд.

Дар Италия нақши нақлиёти автомобилгард хеле бузург аст: ба он зиёда аз 2/3 ҳиссаи кашонидани борҳо дар хушкӣ рост меояд. Тақрибан нисфи роҳҳои автомобилгард (дарозии умумии роҳҳо – тақрибан 300 ҳаз. км) ба Итолиёи Шимолӣ рост меояд, дар ҷануби мамлакат роҳҳои мошингард камтаранд. Нақлиёти роҳи оҳан (дарозии роҳҳои оҳан – зиёда аз 20 ҳаз.км) аз рӯи мавқеъ баъди роҳҳои автомобилгард меистад. Солҳои охир сохтмони роҳи оҳан фаъол гардидааст. Нақши муҳимро дар кашонидани бор ба берунӣ ва дохили мамлакат нақлиёти баҳрӣ мебозад. Дар Италия 144 бандари баҳрӣ мавҷуд аст. Аз ҳама калонтарин бандари Генуя буда, яке аз бандарҳои муҳимтарин дар тамоми баҳри Миёназамин ба шумор меравад. Рақиби Генуя дар баҳри Адриатике ин Триест, дуюмин дар Италия аз рӯи мубодили борҳо, ва яке аз муҳимтарин бандарҳои нафтии Аврупо ба ҳисоб меравад. Мубодилаи борҳои бандарҳо дар қисми ҷанубии итолиё зиёд шуда истодааст. Нақлиёти ҳавопаймоии итолиё тез тараққӣ намуда истодааст. Хатсайрҳо алоқаи калонтарин шаҳрҳои Италияро бо Аврупо ва дигар қитъаҳоро таъмин менамояд. Фурудгоҳҳои калонтарини мамлакат – Рим ва Милан мебошад.

Маҳсулотҳои содироти Италия асосан маҳсулоти мошинсозӣ, воситаҳои нақлиёт, таҷҳизотҳои гуногун, мошинҳои ҳисоббарор, молҳои хоҷагии қишлоқ ва хӯрокворӣ, махсусан меваҳо, сабзавотҳо, помидорҳои консервашуда, панирҳо, куртаҳои тайёр, пойафзол, маҳсулоти химиёвӣ ва нефту химиё мебошанд. Махсусан, савдои беруна бо Франсия ва Германия хеле фаъол ба роҳ монда шудааст.

Ҳар сод ба Италия қариб 50 млн сайёҳони хориҷӣ, асосан аз Германия, Франсия, ИМА ворид мешаванд. Дар Италия базаи моддӣ техникӣ барои қабули сайёҳони хуб фароҳам оварда шудааст. Аз рӯи шумораи ҷойҳо дар меҳмонхонаҳо дар Аврупо дар ҷои аввал меистад.

**Тафовутҳои дохилӣ ва сиёсати музофотӣ**. Дар иқтисодиёти Италия ҷои суст нобаробар ҷойгиронии қувваҳои истеҳсолкунанда мебошад, ки бо системаи дуалистии классики «шимол-ҷануб» алоқаманд аст.

Агар Шимолӣ мамлакат 60% масоҳат ва 65% аҳолиро ташкил диҳад, пас ин нишондиҳанда барои Ҷануб 40 ва 35%-ро ташкил медиҳад ва он боиси нобаробарии рушди хоҷагӣ гардидааст.

Дар шимоли мамлакат аксари марказҳои калонтарини индустриалӣ (Милан, Генуя, Турин, Венетсия ва ғайра) ҷойгиранд. Маркази муҳимтарин ва саноатии қисми ҷанубии Италия – Неапол мебошад. Дар ин ҷо пойтахти мамлакат – Рим - яке аз марказҳои машҳури маданияти ҷаҳонӣ ҷой гирифтааст. Дар шимоли мамлакат ҳаракати Лига Норд ба вуҷуд омад, ки пешниҳоди онҳо аз Италия ҷудо шудан буд, зеро ба фикри онҳо, дар шимоли мамлакат – Падания зиндагӣ осудатар аст. Лекин ин ҳаракат ба муваффақият ноил набояд гашт (дохили ИА ба сепаратизм роҳ намедиҳад).

Аммо Италия анъанавӣ ба се минтақа ҷудо мебошад. Шимолӣ, Марказӣ ва Ҷанубӣ. Ҳар кадоми онҳо бо мавқеи географии худ, шароитҳои иқлимӣ ва дараҷаи инкишофи иқтисодӣ – иҷтимоӣ фарқ мекунад.

**Музофоти шимолӣ** нақши ҳалкунандаро дар ҳаёти иқтисодии мамлакат мебозад. Дар ин ҷо, 2/5 ҳудуди он мавҷуд буда, қариб нисфи аҳолӣ зиндагӣ мекунад, ки 2/3 ҳиссаи маҳсулоти саноат рост меояд. Консентратсияи (Ҷамъоии) истеҳсолот дар секунҷаи Милан-Турин-Генуя ба мушоҳида мерасад. Он ба қатори ҳудудҳои индустриалии Аврупо ворид аст. Минтақаи шимолии он дар навбати аввал пасти Падан буда, онро макони ғаллаи Италия меноманд. Дар ин ҷо асоси ҷамъоварии гандум, полезӣ ва сабзавот воқеъ гардидааст. Чорводорӣ ширӣ ва гӯшти пеш рафтааст. Шимол инчунин, минтақаи асосии нақлиётӣ ба шумор меравад. Ва қисми асосии савдои берунии Италия аз ин ҳудуд мегузарад.

**Музофоти Марказӣ** аз рӯи дараҷаи инкишофи иқтисодӣ дар байни шимол ва ҷануби мамлакат меистад. Ба он тақрибан 1/5 аҳолии масоҳат ва маҳсулоти дар мамлакат истеҳсолшаванда рост меояд. Саноат дар музофот гуногунсоҳа буда, аммо яке аз он соҳаҳоро интихобан сифат карда намешавад. Шаҳри калонтарини ноҳия ва тамоми мамлакат – Рим мебошад. Дар қатори вазифаҳои маданӣ-таърихӣ, хоҷагидорӣ ва сиёсӣ он боз нақши маркази бузургтарини нақлиётӣ ва тиҷоратӣ-молиявиро мебозад.

**Ба музофоти Ҷануб** масоҳати беш аз 2/5-и мамлакат ва зиёда аз сеяки аҳолӣ дохил мегардад. Бинобар қафомондагии ҷануб дар муқоиса бо марказ ва шимоли Итолиё он якмаром нест. Қисми нимҷазираи он назар ба музофоти ҷазираҳояш бештар тараққӣ намудааст. Музофот чун пештара бо истеҳсоли меваҷоти ситрусӣ ва хоҷагии қишлоқ фарқ мекунад. Соҳаи асосии саноат ҳамоно хӯрока мондааст. Бо вуҷуди ин, бо дастгирии давлат солҳои охир баъзе соҳаҳои саноати вазнин инкишоф ёфта, миқдори корхонаҳои калон ҳанӯз каманд. Инчунин, ду маротиба дарозии шабакаи роҳ дароз гаштааст. Сифати ҳаёт дар минтақаи ҷануби Италия назар ба қисмати шимоли он нисбатан паст мондааст. Дар байни шаҳрҳои ҷануби мамлакат Неапол маркази калонтарин дар мамлакат ва пешбарандаи маданӣ ва иқтисодӣ ба шумор меравад.

Маҳаки асосии ***сиёсати минтақавии*** Италияи муосир ҷиҳати баланд бардоштани ноҳияҳои ҷанубӣ, махсусан Ситсилия ва Сардиния буда, инҳо минтақаҳои суст рушд ёфта ба ҳисоб мераванд.

### Савол ва супоришҳои санҷишӣ

1. *Мақоми мавқеи географии Италияро дар марҳалаҳои гуногуни рушди иқтисодию иҷтимоии он шаҳр деҳед?*
2. *Аломати фарқунандаи аҳолии Италия ин якҷинсагии таркиби миллӣ (97% сокинони мамлакатро италиявиҳо ташкил медианд) мебошад. Аз кадом мамлакатҳо ба ин давлат ворид мегарданд?*
3. *Соли 1870 давлати миллии Италия ташкил шуд. Боз кадом давлатҳо дар ин арафа дар Европа ташкил ёфтаанд?*
4. *Мошинасозии Италия ба истеҳсоли кадом маҳсулотҳои тахассус пайдо намудаанд?*
5. *Қафомонии ҷиддии ҷанубии Италияро 93 ҷиҳати иқтидорию иҷтимоӣ нисбат ба шимолро чи тавр шаҳр додан мумкин аст?*

*6. Бо далелҳо шаҳр деҳед, ки Рими қадим ва Италия дар замони Эҳё ба рушди маданияти ҷаоҳонӣ чи нақша боқи гузоштааст?*

## 2.6 Мамлакатҳои «гурӯҳи дуюм»

Истилоҳи «мамлакатҳои гурӯҳи дуюм» (ҷадв. 5), албатта, шартист. Онро ба он хотир истифода мекунем, ки ташхиси 1) мамлакатҳои аврупоии «ҳаштгонаи калон» - Германия, Британияи Кабир, Франсия ва Италия («гурӯҳи якум»), 2) давлатҳое, ки дар механизми амалкарди иқтисод ва сиёсати ҷаҳонӣ нақши камтари қобили таваҷҷуҳ доранд (ба поин нигаред) ва 3) давлатҳои хурди қитъа Андорра, Ватикан, Лихтенштейн, Малта, Монако ва Сан-Марино.

***Ҷадвали 5.***

**Мамлакатҳои Аврупои Ғарбӣ «гурӯҳи дуюм»: бонки маълумоти омор**

| Мамлакатхо | Масоҳат ҳаз. км² | Аҳолӣ млн. нафар | Афзоиши табиии аҳолӣ, % | Давомнокии синну сол | | Истеъмоли ғизо ккал/шабонарӯз | ММД | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | мардҳо | занҳо | | Умуми млрд долл. | Ба сари 1 нафар |
| Испания | 507,6 | 40,3 | 0,1 | 76 | 83 | 3353,3 | 1014,0 | 25 100 |
| Португалия | 92,1 | 10,6 | 0,2 | 73 | 80 | 3767,8 | 194,8 | 18 400 |
| Юнон | 132 | 10,7 | 0 | 76 | 81 | 3689,4 | 242,8 | 22 800 |
| Белгия | 30,5 | 10,4 | 0,1 | 75 | 82 | 3624,6 | 329,3 | 31 800 |
| Нидерландия | 41,2 | 16,4 | 0,4 | 76 | 81 | 3242,8 | 500,0 | 30 500 |
| Люксембург | 2,6 | 0,469 | 0,5 | 75 | 81 | 3624,6 | 29,0 | 62 700 |
| Австрия | 83,8 | 8,2 | 0 | 75 | 81 | 3639,1 | 269,4 | 32 900 |
| Швейтсария | 41,3 | 7,5 | 0,2 | 77 | 83 | 3258,4 | 262,1 | 35 000 |
| Дания | 44,5 | 5,4 | 0,1 | 75 | 79 | 3317,2 | 182,1 | 33 500 |
| Шветсия | 450 | 9,0 | 0 | 77 | 82 | 3141,4 | 266,5 | 29 600 |
| Норвегия | 386 | 4,6 | 0,3 | 76 | 81 | 3425,4 | 194,7 | 42 400 |
| Исландия | 103 | 0,297 | 0,9 | 78 | 81 | 3312,9 | 10,3 | 34 600 |
| Финляндия | 338 | 5,2 | 0,2 | 74 | 81 | 3143,4 | 158,4 | 30 300 |

**Мамлакатҳои Ҷануби Европа.** Аз кишварҳои «қадим»-и Европаи Ғарбӣ Испания, Португалия ва Юнон (ба истисноӣ давлатҳои хурд) аъзои Иттиҳоди Аврупо (ИА) мебошанд. Ба онҳо Кипр (ҷумҳурӣ) – давлати осиёӣ, аммо бо фазои ягонаи иқтисодӣ ва сиёсии Европаи Ғарбӣ, майл мекунад.

**Кишварҳои Пиреней: Испания ва Португалия.** Баррасии «якҷоя»-и онҳо ба далели наздикии географии ин мамлакатҳост, ки дар нимҷазираи Пиреней (Иберия) ҷойгиранд.

**Португалия** дар минтақаи Баҳримиёназаминии Аврупо ҷойгоҳи хоса дорад. Он ҳамчун навъе «пул» миёни уқёнуси Атлантикаю баҳри Миёназамин ва низ ҳамчун минтақаи интиқол аз Европа ба Африка хидмат мекунад. (Зимнан, роҳи хушкии дар замонҳои охир буда миёни нимҷазираи Пиреней ва қитъаи Африка ба ин гувоҳ буда метавонад. Силсилакӯҳҳои қисмати ҷанубии нимҷазира то кӯҳҳои шимоли Африка идома меёбанд; гулӯгоҳи Гибралтар аз нигоҳи геологӣ дар замонҳои ахир пайдо шудааст).

**Испания.** Масоҳат 507,6 км². Аҳолӣ 40,3 млн. нафар. Пойтахт Мадрид. Ин мамлакат дар Европаи Ғарби аз ҷиҳати масоҳат дар ҷои дуюм, аз ҷиҳати шумораи аҳолӣ ва тавлидоти маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ҷои панҷумро ишғол менамояд, мамлакати дорои фарҳанги қадим ва дар гузашта соҳиби империяи бузургро буд. Бо назардошти ҳаҷми тавлидоти маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ, мероси фарҳангӣ, мақом ва эътибор доштан дар тавлид ва содироти маҳсулоти кишоварзии субтропикӣ, дар тавсиаи сайёҳӣ ва ғ. метавон онро ба давлати европоии «гурӯҳи якум» нисбат дод.

**Испания тақрибан** 5/6 нимҷазираи Пиренейро ишғол менамояд. (Ғайр аз ин, ба ҳайати он ҷазираҳои Балеар ва Питиус дар баҳри Миёназамин ва ҷазираҳои Канар дар укёнуси Атлантика дохил мешаванд.) Дар адабиёти публитсистӣ Испанияро аксаран қалъа меноманд, ки ишора ба дастнорас будани ҳудуди он мебошад, гӯё қалъаест табиӣ дар ҳимояи кӯҳҳо ва баландтар аз ҳудуди боқимондаи Европа. Испания дорои шароит ва захираҳои табиии мухталиф аст, ки ба рушди иқтисоди миллии кишвар мусоидат менамоянд. Конҳо аз рӯи «андоза» - ҳои ҷаҳонӣ бойи колчедани мис, маъданҳои полиметаллӣ, марганетс, намакҳои калийи он қобили зикр мебошанд. Испания аз рӯи захираҳои *симоб* дар ҷаҳон ҷои аввалро ишғол менамояд. Конҳои хурди нефт ҳам мавҷуданд, вале захираҳои ашёи хоми карбогидридҳо (углеводородӣ) дар иқтисодиёти Испания ҷойгоҳи сазовори таваҷҷуҳ надоранд.

Империяи Испания ҳанӯз дар асри ХУ1 дар шакли иттиҳоди ҳарбию сиёсии давлатҳои ҷавони насронии нимҷазира, зери байрақи *Реконкистҳо* – муборизони чандинасраи зидди арабҳо дар нимҷазираи Пиреней, ба вуҷуд омад. Ҳамин тавр, Испания аз нигоҳи таърихӣ ҳамчун иттиҳоди шоҳигариҳо дар нимҷазираи Пиреней ташкил ёфтааст, ки ҳар яки он бо махсусиятҳои худ фарқ мекард ва дар муносибат бо *Кастилия* – ташкилаи давлатие, ки дар ташаккули монархияи Испания мақоми марказиро ишғол менамуд, мухторияти васеъ дошт. То замоне ки ҳамаи иберихо – кастилҳо, каталонҳо, галисийҳо, зкстрамадурҳо, андалузиҳо ва дигарон худро миллати ягона ҳис карданд, вақти зиёде гузашт. Гуногунии этникӣ барои ба вуҷуд омадани ҷомеаи мустаҳкам халал нарасонд. Давроне ки Испания дар Европа ҳукмронии беҳадду ҳудуд дошт, замоне ки ба қавли Ф. Энгелс «тахайюули пурҷӯшу хурӯши иберихо биниши дурахшони Элдорадоро хира кард, замони корнамоиҳои ритсарҳо ва монархияи ҷаҳонӣ» буд, дар шуури миллии испаниҳо таъсири амиқ гузошт.

Испания, ки муддати дуру дароз «пештоз»-и давлатҳои Европа буд, дар авали солҳои 70_и асри гузашта ба қатори кишварҳои пешқадами ҷаҳон даромад ва имкон фароҳам овард аз «муъҷизаи иқтисодӣ»-и Испания ҳарф зананд. Дар ҳақиқат, дар кишвар суботи сиёсӣ ва иҷтимоӣ барқарор гардид ва ҷалби сармоя якбора дучанд бамаротиб афзуд. Мавқеи умдаро дар саноати коркард *мошинсозӣ* (Барселона, Мадрид, Валядолид, Севил, Виго), *саноати хӯроквbooрӣ* (Андалусия, Валенсия, Каталония) ишғол менамоянд.

Давр оғози асри XXI Испания дар қатори даҳ давлати истеҳсолкунандаи киштӣ, автомобил, таҷҳизоти оҳангарию прессонӣ, баъзе молҳои индустрияи химия ва ғ. ҷой гирифт. (Ба ҳамин хотир, агар шоирона бигӯем, Испания ҳоло «дарвозаи давлатҳои «гурӯҳи аввал»-ро мекӯбад!)

Яке аз зироатҳои «муаррификунанда»- и Испания *равгани зайтун* мебошад, ки аз ҷиҳати ҷамъоварии он дар ҷаҳон ҷои якумро мегирад. Шолипарварӣ низ дар Испания анъанаи куҳан аст ва дар истеҳсоли он дар ҷаҳон яке аз ҷойҳои аввалро ишғол менамояд. Аз зироатҳои техникӣ пахта, тамоку, эспарто (ивазкунандаи ҷут), офтобпараст, лаблабуи қанд нақши муҳим доранд. Масъалаи ҷиддие, ки сектори аграрии Испанияро ба ташвиш овардааст, *таъмини об* мебошад, ҳарчанд ки аз замонҳои қадим дар ҳавзаи дарёҳои Гвадалкивира, Эбро, Тахо ва ғ. системаҳои ирригатсионӣ месохтанд. *Флоти моҳигирии* Испания дар ИА яке аз мавқеъҳои намоёнро ишғол менамояд. Хусусияти муҳими иқтисодиёти Испания *туризми сердаромади хориҷӣ* мебошад, ки ба истифодаи захираҳои рекреатсионии нодир: иқлими офтобӣ ва гарм, пляжҳои олиҷаноб, манзараҳои зебои кӯҳсор, мероси фарҳангӣ (қалъаҳо, кӯшкҳо, калисоҳо, музейҳо, галереяҳои суратҳо ва ғ.) асос ёфтааст. Минтақаҳои курортие ҳамчун ҷазираҳои Канар ва Балеар, Костадел-Сол (Андалусия), Коста-Бланка (Валенсия) ва ғ. дар тамоми ҷаҳон машҳуранд. Ҳар сол Испанияро аз 50 то 60 миллион сайёҳ тамошо мекунанд ва ба хазинаи давлат зиёда аз 30 миллиард доллари амрикоӣ ворид мешавад.

Пештар зикр намудем, ки Испания ҳамчун иттиҳоди шоҳигариҳои нимҷазираи Пиреней ба вуҷуд омад, ки ҳар яки он махсусиятҳои фарҳангии худро дошта, дар муносибат бо Кастилия дорои мухтори васеъ буданд. Ин далел шаҳодати мавҷудияти фарқиятҳои муҳими музофотӣ дар ин кишвар мебошад. Тарзҳои мухталифи тақсими Испания вуҷуд доранд: шимоли аз ҷиҳати саноат рӯз то рӯз тараққикунанда ва деҳоти анъанавии ҷануб; шарқи баҳримиёназаминии рӯ ба Европа оварда ва ҷануби ақибмондаи майл ба Португалия дошта; минтақаҳои дури «депрессивӣ» ва минтақаҳои наздибаҳрии мунтазам тараққикунанда ва ғ. Агар ҳамчун асос фарқияти хоҷагидориро не, балки фарқияти фарҳангию таърихиро бигирем, маҳз музофотҳои Испания: Наварра, Астурия, Каталония, Арагон, Андалусия, Кишвари баскҳо ва ғ. махсус фарқ мекунанд. Шаҳрҳои калонтарини Испания Мадрид ва Барселона мебошанд.

**Португалия.** Масоҳат 92,1 ҳазор км$^2$. Аҳолӣ 10,6 млн. нафар. Пойтахт Лиссабон. Дар ҳамин нимҷазираи Пиреней Португалия ҳам ҷойгир аст. Португалия замоне соҳиби империяи колониалӣ буд ва дар даврони Кашфиёти бузурги географӣ нақши тавоно бозидааст.Таърихи мавҷудияти мустақили ин давлат ба давраи Реконкистҳо рост меояд. Солҳои 1063-1064 Кастилия замини байни дарёҳои Дуэро ва Мон-дегуро аз арабҳо бозпас гирифт. Маҳз дар ҳамин давра номи қисмати наздисоҳилии вилоят - Португалия, ки ба уқёнуси Атлантика мечаспид, пайдо шудааст (аз номи калонтарин маҳали аҳолинишин Порту гирифтаанд). Баъдан «кандашавӣ»-и графигарии Португалия аз Кастилия ба вуқӯъ пайваст.

Экспансияи колониалии шоҳони Португалия соли 1415 бо забти Сеут дар соҳилҳои шимолии Африка шурӯъ гардид. Ҳанӯз дар аввали асри ХУ португалиҳо ҷазираи Мадейра ва пас аз он ҷазираҳои Азорро соҳиб шуда буданд. Соли 1498 Васко да Гама роҳи баҳрӣ ба Ҳиндустонро кушод, соли 1500 шаҳри Кабрал дар Бразилия, Алмейда ва Албукеркаро кашф намуда, ба тасарруфҳои минбаъдаи Португалия дар Ҳиндустон сар карданд. Шабакаи (факторияҳо) дар Индонизия ва Хитой васеъ карда шуданд. Португалия ба давлати аввалиндараҷаи баҳрӣ табдил ёфт, ки мулкҳояш аз Бразилия дар ғарб то ҷазираҳои Молукк дар шарқ доман паҳн карда буд. Вале, баъдан давлати Португалияро нокомиҳои ҳарбӣ ва ҷунбишҳои иқтисодӣ интизор буд, ки дар натиҷаи онҳо дар охири асри ХУ111 ба давлати ақибмонда мубаддал гардид. Ҳарчанд Португалия дар асри Х1Х дар Африка соҳиби мулкҳои мустамликавӣ чун Ангола ва Мозамбик буд (ки минбаъд ба зери таъсири сармояи Англия медаромаданд), натавонист ба қатори давлатҳои «зубда»-и ҷаҳон дохил бишавад. Вай иқтидори пештараи ҳарбии худро аз даст дода, бартариҳои мавқеи географии худро истифода бурда натавонист, амалан аз ҳамаи колонияҳои худ маҳрум гардид ва дар қатори давлатҳои дуюмдараҷа ҷо гирифт.

Махсусиятҳои табиию географии Португалия дар бисёр маврид табиати Испанияи ҳамсояро ба хотир меорад. Дар баробари ин аз нуқтаи назари табиат кишварро ба ду қисмат тақсим кардан мумкин аст – шимолӣ ва ҷанубӣ, ки ҳудуди онҳоро дарёи Тежа ҷудо мекунад. Португалияи шимолӣ бо ландшафтҳои кӯҳиаш фарқ мекунад, иқлими онҷо навъи уқёнусии баҳримиёназаминӣ бо боришоти бисёр аст. Дар қисмати ҷанубии Португалия ҳамвориҳо ва пуштакӯҳҳои на он қадар баланд воқеъанд, иқлимаш баҳримиёназаминии хос мебошад. Аз маъданҳо асосан волфрам ва дигар намудҳои канданиҳои фоиданок истеҳсол карда мешавад.

Таркиби этникии аҳолӣ тақрибан якхела аст, ҳарчанд фарқияти барҷаста дар намуди зоҳирӣ, дар рӯзгор, дар лаҳҷаҳои сокинони Португалияи континенталӣ ва ҷазираҳои ба он тааллуқдошта (Азор ва Мадейра) ба чашм мерасад.

Имрӯз Португалия мамлакатест, ки аз рӯи ченакҳои Европаи Ғарбӣ ба қатори давлатҳои «осудаҳол» дохил мешавад. «Чеҳра»-и иқтисодии кишварро асосан парвариши бодом, анҷир, майкашӣ, истеҳсоли консерваҳои моҳӣ (асосан сардин), равғани зайтун, пӯки шиша ва ғ. муайян менамояд. Пойтахти мамлакат шаҳри

*Лиссабон* муҳимтарин маркази иқтисодӣ ва саноатии кишвар ба ҳисоб меравад. Он бандари калони транзитии европоӣ ба шумор меравад, ки ба тарафи Атлантака тӯл кашида, дар сари роҳи Африка ва Америкаи Лотинӣ қарор дорад.

**Юнон** Масоҳат 13,2 ҳазор км$^2$. Аҳолӣ 10,7 млн. нафар. Пойтахт Афина *(Эллада)*- давлатест, ки дар рушди тамаддуни ҷаҳонӣ саҳми бузур дорад. Таърихи бойи ин кишвар ба ҳамагон нағз маълум аст.

Давлати ҳозираи Юнон соли 1821, дар рафти ҳаракати озодихоҳӣ бар зидди империяи усмонии Туркия, ташкил шудааст. «Ядрои муттаҳидкунанда»-и давлати Юнон фақат ҳудуди Юнони Марказӣ (*Пелопоннес, Эвбей* ва дигар ҷазираҳо)-ро дарбар мегирифт. Заминҳои дигари Юнон аз зери юғи туркҳо дар арафаи Ҷанги Якуми ҷаҳон озод карда шуданд. Албатта, мавқеи Юнони муосир дар механизми амалкунандаи иқтисод ва сиёсати Европа нисбат ба Юнони Қадим хеле «хоксорона» мебошад.

Кишвар на фақат қисмати ҷанубии нимҷазираи Балкан, балки ҷазираҳои *Ион, Страда, Киклада, Крит* ва ҷазираҳои бисёри дигарро дарбар мегирад. Мавҷудияти гулӯгоҳҳою халиҷҳо, ҳамчунин ҷазираҳо, ки аз соҳил ва дигар ҷазираҳо намоёнанд, аввалин кӯшишҳои баҳрнавардиро осон карда, ба рушди он, чӣ дар замони қадим ва чӣ имрӯз, мусоидат намуданд. Хусусияти кӯҳсори Юнон бисёр махсусиятҳои иқлимӣ ва шароити табиии онро муайян намуда, ба ҷойгиршавии аҳолӣ ва ба гардиш даровардани соҳаи кишоварзӣ таъсир мерасонад. Юнон аз захираи маъдан на он қадар бой буда, бисёре аз навъҳои ашёи хом ва сӯзишворӣ дар онҷо умуман вуҷуд надоранд.

Таркиби имрӯзаи аҳолии Юнон асосан натиҷаи муҳоҷирати баъди ҷанги Юнону Туркия (солҳои 1921-1923) мебошад, ки 1,3 миллион юнониҳо аз Туркия ба Юнон омаданд ва 350 ҳазор турк Юнонро таркҳо гуфтанд. Дар ҳоли ҳозир Юнонро метавон кишвари моноэтникӣ номид (зиёда аз 90 фоизи аҳоли юнонӣ ҳастанд), ҳарчанд дар вилоятҳои сарҳадӣ туркҳо, македониҳо, албанҳо, булғорҳо зиндагӣ мекунанд. Баъд аз пошхӯрии ИҶШС бозгашти юнониҳои маскуни ҷумҳуриҳои ин кишвари абарқудрат ба ватани таърихиашон оғоз шуд.

Аз нигоҳи иқтисодӣ Юнон (мисли Португалия) дар ақиби давлатҳои Европаи Ғарбӣ ҷой гирифтааст. Дар иқтисоди ин кишвар мисли пештара *флоти баҳрӣ (яке аз «боркашони ҷаҳонӣ»* нақши муҳим дорад, ки аз интиқоли бор (фрахт) даромад ба даст оварда, даҳҳо ҳазор одамро ба кор таъмин менамояд. *Туризми* хориҷӣ низ фоидаовар мебошад. Пойтахти давлат *Афина* яке аз шаҳрҳои қадимтарини дунё, бо ёдгориҳои антиқиаш (маҷмааи Акропол, Маъбади Зевс ва ғ.) маълуму машҳур аст. Афина якҷоя бо *Пирей* (бандари калон ва пойгоҳи ҳарбию баҳрии дар 8 километрии Афина ҷойгиршуда) маркази калонтарини индустриалии Юнонро ташкил медиҳанд.

**Мамлакатҳои Бенилюкс**. Ин ном аббревиатураи аз ҳарфҳои аввали номҳои *Белгия, Нидерландия* ва *Люксембур*г сохташуда мебошад. Асосҳои бисёре мавҷуданд, ки ин кишварҳоро (баъзан *Нидерландияи Калон* меноманд) якҷоя баррасӣ намоем: якум, онҳо ҳамсоя буда, фазои умумии иҷтимоию иқтисодӣ доранд; дуюм, тақдири Белгия ба таърихи Нидерландҳо гиреҳ хӯрдааст ва замоне (баъд аз мағлубияти қӯшунҳои Наполеон дар соли 1815 дар муҳорибаи назди Ватерлоо дар ҳудуди Белгия) дар Шоҳигарии ягонаи Нидерландҳо мезистанд; сеюм, аксарияти аҳолии ин кишварҳо *фламандиҳо* ҳастанд ва ғ..

**Шоҳигарии Нидерландҳо** дар соҳили баҳри Шимолӣ, дар резишгоҳи дарёи Рейн ҷойгир шудааст. (номи дигари ин мамлакат – *Голландия* – яке аз музофоти барои зиндагӣ мувофиқ ва тараққикарда, мебошад). Нидерландҳо кишварест, ки ҳудудаш дар давоми садсолаҳои охир тадриҷан аз ҳисоби заминҳои наздибаҳрӣ ба воситаи сохтмони дамбаҳо ва *полдерҳо* (аз калимаи *«поел»* - ботлоқ) васеъ гардидааст. Кори хушконидани полдерҳо ва ба заминҳои ҳосилхез табдил додани

онҳо бисёр душвор аст. Дар аввал дамба сохта, баҳрро аз замин дур мекунанд, баъд обро мехушконанд ва қабати болоии заминро ки шӯразада аст, тоза мекунанд. Баъд ба он хоки нав рехта, алаф мекоранд. Вақти дарав алафро намеғундоранд, то ки бо хок якҷоя гардида бипӯсад. Аммо имрӯз голландиҳо заминҳои шӯразадаро ба воситаи маҳлулҳои махсус шуста серҳосил мегардонанд.

Миллати Нидерланд аз *голландиҳо* ва хешони онҳо *фламандиҳо* ташкил ёфтааст. Туркҳо, марокашиҳо, яҳудиён, индонезиҳо ва суринамҳо (муҳоҷирон аз колонияҳои пештараи Голландия) низ зиёданд. Аҳолии мамлакат пайравони ду равияи динӣ – католикӣ ва калвинӣ (протестантӣ) мебошанд.

Мардуми кишварҳои Европа мамлакатро аз кадимулайём *«богу полез»*-и Европаи Ғарбӣ меномиданд. Ин ном то имрӯз ҳифз карда мешавад – Голландия дар аксари маврид бо *лола* ва *говҳои сершири* худ машҳури олам гардидааст, ҳарчанд дар қатори бист давлати индустриалии ҷаҳон ном бурда мешавад. Маҳсулоти баландсифати соҳаҳои саноати маҳаллӣ, ба монанди киштисозӣ, металлургияи сиёҳ ва ранга, электротехника, саноати химия, бофандагӣ, хӯрокворӣ дар ҷаҳон овозадоранд. Флоти тиҷоратии Нидерландҳо аз рӯи миқдори боркашонӣ дар байни давлатҳои соҳибфлот ҷои намоёнро ишғол мекунад ва бандари Роттердам аз нигоҳи гардиши мол яке аз бузургтаринҳо дар дунё мебошад. Ва дар ниҳоят, кишвар яке аз калонтарин кони гази табиии ҷаҳонро дорад (дар соҳилҳои баҳри Шимол ва тунукобаи он) воқеъ гардидааст.

Қароргоҳи ҳукумати Нидерландҳо шаҳри Гаага мебошад, вале мақоми пойтахтро шаҳри *Амстердам* дорад. (Аз соли1890 дар сари сулолаи ҳукмрони Ораниҳо занҳо меистанд).

**Белгия** – кишварест, ки соли 1989 аз давлати унитарӣ ба федеративӣ табдил ёфтааст ва шакли ҳукмронии монархияро нигоҳ доштааст. Ин падидаи дар ҷаҳон хеле нодир ба мавҷудияти ду вилояти фарҳангию таърихӣ дар ҳудуди кишвар - *Фландрия* (шимоли кишвар, аҳолиаш *фламандҳо)* ва *Валлония* (дар ҷануби кишвар, ки асосан *валлонҳо* зиндагӣ мекунанд) вобаста мебошад. Ҳанӯз дар оғози асри XX Белгияро ташкилаи сиёсии ба таври сунъӣ бавуҷудомада меномиданд («Дар онҷо ду мардум, ду миллат ҳаст, белгиҳо нестанд»). Вале дар шароити демократияи Ғарб федераликунонии Белгия бомуваффақият идома меёбад.

Ҳатто аз рӯи миқёсӣ европоӣ ҳудуди Белгия он қадар калон нест – 230 км аз шарқ ба ғарб ва 150 км аз шимол ба ҷануб масоҳат дорад. (Белгиҳо мегӯянд, ки то хориҷа метавонанд бо трамвай бираванд: қад-қади соҳили баҳри Шимол, ҳудуди Фландрия, аз Фаронса то Нидерландҳо ҳатти ҳаракати трамвай кашида шудааст). Релйефи асосан ҳамвор, шабакаи зичи дарё ва наҳрҳои киштигард дар якҷоягӣ бо шароити мувофиқи географӣ барои рушди босуръати иқтисодии кишвар мусоидат намуданд (ҳарчанд ки табиат аз сарватҳои худ ба ғайр аз ангишт, чизе ба ин мардум «эҳдо» накардааст).

Чи тавре ки дар боло қайд карда шуд, Белгия кишвари фламандҳо ва валлонҳо мебошад, ки шумораашон қариб баробар аст. Хусусияти фарққунандаи Белгия ҷойгиршавии зичи аҳолӣ ва дараҷаи баланди шаҳрнишинӣ (тақрибан 90 фоиз) мебошад. 1/3 аҳолии маҳаллӣ дар чор шаҳр: Брюсел, Антверпен, Лежа ва Гент зиндагӣ мекунанд.

Белгияи муосир кишвари аз ҷиҳати иқтисодӣ тараққикарда ва постиндустриалӣ ба шумор меравад (дар сохтори ММД соҳаи хизматрасонӣ ба 80 фоиз наздик мешавад)ва аз нигоҳа зичии роҳҳои оҳан ва автомобилгард дар ҷаҳон дар ҷои аввал аст. Ғайр аз молҳои анъанавӣ, Белгия шишаи аълосифат, сафол, қолин ва бриллиант содирот мекунад (ҷои 1-ум дар дунё). Белгиҳо ҳамчунин даъвои пешдастӣ дар парвариши моҳӣ дар обҳои ширинро доранд (махсусан гулмоҳӣ ва капур).

Агар дар бораи яке аз давлатҳои сегонаи Бенилюкс – ***Люксембург*** сухан ронем, шояд саволе пайдо шавад, ки чаро онро дар зерқисмати «Микродавлатҳои Европа» баррасӣ намекунем? Якум, ба хотири он ки Люксембург аз Андорра 5,5 баробар, аз Малта 8 баробар, аз Лихтенштейн 16 баробар калонтар аст. Дуюм, ин кишварест аз ҷиҳати *индустриалӣ* хеле тараққикарда, ки нисбат ба ягон микродавлати Европа инро таъкид кардан мумкин нест.

**Гертсогии Бузурги Люксембург** дар байни дарёҳои Мозел ва Маас ҷойгир буда, масофаи ниҳоии он аз шимол то ҷануб – 82 км, аз ғарб то шарқ -57 км-ро ташкил медиҳад. Қисми зиёди ҳудуди онро шохаҳои кӯҳҳои Арденн ишғол намудаанд. Замоне (дар охири асри Х1У) ҳудуди Люксембург аз ҳозирааш чор маротиба калонтар буд ва то Лежи Белгия дар шимол, Метси Франсия дар ҷануб ва Трири Германия дар шарқ тӯл мекашид. Вале баъзе қисматҳои он баъдан насиби ҳамсоягон гардид.

**Люксембур**г дар ҳоли ҳозир – «инъикосгари» некӯаҳволии мардуми Европаи Ғарбӣ ба шумор меравад. Аз рӯи миқдори даромад ба ҳар сари аҳолӣ бо Швейтсария баробар буда, аз дигар давлатҳои узви ИЕ хеле пеш рафтааст. Саволе мантиқӣ пайдо мешавад: аз ҳисоби рушди кадом соҳаҳои иқтисодиёт? Якум, фаъолияти молиявӣ ба хазинаи давлат даромади калон меоварад: дар инҷо на камтар аз даҳяки пулу моли бозори асъори Европа ҷамъ шудааст ва Люксембург дар ин самт кӯшиш мекунад бо Лондон ва Париж рақобат намояд. Дуюм, дар кишвар соҳаи хизматрасонӣ, пеш аз ҳама ба сайёҳии хориҷӣ, хеле тараққӣ кардааст. Ва дар ниҳоят, баъзе соҳаҳои индустрия, бо дарбар гирифтани металлургия (Люксембург муддати дӯрудароз дар истеҳсоли пулод ба ҳар сари аҳолӣ дар дунё дар ҷои аввал аст), рушд кардаанд.

Дар пойтахти Гертсогии Бузург - шаҳри Люксембург ҳар панҷум сокини кишвар зиндагӣ мекунад (қариб 120 ҳазор аҳолӣ дорад).

Мамлакатҳои **Алп.** Ба кишварҳои Алп Австрия (ҷумҳурии федеративӣ), Швейтсария (конфедератсия) ва ҳамчунин шаҳаншоҳии Лихтенштейн дохил мешаванд (ба зерқисмати «Микродавлатҳои Европа» нигаред).

Таърихи **Австрия** шабеҳи таърихи Олмон аст (номи немисии Австрия *Остеррейх* маънои «давлати шарқӣ»-ро дорад). Аммо монандии онҳо на танҳо дар ин аст. Дар замони кӯчиши бузурги халқҳо ҳудуди кишвар ба чорроҳаи ҳаракати қавмҳо ва халқиятҳо ба дарозии водии Дунай табдил ёфта буд ва хеле баъдтар Австрияро бо сулолаи Габсбургҳо ва империяи «дарбеҳӣ»-и Австро-Венгрия, ки соли 1918 пош хӯрд, як медонистанд. Аз инҷост, ки австриягиҳо бисёр унсурҳои ғайригерманиро дар худ ҳазм карданд.

Австрия кишвари кӯҳсор аст. Қисмати ҳамвории онро ҳамвориҳои назади Дунай, ҳавзаи Вена, Бурген-ланда ва ландшафтҳои теппадори Штирияи Ҷанубию Шарқӣ ташкил медиҳанд. Қисмати асосии кишвар ба минтақаи иқлими намноки кӯҳӣ (алпӣ) дохил мешавад. Барфҳои абадӣ ва намнокии баланди минтақаҳои кӯҳсор Австрияро бо обҳои дохилӣ бой гардонидаанд. Ҳамаи ин якҷоя бо объектҳои меросӣ фарҳангӣ ба худ таваҷҷуҳи сайёҳонро аз тамоми ҷаҳон ҷалб менамояд. Вена бо қасрҳои Хофбург, Белведер, Шёнбрунн ва калисоҳои Стефании муқаддас, Залтсбург, Тироли Австрия бо Инсбрук. Штирия бо Гратс ва ғ. ҷойҳои тамошобоби Европаи Ғарбӣ ба шумор меравнад.

Имрӯз Австрия давлати хурди аз ҷиҳати иқтисодӣ тараққикарда буда, бо истеҳсоли маҳсулоти хурдандоза ва нодир ҷои худро дар дар хоҷагидории ҷаҳонӣ пайдо кардааст. Вале соҳаи даромадноки иқтисодиёти он *сайёҳӣ* буд ва мемонад.

**Швейтсария** – ягона кишваре дар ҷаҳон *конфедаратсия* ном дорад, вале аслан давлати муқаррарии федеративӣ мебошад. Номи расмии он хотирае аз сохтори конфедеративии пештара асту бас. Он яке аз давлатҳои сарватмандтарини ҷаҳон ба шумор рафта, намунаи субот, осудаҳолӣ ва роҳати зиндагӣ мебошад. Швейтсария

дорои сохтори постиндустриалии иқтисодиёт (бо нақши беандоза бузурги соҳаи хизматрасонӣ) аст. Ҳарчанд соатҳои швейтсарӣ, дастгоҳҳо, таҷҳизоти бофандагии он дар ҳамаи ҷаҳон машҳуранд, аммо индустрия ин кишварро шухратёр нагардонидааст, балки фаъолияти молиявӣ ва бонкҳои калонтарин («хазинаи пулӣ»-и Европа) Швейтсарияро ба ин рӯз расонидаанд. Яке аз роҳҳои ба даст овардани даромад туризми хориҷӣ мебошад. Истироҳатгоҳҳои «ашрофона»-и Давос, Санкт-Моритс, Лугано, Локарно дар тамоми дунё маълуму машҳуранд. Махсусияти аз ҳама ҷолиби Швейтсария мавҷудияти чаҳор забони давлатӣ (расми 3.) – олмонӣ (65 фоизи аҳолӣ), фаронсавӣ (18 фоизи аҳолӣ), италиявӣ (10 фоизи аҳолӣ) ва забони реторманӣ (камтар аз 1 фоизи аҳолӣ) ба шумор меравад.

**Расми 3. Швейтсария: Паҳншавии забонҳо ва динҳо**







*Кантон ва полукантон: 1 – Ааргау, 2 – Апенцелль, 3 – Апенцелль, 4 – Базель-Ланд, Базель-Штадт, 6 – Берн, 7 – Фрибур, 8 – Женева, 9 – Гларус, 10 – Граубюнден, 11 – Юра, 12 – Люцерн, 13 – Нёвшатель, 14 –*

*Санкт-Галлен, 15 – Шаффагаузен, 16 – Швиц, 17 – Золотури, 18 – Тургау, 19 – Тичино (Тесин), 20 – Нидвальден, 21 – Обвальден, 22 – Ури, 23 – Вале (Валлис), 24 – Во (Ваадт), 25 – Цуг, 26 – Цюрих.*

**Мамлакатҳои Скандинавия ва Финляндия.** Ба кишварҳои Скандинавия одатан Норвегия ва Шветсия (ки дар нимҷазираи Скандинавия ҷойгиранд), ҳамчунин Дания (ҷойгир дар архипелаги Дания ва нимҷазираи Ютландия) ва Исландия (ҷазираи ҳамноми худро дар Атлантикаи Шимолӣ ишғол менамояд)-ро дохил менамоянд. Наздикии географии Финляндия ва умумияти сарнавишти таърихии онро ба Шветсия ба назар гирифта, ин кишварро дар якҷоя бо кишварҳои Скандинавия *Европаи Шимолӣ* меноманд.

Гузаштагони халқҳои скандинавӣ *норманнҳо* буданд, ки аз қадимулайём дар нимҷазираҳои Скандинавия, Ютландия ва ҷазираҳои дар наздикии онҳо ҷойгиршуда зиндагӣ мекарданд. (Маҳз онҳо дар асри X1 Исландияи қаблан беодам ва ҷазираҳои Фарерро забт намуданд). Агар Дания ва Шветсия «собиқаи давлатдории қобили таваҷҷуҳ» дошта бошанд, Исландия ва Норвегия дар тӯли садсолаҳо умуман давлатдории мустақили худро надоштанд.

Баъзе хусусиятҳои ҷолиби географии ин кишварҳоро зикр менамоем:

- дараҷаи баланди рушди иҷтимоию иқтисодии ҳамаи кишварҳо (ба ақидаи коршиносони СММ Норвегия дар давоми чандин сол намунаи чунин рушд будааст);

- амалан вуҷуд надоштани ангиштсанг дар ин кишварҳо, истифодаи васеъи захираҳои ҷангал ва об барои расидан ба ҳадафҳои энергетикӣ дар Шветсия, Норвегия ва Финляндия (қабатҳои нафти кашфшуда дар Норвегия ба ин тамоюл таъсир нарасонидааст) мусоидат намудаст.

- аҳамияти калони хоҷагии ҷангал барои Шветсия, Норвегия ва Финляндия, ки барои содирот кор мекунад;

- тараққии воқеии моҳидорӣ, махсусан дар Норвегия, Исландия ва Дания;

- Исландия кишварест, ки қувваҳои зеризаминӣ фаъолияти доимӣ доранд; дар ин ҷо бисёр чашмаҳои ҷӯшон ва гейзерҳо мавҷуданд. Ин гармии табиӣ барои гарм кардани биноҳо, тавассути пойгоҳҳои геотермалӣ равшан кардани роҳравҳо ва дар саноат истифода бурда мешаванд.

**Шветсия (монархияи конститутсионӣ)** аз дигар кишварҳои мавриди баррасӣ бо сохтори диверсифитсиронидашудаи иқтисоди миллӣ фарқ мекунад. Он барои ин заминаҳои ҷиддии таърихӣ, табиӣ ва иқтисодӣ дорад. Масалан, ба мухолифати ҳарбӣ бо Русия дар гузаштаи дур нигоҳ накарда, Шветсия қариб 200 сол аст, ки дар ҷангҳо иштирок намекунад ва дар солҳои ду ҷанги ҷаҳонӣ бетарафӣ ихтиёр намуд. Чунин «эҳтиёткорӣ» ба ин кишвар имкон дод, ки дар шароити нисбатан мусоид рушд кунад. Дар баробари ин, бо фоидаи зиёд ба тарафҳои ҷангкунанда силоҳ ва ашёи стратегӣ фурӯхт. Сармояи ҷамъшударо Шветсия барои тараққии истеҳсолот ва содироти мол ба дигар кишварҳо истифода кард. Ба рушди бомуваффақияти иқтисодиёт конҳои бойи маъдани оҳан дар Лапландия (дар наздикии Кирун ва Элливар) ва дигар канданиҳои фоиданок, захираҳои бузурги об, ҷангал ва ғ. мусоидат намуд. Саноати ҳозиразамон аз соҳаҳои гуногун иборат аст, дар байни онҳо мошинсозӣ бо технологияи аълодараҷа (дастгоҳҳои энергетикӣ, турбинаҳо, муҳаррикҳо, таҷҳизоти электротехникӣ, техникаи маишӣ ва ғ.), истеҳсоли коғазс ва чӯбкоркунӣ, металлургияи сиёҳ ва баъзе соҳаҳои дигар нақши асосӣ мебозанд. *Гётеборг, Малме, Вестерос, Стокголм, Эскилстуна, Линчёпинг* марказҳои муҳимтарини индустриалӣ мебошанд.

Чӣ хеле ки маълум аст, дар байни шведҳо ва ҳамсоягони онҳо – норвегиҳо ва даниягиҳо – монандии калони забонӣ ва этникӣ вуҷуд дорад. Тасодуфӣ нест, ки дар Шветсия намояндагони ин этносҳо зиндагӣ мекунанд. Ғайр аз инҳо, дар инҷо финҳо, саамҳо, намояндагони кишварҳои дигари Европа, Шарқи Наздик ва ғ. (дар солҳои

баъдиҷангӣ дар Шветсия талабот ба қувваи корӣ зиёд шудааст ва он ба кишвари иммигратсияи оммавӣ табдил ёфтааст) зиндагӣ мекунанд.

**Норвегия** *(монархияи конститутсионӣ)*- кишвари «классикӣ»-и шимолӣ мебошад ва қисмати аъзами он дар он тарафи Доираи қутб ҷойгир шудааст.Дорои релйефи ҳамвор бо кӯҳҳои азим, водиҳои чуқур, дараҳо ва шабакаи тараққикардаи дарёю кӯлҳо мебошад. Ноҳияҳои наздисоҳилӣ бо фиордҳои амиқ ва соҳилҳои шахдор аз ҳам ҷудо карда шудаанд. (Агар дарозии сарҳадҳои баҳрӣ 2 650 км-ро ташкил диҳанд, дарозии соҳилҳо ба фиордҳо ва халиҷҳо 20 ҳазор км-ро ташкил медиҳанд). Ба Норвегия Свалбард тааллуқ дорад, ки галаҷазираи Шпитсберген ва ҷазираҳои хурди арктикӣ, ҷазираи Ян-Май-ен дар қисмати шимолии Атлантика, ҷазираи Буве дар обҳои антарктикӣ воқеъ гардонидааст, дарбар мегирад.

Тибқи омори мавҷуда, зиёда аз 70 фоизи ҳудуди Норвегияро кӯҳсори беҳосил, кӯҳдоман – *фелдҳо* – бо рустаниҳои кӯҳию тундравӣ, ботлоқ ва тундра ишғол менамоянд. Дили одам сард мешавад! Вале боз ҳамон омор гувоҳ аст, ки аз рӯи дараҷаи рушди иҷтимоӣ Норвегия дар ҷаҳон яке аз ҷойҳои аввалинро ишғол мекунад. Сирри дастовардҳои дурахшони ин кишвар дар бахши иҷтимоию иқтисодӣ дар чист?

Якум, Норвегия дар асри XX стратегияи хеле муносиби рушди иқтисодиро интихоб карда, афзалиятро ба саноати *ҷангал* ва *моҳидорӣ* дод ва ҳамзамон тоннажи флоти тиҷоратии худро зиёд намуд. Дуюм, наздикӣ бо кишварҳои калони индустриалии Европа, риояи усулҳои демократӣ ва таъсиси ниҳодҳои устувори бозор ба ҷалби сармояи хориҷӣ ба соҳаҳои даромадноки иқтисодиёт – кӯҳкорӣ, химия ва ҷангалу химия мусоидат намуд. Сеюм, иштирок накардани Норвегия дар Ҷанги якуми ҷаҳон (ҳарчанд дар Ҷанги дуюми ҷаҳон нисфи тоннажи флоти тиҷоратиро гум кард ва саноати ҷангал, химия ва ҷангалу химия зиёни калон дид). Ва ниҳоят, чорум, дар нимаи дуюми асри бист, илова бар конҳои бойи маъдан, захираҳои ҷангал, энергияи об ва моҳии акваторияи наздисоҳилӣ, як қисми «хазинаҳои» нафту гази минтақаҳои тунукоба (шелфи) Баҳри Шимол насиби Норвегия гардид.

Ба шумори маҳсулотҳои хоси иқтисодиёти Норвегия хусусияти гидравликии электроэнергетикаи маҳаллиро дохил кардан мумкин аст. Зиёда аз 90 фоизи энергияи барқӣ дар кишвар дар НБО-ҳо истеҳсол карда мешавад. Норвегия аз рӯи истеҳсоли энергияи барқӣ ба ҳар сари аҳолӣ дар ҷаҳон ҷои якумро мегирад.

Зиёда аз 95 фоизи аҳолиро норвегиҳо ташкил медиҳанд. Дар қисмати шимолии кишвар саамҳо, финҳо (квенҳо), дар шаҳрҳо (ки аз ҳама калонтаринашон Осло, Берген, Тронхейм, Ставангер мебошанд) олиониҳо, шведҳо ва дигарон зиндагӣ мекунанд.

**Дания** *(монархияи конститутсионӣ)* қисмати аъзими нимҷазираи Ютландия, галаҷазираҳои Дат ва қисмати шимолии ҷазираҳои Фризро ишғол менамояд. Аз ҷазираҳои бешумори Дат қариб 100-тои онҳо аҳолии доимӣ доранд. Зеландия, Фюн, Лоланн, Фалстер, Мён, Лангеланн ва ғ. ҷазираҳои калонтарин ба шумор меравbooks. Ҳамчунин илова бояд намуд, ки ба Дания ҷазираи калонтарини ҷаҳон – *Гренландия* (масоҳаташ 2 176 ҳаз. $км^2$) ва *ҷазираҳои Фарер*, ки ба ҳайати шоҳигарӣ ҳамчун мухтор дохил мешаванд (дар ин ҷойҳо ҷараёнҳои сепаратизм (ҷудоихоҳӣ) равшан ба мушоҳида мерасанд), тааллуқ доранд.

Мавқеи муносиби стратегии Дания кайҳо боз «дар сари забонҳост». Дар ҳақиқат, Дания дар байни баҳрҳои Шимол ва Балтик ҷойгир буда, имконияти назорати фавқулода бар гулӯгоҳҳои Белти Калон ва Хурд, Скагеррак, Каттегат, Эресунн, Лим-форд ва ғайраро дорад. Албатта, барои кишварҳои европоии «гурӯҳи дуюм» чунин назорат душвор ва «бемаънӣ» ҳам ҳаст, аммо аз нигоҳи мавқеи иқтисодию географӣ барои Дания хеле фоидаовар аст.

Аҳолии Дания аз нигоҳи миллат тақрибан якхела аст – даниягиҳо (авлоди данҳо) 9/10 ҳамаи аҳолиро ташкил медиҳанд. *Копенгаген* аз рӯи дараҷаи рушди иқтисодиёт ва соҳаи хизматрасонӣ аз дигар пойтахтҳои кишварҳои Скандинавия ақибмондатар аст (дар бораи дигар шаҳрҳои Дания – Орхус, Оденс ва ғ. ҳоҷати гап нест).

**Исландия** *(ҷумҳурӣ)* – шимолитарин кишвари Европаи Ғарбӣ буда, дар доираи Қутб ҷойгир аст (лек ҷанубтари Мурманск). Махсусияти табиии Исландия оташфишонии мунтазами вулқонҳо мебошад (дар ҷазира 26 вулқони амалкунанда мавҷуд аст). Дар натиҷаи оташфишонии вулқонҳо чашмаҳои геотермалии зиёд – гейзерҳо, манбаъҳои газ ва кӯлҳои лойқадор арзи вуҷуд намудаанд. Гармии табии чашмаҳо барои гарм кардани хонаҳо, гармхонаҳо ва роҳравҳо васеъ истифода бурда мешавад.

Маҳдудияти пурраи даврони гузашта, кам будани захираҳои табиии ҷазира (ба ҷуз аз чашмаҳои геотермалӣ) сабаб гардиданд, ки хоҷагидории кишвар фақат аз *моҳидории наздисоҳилӣ* ва *гӯсфандпарварӣ* иборат мебошад. Чунин ҳолат то ҳол нигоҳ дошта мешавад. Моҳӣ ва маҳсулоти моҳӣ 90 фоизи содироти Исландияро ташкил медиҳад.

Дар Исландия қариб 300 ҳазор одам (с. 2001) зиндагӣ мекунад. Пойтахташ шаҳри *Рейкявик* ҳамзамон бандари асосӣ ва маркази саноати коркарди моҳӣ мебошад.

**Финляндия** *(ҷумҳурии парламентӣ).* Чӣ тавре ки маълум аст, Финляндия дар гузаштаи дур на танҳо музофоти қашшоқм Шветсия буд, балки вазифаи буфери ба худ хос ҳам буд, ки Русия ва Шветсия дар он ҷо муносибатҳои худро муайян мекарданд. Баъд аз анҷоми ҷанги навбатии Русияю Шветсия дар соли 1809 Князигарии бузурги Финляндия ҳамчун автономия шомили империяи Русия гардид ва фақат дар соли 1917 аз дасти Русияи болшевикӣ санади мустақилияти худро гирифт.

Тарҳ (контур)-и онвақтаи Финяляндия дар харитаи ҷаҳон ба духтаре монанд буд, ки ду дасташро ба боло бардоштааст. Бинобар ин, финҳо онро «духтари Суомӣ» меномиданд. Соли 1939 Иттиҳоди Шӯравӣ талаб намуд, ки Финляндия гарданаи Карелияи назди Санкт-Петербургро ба ихтиёри ИҶШС гузорад ва таҳдид ҳам кард. Бар ивази он як қисми Карелияи шарқиро пешниҳод намуд. Финляндия ин пешниҳодро рад намуд ва ин сабаби ба ном Ҷанги зимистонаи солҳои 1939-1940 гардид, ки дар натиҷаи он «духтари Суомӣ» аз як пораи «доман»-и худ – гарданаи Карелия якҷоя бо шаҳри Виборг ва аз як «даст»-и худ – Потсдама маҳрум гардид.

Финляндия аз ҷиҳати масоҳат дар байни давлатҳои Европаи Ғарбӣ фақат аз Фаронса хурдтар аст. Махсусияти ҷолиби табии географии он *мавҷудияти кӯлҳост* (зиёда аз 60 ҳазор). Инро низ бояд илова намуд, ки 32 фоизи захираи замини кишварро ботлоқзорҳо ташкил медиҳанд (сеяки онҳо ботлоқи торфӣ мебошанд). Чунин «серобӣ»-и Финляндия ба рушди муваффақи иқтисодиёти он халал намерасонад. Якум, кӯлҳо ва дарёҳо аҳамияти калони нақлиётӣ доранд, дарёҳо манбаъҳои энергияи барқӣ ба ҳисоб мераванд. Дуюм, Финляндия – *давлати ҷангалдор* буда, дар ҷаҳон аз ҷиҳати истеҳсоли чӯб, коғаз, картон, мебел ва селюллоза ҷои аввалро ишғол менамояд. Сеюм, дар кишвар захираҳои зиёди маъдан (Финляндия аз рӯи истеҳсоли мисс муддати дурудароз дар Европаи Ғарбӣ пештоз буд), маводи мухталифи сохтмон (хоросанг, мармар, магнезит, доломит ва ғ.) мавҷуд аст. Чорум, сарҳадҳои ғарбӣ ва ҷанубии Финляндияро обҳои халиҷҳои Фин ва Ботнии Баҳри Балтик мешӯяд, ва имкон медиҳад бо бисёре аз кишварҳои Европаи Шимолӣ ва Марказӣ алоқаи обӣ барқарор намояд.

Зичии аҳолӣ дар Финляндия дар миёни кишварҳои Европа аз ҳама камтар аст (ба ҳисоби миёна 15 нафар дар км$^2$., зичии аҳолӣ дар қисматҳои из ҷиҳати иқтисодӣ

рушдёфтаи ҷануб ва ҷанубу ғарби кишвар, ки шаҳрҳои калон ва марказҳои саноатӣ – *Хелсинки, Тампера, Турку* ва ғ. ҷойгир шудаанд, зиёдтар мебошад). Зиёда аз 90 фоизи аҳолии Финляндия финҳо (суомӣ) мебошанд. Аққалияти калони миллиро шведҳо ташкил медиҳанд (қариб 8 фоиз) ва забони шведӣ дар баробари забони финнӣ мақоми расмии давлатӣ дорад. Дар харитаи этникии Финляндия саамҳои кӯчии гавазнпарвар (аз 2 ҳазор зиёдтар), ки дар шимоли кишвар, дар Лапландия зиндагӣ мекунанд, воҳиди махсуси шарқӣ маҳсуб меёбад.

### Савол ва супоришҳои санҷишӣ

*1. Номбар кунед: а) кишварҳои Европаи Ҷанубӣ, Марказӣ ва Шимолӣ; б) кишварҳои Алп; в) кишварҳои Бенилюкс; г) кишварҳои Пиреней; д) кишварҳои Скандинавия-ро.*

*2. Истилоҳи «Реконкист» чӣ маънӣ дорад? Он дар ташаккули Испания ва Португалияи муосир чӣ нақше боқӣ гузоштааст?*

*3. Моҳияти махсусгардонии хоҷагидорӣ дар ин кишварҳо дар чист? а) дар Исландия; б) дар Люксембург; в) дар Швейтсария; г) дар Норвегия.*

*4. Кадоме аз кишварҳои номбаршуда дар соҳаи туризм пештоз аст?*

*5. Дар фолклори сайёҳон чунин гуфтаҳо ҳаст: «Агар дар дасти ростат лола дорӣ ва дар дасти чапат осиёи бодӣ, пас ту дар … ҳастӣ». Номи кишварро ёбед.*

*6. Ҳикмати яке аз ходимони сиёсии Испаниро шарҳ диҳед: «Аз нигоҳи географӣ мо дар як вақт Атлантика ва Баҳри Миёназамин, Европа ва Африка, Дунёи Кӯҳна ва Нав, нимҷазира ва ҷазира, Европаи ягона ва гуногун ҳастем. Таърихан ватани мо мураккаб ва дурӯ аст, «пӯмти барзагов»-ро ба хотир меорад, ки барои соҳиб шудан ба он иберихоюю келтҳо, финикиҳоюю юнониҳо, Карфаген ва Рим, вандалҳо ва аланҳо, масеҳият ва ислом мубориза бурдаанд. Испания давлат ва ҳукмрони бузург шуда, Америкавор дар назди Европа пайдо шуд. Ҳамеша ва ё тақрибан ҳамеша ду Испания вуҷуд дошт»*

## 2.7. Давлатҳои хурди Аврупо

Ба давлатҳои хурди Аврупо шаш кишвар шомиланд: Лихтенштейн, Сан-Марино, Ватикан, Малта, Монако, Андора (ҷад. 6.). Мавқеи асосиро Гибралтар ишғол мекунад, ки то ҳол тахти қаламравии Британияи қарор дорад. Бо вуҷуди он ки масоҳат ва аҳолии ниҳоят кам доранд, мавқеи муҳимро дар корҳои байналхалқи ишғол намуда, амалиётҳои зарурии тиҷорати ва сиёсиро иҷро мекунанд.

***Ҷадвали 6.***

**Давлатҳои хурди Европа: маълумотҳои байни**

| № т/р | Давлат | Масоҳат км² | Аҳолӣ нафар | Зиёдшавии табиии аҳолӣ | Давомнокии умр | | Истифода-Барии к. кал шабонарӯз | Маҷмӯи махсулоти дохилӣ | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | мард | зан | | ҳамагӣ млрд | ба ҳар як нафар |
| 1 | Лихтенштейн | 160 | 30 ҳаз. нафар | 0,8 | 72 | 74 | - | 0,8 | 2500 |
| 2 | Сан-Марино | 61 | 29 ҳаз. нафар | 1,3 | 76 | 83 | - | 0,9 | 34600 |
| 3 | Ватикан | 0,44 | 900 нафар | 0,01 | - | - | - | - | - |
| 4 | Малта | 316-306 | 399 ҳаз. нафар | 0,4 | 74 | 80 | 3482,0 | 7,5 | 18800 |
| 5 | Монако | 1,96 | 32,4 ҳаз. нафар | 0,4 | - | - | - | 0,9 | 27000 |
| 6 | Андора | 468 | 100 ҳаз. нафар | 0,9 | | - | - | 1,9 | 26800 |
| 7 | Гибралтар | 6,5 | 29500 | - | | - | - | - | - |

Дар маркази Аврупо байни Швейтсария ва Австрия давлати «хурдакаке» бо номи Князигарии Лихтенштейн ҷойгир шудааст. Он дар води танги соҳили рости Рейни Болои ҷойгир буда, аз ду тараф бо Алпҳои Австриёи ва Шведсориёи ҳамсарҳад аст. Ин водии пурҷушу хурӯши тиҷорат аз қадим хизмат карда, Европои Марказиро бо Италия мепайвандад. Масоҳати умумии Лихтенштейн 160 $км^2$, аҳолиаш ҳамагӣ 30 ҳазор нафар аст. Зиёда аз се ҳиссаи аҳоли хориҷиҳо ҳастанд (бештар швейтсариҳо ва австрагиҳо). Таърихи Лихтенштейн аз охири асри XVII оғоз мегардад, вақте ки князи Лихтенштейн унвони гертсогии Шелленберги ва соли 1712 графи Вадуро ба худ гирифт. Соли 1719 князи Лихтенштейн ҳамчун давлати «Империяи Рими Муқаддас» эълон гардид. Баъди ин марзҳои князи қариб, ки иваз нашуданд. Баъди он ки он ба мустамликаи Шветсария (1923) шомил шуд, швейсариҳо Лихтенштейнро ҳамчун ҳудуди «худ» меҳисобанд.

Ҳар як сокини дуюм Швейтсария гумон мекунанд, ки князи Лихтенштейнест аз ҷиҳати сиёсӣ ба давлатӣ ӯ тобеъ аст, ҳар як панҷумин шахс гумон мекунад, ки давлати худ аст. Аммо лихтенштейнҳо ба он ақидаанд, ки князии Лихтейнштейн соҳибистиқлолтар аст, нисбати он давлатҳо ба монанди Монако аз Франсия, Сан-Марино аз Италия.

Бо вуҷуди он ки аҳолии Лихтейшьейн хеле кам аст, он ҳаррӯз ду баробар ба шарофати фронталерҳо муҳоҷирони хориҷӣ ки марзро убур мекунанд, зиёд мешавад. Фарҳанги милли истиқоматкунандагони таҳҷои аз фарҳанги ҳамсоягон – гермоншвейтсариҳо ва австриягиҳои Тирол каме тафовути дорад.

Аз ҷиҳати зиёд будани саноат (дар як кило метрии мураббаъ) Князии Лихтейштейн дар Аврупо ҷойи аввалро ишғол мекунад. Барои ҳар як шахс маҳсулоти саноати нисбати Германия ду баробар зиёд истеҳсол мешавад. Ширкатҳои истеҳсоли мошинҳои кишвар, ба монанди «Хилт», заводи «Белсерс», «Ивоклар» (охиринаш дандонҳои сунъи истеҳсол тавлид мекунад) ва ғайраҳо ҳамаи маҳсулоти худро (олотҳои санҷиши, оптика, техникаи вакууми, микропротсессорҳо) ба хориаҷа ва қариб ба сад кишвари ҷаҳон ирсол мекунанд. Қариб ними аҳолии фаъол ба корҳои хадамоти машғуланд. Омили асосии даромади Князии Лихтенштейн нашр ва паҳнкунии маркаҳои почта ташкил медиҳад. Филателя 10%-и буҷаи кишварро медиҳад. Дигар омили даромадноки ин соҳаи туризм мебошад. Хориҷиҳоро на танҳо истироҳатгоҳҳои баландкӯҳи Лихтейнштейн ҷалб мекунад, балки осорхонаҳои бадеи ва таърихии Ватус - марказӣ князи (5 ҳазор нафар) истиқомат кунандагон. Дар хоҷагии қишлоқ ҳамаги 2% аҳоли ҷалб шудааст. Теъдоди хурди деҳқонон имрӯзҳо амалиёти фолклориро низ иҷро мекунанд.

Кишвар сиёсати бетарақии (нейтралитети) мунтазамро пеш мебарад. Дар кишвар артиш мавҷуд нест (он дар мобайни асри XIX бекор карда шуд). Муассисаҳои таҳсилоти олӣ, радио ва теливизиони милли надорад. Ҳамзамон Лихтенштейн ба давлати тараққиёфта мансуб гардида, беҳдоштии он аз ҳисоби подошҳои моли асос мегирад, ки аз ҷониби сармояи хориҷӣ ворид мешавад. Дар кишвар зиёда аз 40 ҳазор ширкатҳои хориҷӣ ба қайд гирифта шудааст, андозашон се ҳиссаи буҷаи давлатро ташкил медиҳад.

Дар ҷануби Аврупо **Ҷумҳурии Сан-Марино** ҷойгир шудааст. Ин кишвар аз ҳама тараф бо марзи Италия иҳота шудааст, ки дар қисми шимолу шарқии нимҷазираи Апеннин дар кӯҳӣ Мон-те-Титано, дар 18 км аз соҳили баҳри Адриатика ҷойгир шудаст. Он дар соли 301 солшумории мо таъсис ёфтааст. Ба гуфтаи ривоятҳо, онро устои гилкорӣ далматини Марино бино кард, ки бо гурӯҳи на он қадар калони шарикони худ дар ин ҷойҳои аз феодалҳо паноҳ бурда аст. Соли 855 Сан-Марино давлати мустақил эътироф гардид ва соли 1295 аввалин сарқонуни хаттии он нашр шуд. Аз соли 1862 Сан-Марино мустамликаи Италияро эътироф кард.

Дар Сан-Марино (масоҳат 61км$^2$) зиёда аз 29 ҳазор нафар аҳолӣ умр ба сар мебаранд. Боз 15 ҳазор Сан Маринихо мунтазам дар хориҷи кишвар зиндагӣ мекунанд, одатан дар Италия, Франсия ва ИМА. Аҳолии ҷумҳури бо забони италиявӣ ҳарф мезананд. Дар кишвар зиёда аз 30 ҷойҳои аҳолинишин мавҷуд. Аз он ҷумла 10 шаҳрак дорад. Аз ҳама калонтаринашон ш. Сан-Марино аст, ки пойтахти кишвар мансуб меёбад, аҳолиаш 4,5 ҳазор нафар. Шаҳр дар чаҳор зинаи қуллаи Монте-Титан ҷойгир аст, ки бо деворҳои қалъа иҳота шудааст, он ҳама ҷойи кишвар намоён аст. Ин қалъа дар герби Ҷумҳури дар маркаҳо ва тангаҳо тасвир ёфтааст. Дар шаҳри асоси ҳамагӣ якчандто кӯчаҳо ҳастанд, як майдон (Пианелло) ва даҳҳо пасткучаҳои борику каҷ ва зинапояҳои санги, ки аз як зина ба дигар зина шахсро мебарад. иборат аст. Дар пойтахт макотиб, гимназияҳо, ва омӯзишгоҳҳои тахассуси мавҷуд аст. Роҳи оҳани электрекӣ шоҳроҳ Сан-Маринаро бо шаҳри италиявӣ Рими пайваст мекунад.

Сарқонуни амалкунандаи Сан-Марино соли 1600 қабул шудааст (бо тағйирот дар соли 1906). Вазифаи роҳбарии давлат ва мақомоти иҷроияро ду капитан-регенти баробарҳуқуқ бу ӯҳда доранд, ки аз ҷониби Шӯрои Генералии Калон аз ҳисоби 60 депутатҳои худ ба мудати 6 моҳ аз 1-уми апрел то 30-уми сентябр ва аз 1-уми октябр то 31 марти ҳамасола интихоб мегарданд. Аз миёнаи асри XIX дар Сан-Марино таҳсилоти ройгон дар макотиб ва хадамоти тибби ба роҳ монда шудааст.

Дар фаъолияти сиёсати хориҷи кишвар принсипи бетарафиро пеша кардааст. Ҳамзамон Сан-Марино узви Шӯрои Аврупо ва СММ буда дорои созишномаи расми оиди ҳамкори бо иттиҳоди Аврупо мебошад. Дар самти дутарафа ҷумҳурии бештар бо Италия робитаи фаъол дорад. Асоси онро истеҳсолоти аграрии (парвариши гандум, шаробпазӣ ва хадомоти туристони хориҷи (ҳар сол зиёда аз 3 млн кишварро дидан мекунанд) ташкил медиҳад. Агар то вақти наздик асоси фоидаи кишварро фақат туристон ва нашри маркаву тангаҳо ташкил медод, имрӯз ба ғайр аз истеҳсоли касби, як қатор корхонаҳои саноатӣ, ки сафол, нассоҷ, тӯҳфаҳо, маҳсулоти ғизои истеҳсол мекунанд, ташкил шудааст. Бештар Сан-Марино бо шаробҳои ангурии худ машҳур аст. Кишвар инчунин бо осорхонаҳои худ низ маъмул аст. Алалхуссус осорхонаҳои Гарибалд, осорхонаи Давлатӣ, ки аз тарафи бостоншинос машҳур Б. Боргеси сохта шудааст, дар осорхонаи Сан-Мариноии яроқ ва аслиҳаи ҷанги (аз соли 1200 то авали асри XX) нигоҳ дошта мешавад.

Дар ҳудуди Италия давлати дигари «пақана» давлат шаҳри **Ватикан** мавҷуд аст. Ин давлат маркази калисои Риму-католикӣ, ки қароргоҳи сардори он Папаи Рим (шахси муқадас мебошад) ба ҳисоб меравад. Ватикан дар қисми ғарбии Рим воқэъ аст, ки он яке аз ҳафт қисми шарқии Монте - Вати – Кано мебошад. Масоҳати он ҳамагӣ 0,44 км$^2$ аст. Он аз хар тараф ба деворҳои дар замони асрҳои миёна сохташуда иҳота карда шудааст. Дарозии сарҳади Ватикан 2.600 м мебошад, он полиция, ҳабсхона ва артиши хусуси дорад. Ватикан суруди миллӣ парчами миллӣ, радиостатсияи хусусӣ дорад, ки бо 37 забон, пахш мекунад маркази оинаи нилгун,маркази матбуот, садҳо нашриёт, ки дар дигар давлатҳо чоп мешавад, соҳиб аст. Халқи Ватикан бо забони Италиявӣ сухан мегуянд, аммо муллоҳои (поп), ки ба католикҳо муроҷиат мекунанд бо забони лотинӣ сухан мегӯянд. Ҳамчун давлати алоҳида дар замони ба охиррасии якҷошавии Италия соли 1870 ба вуҷуд омад. Статуси ҳуқуқи байналмилали ҳуқуқи байналхалқи Ватикан чун маркази дини католики ҷаҳони ва чун маълумоти сиёсии мустақилдошта ба қарори лоторинги соли 1929 мустаҳкам карда шуд. Ватикан аҳолии асосӣ мукими надорад. Дар он ҷо Поп, роҳбарони калисои католики хизматчиёни идораи Ватикан зиндагӣ мекарданд.

Дар ин идораҳо 2,5 ҳазор хизматчиён кор мекунанд,ки қариб аз ним зиёди онҳо мартабаи диниро ишғол мекунанд.

Аз нуқтаи назари тартиботи ҷамъияти Ватикан ҳокимияти мутлақи назарияви том ба ҳисоб меравад. Сардори давлат –Попи Рим ба ӯ дар кори давлатдори қонуни

суди олӣ вобаста карда шудааст. Ба ихтиёри Поп пешкаш намудани давлати Ватикан ба муносибатҳои байналхалқи, тасдиқ намудан ва бекор кардани шартномаҳои байналхалқи, таин намудани намояндагони Ватикан ба дигар давлатҳо супорида шудааст.Дар айни замон Ватикан бо 130 давлати ҷаҳон муносибатҳои дипломатии хуб дорад. Сардори Ватикан то охири умраш таин карда мешавад.Соли 2005 ин мақомро 265-умин Попи Рим-Бенедикт XVI ишғол кард.

Дар сиёсати байналхалқӣ мақоми Ватикан баланд буда, шумораи зиёди диндорони католики-қариб 900млн нафар (280млн-дар Европа, 390млн дар Америка, 91 млн дар Африка, 100 млн –дар Осиё Австралия )ба қайд гирифта шудааст.Ватикан натанҳо тавассути диндори католикиӣ амал мекунад, балки аз рӯи орденҳои роҳибӣ, ки қариб 2 ҳазор адад аст ва ташкилотҳои ғайридини католикӣ, ҳизбии ғайридинии католикӣ, итифоқи касаба, санъат, фарханг, созмони ҷавони ва комитаи занон амал мекунанд.

Ватикан се манбаи асосии даромад дорад. Донишгоҳи корҳои дини (дар асл бонки Ватикан қариб ҳар сол якчанд миллиард доллар ШМА даромад дорад), фаъолияти молиявӣ ва иқтисоди корхонаҳо ва инчунин закот додани диндорон.

Масалан ҳар сол аз саёҳон ва зиёраткунандагон аз ҳар гушаи дунё ба буҷаи Ватикан зиёда аз 60 млн дол ШМА даромад меорад. Ватикан иншоотҳои зиёд ҳамчун сармоя (недвижимост) дар Европа, Америкаи Лотинӣ дорад, Ватикан бо банкҳо ва монополяҳои дигар давлатҳо ҳамкори мекунад. Қисми зиёди маблағи калони пули дар Италия мебошад. Он ҷо 482 ҳазор га замин коркардшаванда дорад. Дар Рим бошад хонаҳои зисти зиёде ҳаст, ки ба Ватикан таалуқ дорад. Даромади изофиро бештар савдои тангаҳо, медалҳо, тамғаҳои почтаҳо (маркаҳо), ҳамчун савдои чиптаҳо дар намоишгоҳҳои Ватикан ба вуҷуд меорад. Бойигарие, ки дар тулии чанд аср дар қасрҳо ва музейҳои Ватикан ба даст овардашудааст, қимати ниҳоят бебаҳо дорад. Ҷои намоёнро (махсусро) калисои калони Петри Мӯқадас,ки дар муқобили қасри Поп ҷойгир аст ишғол мекунад. Ин калисо то соли 1990 яке аз калисоҳои калонтарини ҷаҳон ба шумор мерафт. (Дар соли 1990-калисои номбурдаро калисои ямусук, ки дар марказ давлати Африко Кот-д Ивуар) пеш гузашт, ки масоҳати он 22067 м$^2$ баландиаш 189 м дарозиаш 186,36 м аст, ороиши ин қасри хеле бошукӯҳ дар давоми асрҳо он устоҳи забардаст Рафаэл Ми-келанджело ва шогирдони ӯ ороиш медоданд. Ин чунин дар ин калисо найзаи Лангин, ки он ба салиби «Наҷотбахши» халонида шуда аст нигоҳ дошта мешавад. Дар калисо 10 ҳазор одам ҷойгир шуда метавонад.

Академияи илмҳои Ватикан, ки соли 1603 таъсис ёфтааст,ба Поп итоат менамояд ва мақсади асосии кӯмак расонидан ба омӯзиши илмҳои физика, риёзиёт ва табиатшиноси мебошад. Айни замон академикҳои Поп 70-нафар донишмандон буда аз 25 давлати ҷаҳон мебошанд.Ба корҳои татқиқоти ин чунин якчанд марказҳои илми машғуланд. Соли 1996 Ватикан ба интернет пайваст карда шуда аст.

Дар маркази баҳри Миёназамин галаҷазираҳои харсанги ҷойгир аст, ки он Аврупоро аз Африка, Тунисро аз Сицилия ҷудо мекунад. **Ин ҷумҳурии республикаи Малта,** ки аз номи яке аз ҷазираҳои калон гирифта шуда аст мебошад. Масоҳати давлат 316 км$^2$, ҷазираи Малта 246 км$^2$, Готсо 67 км$^2$ аст.Масоҳати дигар ҷазираҳо боз хурдтар мебошад.Дар қисми ҷанубу шарқи ҷазира пойтахти республика Малта ҷойгир аст, аҳолиаш 400 ҳазор нафар мебошад.

Таърих гувоҳ аст, ки давлатҳои бузург ҳаракат кардаанд,ки ин ҷазирачаҳо ба онҳо итоат кунанд. Аз соли 1552 ин ҷои чун нишонаи баҳодурона монахи ҳарби дониста шуд. Малта пуштибони христианҳо муқобили туркон шуд. Соли 1800 Малта ба зери давлатдории Британияи Кабир гузашт.Истиқлолиятро Малта соли 1964 ба даст овард ва аз ҳама давлати ҷавонтарини Европа ба ҳисоб гирифта шуд.Соли 1981 Мальта хамчун давлати бетараф эълон карда шуда сиёсати ҳамроҳнашуданро пеш гирифта аст. Давлати ҷазиравиии Малта аз руи пешрафт ва устувории худ атрофии

баҳри Миёназамин ва Аврупоро ба ҳайрат овард. Бо ин фаъолияти Малтигиҳоро дар корҳои иқтисодю сиёсии европоиҳо махсусан дар хусуси нигоҳи хифзи табиати гирду атроф нишон дод.

Малта аз канданиҳои фоиданок маҳрум аст.Дар ҷазира ягон кӯл ё дарё нест. Дар ин ҷо ҳатто замини корам ҳам набуд то он вақте, ки хокро аз Сицилия овардаанд. Гузаштаи мулки мустамликавии ин давлат иқтисодиёт ва тобеият ба бозори беруниро нишон медод. Дар Малта 120 ширкатҳои хориҷӣ ки маҳсулоти мошинасозӣ, молҳои химияви ва инчунин либос истеҳсол мекунанд воқеъ аст. Ба Малта ҳар сол 1,1 млн. саёҳон ворид мешаванд, ки он 2,5 баробар аз аҳолиаш зиёдтар аст. Хоҷагии қишлоқ бошад, он кадар мавқеи асосиро ишғол намекунад.

Дар Малта якто донишгоҳ ҳаст, ки он соли 1769 ба қайд гирифта шуда буд. Ин донишгоҳ дар соҳаи таълими тиб (медицина) мавқеи муҳимро мебозад. Давлат шароити бепул хондаро дар мактабҳои миёна ва олӣ, хизмати тибби бепул ва дигар хизматҳоро муҳаё намудааст. Дар шаҳр яке аз қадимтарин театрҳо,ки соли 1731 таъсис ёфтааст театри Маноэл фаъолият мекунад. Аз январи соли 1995 бо қарори фонди асъори байналхалқӣ Малта ба қатори давлатҳои тараққикарда гузаронида шуд. Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ба ҳар сари аҳолӣ ба 16,5 ҳазор доларари америкоӣ баробар аст.

Пайдоиши шаҳр вобаста ба номи шахси бузурги Малтаги ҷавони Паризо де ла Валлетта вобаста аст. Пойтахти ҷазира соли 1570 пайдо шуд. Шаҳр дар кӯҳи харсанги сохта шуда аст, ки бо 2 халиҷи чуқур, ки ҷои пинҳоншавии эскадраҳои баҳри аст, иҳота карда шудааст. Барои кашонидани борҳои вазнин ва одамон лифти махсус хизмат мекунанд. Ла-Валлетта басо хушманзара мебошад.

Аз ҳама хурдтарин баъди Ватикан аз давлати паканаҳо дар Аврупо, лекин аз ҳама бойтарин ва машҳуртарин **Монакио князи** мебошад. Масоҳати Монако 1,96км$^2$ ниҳоят хурд аст, дарозиаш 4 км ва бараш аз 250 то 900 метр аст. Ин масоҳатро дар давоми чанд соат пиёда тай намудан мумкин аст. Аз тарафи дигар ин давлати хурдакак 32 ҳазор нафар аҳолӣ дорад ба Франсия такя мекунад, ки дар сарҳади он номаълум аст. Ин сарҳадро бисёр вақт гузаштан мумкин аст, вақти аз роҳ гузаштан чунин сарҳад номаълум аст. Мобайни сарҳади то Италия 21 км аст. Ба Монако ба ҳавопаймо омада намешавад, чун масоҳаташ хеле хурд аст. Пойтахти давлат Монако, ки бо кӯҳҳо ба соҳили лоҷуварди ҷафс шуда аст, бо хонаҳои хушранг ва роҳҳои мармари ҷило медиҳад. Дар канори роҳҳо дарахтони мандарин мерӯянд, аммо халиҷи хурдакак ҳамеша бо яхтаҳо ва катерҳо пур аст.Дар харсангҳо лифти умуми сохта шуда аст,ки барои ба хонаҳояшон расидани аҳоли ёри медиҳад. Бандар ва роҳи оҳанро роҳи зери заминӣ мепайвандад.

Князи мустақил аз асари XIII (лекин дар зери назорати Франция буд) дар давоми чандин садсолаҳо помодаи Аврупо, дар нимаи дувуми асри XX ба шарафи қиморхона ва туризм ба давлати тараққи карда табдил ёфт. Ва имрӯз асоси иқтисодиёти Монако савдо, молия ва туризм мебошад.Аз ҷиҳати маъмури бошад давлат аз чор шаҳр-округ иборат аст. Монако (пойтахт 13ҳазор аҳолӣ дорад), Ла-Кондамин (маркази тиҷорат), Монте – Карло (қиморхона-казино) ва Фанвел. Ҳамаи аҳолии Монако 32 ҳазор нафар, аҳолии асосаш менегаскҳо (омехтаи франсузҳо бо италиявиҳо)-ҳамаги 6 ҳазор нафар, қариб ҳамин қадар итолиявиҳо 5 ҳазор нафар аз ҳазор нафар зиёд англисҳо, лекин қариб 13 ҳазор нафар франсузҳо зиндсгӣ мекунанд. Дар асри XIX монегаскҳо ба лаҳҷаи махсус гап мезананд, аммо ҳозир ба французи (ними зиёд бо итолияви) сухан меронанд.Зичии миёнаи аҳоли аз ҳама зиёд дар ҷаҳон мебошад.

Монако монархияи конститутсионии аҷдоди мебошад. Ҳамчун давлати мустаҳқил князгари зиёда аз 700 сол амал карда истодааст. Дар он вақт ҳуқуқи ҳукумрони давлат расми гардонида шуда буд. Муофиқ ба қонуни амалкунанда Монако мустақил ва ҳамчун давлати соҳибистиқлол дар хати ҳуқуқи байналхалқи ва

созиши байни Франсия дониста мешавад.Қариб ҳамаи қонунҳои дар Монако вуҷуд дошта франсузи аст  Ҳатто одамоне,ки дар Монако суд мешаванд, адои хизмати ҷазоро дар франция мегузаронанд. Дар Монако ҳамчун Лихтенштеи тартиби андозсупори  имтиёзнок вуҷуд дорад, ки он барои иҷро намудани ҳар гунна амалиёти молиявӣ бо  бонкҳои байналхалқӣ фоидаовар аст. Дар ҳудуди хонигарии Монако қариб 800 ширкатҳои байналхалқӣ ва 50  бонк, мавҷуд аст, ки ними даромади давлатро ташкил  медиҳад. Даромади дигаре,ки буҷаи давлатро зиёд мекунад,ин ба фуруш баровардани маркаҳои алоқа ва латареяҳо мебошад.

Иқлими созгор,  тоза ва растаниҳои фаровони  субтропикӣ диққати сайёҳонро ба худ бештар ҷалб мекунад. Ҳар сол 700 ҳазор нафар саёҳони хориҷи ба истироҳат ва қиморхона меоянд,ки ин аз 4 як  қисми даромади Монакоро  медиҳад. Аз ҳама аксия калонтарин дошта дар соҳаи қиморбозӣ ин Ватикан мебошад.Солҳои охир дар Монако  саноати сабук ва коркард, ки  аз ҷиҳати экологӣ тоза бунёд шуданд. Дар ин ҷо истиқоматкунандагони ноҳияҳои ҳамсояи Франсия ва Италия кор мекунанд.

Дар Монако ҷойҳои тамошобоб бисъёр аст. Ба қатори онҳо қасри княз (асри XIII-XVI),ки бо деворҳои сангини қалъа аз бурҷ ва сурохҳои тирандози иборат аст, дохил мешавад. Дар шаҳр ин чунин намоишгоҳи океаногрфии дар тамоми ҷаҳон машҳур аст ҷойгир аст, мудати зиёде роҳбари ин осорхона Жан Ив Кусто (1910-1997)ташкилотчии аквалаириум, сар кардани тадқиқотҳои зериобӣ дар киштии «Калипсо», муҳаррири китобҳои машҳур ва синамоҳо дар бораи баҳр мебошад. Дар назди осорхона донишгоҳи океанографӣ вуҷуд дорад. Дар Монако радиостанцияи боқуват «Монте Карло», маркази телевизиони ,театр мавҷуд аст.Дар ин ҷо мусобиқаҳои тениси, фестивалҳои сиркӣ ва мусиқӣ баргузор мегардад.

Дар Пиреней,  байни  Испания ва Франция аз ҳама калонтарин  давлати паканаҳо дар Аврупо **князи Андора**   мавҷуд аст. Масоҳати он 468 км$^2$. Водие, ки дар он  давлати князи ҷойгир аст, аз ҳар тараф харсангҳои куҳмонанд ишғол карда аст.Фақат аз тарафи Испания роҳ кушода аст. Аҳолии Андора 100 ҳазор нафар, ки аз он 21 ҳазор  нафарашон истиқоматкунандагони асосӣ ва боқимонда хориҷиён-испаниҳо, партугалиҳо ва французон. Аввалин маротиба оид мавҷуд будани Андора дар соли 778 зикр шуда буд. Аз соли 1278 зери дасти мулки Франсия ва Испания буд. Онҳо аввалин шуда  соли 1993 истиқлолияти  ҳокимияти князиро эътироф карданд. Дар асоси конститутсияи ҳамин вақт қабул шуда Андора  давлати парламенти (дар асл ҷумҳурият) аст. Сардори давлат ва кафолатдиҳандаи соҳибистиқлолии Андорра епископи Урхали (ш. Сеу-де-урхель, испания) ва президенти Франсия  мебошад. Онҳо ҳуқуқ барои эълони интихоботҳо, овоздиҳи барои қабулкуни ягон қонуни муҳими давлатӣ, интихоби роҳбари давлат ва аъзоёни суди конститутсионӣ вакил мебошанд.Онҳо метавонанд барои парокандакунии парламент имзо гузаронд қонунҳоро ба умуми-халқ эълон кунад, ба гуфтушунидҳои байналхалқӣ оид ба бехатари мудофиа ва корҳои сарҳади  иштирок кунанд.Андорра ба ҳайати СММ ЮНЕСКО (ташкилоти СММ оид ба масъалаҳои маъориф, илм ва фарҳанг), ЮНИСЕФ фонди кудаконаи СММ, иттиҳоди Европа, ОБСЕ (ташкили бехатари ва ҳамкори дар Европа) қабул шуда аст. Солҳои охир Андора ба яке аз чораҳаҳои Аврупо табдил ёфт. Ин ба пешрафти туризм ва савдо вобаста сабаб шуд. Имтиёзҳои андози Андораро ба «бандари озод» Пирене табдил дод. Ҳар сол ба ин давлат зиёда аз  12 млн наф одамон сафар мекунанд. Ва ҳамаи онҳоро табиати зебои онҷо ба худ ҷалб мекунад. Қисми зиёди онҳо ба Андора рузҳои якшанбе барои хариди техникаи муосир  меоянд.

Аз ҳамин сабаб сайёҳи асоси онҳо ҳисоб меёбанд, ки ақалан як шабро дар Андорра гузаронида бошанд. Ин гуна одамон 7-8 млн нафарро ташкил медиҳанд. Барои хизмати онҳо 200 меҳмонхона, роҳҳои мошингард сохта шуда аст. Дар Андора якчанд бонкҳо ҳаст, ҳарчанд пули худро надорад, лекин песети испани ва франки франсузи дар мубодила аст. Асоси даромад аз коркарди тамоку мебошад. Саноати

сабук ва хурокворӣ вуҷуд дорад, ки панир ва обҳои минералӣ, тӯҳфаҳо ва маҳсулоти ороишҳо истеҳсол мекунад. Аҳолии қишлокҳои кӯҳӣ бо чорводорӣ машғул аст.

Дар ҷануби нимҷазираи Пиренеӣ то ҳоло мустамликаи (колонияи) **Британияи Кабир Гибралтар** вуҷуд дорад. Масоҳати он 6,5км². Ин деҳаи хурдакаки аз харсангу оҳак,ки ба бахр ҳамроҳ мешавад 429м баланди ва васегиаш 1,4 км дарозиаш 4,5 км мебошад. Қисми ҷанубии деҳа- димоғаи Европа,ки дар 20 км аз қитаи замини Африко, қисми канорӣ аст. Аз шаҳри Ла-Линеаи Испания Гибралтар ба минтақаи бетараф ҷудо карда шудааст,ки бараш 500 м аст. Гибралтар бо як чашмаш Аврупо бо дигар чашмаш Африкаро мебинад. Гибралтар аз Британияи Кабир соли 1713 вақте, ки монархҳои Аврупо ба ҳамдигар замин тухфа мекарданд,ҷудо карда шуд, қариб 300 сола мешавад,ки харсанг на танҳо чун қалъаи мусаллаҳ,балки монеъа дар муносибат бо Испания истода аст.

Қайди географии Гибралтар диқати одамони фаъол ва ташаббускорро ба худ ҷалб мекард Генуэзҳо, малтягиҳо,британиҳо, ирландҳо, португалҳо, арабҳо ва португалҳо дар роҳи аз Атлантиқа ба баҳри Миёназамин ягон маротиба **таояи** Гибралтарро дастгир нанамудаанд. Рангорангии рухсораҳои одамон ҳамчун гуногуни маросими динӣ касро ба ҳайрат мегузошт. Дар инҷо бештар масҷидҳои мусулмонӣ, калисоҳои католикӣ, синогогҳо, бутхонаҳоро дар якҷоягӣ дар боли харсангҳо дида мешавад. Норасои замин-ин проблемаи асоси Гибралтар нест. Аз ҳамин сабаб асосии даромади Гибралтар туризм, савдо, корҳои бонкӣ, аэропорт, бандарҳои баҳри, ки қариб ҳар рӯз қариб 200 кишти ворид мешавад, мебошад. Як чанд корхонаҳои хурдакаки саноатӣ ва хуроквори вуҷуд дорад.

Маданияти Аврупои ғарби доимо иваз мешавад.Аврупои серсадои муосир ҳама вақт дар ҷустуҷуи ҷойҳои нави сермаҳсул аст. Таҷрибаи зиёди робитаи дутарафаи дохили яке аз мероси қиматбаҳотарин барои халқи гуногун миллат мебошад.

Дар ин бобат Аврупо метавонад озмоишгоҳи пешрафти глобалӣ шавад,ва он мағзи кураи маънавии одамият дониста мешавад. Бояд қайд намуд, ки умуман дар Аврупо барқарор намудани атрибути фаҳмиши коллективи дар байн гузошта шуда буд. Даъваткунии Аврупо оид ба истифода бурдани дастовардҳои тараққиёти он ба пешрафти умумиҷаҳонӣ таъсири судманд расонида меояд.

**Саволҳои супоришҳои санҷишӣ**

1. *Кадом давлатҳои хурди Европа вазифаи муҳими сиёсӣ ва молиявиро адо мекунад?*
2. *Маданияти кадом давлати курраи Европаро аз маданияти давлатҳои атроф тафовути ҷидди надорад?*
3. *Мақоми Ватикан дар сиёсати ҷаҳони*
4. *Бештар даромади давлатҳои хурди Европа аз ҳисоби чӣ ташаккул меёбад.*
5. *Дар мамлакатҳои «Пакана» кадом соҳаҳои саноат бартарӣ дорад?*

## 7. Аврупои Марказӣ ва Шарқӣ (АМШ)

Ҳудуд бум. Шароити табиӣ ва захираҳо.

Минтақаи Аврупои Марказӣ-Шарқӣ 15 давлати баъдисотсиалистӣ: Эстония, Латвия, Литва, Полша, Ҷумҳурии Чехия, Словакия, Венгрия, Руминия, Булгория, Федератсияи Сербия, Черногория (Ҷумҳурии Иттифоқии Югославия), Словения, Босния, Гертсоговина, Македония ва Албанияро дар бар меград. Майдони минтақа, ки як марзӣ яклухтро ташкил медиҳад, зиёда аз 1,3 млн км² ва аҳолиаш 130 млн нафар мебошад. Давлатҳои калонтарини Аврупо аз ин гурӯҳ Полша ва Руминия мебошанд. Кишварҳои боқимонда начандон калонанд (марзӣ онҳо аз 20 то 110 ҳазор км² ва аҳолишон аз 2 то 10 млн нафар).

Аҳолии минтақаи Аврупо роҳи тараққиёти сиёсӣ ва иҷтимоӣ – иқтисодии мураккабро дар шароити мубориза бо давлатҳои калонтарин бахри таъсис дар

минтақа тайёр намуданд. Ин мубориза бо шиддати хеле калон дар асрҳои XIX-XX дар байни Австро-Венгрии, Германия, Россия, Туркия ва Франсия, Британияи Кабир сурат гирифт. Дар ҷараёни ин мубориза ва равнақи ҳаракатҳои миллӣ – озодихоҳии аҳолии маҳаллӣ давлатҳои нав пайдо ва давлатҳои пешина вайрон шуданд. Баъд аз ҷанги Якуми ҷаҳон империяи Австро – Венгрия пош хӯрд, дар харитаи Аврупо аз нав Полша, Чехословакия ва Югославия пайдо шуданд, мавқеъи Руминия зиёда аз ду бор афзуд. Дигаргуниҳои оянда дар харитаи сиёсии Аврупои Марказӣ ва Шарқӣ (ЕМШ) дар натиҷаи ғалаба бар Германия ва Италия фашистӣ дар ҷанги Дуюми ҷаҳонӣ ба амал омаданд.

Дигаргуниҳои асосӣ- баргардонидани заминҳои ғарбӣ ва шимолӣ- ба Полша ва баромади васеъ ба баҳри Балтика, ба Югославия - Канор Юлийӣ ва нимҷазираи Истрия, ки аҳолии он асосан аз словеиҳои ва харватҳо иборат буд, ба вуқӯъ пайваст.

Дар натиҷаи гузариши кишварҳои ЕМШ аз иқтисодиёти планӣ (банақшагирӣ) ба иқтисодӣ бозоргонӣ (охири солҳои 80-аввали солҳои 90) доир ин кишварҳо зиддиятҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва миллӣ – энтикӣ босуръат афзуданд.

Дар натиҷа Чехословакия дар заминаи этникӣ ба ду давлат – Ҷумҳурии Чехия ва Ҷумҳурии Словакия ҷудо шуданд, Югаславия бошад ба 5 давлат ҷудо шуд: Ба ҳайати Ҷумҳурии Чех марзҳои таърихии Чехия, Моравия ва қисми начандон калони Силезия ворид гашт.

Ҷумҳурии Иттифоқии Югославия, ба ҷумҳуриҳои Хорватия, Словакия, Македония, Босния ва Герцеговини ҷудо шуд.

Мамлакатҳои ЕМШ дар байни кишварҳои Европаи Ғарбӣ ва ҷумҳуриҳое, ки то соли 1992 ба ИҶШС дохил мешуданд, ҷойгиранд. Вобаста ба ин як қатор махсусиятҳои тараққии сиёси ва иҷтимоӣ-иқтисодӣ дар марҳилаи гузариш ба хоҷагии бозоргонӣ вобаста аст. Онҳо дар ҷараёни азнавсозии куллии сохтори иқтисодӣ, дигаргуншавии куллии хос ва самти алоқаҳои беруни иқтисодӣ худро пеш гирифтаанд.

*Расми 4. Шаҳрҳои Аврупои Марказӣ ва Шарқӣ*




Давлатҳои ЕМШ ба васеъ кардани иштироки худ дар интегратсияи умумиевропоии иқтисодӣ кӯшиш мекунанд, дар навбати аввал дар соҳаи нақлиёт, энергетика, экология, истифодаи захираҳои рекреатсионӣ. Минтақа ба баҳрҳои Балтика, Сиёҳ ва Адриатик баромад доранд, аз ин давлатҳо порчаи дарози дарёи киштигарди Дунай мегузарад: бо марзи минтақа бори транзити ва мусофирҳо аз Европаи Ғарбӣ, ба мамлакатҳои ИДМ ва Осиё ва бараксҳамлунақл карда мешавад. Масалан, бо сохта шудани (с.1993) каналҳои Бамберг (дар дарёи Майн), Регенебург (дар дарёи Дунай) имконияти трансевропоии боркашони обӣ байни баҳрҳои Шимолӣ ва Сиёҳ пайдо шуд (аз Роттердам дар резишгоҳи Рейн то Сулина дар

резишгоҳи Дунай 3400км роҳи обӣ) пайдо шуд. Ин узви ҷиддӣ дар тараққии роҳҳои обии ягонаи европогӣ дохилӣ мебошад. Мисоли дигари истифодаи мавқеи географии васеъшудаистодаи ЕМШ – ин гузаронидани қубурҳои транзитии, гази табии ва нефт аз Россия ба давлатҳои дигари назди Каспий ба кишварҳои Европаи Ғарбӣ ва Ҷанубӣ мебошад. Кишварҳои ЕМШ (соли 1994) шартномаи хартияи (ҳуҷҷати) европоии энергетикиро имзо карданд, ки он заминаи механизмҳои иқтисодии фазои глобалли энергетики тамоми Европа шуд.

Дар вақти баҳодиҳӣ ба захираҳои табии, махсусиятҳои ҷойгиршавӣ ва фарқиятҳои ноҳиявӣ дар фаъолияти хоҷагидорӣ дар марзӣ кунунии кишварҳои ЕМШ тасаввур кардани хусусиятҳои ҷиддитарини сохторӣ-марфологии релйефи он хеле муҳим мебошад.

Минтақа қисми ҳамвории Европаро дар шимол (Прибалтика, Полша), миёнакӯҳҳои замони герсинӣ, баландиҳои доманакӯҳҳоро (Ҷумҳурии Чехия), қисми Европоии Алп – Карпатро бо куҳҳои чиндори баландияш 2,3 -3 ҳазор метра ва ҳамвориҳои аккумулятивии начандон баланди Миёна ва Поёни Дунай (Словения, Венгрия, Руминияи шимоли, Хорватия, Сербия ва Булғория), массивҳои ҷанубиевропоии Динор ва Родон – Македонияро (баландияшон то 2-2,5 ҳазор метр), пастхамиҳои байникӯҳӣ ва доманакӯҳҳо, ҳамвориҳои (қисми зиёди Хорватия ва Сербия, Босния ва Герцеговина, Черногория, Македония, Албания ва ҷануби Булғория)-ро дар бар мегирад.

Махсусиятҳои сохтори геологӣ ва тектоникӣ ҳайат ва хусусиятҳои паҳншавии географии канданиҳои фоиданоки мамлакатҳоро муайян мекунад.

Аҳамияти калонтарини хоҷагиро дар миқёси Аврупо захираҳои зерин муайян мекунад: ангиштсанг (ҳавзаи Силезияи боло дар ҷануби Полша ва конҳои ҳамсоя Острава – Карвин дар шимолу шарқи Ҷумҳурии Чехия), ангиштсанги сиёҳтоб (Сербия, Полша, Чехия), нефт ва газ (Руминия, Албания), намаксанг (Полша, Руминия), фосфаритҳо (Эстония), алтингӯгирди табии (Полша), кони сурбу руҳ (Полша, Сербия, Булғория), конҳои мисс (Полша, Сербия), бокситҳо (Хорватия, Босния ва Гертсоговина, Венгрия), хромитҳо ва никел (Албания), дар баъзе мамлакаҳо конҳои уран, ки аҳамияти саноати доранд мавҷуданд.

Умуман, ЕМШ аз манбаъҳои аввалини захираҳои электрикӣ ба қадри кофи таъмин нестанд. То 9/10 ҳиссаи захираҳои ангиштсанги минтақа (қариб 70млрд.тонна) дар Полша ҷойгир аст. Дар ЕМШ зиёда аз 1\3 ҳиссаи захираи умумиевропоии ангишти сиёҳтоб рост меояд. Ин захира дар кишварҳо парешон ҷойгиранд, бо вуҷуди ин зиёда аз нисфи он ба Сербия ва Полша рост меояд.

Ягон мамлакат (ғайр аз Албания) захираи кофии нефт ва гази табии надорад. Ҳатто Руминия нисбатан ба газу нефт таъмин нест маҷбур аст, ки талаботи худро аз ҳисоби воридот қонеъ кунанд. Аз ҷамъи иқтидори энергетики обӣ ЕМШ, ки 182 млрд.кв т\с-ро ташкил медиҳад, қариб нисфи он ба собиқ ҷумҳурии Югославия (дар навбати аввал ба Сербия, Босния ва Гертсоговина) ва зиёда аз 20%-и он ба Руминия рост меояд. Минтақа аз чашмаҳои обҳои минералии шифобахш бой аст, ки қисми онҳо самаранок истифода бурда мешавад (хусусан дар Ҷумҳурии Чехия).

Мамлакатҳои ЕМШ аз рӯи бузургӣ (масоҳат), ҳайат ва сифати захираҳои ҷангал аз якдигар фарқи калон доранд. Дар ҷануби минтақа ба ноҳияҳои кӯҳии нимҷазираи Балкан ва инчунин ба Карпат, ҷангали зич, ки аксаран дарахтҳои сӯзанбарг ва олаш мебошанд, хос аст. Дар заминҳои ҳамвори ва васеъшудгоршудаи Полша ва Венгрия ҷангалҳо хеле каманд. Дар Полша ва Чехия қисми зиёди ҷангалҳои маҳсулотдиҳанда

аз дарахтони сунъӣ шинондашуда иборат мебошанд, ки онҳо асосан дарахтони санавбар мебошанд.

Яке аз боигариҳои асосии ЕМШ захираҳои замину иқлимӣ мусоид мебошанд. Дар ин ҷо минтақаҳои калони заминҳои табиии ҳосилхез мавҷуданд, ки қисми зиёди онҳо сиёҳзамин мебошанд. Ин пеш аз ҳама, ҳамвории Дунайи Поёнӣ ва Миёна мебошанд. Аз сабаби экстенсивӣ будани хоҷагии кишоварзӣ то ҷанги Дуюми ҷаҳон аз ҳар гектар ҳамагӣ 10-15с зироати ғалла ҷамъоварӣ мешуд. Солҳои 80 ҳосилнокӣ то 35-40с аз як гектар расид, ки аз ҳосилнокии захираҳои мамлакатҳои дигари Европои Ғарбӣ камтар буд.

Бо инобат гирифтани шароити хоку-иқлими ва захираҳои дигари табиӣ мамлакатҳои ЕМШ-ро шарти он ба ду гурӯҳ тақсим кардан мумкин аст: шимолӣ мамлакатҳои Прибалтика, Полша, Республикаи Чехия, Словакия ва Ҷанубӣ (мамлакатҳои боқимонда).

Ин фарқият, ки аз ҳарорати баланд дар давраи нашв векитасия дар заминҳои нисбатан серҳосил дар гурӯҳи мамлакатҳои ҷанубӣ, иборатанд, асоси объективии тахассуснокшавӣ ва пурра кардани якдигарии ҳарду гурӯҳи мамлакатҳоро дар истеҳсоли кишоварзӣ ташкил медиҳанд. Вақте, ки қисми зиёди марзи гурӯҳи кишоварзидавлатҳои шимолӣ бо нами таъминанд дар минтақаҳои ҷанубӣ дар давраи нашви шароити хушксоли ба миён меояд, ки он обёрии сунъиро металабад. Баробари ин шароити иқлими гурӯҳи кишоварҳои ҷанубӣ дар якҷояги бо манбаъҳои оби минералии шифобахш ва баромадҳои васеъ ба баҳрҳои калон барои ташкил кардани истироҳати бошандагони нафақат худи ин кишварҳо балки мардуми қисми шимолии минтақа ва сайёҳони аз дигар кишварҳо, пеш аз ҳама аз давлатҳои Аврупо меомада мусоидат мекунанд.

**Аҳолӣ.** Динамикаи (тағйирёбии) аҳолии ЕМШ махсусиятҳои ба худ хос доранд, ки он ба қитъаи Европа дар дастаҷамъӣ хос аст: паст шудани сатҳи таваллудшавӣ, пиршавии аҳолӣ ва мувофиқ ба ин баланд шудани сатҳи вафот. Баробари ин барои минтақаҳои ЕМШ, бар хилофи Европаи Ғарбӣ, камшавии умумии аҳоли дар натиҷаи (салдои манфӣ) муҳоҷират хос аст. Дар нимаи дуюми солҳои 90 асри XX зичии миёнаи аҳолии ЕМШ (104 нафар дар 1км$^2$) ба зичии ахолии Европаи Ғарбӣ наздик буд. Фарқияти зичии аҳолӣ байни мамлакатҳо аз 33 дар Эстония то 131 нафар дар 1км кв$^2$ дар Ҷумҳурии Чехия тағйир меёбад. Фарқияти зиёдтари зичии аҳолӣ дар дохили кишварҳо, аз шароити табиӣ ва омилҳои иҷтимоӣ – иқтисодӣ вобаста аст. Ба ғайр аз инр урбанизация (шаҳришавӣ) таъсири калон расонид. Барои аксарияти кишварҳои ЕМШ, нисбат ба кишварҳои тараққикардаи Европаи Ғарбӣ, индустриализатсияи босуръат ва мувофиқан, пурзуршавии тамаркузи (консентратсияи) истеҳсолот дар мӯҳлатҳои дертар, асосан ба давраи баъди ҷанги Дуюми ҷаҳон, рост омад. Аз ин сабаб суръати шаҳришавӣ (урбанизатсия) дар ин давра зиёдтарин буд. Дар арафаи солҳои 90-уми асри XX аз 2/3 ҳисси аҳоли дар шаҳрҳо ҷой гирифтанд (дар Чехославакия то 4/5). Нисбат ба Европаи Ғарбӣ дар ЕМШ шаҳрҳои калон, нисбатан каманд.

Дар байни пойтахтҳо калонтаринашон Будапешт ва Бухарест мебошанд, ки (аҳолиашон 2 млн) баъзе агломератсияи шаҳрӣ (дар Силезияи Боло) (расми 4) аз шаҳрҳои дигар фарқи калон дорад.

Ҳолати номусоиди вазъи демографиӣ (дар давоми чандин сол вафот аз тавалуд зиёд аст) хусусан ба Венрия, Булғория, Ҷумҳурии Чехия, Словения, Харватия хос мебошад. Ин аҳвол дар Полша, Руминия, ва Словакия каме беҳтар аст, ки дар онҳо афзудани ками аҳолӣ солҳои 90-ум ҷой дошт. Чун пештара дар Албания зиёдшавии аҳоли ҷой дорад, аммо дар баъзе мамлакатҳо фарқияти байни ноҳиявии афзоиши табиии аҳолӣ вобаста аз ҳайати миллӣ ва махсусияти динии гурӯҳҳои

алоҳидаи аҳолӣ ҷой дорад. Дар баъзе ноҳияҳои Сербия, Черногория, Македония, Босния ва Гертсогована, Булғория, ки дар онҳо гурӯҳҳои калони аҳолии мусалмон зиндагӣ мекунад, суръати афзоиши табиии аҳолӣ хеле зиёд аст. Чун натиҷа тағйирёбии нисбати аҳолии мамлакатҳои гуногун дар дохили ин малакатҳо ба фоидаи намояндагони мусулмонҳо ҳал шуда истодааст.

Масалан дар Югославияи собиқ дар давраи байни ду баҳисобгирии аҳолӣ (солҳои 1961-1991) аз сабаби афзоиши табиии аҳолӣ албаниҳо аз 0,9млн то 2,2 млн, славянҳои мусулмон (пеш аз ҳама дар Босния ва Гертсеговина) аз 1млн то 2,3 млн афзуданд. Асосан аз ҳамин сабаб ва муҳоҷират дар сохтори ҳайати миллии аҳолии Босния Герсеговина тағйироти калон ба амал омад сербҳо аз соли 1961-то 1991 аз 43% то 31% кам шуданд, мусулмонҳо аз 26% то 44% афзуданд.

Баъд аз ҷанги Дуюми ҷаҳон якҷинсии ҳайати милли аҳолии баъзе мамлакатҳои ЕМШ нисбат ба Европаи Ғарбӣ зиёд шуд. Умуман то ҷанг дар малакатҳои минтақа майдамиллатҳо зиёда аз чоряки ҳамаи аҳолиро ташкил медоданд, аммо соли 1960 онҳо ҳамагӣ 7% аҳолиро ташкил карданд. Баробари ин кишварҳои якмиллата – Полша, Венгрия, Албания буданд; вале ба теъдоди чашмрас майдаммиллатҳо (туркҳою, лӯлиҳо)- Булғория, Руминия, (венгрҳо, немисҳо, лӯлиҳо); мамлакатҳои думиллата – Чехословакия (чеххо ва славакҳо), ки таърихан дар як марз мезистанд афзуд. Дар Словакия ғайр аз ин теъдоди назарраси майдамиллатҳо – венгрҳо ва лӯлҳо мезистанд. Ва дар охир, мамлакатҳои бисёрмиллата – Югославияи собиқ, ки 84% (с.1991) аҳолии он славиянҳои ҷанбӣ буда, дар баъзе Ҷумҳуриҳои он, пеш аз ҳама, дар Сербия, теъдоди зиёди майдамиллатҳо (албаниҳо, лӯлиҳо) зиндагӣ мекарданд.

Дар натиҷаи тезутунд шудани вазъи сиёсӣ ва иҷтимоӣ- иқтисодӣ дар ЕМШ охири солҳои 80 ва аввали солҳои 90 зиддиятҳои байни миллатҳо зиёд шуданд, ки он ба пош хӯрдани Чехословакия ва Югославия овард. Акнун ба гурӯҳи кишварҳои якмиллата бо теъдоди ками майдамиллатҳо Чехия ва Словакия ҳамроҳ шуданд.

Ҳамзамон мушкилоти байнимиллӣ (дар баъзе мамлакатҳо зиддиятҳои тезутунд) бо тараққиёти Руминия, Булғория ва хусусан Сербия, Македония, Хорватия, Босния, ва Гертсогована, мушкилоти зиёд оварда истодаанд.

Бо мушкилоти байналмиллалӣ ва омилҳои иқтисодӣ муҳоҷирати босуръат алоқаи зич дорад. Муҳоҷирати калони дохилии аҳолӣ хусусан дар даҳсолаи баъдиҷангӣ ба амал омад (Дар Полша ва Чехословакия дар натиҷаи баровардани немисҳо ба Германия аз заминҳои баргардонидашуда ва ноҳияҳо наздисарҳадии Чехословакия ва Югославия – аз ноҳияҳои кӯҳии дар натиҷаи ҷанг вайроншуда ба ҳамворӣ). Муҳоҷирати меҳнатӣ низ ҷой дошт: барои ёфтани ҷои корӣ аз Югославия солҳои 60-80 зиёда аз 1 млн нафар (аскарон ба Германия ва Австрия), камее ба Полша рафтанд; Аз Булғария ба Туркия туркҳо кӯчиданд: Аз Руминия аксарияти немисҳо ба РФ Германия кӯчиданд.

Муҳоҷирати дохилӣ ва берунӣ солҳои 90 дар собиқ Югославия боиси зиддияти байнимиллатӣ гардид; қисми олоиши гурезаҳо аз Босния ва Гертсоговина ва Хорватия буданд, қисми онҳо кӯшиш карданд, ки аз минтақаҳои мухолифати байнимиллӣ фирор кунанд, қисми дигари онҳо ба зӯри пеш карда шуданд бо мақсади якранг шудани аҳоли аз рӯи миллат дар ин ё он ноҳияҳо (масалан, баровардани сербҳо аз Словання ғарбӣ ва Крайнаи хорватӣ ё хорватҳо аз шимоли Босния ва шарқӣ Словения).

Аҳволи ниҳоят мураккаб дар худмухтории Косово ва Метохия дар ҷануби Сербия ба миён омад. Дар он ҷо дар арафаи пошхӯрии Югославия (1991) 82%-и аҳоли албаниҳо, 11% сербу черногориҳо, 3% славянҳои мусулмон ва лӯлиҳо буданд. Аксарияти албанҳо дар Косово (с. 1389) вақте ки қӯшунҳои серб аз туркҳои ба Баскан ҳамла карданда шикасти сахт хӯрданд, аҳолии серб дар Косово кам шуд. Шӯриши оянддаи сербҳо ва ҷанги байни Австрия ва Империяи Туркия барои соҳиб шудан ба заминҳои сербҳо ва кӯчонидани оммавии сербҳо ва паси Дунай хусусан дар

охири асри 17). Ба заминҳои харобшудаи Метохия ва Косово, ки бо миқдори кам аҳолии славиянӣ дошт, пай дар пай аз кӯҳҳо албанҳо фаромааданд, ки дар арафаи асри 18 ба таъсири туркҳо қисми зиёди онҳо исломро қабул карда буданд. Дар натиҷаи ҷанги якуми Балкан пеш карда шуданд. Маҳз ҳамон вақт, яъне соли 1913 давлати мустақили Албанӣ ташкил шуд ва сарҳадҳои кунунӣ бо ҳамсаҳо – Сербия, Черногория, Македония ва Юнон- муаян карда шуданд.

Солҳои ҷанги Дуюми ҷаҳон аз Косово ва Метохия қариб 100 ҳазор сербҳо пеш карда шуданд. Ба ҷои онҳо аз Албания, ки зери тасарруфи Италияи фашисти буд, албаниҳои зиёдеро оварданд. Аз рӯи натиҷаҳои бақайдгирии аҳолии Югославия (с.1948) дар Косово ва Метохия 0,5млн (зиёда аз 2/3 аҳолӣ) албанҳо зиндагӣ мекарданд.

Дар Ҷумҳурии Сотсиалистии Федиративии Югославия (ҶСФЮ) аз ҳайати Ҷумҳурии Сербия минтақаи худмухтори Косово ва Метохия ҷудо карда шуд. Аз рӯи конститутсияи нави кишвар (1974) аҳолии он худмухтории зиёде гирифт (ҳукумат, парламент, органҳои суд ва ғайра). Дар ХМ Косово, қатъи назар аз худмухтории хеле васеъ, сепаратазм ва миллатчигии албанӣ вусъат гирифт.

Аз соли 1968 то соли 1988 зери фишори миллатчиёни албанӣ қариб 220 ҳазор сербҳо ва чернагориҳо Косоворо тарк карданд.

Дуюм теъдоди мардуми муслимони албан дар натиҷаи афзоиши табиӣ, ки аз афзоиши сербҳо ва черногориҳо чандин бор зиёд буд, бо суръати калон афзуд. Дар солҳои 60-уми асри 20 дар ХМ Косово таркиши демографӣ рух дод. Таи 30 сол (аз 1961то 1991) аҳолии албании он ҷо дар натиҷаи афзоиши табии 2,5 бор зиёд шуд (аз 0,6 мил то 1,6 мил). Ин суръти афзоиш мушкилоти ҳаётан ҷиддии иҷтимоӣ иқтисодиро тезу тунд кард. Бекорӣ бо суръат зиёдшуд, мушкилоти замин ба миён омад зичии аҳоли хеле зиёд шуд аз соли 1961 то соли 1991 зичии аҳолӣ аз 88 то 188 нафар дар як км$^2$ зиёд шуд, марзи Косова ва Матехия ноҳияет, ки зчии аҳолии он дар Европаи Ҷанубу Шарқӣ аз ҳама баланд аст. Дар ин шароит муносибатҳои байналмилали дар минтақа тезу тунд шуд, баромади албанҳо барои ҷудошавии ХМ Косова чун Ҷумҳурии алоҳида шиддат гирифт. Ҳукумати ҶСФЮ маҷбур шуд, ки ба Косова қушунҳои дохилиро дарорад. Соли 1990 парламенти Сербия конститутсияи навро қабул кард ки мувофиқи он ХМ Косова нишонаи худмухториро гум кард, лекин аломати худмухтори марзиро нигоҳ медорад. Албанҳои дар масъалаи «Давлати соҳибистиқлоли мустақили Косова райъпурсӣ (референдум) гузарониданд амалиёти террорият зиёд шуд, отриядҳои мусаллаҳ сохта шуданд. Соли 1998 Албанҳои ҷудоиталаб (сепаратият) «армияи озодихоҳи Косова»-ро ташкил доданд ва ба амалиёти кушоди ҳарбиро зидди қӯшунҳои серб сар карданд, кушиш карданд «масъалаи Косова»-ро байналхалқи (интернатсионали) кунанд. Ин кор ба онҳо муясар шуд ва баъд аз бенатиҷа шудани гуфтушунидҳо дар Франсия, ки дар он тарафи Югославия ба додани худмухтории хеле васеъ рози буд, моҳи марти соли 1999 бомбаборонкунии Ҷумҳурии Иттифоқи Югославия аз тарафи НАТО саршуд. Драмаи нави Балкан, бӯҳрони Балкан ба саҳна гузошта шуд. Мамлакатҳои НАТО ба ҷои нишонҳои мақсадноки бомбаборонкунӣ яъне пешгирӣ кардани фоҷиаи Косово,онро дасгирӣ карданд. Таи як моҳ (марти соли 1999) аз оғози амалиёти ҳарбӣ-ҳавоии НАТО зидди Югославия зиёда аз 600 ҳазор (бинoба маълумоти ООН) этноси албанҳо маҷбур шуданд, ки Косовсро тарк кунанд.

Лекин фоҷиа дар Косова «масъалаи Косова»-ро ҳал накард; ҳамзамон ба аҳолӣ ва хоҷагии халқи Ҷумҳурии Иттифоқи Югославия зарари калони хоҷагӣ расонд.

Хулоса ҳодисаҳои фоҷиавӣ дар марзи собиқ Югославия дар даҳсолаи охири асри ХХ ин боз як зинаи муборизаи мамлакатҳои НАТО бахри таъсири ҳукмронӣ дар нимҷазираи Балкан мебошад.

**Аломатҳои асосии хоҷагӣ.** Аксарияти мамлакатҳои ЕМШ (бо истисноии Чехословакия) чун кишварҳои пешрафтаи Европаи Ғарбӣ ба роҳи тараққиёти капиталистӣ даромаданд, онҳо дар арафаи ҷанги Дуюми ҷаҳон ба давлатҳои иқтисодиёташон кам тараққикарда мансуб буданд.

Дар иқтисодиёти онҳо хоҷагидорӣ экстенсивӣ ҷо дошт. Солҳои ҷанги Дуюми ҷаҳон мамлакатҳои минтақа (хусусан Полша ва Югославия) боигарии моддӣ ва ҷониро талаф доданд. Баъд аз ҷанг дар натиҷаи дигаргунсозиҳои сиёсӣ ва иҷтимоӣ – иқтисодӣ онҳо ба типии хоҷагидории плании марказонидашуда гузаштанд,ки он аз иқтисоди бозоргонии Европаи Ғарбӣ фарқи куллӣ дошта таи қариб ним аср (аз соли 1945- то соли 1989-1991) дар кишварҳои ЕМШ типии махсуси хоҷагидорӣ шакл гирифт, ки он бо марказонии аз ҳад зиёди идоракунӣ ва монополияи соҳаҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ фарқ мекард. Сатҳи пешравии иқтисодии онҳо хеле боло шуд, баробари ин сатҳи мамлакатҳои минтақа ба якдигар хеле наздик шуд. Дар ҷараёни индустриализатсия сохтори нави хоҷагидории соҳавӣ ва минтақавӣ бо бартарии саноъат хусусан соҳаҳои асосии он, ташаккул ёфт. Инфросохтор дар навбати аввал дар соҳаи энергетика ва нақлиёт сохта шуд, дохилшавии иқтисодиёт ба робитаҳои берунӣ –иқтисодӣ пурқувват шуд (хусусан, дар Венгрия, Чехославакия, Булғория, Словения). Аммо сатҳи тараққиёти ба дастомадаи ин мамлакатҳо аз сатҳи тараққиёти кишварҳои пешрафтаи Европаи Ғарбӣ пасттар буд. (ҷадвали 7). Баробари ин аз рӯи баъзе нишондодҳои миқдорӣ наздикшавии назарраси кишварҳои алоҳидаи ЕМШ бо кишварҳои Европаи Ғарбӣ ба амал омад (масалан, дар истеҳсоли ангиштсанг, истеҳсоли қувваи барқ, пӯлод ва металлҳои рангаи асосӣ, истеҳсоли нуриҳои менералӣ, семент, матоъҳо, пойафзол ва инчунин шакар, ғалла ва ғайра дар ҳисоб ба сари ҳар кас). Аммо дар байни сифати маҳсулоти истеҳсолшуда дар сатҳи истифодаи технологияҳои замонавӣ ва истеҳсолоти сарфикунанда фарқияти калон ба амал омад. Гарчанде ки маҳсулоти истеҳсолшаванда дар бозори кишварҳои минтақа ,хусусан дар СССР харидори худро меёфтанд,дар бозорҳои кишварҳои ғарб рақобатпазир набуд. Камбудиҳои ҷамъшудае, ки дар хосияти сохторӣ ва технологӣ доштанд аксарият буданд, соҳахое, ки таҷҳизоташон кӯҳна ва энергияталаби солҳои 80-ум ба бӯҳрони иқтисодӣ овардаанд. Раванди саршудаи гузариш аз иқтисодиёти банақшагирии марказонидашуда ба иқтисодиёти бозоргонӣ ва ивази «рубл» ба валюта дар ҳисобу китоби берунӣ-иқтисодӣ бо нарху навои ҷаҳонӣ барои иқтисодиёти аксарияти мамлакатҳои ЕМШ мушкилоти беннихоят вазнин ба миён овард. Робитаҳои интегратсионии иқтисодӣ байни кишварҳои ЕМШ ва Ҷумҳурии ИҶШС-и собиқ,ки системаҳои хоҷагидорӣ дар он ҷамъ омада буданд, канда шуданд. Лозим омад, ки тамоми хоҷагидории ЕМШ дар асоси талаботи нави бозоргонӣ куллан аз нав сохта шавад.

Аз аввали солҳои 90-ум мамлакатҳои ЕМШ ба марҳилаи нав ташаккули сохтори самарабахштари хоҷагидорӣ (хоҷагии халқ) гузаштанд, ки дар он ба хусус соҳаи хизматрасонӣ зиёдтар пеш рафт. Ҳиссаи саноат дар ММД (ВПП) аз 45-60 % даври соли 1998 кам шуд (коҳиш ёфт).

Дар охири солҳои 90-ум баъзе кишварҳои ЕМШ –Полша, Словения, Ҷумҳурии Чехия, Словакия, Венгрия ба баромад аз бӯҳрон наздик шуданд. Кишварҳои дигар (асосан кишварҳои Балкан) –ҳоло аз ин дур буданд. Лекин ҳатто кишварҳои гурӯҳи якум аз сатҳи тараққиёти кишварҳои иттиҳоди Европа (ЕС) хеле ақиб монда буданд ва барои бартараф кардани ин ақибмонӣ, эҳтимол ,на камтар аз ду даҳсола лозим аст. Дар бораи фарқияти калони сатҳи тараққиёти иҷтимои-иқтисодии гурӯҳҳои гуногуни кишварҳои худи ЕМШ дар асоси маълумотҳои зерин баҳогузорӣ кардан мумкин аст: ба 5-тои онҳо (Ҷумҳурии Чехия, Словакия, Венгрия, Полша ва Словения), ки зиёда аз 2/5 ҳиссаи ҳудуди минтақаи ЕМШ, 3/4-и ММД ва доду гирифти иқтисоди берунӣ ва 9/10-ҳиссаи тамоми маблағгузориҳои бевоситаи хориҷӣ рост меояд.

*Ҷадвали 7.*

**Баъзе нишондиҳандаҳои муқоисавии мамлакатҳои Аврупои Марказӣ ва Шарқӣ**

| Нишонди-ҳандаҳо | Воҳида ченак | Масохат | Чехия | Словакия | Венгрия | Словения | Эстония | Латвия | Литва | Румыния | Булгория | Хорватия | Ит.чумх Югославия | Босния ва Герсеговина | македония | албения |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Майдон. | ҳаз. км2 | 313 | 79 | 49 | 93 | 20 | 45 | 65 | 65 | 238 | 111 | 57 | 102 | 51 | 26 | 29 |
| Аҳолӣ. | млн. нафар | 38,8 | 10,3 | 5,4 | 10,2 | 2,0 | 1,4 | 2,4 | 3,7 | 22,4 | 8,1 | 4,5 | 10,6 | 3,1 | 2,0 | 3,4 |
| Зичии аҳоли. | нафар./км | 124 | 131 | 110 | 109 | 98 | 33 | 38 | 47 | 95 | 75 | 86 | 104 | 61 | 77 | 11 |
| ММД. | млрд долл. ИМА | 135,7 | 52,0 | 19,5 | 44,1 | 18,0 | 5,5 | 5,6 | 9,6 | 34,8 | 10,0 | 18,6 | 17,5 | … | 3,8 | 2,3 |
| ММД ба сари аҳолӣ. | ҳаз. долл ИМА | 6,3 | 11,0 | 8,4 | 7,2 | 12,6 | 4,4 | 3,5 | 4,8 | 4,3 | 3,8 | 4,6 | …… | … | …. | |
| ММД соли 1998 нисбат ба сатҳи соли1989. | % | 118 | 97 | 100 | 95 | 103 | 77 | 58 | 63 | 78 | 66 | 79 | …… | … | 59 | 87 |
| ММД ба сари аҳолӣИЕ=100. | % | 40 | 63 | 47 | 37 | 68 | 37 | 27 | 30 | 31 | 23 | …… | …… | … | …. | …. |
| Давргашти савдои беруна, ҳамагӣ | млрд долл ИМА | 68 | 49 | 19 | 40 | 18 | 7 | 4 | 9 | 20 | 10 | 13 | 7 | 1 | 3 | 1 |
| Савдои беруна бар сари аҳолӣ | ҳаз. долл ИМА | 1,8 | 4,4 | 3,5 | 3,9 | 8,9 | 4,9 | 1,7 | 3,4 | 0,9 | 1,2 | 2,8 | 0,6 | 0,5 | 1,5 | 0,3 |
| Итирори ангишти сиёҳтоб | млн. т | 60 | 60 | 4 | 15 | 5 | - | - | - | 37 | 30 | 0 | 38 | … | 7 | 0 |
| Истихрори ангиштсанг | млн т | 130 | 25 | - | 1 | - | - | - | - | 5 | 0 | 0 | - | - | - | - |
| Истеҳсоли нерӯи барқ ҳамагӣ. | млрд. кВт с. | 141 | 64 | 24 | 37 | 13 | 15 | 6 | 14 | 53 | 43 | 11 | 41 | 19 | 7 | 0 |
| Истеҳсоли нерӯи барқ ба сари аҳолӣ | млрд кВт с. | 3,6 | 6,2 | 4,4 | 3,6 | 6,5 | 10,0 | 2,4 | 3,8 | 2,3 | 5,2 | 2,3 | 3,9 | 5,2 | 3,5 | - |
| Истеҳсоли пӯлод | млн т | 10 | 7 | 4 | 2 | 1 | 0 | 0 | 0 | 6 | 2 | 1 | 1 | 1 | 1 | - |
| Истеҳсоли ғалла. | млн т | 24 | 7 | 4 | 13 | 0,5 | 0,5 | 1 | 3 | 22 | 6 | 3 | 9 | 1 | 0,6 | - |
| Истеҳсоли гушт | млн т | 2,4 | 0,9 | 0,4 | 1,1 | 0,2 | 0,1 | 0,1 | 0,2 | 1,2 | 0,5 | 1,0 | 1,0 | 0,2 | 0,1 | - |

**Саноат.** Дар мамлакатҳои ЕМШ солҳои 50-80 асри XX иқтидори калони саноатӣ сохта шуда буд,ки асосан ба қонеъкардани талаботи минтақа ва ҳамкории зич бо хоҷагии халқи ИҶШС равона шуда буд ва қисми зиёди маҳсулот ба он ҷо равона карда мешуд.

Ин самти тараққиёти идустриалӣ дар ташаккули сохтори соҳавӣ ,ки як қатор махсусият дошт, акс ёфт.

Дар ҷараёни индусриаликунонии заминаҳои асосии саноати сузишворӣ – энергетикӣ ва металургӣ ташкил ёфтанд, асосан саноати мошисозиро ташкил карданд. Маҳз саноати мошинсозӣ дар тамоми кишварҳои минтақа (бо истиснои Албания) ба соҳаи асосии индустрия ва ташкилкунандаи маҳсулоти содироти табдил ёфт. Қариб тамоми саноати химявӣ аз он ҷумла синтези органикӣ,аз нав сохта шуд. Тараққиёти пешравандаи мошинсозӣ, химия ва нерӯи барқӣ ба он мусоидат

кард, ки ҳиссаи он нисфи маҷмӯи маҳсулоти дохилиро (ММД) ташкил кард. Баробари ин вазни қиёсии маҳсулоти саноати сабук ва хурока кам шуд.

**Саноати сӯзишворӣ-энергетикии минтақа** дар асоси истифодаи захираҳои маҳаллӣ (ҳаҷми зиёдтар дар Полша, Чехословакия, Руминя) ва манбаъҳои воридоти энегетикӣ (дар ҳаҷми хеле зиёд дар Венгрия,Булғория) сохта шуда буд. Дар маҷмӯъ дастаҷамъи захираҳои маҳаллии Булғория ва Венгрия 1/4 ва Полша, Руминия 3/4 ҳиссаи захираи умумии сӯзишворӣ –энергетикиро ташкил медоданд. Мувофиқи сохтори захираҳои маҳаллӣ истифодаи ангиштсанг, бо истифодаи ангишти сиёҳтоб камҳарорат хос буд. Ин бошад маблағгузории зиёдтарро дар истеҳсоли сӯзишворӣ ва энергияи барқ талаб карда, арзиши онро зиёд мекард ЕМШ яке аз минтақаҳои калонтарини ангиштистеҳсолкунандаи ҷаҳон мебошад. Дар нимаи дуюми солҳои 90-ум он ҷо дар як сол зиёда аз 150 млн тонна ангишсанг (130-135 дар Полша ва 20-25 дар Ҷумҳурии Чехия) истеҳсол карда мешуд. Кишварҳои ЕМШ дар истеҳсоли ангишти сиёҳтоб (230-250 млн тонна) дар ҷаҳон дар ҷои якум меистад. Аммо агар истеҳсоли асосии ангиштсанг дар як ҳавза ҷойгир бошад он бо сарҳади Полшаю Чехия ба ду қисми нобаробар Силезияи Боло ва Карвин ҷудо карда шудааст. Ангишти сиёҳтоб дар тамоми кишварҳо ва аз конҳои бисёр истеҳсол карда мешавад. Қисми зиёди он дар Чехия ва Полша (50-70 млн тоннагӣ) ва инчунин Югославия, Руминия ва Булғория (30-40 млн тоннагӣ ) истеҳсол карда мешавад.

Ангишти сиёҳтоб (ва қисми хурди ангиштсанг) асосан дар Неругоҳҳои барқии ҳароратӣ (НБҲ-ТЭС) назди конҳо истифода бурда мешаванд. Дар он ҷо қисми зиёди коплексҳои сӯзишвори-энергетикии барқӣ манбаи асосии истеҳсоли энегияи барқиро ташкил медиҳад. Дар байни онҳо комплексҳои калонтарин дар Полша (Силезияи Боло, Белхатув, Куляв, Богатин), Чехия (Чехияи шимолӣ), Руминия (Олтен), Сербия (Белград ва Косово), Булғория (Маритс Шарқӣ). Дар Сербия ва Босня, Гертсогавина, Хорватия ва Албания дар истеҳсоли энергияи барқӣ ҳиссаи неругоҳҳои барқии обӣ (НБО, ГЭС) баланд аст, дар Венгрия, Булғория, Словакия, Чехия ва Словения бошад, ҳиссаи неругоҳҳои атомӣ (НБА) бартари дорад. Қисман неругоҳҳои барқӣ гази табииро (асосан аз Русия гирифта мешавад) истифода мебаранд. Истеҳсоли энергияи барқӣ дар минтақа дар солҳои 80-ум ба 370 млрд.КВт /соат дар як сол расид. Истеъмоли энергияи барқ аз истеҳсоли он хеле зиёд буд, нокифоягии нерӯи барқ аз собиқ ИҶШС харида мешуд (зиёда аз 30 млрд кВТ/соат дар як сол), харидрони асосӣ Венгрия, Боулғория,Чехословакия буданд.

То ҷанги Дуюми ҷаҳон металлургия асосан дар корхонаҳои металургияи сиёҳ, қӯрғошим дар заминҳои Чехия ва Полша, металургияи ранга сурб ва руҳ дар заводҳои ҷануби Полша ва истеҳсоли мисс дар Сербия (Бор) ҷой дошт. Лекин солҳои 1950 -1980 дар минтақа заводҳои наву калони металургяи сиёҳ ва ранга сохта шуданд.

Гудохтани пӯлод дар охири солҳои 80-ум ба 55млн .тонна, мис ба 750ҳазор тонна, алюминий ба 800 хазор тонна, қӯрғошим ва руҳ ба 350-400 ҳазор тонна расид. Истеҳсолкунандагони асосии чӯян ва пӯлод Чехословакия, Полша ва Руминия буданд. Дар ҳар кадоми онҳо комбинатҳои калон сохта шуданд,ки дар асоси ангишти коксшавандаи маҳаллӣ (Полша,Чехословакия), ё асосан аз берун овардашуда, ҳамчунин аз маъдани оҳани аз берун овардашуда кор мекарданд. Аз ин сабаб ин корхонаҳо дар наздикии ҳавзаҳои ангиштсанг (Силезияи Боло, Острава Корвин) ё худ дар назди роҳҳое, ки аз берун ашёи хоми оҳан ва ангишти коксшаванда оварда мешуданд, ба хусус дар соҳили Дунай (Галатс ва Кэлэрашидарии Руминия, Дунайвароши Венгрия ва Смедерово дар Сербия), сохта шуда буданд. Дар арафаи соли 1998 истеҳсоли пӯлод то 35 млн тонна кам шуд.

Заводҳои металургияи ранга аксаран дар асоси манбаҳои маҳаллӣ сохта шудаанд. Ин соҳа дар Полша (мис, руҳ), собиқ Югославияи (мис, алюминий, қӯрғошим, руҳ), Булғория (қӯрғошим, руҳ, мис), Руминия (алюминий) хеле тараққӣ кард.Саноати мисгудозии Полша ояндаи хуб дорад, сатҳи истеҳсолот зиёда аз 400

ҳазор тонна; саноати мис ва алюминийи дар Ҷумҳуриҳои собиқ Югославия мавҷуд аст. Захираҳои калони боксити баландсифат дар Босня, Гертсоговина, Хорватия ва Черногория мавҷуданд.

Дар заминаи ашёи хоми онҳо комбинатҳои алюминий дар ноҳияҳои Задара (Хорватия), Мостара (Черногория) ва Кидричево (Словения) сохта шудаанд. Лекин заводи калонтарини алюминий дар минтақа дар Слатино (ҷануби Руминия) амал мекунад, ки дар асоси ашёи хоми ватанӣ ва аз берун дохишаванда кор мекунад. Югославия ва Венгрия бокситҳо ва маъдани алюминийдорро (глинозём) ба мамлакатҳои дигар (Полша, Словакия, Руминия, аз ҳама зиёд ба Россия) мебароваданд. Миқёсу сохтори металлургия ба хусусият ва тахассуси соҳаҳои мошинсозӣ хуб иникос шудааст.

Ба хусус, дар Полша, Ҷумҳурии Чехия, Словения ва Руминя соҳаҳои металталаб, дар Югославияи собиқ ва Булғория –соҳаҳое,ки ҳаҷми калони металҳои рангаро истифода мебаранд(истеҳсоли кабел,электротехника,таҷҳизоти нақлиётӣ - борбардор). Соҳаи тахассуси асосии мошисозӣ дар кишварҳои ЕМШ- истеҳсоли воситаҳои нақлиёт, машинаҳои хоҷагии қишлоқ, маҳсулот ва асбоби таҷҳизотҳои электротехникӣ буд. Дар ҳар яки мамлакатҳо махсусгардонии соҳаҳо барои қонеъгардонидани талаботи асосии худи минтақа ва ИҶШС нигаронида шуда буд. Полша пеш аз ҳама ба истеҳсоли киштиҳо (хусусан киштиҳои моҳидорӣ), Хорватия дар истеҳсоли локомотив, вагонҳои мусофиркашу боркаш, Латвия, Республикаи Чехия, Полша, Руминя дар истеҳсоли автобусҳо, Венгрия микроавтобусҳо, Латвия-электрокар ва мотокарҳо, Булғория экскватроҳо ва ғайра махсусгардонида буданд.

Махсусгардонии дар соҳаи саноати дифоъ(ҳарбӣ)хеле калон буд. Саноати дифоъ асосан дар ноҳияҳои дохили мамлакатҳо сурат мегирифт,хусусан дар доманакӯҳҳо ва пастхамиҳои наздикӯҳии Карпат, паҳнкӯҳӣ Динор ва Стара-Планин. Дар маҷмӯъ ҷойгиронии мошинсозӣ тамаркузи баланди корхонаҳо дар марказ ва шимоли заминҳои Чехия, водии Дунаи Миёна (бо ҳамроии Будапешт) инчунин дар Морава ва Вага ҷамъ омада буд, хос буд. Дар Полша ин соҳа дар шахрҳои калони қисми миёнаи кишвар (марказҳои асосӣ Варшава, Познан, Варслав) ва агломератсияи Силезияи Боло тақсим шуда буд. Марказҳои мошинасозии митақаи Бухарест –Плоетиш, Брашов, Руминия) ва пойтахтҳо Белград ва Загреб аз онҳо фарқ мекарданд.

Дар давраи баъди ҷангӣ дар ЕМШ саноати химия дар асл аз нав сохта шуда буд. Дар марҳилаи аввал вақте ки асосан корхонаҳои калони химяи асосӣ (хусусан истеҳсолкунандаҳои нуриҳои менералӣ ва маҳсулоти хлордор) сохта мешуданд. Полша ва Руминия, ки захираи калони ашёи лозимӣ доштанд, дар шароити беҳтар буданд, дар натиҷаи тараққиёти саноати синтези органикӣ истеҳсоли он дар дигар кишварҳои ЕМШ низ сохта шуданд, аммо аксаран дар асоси нефт ва гази табии Россия (дар Руминия аз захираҳои маҳаллӣ) ва коксухимия (Полша,Чехословакия), махсусгардонӣ дар истеҳсоли маҳсулоти форматсевтӣ (хусусан дар Полша, Венгрия, Югославия, Булғория) ва химяи сабук вусъат ёфт.

**Саноати сабук** талаботи асосии аҳолиро бо матоъҳо, пойафзол, либос қонеъ мекард; қисми зиёди маҳсулот ба хориҷа бароварда мешуд. Кишварҳои ЕМШ дар истеҳсоли матоъҳои пахтагӣ, пашмин ва катонӣ, пойафзоли чармин ва шишаҳою сафолоти ороишӣ (Чехословакия ) дар Европаҷойи намоёнро ишғол мекунанд. Дар минтақа саноати калони пойафзолбарорӣ мавҷуд аст, солҳои 80- уми асри XX дар як сол зиёда аз 500 млн ҷуфт истеҳсол мешуд. Ин соҳа дар Полша, Ҷумҳурии Чехия, Руминия, Хорватия бештар тараққӣ кардааст. Ба хусус, Ҷумҳурии Чехия дар истеҳсол ва ба хориҷа баровардани пойафзол дар ҳисоб ба сари ҳар кас дар байни мамлакатҳои пешқадамтарин меистад. Марказҳои ин соҳа чун Злин (Ҷумҳурии Чехия), Радом ва Хелмек (Полша), Брово Тимимора (Руминия) ва Загреб (Хорватия) дар ҷаҳон машҳуранд.

ЕМШ ҳамаи соҳаҳои асосии индустрияи хӯрокаро доранд, лекин ҳар кадоми кишварҳо дар истеҳсоли намуди алоҳидаи маҳсулот мувофиқи урфу одатҳои миллӣ дар истеъмоли ин ё он маҳсулоти хурокворӣ махсус гардонида шудаанд. Дар гурӯҳи кишварҳои шимолӣ соҳаи коркарди маҳсулоти чорводорӣ ҳиссаи хеле зиёдро ташкил медиҳд, дар байни маҳсулоти растанигӣ ҳиссаи онҳо дар истеҳсоли шакар ва пиво хеле зиёд аст. Дар минтақаҳои ҷанубӣ истеҳсоли равғани растанӣ, консервҳои сабзавотӣ, шароби ангур, тамокуи ферментонидашуда ва махсулоти тамоку зиёдтар тараққӣ кардааст. Қисми зиёди маҳсулоти номбурдашудаи дар шимол ва ҷануби минтақа будаи зерсоҳаҳои махсусгардонидашуда барои ба хориҷа баровардан омода шудаанд. Дар шароити гузариш ба иқтисодиёти бозоргонӣ дар кишварҳои ЕМШ дигаргуниҳои асосӣ дар саноат аз паст кардани ҳиссаи соҳаҳои асоси (саноати ангишсанг ва металлругияи сиёҳ) ва мошинсозӣ иборат аст. хусусан тағироти дохили соҳавӣ, ки ба кам кардани истеҳсолоти ба барқ ва маводҳои серталаб равона карда шудаанд.

Ҷойи минтақаи ЕМШ дар истеҳсолоти маҳсулоти кишоварзӣ асосан ба истеҳсоли ғалла, картошка, лаблабуи қанд, офтобпараст, сабзавот, мева ва маҳсулоти гӯштию ширӣ муайян карда мешавад Соҳои 1996 -1998 мамлакатҳои ЕМШ ба ҳисоби миёна дар як сол қариб 95 млн. тонна ғалла (қариб 40% зиёдтар аз Россия, зағир ду баробар зиёдтар аз Европаи Ғарбӣ) истеҳсол мекард.

Аз ин миқдор зироатҳои асосӣ ғалла, гандум, ҷуворимакка ва ҷав 33,28 ва 13 млн тоннаро ташкил медоданд, аммо аз рӯи истеҳсоли зироатҳо ва ҳаҷми онҳо дар байни мамлакатҳо фарқияти калон мавҷуд ҳаст. Истеҳсолкунандаи калотарини ғалла Плоша мебошад(аз рӯи ҳаҷм ба Британяи Кабир наздик аст, лекин аз Украина камтар истеҳсол мекунад), ки дар истеҳсоли гандум ва ҷавдор дар ҷои намоён қарор дорад. Дар гурӯҳи кишварҳои ҷануб баробари гандум ба миқдори зиёд ҷуворимакка парвариш меёбад (пеш аз ҳама дар Руминия, Венгрия ва Сербия). Маҳз ҳамин гурӯҳ бо Дания ва Франсия дар Европа истеҳсолкунандагони калонтарини ғалла ба сари ҳар кас мебошанд. Дар ҳаёти бошандагони гуӯҳи кишварҳои ҷанубӣ лӯбиё мақоми муҳим дорад, дар гурӯҳи шимолӣ бошад, хусусан Полша картошка дар ҷои аввал меистад. Худи як Полша дар якҷояги баробари Германия, Франсия, Британияи Кабир картошка истеҳсол мекунанд. Дар ҳамвориҳои Дунаи Миёна ва Дунаи Поён дар ҳудудҳои Венгрия, Сербия, Руминия ва Булғория офтобпараст хеле бисёр кишт карда мешавад; дар ин заминаҳо аз тамоми Европаи Ғарбӣ зиёдтар офтобпараст истеҳсол карда мешавад (истеҳсолкунандаи калотарин дар Европа Украина мебошад). Дар гурӯҳи мамлакатҳои шимолӣ махсусан дар Полша зироати дигари равғандиҳанда маъсар паҳн шудааст. Дар Ҷумҳуриҳои назди Балтика аз қадим зағер паварида мешавад. Дар ин ҷо лаблабуи қанд низ паравриш карда мешавад, ин зироат дар мамлакатҳои дигари минтақаи ЕМШ низ парвариш мешавад. Ин минтақа истеҳсолкунандаи калонтарини сабзавот, меваҳо ва ангур мебошад. Дар мамлакатҳои ҷанубӣ помидор, қаламфур, олу, шафтолу, ангур паввариш карда мешавад, ки қисми зиёди он ба хориҷа аз он ҷумла мамлакатҳои қисми шимоли минтақа бароварда мешавад.

Дар давраи баъди ҷангӣ хеле афзудани маҳсулоти растанипарварӣ тағйрёбии сохтори он ба фоидаи зироатҳои хӯроки ҳайвонот ба рушди чорвопарварӣ ва зиёд шудани ҳиссаи он дар Латвия, Литва, Полша, Чехия, Венгрия парвариши чорвои калони шохдор ва хукпарварӣ роли калон бозиданд. Дар ин мамлакатҳо вазни куштаи чорво ва ҳаҷми миёнаи шир аз дигарон зиёд аст. Дар гурӯҳи кишварҳои ҷанубӣ сатҳи умумии чорводории гусфандпарварии чарогоҳӣ васеъ шудааст.

**Нақлиёт.** Дар давраи пасазҷангӣ ҳаҷми кории нақлиёт дар сарзамин аз даромади миллӣ дида тезтар зиёд шуд. Ин пеш аз ҳама ба сурати калони индустрикунонӣ, васеъ кардани саноати коркардабарии кӯҳӣ ва соҳаҳои дигари асосии саноати вазнин ва инчунин ба афзудани маҳсулоти кишоварзӣ, ҷойгиркунии саноат дар ноҳияҳое, ки пеш аз ҷиҳати иқтисодӣ ақибмонда буданд ва минбаъд дар

ки ба соҳаи тақсимоти минтақавии меҳнат дохил карда шуда буданд, вобаста аст. Ғайр аз ин, зиёдшавии ҳаҷми кори нақлиёт бо гузариш ба индустрияи омавии истеҳсолоти махсусгардонидашуда ва рушди дохили соҳавӣ ва кооператсияи, истеҳсолот, ки дар бисёр ҳолатҳо бо ҷудокунии давраи технологӣ дар фазо, бо васеъшавии босуръти мубодилаи савдои беруни дар дохили минтақа ва хусусан бо собиқ ИҶШС, ки аз он ҳаҷми калони сӯзишворӣ ва моли хом ворид мешуд,низ вобаста буд. Ҳамаи ин ба чандкарата афзудани ҳаҷми боркашони оварда расонд,ки барои ин асосан роҳои оҳани ҳам пеш сохташуда истифода мешуданд; (зичии роҳи оҳан дар ЕМШ дар муқоиса бо Европаи Ғарбӣ камтар буд). Солҳои80-ум бо вуҷуди зичии боркашонӣ бо роҳи оҳан дар минтақа нисбат ба мамлакатҳои Европаи Ғарбӣ зиёдтар буд. Барои ин қисми зиёди роҳҳои кӯҳна беҳтар карда шуданд: паровозҳо ба электро-ва тепловозҳо иваз карда шуданд. Маҳз онҳо ҷраёни асосии боркашониро ба ӯҳдаи худ гирифтанд. Баробари ин байни мамлакатҳо фарқияти калон ба вуҷуд омад. Баробари бастани роҳҳои дуюмдараҷа роҳҳои нав сохта шуданд. Асосан онҳо дар Силезияи Боло, Варшава, Белград-Бар (Сербияҳо ва Черногория пайваст ва ба Сербия имкони ба баҳр баромаданро дод); роҳҳи васеъ (ба монанди роҳҳои мамлакатҳои ИДМ) ба кор даромадаанд.

Владимир-Волинский–Домброва-Гурнича ва Ужгород-Кошитса (барои таъмини Украина ва Россия бо маъдани оҳани аз Полша ва Чехословакия овардашаванда). Барои тезонидан ва арзон кардани боркашонӣ дар байни Булғория ва ИҶШС сохтани системаи роҳи баҳрӣ пароми роҳи оҳани Иличевск-Варна аҳамияти калон дошт.

Роҳҳои автомобилгард васеъ ва беҳтар карда шуданд. Роҳҳои автомобили олидараҷа сохташуданд,қисмҳои алоҳидаи роҳи бо суръати автомобилии тӯли Шимол -Ҷануб аз соҳили Балтика то баҳри Эгей ва гулӯгоҳи Босфор (Гданск-Варшава –Будапет-Белград-София –Стамбул бо шохаи Ниш –Салоники) сохта шуда истодаанд.Аҳамияти шоҳроҳи магистрали автомобили Моква-Минск-Варшава-Берлин зиёд шуда истодааст. Лекин дар умум минтақаи ЕМШ аз ҷиҳати сатҳи рушди роҳҳои автомобилгард ва нақлиёти автомобилӣ аз Европаи Ғарбӣ хеле ақиб мондааст.

Минтақаи ЕМШ узви пайвасткунандаи системаи тараққикардаистодаи нақлиёти қубурии Европа мебошад. Вай дар роҳи нақли асосии нефт ва гази табии аз Россия ба кишварҳои ИЕ (ЕО) ҷойгир аст. Сохтани хатҳои магистралӣ қубурҳои нефт ва газ имконият дод, ки мушкилоти боркашонии роҳи оҳаниро сабук кунад. Шабақаи қубурии ЕМШ нефт, газ, сӯзишворӣ ва ашёро аз Россия мегузаронанд. Ба воситаи ин қубурҳо ба тарзи транзит ба мамлакатҳои дигари Европа ҳаҷми калони газ ворид мешавад. Аз заминҳои Полша, Словакия, Чехия, Венгрия ба кишварҳои Европаи Ғарбӣ, аз заминҳои Руминия ва Булғория ба Юнон ва Туркия газ расонида мешавад. Масъалаи рӯзмарраи ҳамкории кишварҳои Европоӣ дар соҳаи нақлиёт ин рушди системаи ягонаи роҳҳои обии дохили мебошад, ки он аҳамияти байналхалқӣ дорад. Узви ҷиддии ин система роҳи обии Рейн-Майн-Дунай мебошад.

Нақлиёти баҳрии кишварҳои ЕМШ дар боркашонии савдои берунӣ роли муҳимро бозӣ мекунад, аммо дар маҷмӯъ ҳиссаҳои он дар системаи нақлиёти аксарияти кишварҳои минтақа аз Европаи Ғарбӣ дида борҳо кам аст. Табиист, ки дар хоҷагии кишварҳои наздибаҳрӣ: Полша (комплексияҳои бандарии Гдин Гадансик ва Щетсин-Свиноуйск), Руминия (компилекси Констанса Аджиджа), Булғория (бандари Варна ва Бургае) ва Хорватия (бандари асосӣ Риека) бандарҳо роли ҷиддӣ мебозанд.

**Робитаҳои иқтисодии берунии** кишварҳои ЕМШ солҳои 60-80 ум дар ташакулли минтақаи интегратсионии Европаи Шарқӣ, ки собиқ ИҶШС-ро дар бар мегирифт, роли ҳалкунанда дошт. Зиёда аз 3/5 ҳиссаи гардиши савдои берунии

кишварҳои ЕМШ ба додугирифти байниякдигарии кишварҳои аъзои Шӯрои иқтисодии Ёрии байниҳамдигари (СЭВ) рост меомад. Тағйирёбии вазъи сиёсӣ ва иқтисодии солҳои 90-ум алоқаҳои иқтисодии пештараи ЕМШ-ро тағйир дод.

Алоқаҳои пешина канда шуданд, алоқаҳои нав дар шароити коҳиши истеҳсолт дар нимаи якуми солҳои 90-м бо душвориҳои зиёд барқарор мешуданд. Бо вуҷуди ин нигаронии географии алоқаҳои кишварҳои ЕМШ пеш аз ҳама ба Европаи Ғарбӣ равона буданд. Дигаргуниҳои ЕМШ ба воридшавии маҳсулот ва капитали кишварҳои Европаи Ғарбӣ ба бозорҳои васеъи кишварҳои Европаи Шарқӣ мусоидат карданд.

Ҳамзамон маҳсулоти муқаррарии кишварҳои ЕМШ дар шароити рақобати шадид ба бозорҳои ғарб бо душворӣ роҳ меёбанд. Ин кишварҳо дар охири солҳои 90-м ҳамагӣ 40%-и молҳои вориддшавандаи (импорти) кишварҳои Иттиҳоди Европаро (ЕС-ро) таъмин мекарданд.

Ба мамлакатҳои Ғарб таваҷҷӯҳ зоҳир намудани кишварҳои ЕМШ натиҷаҳоеро, ки онҳо дар азнавсозӣ ва баланд бардоштани хоҷагии халқ интизор буданд, надод. Маълум шуд, ки рушди комплексҳои хоҷагидории ояндаи кишварҳои ЕМШ бояд ба зарурияти объективии омехтаи робитаҳои васеъ ҳам бо Ғарб ва ҳам бо Шарқ такя кунад. Барои қисман барқарор кардани робитаҳо бо Россия, Украина ва ҷумҳуриҳои дигаари собиқ ИҶШС дар асоси фоидаи тарафҳо кушишҳо карда шуданд.

Қисми асосии (4/5 ҳиссаи) мубодилаи беруни маҳсулоти кишварҳои ЕМШ дар минтақаи Европа фурӯхта мешуд. Дар охири солҳои 90-ум қариб 70%-и савдои берунаи ЕМШ ба кишварҳои иттиҳоди Европа (ЕС) рост меомад, ки асоситарини онҳо Германия, Италия, Австрия буданд. Савдои байниҳамдигарӣ дар чорчӯбаи минтақа фаъол шуд.

Дар оянда минтақаи ЕМШ дар бозорҳои умумиевропоӣ ва ҷаҳонӣ бо сифати истеъмолкунанда пеш аз ҳама таҷҳизоти баландтехнологӣ, истифодакунандаи энергия (дар навбати аввал нефт ва газ), ашёи хоми саноати ва фурӯшандаи намудҳои рақобатпазири маҳсулоти машинасозӣ, металлургияи ранга, фарматсевтӣ ва маҳсулоти хӯрокворӣ иштирок мекунад. Норасоии (дефицт) савдои беруна ва мувозинати пардохт, ки ба кишварҳои ЕМШ хос аст, қисман аз ҳисоби фоидаи транзити борҳо, ворид кардани пул аз тарафи шаҳрвандоне, ки дар кишварҳои дигар кор мекунанд, аз ҳисоби туризмим байналхалқӣ пурра карда мешаванд. Дар оянда мавқеи индустрияи рекреатсия ва сайёҳӣ рушд хоҳад ёфт, зеро захира ва имкониятҳо дар ин самт хеле зиёданд. Ин пеш аз ҳама манзараҳои диққатҷалбкунанда, обҳои шифобахш ва кӯлҳои хушманзар (Балатон) баҳри Адриатик) ва дигарҳоанд.

Аз ҳисоби сайёҳони хориҷӣ шароити иқтисодию иҷтимоии музофотҳои кӯҳиро баланд бардоштан имконпазир мегардад.

**Саволҳои ва супоришҳои санҷишӣ**

1. *Дар зери мафҳуми «Аврупои Шарқӣ» чиро фаҳмида мешавад?*
2. *Барои чи ҳангоми муайян намудани мафҳуми Аврупои Шарқӣ нисбат ба мафҳуми Аврупои Ғарбӣ ва Миёна тафовути маълум мавҷуд аст?*
3. *Барои чи аз ҷиҳати иқтисодӣ байни собиқ мамлакатҳои сотсиалистӣ ягонагии том вуҷуд надошт?*
4. *Барои чи дар асри XXI мафҳуми Аврупои Шарқиро на ҷиҳатҳои табиию географӣ балки аломатҳои сиёсӣ, забони ахлоқӣ, иқтисодӣ ва ғайра муайян мекунад?*
5. *Кадоме аз мамлакатҳои ин минтақа: а) порааҳои Илиримя ва Исломанд; б) Кадоме аз ин давлатҳо пайравони насроният мебошанд?*
6. *Аз гаравидани қисме аз мамлакатҳои Аврупои Шарқӣ ва Миёна ба мамлакатҳои Ғарб чи мехостанд ва чи натиҷа дод?*

## *Б О Б И 3*

## Сарзаминҳои пасишӯравӣ (ғайр аз мамлакатҳои Балтика)

### 3.1 Федератсияи Россия

Масоҳат 17,1 млн. км². Аҳолӣ 142 млн. нафар. Пойтахташ Москва. Аз рӯи ҳудуд ва шумораи аҳолӣ Русия ба қатори давлатҳои калонтарини ҷаҳон дохил мешавад. Аз рӯи масоҳат (17,1 миллион километри мураббаъ) он дар ҷаҳон ҷои аввалро ишғол менамояд (қариб 12 дарсади сайёраи Замин), ки даҳҳо маротиба аз тамоми Европаи Ғарбӣ ва даҳҳо давлати он калонтар мебошад. Шумораи аҳолии Русия дар соли 2007 қариб 142 миллион нафар буд. Русия мамлакати сермиллат буда, аҳолии он ба забонҳои мухталиф такаллум мекунанд, пайрави динҳои гуногун ва намояндагони фарҳангҳои гуногун мебошанд.

Махсусияти нахустини тафовути мавқеи географии ФР дар он аст, ки шимолитарин давлати кураи Замин мебошад. Ин хулосаро далелҳои зерин тасдиқ менамоянд:

- масоҳати калонтарини хушкӣ, ки дар доираи Қутби Шимол ҷойгир шудааст, маҳз ба Русия тааллуқ дорад.;

- сардиҳои зимистон Русияро гӯё аз масоҳати боқимондаи он, яъне Европаи «гарм» ҷудо нигоҳ медорад, ҳудуди Сибир бо ҳарорати миёнаи моҳи январии худ аз -30 дараҷа то -40 дараҷа масоҳати зиёдтар аз Америкаи Шимолиро ишғол менамояд;

- дар 2/3 масоҳати Русия яхи бисёрсола хобидааст (илова бар ин аз Енисей ба тарафи шарқ ях то сарҳадҳои ҷанубии мамлакат вомехӯрад);

- шаҳрҳои калонтарини Русия Маскав ва Санкт-Петербург мутаносибан дар арзи Лабрадори ҷанубӣ ва Аляска, ки фазои кам азхудкарда ва «мурда»-ро мемонад, ҷойгиранд; як қисми дигари шаҳрҳои калон ва марказҳои саноатӣ (Мурманск, Воркута, Норилск, Якутск, Магадан ва ғ.) аз 60 –ум арз ба тарафи шимол дуртар ҷойгир шудаанд.

Дар аксари маврид муқоисаи Русия бо Канада ҳамчун ду давлати калонтарини шимолии ҷаҳон хусусияти шартӣ дорад. Масалан, арзи миёнаи қисмати хушкии Русия (бе назардошти ҷазираҳои Арктика) аз арзи Санкт-Петербург – наздики 60 дараҷаи арзи шимолӣ – мегузарад. Дар Канада аз ин арз ба тарафи шимол қариб ки сокинони доимӣ нестанд – аксарияти аҳолии Канада дар минтақаи танги қад-қади сарҳад бо ИМА, яъне аз Маскав ҳам ҷанубтар – дар арзи Назикаспии Шимолӣ зиндагӣ мекунанд. Дар хусуси давлатҳои Скандинавия, ки нисбат ба қисмати калони Русия иқлими гармтар доранд, ҳаминро қайд кардан мумкин аст, ки ин мамлакатҳо аз ҷараёнҳои обӣ ва ҳавоии Атлантика гарм мешаванд.

Хусусияти дуюми хоси мавқеи географии Русия дар он аст, ки он калонтарин давлати ҷаҳон аз ҷиҳати ҳудуд мебошад, илова бар ин континенталист, на уқёнусӣ. Ин даъво шояд аҷиб намояд, зеро Русия дар ҷаҳон дарозтарин сарҳадҳои баҳрӣ дорад. Мутаассифона, баҳрҳои Арктика ва Шарқи Дур муддатҳои дуру дароз дар зери яханд, ҳудудҳои наздисоҳилии он бошад табиати хунук доранд. Ғайр аз ин, зиёда аз чаҳоряки ҳудуди он ба масофаи зиёда аз 1 000 километр аз баҳр воқеъ гардидааст. 86 дарсади ҳудуди мамлакат аз баҳрҳои яхнакунанда ҳамин қадар дурр (яне қариб 1000 км) аст.

Маҳз «паҳноварӣ»-и қисмати хушкӣ, ки ба як давлат тааллуқ дорад, бисёр хусусиятҳои дигари географии Русияро муайян менамояд. Иқлими хушку хунуки контененталии аксарияти масоҳати он аз ҳамин ҷумла мебошад.

Хусусияти сеюми хоси мавқеи географии Русия вобаста ба он аст, ки ҳудуди мамлакат якбора ҳам дар Европа ва ҳам дар Осиё ҷойгир шудааст. Дигар давлатҳоро низ ба ёд овардан мумкин аст, ки дар ду қисмати дунё ҷойгир шудаанд (Туркия, Миср ва ғ.) Вале Русия дар ин маврид ягона аст, зеро метавон батаври қотеъ гуфт, ки

заминҳои он дар ҳарду қисмати дунё баробар ҷойгир шудаанд ва саддҳои обӣ онҳоро аз якдигар ҷудо намекунанд.

Ана барои ҳамин, Русия аз қадимулайём ҳам давлати европоӣ ва ҳам давлати осиёӣ, яъне давлати *евроосиёӣ* ҳисобида мешавад. Ин далел дар сарнавишти «евроосиёии» мамлакат нақши муҳим бозидааст ( дар нишони қадимаи Русия уқоби дусара, ки ҳам ба Шарқ ва ҳам ба Ғарб менигарад, тасвир ёфтааст). Аз ҳамин сабаб Русия дар тӯли таърихи худ «мувозинаи» байни Шарқу Ғарбро нигоҳ дошта меояд. Ба шарофати ҳамин хусусияти мавқеи географии Русия, аз қадим ҳамчун «пули байниқитъавии» Европаи насронӣ, Ҷануби исломӣ ва Ҷанубу Шарқи конфутсианӣ-буддоӣ хидмат мекунад.

*Захираҳои табиии Русия*, аз ҷумла захираҳои минералӣ, хокӣ, ҷангалӣ ва ғ. фаровонанд. Аксарияти кули конҳои ашёи хоми минералӣ дар қисмати осиёии мамлакат ҷойгиранд. Дар инҷо 84 дарсади захираҳои нафт, 85 дарсади захираҳои гази табиӣ, 81 дарсади захираҳои алмос, 90 дарсади конҳои тило, 95 дарсади захираҳои кашфшудаи қалъагӣ, қисми калони захираҳои сурма, ниобӣ, металлҳои нодир ва ғ. мавҷуданд. *Захираҳои сӯзишворӣ* дар байни маъданҳои фоиданоки Русия бо иқлими на он қадар «биҳиштиаш», ҷойгоҳи махсус дорад. Рақобатпазирии онҳо дар бозорҳои ҷаҳонӣ ба арзиши онҳо меафзояд ва дар *ташаккули буҷети* мамлакат таъсири калон мерасонад.

Захираҳои потенсиалии *гази табиӣ* 35 дарсади захираҳои ҷаҳонӣ - зиёда аз 200 триллион метри кубӣ (бо назардошти конҳои шелфи баҳр)-ро ташкил медиҳад. Захираҳои потенсиалии *нафт* – зиёда аз 20 миллиард тоннаро ташкил медиҳад, дар баробари ин зихираҳои исботшуда ва эҳтимолии нафт ба 11,5 миллиард тонна (камтар аз 10 дарсади захираҳои ҷаҳонӣ) баробар мебошад. Конҳои асосии ин захираҳо (ҳам амалкунанда ва ҳам ояндадор) дар тарафи шарқ аз Урал – дар Сибири Ғарбӣ, дар шелфи баҳрҳои Арктика ва Сахалин, дар кишвари Красноярск ва Ёқутистон ҷойгир шудаанд. Конҳои нафту гази қисмати европоии ФР рӯз то рӯз камбағал шуда истодаанд ва умед, асосан, ба шелфи баҳри Барентс нигаронида шудааст. Захираҳои *ангишт* ҳам фаровонанд, ки нисфи онро ангиштсанг ташкил медиҳад. Ангишт асосан дар ҳавзаҳои Канск-Ачинск ва Кузнетск истихроҷ карда мешавад.

**Русия – ватани халқҳои зиёд.** Ба саволи «дар Русия чӣ қадар халқ зиндагӣ мекунад?» ҷавоб додан осон нест. Шумориши соли 1897 дар ҳудуди Русия 146 забону гӯишро сабт намудааст, ки бо сабаби таҳқиқи нопурраи этнографии музофотҳо шумораи халқҳоро кам нишон додаст. Тасодуфӣ нест, ки шумориши нахустини давраи шӯравӣ дар соли 1926 190 қавмияти этнографӣ ва 150 забонро (бе гӯишҳо) дар ҳамон ҳудуди пештара сабт намудааст. Дар шумориши Умумииттифоқии соли 1959 миқдори гурӯҳҳои этникии расман эътирофшуда то 110 кам шудааст, ки сабаби он муттаҳидкунии ихтиёрии халқҳои ба ҳам хеш мебошад. Баъд аз фурӯпошии ИҶШС дар соли 1991 шумораи халқҳои ФР аз як тараф кам шудааст ва аз тарафи дигар дар ҳудудҳои ҳозираи Русия амалан ҳам украинҳо, ҳам белорусҳо, ҳам ӯзбекҳо, ҳам қазоқҳо, ҳам гурҷиҳо ва намояндагони дигар халқҳо, ки соҳибихтиёр гардидаанд, зиндагӣ мекунанд. Аз рӯи натиҷаҳои шумориши соли 2002 маълум гардид, ки дар мамлакат 160 миллат зиндагӣ мекунад.

Халқҳои ҳозираи Русия асосан ба оилаи *ҳиндуевропоӣ* (русҳо, украинҳо, белорусҳо, осетинҳо, лаҳистониҳо, арманиҳо, юнониҳо ва ғ.), *оилаи урал* ( удмуртҳо, мордваҳо, марийҳо, комию пермяк, хантиҳо, мансиҳо ва ғ.), *оилаи олтой* (тоторҳо, бошқирдҳо, чувашҳо, қумиқҳо, қарачаевҳо, балқарҳо, нӯғайҳо, ёқутҳо ва ғ.) ва оилаи кавқози шимолӣ (қабардинҳо, черкасҳо, адигейҳо ва ғ) тааллуқ доранд.

**Иқтисодиёт.** Чӣ хеле ки маълум аст, рушди иқтисодиёти шӯравӣ асосан аз ҳисоби тавлиди воситаҳои истеҳсолот, техникаи ҳарбӣ: мошинҳо, таҷҳизот, самолётҳо, ракетаҳо ва ғ. таъмин карда мешуд. *Молҳои мавриди* ниёзи мардум кам ва

бо сифати на он қадар баланд истеҳсол карда мешуданд. Махсусан *саноати сабук ва хӯрокворӣ* суст тараққикарда буданд, *кишоварзӣ* низ талаботи мардумро ба маводи ғизоӣ қонеъ намекард.

Бӯҳрони амиқи иқтисодии баъд аз пошхӯрии ИҶШС потенсиали иқтисодии Русия ва мавқеи онро дар иқтисодиёти ҷаҳонӣ суст кард. Бо вуҷуди ин, Русия аз рӯи бисёр нишондиҳандаҳо дар хоҷагидории ҷаҳонӣ ҷои сазоворро ишғол карда меояд. Он дар баробари ИМА дар *сохтани самолёт ва ракетаҳо,* дар кори азхуд кардани *кайҳон*, дар *истихроҷи нафту гази табиӣ, тайёр кардани чӯб, истеҳсоли нерӯи барқ, чӯян, пӯлод, кислотаи сулфур, гӯшт, лаблабуи қанд, картошка* ва ғ. пешсаф мебошад.

Соҳаи асосии иқтисодиёти Русия *саноат* ба шумор меравад. Дар он аксари аҳолии қобили меҳнати мамлакат кор мекунанд. Географияи муосири саноати Русия дар зери таъсири ду омили дарозмуддат: 1) «бунёди» иншооти нави индустриалӣ ва марказҳои саноатӣ дар шарқ ва шимоли мамлакат; 2) таҷаммӯъи корхонаҳои саноатӣ дар марказҳои то имрӯз ташаккулёфта ба вуҷуд омадааст.

Камбуди асосии *кишоварзии* Русия дар экстенсивӣ будани он мебошад. Ин чунин маъно дорад, ки ин соҳа то ҳол ба шарофати истифодаи заминҳои изофа, захираҳои инсонӣ ва ғ. тараққӣ кардааст, на аз ҳисоби комёбиҳои илму техника. Густариши доимии майдонҳои кишоварзӣ ба афзоиши ҳосилнокии зироатҳо ва самаранокии чорводорӣ мусоидат нанамуд. Ҳосилнокии миёнаи зироатҳои ғалладона дар Русия мисли пештара хеле паст аст – 13 – 15 сентнер аз 1 гектар, ҳол онки дар мамлакатҳои Европаи Ғарбӣ ин нишондод ба 50 – 60 сентнер мерасад.

Яке аз сабабҳои пастҳосилӣ шароити сахти иқлимӣ (сардиҳо, хушксолиҳо ва ғ.) ба шумор меравад, ки қариб тамоми ҳудуди мамлакатро ба минтақаи *зироаткории хавфнок* табдил додааст. Аммо, якум, кассе маҷбур намекунад, ки тамоми мамлакатро «шудгор» кунанд, дуюм, дар ФР заминҳои бисёре мавҷуданд, ки баробари Европаи Ғарбӣ ҳосил дода метавонанд. То замоне ки дар кишоварзии мамлакат усули «кишт кардӣ, чизе ки рӯид, ғундоштӣ» амал мекунад, қафонии саҳаи кишоварзӣ давом хоҳад кард. Солҳои охир дар бахши аграрии Русия тағйиротҳо рух дода истодаанд, ки ҳадафашон татбиқи механизмҳои бозор дар кишоварзӣ ва озод кардани ташаббускорӣ дар хоҷагидории хусусӣ мебошад. Дар замони шӯравӣ шаклҳои асосии моликият дар кишоварзӣ *колхозҳо* (хоҷагиҳои коллективии деҳқонон) ва *совхозҳо* (корхонаҳои давлатии кишоварзӣ) буданд. Солҳои охир дар шаклҳои моликияти замин бисёр дигаргуниҳо ба амал омаданд. Аксарияти колхозҳо ва совхозҳо ба ҷамъиятҳои саҳомӣ, кооперативҳо, ассотсиатсияҳои хоҷагиҳои деҳқонӣ ва дигар корхонаҳои кишоварзӣ табдил дода шуданд. Хоҷагиҳои хусусии ёрирасони аҳолӣ мисли ҳамеша бахши муҳими кишоварзӣ ба шумор мераванд. Ва ниҳоят, дар Русия ҳаракати хоҷагиҳои *фермерӣ* (деҳқонӣ) авҷ гирифт. Онҳо то ҳол бо сабабҳои набудани дастгирии давлатӣ, захираҳои моддӣ, камҳосилии заминҳо, ҳамчунин гумм кардани малакаҳои бозорӣ дар пешбурди хоҷагидорӣ аз тарафи деҳқонон ба таври дилхоҳ тараққӣ накарда истодаанд.

**Нақлиёт б**арои Русия аҳамияти ҳаётан муҳим дорад. Ҳудуди тӯлонӣ ва шароити сахти табиӣ барои рушди нақлиёт хароҷоти калонро тақозо менамояд. Гардиши асосии бор дар Русия ба нақлиёти роҳи оҳан ва лӯлахатҳо рост меояд, ҳарчанд аз нигоҳи вазн нақлиёти автомобилӣ аз ҳама зиёд бор мекашонад.

Бадбахтии Русия дар он аст, ки имрӯз қариб 40 ҳазор мавзеъҳои аҳолинишин алоқаи муътадили автомобилӣ бо ҷаҳони беруна надоранд ва ин вазъият дар ягон мамлакати пешрафтаи ҷаҳон дида намешавад; дуюм, сифати пӯшиши роҳҳо на он қадар баланд аст. Набудани шабакаҳои ташаккулёфтаи роҳҳои автомобилӣ дар Шарқи Дур ва Сибир ва як қатор музофотҳои наздисарҳадӣ мустақиман ба амнияти кишвар таҳдид мекунад. Ин вазъият ва рушди пуршиддати автомобилкунонӣ дар мамлакат (зиёда аз 10 дарсад дар як сол), масъалаҳои якбора шиддат гирифтани гузарониши шоҳроҳҳои автомобилӣ тақозои сохтани шабакаҳои ҳозиразамони

роҳҳои автомобилиро, ки ниёзи молистеҳсолкунандагон ва аҳолӣ, эҳтиёҷоти амнияти миллӣ ва мудофиаро бароварда тавонад, ба вуҷуд овардааст.

**Фарқияти музофотӣ.** Дар ФР дар муқоиса бо давлатҳои хурд ва камаҳолӣ, ки бар замми ин дар ҳудудҳои ҳамон як минтақаи табиӣ ҷойгиранд, шароити мухталиф барои рушди субъектҳои он мавҷуданд:

- шароити *табиӣ* (иқлимӣ, минералию ашёихомӣ, хокӣ, гидрологӣ, геоморфологӣ, сейсмикӣ ва ғ.), ки имконияҳои нобаробари ибтидоии субъектҳои Русияро ташаккул медиҳанд;

- шароити *ҳудудӣ* (мавқеи географӣ, андоза ва тарҳи ҳудуд ва ғ.);

- шароити *иҷтимоию таърихӣ* (тақсимоти нобаробари марказҳо ва объектҳои маданияти моддӣ дар музофотҳо, дермонии «давраии» ҳудудҳо дар татбиқи markазнавсозиҳои иҷтимоию иқтисодӣ);

- шароити *иқтисодӣ* (нобаробарқиматии арзишҳои моддии аз давраи шӯравӣ ба меросмонда);

- шароити *демографӣ* (мавҷудияти яквақтаи минтақаҳои дорои реҳимҳои депопулятсионӣ ва густурдаи таҷдиди аҳолӣ);

- шароити *этноконфессионалӣ* (гуногунрангии этникӣ ва динии аҳолӣ);

- шароити *фарҳангию тамаддуни* (гуногунии фарҳангҳо, қолабҳои ахлоқии аҳолӣ ва ғ.);

- шароити *геополитикӣ* (нобаробарқиматии имкониятҳои иқтисодии мавқеи сарҳадӣ, хавфҳои мухталифи гирифтор шудан ба ихтилофоти ҳарбии наздисарҳадӣ ва Ғ.);

-шароити *экологӣ* (гуногундараҷагии зарарҳои расондашуда ва расондашавандаи экологӣ);

- шароити *субъективӣ* (дараҷаи кордонии ҳукуматҳои маҳаллӣ ва ё баръакс, бетаваҷҷӯҳию бепарвоии онҳо) ва дигар шароитҳо.

**Русияи европоӣ** – минтақаи нисбатан қадими фарҳанги саноатӣ (махсусан бо назардошти Маскав, Санкт-Петербург ва Урал) бо чеҳраи ташаккулёфтаи хоҷагидорӣ (ки ба «сайқал додан» эҳтиёҷ дорад) ва суръати бошиддати камшавии захираҳои табиӣ (конҳои нафту гази сарзамини Волгаю Урал, маъданҳои оҳан ва никелдори Карелия ва нимҷазираи Колак, ҷангалзорони Шимолу Ғарб ва Урал ва ғ.). Дар инҷо зиёда аз 2/3 маҳсулоти саноатӣ ва беш аз ¾ маҳсулоти кишоварзии мамлакат истеҳсол карда мешавад.

Дар ҳудудҳои Русияи европоӣ масоҳатҳои бузурги сияҳхок мавҷуданд (махсусан дар Кавкази Шимолӣ ва минтақаи Сиёҳзамини Марказӣ). Дар қисмати ҷангалҳои ҳамвории Русия бо истифодаи дурусти агротехника аз хокҳои камнамак ва ботлоқзорон ҳосили баланд рӯёнидан мумкин аст. (Вале бояд дар ёд дошт, ки дар Русия масъалаи баланд бардоштани ҳосилнокӣ дар ҷои аввал меистад, на васеъ кардани заминҳои кишоварзӣ).

Дар хусуси Русияи осиёии камаҳолӣ ҳаминро гуфтан лозим аст, ки ин қисмати мамлакат дорои захираҳои мухталиф ва фаровони табиист, ки дар кори азхудкунии фаъоли он ба монеаҳои ҷиддии вобаста ба зимистони сарду яхбандии абадӣ, набудани роҳҳои мувафиқ, норасоии қувваи корӣ, шароити мураккаби кӯҳию геологии ҷойгиршавии маъданҳо ва ғ. дучор омадан мумкин аст. Табиати Сибир гуногунранг аст, зеро сухан дар бораи ҳудуди калоне меравад, ки дар дохили чандин минтақаи табиӣ ҷойгир шудааст.Таркиби мураккаби геологӣ ба Русия маъданҳои фаровон «ҳадя» намудааст. Дар инҷо вулқонҳои амалкунанда (минтақаи «ҳалқаи оташин»-и уқёнуси Ором), чашмаҳои ҷӯшони Камчатка (гейзерҳо) ва ғ. мавҷуданд.

Масоҳатҳои калони Сибирро ҷангалзорон пӯшонидаанд, потенсиали гидроэнергетикиаш ҳам баланд аст.

Аммо дар Сибир бисёр ҷойҳое ҳастанд, ки табиат барои рушди этнофарҳангӣ ва иҷтимоию иқтисодии аҳолии бумӣ на танҳо монеа эҷод намекунад, балки имкониятҳои васеъ барои тамоми соҳаҳои фаъолияти эҷодӣ фароҳам меоварад. Сухан дар хусуси Кузбасс, Олтой, Приморе, Сахалин, водии Амур, минтақаи қад-қади роҳи оҳани Транссибир ва ғ. меравад. Ва ҳатто дар мавридҳое ки табиат намегузорад иқтисодиёт пурсамар рушд намояд, имконияти истифодаи васеъи захираҳои «таҷдиди саломати» (яъне рекреатсионӣ)-и табиати Сибир: нерӯ ва ҳайратангезии тайга, шаҳомати дарёҳои сероб, ҷолибии кӯҳҳои пурбарф ва ғ. вуҷуд дорад.

Бунёди НБО-и пуриқтидор дар Ангара ва Енисей имкон медиҳад нерӯи барқи нисбат ба НБО-и Волга ва нерӯгоҳҳои гармии Канск – Ачинск ду баробар арзонтар истеҳсол карда шавад. Истеҳсоли алюминий, пӯлод, наххои химиявӣ, каучуки синтетикӣ ва дигар маҳсулот барқталаб ба воситаи истифодаи нерӯи барқи Шарқ ба давлат хеле арзон меафтад. Аммо маҳсулоти соҳаҳои меҳнатталаб – дастгоҳҳо, асбобҳо, матоъҳо ва ғ. дар Сибир арзиши гарон доранд (пеш аз ҳама бо назардошти хароҷоти нақлиёт).

**Самтҳои муносибатҳои иқтисоди хориҷии Русияи нав.** ФР метавонад дар тақсимоти байналхалқии меҳнат норозӣ бошад. Русия бар ивази харидории молҳои мавриди ниёзи мардум ва маҳсулоти мошинсозии таъиноти истеҳсолидошта асосан ашёи хом содир менамояд ва дур нест замоне, ки ба таъминкунандаи ашёи хом барои иқтисодиёти Ғарб табдил ёбад (дар аввали асри XX1 ҳиссаи молҳои сӯзишворию гармидиҳанда дар содироти Русия зиёда аз 60 дарсад, аз ҷумла нафт – 14 дарсад, гази табиӣ – 20 дарсад, маҳсулоти нафтӣ – 4 дарсадро ташкил дод).

Фақат дар солҳои ахир ба стратегияи иқтисодиёти хориҷӣ дар мамлакат таваҷҷӯҳи лозимӣ карда шуд. *Якум,* барои давлат на танҳо «часпидан» ба низоми имрӯзаи хоҷагидории ҷаҳонӣ, ҳамчунин рӯ овардан ба фардо низ муҳим аст, зеро низоми хоҷагидории ҷаҳонӣ ҳамарӯза ва ба таври мураттаб инкишоф меёбад. *Дуюм,* бозбинии нигоҳи содалавҳона ба харитаи хоҷагидории ҷаҳониро, ки ба таври сунъӣ онро аз харитаи сиёсии ҷаҳон ҷудо менамояд, зарур мебошад. Дар ҳазорсолаи сеюм на қувваи дағали ҳарбӣ, балки иқтидори иқтисодӣ ба «абзори асосии геополитикӣ» табдил меёбад. *Сеюм,* аз баҳри интизории конъюктурии замони ворид шудан ба фазои иқтисодиёти хориҷӣ (бо фаро расидани фурсати муносиб дар бозори ҷаҳонии мол, масалан нафт) гузашта, ҳадафмандона ҳолатҳои геоиқтисодии заруриро бо истифода аз усулҳо ва воситаҳои амалиёти стратегӣ ба вуҷуд овардан лозим аст. *Чорум,* имконияти ҳамгироии иқтисодии байналхалқиро аз сари нав дарку фаҳм кардан зарур аст. Ҳангоми ворид намудани иқтисодиёти миллӣ ба ҷараёни ҳамгироӣ малакаи манёвр кардани шаклҳои ҳамгироии иттиҳодҳо, гузариши мавзуни онҳо аз як шакл ба шакли дигар, имконияти зуд созмон додани иттиҳодҳо ва алянсҳои нави ҳамгироӣ, ворид гардидан ба шаклҳои мухталифи муносибатҳои хоҷагидории ҷаҳонӣ аҳамияти аввалиндараҷа дорад.

Дар байни ҳадафҳои стратегии сиёсати хориҷии иқтисодии Русия инҳоро зикр намудан лозим аст.

Ҳадафи якум – *эҳё ва рушди потенсиали содиротӣ, беҳтар кардани сохтори содирот.* Ҷойгоҳи содироти Русия дар бозори ҷаҳонӣ нағз маълум аст: ашёи хоми карбогидридҳо, металлҳо, чӯб, алмос, пашм, бриллиант, моҳӣ, нуриҳои минералӣ, маҳсулоти саноати энергетика ва металлургия, силоҳ ва техникаи ҳарбӣ. Бӯҳрони иҷтимоию иқтисодии солҳои аввали соҳибистиқлолӣ ба танг шудани бозори фурӯши молҳои анъанавии содироти Русия боис гардид.

Қайд бояд кард, ки дар номгӯи молҳои содиротии Русия маҳсулоти «хушсифат»-и соҳаҳое ба мисли авиакайҳонӣ, лазер, саноати атом, киштисозӣ, рушди флоти тиҷоратӣ дар заминаи дастовардҳои киштисозии мудофиавӣ), хизматрасонии кайҳонӣ (пеш аз ҳама сар додани объектҳо дар фазои атрофии Замин), таҳқиқоти геологӣ ва ғ. мавҷуданд.

Ҳадафи дуюм – *такмили воридот.* Чунин ҳисобида мешавад, ки сиёсати воридот бояд на танҳо ба манфиати қонеъ гардонидани талаботи ҳаррӯзаи мардум, балки ба амалӣ намудани ҳадафҳои модернизатсияи иқтисодиёт, баланд бардоштани самаранокӣ ва рақобатпазирии он ҳам хидмат намояд. Аз ҷумла, ташкил намудани истеҳсолоти нави ивазкунандаи маҳсулоти воридотӣ дар маҳалҳо ба назар гирифта мешавад. Дар воридоти мошинҳо ва таҷҳизот (ки ҳиссаашон 30 дарсади ҳаҷми умумии воридоти Русияро ташкил медиҳанд) гузаштан ба хариди таҷҳизоти пурраи технологӣ ва иҷозатномаҳо барои ташкили истеҳсоли хусусии молҳои мавриди ниёзи мардум ба нақша гирифта шудааст. Дар соҳаи воридоти моводи ғизоӣ пеш бурдани сиёсати тадриҷан кам кардани воридоти миқдоран калони бесамари ғаллаи ему хошокӣ ва аз нав тақсим кардани воситаҳои асъорӣ барои харидани тухмиҳои серҳосил, таҷҳизот барои нигоҳдорӣ ва коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, техника барои таҷҳизонидани хоҷагиҳои фермерӣ ва ғайраро муфид меҳисобанд.

Ҳадафи сеюм – *баланд бардоштани дараҷаи рақобатпазирии маҳсулоти корхонаҳои Русия дар бозори ҷаҳонӣ.* Барои бартараф кардани ин «ҷои нозуки» содироти Русия зарур аст, ки сифат ва хароҷоти истеҳсоли маҳсулоти саноати коркарди Русия ба талабот ва шартҳои рақобат дар бозори ҷаҳонӣ мувофиқ гардонида шавад. Барои амалӣ кардани ин ҳадаф тадриҷан наздик кардани меъёрҳои дохилӣ ва хориҷи истеҳсолот ва сифати маҳсулот ба нақша гирифта шудааст.

Ҳадафи чорум – *ҷалби сармояи хориҷӣ барои модернизатсияи технология ва ба вуҷуд овардани потенсиали густурдаи такрористеҳсолкунӣ.* Сухан дар бораи беҳтар донистани сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ дар муқоиса бо роҳҳои марказонидашудаи қарздиҳӣ, ки ба манфиати содиркунандагон ва эҳтимолияти баргардонидани воситаҳои бадастомада ташкил карда мешавад, меравад. Дар баробари ин дар Русия фаҳмиши он нукта, ки сармоягузориҳои калонмиқёси хориҷӣ дар шароити ноустувории сиёсӣ ва иқтисодӣ номумкин аст, рӯз ба рӯз зиёд мешавад. Бояд ба поймолкунии ҳуқуқи сармоягузорони хориҷӣ хотима дода шавад ва ниҳодҳои ҳозиразамони бимаи сармояҳои хориҷӣ аз таваккали сиёсӣ, иқтисодӣ ва криминалӣ арзи вуҷуд намоянд.

Ҳадафи панҷум – *таъмини амнияти иқтисодии мамлакат.* Дар инҷо се соҳаи асосии танзим, ки барои таъмини амнияти миллӣ муҳим мебошанд, мавҷуданд: назорати асъор, назорати содироту воридот ва танзими навъҳои стратегии ашёи хом.

***

Дар ҷаҳон мисолеро ёфтан душвор аст, ки мисли Русия ҳикмати машҳури «география сарнавишти миллат»-ро тасдиқ карда тавонад. Ҷо гирифтан дар байни Европа ва Осиё, дар пайвандгоҳи фарҳангҳо, тамаддунҳо ва динҳои гуногун (дар бораи шароитҳои экстремалии табиӣ дар қисмати аъзами ҳудуди Русия ҳоҷати гап ҳам нест) ба рушди дохилӣ, сиёсати хориҷӣ, афзалиятҳои геополитикӣ ҳамеша таъсири бузург доштааст.

Имрӯз дар назди Русия, ҳамчун меросбари ИҶШС масъалаҳои ҷиддии мустаҳкам кардани асосҳои сохтори федеративӣ (расми 3.1), муайян кардани мақоми геополитикию геоиқтисодӣ ва таҳияи стратегияи мувофиқи муносибат дар ҷаҳони муосири бисёрқутба истодааст.

**Савол ва супоришҳои санҷишӣ**

1. *Мафҳумҳои «Русияи осиёӣ» ва «Сибир» чӣ таносуб доранд? Ба ақидаи шумо, кадоме аз онҳо муҳтавои «ҷиддӣ» доранд?*

*2. Ташаккули иқтисоди бозорӣ дар ФР бо кадом роҳ ба дигаргун шудани географияи хоҷагидорӣ таъсир мерасонад?*

*3. ФР бо доштани шароити мухталиф барои рушди субъектҳои он аз дигар давлатҳо фарқ мекунад. Маҳз кадом шароитҳо? Ҳар як мавқеъро асоснок кунед.*

*4. Се халқи Русия ҳар яке аз миллион зиёдтар аҳолӣ доранд. Равшан аст, ки дар сархат русҳо ҷой мегиранд. Дигарон кадомҳоанд?*

*5. Оё Русияи муосирро мамлакати баъдазиндустриалӣ ҳисобидан мумкин аст? Агар не, то он кай чунин давлат мешавад?*

*6. Оё дар байни субъектҳои Федератсия ҳастанд онҳое ки ба мафҳуми «баъдазиндустриалӣ» мувофиқат кунанд? Мавқеатонро асоснок кунед.*

*7. Стратегияи иҷтимоию иқтисодии азхудкунии Сибир чӣ гуна бояд бошад?*

*8. Минтақаҳои мамлакатро номбар кунед, ки табиат ба рушди иҷтимоию иқтисодии онҳо монеа эҷод намекунад?*

*9. Дар ҷаҳон мисолеро ёфтан душвор аст, ки мисли Русия ҳикмати машҳури «география – сарнавишти миллат»-ро тасдиқ карда тавонад. Ин гуфтаро тасдиқ кунед ё инкор намоед.*

## 3.2 Украина, Белорус ва Молдова

**Маълумоти умумӣ.** Кишварҳои минтақа асосан дар ҳавзаи Днепр ва Днестр ҷойгир шудаанд; қисми дигари ҳудудҳо дар мавқеи ҷудошавии бахшҳои обии Балтик ва Баҳри Сиёҳ. Кам андар кам, сарҳадҳои ҷумҳуриҳо ба тариқи истисно ҳудудҳои мушаххаси ҷудокунӣ надошта, тариқи даштҳои паҳно сурат мегиранд. Аммо, баъзе қисматҳои минтақа дорои хусусиятҳои фарқкунандаи табии-географӣ доранд, ки вобаста ба масоҳати тӯлонӣ ва доштани якчанд минтақаҳои табиӣ: ҷангалҳои омехта, даштҳо ва бешадашт аст. Соҳили ҷанубии Қрим, ки аз шимол бо кӯҳҳо ҷудо шудаанд, табиати ба баҳри Миёназамин хос, бо иқлими субтропикӣ фарқ менамояд.

Аз ҷиҳати ҳаҷм ва сифати захираҳои табиӣ кишварҳо аз ҳамдигар фарқият доранд. Агар Украина дорои қимматтарин захираҳои сиёҳзамин бошад, пас заминҳои Белорус муқаррарӣ ва камҳосиланд. Шароиту сарватҳои табиияш барои тараққиёти соҳаҳои хоҷагӣ мусоидат мекунанд. Инчунин, Украина канданиҳои хеле бои фоиданок доранд (ангишти ҳавзаҳои Донбасс ва Лвов-Волинск, маъдани Кривой Рог, кони марганятси Никопол, олтингӯгирди табиии вилояти Лвов ва г.). Мавҷудияти ин захираҳо имконият додаанд, ки Украина ба яке аз мамлакатҳои калони истеҳсолкунандаи металлҳои сиёҳ табдил ёбад. Дар навбати худ Белорус бо ҷанагалзорҳо ва захираҳои обӣ хубтар таъмин аст. Молдова («кишвари боғӣ» чуноне, ки дар собиқ ИҶШС ном мебурданд) метавонад танҳо бо захираҳои минтақаҳои хокии иқлимӣ ифтихор намояд.

Фоҷиаи даҳшатбор барои Украина, Белорус ва Россия ин садамаи нерӯгоҳи барқӣ атомии Чернобил (соли 1986) мебошад. Радиатсия оқибатҳои фалокатбор оварда, қитъаҳои зиёди заминҳои Украина, махсусан Белорус солиёни зиёд барои зисти одамизод хавфнок гаштанд.

Пошхӯрии ИҶШС вазъияти геополитикии «намуди иморат»-и ин қисми Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил - Украина, Белорус ва Молдоваро тағйир дод ва дар ибтидои асри XXI тамоюли наздикшавии ин се кишвар бевосита ба Россия вуҷуд надорад. Бо вуҷуди он ки Украина ва Белорус кишварҳои славянӣ ҳастанд, аммо як гурӯҳи ягонаи фарҳангӣ-таърихиро ташкил намедиҳанд, гарчи 350 соли охир аз лиҳози географӣ, таърихӣ, қавмӣ ва фарҳангӣ асосан бо Россияи Марказӣ пайвастагии зич доштанд. Бо таъсиси як минтақаи ягонаи иқтисодӣ бо иштироки ин кишварҳо, Россия метавонад назоратчии муқтадири тамоми равандҳои сиёсӣ ва иқтисодии ҷаҳонӣ шавад.

## Украина

Масоҳаташ 603,7 ҳазор км². Аҳолӣ 49,1 млн. нафар. Пойтахташ шаҳри Киев. Украина кишвари насронии назди баҳри Сиёҳ, шарқӣ-славяниест, ки аз нигоҳи фарҳангӣ-таърихӣ, қавмӣ ва иқтисодӣ бо Россия риштаи чандинасра пайвастагии зич дошта, Россияро бо кишварҳои Аврупои Ғарбӣ ва Шарқи Наздик мепайвандад.

Украина дар қисми ҷанубу ғарбии Россия ҷойгир буда, яке аз мамлакатҳои тараққикардаи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ба шумор рафта, баъд аз Россия — «порчаи» калони собиқ ИҶШС аст ва аз назари иқтидори иқтисодӣ, ҳарбӣ ва нуфузи аҳолӣ аз дигар ҷумҳуриҳои нав таъсисшуда хеле пеш аст. Аз ҷиҳати шумораи аҳолӣ (қариб 50 миллион), ҳаҷми истеҳсолоти саноатӣ ва кишоварзӣ дар байни кишварҳои собиқ ИҶШС ҷойи дуюмро ишғол менамояд. Украиниҳо қавми славянӣ буда, мазҳаби православиро ҳанӯз аз замони таъмиди (крещение) Киеви Рус ба мерос гирифтаанд. Аммо, бо мурури замон таҳти фишори ҳукумати Лаҳистон, бо мутттаҳидшавии калисоҳои украинӣ ва белорусӣ аз як ҷониб ва калисои католикӣ аз дигар ҷониб, қисми ибодатхонаҳо (махсусан қисми ғарбии Украина ва Белорус) таҳти тобеияти Папаи Рим қарор мегиранд. Аз ин ҷо калисои муттаҳид ном бурда мешавад. Дар байни мутаҳидшудагон юнонӣ-католикҳо, арманиҳо-католикҳо, халдейҳо фарқият мекунанд. Украинҳо 3/4 ҳиссаи аҳолии ҷумҳуриро ташкил мекунанд. Тақрибан 1/5 аҳолиро русҳо ташкил медиҳанд, ки зиёдтар дар Қрим, Донбас, вилояти Харков ва сарҳади Россия маскун шудаанд. Ғайр аз русҳо дар Украина яҳудиҳо, лаҳистониҳо, булғорҳо ва дигар миллатҳо зиндагӣ менамоянд.

Украина ҳанӯз то давраи инқилоб яке аз минтақҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ пешрафтаи Россия маҳсуб меёфт. Саноати Украина бо сохтори худ бо хусусиятҳои хос фарқ мекунад, ки онҳоро аз рӯи нишондодҳои иқтисодию иҷтимоӣ ба якчанд ноҳияҳо ҷудо кардан мумкин аст. Мавқеи аз ҳама осебпазири иқтисодиёт – ин камбудии захираҳои нафту газ аст. Маҷмӯи агросаноатии Украина, дар истеҳсоли маҳсулоти умумии дохилии мамлакат яке аз ҷойҳои муҳимро ишғол мекунад. Кишоварзӣ асосан бо парвариши ғалладона, лаблабуи қанд, офтобпараст, зағири нахдиҳанда ва чорводорӣ махсус гардонида шудааст.

Тарҳи географӣ Украина таъсирбахш буда, қисмати асосии масоҳати ҷумҳурӣ аз заминҳои ҳамвори фосилаи баландиашон то 300 м иборат аст. Масоҳати калонро пастхамиҳои — Полессия, Наздиднепр, Наздибаҳри сиёҳ ва баландиҳои — Наздиозод, Волинск, Подолск, Кряжи Донетск ишғол менамоянд. Дар қисмати зиёди кишвар фарқиятҳои ҷиддии табиӣ вуҷуд надоранд; даштҳои беохир бо якрангии худ фарқ мекунанд. Кӯҳҳои Карпат ва Қрим ҳамагӣ 5% тамоми масоҳати мамлакатро ташкил медиҳанд.

Барои ин ҷумҳури хусусиятҳои хуби табиӣ хос аст. Ҳарорати ҷамъулҷамъ дар минтақаи даштӣ — 2880 — 3200°, давраи тӯлонии ҳавои мӯътадил барои нашъунамои ҷуворимакка, лабалабуи қанд, ангур ва тамоку мусоидат менамояд. Барои рушди кишоварзӣ боришоти (то 800 мм дар Пасикарпат то 450 мм дар қисмати шимолии минтақаи даштҳо) низ мусоид мебошад. Боигарии асосии Украина беҳтарин дар ИДМ сиёҳзаминҳо, махсусан соҳили рости кишвар ( вилоятҳои Винница, Тернопол Хмелнитский ва дигарон) аст. Аз сабаби камии намнокии кам қисмати заминҳои соҳили чап ҳосилхезиашон паст аст. Аз ҳама заминҳои камҳосил қисми ҷанубии даштҳо мебошад.

Ихтилофҳои сиёсии Украина, ки дар давраи интихоботи президентии соли 2004 шиддат гирифтанд, хеле пеш аз афзалиятҳои геополитики имрӯза оғоз ёфтанд. Гап дар он аст, ки тараққиёти қавмии украинҳо аз як тараф пайвастагӣ бо самти лаҳистонӣ-литвагӣ ва австриягӣ-маҷорӣ аз як тараф ва пайвастагӣ ба самти Россия аз дигар тараф вобастагӣ дорад. Вобаста аз зичии аҳолии рус дар қисмати соҳили чап ва ташаккули моделҳои гуногуншакли рушди иқтисодӣ дар ғарбу шарқи мамлакат, барои пайдоиши ихтилофҳои сиёсӣ замина муҳайё намуданд. Шарқи

Украина соҳаи саноатии худро дар такя ба саноати вазнин (металлургия, кимиё, саноати вазнин) нигоҳ доштааст ва манбаи асосии даромади асъори миллӣ маҳз дар ҳамин ҷой аст. То кадом андоза чунин сохти иқтисодӣ замонавӣ мебошад баҳсталаб аст, аммо айни ҳол, ҳамин сохтор мантиқа барои рушди мамлакат зарур аст. Маҳз таъсиси чунин мухталит (конгломерат)-и бузурги молӣ-саноатӣ дар заминаи соҳибкории ватанӣ, ки маблағ дар дохили кишвар боқӣ мемонад ва муносибатҳои махсус бо Россия ҳамчун интиқолдиҳандаи асосии энергия – рақиби металлургияи украинӣ, рӯварӣ ба бозори дохилии ИДМ ва кишварҳои дигар (махсусан дар соҳаи мошинсозӣ) самти рушдро муайян менамоянд. Намунаи пешравии иқтисодӣ аслан ба Украинаи Ғарбӣ ва Марказӣ хос аст.

Аз як тараф ин рӯ овардан ба бозори дохилӣ, аз ҷониби дигар интегратсияи занҷираҳои технологии таъсиси ширкатҳои байналмилалӣ, содирот бо мамлакатҳои аъзои Иттиҳоди Аврупост. Ин ҳамон роҳест, ки дар вақташ Аврупои Шарқӣ тай намудааст.

Дар такя ба таҷрибаи ҳосилнамудаи кишварҳои гуногуни олам вобаста ба рушди иқтисодиашон, метавон бобати ҳамкориҳои судманди минтақаҳои гуногуни мамлакат, ки самтҳои гуногуни тараққиёти хоҷагидориро интихоб кардаанд мисол овард. Дар айни ҳол, мухолифатҳо, нофаҳмиҳо оид ба пешбурди фаъолияти ширкатҳои байналмилалӣ, манфиатҳои геополитикӣ, тақсимоти маблағҳо байни минтақаҳои кишвар барои пиёда намудани сиёсати дастгирии якдигарӣ монеа эҷод менамояд.

Муносибатҳои ду кишвари славянӣ (бо назардошти ҳайти гуногунмиллати Россия) якранг нест. Федератсияи Россия аз ҷиҳати нишондодҳои макроиқтисодӣ, аз ҷумла бо рушди иқтисод, самаранокии меҳнат дар саноат аз Украина пешсафтар аст. Шинохта шудани Россия ҳамчун меросхӯри Иттиҳоди Шӯравӣ, қабул шудан ба Шӯрои амнияти СММ, нигоҳ доштани яроқи ҳастаӣ, назорати тамоми шабакаи муносибатҳои дипломатии собиқ Шӯравӣ рақобати Россия ва Украинаро тезу тунд намуд.

Наздикшавии иқтисодии ин ду кишварро солҳои авали истиқлолияташон масъалҳои вобаста ба яроқи ҳастаӣ, Қрим ва Севастопол, флоти баҳри Сиёҳ ба таъхир андохт.

Россия ҳамчун меросхӯри ИҶШС барои мустаҳкам намудани мавқеи худ ҳамчун ягона кишвари яроқи ҳастаӣ дошта, кӯшиши зиёд ба харҷ дод. Ин хилофи манфиатҳои Украина буд, ки мехост аз лиҳози сиёсӣ, иқтисодӣ ва ҳарбӣ суде ба амал орад. Танҳо дар соли 1994 амалан «денуклеаризатсия»-и Украина вобаста ба вазъи хеле ногувори иқтисодиаш бо кӯмаки ИМА умед ба кишвар аз доштани яроқи ҳастаӣ даст кашид.

Бисёр муносибатҳои геоиқтисодии Украина ва Россия дар атрофи ашёи нафтӣ сурат мегирад. Россия на танҳо хостгори фаъолият дар бозори нафтии ин кишвар аст, балки рағбат ба интиқоли бемайлони нафтӣ бо воситаи Украина ба дигар кишварҳоро (Маҷористон, Словакия ва Чехия, инчунин масъалаи ҳаққи пардохти интиқоли нафт тавассути қубури нафтгузари «Дӯстӣ») доранд. Украина зидди шахсикунонии заводҳои коркарди нафтии худ аз ҷониби Россия аст. Проблемаи дигар дар муносибатҳои ин ду кишвар ин масъалаи бо сӯзишвории ҳастаӣ таъмин намудани нерӯгоҳҳои атомии Украина мебошад. Украина хоҳони кам намудани маблағи сӯзишворӣ буда, ҳамзамон бо ширкати америкоии «Вестингауз» гуфтушунид мебарад. Москва вобаста ба ин як навъ «таҳдид ва ё найранги ҳастаӣ»-ро мебинад, чунки сӯзишвории истифодашуда боз барои коркард ба Россия оварда мешавад.

Такдири минбаъдаи Қрым ва Севастопол дар муносибатҳои Россия ва Украина проблемаи геополитикиро ба миён овардааст (новобаста аз қабули принисипи пойдории ҳудудҳои дохилии собиқ сарҳадҳои Итиҳоди Шӯравӣ аз

ҷониби Россия ва ба ҳайати Украина ворид гаштани Қрим). Азбаски қисми зиёди аҳолии Қрим худро рус меҳисобанд, ин проблема то хеле вақт боқӣ мемонад.

Гарчанде масъалаи Қрим каму беш ҳалшуда ҳисоб ёбад ( бо Қарори Президиуми Шӯрои Олии ИҶШС соли 1954 Қрим аз ҳайати Россия ба ҳайати Украина дода шуд), пас масъалаи тақдири минбаъдаи базаи ҳарбӣ-баҳрии Севастопол ҳал нашудааст. Қисми зиёди мардуми Россия хоҳони додани мақоми минтақаи Россия ба Қрим ҳастанд.

**Белоруссия**

Масоҳаташ 207,6 ҳазор км$^2$. Аҳолиаш 10,1 млн. нафар. Пойтахташ шаҳри Минск. Таърихи тараққиёти яке аз се қавми славянии собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ бо халқи Украина тавъманданд. Аввалан, масоҳати Белорус аз масоҳати Украина хеле камтар мебошад ва дуввум заминҳои Белорус монанди заминҳои Украина он қадар ҳосилхез нест, захираҳои ками минералӣ дорад, дар даврони Шӯравӣ ҳамчун ҷумҳурӣ он қадар нақши муҳими иқтисодӣ надошт.

Белоруссия — дар қаламрави ИДМ ягона кишварест, ки пурра дар минтақаи бешазор ҷойгир шудааст. Сатҳи болоии замини он аз даштҳои теппадор иборат аст. Мухолифи ин тазоди табиат фазои васеи Полесия аст, ки дар пастхамии ҳамвори ботлоқзор ҷойгир гаштааст. Чи тавре қайд намудем, Белоруссия аз захираҳои минералӣ бой нест, ба истиснои конҳои калони намаки калий ва намаки ошӣ. Белоруссия мамлакати саноатию кишоварзӣ буда, дар сохтори иқтисодӣ саноат аз хоҷагии қишлоқ бартарӣ дорад. Маҷмӯи агросаноатии мамлакат асосан ба парвариши ғаллладона, картошка, сабзавот ва дар истеҳсоли ширу гӯшт ихтисос пайдо кардааст. Соҳаи асосии саноат мошинсозӣ мебошад (Минск, Могилев, Гомел ва ғ.).

Ғайр аз белорусҳо дар ҷумҳурӣ инчунин русҳо, украинҳо, полякҳо ва яҳудиҳо зиндагонӣ менамоянд. Зичии ҷойгиршавии яҳудиҳо вобаста аз ҳамсоягӣ бо Полша аст, ки дар асри XVIII дар ҷаҳон яке аз марказҳои калони сокиншавии яҳудиён ба шумор мерафт. Таксимотҳои Полша ва пайвастани Полшаи бо Россия барои омезиши (диффузия) яҳудиҳо мусоидат намуд. Дар соли 1791 Екатеринаи II «Дар бораи тарҳи муқимӣ гаштан» амре баровард, ки ҳудуди зиндагии яҳудиёнро дар Лаҳистон, Литва, Белоруссия ва қисми вилоятҳои Украина маҳдуд намуд. Баъдан ин маҳдудият бо мурури замон аз байн рафт, вале бисёр ҷойхои маскуншудаи яҳудиён дар давраи Шӯравӣ низ боқӣ монданд. Аз ҳама имтиҳони сангин барои яҳудиён ин ҷанги Дуюми ҷаҳонӣ буд, ки аз ҷониби фашистон қатли ом шуданд.

Хусусиятҳои ҷуғрофии Белоруссия чунинанд:

- ҷумҳурӣ назар ба Россия ва ИДМ мавқеи ғарбтарро дар арзи мӯътадил наздик будан ба «нафаси» гарми Атлантика ва кишварҳои Ғарб ишғол намуда аст (мавқеи махсуси геополитикӣ дорад), дар бахшгоҳи ҷудошавии баҳрҳои Балтика ва Сиёҳ ҷойгир шудааст;
- белорусҳо — аз лиҳози таърихӣ,сиёсӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва этникӣ бо Россия пайвстагии зич доранд;
- мамлакат иқтидори хоксоронаи ашёи минералӣ дошта, саноати мошинсозӣ ва саноати кимиёвӣ бартарӣ доранд.
- Муносибатҳои иқтисодӣ бо Россия то вақттои охир назар бо Украина мӯътадил сурат мегирифт. Минск дар майдони манфиатҳои геополитики Россия ҷойгир шудааст. Реинтегратсияи Россия ва Белоруссии вобастагӣ на танҳо аз лиҳози омилҳои геополитикӣ, балкиаз бартариятҳои иқтисодии рушди якҷоя низ дорад. Новобаста аз бӯҳрони шадиди иқтисодӣ, ки Белоруссия баъди истиқлолияти худ аз сар гузаронид, ӯ тавонист иқтидори иқтисодӣ ва сатҳи некӯаҳволии зиндагии халқи

худро нигоҳ дорад. Барои ин аз методҳои кӯҳнаи иқтисоди маъмурӣ-банақшагирӣ истфода бурд.

## Молдова

Масоҳаташ 33,7 ҳазор км$^2$. Аҳолиаш 4,5 млн. нафар. Пойтахташ Ҷумҳурии Кишинев. Молдоваи насронӣ кишвари фарҳангӣ-таърихӣ аст. Онҳо, чи тавре ки маълум аст, ба гурӯҳи забонҳои романӣ тааалуқ дошта, аз ҷиати этникӣ ба руминҳо қаробат доранд. Ҳамчунин, таъсири славянии чандинасраро низ аз сар гузаронидаанд. Гуфтан мумкин аст, ки Молдова ин давоми ҷаҳони славянии Балкан аст. Қисмати асосии мамлакат дар ҳудуди минтақаи Бессарабия — вилояти таърихии байни Прут, Днестр ва баҳри Сиёҳ ҷойгир гаштааст (қисми ҷанубии Бессарабия ба ҳайати Украина дохил мешавад). Боигарии кишвар ин замини ҳосилхез ва иқлими мусоидаш мебошад. Ин боис гашт, ки дар даврони Шӯравӣ барои бунёди комплекси пурқуввати агросаноатӣ замина гузошта, истеҳсоли меваю сабзавот, ангур, ғалладона, офтобпараст, лаблабу, тамоку, анҷибар, гулпарварӣ хуб ба роҳ монда шуда буд. Қисмати таркибии ин комплекс саноати хӯроквcovӣ (шароббарорӣ, консерваҳои мевагӣ, парвариш ва истеҳсоли тамоку шаробкашӣ ва ғ.) инчунин корхонаҳои истеҳсолии техникаи хоҷагии қиишлоқ мебошад. Ноҳияи асосии ангурпарварӣ ва боғдорӣ ин қисмати марказии сертеппаи кишвар — *Кодри* (баъзан онро барои зебогияяш «Швейтсарияи бессарабҳо» низ ном мебаранд) аст.

Ҳайати милли (этникӣ)-и Молдоваро гагаузҳо (дар ҷануби кишвар), русҳо ва украинҳо (асосан дар Приднестровия маскун шудаанд), яҳудиҳо ва лӯлиҳо ташкил медиҳанд.

Тақсимоти ҳудудӣ (дезинтеграция) дар ИҶШС ба тезутундшавии вазъияти сиёсӣ дар заминаи этникӣ оварда расонд, хусусан худэълокунии Ҷумҳурии Приднестровия.

Бе далелбиёрӣ бо боварии том гуфтан мумкин аст, ки Молдова яке аз ҷумҳуриҳои аз ҳама зиёдтар ҷабрдида баъди пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ мебошад. Дар давраи истиқлолият маҷмӯи маҳсулоти дохилии аҳолӣ се маротиба кам шуда, ҷангалҳо бераҳмона бурида ва нест карда мешаванд. Анқариб 750 ҳазор нафар шахсони қобили меҳнат аз кишвар рафтанд.

Баъди ба даст овардани истиқлолият, Молдова ба ҳайси забони давлатӣ, танҳо забони руминиро монда, майл ба ҳамсояи этникии худ намуд. Аммо, кӯшишҳои боисрори тарафдорони «пан-Руминия», 150 ҳазор гагаузҳоро водор намуд, ки зуд Ҷумҳурии худмухтори Гагаузияро таъсис диҳанд. Пайдоиши Транснистрия (бо иқтидори бузурги индустрия) ва Гагаузия бархурди элитаи хурди сиёсиро бо мардум зиёд намуд.

Аниқ аст, ки муносибатҳои Федератсияи Россия бо Молдова аз он вобаста аст, ки чи тавр масъалаи Приденствровия ҳал мешавад. Барои Ғарб Молдоваи ягона ва гапдаро, бе «қисми зиёдатӣ»-и монанди Приднестровияи русӣ лозим аст, то дар оянда як қисми таркибии қаноти ҷанубии НАТО гардад. Барои Россия Молдоваи соҳибистиқлол лозим аст, то манфиатҳои русзабонҳо, ки шумораашон зиёд аст, ҳамаҷониба ҳифз карда шавад.

**Савол ва супоришҳои санҷишӣ**

*1. Байни Украина, Белорусия ва Молдавия доир ба ҳаҷм ва сифати иқтидори захираҳои табиӣ чи гунна тафовут дида мешавад?*

*2. Сабабҳои таърихии ихтилофи имрӯза сиёси-электрореалии Украина дар чист?*

*3. Дар кадом вилоятҳои украина аҳолии русзабон шумораи зиёдро ташкил медиҳанд?*

*4. Барои кадом марзҳои Украина иборaҳои таърихӣ-географӣ аз қабили Россияи хурд, Россияи Нав, Подоле, Валин, Галитсия, Буковина, истифода мебаранд?*

*5. Барои чи Украина, Белоруссия ва Малдавия (ва ё Бебизотии канданиҳои фоиданок байни Украина ва Буллорусия ҷуброн карда мешавад) «анбӯҳи» ягонаи фарангӣ-таърихиро ташкил намедиҳанд?*

*6. Барои Беллорусия кадом соҳаи хоҷагӣ тахассус мансуб меёбад?*

*7. Ихтилофи, геополитики «зерипардаги»-и Наздиднепрра дар чист?*

## 3.3 Мамлакатҳои Пасикавказ

**Маълумоти умумӣ.** Ба мамлакатҳои пасикавказ дохил мешаванд Гурузия, Арманистон ва Озорбойҷон, ки дар роҳи Осиё ва Аврупои Шарқӣ ҷойгир буда давлатҳои дорои таърихи хеле қадим ҳастанд. Маълум аст, ки алифбои арманиҳо ва гурҷиҳо анқариб 1000 сол пештар аз хати кириллӣ, пайдо гаштааст; дини христианӣ низ 600 сол муқаддам дар ин давлатҳо паҳн гашта, нуфузи худро васеъ намудааст. На танҳо арманиҳо ва гурузинҳо, балки озорбойҷониҳо низ давлати худро доштанд. Дар асрҳои III-I дар Кавказ давлатҳои Арманӣ, Иберӣ ва Албанӣ арзи вуҷуд намуданд. Ҳамроҳшавии Кавказ бо Россия дар охири асри XVIII-аввали асри XIX ба вуқӯъ пайваст, зимнан ихтиёрӣ сурат гирифта буд.

Сарзамин (минтақа) қариб пурра ҷанубтар аз арзи 43° арзи шимолӣ ҷойгир гашатааст. Релйефи кӯҳӣ ба ҳама ҷузъҳои табиати маҳал: иқлим, реҷаи дарёҳо ва пӯшиши хоку набoтот таъсири бевосита мерасонад. Кӯҳҳо минтақаи варзии (амӯди) ландшафтро муайян менамоянд. Қаторкӯҳҳои на он қадар баланди Лих ҳамчун танзимкунандаи асосии иқлими намноки байни Атлантика ва Баҳри Миёназамин (Гурузия) аз як тараф, аз ҷониби дигар иқлими хушки қисми дохилии Авруосиё дар шарқ (Озорбойҷон) мебошад. Аз ин рӯ, таъсири баръалои он ба хусусиятҳои кишоварзӣ ҳис карда мешавад.

Аз ҷумлаи канданиҳои фоиданок – нафт ва газ дар нимҷазираи Апшерон ва баҳри Каспий, мису маъданҳои молибден ва полиметалл дар Кавкази Хурд (Арманистон), марганетс (Гурузия) ва дигарҳо. Обҳои шифобахши маъдании Бар-жомӣ, Схалтубо (Гурузия), Арзни, Ҷермук (Арманистон), Истису (Озорбойҷон) хеле маъмуланд. Аз ҳама аҳамияти калонро нафти Озорбойҷон соҳиб аст, ки аз давраҳои хеле қадим кашф гаштааст. Аз нимаи дуюми асри XIX истихроҷи нафт хусусияти саноатиро доро гашта аз аввали садаи XX сарзамин ба яке аз бузургтарин истеҳсолкунандагони нафти ҷаҳонӣ гашт (зиёда аз 11 млн. тонна – болотар аз 1/5 ҳиссаи истихроҷи нафт дар ҷаҳон). Сармояи хориҷӣ васеъ ҷалб карда мешуд, аз ҷумла англисҳо, шведҳо, французҳо ва немисҳо сармоягузорони асосӣ ба шумор мерафтанд. Аз Боку то Каспий ва баъдан тавассути дарёи Волга ба дохили Россия корвони керосин, мазут интиқол дода мешуд, сонитар бо воситаи бандари Батуми содироти ашёи нафтӣ оғоз ёфт. Айни замон, маркази истихроҷи нафт ба тунукобаи Каспий ҳаракат намуда, лоиҳаҳои нави интиқол нафту газ ба Ғарб рӯи кор омада истодаанд.

Дар давраи Ҳокимияти Шӯравӣ ҷумҳуриҳои Кавказ пура индустрия кунонидашуда, дар соҳаҳои мухталифи иқтисодиёти миллӣ ба натиҷаҳои назаррас ноил гаштанд. Шинохти иқтисодии онҳо имрӯз дар иртибот ба истихроҷи нафт ва маҳсулоти нафтӣ (Озорбойҷон), металли ранга (Арманистону Озобойҷон), марганетс (Гурузия), истеҳсоли маҳсулоти набототи субтропикӣ – лимӯ, мандарин, апелсин, чой, равғани тунг, барги ғор (Гурузия ва Озорбойҷон), соҳаи пахтакорӣ (Озорбойҷон) ва дигар маснуот ба амал меояд. Бо пошхӯрии ИҶШС муносибатҳои иқтисодию истеҳсолӣ ва хоҷагии ягонаи мақсадноки пештараи сарзамин барҳам хӯрд. Ҷанги шашсолаи Арманистону Озорбойҷон (1988 — 1993) вобаста ба қазияи Қарабоғи Кӯҳӣ бе таъсир намонда, тамоми муносибатҳоро байни ин ду давлатро вайрон намуд. Дар ин ҷанг даҳҳо ҳазор ҷони худро аз даст дода, ҳазорҳо захмӣ

гашта, зиёда аз 1 миллион одамон манзилҳои худро тарк намуда, гуреза гаштанд. Иқтисодиёти ҳар ду ҷониб фалаҷ гашт. Гурузия дар навбати худ ба проблемаи сиёсати вазнини этникии миллӣ дар Абхазия ва Осетии Ҷанубӣ мувоҷеҳ гашт. Ҳамзамон, манфиатҳои иқтисодии ҷумҳуриҳои Кавказ ягонаанд, ҷумҳуриҳо аз ҷиҳати геополитикӣ майл ҷониби якдигар дошта, барои раҳоӣ ёфтан аз ихтилофҳои дар натиҷаи пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ ба амал омада табақаҳои иҷтимоӣ танҳо хоҳони сулҳу суббот дар минтақаанд.

Яке аз масъалаҳои басо ташвишовар барои ИДМ ин вусъат ёфтани равандҳои сиёсӣ ва иқтисодӣ аз ҷониби Иёлоти Муттаҳидаи Амрико дар минтақаи Кавказ ва баҳри Каспий ва бо ҳузури нерӯҳои ҳарбии худ дар Гурузия гаштааст.

Барои каме ҳам дар Қафқоз рӯпуш намудани ғасби худ ва кам намудани масрафи маблағҳо, ИМА фаъолона қувваҳои Алянси Шимолиро истифода мебарад. Гурҷистон, Озорбойҷон ва Арманистон дар ҳамбастагӣ бо ҳудуд, фазои ҳавоӣ ва соҳилҳои Испания, Италия, Юнон, Туркия, Маҷористон, қитъаҳои наздисоҳилии баҳрҳои Миёназамин, Сиёҳ ва Азов расман ба минтақаи масъулияти фармондиҳии минтақавии Қувваҳои муштараки муссалаҳи НАТО «Ҷануб» шомил ҳастанд. Соли 2005 дар штаб-квартираи НАТО дар шаҳри Брюссел қарордод оид ба интиқоли қувваҳои ҳарбии Алянси Шимолӣ тавассути сарҳади Гурузия ба тасвиб расид, ки ин ҳузури амрикоро дар ин ҷумҳурӣ расман қонунӣ намуд.

## Ҷумҳурии Гурузия

Масоҳат – 69,7 ҳазор $км^2$. Аҳоли 6,1 млн. Гурузинҳо (худро гурҷиҳо картвели ном мебаранд) ҳамчун миллат аз картлийҳо, кахетиҳо, хевсурҳо, гурийҳо, мегрелҳо, лазҳо, савнҳо ва дигар гурӯҳҳои этникӣ ташаккул ёфтаанд. Ғайр аз забони картлигӣ ҳамчунин, се забони дигари муштарак ба амсоли мигрелӣ, сванӣ ва лазӣ арзи ҳастӣ доранд. Аз як тараф ин се гурӯҳҳои этникӣ худро гурузин меҳисобанд, аз ҷониби дигар вобастагии мухолифати таърихии хусусияти этникии онҳо ба ин таъсири манфӣ мерасонад. Чунончӣ–мингрелҳо таҳти тассаруфи ҳукумати Византия ва Туркия зистаанд, картлийҳо бошанд таҳти тассаруфи форсҳо. Ин ба вусъат ёфтани тамоюл ва муҳити сепаратизми маҳаллӣ мусоидат мекунад, ки барои мардуми шарқиии Гурузия ғолиб омадан бар он басо душвор аст. Агарчӣ, лазҳо баъди соли 1921 қисман дар Туркия маскун шуданд, шумораи сванҳо тақрибан 40 ҳазорро дар бар мегирад, пас ҳар панҷум шахс худро мингрел меҳисобад. Пойтахти маъмулии князҳои мингрел шаҳри Зугдиди ҳисоб меёбад ва бе ҷалби мингрелҳо ба механизми роҳбарии сиёсӣ, суботи кишвар номумкин аст.

Таърихан Гурузияи масеҳӣ (оҷарҳо ва лазҳо пайравони дини ислом ҳастанд) ду мақсади асосӣ дошт: ин якҷо намудани минтақаҳо (Картли, Кахети, Имерети, Твалади, Тушети ва ғ.) ва ғасб нашудан аз ҷониби Туркия ва Эрони исломӣ. Дар асрҳои XVI —XIX бинобар якҷо шудан бо Россия ин проблемаҳо ҳалли худро ёфтанд. Аммо, дар асри XX ва ибтидои асри XXI ин проблемаҳо аз сари нав рӯ заданд. Чи тавре, ки 400 сол пеш, баъдан 200 сол пеш Гурузия натавонист якбора ҳам давлати ягона ва ҳам давлати мустақил буда, якпорчагии худро нигоҳ дорад. Россия ҳамчун узви фаъоли ҷомеаи ҷаҳонӣ бо пардохти нафақа ва маош ба аҳолии Осетия Ҷвнубӣ ва додани шаҳрвандии Россия ба аҳолии Абхазистон расман наметавонист, ки истиқлолияти Гурузияро дар тамоми қаламраваш эътироф нанамояд, ҳамчунон натавонист нисбати қисмати мардуме, ки мехоҳанд бо Россия бошанд бе таваҷҷӯҳ бошад.

Нигоҳи Россия ба Гурузия доим ҳамчун ба кишвари наздибаҳрии дорои захираҳои бойи табиатӣ нигаронида шудааст. Ва ин то ҷое ҳақиқат дорад:

субтропикӣ намнок назди соҳили баҳри Сиёҳ (масоҳати заминҳои музофоти Ленкоран, дар Озорбойҷон барои парвариши меваҳо, растаниҳои субтропикӣ ва рушди соҳаи агросаноатӣ иқтидори камтар доранд); водиҳои ҳосилхез барои кишт мувофиқи қисмати марказӣ ва шарқии кишвар; чарогоҳҳои фаровон дар фарози нишебкӯҳҳои Кавказ; захираҳои обӣ, энергетикӣ ва канданиҳои фоиданок; садҳо чашмаҳои шифобахш барои рушди минбаъдаи иқтисодӣ ва иҷтимоии Гурузия заминаи хуб дорад.

Дар ҳайати Иттиҳоди Шӯравӣ Гурузия бо доштани комплекси муттамаказонидашудаи хоҷагӣ, ки металлургияи сиёҳи Рустави ва соҳаи мошинсозиро дар бар мегирифт, яке аз ҷумҳуриҳои пешсаф маҳсуб мeёфт. Се соҳа – кишоварзии субтропикӣ, боғпарварӣ, ангурпарварӣ ва чорводорӣ асоси хоҷагии қишлоқ ба ҳисоб мерафт. Парвариши зироатҳои бисёрсолаи субтропикӣ – чой, меваҳои ситрусии апелсин, мандарин, лимӯ, афлесун,, равғани растанӣ, барки ғор, хурмо ва шароббарорӣ ва ғ. Гурузияро ба яке аз ҷумҳуриҳои шӯхратёри Шӯравӣ табдил дода буд.

Аммо, қисми зиёди Гурузияро гарданаи кӯҳҳои Кавкази бурида мегузарад (маҷрои миёнаи дарёи Кура, шохоби води Алазан дар Кахетия, шохаи кӯҳҳои Кавкази Бузург дар шимоли кишвар ва Кавкази Хурд дар ҷануб), ки дар он ҷой аллакай иқлими хуб ва замини ҳосилхез дида намешавад.

Аз ҳама ҷанбаи муҳим, Гурузия имрӯз норасоии маводи сӯхт, аз ҷумла нафт ва газро эҳсос менамояд. Маҳсулотҳои гурҷӣ лимон, шароб, чой имрӯз аз рӯи сифат дар бозори ҷаҳонӣ бо маҳсулотҳои дигар кишварҳо рақобат карда наметавонанд.

Бо назардошти аҳамияти таърихии гузаштаи Гурузия дар адабиётҳои махсус ду роҳи рушди минбаъдаи ин кишвари соҳибистиқлол вобаста ба ҷойгиршавии геополитикӣ муҳокима карда мешаванд. Роҳи аввал ин кандани тамоми муносибатҳо аз Россия ва ба дастгирии Амрико ва кишварҳои Ғарб умед бастан. Дар ин маврид ба майдони рақобатҳо бо кишварҳои исломӣ (Эрон ва Туркия) ворид гашта, ҳамчун як ҷузви бегонаи кишварҳои исломӣ мегардад. Дуюм Гурҷистон боз ба «оғӯши» Россия (албатта бо назардошти манфиатҳои сиёсӣ ва иқтисодии ин кишвар) бармегардад.

Интихоби кадоме аз ин роҳҳо ба Гурузия рушд ва нигоҳ доштани якпорчагиро кафолат медиҳад –худи халқи гурузӣ ҳал мекунад.

Дастгирии истиқлолият ва якпорчагии Гурузия н (омили хеле мурракаби низоъҳои маҳалгароёнаи Абхазистон ва Осетияи Ҷанубӣ) ва интегратсияи истеҳсолот, интиқоли маводи сӯзишворӣ, маҳсулоти нафтӣ аз ҷониби Россия – интиқоли маҳсулоти субтропикӣ аз Гурузия ба Россия; истифодаи муштараки бандарҳо барои транзити борҳо, стратегияи якҷояи рушди осоишгоҳҳо метавонад бо роҳи ҳалли низоъи Абхазистон нуфузи геополитикии Гурузияро дар акваторияи баҳри Сиёҳ метавонад боло барад.

**Абхазистон ва Осетияи Ҷанубӣ.** Тақсимоти дохилии сиёсӣ-маъмурии Гурузияи Шӯравӣ чор шакли сохтори идоракунии федеролиро дар бар мегирифт, ки ба он шомил буданд минтақаҳои худмухтори Оҷаристон (Батуми), Абхазистон (Сухуми) ва Осетияи Ҷанубӣ (Схинвали). Баъди пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ он вилоятҳое, ки якчанд маротиба аз ҳайати Гурузия бароварда мешуданд: Абхазистон, Осетияи Ҷанубӣ, Ахалкалаки ва Ахалцихе низ дар ҳайати Гурҷистон монданд.

Моҳияти саршавии низоъи Гурузияву Абхазистон ин дар ҳал нагардидани масъалаи мақоми Абхазистон мебошад, ки дар даврони Шӯравӣ як вилояти худмухтори «фармонбардор» ҳисоб мeёфт. Ҷиҳати мухолифат намудан ба раванди соҳибистиқлол гаштани Абхазистон 13 — 14 августи соли 1992 Гвардияи миллии Гурузия кӯшиши бо роҳи зӯроварӣ ҳал намудани проблемаи Абхазистонро пеш гириф, ки он ба ҷанги этникӣ оварда расонд. Гурузия ин ҷангро бохт ва дарёи

Ингури ҳамчун хати «ҷудоӣ» барои тарафҳои мухолиф гашт. Натиҷаи ин низоъи хунин - 100 ҳазор зарардидагон ва куштагон аз ҳар ду ҷониб, фирори оммавии мардуми гурузи аз Абхазистон, тағйири сохти автаномӣ, бадбини якдигар гашт.

Дар Сухуми (Абхазистон) андешае мавҷуд аст, ки он ягон вобастагӣ бо Гурузия надоранд, ва дар рафти музокиротҳо низ барои дар ҳайати Гурузия мондан, ҳатто бо гирифтани мақоми махсуси худмухторӣ роҳбарияти Абхазистон розигӣ надод. Дар Тбилиси бошад ба ягон ҷудоихоҳи ва вайрон намудани якпорчагии кишвар розӣ нестанд. Дар Сарқонуни нави Абхазистон навишта шудааст, ки Ҷумҳурии Абхазистон давлати соҳибистиқлол ва узви ҷомеаи ҷаҳонӣ маҳсуб меёбад. Дар Тбилиси ин Сарқонунро ғайриқонунӣ ҳисобида даъво доранд, ки пештар дар Абхазистон то қариб 500 ҳазор нафар аҳолӣ зиндагӣ мекарданд, ки аксарияташон имрӯз гуреза шуда дар қабули қонун иштирок наварзидаанд.

Апрели соли 1994 тарафҳои мухолиф изҳорот дар бораи ҳотима гузоштани низоъ ро қабул намуда, инчунин қарордод барои бо роҳи осоишта ҳал намудани низоъ ҷиҳати ба минтақаи даргир (ноҳияҳои Галии Абхазистон ва Зугдидии Гурузия) равон намудани қувваҳои сулҳхохи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, ки аксарияташро хизматчиёни ҳарбии Россия ташкил медод имзо намуданд. Артиши Россия дар ҷумҳуриҳои худмухтори Оҷаристон ва Осетияи Ҷанубӣ низ маскан гирифта буд. Мақсади ҳузури ҳарбии Россия ҳифзи сарҳадоти худ, манфиатҳои иқтисодӣ, дифои мардуми осоишта, роҳ надодан барои воридшавии кишварҳои дигар равона карда шуда буд.

Аз назари географияи иқтисодӣ, сиёсати иқтисодӣ ва манфиатҳои геополитикӣ Россия хоҳони сулҳу суббот дар Абхазистон аст. Тибқи нуқтаи назари мавҷуда, осетинҳо ворисони скифҳо, сарматҳо ва қабилаҳои алан мебошанд. Осетинҳо худро «ирон» ном мебаранд ва ин бо номгузории сарматҳо, ки 2 ҳазор сол пеш дар даштҳои Кавкази шимолӣ мезистанд мутобиқат менамояд. Маҳсурияти географии ду қисми таркибии этникии осетинҳо маълум аст. Ҳаракати истиқлолиятхоҳии аланҳо-осетинҳо аз муғулҳо, онҳоро дар асри XIII маҷбур сохтаанд, ки ба кӯҳу дараҳо паноҳ баранд. Қисме аз онҳо силсилакӯҳҳои Кавказро гузашта, дар қисми ҷанубии он маскан гирифтанд. Баъди ҳамроҳшавии Осетияи Шимолӣ бо Россия (дар охири чоряки асри XVIII) аксари осетинҳои ҷануб боз ба водиҳо баргаштанд ва аллакай бо кавказҳо ҳамсоя гашта, бинобар ҳамдин будан тез бо ҳам унс гирифтанд.. Бинобар, хоҳиши Россия барои иштирок дар сарнавишти осетинҳо асоснок аст. Амнияти миллӣ дар минтақаи сарҳадӣ ва дифои шахсони шаҳрвандии Россия дошта ки ҳуқуқҳои онҳоро Россия таъмин менамояд, барои ин кишвар аз ҳама волотар аст.

## Ҷумҳурии Арманистон

Майдон 29,8 ҳазор $км^2$

Аҳолӣ 4,1 млн. нафар.

Пойтахт Ереван

Арманиҳо (худро «хай» ном мебаранд) — халқи дорои тамаддуни қадима буда, фарҳангу анъанаҳои бой ва тақдири фоҷиабор дорад. Таърихан ватани арманиҳо паҳнкӯҳи Арманӣ (Арарати Бузург) ҳисоб меёбад. Ҷангҳои дарозмуддат бо туркҳои усмонӣ, туркҳои салчуқӣ, тотору муғулҳо, форсҳо ба маҳви саросарӣ ва ба кишварҳои дигар муҳоҷир гаштани онҳо оварда расонд (дар ин хусус онҳо бо яҳудиён ҳамтақдиранд). Баъди маҳрум гаштан аз давлатдории худ дар асрҳои миёна, арманиҳо таҳти тассаруфи Эрон, баъдан Туркия қарор гирифтанд. Азбаски, якчанд миллион арманиҳо дар ибтидои асри XX дар ватани таърихии худ Туркия мезистанд, болои онҳо фишори зиёде оварда, якуним миллион арманиҳо аз ҷониби туркҳо қатли ом карда шуданд. Арманиҳо масеҳӣ буда, ҳамчун якумин халқе, ки масеҳиятро ҳамчун дини давлатӣ дар соли 301 қабул намуд, шуморида мешавад.

Назар ба Гурузия ва Озорбойҷон Арманистон роҳи баромад ба сӯи баҳрро надорад (бо назардошти муносибатҳои сард бо Озорбойҷон ва Туркия) ва ин робитаҳои иқтисодиро бо дигар мамолик душвор мегардонад. 90 % ҳудуди Арманистон дар баландии 1000 м. аз сатҳи баҳр ҷойгир шудааст, ки заминҳои ҳосилхези он (ба истисноӣ води Арарат) аз дигар ҷумҳуриҳои дар боло зикргардида пасттаранд. Умуман вуҷуд надоштани масолеҳи сӯзишворӣ, ба бунёди нерӯгоҳҳо (6 адад) дар дарёи Раздан, ки аз кӯли Севан маншаъ мегирад замина гузошт.

Мавқеи иқтисодии Арманистонро металлургияи ранга (асосан мис), саноати кимёвӣ (каучук, пластмасса, шина ва ғ.) ва саноати ҷудогонаи мошинсозӣ муайян менамояд. Кишоварзӣ дар шароити баландкӯҳ бе обёрӣ номумкин аст. Дар заминҳои обӣ ғалла, меваю сабзавот, тамоку истеҳсол карда мешавад. Чарогоҳҳои хуби тобистона имконияти чорводориро зиёд менамояд. Монанди Гурузия мушкилоти мумбрами Арманистон ин норасоии барқ аст.

**Ҷумҳурии Озорбойҷон**

Майдон 86,6 ҳазор км$^2$

Аҳолӣ 8,5 млн. нафар

Пойтахташ Баку

Озорбойҷониҳо халқи қадим буда ба гурӯҳӣ забонҳои туркӣ дохил мешавад ва ҳамчун халқ давраи ташаккули мурракабро аз сар гузаронида фарҳанги бойи қадима дорад. Бо вуҷуди аз ҷиҳати шумораи аҳолӣ дар Кавказ аввалин бошад ҳам, лекин аксари онҳо хориҷ аз кишвар зиндагӣ менамоянд, аз ҷумла дар Эрон (Озорбойҷони Ҷанубӣ). Озорбойҷониҳо пайрави дини мубини исломанд (баъзеашон суннимазҳаб ва баъзе шиамазҳабанд). Анъанаҳои фарҳангии озорбойҷониҳо асосан аз асри XII аз давраи файласуф ва шоири бузрг Низомии Ганҷавӣ сарчашма мегирад. Дар Озорбойҷон баръакси Гурузия ва Арманистон заминҳои корам зиёданд (пастхамии Кура-Аракс, даштҳои Кировобод-Казоқ ва ғ.) аммо, кишвар дар иқлими хушки субтпропикӣ (ба истисноӣ пастхамии Ленкоран, ки бо роҳи обёрӣ кишт мешавад) ҷойгир шудааст. Манбаи асосии даромад аз замин ин пахтакорӣ, маҳсулоти чой, лимӯ, афлесун, тунг, тамоку, ангур, мевагӣ: анҷир, анор, биҳӣ, хурмо, писта, зардолу ва ғ. ба даст оварда мешавад.

Азбаски боигарии асосии Озорбойҷон нафту газ аст, он самти истеҳсолоти саноатии ин кишварро муайян менамояд. Раванди истеҳсол металлургияи сиёҳ, саноати мошинсозӣ ва саноати кимиёвӣ (таҷҳизоти пармавӣ, истеҳсоли қубурҳо, каучук, пластмасс, қапқоҳои чархҳои резинӣ дар шаҳрҳои Боку ва Сумагаити ва дигар марказҳо) бо якдигар вобастагӣ доранд. Воридшавии инвеститсияи Россия ва дигар давлатҳо дар аввали садаи XX шаҳри Бокуро ба шаҳри гуногунмиллат табдил додан мусоидат намуд.

**Қарабоғи Кӯҳӣ:** Як нигоҳ ба харитаи сиёсӣ-маъмурии Озорбойҷон басанда аст, ки то мушкилоти геополитики Қарабоғ равшан гардад. Дар даврони Шӯравӣ Вилояти худмухтори Қарабоғи Кӯҳӣ дар ҳайати Озорбойҷон таъсис дода шуда буд, гарчанде 87 % аҳолии онро арманиҳо ташкил медоданд. Яке аз низоъҳои аввалини байни миллатҳо дар ИҶШС (1988с.) маҳз ҳамин ҷой оғоз ёфта, расмаан ин вилоят барҳам хӯрд. Дар ҳамин ҳолат, роҳбарияти Қарабоғи Кӯҳӣ, сиёсати худро бо Ереван мувофиқа намуда, 2 сентябри соли 1991 худро ҷумҳурии мустақил дар ҳудуди пештараи Вилояти Худмухтори Қарабоғи Кӯҳӣ ва ноҳияи Шаумян эълон намуд.

Ҷанги солҳои 1991 — 1992 байни Арманистон ва Озорбойҷон барои Қарабоғ хеле хунин буд. Дар рафти ҷанг артиши арманиҳо-қарабоғиҳо на танҳо тамоми ҳудуди Қарабоғро зери тассаруфи худ дароварданд, балки қисмати заминҳои Озорбойҷонро бо мақсади таъсиси «минтақаи бехатарӣ» низ забт намуданд.

Ғайр аз ин, низоъи байни Арманистону Озорбойҷон проблемаи гурезагон ва муҳоҷирони маҷбуриро ба миён овард, ки баъди пошхӯрии ИҶШС мавқеи Россия ҳамчун давлати миёнарав дар ҳалли низоъ номуайян аст. Аз ин лиҳоз, Арманистон, Озорбойҷон ва Қарабоғи Кӯҳӣ Россияро барои дахолат ба корҳои дохилиашон ва бохташон гунаҳкор менамоянд. Вале, маҳз бо миёнаравии Россия, Қирғизистон Ассамблеяи байнипорлумонии СММ 5 майи соли 1994 дар шаҳри Бишкек намояндагони Арманистон, Озорбойҷон ва Қарабоғи Кӯҳӣ қарордод дар бораи оташбасро имзо намуданд. Мутаассифона, ин қарордод таваққуфе буд барои идомаи ҷанги хунинтар, ҷангҳои иттилоотӣ, ки баъдтар ба вуқӯъ пайваст. Ақидаи Озорбойҷон чунин аст, ки Арманистон нисбат ба ҳамсояи худ таҷовузро раво дидааст ва қасди забти заминҳои вайро намудааст. Бинобар, Озорбойҷон талаби баргардондани заминҳои худро, ҳалли проблемаҳои гурезагон ва Қарабоғи Кӯҳиро ва додани кафолатро аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ талаб дорад. Арманистон аз ҷониби худ масъалаи бехатарии аҳолии армании Қарабоғро талаб намуд, ки пешниҳод намуда ҳуқуқи худмуайяннамоии аҳолии Қарабоғи Кӯҳиро дастгирӣ менамояд.

**Саволҳо санҷишӣ**

*1. Аз чиҳати табиат ва захираҳои табиӣ байни мамлакатҳи Қавқоз чи гунна тафовутҳо мавҷуданд.*

*2. Ба хотир оред, ки Қавқоз кай ва чи тавр ба Россия ҳамроҳ шудабуд?*

*3. Соҳаҳои асосии хоҷагӣ ва тахассусӣ мамлакатҳои Қавқозро номбар кунед?*

*4. Гиреҳҳои геополитики имрӯзаи «Абхазистон», Осетияи Ҷанубӣ ва Қарабогро шаҳру маънидод намоед?*

*5. Ба тври мушаххас шарҳ диҳед, ки ягонагии халқу давлатҳои Қавқоз барои рушди минбаъдаи онҳо чи зарурияте дорад?*

### 3.4 Мамлакатҳои Осиёи Марказӣ

Осиёи Марказӣ Қазоқистон, Қирғизистон, Ўзбекистон, Туркманистон ва Тоҷикистонро дарбар мегирад.

Ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ дар ҳайати ИДМ маҷмааи калони байнидавлатии хоҷагидориро ташкил медиҳанд. Онҳоро на фақат мавқеи географӣ ва шабоҳати шароити табиӣ, умумияти рушди таърихӣ ва иқтисодӣ, ҳамчунин хоҷагидории ягонаи махсусгардонидашуда як қатор соҳаҳоро муттаҳид менамояд. Инчунин масъалаҳои демографӣ, иҷтимоӣ ва экологӣ барои Осиёи Марказӣ умумӣ мебошанд.

Дар баробари ин онҳо бо рушди соҳаҳои махсусгардонидашудаи хоҷагидорӣ дар ҳар як ҷумҳурӣ, ки барои ташаккули бозори байниҷумҳуриявии меҳнат шароит фароҳам меоваранд, аз якдигар фарқ мекунанд.

Дар маҷмааи хоҷагидории сарзамини саноат нақши муҳим дорад. Дар заминаи парвариши пахта маҷмааи махсуси аграрию индустриалӣ ташаккул ёфтааст. Коркарди пахтаи хом дар корхонаҳои пахтатозакунӣ, ки дар ноҳияҳои парвариши пахта ҷойгиранд, сурат мегирад.

Дар ҳамаи пойтахтҳои ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ ва марказҳои калони саноатӣ корхонаҳои истеҳсоли матоъҳои пахтагӣ мавҷуданд. Истеҳсоли матоъҳои абрешимӣ дар саноати бофандагии сарзамин ҷои муҳимро ишғол менамояд. Корхонаҳои коркарди пилла дар Фарғона, Марғелон, Самарқанд, Ош, Душанбе, Хуҷанд, Ашқобод, Тошканд, Чорҷӯ ҷойгир шудаанд.

Нерӯгоҳҳои пуриқтидори барқи ба вуҷуд оварда шудааст. Саноати нафт асосан дар Туркманистон ва Қазоқистон тараққӣ мекунад. Ҳамчунин дар Ўзбекистон нафт истихроҷ мекунанд. Саноати газ дар Туркманистон, Ўзбекистон ва Қазоқистон

ба дараҷаи баланди рушд расидааст. Ин ҷумҳуриҳо аз рӯи ҳаҷми истихроҷи газ дар ИДМ баъд аз Русия мутаносибан ҷойҳои дуюм ва сеюм ва чорӯмро ишғол менамоянд. Гази табиӣ бо лӯлаҳо ба ФР, Қазоқистон, Қирғизистон, Тоҷикистон, Украина ва ба ҷумҳуриҳои пушти Пасикавказ интиқол дода мешавад. Дар байни захираҳои сӯзишвории газ дар Осиёи Марказӣ дар ҷои аввал қарор дорад. Нерӯҳгоҳҳои пуриқтидори барқи ба вуҷудоварда шудааст.

Дар сарзамин нерӯгоҳҳои калони ҳарорати ва барқи обӣ сохта шудаанд. Сохтмони НБО якҷоя бо маҷмааи иншооти обёрию хоҷагидорӣ амалӣ карда мешавад.

Металлургияи ранга (истихроҷи мис, қурғошим, синк, алюминий ва сурма) соҳаи махсусгардонидашудаи минтақа ба шумор меравад. Саноати химия соҳаи кишоварзиро бо нуриҳои минералӣ ва воситаҳои муҳофизати рустанӣ таъмин менамояд.

Осиёи Марказӣ ба маркази мошинсозии мутараққӣ табдил ёфтааст. Истеҳсоли техникаи кишоварзӣ, мошинҳо барои обёрӣ, дастгоҳҳо барои саноати бофандагӣ соҳаҳои пешрафтаи он ба шумор мераванд. Навъи асосии кишоварзӣ зироаткории обӣ мебошад. Пахтазор қариб нисфи заминҳои обёришудаи водиҳоро ташкил медиҳад. Осиёи Марказӣ 90 дарсади пахтаи ИДМ-ро истеҳсол менамояд.

Зироаткорӣ якҷоя бо чорводории биёбонӣ ва кӯҳию чарогоҳӣ рушд меёбад. Дар чарогоҳҳои биёбонӣ гӯсфанди қарокӯлӣ ва шутур, дар чарогоҳҳои кӯҳӣ ҳайвоноти калони шохдор, гӯсфандони маҳинпашм ва гӯштию равғанӣ парвариш карда мешаванд. Дар водиҳо пиллапарварӣ рушд кардааст.

Дар сарзамин миқдори зиёди борҳоро нақлиёти роҳи оҳан мекашонад. Нақлиёти обӣ дар Сирдарё ва Амударё аҳамияти маҳаллӣ дорад. Дар байни шаҳрҳои Туркманбошӣ ва Боку ба воситаи баҳри Каспӣ гузаргоҳи паром фаъол аст. Нақлиёти автомобилӣ асосан барои кашонидани борҳои дохилӣ истифода карда мешавад. Шабакаҳои лӯлахатҳо ҳам сохта шудаанд.

Нақлиёти ҳавоӣ алоқаи ҷумҳуриҳои Осиёи Марказиро бо пойтахтҳо ва шаҳрҳои калонтарини ИДМ таъмин менамояд. Авиатсияи гражданӣ барои хидматрасонӣ дар ноҳияҳои баландкӯҳ истифода мешавад.

## Ҷумҳурии Қазоқистон

Масоҳат – 2717,3 ҳазор километри мураббаъ.

Аҳолӣ – 17,3 миллион нафар.

Пойтахт – Остона.

**Тавсифи умумӣ.** Қазоқистон аз рӯи ҳудуд дар ИДМ баъд аз Русия ҷои дуюм ва дар ҷаҳон ҷои нӯҳумро ишғол менамояд. Сарҳадҳои ҷумҳурӣ аз баҳри Каспӣ дар ғарб то Олтой дар шарқ 3 ҳазор километри, аз шимол ба ҷануб – аз сарҳад бо Русия то ҷумҳуриҳои Осиёи Миёна (ба истисноги Тоҷикистон) зиёда аз 1,8 ҳазор километрро ташкил медиҳад. Дар шарқ Қазоқистон бо Хитой ҳамсарҳад аст. Тӯли умумии сарҳадҳои Қазоқистон 12187 километр мебошад. Дар паҳноҳои Қазоқистон якбора ҳафт давлати калонтарини Европа – Фаронса, Испания, Шветсия, Германия, Финляндия, Италия ва Британияи Кабир метавонанд ҷо бигиранд.

Мавқеи дохиликитъавии Қазоқистон, дурӣ аз роҳҳои баҳрӣ ва шоҳроҳҳои ҷаҳонии нақлиётӣ дар роҳи рушди иқтисодиёти он монеаҳои ҷиддӣ эҷод менамоянд. Гузашта аз ин, дар натиҷаи сиёсати ҳадафмандонаи давраи шӯравӣ системаҳои нақлиётӣ ва коммуникатсионии Қазоқистон ҷумҳуриро бо бисёре аз мамлакатҳо мепайвастанд, дар ҳоле ки сарзаминҳои аз нигоҳи рушд гуногун ва аз нигоҳи масофа

ҳазорҳо километр аз якдигар дури дохили Қазоқистон қариб бо ҳам алоқае надоштанд.

Манбаъи асосии рушди иқтисодиёти Қазоқистон истихроҷи маъдан мебошад.

Қазоқистон аз панҷ ноҳияи калони иқтисодӣ таркиб ёфтааст:

1. Қазоқистони Шимолӣ – ғаллакорӣ, истихроҷи маъдани оҳан ва ангиштсанг, мошинсозӣ, тавлиди маҳсулоти нафтӣ ва ферроомехтаҳо, энергетика тараққӣ кардаанд;

2. Қазоқистони Шарқӣ – металлургияи ранга, энергетика, мошинсозӣ ва хоҷагии ҷангал;

3. Қазоқистони Ғарбӣ – ноҳияи калонтарини истеҳсолкунандаи нафту газ;

4. Қазоқистони Марказӣ – металлургияи сиёҳ ва ранга, мошинсозӣ, чорводорӣ;

5. Қазоқистони Ҷанубӣ – пахта, биринҷ, пашм, ғалла, мева, сабзавот, ангур; металлургияи ранга, асбобсозӣ, саноати сабук ва хӯрокворӣ, хоҷагии ҷангал ва моҳипарварӣ ҳам рушд кардаанд.

**Савдои хориҷӣ.** Ҳиссаи савдо бо шарикони анъанавӣ – мамлакатҳои ИДМ хеле бузург мебошад: қариб 59 дарсади воридот ва 63 дарсади содирот ба онҳо рост меояд. Дар баробари ин, шарики асосии тиҷоратии Қазоқистон Русия боқӣ мемонад. Аз давлатҳои хориҷи дур бо Германия, Туркия, Швейтсария, Чехия, Италия, Хитой, ИМА, Британияи Кабир, Кореяи Ҷанубӣ ва ғ. алоқаҳои тиҷоратӣ муваффақона рушд меёбанд.

**Содирот.** Қазоқистон ашёи хоми истихроҷкардаи саноати сӯзишворӣ, металлургӣ ва химияро содир менамояд.

Сохтори содироти Қазоқистон иборат аст аз:

- нафт ва маҳсулоти нафтӣ – 35 дарсад;
- металлҳои ранга – 17 дарсад;
- металлҳои сиёҳ – 16 дарсад;
- маъданҳо – 12 дарсад;
- зироатҳои ғалладона – 9 дарсад;
- боқимонда – 11 дарсад.

**Воридот.** Маҳсулоти асосии воридкунанда мошинҳо ва таҷҳизот, воситаҳои нақлиёт, асбоб ва автоматика, маҳсулоти химиявӣ, сӯзишворӣ, маводи ғизоӣ, маҳсулоти тайёр ва молҳои мавриди ниёзи мардум мебошанд.

**Саноати мошинсозӣ.** Маҳсулоти мошинсозӣ дар ҳаҷми умумии истеҳсолоти саноатӣ қариб 80 дарсадро ташкил медиҳад.

Қазоқистон барои қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти саноати кӯҳкории худ таҷҳизот истеҳсол менамояд. Аз маҳсулоти дар ҷумҳурӣ истеҳсолшаванда таҷҳизоти оҳангарию пресскорӣ (Шимкент), дастгоҳҳои металлбурӣ (Олматӣ), аккумуляторҳо (Талдиқӯрғон), насосҳои марказгурез (Остона), таҷҳизоти рентген (Актюбинск) ва ғ. ба хориҷи кишвар содир карда мешавад.

**Металлургияи сиёҳ.** Металлургияи сиёҳи Қазоқистон зиёда аз 12,5 дарсади ҳаҷми ҷумҳуриявии маҳсулоти саноатиро истеҳсол менамояд.

Қазоқистон бо захираи маъдани оҳан дар ҷаҳон ҷои ҳаштумро ишғол менамояд. Ҳиссаи он дар захираҳои ҷаҳонӣ 6 дарсадро ташкил медиҳад.

Аз 8,7 миллиард тонна захираҳои маъдани оҳани иктишофшуда 73,3 дарсади он осонистеҳсолшаванда ба шумор мераванд. Зиёда аз 70 дарсади маъдани оҳани истеҳсолшуда ба хориҷи кишвар садир карда мешавад.

**Металлургияи ранга.** Вазни хоси металлургияи ранга дар ҳаҷми умумии истеҳсолоти саноатӣ аз 12 дарсад зиёд мебошад.

Мис, қӯрғошим, руҳ, титан, магний, металлҳои нодир ва элементҳои камёби заминӣ истихроҷ ва истеҳсол карда мешаванд.

Қазоқистон ба қатори калонтарин давлатҳои истеҳсолкунанда ва содиркунандаи миси соф дохил мешавад. Харидорони асосии миси Қазоқистон Италия ва Германия мебошанд.

Қазоқистон ҳамчунин калонтарин давлати истеҳсолкунандаи тило ба шумор меравад. Дар мамлакат зиёда аз 170 кони тилодор ба қайд гирифта шудааст.

**Саноати химия.** Корхонаҳои саноати химия ва нафту химияи ҷумҳурӣ пластмассаҳо, наххо ва риштаҳои химиявӣ, шинаҳои автомобил ва мошинҳои хоҷагии қишлоқ, навъҳои гуногуни маҳсулоти резинию техникӣ, таркибҳои хромдор, карбиди калсий, содаи каустикӣ ва ғайра истеҳсол мекунанд.

Дар Қазоқистон се корхонаи коркарди нафт барои истеҳсоли автобензин, сӯзишвории дизелӣ ва гармидиҳанда, карасини авиатсионӣ, нафту битум ва дигар навъҳои маҳсулоти нафтӣ махсус гардонида шудаанд.

Маҷмааи калон оид ба коркарди маъданҳои фосфоритдор бо ҳосил кардани фосфори зард, нуриҳои минералӣ, воситаҳои синтетики ҷомашӯӣ фаъолият мекунад.

**Истеҳсоли маводи сохтмон.** Маҳсулоти саноати маводи сохтмон дар ҳаҷми умумии истеҳсолоти саноатии ҷумҳурӣ зиёда аз 4 дарсадро ташкил медиҳад.

Ҷумҳурӣ дорои захираҳои кофии ашёи хоми мухталиф барои истеҳсоли маводи сохтмон мебошад.

Дар истеҳсолоти маводи сохтмон партовҳои саноатӣ, аз ҷумла дажғоли истеҳсолоти металлургӣ ва химиявӣ, хокистари нерӯгоҳҳои барқии гармӣ ва дигар захираҳои дараҷаи дуюм истифода карда мешаванд.

**Нақлиёт.** Мавқеъгирии географии Қазоқистон дар маркази Евроосиё иқтидори фаровони нақлиётии онро дар соҳаи боркашонии транзитӣ пешакӣ муайян менамояд.

Ҳудуди васеъ, фарқияти калони шароитҳои иқлимӣ ва географӣ, ҳамчунин зичии ками аҳолӣ масъалаи нақлиётро дар Қазоқистон хеле муҳим гардонидааст, ҳарчанд дар солҳои хукумати шӯравӣ дар ин соҳаи иқтисодиёт ҳам дигаргуниҳои калони миқдорӣ ва сифатӣ рух доданд: дарозии роҳҳои оҳани истифодаи умумӣ дар худуди ҷумҳурӣ ба 14,5 ҳазор километр, дарозии умумии роҳҳои мошингарди фаршаш сахт (барои истифодаи умумӣ) – 87,4 ҳазор километр, роҳҳои авиатсионӣ (дар дохили ҷумҳурӣ) - 108 ҳазор километр, роҳҳои киштигарди дохилӣ дар дарёҳо – 4 ҳазор километр расиданд. Аммо навъи асосии нақлиёт, ҳам барои боркашонӣ ва ҳам барои мусофиркашонӣ, (аз ҷумла дар хатсайрҳои байналхалқӣ) нақлиёти автоиобилӣ боқӣ мемонад. Ҳиссаи нақлиёти роҳи оҳан ҳатто дар солҳои мусоид фақат 13 дарсади боркашонӣ ва камтар аз 20 дарсади мусофиркашонӣ дар хатсайрҳои байнишаҳрро ташкил медод. Ҳиссаи авиатсия ва нақлиёти дарёӣ дар боркашонӣ тамоман ночиз буда, дар мусофиркашонӣ камтар аз 4 дарсади ҳаҷми умумии мусофиркашониро ташкил медиҳад. Қазоқистон бо вуҷуди дурӣ аз укёнус, ҳамчун пул дар байни Европа ва Осиё бо доштани масоҳати бузург дар худ иқтидори нақлиётии (транзитии) баландро барои дигар давлатҳо дорост, ки имкон медиҳад дар дохили ҷумҳурӣ шоҳроҳҳои хушкигарди ҷаҳониро ташаккул бидиҳад.

**Кишоварзӣ**. Кишоварзӣ бахши муҳими иқтисодиёти мамлакат мебошад.

Қазоқистон аз рӯи нишондодҳои истеҳсоли ғалла ҷои сеюмро дар ИДМ баъд аз Русия ва Украина мегирад.

Дар шимоли Қазоқистон гандуми баҳорӣ, ҷави русӣ, ҷав ва дигар зироатҳои ғалладонагӣ, ҳамчунин офтобпараст, зағир парвариш карда мешавад. Сабзавотпарварӣ ва обчакорӣ тараққӣ кардааст.

Дар ҷануби Қазоқистон бо роҳи обёрии сунъӣ ҳосили баланди пахта, лаблабуи қанд, тамоку, биринҷ рӯёнида мешавад. Боғдорӣ тараққӣ кардааст.

Шароити табиии Қазоқистон ва гуногуншаклии он имкониятҳои бузурги потенсиалиро барои рушди чорводорӣ дар худ дорад. Дар Қазоқистон одатан ба гӯсфандпарварӣ, асппарварӣ, шутурпарварӣ ва парвариши ҳайвоноти калони шохдор машғул мешаванд.

**Аҳолӣ.** Қазокистон бо вуҷуди ишғол намудани масоҳати бузург, яке аз ҷиҳати зичии аҳоли мамлакати пасти ҷаҳон – қариб 7,5 нафар одам дар 1 километри мураббаъ – ба шумор меравад. Ҳамагӣ дар инҷо 17,3 миллион одам (ҷои 50 – ум дар ҷаҳон) зиндагӣ мекунанд, ки қариб 48 дарсади онро (зиёда аз 8 миллион) қазоқҳо, 34 дарсад русҳо ташкил медиҳанд. Илова бар ду гурӯҳи этникии номбаршуда, дар Қазоқистон ҳамчунин намояндагони 120 миллат ва қавмият бо дарбар гирифтани 800 ҳазор украин, 500 ҳазор олмонӣ, 400 ҳазор ӯзбек, зиёда аз 300 ҳазор тотор инчунин тоҷикон зиндагӣ мекунанд.

Дар баробари ин, қариб 56 дарсади аҳолӣ сокинони шаҳрҳо ва шаҳракҳои коргарӣ шуморида мешаванд, боқимонда 44 дарсад аҳолии деҳот мебошанд.

Дар давоми ду даҳсолаи ахир суст шудани суръати афзоиши аҳолӣ ба мушоҳида мерасад. Ин вазъият аз як тараф ҳиҷрати қисмати калони аҳолӣ ба хориҷи кишварро нишон диҳад, аз тарафи дигар камшавии устувори нишондиҳандаҳои мутлақ ва нисбии афзоиши аҳолиро дар солҳои ахир нишон медиҳад.

## Ҷумҳурии Қирғизистон

Масоҳат – 198,5 ҳазор километри мураббаъ.

Аҳолӣ – 4,4 миллион нафар.

Пойтахт – Бишкек.

**Тавсифи умумӣ.** Қирғизистон яке аз ҷумҳуриҳои Осиёи Миёна мебошад. Он дар шимол ва шимолу ғарб бо Қазоқистон, дар ҷанубу ғарб бо Ӯзбекистон, дар ҷанубу шарқ бо Хитой, дар ҷануб бо Тоҷикистон ҳамсарҳад мебошад. Ҷумҳурии Қирғизистон мамлакати кӯҳсор аст. Зиёда аз 30 дарсади ҳудуди он дар баландии зиёда аз 3000 метр аз сатҳи бахр (силсилакӯҳҳои Тён-Шон ва Помиру Олой) ҷойгир шудааст. Дар кӯҳҳо пиряхҳои бисёр мавҷуданд, ки манбаъи рӯдҳои зиёди кӯҳӣ ба шумор мераванд, чашмаҳои гарми табобатӣ ҳам мавҷуданд. Дар баробари ин, водиҳои ҳосилхези Чу ва Талас, чарогоҳҳои васеъи баландкӯҳ доравд. Қариб 60 дарсади масоҳати мамлакат барои кишоварзӣ мусоид мебошад.

Дарёҳо, аз ҷумла Норин (болооби Сирдарё), аз кӯҳҳои баланд оғоз мегиранд ва захираҳои калони гидроэнергияро доро мебошанд (ҷои сеюм дар ИДМ баъд аз Русия ва Тоҷикистон). Мавзеи Иссиққӯл ба минтақаи курорт ва туризм табдил ёфтааст.

Қаъри заминҳои Қирғизистон аз маъдан бой мебошад. Дар шимоли ҷумҳурӣ конҳои маъданҳои полиметаллдор, дар доманаи қаторкӯҳи Олой захираҳои сурма ва симоб мавҷуданд. Захираҳои волфрам, тило, руҳ ва дигар металлҳо, ҳамчунин мармар кашф карда шудаанд. Дар вилояти Ҷалолобод конҳои ангиштсанг ва маъданҳои урандор мавҷуданд. Дар айни замон бо иштироки ширкатҳои хориҷии Ғарб корҳои ҷустуҷӯии конҳои нави маъдан идома дорад.

**Аҳолӣ.** Қирғизистон давлати сермиллат мебошад. Дар он намояндагони 70 миллат зиндагӣ мекунанд, аз ҷумла қирғизҳо – зиёда аз 52 дарсад, русҳо – 21 дарсад, ӯзбекҳо – 12 дарсад, украинҳо – 3,1 дарсад, немисҳо – 2,4 дарсади аҳолиро ташкил медиҳанд. Ҳамчунин дар инҷо ӯйғурҳо, тоторҳо, қазоқҳо, тоҷикҳо ва дигарон зиндагӣ мекунанд.

Аҳолии шаҳрҳо 38 дарсади шумораи умумии аҳолии мамлакатро ташкил медиҳанд, зичии миёнаи аҳолӣ 22 нафар дар 1 километри мураббаъ аст. Зиёда аз 70 дарсади аҳолӣ дар водиҳо ва кӯҳсор (дар баландии 1 500 метр аз сатҳи баҳр) сарҷамъ омадаанд. Ноҳияҳои атрофии Иссиққӯл, Бишкек ва водии Фарғона аз ҳама серодам мебошанд. Дар кӯҳҳо аксари масоҳатҳои васеъ қариб, ки аҳолии муқимӣ надоранд. Шаҳрҳои калонтарини Қирғизистон Бишкек, Ӯш, Ҷалолобод ба шумор мераванд.

**Хоҷагидорӣ.** Ҷумҳурии Қирғизистон дар сарзамини Осиёи Миёна аз рӯи истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ва кишоварзӣ баъд аз Ӯзбекистон ҷои дуюмро ишғол менамояд. Соҳаҳои муҳимтарини саноат вобаста ба истихроҷ ва ғанигардонии маъданҳои металлҳои ранга, ҳамчунин рушди электроэнергетика мебошанд. Металлургияи ранга аз истихроҷ ва коркарди маъданҳои маталлҳои ранга (симоб, сурма, тило ва полиметаллҳо) иборат мебошад. Аз рӯи ҳаҷми истеҳсоли сурма ва симоб Қирғизистон дар ИДМ ҷойгоҳи сазовор дорад. Дар айни замон бо иштироки ширкатҳои хориҷӣ истихроҷи тило ва металлҳои ранга зиёд карда мешаванд.

Электроэнергетика нерӯгоҳҳои барқи обӣ ва гармиро дарбар мегирад. Дар истеҳсоли нерӯи барқ НБО-и Тӯхтагул, Норин ва Курпсой, ки дар дарёи Норин сохта шудаанд, нақши муҳим доранд.

Соҳаҳои дигар ҳам барҷо мондаанд, аз ҷумла саноати мошинсозӣ (истеҳсоли дастгоҳҳо, асбобсозӣ ва ғ.) ва коркарди металлҳо, саноати маводи сохтмон, саноати сабук ва хӯрокворӣ. Корхонаҳои саноати сабук гилем, матоъҳои пашмӣ, пахтагӣ ва абрешимӣ, трикотаж, маҳсулоти чармӣ истеҳсол менамоянд. Ашёи хом барои саноати сабук дар худи ҷумҳурӣ тайёр карда мешавад.

Саноати хӯрокворӣ аз соҳаҳое иборат мебошад, ки хусусиятҳои махсусгардонии хоҷагидории Қирғизистонро инъикос менамоянд. Соҳаҳои асосии он коркарди гӯшт, равғану панир ва қанд ба шумор мераванд. Корхонаҳои саноати хӯрокворӣ дар наздикии манбаъҳои ашёи хом ва маҳали зисти мардум ҷойгиранд, зеро ҷойгиркунонии хоҷагиҳои кишоварзӣ ва шаҳрҳо аз рӯи ҳудуд бо ҳам мувофиқат мекунанд.

**Кишоварзӣ.** Кишоварзӣ асоси ибтидоӣ ва яке аз манбаъҳои муҳимтарини ҳаёт ва некӯаҳволии аҳолии Қирғизистон ба шумор меравад. Тамоми соҳаҳои маҷмааи агросаноатӣ зиёда аз 42 дарсади маҳсулоти умумии ҷамъиятӣ ва зиёда аз 40 дарсади даромади миллии солҳои охири ҷумҳуриро доданд. Бо назардошти мавҷудияти чарогоҳҳои васеъ ва камбуди замини кишт дар кишоварзии Қирғизистон соҳаи чорводории махсусгардонидашуда арзи вуҷуд намуд. То оғози солҳои 90-уми асри XX ҳиссаи соҳаҳои чорводорӣ дар ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти кишоварзӣ 60 дарсадро ташкил медод. Рустанипарварӣ, ки асосан ба истифодаи заминҳои обёришаванда асос ёфта буд, ҳарчанд дар сохтори истеҳсолот вазни хоси ночиз дошт, вале ба дастовардҳои назаррас ноил гардид. Хулоса, дар доираи тақсимоти байниҷумҳуриявии меҳнат Қирғизистон яке аз истеҳсолкунандагони пешқадами пашм, гӯшт, тамоку, пахта, пилла, сабзавот, мева, мис ва маҳсулоти онҳо ба шумор мерафт.

Хоҷагии қишлоқи ҷумҳурӣ дар айни замон асосан бо рушди хоҷагиҳои ғаллакор, сабзавоткор ва картошкакор, киштукори зироатҳои техникӣ – пахта, тамоку, лаблабуи қанд ва чорводорӣ тавсиф карда мешавад. Боғдорӣ ва ангурпарварӣ ҳам тараққӣ кардаанд. Бахши аграрӣ дар айни замон яке аз соҳаҳои калонтарини иқтисодиёт ба шумор меравад, ки ҳиссааш дар сохтори маҷмӯи

маҳсулоти дохилӣ (ММД) 38,2 дарсадро ташкил медиҳад. Дар деҳот 62 дарсади аҳолӣ зиндагӣ мекунад ва 45 дарсади аҳолии қобили кори он дар истеҳсолоти кишоварзӣ кор мекунанд.

Қисмати аъзами ҳудуди ҷумҳуриро кӯҳҳо ишғол менамоянд. Шароити табиию иқлимии гуногун барои парвириши зироатҳои ба гармӣ ва сардӣ тобовар имконият фароҳам меоваранд. Мавҷудияти чарогоҳҳои табиии васеъ ба рушди чорводорӣ, махсусан гӯсфандпарварӣ, аспарварӣ, қутоспарварӣ ва бузпарварӣ мусоидат менамояд.

**Нақлиёт.** Дар ҷумҳурӣ ҳамаи навъҳои ҳозиразамони нақлиёт, ба ҷуз нақлиёти баҳрӣ, вуҷуд дорад, аммо вобаста ба релефи кӯҳӣ нақлиёти автомобилӣ нақши муҳим мебозад. Зиёда аз 90 дарсади ҳаҷми боркашонӣ ба ин навъи нақлиёт рост меояд. Шоҳроҳи Бишкек – Ӯш яке аз роҳҳои калонтарини нақлиётии Қирғизистон ба шумор меравад. Он ноҳияҳои ҷанубиро бо шимоли Қирғизистон мепайвандад. Ҳудуди ҷумҳуриро ҳамчунин шоҳроҳи автомобилгарди Тошканд – Бишкек – Олматӣ бурида мегузарад, ки барои таъмини алоқаҳои иқтисодии байнидавлатӣ аҳамияти калон дорад.

Роҳи оҳани Ҷамбул – Бишкек – Рибачи Қиризистонро бо Сибир. Осиёи Миёна ва қисмати европоии ИДМ мепайвандад. Нақлиёти лӯлаӣ гази Ӯзбекистонро барои таъмини эҳтиёҷоти аҳолӣ ва хоҷагиҳои Қирғизистон интиқол медиҳад.

Барои хизматрасонии ноҳияҳои баландкӯҳ аз авиатсияи мулкӣ (граждани) истифода мекунанд. Бишкек, Ӯш, Пржевалск (Қарокӯли ҳозира) бо хатсайрҳои ҳавоӣ бо пойтахтҳо ва шаҳрҳои калонтарини ИДМ пайваст мебошанд.

**Ҷумҳурии Ӯзбекистон**

Масоҳат – 447,4 ҳазор километри мураббаъ.

Аҳолӣ – 27,3 миллион нафар.

Пойтахт – Тошканд.

**Тавсифи умумӣ.** Ба таркиби Ӯзбекистон Ҷумҳурии Қароқалпоқистон дохил мешавад. Мамлакат роҳи баромад ба баҳрҳои кушод надорад, аммо қисмати ҷанубии баҳри Аралро бо соҳилҳои дарозиашон 420 километр дарбар мегирад. Ӯзбекистон дар шимолу ғарб бо Қазоқистон (2203 километр), дар шарқ ва ҷанубу шарқ бо Қирғизистон (1099 километр) ва Тоҷикистон (510 километр), дар ғарб бо Туркманистон (1621 километр) ва дар канораҳои ҷануб бо Афғонистон (137 километр) ҳамсарҳад мебошад.

**Аҳолӣ.** Аҳолии Ӯзбекистон сермиллат аст. Аксарияти аҳолиро ӯзбекҳо (69 дарсад) ташкил медиҳанд. Ғайр аз онҳо дар инҷо русҳо (11 дарсад), тоторҳо (4 дарсад), қазоқҳо (4 дарсад), қароқалпоқҳо, кореягиҳо, тоҷикҳо, украинҳо зиндагӣ мекунанд. Зичии миёнаи аҳоли дар 1 километри мураббаъ 54,3 нафарро ташкил медиҳад. Наздики 40 дарсади шумораи умумии аҳолӣ дар шаҳрҳо зиндагӣ мекунанд. Тошканд, Самарқанд, Андиҷон, Бухоро, Фарғона, Қӯқанд шаҳрҳои калонтарини Ӯзбекистон ба шумор мераванд.

Аксарияти аҳолӣ дар воҳаҳои Фарғона, Тошканд, Самарқанд зиндагӣ мекунанд, ки зичии аҳолӣ дар 1 километри мураббаъ зиёда аз 300 нафар аст. Дар биёбони Қизилқум аҳолии муқимӣ вуҷуд надорад.

**Хоҷагидорӣ.** Соҳаҳои пешқадами саноати Ӯзбекистон мошинсозӣ, саноати газ ва химия, металлургияи ранга, электроэнергетика ба шумор мераванд. Ҳамчунин саноати сабук ва хӯрокворӣ нақши муҳим доранд. Истеҳсолоти маводи сохтмон низ ба роҳ монда шудааст.

**Мошинсозӣ.** Мошинсозӣ ҳамчун яке аз соҳаҳои маҷмааи коркарди саноатии пахта рушд кардааст. Вазифаи асосии он истеҳсоли мошинҳо барои пахтапарварӣ

(тракторҳо, тухмпошакҳо, мошинҳои пахтачинӣ ва ғ.) ва таҷҳизоти пахтатозакунӣ, ҳамчунин истеҳсоли мошинҳо барои саноати бофандагӣ ва ирригатсия мебошад. Корхонаҳо дар Тошканд, Андиҷон, Қӯқанд ва шаҳрҳои дигар ҷойгир шудаанд. Ҳамчунин саноати авиатсионӣ, электротехника ва асбобсозӣ ба вуҷуд оварда шудааст.

Корхонаҳои мошинсозӣ асосан бо металлҳои воридотӣ кор мекунанд, зеро соҳаи металлургияи сиёҳи ҷумҳурӣ, ки ҳамагӣ як корхона дар Бекобод дорад, хеле заиф мебошад. Он бо оҳанпора ва чӯяни овардашуда кор мекунад.

**Саноати сӯзишворию энергетика.** Саноати газ аз ҳама зиёд рушд кардааст. Он на танҳо эҳтиёҷоти Ӯзбекистонро қонеъ мегардонад, балки ба дигар ҷумҳуриҳои ИДМ – Қазоқистон, Қирғизистон, Тоҷикистон, Украина, Русия гази табиӣ мефурӯшад. Аз рӯи андозаи истихроҷи газ Ҷумҳурии Ӯзбекистон баъд аз Русия ва Туркманистон ҷои сеюмро ишғол менамояд. Истихроҷи солонаи газ 30 миллиард метри кубиро ташкил медиҳад. Саноати газ имкон фароҳам овард мувозинаи сӯзишвории ҷумҳурӣ аз нав сохта шавад, электроэнергетика ва соҳаҳои саноати химия тараққӣ ёбанд.

Иқтидори минералию захиравии Ӯзбекистон дар маҷмӯъ он қадар баланд нест. Захираҳои кашфшудаи нафт – 350 миллион тонна, гази табиӣ – қариб 2 триллион метрии кубӣ, ангишт – зиёда аз 2 миллиард тонна, тило – 4 ҳазор тонна (ҷои чорум дар ҷаҳон), уран (ҷои ҳафтум дар ҷаҳон) мебошанд.

**Саноати нафт** асосан вобаста ба истихроҷи нафт дар водии Фарғона тараққӣ мекунад. Коркади он дар корхонаи коркарди нафти Фарғона сурат мегирад. Саноати ангишт дар мувозинаи сӯзишвории ҷумҳурӣ нақши муҳим надорад. Дар вилояти Тошканд бо роҳи арзон кони кушодаи ангишти Оҳангарон кор мекунад ва нерӯгоҳи барқи Оҳангаронро бо сӯзишворӣ таъмин менамояд.

Электроэнергетика барои рушди ҳамаи соҳаҳои иқтисодиёт нақши муҳим дорад. Қисми зиёди нерӯи барқро нерӯгоҳҳои барқи гармӣ (Тошканд, Сирдарё ва ғ.), ки асосан гази табииро истифода мебаранд, истеҳсол менамоянд. Дар дарёи Чирчиқ силсилаи НБО-и Чирчиқ, ва дар Сирдарё НБО-и Фарҳод сохта шудаанд.

**Саноати химия.** Истифодаи васеъи гази табиӣ дар хоҷагии халқ имкон фароҳам овард истеҳсоли наххои химиявӣ ва афзун гардонидани нуриҳои минералӣ ба роҳ монда шавад. Дар шаҳри Чирчиқ дар заминаи истифодаи гази табиӣ истеҳсоли нуриҳои азотӣ; дар шаҳрҳои Самарқанд ва Фарғона нуриҳои фосфатӣ аз фосфоритҳо, ки аз Қазоқистон (аз кони Қаротау) ворид карда мешавад, бо роҳ монда шудаанд. Воситаҳои муҳофизати химиявии рустаниҳо, махсусан пахта, ба миқдори зиёд истеҳсол карда мешавад. Ӯзбекистон аз рӯи ҳаҷми истеҳсоли нуриҳои азотӣ дар ИДМ баъд аз Русия ва Украина ҷои сеюмро ишғол менамояд.

**Металлургияи ранга.** Корхонаҳои металлургияи рангаи Ӯзбекистон маҳсулоти гуногун истеҳсол менамояд, зеро дар ҳудуди Ӯзбекистон конҳои калони маъданҳои металлҳои рангадор мавҷуданд. Дар шаҳри Олмалик корхонаи гудозиши мис, полиметаллҳо, волфрам ва молибден фаъолият менамояд. Дар кони Жирунтау тило истихроҷ мекунанд.

**Саноати сабук.** Саноати сабук дар иқтисодиёти Ӯзбекистон вазни хоси муҳим дорад (қариб 40 дарсад) ва соҳаҳои зеринро дарбар мегирад: пахтатозакунӣ, газвори пахтагӣ,, абрешим ва истеҳсоли гилемҳо. Ӯзбекистон аз рӯи коркарди нахи пахта дар ИДМ ҷои аввал, аз рӯи истеҳсоли матоъҳои пахтагӣ ва абрешимӣ ҷои сеюмро ишғол менамояд. Марказҳои саноати бофандагӣ шаҳрҳои Тошканд, Самарқанд, Бухоро ба ҳисоб мераванд.

**Саноати хӯрокворӣ.** Саноати хӯрокворӣ консерваҳои сабзавотӣ, равғани рустанӣ аз пунбадона, меваҳои хушк, шароби ангурӣ истеҳсол менамояд. Дар айни

замон, бо сабаби пошхӯрии СССР ва гузариш ба муносибатҳои бозорӣ, бисёре аз соҳаҳои хоҷагидорӣ дар фурӯши маҳсулот ба душвориҳо рӯ ба рӯ омадаанд.

**Кишоварзӣ.** Соҳаи асосии махсусгардонидашудаи кишоварзӣ пахтакорӣ мебошад, ки дар водии Фарғона хеле рушд кардааст. Дар инҷо каналҳои калони обёрӣ сохта шудаанд. Дар водиҳои дарёҳои Сирдарё, Зарафшон, Чирчиқ, дар поиноби Амударё масоҳатҳои калони замин барои пахтакорӣ ҷудо карда шудаанд.

Дар ноҳияҳои ҷанубӣ (вилоятҳои Бухоро, Қашқадарё, Сурхондарё) пахтаи навъи пуркимати маҳиннах парвариш мекунанд. Ӯзбекистон аз рӯи ҷамъоварии пахтаи хом дар ИДМ ҷои аввалро мегирад. Ғайр аз пахта зироатҳои дигари техникӣ (канаб, тамоку) низ кишт карда мешавад.

Дар заминҳои лалмӣ гандум, ҷав мекоранд. Дар заминҳои обёришуда ва поинобии Амударё шоликорӣ тараққӣ кардааст. Дар водиҳои байни кӯҳҳо ва минтақаҳои доманакӯҳ боғдорӣ ва токпарварӣ маъмул аст.

Ӯзбекистон дар байни давлатҳои Осиёи Миёна дар қатори Туркманистон бо шумораи зиёди гусфанди қарокӯлӣ, ки дар чарогоҳҳои биёбонии Қизилқум парвариш карда мешавад, фарқ мекунад. Дар ҷумҳурӣ зиёда аз 30 дарсади пӯсти қарокӯлии дар ИДМ истеҳсолшаванда тайёр карда мешавад. Асп ва шутур низ парвариш мекунанд.

Дар водии Фарғона ва ноҳияҳои дигар кирмакпарварӣ паҳн шудааст. Ӯзбекистон зиёда аз 50 дарсади пиллаи ИДМ-ро медиҳад.

**Нақлиёт.** Дар Ӯзбекистон системаи ҳозиразамони нақлиётӣ ташаккул ёфтааст, ки боркашонӣ ва мусофиркашонии дохилӣ, ҳамчунин алоқаҳои иқтисодии хориҷии ҷумҳуриро таъмин менамояд. Ба сабаби мураккабии релйефи ҷумҳурӣ дар боркашонӣ нақши муҳимро нақлиёти автомобилӣ мебозад. 86,3 дарсади ҳаҷми боркашонӣ ва 91,1 дарсади ҳаҷми мусофиркашонӣ ба ӯҳдаи нақлиёти автомобилӣ аст. Дарозии роҳҳои автомобили фаршаш сахт 74,4 ҳазор километр, аз ҷумла роҳҳои истифодаи умумӣ 43,2 ҳазор километрро ташкил медиҳанд. Шоҳроҳи калони Ӯзбекистон (Тошканд – Самарқанд – Тирмиз), шоҳроҳи Зарафшон (Самарқанд – Чорҷӯ), ҳалқароҳи Фарғона, ки тамоми шаҳрҳои водиро бо ҳам мепайвандад, муҳимтарин роҳҳои автомобили ҷумҳурӣ ба ҳисоб мераванд.

**Нақлиёти роҳи оҳан** ба дарозии 6,3 ҳазор километр тӯл кашидааст. Масалан, соли 1899 сохтмони роҳи оҳани Наздикаспӣ , ки Осиёи Миёнаро бо Русия мепайваст, ба охир расидааст. Соли 1905 хатти роҳи оҳани Тошканд – Оренбург кушода шуд. Соли 1931 шоҳроҳи Туркистон – Сибир (Турксиб) ба кор даромад, ки наздиктарин роҳ аз Осиёи Миёна ва Қазоқистон ба Сибир мебошад. Дар солҳои баъдиҷангӣ боз чандин роҳҳои дигар сохта шуданд.

Ҳамчунин роҳҳои обӣ (1100 километр) ва лӯлахатҳо (13,4 ҳазор километр) ба истифода дода шудааанд. Лӯлахатҳои мустақими интиқоли гази Бухоро – Урал, Осиёи Марказӣ – Марказ, Муборак – Тошканд – Ҷамбул – Бишкек – Олматӣ амал мекунанд.

Тошканд бо хатсайрҳои ҳавоӣ бо Маскав, пойтахтҳои ҷумҳуриҳо ва шаҳрҳои калонтарини ИДМ пайванд аст. Авиатсияи мулкӣ (гражданӣ) барои хизматрасонӣ дар ноҳияҳои душворгузари ҷумҳурӣ истифода карда мешавад.

**Алоқаҳои иқтисодии хориҷӣ.** Рушди алоқаҳои иқтисодии хориҷии бисёрсамта қисми ҷудонашавандаи стратегия гузариш ба бозор мебошад. Ӯзбекисто бо зиёда аз 140 давлат муносибатҳои тиҷоратию иқтисодӣ барқарор намудааст.

Шарикони асосии тиҷоратии Ӯзбекистон (72,4 дарсади содирот ва 63,1 дарсади воридот) мамлакатҳои берун аз ИДМ мебошанд. Аз давлатҳои ИДМ шарики муҳимтарини Ӯзбекистон Федератсияи Русия мебошад. 38,6 дарсади содироти Ӯзбекистон ба мамлакатҳои ИДМ ва 59,5 дарсади воридот аз ин мамлакатҳо рост меояд. Содирот асосан хусусияти ашёихомӣ ва диверсификатсияи суст дорад – қариб 60 дарсадро пахта ва тило ташкил медиҳанд.

Афзоиши ҳаҷми мутлақи молҳои ба дараҷаи баланд коркардшуда, аз ҷумла нав (автомобилҳо, электроника) то ҳол ба тағйироти ҷиддии сохтори содирот, ки иқтисодиёти Ӯзбекистонро ҷиддан вобаста аз тағйири нархҳои ҷаҳонӣ кардааст, оварда нарасонидааст. Ҳиссаи мошинҳо ва таҷҳизот дар содирот тақрибан 3,9 дарсадро ташкил медиҳад. Ҳиссаи доимоафзояндаи воридоти мошинҳо ва таҷҳизот (41,5 дарсад) натиҷаи ба воситаи инвеститсияи давлатӣ сиёсати аз нав муҷаҳҳаз намудани хоҷагидории миллии Ӯзбекистон мебошад. Дар стратегияи алоқаҳои иқтисодии хориҷии Ӯзбекистон гузариш аз воридот ба самтгирии содиротӣ ба мушоҳида мерасад.

## Ҷумҳурии Туркманистон

Масоҳат – 488,1 ҳазор километри мураббаъ.

Аҳолӣ – 7,8 миллион нафар.

Пойтахт – Ашқобод.

**Тавсифи умумӣ**. Туркманистон дар қисмати ғарбии Осиёи Марказӣ ҷойгир буда, аз рӯи ҳудуд дар байни давлатҳои ИДМ ҷои чорум, дар байни давлатҳои Осиёи Марказӣ ҷои дуюмро ишғол менамояд. Ҷумҳурӣ дар ҷануб бо Эрон ва Афғонистон, дар шимолу шарқ бо Ӯзбекистон, дар шимолу ғарб бо Қазоқистон, дар ғарб бо обҳои баҳри Каспӣ – ягона бахре ки бо уқёнуси ҷаҳонӣ пайвандӣ надорад – ҳамсарҳад мебошад. Дар қаъри баҳри Каспӣ конҳои нафту газ мавҷуданд.

Гармии аз ҳад зиёд ба парвариши пахта ва зироаткории субтропикӣ, ки фақат дар заминҳои обёришуда имкони кишт кардан доранд, мусоидат менамояд.

Дар ҳудуди ҷумҳурӣ як кони ангишти сиёҳтоб (Туаркир) ва ду кони ангиштсанг (Яғмон ва Кугианк) вуҷуд дорад.

**Захираҳои ашёи хоми химиявӣ.** Туркманистон дорои захираҳои фаровони олтингӯгирди табиӣ (сулфур), йод, бром, намаки ош ва калийдор, сулфати натрий, намакҳои магнийдор, озокерит мебошад. Дар байни захираҳои ашёт хоми химиявӣ олтингӯгирди табиӣ мавқеи муҳимро ишғол менамояд.

**Захираҳои замин.** Қисмати асосии масоҳати умумии заминро чарогоҳҳо (36 миллион гектар) ишғол менамоянд. Онҳо асосан чарогоҳҳои биёбонии Қароқум мебошанд, ки барои чорводории чарогоҳӣ истифода карда мешаванд. Захираҳои бузурги замин барои истифода дар корҳои кишоварзӣ мавҷуданд. Масоҳати умумии заминҳои обёришаванда аз 6 миллион гектар зиёд мебошад.

**Аҳолӣ.** Туркманистон давлати сермиллат мебошад. Туркманҳо 68 дарсад, русҳо 13 дарсад, ӯзбекҳо 8,5 дарсад, қазоқҳо 3 дарсади миқдори умумии аҳолиро ташкил медиҳанд. Ҳамчунин дар ҷумҳурӣ тоторҳо, украинҳо, арманҳо, озарбойҷониҳо ва дигарон зиндагӣ мекунанд. Аҳолӣ асосан дар ҳамвориҳои воҳаҳо ва доманакӯҳҳои минтақаи Копетдоғ маскун шудаанд. Масоҳати бузурги биёбони Қароқум камаҳолӣ буда, асосан барои чорводории чарогоҳӣ истифода карда мешавад. Зичии миёнаи аҳолӣ дар ИДМ яке аз камтаринҳост (қариб 16 одам дар як километри мураббаъ). Аҳолии шаҳрҳо 45 дарсади миқдори умумии аҳолии мамлакатро ташкил медиҳанд.

Шаҳрҳои калонтарини Туркманистон Ашқобод, Туркманбошӣ, Небитдоғ, Чорҷӯ мебошанд.

**Хоҷагидорӣ.** Соҳаҳои муҳимтарини хоҷагии халқи Туркманистон истихроҷ ва коркарди нафту газ, ашёи хоми табиии химиявӣ, истеҳсоли пахтаи маҳиннах, абрешим ва пӯсту пашми қарокӯлӣ ба шумор меравroutine.

**Саноати газ.** Саноати газ дар маҷмааи сӯзишворию энергетикии мамлакат пешоҳанг ба ҳисоб меравад. Аз рӯи захира ва истихроҷи гази табиӣ ҷумҳурӣ дар ИДМ ҷои дуюмро баъд аз Русия ишғол менамояд. Конҳои калонтарини газ Шатлиқ ва Майский ба маркази саноати гази ҷумҳурӣ табдил ёфтаанд.

**Саноати нафт.** Саноати нафт дар ғарби Туркманистон тараққӣ кардааст. Дар баробари нафт газ ҳам истеҳсол карда мешавад. Маркази саноати истихроҷи нафт шаҳри Небитдоғ ба шумор меравад. Корхонаи коркади нафт дар шаҳри Туркманбошӣ ҷойгир шудааст. Як қисми нафти истихроҷшуда дар Ӯзбекистон коркард мешавад.

**Нерӯи барқ.** Нерӯи барқро асосан нерӯгоҳҳои ҳароратӣ истеҳсол менамоянд, ки ба сифати сӯзишворӣ гази табииро истифода мекунанд. Нерӯгоҳҳои ҳароратии Марӣ, Безмеин ва ғ. пуриқтидортарин нерӯгоҳҳо ба шумор меравaнд.

**Саноати химия.** Саноати химия асосан ашёи хоми табиии химиявӣ – мирабилит, олтингӯгирд, бром ва йодро истифода мекунад. Дар шаҳри Чорҷӯ корхонаи истесоли нуриҳои фосфатӣ сохта шудааст, ки бо фосфоритҳои Қазоқистон кор мекунад.

Саноати сабук ва хӯрокворӣ дар иқтисодиёти мамлакат нақши муҳим доранд. Саноати сабук матоъҳои абрешимӣ ва пахтаӣ, қолиҳо, мошинҳои дӯзандагӣ ва дигар маҳсулот истеҳсол мекунад. Корхонаҳои ин соҳа дар шаҳрҳои Ашқобод, Чорҷӯ, Марӣ, Тошҳавз ва ғ. ҷойгир шудаанд.

**Кишоварзӣ.** Дар Туркманистон бештар зироаткории обёришаванда ва чорводории биёбонию чарогоҳӣ тараққӣ кардаанд. Дар заминҳои обёришаванда асосан пахта мекоранд. Баъд аз ба кор даромадани канали Қароқум масоҳати кишти пахта ба маротиб афзуд. Дар заминҳои воҳаҳои Таҷан ва Мурғоб пахтаи маҳиннах истеҳсол менамоянд. Аз рӯи нишондиҳандаҳои ҷамъоварии пахта Турманистон дар ИДМ баъд аз Ӯзбекистон ҷои дуюмро ишғол менамояд.

Дар воҳаҳои қисмати доманакӯҳи Копетдоғ мева, ангур, сабзавот ва зироатҳои ғалладона ( гандум, ҷав, ҷуворимакка) истеҳсол менамоянд.

Ҷумҳурӣ парвариши гӯсфанди қарокӯлиро дар биёбони Қароқум сол то сол афзоиш медиҳад. Пӯсти қарокӯлии Туркманистон дар бозори ҷаҳонӣ талаботи калон дорад. Соҳаҳои парвариши гӯсфанди маҳинпашм ва уштур ҳам тараққӣ кардаанд. Доманакӯҳи Копетдоғ ватани аспҳои машҳури ахалтегинӣ ба шумор меравад.

Аҳолии деҳот аз қадимулайём ба пиллапарварӣ машғуланд. Туркманистон дар ин соҳа дар ИДМ баъд аз Ӯзбекистон ва Озарбойҷон ҷои сеюмро ишғол менамояд.

**Нақлиёт.** Дар ҷумҳурӣ ҳамаи навъҳои нақлиёт тараққӣ кардаанд, борҳоро асосан ба воситаи нақлиёти роҳи оҳан мекашонанд. Қисмати ҷанубии Туркманистонро роҳи оҳани Пасикавказ (Туркманбошӣ – Ашқобод – Марӣ – Чорҷӯ – Самарқанд бурида мегузарад, ки ҳанӯз дар охири асри Х1Х сохта шуда буд. Дар солҳои баъдиҷангӣ хати роҳи оҳани Чорҷӯ – Тошҳавз – Кунград – Макат кашида шуд, ки кашонидани борҳоро ба қисмати европоии ИҶШС таъмин мекард. Қад-қади роҳҳои оҳан роҳҳои асосии автомобилгард амал мекунанд. Шоҳроҳи автомобилии Туркманбошӣ – Ашқобод – Чорҷӯ муҳимтарин ҳисобида мешавад.

**Нақлиёти бахрӣ ва дарёӣ** ҳам дар гардиши борҳои ҷумҳурӣ нақши муҳим доранд. Пароми баҳрии Туркманбошӣ – Боку ҳам фаъол аст. Баҳри Каспӣ аҳамияти калони нақлиётӣ дорад. Қисмати асосии акваторияи он барои истифодаи солонаи истеҳсолоти моддӣ мувофиқ мебошад. Бахр ҳамчунин вазифаи интиқолгар – танзимгарро иҷро менамояд. Нақлиёти дарёӣ борҳоро ба дарозии Амударё (1000

километр) мекашонад. Канали Қароқум ҳам (ба дарозии 500 километр) барои киштигардӣ истифода карда мешавад.

Системаи интиқоли нафту газ бунёд карда шудааст. Гази Туркманистон бо хати лӯлаи интиқоли Осиёи Миёна – Марказ ба Пасикавказ ва Украина (ба воситаи ҳудуди ФР) содир карда мешавад. Хатҳои ҳавоӣ Ашқободро бо шаҳрҳои ҷумҳурӣ, Маскав ва пойтахтҳои ҷумҳуриҳои ИДМ пайваст менамояд. Авиатсияи мулкӣ (гражданӣ) барои хизматрасонии ноҳияҳои дурдасти Туркманистон истифода карда мешавад.

**Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Масоҳаташ – 143,1 ҳазор км$^{2.}$

Аҳолӣ – 8 миллион нафар

Пойтахт – ш. Душанбе

**Мавқеи географӣ ва захираҳои табиӣ**. Тоҷикистон дар байни 36°40' ва 41°50' арзи шимолӣ, 67°31' ва 75°14' тӯли шарқӣ дар ҷанубу шарқии Осиёи Марказӣ воқеъ гардида аст. Тӯли умумии сарҳадии он анқариб 4000 км буда, дар шарқ бо Хитой зиёда аз 500 км, дар ҷануб бо Афғонистон қариб 1,4 ҳазор км, дар ғарб ва шимол бо Ӯзбекистон зиёда аз 1,3 ҳазор км дар шимолу шарқ ба Қирғизистон қариб 1000 км марзи муштарак дорад, аз ғарб ба шарқ қариб 700 км ва аз шимол ба ҷануб дар қисми марказии борикшудааш ба 110 км мерасад. Ҷумҳурии Тоҷикистон дар якҷоягӣ аз давлатҳои Дания, Нидерландия ва Шветсия калон мебошад.

Тоҷикистон кишвари кӯҳист, 93%-и ҳудуди онро қуҳҳо фаро гирифтаанд, ки ба системаи кӯҳии Тиёншон, Ҳисору Олой ва Помир мансубанд. Қариб нисфи Тоҷикистон дар баландии зиёда аз 3000м воқеъ гаштааст. Ҳамвориҳо дар водиҳои фарох ва хамиҳои байникӯҳӣ ҷойгиранд. Дар Шимол қаторкӯҳи Қурама ва кӯҳи Мевағул, ғарбии води Фарғона ва Мирзоҷули тоҷик, ҷанубтар аз ин ҳамвориҳо Силсилакӯҳҳои Туркистон, Зарафшон ва Ҳисору Қаротегин воқеъ гардидаанд. Дар байни ин қаторкӯҳҳо водиҳои Зарафшон ва Фон-Яғноб ҷойгир шудаанд.

Дар қисми ҷанубу ғарбии Тоҷикистон пасткӯҳҳои Боботоғ, Оғтоғ, Қаротоғ, Тераклитоғ, Саршарак, Вахш, Ҷилонтоғ ва дар байни онҳо водиҳои зарлези Ҳисор, Вахш, Кофарниҳони Поён, Сурхоб, Ёғед, Қизилсу, Рашт ва ғайра макон доранд. Қисми ҷанубу шарқии Тоҷикистон бо номи Помир машҳур мебошад. Қуллаи Исмоили Сомони (баландиаш 7495м) дар қаторкуҳи Академияи Илмҳо воқеъ гаштааст. Дар Помири Ғарбӣ қаторкӯҳҳои Шохдара, Ишкошим, Шуғнон, Язғулом, Ванҷ, Дарвоз, Пётряк ва дараҳои тангу чуқур хос аст, дохил мешаванд. Дар Помири шарқӣ қаторкӯҳҳои Вахон, Аличури Ҷанубӣ ва Шимолӣ Музкӯл, Паси Олой, Сарикӯл ва ғайра ҷойгир шуда аз сатҳи водию хамиҳо то 1000-1500м баланди доранд. Помири Шарқиро асосан суффакӯҳҳо фаро гирифтаанд, ки 3700-4200м баланди доранд.

Дар ташаккули релефи Тоҷикистон таърихи тараққиёти геологӣ, алалхусус ҳаракатҳои ҷадиди кӯҳпайдошави нақши амиқ гузоштаанд. Раванди кӯҳпайдошавӣ имрӯзҳо ҳам идома дорад. Зилзилаҳо далели ин раванд мебошанд.

Тоҷикистон аз сарватҳои зеризамини бой аст, ҳанӯз дар замони қадим ва асрҳои миёна аз ин сарзамин қалъагӣ, тилло, сурма, симоб, нуқра, лоҷвард, лаъл, ёқут, фирӯза, навшодир, оҳан, намаки ош ва ғайра истихроҷ ва коркард мекарданд. Ҳоло дар марзи Тоҷикистон он қариб 500 сони канданиҳои фоиданок кашф шудааст 50 навъ маъдан доранд, 40 навъи онҳо истеҳсол карда мешавад.

Конҳои калони ангиштсанг дар Шӯроб, Фон-Яғноб, Моғиён, Куштуд-Заурин, Назарайлоқ, Куртека, Нафтугаз дар КИМ, Нефтобод, Работ, Айритан, Кичикбел, оқбошадир, Қизилтумшуқ, Шоҳамбарӣ, конҳои полиметалӣ, нодиру ранга дар

қаторкӯҳҳои Қурама, Муғул, Зарафшону Ҳисор – кадмий, висмут, молибден, волфрам,тилло, нуқра, сурма, симрб маълуманд. Аз сарватҳои ғайримаъданӣ озокерит, фосфорит, намаксанг, масолеҳи сохтмон дар Исфара, Равот (Панҷакент), Хоҷамӯъмин, Хоҷасартез, Оқсукон, Тошбулоқ, Танобчӣ ва ғайра маълуманд.

Куҳистони Помир бо сангҳои қимматбаҳо: лаъл, лоҷвард, скаполит, рубил ва турмалин машҳур мебошад. Фирӯза дар Қарамазору Исфара, булури кӯҳӣ дар Ванҷ, Бартанг, Язғулом, Шохдара, Варзоб, Флюорити Шаффоф дар кӯли Калон ва ғайра кашф шудаанд.

Дар Тоҷикистон беш аз 200 чашмаи гарму сарди минералӣ, 20 кӯли лойқаашон шифобахш ва захираи калони мумиёи давоӣ маълуманд.

Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон иқлими гарму хушк континентиалии шадид, зимистони кӯҳтоҳу мулоим ва тобистони тӯлонии гарм хос мебошад. Маҷмӯи радиатсияи солонаи офтоб вобаста ба баландии маҳал аз сатҳи баҳр аз 176 (ҳамворию водиҳо) то 51 ккал/см$^2$ тағйир меёбад. Давомнокии давраи нумуъ ба 195 (дар кӯҳҳо) – 315 (дар ҳамвориҳо) рӯз мерасад. Ҷамъулҷамъи ҳарорати миёнаи мусбат шабонарӯзӣ, ки аз +5°С болост тӯли сол дар пастиҳо ва водиҳо аз 6000°С беш мебошад. Чунин миқдори ҳарорат имконият медиҳад, ки рустаниҳои гармидӯсти субтропикӣ парвариш ёбанд ва соле аз рустаниҳои алоҳида ду ва ё се ҳосил рӯёнида шавад.

Ҳарорати миёнаи солонаи ҳаво аз 17,2°С дар ҷануб (Айваҷ, Шаҳритус) ва то 6,9 °С дар Помир тағйир меёбад. Дар ҷануб ҳарорати миёнаи моҳи январ +2°С-0°С, июл 28-30°С (дар Айваҷ ба 48°С ) мерасад. Дар баландкӯҳҳо ҳарорати миёнаи моҳи январ аз минуси 14 то 26°С (дар буллункӯл 50-60°С), июл аз +4 то 15°С мерасад.

Давомнокии фасли зимистон дар ҷанубу ғарби ҷумҳурӣ 60-80 шабонарӯз, дар Помир 184 шабонарӯз, баҳор дар Хуҷанд 65 шабонарӯз, дар Хоруғ 102 шабонарӯз, тобистон дар Мурғоб 69 шабонарӯз дар Ёвону Панҷ 149 шабонарӯз, тирамоҳ дар Мурғоб 38 шабонарӯз, дар Тавилдара 89 шабонарӯз давом мекунад.

Боришот тӯли сол нобаробар тақсим шудааст.. Бориш дар зимистону баҳор бештар, вале тобистону тирамоҳ камбориш аст, солее дар ёнаҳои ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор (Хоҷаобигарм 1511-2000мм) дар болооби дарёи Хингоб (1800 мм), дар водиҳои шимол ва ҷануби Тоҷикистон на зиёда аз 200 мм, дар Помири Ғарбӣ 800-1500мм, дар Помири Шарқӣ то 100 мм бориш мешавад.

Дар марзи Тоҷикистон 8482 пирях ба ҳисоб гирифташудааст, ки майдони умумиашон ба 8476,2 киллометри мураббаъ мерасад ва 6% масоҳати ватанамонро ташкил медиҳад. Дар ин пиряххо 456,9 киллометри мукааб об захира шудааст ва соле ба дарёҳо қариб 62 км$^2$ об медиҳанд. Пиряххо асосан дар Помири Ғарбӣ ва Ҳисору Олой ҷойгиршудаанд. Мушоҳидаҳои бисёрсола аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки пиряххои Тоҷикистон дар Ҳолати Коҳишёби қарор доранд.

Тоҷикистон аз ҷиҳати захираи об (дарёҳо) дар Осиёи Маркази дар ҷои аввал, дар ИДМ ҷои дуюм, дар байни мамлакатҳои Осиё яке аз ҷойҳои намоёнро ишғол мекунад. Шумораи дарёҳое, ки аз 10км бештаранд ба 947 мерасад ва дарозии якҷояи онҳо беш аз 28500 киллометр мебошад. Дарёҳои Тоҷикистон асосан ба ҳавзаи дарёҳои Омӯ, Зарафшон ва Сир мансубанд.

Дар Помири Шарқӣ рӯдҳои Қароҷилға, Оқҷилға, Музкӯл ва чанде дигарон ба кӯли беҷараёни Қарокӯл мерезанд. Дарёи Маркансу ба ҳавзаи дарёи Тарим (Хитой таллуқ дорад. Дарозтарин дарёҳои кишвар Сир (2212 км), дар ҳудуди вилояти Суғд 197 км, Амударё (1415 км), дар ҳудуди вилояти Хатлон 85 км, Панҷ 921 км, Зарафшон (877 км) дар ҳудуди музофоти Зарафшони Тоҷикистон 316 км, Кофарниҳон (387 км, Қизилсӯ (ҷануби) 235 км, Оқсу 222 км, Мурғоб 187 км, Яхсӯ 160 км, Хингоб 136 км, Бартанг 128 км ва ғайра мебошанд. Захираи потенсиалии нерӯи энергетики онҳо ба 527 миллиард КВТ соат баробаранд.

Дар Тоҷикистон 1300 кӯли андозаашон беш аз як га масоҳат дошта маълуманд, масоҳати якҷояи онҳо ба 705 $км^2$ баробар буда, дар онҳо 46,3 $км^3$ об захира шудаанд. Бештари кӯлҳо дар Помир ва Ҳисору Олой ҷойгир шудаанд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 10 обанбор мавҷуд буда, 664 $км^2$ масоҳат ва 7,63 $км^3$ ҳаҷми манфиатдор доранд. Дар зеризамини кишвар захираи калони оби зеризаминии истифодашаванда дар умқи 100 м воқеъ ва 18,7 $км^3$ захира доранд.

Захираи обҳои сатҳӣ ва зеризаминӣ аҳамияти калони хоҷагӣ дошта, дар соҳаи хоҷагии қишлоқ, саноат, хоҷагии коммуналию маишӣ, рекратсия, туризм ва ғайра васеъ истифода мешаванд.

Вобаста аз баландии маҳал, иқлим, ҷинсҳои хоковар типҳои гуногуни хок аз қобили хокҳои хокистаранг, дорчинӣ, марғзорию даштӣ, биёбонии баландкӯҳ, шӯрзаминҳо ва ботлоқҳо дучор мешаванд. Дар ҳудуди кишварамон 6-6,5 ҳазор намуди рустаниҳои дараҷаи олӣ, 51 намуди моҳӣ, 2 намуд обхокӣ,ю 45 намуд хазанда, 360 намуд паранда 85 намуд ширхӯр, (бо намудҳои аз хориҷи кишвар овардашуда) ва 12 ҳазор намуди бемӯҳраҳо дучор мешаванд.

Бо мақсади нигоҳ доштани генофонд ва афзун намудани намудҳои нодиру камшумори олами набототу ҳайвонот ва ҳифзи маҳалҳои зебои кишвар мамнӯъгоҳи «Бешаи Палангон» (с. 1938), Ромит (с. 1959) Даштиҷум (с. 1983) Зоркӯл ва 14 парваришгоҳ таъсис дода шудааст. Муҳофизати табиат ин муҳофизати инсон, саломатӣ, табъи хуш ва илҳоми ӯст.

**Таърих.** Тоҷикистон дар тӯли та ърих дар ҳайҳати давлатҳои хурду бузурги Ҳахоманишиён (550-330 то мелод), Селевкидҳо (321-305 то мелод), Ашкониён (250-224 то мелод), Кушониён (асрҳои 1-4), Сосониён (224-652 мелод), Ҳайтолиён (асрҳои 5-6), Умавиён (671-750), Аббосиён (861-900), Сомониён (875-999), Ғазнавиён (963-1186), Қарахониён (1005-1212), Салчуқиён (1040-1157), Хоразмшоҳиён (1072-1220), Темуриён (1370-1500), Шайбониён (1500-1598), Аштархониҳо (1598-1753), Манғитиҳо (1753-1920), Ҷумҳурии Халқии Шӯравии Бухоро (1920-1924) ва ғайра буд.

Тоҷикистон моҳи октябри соли 1924 ба ҳайси ҷумҳурии худмухтор таъсис ёфт. Ба ҳайати он вилоятҳои Ғарм, Кӯлоб, Қурғонтеппа, Ҳисор, қисми Сариосиё аз Ҳисоби ҶХШ Бухоро ва 12 ноҳия аз қабили Киштуд, Панҷакент, Моғиён, Уротеппа, Фалғор, Фороб, Масчоҳ, Шаҳристон ва ғайра аз ҳисоби ҶШ Туркистон щомил буданд. Масоҳати ҷумҳурӣ 135620 $км^2$ аҳолиаш 739503 нафарро ташкил медод, ки аз ин миқдор 65,4% тоҷикон ва 32,4% ӯзбекҳо буданд.

Моҳи декабри соли 1925 Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ташкил ёфт ва ба ҳайати ҶМШС ҳамроҳ гардид. Дар соли 1925 Тоҷикистон аз вилоятҳои Бадахшон, Ғарм, Душанбе, Кӯлоб, Қурғонтеппа, Панҷакент ва Шаҳристон иборат буд. 4-сентябри соли 1929 вилояти Хуҷанд ки дорои 16 ноҳия ва 250,8ҳазор аҳоли буд ба Тоҷикистон ҳамроҳ карда шуд.

16 октябри соли 1929 дар ҳайати вилоятҳои Бадахшон, Ғарм, Кӯлоб, Қурғонтеппа, Уротеппа, Панҷакент, Ҳисор ва Хуҷанд, ки дорои 1 миллиону 200 ҳазор нафар аҳоли буд ҶШС Тоҷикистон ташкил шуд.

9 сентябри соли 1991 Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Эъломия дар бораи истиқлолияти миллии Тоҷикистон қабул кард.

Ҳоло Тоҷикистон аз лиҳози маъмурӣ дорои вилотя Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилояти Суғд, Хатлон, 17 шаҳр 54 ноҳия ва 367 ҷамоати деҳот мебошад.

**Аҳоли.** Тоҷикистон аз лиҳози маъмурӣ дорои вилояти сермиллат аст, дар он зиёда аз 55 халқияту миллатҳои забон, маданият ва урфу одатҳояшон гуногун умр ба сар мебаранд.

Мувофиқи барӯйхатгирии аҳоли 1 январи соли 1989 шумораи аҳолии ҷумҳурӣ 5112 ҳазор нафар буд. Охири соли 2009 аҳолии Тоҷикистон 7 миллиону 500 ҳазор нафарро ташкил дод. Соли 2000-ум таркиби қавмии аҳолӣ чунин буд: тоҷикҳо 80% ӯзбекҳо 15,3%, русҳо 1,1%, қирғизҳо 1,1%лақайҳо 0,8%, туркманҳо 0,3%, тоторҳо 0,3%, забони давлати тоҷикӣ мебошад. 98% аҳоли мусулмон, қисми зиёдашонро сунниҳо ва 5%-ро шиаҳо (исмоилҳо) ва дигар намояндагони дину оин зиндагӣ мекунанд.

Зичии миёнаи аҳоли дар 1 $км^2$ ба 42,1 нафар мерасад. Ин нишондиҳанда дар Тоҷикистони Шимолӣ 135 нафар, дар води Ҳисор 75 нафар дар води Вахш 61 нафар дар ВМК Бадахшон зиёда 1 нафар. Дар Тоҷикистон афзоиши аҳоли баланд аст ва солее 80-90 ҳазор нафар зиёд мешавад, қисми зиёди аҳолӣ дар деҳот (66%) зиндагӣ мекунанд.

Шаҳрҳои сернуфус (соли 2007).

1. Душанбе – 660,9 ҳазор нафар
2. Хуҷанд – 154,7 ҳазор нафар
3. Кӯлоб – 91,9 ҳазор нафар
4. Қурғонтеппа – 69,9 ҳазор нафар
5. Истаравшан – 59,2 ҳазор нафар
6. Конибодом – 47 ҳазор нафар
7. Ваҳдат – 48,4 ҳазор нафар
8. Турсунзода – 42,5 ҳазор нафар
9. Исфара 40,0 ҳазор нафар

75,5% аҳоли дар соҳаи истеҳсолоти моддӣ ва 24.3% дар соҳаи ғайриистеҳсолӣ банд аст.

## Иқтисодиёт

**Саноат.** Дар соли 2006 Тоҷикистон дорои 1094 корхонаи саноатӣ буд. Дар ин сол ҷумҳурӣ ба маблағи 4663 миллион сомонӣ маҳсулоти саноатӣ тавлид намуд. Ҳиссаи корхонаҳои саноатӣ чунин буд: саноати металлургӣ 44,9%, саноати хӯрокворӣ 26,9% саноати сабук 13,9%, саноати сӯзишворию энергетикӣ 6,6%, саноати масолеҳи сохтмон 3,3%, саноати мошинсозӣ ва коркарди филизот 2,1% саноати химия ва нефту химия 1,7%. Дар саноат 90,2 ҳазор нафар одамон шуғл доштанд. Соли 2008 дар ҷумҳурӣ 94 ҳазор тонна ангишт, 26 ҳазор тонна нафт, 16 миллион $м^3$ газ, 12 ҳазору 598,9 тонна нахи пахта тавлид гардидааст

**Кишоварзӣ.** Соли 2006 3829,5 ҳазор гектар замин ба истифодаи кишоварзӣ буд. Соли 2008 дар кишвар 962,3 ҳазор тонна ғалладона, 635 ҳазору 574 тонна картошка, 534 ҳазору 298 тонна сабзавот, 103 ҳазору 636 тона ангур, 271 ҳазору 97 тонна ғилин, истеҳсол шудааст. Соли 2009 дар ҷумҳурӣ 1 миллиону 250 ҳазор тонна ғалла ҷамъовари карда шуд, ки 90 фоизи онро гандум ташкил мекунад.

Тоҷикистон ба хориҷа алюминий, пахта, нерӯи барқ, меваю сабзавот, сангу металлҳои қимматбаҳо содир намуда, аз мамолики хориҷӣ маҳсулотҳои хӯрокворӣ, либос, таҷҳизотҳои гуногуни тиббӣ ва техникӣ ворид мекунад. Тоҷикистон молҳои худро ба Нидерландия, Туркия, Россия, Ӯзбекистон, Эрон ва Швейтсария содир мекунад. Ба Тоҷикистон мол аз Россия, Қазоқистон, Ӯзбекистон, Озарбойҷон, Хитой, Украина, Руминия, Туркманистон, Италия ворид мешавад.

**Нақлиёт.** Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳиссаи роҳи оҳан, автомобилӣ ва ҳавоӣ калон аст. Тақрибан 90% боркашонӣ ба нақлиёти автомобилӣ рост меояд. Дарозии умумии роҳи автомобилгард 20 ҳазор км аз он 1,35 ҳазор км мумфарш мебошад. Солҳои охир роҳи автомобилгарди Душанбе Айнӣ Истарафшан васеъ ва мумфарш карда шуд. Нақби «Истиқлол» имконият фароҳам овард, ки ҳаракати автомобилҳо дар тамоми сол фаъолият намоядл. Роҳи нави автомобилгарди Кӯлоб Қалъаихумб Хоруғ ба кор омода гардид. Роҳи Душанбе Ғарм Ҷиргатол Саритош аз нав таъмир ёфт. Бозсозии роҳи Душанбе Турсунзода оғоз ёфт.

**Нақлиёти роҳи оҳан** 570 км барои кашонидани борҳои дохили мамлакат ва чи хориҷа ёрӣ мерасонад. Дар солҳои истиқлол роҳи оҳани Қурғонтеппа Кӯлоб ба охир

расид. Нақлиёти ҳавоӣ барои кашонидани мусофирон, почта ва борҳои зудвайроншаванда хизмат мекунад.

### *Б О Б И  4*

# Осиёи Шарқӣ: маркази иқтидори иқтисодии ҷаҳонӣ

## 4.1 Тавсифи умумии сарзамин

Тафриқаи таърихӣ-фарҳангӣ: Осиёи хориҷӣ дар низоми ташаккули географӣ Осиёро аз назари таркибии таърихӣ-фарҳангӣ ба сарзаминҳои мухталиф ба монанди Осиёи Ҷанубӣ-Ғарбӣ, Осиёи Ҷанубӣ, Осиёи Ҷанубӣ-Шарқӣ, Осиёи Шарқӣ ва инчунин, Осиёи Марказӣ ( Тоҷикистон, Узбекистон, Кирғизистон, Қазоқистон ва Туркманистон, ки дар натиҷаи пошхӯрии ИҶШС чунин номгузорӣ шуд) тақсим мекунанд.

Оид ба қонунӣ ва қобили қабул будани чунин номгузории сарзаминҳо метавон баҳс намуд. Масалан, ба таври сунъӣ аз ҳам ҷудо намудани ҷаҳони ислому араб ё худ шомил намудани Муғулистон мантиқан ба Осиёи Марказӣ мансубро ба ҳайати Осиёи Шарқӣ. Аммо, чунин тақсимотро (бо баъзе тағйиротҳо) СММ қабул дорад ва он тафриқаи таърихӣ-фарҳангии ҷаҳониро инъикос менамояд, чунки дар ин маврид сухан дар бораи баҳогузории ҷамиятӣ-географӣ, хусусан дар соҳаи маориф меравад. Таҳлил ва омӯзиши амиқу касбии гуногуншаклии фарҳангӣ-таърихии ин қисмати ҷаҳон, баҳогузории дақиқи ҳудудҳои ин давлатҳоро, то омӯзиши алоҳидаи фарҳангу, таърихи баъзе давлатҳоро талаб менамояд. Дар баъзе ҳолат, ин омӯзиш аз омӯзиши таърихи «гаҳвораи» тамаддуни башарӣ Байнаннаҳрайн Месопотамия, Миср ва Леванта- чорраҳаи тамаддун ва се динӣ ҷаҳонӣ бармеояд. Дар ин ҷой қалби ҷаҳони Араб (Арабистони Саудӣ, Омон, Яман ва давлатҳои халиҷи Форс) ва маркази ислом-Макккаи мукаррама ва Мадинаи мунаввара ҷойгир шуда, пайвастагии асрҳои миёна ва имрӯз эҳсос мегардад. Яке аз самтҳои омӯзиши фарҳангу таърихи ин минтақа ба сӯи ғарби ҷаҳони араб – Мағриб (Мароккаш, Тунис, Алҷазоир) равона шудааст.

Беназирии Осиёи Хурд, ин ҷойгир шудан дар дуроҳаи Осиё ва Аврупо мебошад. Баъдан фазои махсуси фарҳангӣ-таърихиро Эрон ва Афғонистон, ки ҳамчун васлгари тамаддуни Хитой, Ҳинд ва дигар тамаддунҳо мебошад, ташкил медиҳад. Ба тарафи Шарқ ҳаракат намуда, ба дигар чиз таваҷҷӯҳ медиҳем: баъзе ашхос минтақаи фарҳангӣ-таърихии «Осиёи Марказӣ»-ро ба назари эътибор нагирифта (ҳамчун «меваи» эҷодиёти терминологии замони Шӯравӣ ҳисобида), фарзияи вуҷуд доштани ду Туркистонро дар ин қитъаи Осиё исбот карданӣ мешаванд: яке аз ин Туркистонҳо яъне халқҳои тоҷику-узбеки дар қаламрави собиқ Шӯравӣ ҷойгир шуда, дуюм хитоиҳои мавзеи бо Қошғар, ки шабаҳи Фарғона аст. Бо чунин назария, Осиёи Марказӣ - ин аллакай дигар Осиё аст, яъне Муғулистон, Тибет дар Хитой инчунин Қазоқистон, Туркманистон ва ҳатто Қалмиқистон. Ин ақида аз лиҳози таърихию географӣ хатост, зеро чунин шаклбандӣ фазои ягонаи фарҳангӣ надорад ва қобили қабул нест.

Дар Осиё ба сифати сарзамини фарҳангӣ-таърихии алоҳидаю анъанавӣ Хитой, Япония, Ҳинду-Хитой, Осиёи Ҷанубӣ-Шарқӣ ва Ҳиндустон ҷудо карда мешаванд. Ҳамчун ба гаҳвораи таммадуни Хитой – водии дарёи Хуанхэ, ҳавзаи

Янсзы ва ҷануби кишвар; Ҳинду –Хитой ва ҷазираҳои он; Ҳиндустон қисми шимолу ғарби он (Панҷоб, ноҳияи Деҳлӣ, Раҷпутан, Покистон, Кашмир). Шимолу шарқ (Бангола, Бихар, Банглодеш) ва Ҷануб (Махараштра, Тамилнад, Мадрас).

**Фарҳанг ва дин ҳамчун омили ягона дар минтақа**. Ақидаи дар ҷаҳон устуворшуда, ки тақдири инсонҳо дар ҳамбастагӣ умумият доранд, бо сабаби коҳиш ёфтани ихтилофҳои ҳарбӣ-сиёсӣ дар Осиёи имрӯза, тақвияти худро ёфта истодааст.

Маълум аст, ки барои кишварҳои Осиёи Шарқи ва Ҷанубӣ-Шарқӣ тамоюли динҳои хитоӣ-конфутсионӣ, ҳиндӣ-буддоӣ ва арабӣ-исломӣ ба назар мерасад. Дар ин ҷой институти ҳазорсолаи ҷамъиятӣ ва арзишҳои маънавиро ҳифз намудааанд ва конфутсизм, буддизм ва синтоизм (Япония) на танҳо арзиши воло доранд, балки аз ҷиҳати таълимоти фалсафӣ низ арзиш доранд. Диққатҷалбкунанда он аст, ки Осмон барои мардуми минтақаи Осиё ҳамчун худои бузург эътироф шуда, парастиши худо мавқеи асосиро ишғол мекунад. Албатта, сухан дар бораи мувозӣ будани динҳои хитоӣ-конфутсӣ, ҳинду-буддоӣ, синтоӣ ва дигар арзишҳои динии шарқ ва дорои иқтидори интегратсияи иқтидори динӣ меравад. Дини Ислом бошад ба эҳтимоли таъсиру тамоюли дигар динҳо камтар гирифтор шудааст. Дар олами ислом ҳамеша ҳаракатҳо оид ба бунёди ҷомеаи мусулмонии тиффоқ арзи вуҷуд доранд.

Дар кишварҳои Осиёи Ҷанубӣ - Шарқӣ мисли Индонезия ва Малайзия таълимот, унсурҳо ва ақоиди исломӣ асоси фаъолияти сиёсӣ аст. Кӯшиши якум дар Индонезия ҷиҳати бунёди давлатдорие, ки ҳокимият дар дасти рӯҳониён бошад баъди соҳибистиқлол гаштанашон ба миён омада буд (аз ҷониби Президент Сукарно соли 1945 панҷ ақида барои идеологияи расмии Индонезия пешниҳод намуд, ки якеаш доир ба «озодии динӣ ва эътиқод ба худои ягона» буд ва пешвоёни динӣ онро ҳамчун даъват ба сохтори ҷамъияти фундаменталӣ дар асоси якдилӣ ва ҳамбастагии мусулмонон қабул намуданд). Кӯшиши дуюм дар Малайзия сурат гирифт, ки дар ин ҷой ислом ҳамчун дини расмӣ ҳисобида мешавад ва ба динҳои дигар низ ҷиҳати парастиш иҷозат дода шудааст. Нозукии вазъ дар он аст, ки малиҳо ҳама мусулмонанд, ки тибқи Констутсия дар ҷамъият дорои мақоми махсус буда, танҳо нисфи аҳолии кишварро ташкл медиҳанд. Ҳамин тарз ислом ҳамчун яроқ ба муқобили касоне, ки малайӣ нестанд, равона шудааст. Фарҳанги исломӣ аз ҳама пурқувватарин такондиҳандаи сиёсат дар минтақаи Шарқи Миёна ва Наздик мебошад.

Аммо, фаромӯш набояд кард, ки ин минтақа на танҳо ватани ислом аст, балки ҳамчунин ватани дини насронӣ ва яҳудӣ низ мебошад ва имрӯз ҷаҳони араб хеле рангин ва пур аз мухолифат гаштааст.

**Сарзамини табиӣ-географӣ**. Аз лиҳози табиӣ-географӣ Осиёи Шарқӣ бо маънои томаш канори шарқии китъа фаҳмида мешавад аз Шарқи Дури Россия то ҷанубу шарқи Хитой. Ин минтақаи тӯфону гирдбодҳо ва дигар ҳолатҳои табиӣ аст. Аммо, аз мавқеи географи гуманитарӣ ба ин минтақа қисми Осиёи Боло низ (қатторкӯҳҳо, доманакӯҳҳои Помир, Ҳиндукуш, Қароқорум, Ҳимолой, Тибет, Кун-Лун дохил мегарданд, ки садди орографиест қисми географияи таббии оид ба омӯзиши релеф, ки ба гардиши атмосфераи замин таъсир менамояд) шомил мегардад.

Назаре ба қисмати табиӣ-географӣ Осиёи Шарқӣ, бо ҷамъи сатҳи замин (ландшафт)-и минтақа меандӯзем, ки аз ҷиҳати хусусиятҳои тектоникӣ-орографӣ, иқлими хос, мавқеашон ба тамоми қитъа ва уқёнус баробар карда ва омӯхта

шудаанд. Муғулистони шимолӣ, ки хусусияти иқлимиаш аз бешазорҳои кӯҳии ҳудуди Сибири Ҷанубӣ ва доманакӯҳҳои Осиёи Марказӣ манбаъ мегирад, дар маҳалли ҳаракати зимистонаи антисиклони Осиё қарор гирифтааст, ки доминаи (амплитудаи) ҳарорати ҳаворо байни фаслҳои зимистон ва тобистон ва ҳамчунин дар давоми рӯз инъикос менамояд.

**Муғулистони Шарқӣ ва Хитой Шимолӣ** бо биёбонҳои Гоби ва Алашан, паҳнкӯҳҳои Бэйшан ва Ордос, ҳамчунин бо кӯҳҳои ҳудудҳои Муғулистон ва Хитой иҳота гардида ба ҳам алоқаманд мебошад. Меъёри муайяннамоии ин қисмат, намуди сатҳи даштҳои якранг ва камбориши аст (камтар аз 200мм, онҳам аксар тобистон мебарад).

**Хитой Шимолӣ-Ғарбӣ**, масоҳатан мутобиқат менамояд бо системаи кӯҳии Тян ва пастхамии Ҷунгар ва Қошғар (Тарим). Хусусиятҳои иқлимии хушкӣ ва тобистони гарму зимистони сард аст.

*Паҳнкӯҳҳои Сикану-Тибет* ҳамчун яке аз паҳнкӯҳҳои бузурги олам ҳисобида мешавад. Минтақа аз дигар қисматаҳои Осиё бо силсилакӯҳҳои баланд ва паҳнкӯҳои биёбонӣ ҷудо карда шудааст.

**Ҳимолой** (тарҷумааш «ҳокимияти барфҳо») ҳамчун системаи бузургтарини кӯҳии ҷаҳон аст. Ин қисмат – муҳимтарин ҳудуди табиии иқлимӣ, геоморфологӣ ва олами наботот дорад.

Хитой Шимолӣ-Шарқӣ ва нимҷазираи Корея, *дар* арзи муътадили субтропикӣ ҷойгир шуда, атрофашро кӯҳҳои на он қадар баланд (Хингани Калон, Ининан ғайра) ва ҳамвориҳо иҳота менамоянд. Назар ба иқлими ғарбии дар як арз воқеъ гардидаи Аврупоосиё иқлими вазнинтар дорад.

Хитой Ҷанубӣ-Шарқӣ, *дар ҳавзаи* Янсзи ва Ситзян, дар минтақаи субтропикӣ субэкваторӣ ҷойгир шудааст. Сарҳади шимолии онро силсилакӯҳҳои Синлин ва ғарбу қисми шарқиро доманакӯҳҳои Сино-Тибет ташкил медиҳанд, ки онро Минтақаи тӯфон ва гирдбодҳо меноманд.

Ҷазираҳои Япония, дар масоҳати калон аз шимол то ҷануб дар арзи муътадил ҷойгир шудааст. Релефи маҳал аз қаторкӯҳҳои начандон калон ва паҳноҳо иборат буда, минтақаи хатарноки заминларза ва вулқонҳо аст. Зимистони хунук дорад.

**Тавсифи давлатҳо.** Осиёи Шарқиро давлатҳои Хитой, Тайван, Ҷумҳурии Халқӣ-Демократии Корея, Ҷумҳурии Корея, Муғулистон, Япония ташкил медиҳад.

***Ҷадвали № 8.***

**Давлатҳои мустақили осиёи Шарқӣ бонки маълумотҳои оморӣ**

| Мамлакатҳо | Масоҳат ҳаз. км² | Аҳолӣ млн. нафар | Афзоиши табиии аҳолӣ % | Давомнокии умр. | | Истифодаи ғизо шабонарӯз к/кал. | ММД | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | мардон | занон | | умумӣ | Ба сари 1 одам, долл. |
| ҶХХ | 9598,0 | 1336,6 | 0,6 | 69 | 73 | 3044,6 | 8158,0 | 6200 |
| ҶХДК | 122,0 | 22,9 | 0,8 | 62 | 68 | 2099,5 | 40,0 | 1800 |
| Муғулистон | 1564,1 | 2,8 | 1,5 | 61 | 65 | 1963,3 | 6,0 | 2200 |
| Ҷумхурии Корея | 99,4 | 48,4 | 0,4 | 72 | 80 | 3072,6 | 983,3 | 20300 |

| | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Тайван | 36,0 | 22,6 | 0,6 | 73 | 78 | - | 631,2 | 27600 |
| Япония | 372,8 | 127,4 | 0,02 | 78 | 85 | 2782,0 | 3867,0 | 30400 |

Ҳудуди минтақа як масоҳати калони аз ҷониби ғарб аз системаи маҳдуд, вале муқтадири кӯҳҳо ва аз ҷониби шарқ аз занҷираи вулқонҳо иҳоташуда иборат аст, ки қада-қади қитъаи Осиё бо воситаи галаҷазираҳои Малайя, Тайван, Ҷопон ба сӯи баҳри Беринг тӯл кашидааст. Паҳноии васеъ танҳо дар қисмати шимолу-шарқи Хитой мушоҳида карда мешавад.

Аз давраҳои қадим дар ин минтақа мавқеи махсусро Хитой бо аҳолии сернуфусаш ишғол менамуд. Дар асри XIX мустамликадории Франсия ва Британия мавқеъю нуфузи Хитоиро коҳиш доданд. Дар ҳамин ҳолат, бо бастани шартномаҳои ҳамкорӣ бо Россия, таъсири хитоиҳоро дар шимол хеде маҳдуд намуд. Соли 1895 баъд аз ҷанги Хитой ва Япония, Хитой Тайванро аз даст дод. Соли 1921 бошад, дар Муғулистон, ки чандин аср таҳти тассаруфи Хитой қарор дошт, инқилоби мардумӣ ба амал омад ва соли 1924 Ҷумҳурии Халқии Муғулистон таъсис дода шуд. Аз ҳамин давр Муғулистон бо Иттиҳоди Шӯравӣ риштаи дӯстӣ баста, сохти ҷамъиятии шӯравиро бо ҳама дастовардҳо,комёбиҳо ва камбудиҳояш қабул намуд.

Дар садаи XX минтақаро ҷангҳои роҳзанонаи Япония ба дод оварда буд. Харитаи географии ҳудуди ҳозираи Осиёи Марказӣ-Шарқӣ танҳо баъди таслимшавии бечуну чарои Япония дар моҳи сентябри соли 1945 таҳия карда шуд. Соли 1948 Ҷумҳурии Корея ва Ҷумҳурии Халқӣ-Демократии Корея таъсис ёфт. Дар соли 1949 бошад Ҷумҳурии Халқии Хитой арзи вуҷуд намуд. Солҳои 1997 ва 1999 ба ҳайати Хитой худудҳои собиқ, Сянган (Гонконг- таҳти тассаруфи Британия) ва Аомэн (Макао- таҳти тассаруфи Португалия) баргадонида шуданд.

Дар гузаштаи на чандон дур Осиёи Шарқӣ аз «музофоти аграрӣ» ба минтақаи аз ҷиҳати иқтисодӣ пешсаф баромадааст.

Аввалан, дар ин ҷой давлатҳо муқтадири № 2 ва 3 ҷаҳони муосир аз ҷиҳати маҷмӯи маҳсулоти дохили бой Хитой ва Япония ҷогир гаштаанд. Ҳамзамон, Хитой ягона кишварест, ки марҳилаи дуру дарози бебӯҳрони рушди иқтисодиро аз сар мегузаронад. Дар назар аст, ки маҳз Хитой баъди 10-15 сол кишвари дорои иқтисодиёти пешрафта мегардад.

Дуюм, дар Шарқ ва Ҷануби Шарқии Осиё кишварҳое ҷой гирифтаанд, ки саноатикунонии хоҷагӣ дар онҳо суръати баланди рушд доранд.

*Сеюм,* фаромӯш набояд кард, ки аз бесарусомониҳои солҳои 90-уми асри XX халос шуда, бо шиддат ба сатҳи бемайлони рушди иқтисодӣ расида истодааст.

Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки тадриҷан тамоюли гузариши маркази фаъолияти робитаҳои иқтисодӣ ва молӣ аз соҳилҳои уқёнуси Атлантика ба минтақаи Осиё ва укёнуси Ором кӯчида истодааст.

*Мақоми географии* кишварҳои Осиёи Шарқӣ хусусиятҳои махсуси зерини ин минтақаро инъикос менамояд:

- Кишварҳои Осиёи Шарқӣ дар якҷоягӣ бо ҳамсояи худ Осиёи Ҷанубӣ-Шарқӣ ва инчунин, бо Осиёи Ҷанубӣ, Россия ва давлатҳои ИДМ аз ним зиёд аҳолии кӯраи заминро ташкил медиҳанд;

• Баромади васеъ ба соҳилҳои уқёнуси Ором бо фарогирии ҳамаҷонибаи митақаҳои дури Осиё, имконияти зиёдро барои иштирок  дар раванди рушди кишварҳои ҳамҷавор ва минтақаи Осиё ва уқёнуси Ором пешбинӣ менамояд;

• Рушди босуръати иқтисодии як қатор кишварҳои Осиёи Шарқӣ дар нимаи дуюми асри XX  ба нобаробар ҷойгиршавии қувваҳо дар минтақа оварда расонд, ки хавфи рӯ задани муаммоҳои зиёди  баҳсталаб вуҷуд дорад. Хитой бо аҳолии зиёда аз як миллардааш дар минтақа ба яке аз кишварҳои абарқудрат табдил ёфтаст, ки дорои иқтидори калони иқтисодӣ,  қувваҳои калони ҳарбӣ муҷаҳҳаз ва дорои  яроқи ядроӣ мебошад. Барои нигоҳ доштани пойдории вазъияти субот ва нақши сиёсиро Япония  низ  мебозад.

• Кишварҳои имрӯзаи Осиёи Шарқиро ҳамчун ҳарифи ягонаи марказҳои пешбари ҷаҳон дидан лозим аст, ки ҳамчун сарчашмаи таъсиси шаклҳои гуногуни фазои иҷтимоӣ-иқтисодии ҷаҳон мегарданд. Ин аввалан, натиҷаи марҳилаи дуру дарози рушди минтақа аст.  Танҳо дар Осиёи шарқӣ дар марҳилаи баъдиҷангӣ тавонистанд сатҳи рушди иқтисодиёти худро ба сатҳи рушди иқтисодиёти  мамолики ғарб расонанд. Минтақаҳои дигари олам (Африқо, Осиёи Ҷанубӣ) ё тамоман қафо монданд ё дар як меъёр монданд (Амрикои Лотинӣ, Шарқи Наздик). Танҳо дар Осиёи Шарқӣ кишварҳое ҳастанд, ки баъди Ҷанги Дуюми ҷаҳон ба малакатҳои пешрафтаи саноатӣ табдил ёбанд – Япония, Ҷумҳурии Корея, Тайван. Танҳо ин кишварҳо тавонистанд рушди маҷмӯи маҳсулоти дохилии худро дар сатҳи баланд нигоҳ доранд. Таърих чунин пешрафти иқтисодиётро дигар ёд надорад. Чунин ҳолат ба он оварда расонд, ки мазмун ва мундариҷаи давлатдории ин кишварҳо тағйир ёфта, барои иштирок дар раванди сохти ҷаҳони нав саҳмгузор бошанд. Рушди босуръати ҳамаҷонибаро дар мисоли Ҷумҳурии Корея метавон дид.

Пеш аз ҳама дар Ҷумҳурии Корея қонунҳои саривақтии иқтисодӣ қабул карда шуданд  (қонунҳо оид ба хусусигардонии моликияти шахсӣ ва мубодилаи пул, ба танзим даровардани амалиётҳои савдои беруна ва **назорати нархҳо**, шароити муносиб фарҳоам оварданд ба содирот ва субсидияҳо, иҷозатдиҳӣ (литсензия) ба ворид намудани сармоя (инвеститсия), тағйир додани қурби арзи хориҷӣ, қонун дар бораи меъёри вақти корӣ, қонун дар бораи соҳибкории хурд).  Дар ин асос дар сиёсати иҷтимоӣ-иқтисодӣ **фазои ҳуқуқӣ** ба амал омад. Афзалият дар ин замина ба **соҳибкории хурд** дода шуд, ки баъдан кишварро ба яке кишварҳои саноатӣ («паланги осиё») ва корпоратсияҳояшро ба яке аз корпоратсияҳои пешрафтаи ҷаҳон табдил дод. Соҳибкории хурд то ҳол васеъ тарғиб карда мешавад.

Давлат  соҳибкории хурдро ҳамаҷониба дастгирӣ менамояд. Кӯмаки давлат аслан барои дастгирии лоиҳахои инноватсионӣ, ҷалби сармояи хориҷӣ, **ҳавасмандгардонӣ ашхос барои воридоти мол** ба кишвар нигаронида шудааст. Аммо, давлат назорати соҳаи энергетика, соҳаҳои мухталифи саноати вазнин, нақлиёт ва дигар инфрасохторҳо ба зиммаи худ дорад. Таҳияи нақшаҳои рушди иқтисодӣ, ки бо ризоияти мардум қабул карда мешавад, ба зиммаи давлат вогузор карда шудааст.

Маҳаки асосии фаъолияти ҳукумат ин стратегияи хуби содирот аст. Устуворгардонӣ ва ташкили раванди содирот (экспорт) аз нассоҷӣ ва саноати электротехникӣ оғоз ёфт (тибқи муқараррот, шӯъбаҳои ширкатҳои  хориҷӣ, асосан ҷопонӣ ва амрикоӣ), ки дар асоси масолеҳи воридотӣ фаъолият намуда, маҳсулотро барои фурӯш ба хориҷа мебароваранд. Дар заминаи ин шӯъбаҳои хориҷӣ соҳаҳои мухталифи саноати Корея ташаккул  ёфт. Ҷумҳурии Корея мавқеи устуворро дар

бозори ҷаҳонӣ ба даст овард. Айни ҳол, Корея ҳамчун кишвари содироткунандаи бузурги маҳсулоти саноатӣ, аз ҷумла мошинсозӣ маҳсуб меёбад (масалан, аз ҷиҳати ҳаҷми истеҳсоли киштиҳо дар ҷаҳон ҷои дуюмро баъди Япония ишғол менамояд). Инчунин, яке аз шартҳои стратегии дигаргуниҳои кореягиҳо — омили рушди иҷтимоӣ аст. Дар натиҷаи ин Ҷумҳурии Корея робитаи ногусастании фарҳанги суннатӣ ва ҷамъияти индустриявиро нишон дод.

Дар айни замон, вазъияти иқтисодии минтақа мундариҷаи нав пайдо намуда, рушди босуръати Хитой мушоҳида карда мешавад, ки ин намоиши бесобиқаи суръати рушди маҷмӯи маҳсулоти дохилии ин кишварро нишон медиҳад. Натиҷаи ин, ташаккули механизми гардиш дар минтақа аст. Моҳияти ин механизм дар он аст, ки мол ва пул дар дохили минтақа гардиш намуда, бозори истеъмолии пурқувватро таъсис додаст, ки ҳаҷман дар якҷоягӣ ба бозори истеъмолии Амрикаи Шимолӣ ва Аврупои Ғарбӣ баробар аст. Механизми гардиши минтақавӣ ба пайдоиши шакли географии тақсимоти меҳнат — минтақаи рушдкунанда замина гузошт. Аз ҳама минтақаи намоёни рушд ин минтақаи Хитои ҷанубӣ мебошад, ки аз Гонконг, Тайван ва музофотҳои хитоӣ Гуандунваи Фусзян иборатанд.

**Сарзамини (минтақа) Осиёи Шарқӣ.** Ин кишварҳо дарояндаи наздик нақши асосиро дар иқтисод ва сиёсати географӣ мебозанд.

«Дар масофаи ҳазорҳо келометр мо бо яке аз кишварҳои бузурги дорои тамаддуни қадим ҳамсарҳад ҳастем ва он худ як олами дигар аст, қиёс онро танҳо бо Рими қадим метавон кард, мо бо яке аз шохаҳои асосии тамаддуни башарият рӯ ба рӯем, ки он ба олам фалсафаи инсонпарварӣ, табиати нотакрор, назми волоро дода, таърихи бойи се чоряки Осиёро дар худ таҷассум намудааст. Лекин оид ба ин боигарӣ насли ҷавон,ояндаи давлати худ чиро медонад? Ҳамон қадаре, ки Хитой ҳамсояи мо набуда, балки дар сайёраи дигар вуҷуд дорад» — чунин навиштааст Хитойшиносӣ шӯравӣ А. Ивин. Аз он вақт ҳам то имрӯз тассавуроти «насли» зикргардида он қадар ҳам зиёд нагаштааст. Аз ғояҳои коммунистӣ даст накашида, ҷаҳиши таъсирбахшеро дар иқтисодиёт ба амал оварда, аз Япония бо рушди маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ пеш гузашт.

Тибқи гузориши Бонки ҷаҳонӣ (2007), Ҷумҳурии Халқии Хитой — дуюмин дар ҷаҳон кишвари дорои низоми иқтисодӣ аст.

Сиёсатмадорони шинохта пешгӯи мекунанд, ки солҳои наздик Хитой ба қувваи ҳарбӣ такя нанамуда, рақиби аслии Амрико мегардад (аллакай шудааст). Имрӯз Хитой яке аз давлатҳои бонуфузи ҷаҳонӣ, дорои иқтисодиёт ва иқтидори бузурги ҳарбӣ мебошад.

Бисёриҳо дар ИДМ ва Россияи имрӯза чунин мешуморанд, ки пурқувват гаштани таъсири геополитикӣ ва иқтисодии Хитой, ки дорои иқтидори бузурги демографӣ мебошад, дар Шарқи дури Россия ва Осиёи Марказӣ «ягон хуби-ро» пешкаш намекунад ва барои чунин изтироб ваҷҳ вуҷуд дорад. Аммо, гуфторҳо ҷиҳати аз ҷониби Хитой маблағгузорӣ намудани иқтисодиёти назди Амури Россияро айни ҳол метавон ҳамчун фасонаи маҳз номид, вале дарояндаи наздик метавонад воқеан амалӣ гардад. Самти асосии маблағгузории Хитой дар айни ҳол, минтақаҳои Осиёи Шарқӣ ва Осиёи Марказӣ аст, ки аз Шарқи дури Россия имкониятҳои камтар надорад ва бозори истеъмолии васеъ дошта, ҳолати иқтисодӣ пешгӯишаванда буда, дар бисёр кишварҳо нақши асосиро х*уатсяо* мебозад.

• Бартарияти ин давлати абарқудратро аз дигар давлатҳо барои пур кардани фазои холии геополитикӣ чунин метавон шарҳ дод:

• Хитой сарҳади тӯлонӣ бо кишварҳои Осиёи Марказӣ дорад, назар ба Россия ва Эрон (хусусан Туркия) якбора аз панҷ кишварҳои Осиёи Марказӣ бо сетоашон ҳамсарҳад мебошад;

• Зери таъсири Хитой мондани Осиёи Марказӣ, маънои муттаҳидшавии Туркистони Шарқӣ ва Ғарбиро дорад, ки асосан минтақаи аҳолинишин аз қавмҳои мусулмони турку форснажод иборат аст;

• Пайваст шудани системаи роҳҳои мошингарди Хитои ва кишварҳои Осиёи Марказӣ, барои кишварҳо имконияти ба даст овардани фоида аз интиқоли молҳои хитои ва аврупоӣ дошта, роҳи баромад ба Уқёнуи Оромро пешбинӣ менамояд;

• Дар Хитой ҳолати «ренессанс»-и иқтисодӣ ба вуҷуд омадааст, ки ин аз мавҷуд будани қудрати интиқоли маблағ ва қувваи кориро ба иқтисодиёти ин кишварҳо дарак медиҳад;

• Ва муҳимтар аз ҳама, Хитой ҳамчун маркази эътирофшудаи геополитикӣ алорағми Россия ва Ғарб (ки баъзе анъанаҳои онҳо аз ҷониби халқҳои Осиёи Марказӣ қобили қабул нест) ба ҳисоб рафта, дорои анъанаҳои муштараки шарқу ғарб мебошад.

• Хар чи ҳам бошад, давлатҳои Осиёи Марказӣ Россия ва Хитой кӯшиши васеъ намудани муносибатҳои иқтисодӣ ҳастанд. Соли авали ба даст овардани истиқлолият муносибатҳои иқтисодии давлатҳои Осиёи Марказӣ, Россия бо Хитой дар доираи фаъолияти ширкатҳои хурд, савдои наздисарҳадӣ ва шахсони ба фурӯшу хариди майда сарукор доштанд, маҳдуд шуда буд. Солҳои зиёд муомилоти ин ду кишвар дар сатҳи қариб 1 миллиард доллари ИМА амалӣ мегашт, ки боиси пешравии муносибатҳои иқтисодӣ буд. Вақтҳои охир ба сатҳи нави муносибатҳои иқтисодӣ ҳамкориҳои ширкатҳои бузурги дорои моликияти давлатӣ дошта барома истодаанд. Яке аз мамониатҳо дар муносибатҳои иқтисодӣ ин проблемаи хусусияти геополитикӣ доштаи Тайван мебошад. Маълум аст, ки Пекин Ҳукумати худро ҳукумати ягонаи қонунӣ мешуморад дар ҳолате, ки Тайбэй ин баҳогузориро эътироф намекунад. Принсипи тарғибии Хитой «як давлат ва ду низом», Тайван хостори «ягона, вале Хитои тақсимотшуда» мебошад. Роҳбарияти Тайван ҷонибдори ҳолати миллати тақсимшуда, ҳамчун дар гузашта ду Германия ё ду Ветнам аст. Дар умум, муносибатҳои тиҷоратӣ-иқтисодии Россия ва Тайван мамлакатҳои Осиёи Марказӣ ва Хитойро безобита намекунад, аз он хотир ки худ бо онҳо муносибатҳои хуби тиҷоративу иқтисодиро ба роҳ мондааст. Гап дар он, ки Хитой мехоҳад бо Россия ва дигар давлатҳо дар арсаи байналмилалӣ формулаи «як давлат ва ду низом»-ро ҷонибдорӣ намояд.

• Раванди воридшавии Хитой ба бозорҳои минтақавӣ ва ҷаҳонӣ, таҷрибаи таъсис ва фаъолияти босамари минтақаҳои озоди иқтисодӣ, таҷрибаи ҳамкориҳои муштарак бо ҷалби сармояи давлатӣ ва хусусӣ метавонад барои дигар кишварҳо самаранок бошанд. Бо назардошти ин, бояд муносибатҳо бо Хитой дар доираи имкониятҳои сиёсӣ, дипломатӣ ва иқтисодӣ сурат гирад.

• Муносибатҳои мамлакатҳои Осиёи Марказӣ, Россия ва Хитой манфиатҳои дуҷонибаро пайгирӣ менамоянд. Ҳамкориҳои дуҷониба дар самти энергетика – сохтмони роҳҳои нақлиёти нерӯгоҳи атомии Тайван, модернизатсияи блокҳои

энергетикӣ, васеъ намудани пойгоҳҳои гармидиҳии «Шан-тоу» ва «Хуанэн — Пекин», сохтмони стансияи нави гармидиҳии «Хуан- хуа», «Санся», лоиҳаҳои гузаронидани қубури интиқоли нафти «Россия — Хитой», газ — Ковиктинск ва «Ғарб — Шарқ» азояндаи хуби ҳамкориҳои судманд гувоҳӣ медиҳанд.

• Япония— яке аз пешсафони ҷаҳони муосир, айни замон нақши хоксоронаро дар равандҳои сиёсӣ, фарҳангӣ ва иқтисодии Россия ва ИДМ мебозад. Ин вобаста ба иқлими нобоварии баъдиҷангӣ, набудани қарордоди сулҳ ва проблемаҳои «ҳудудҳои шимолӣ" (яъне ҷазираҳои Курил, ки Япония баргадодани онҳоро пайваста талаб дорад) аст.

• Танҳо баъд аз эълони Истиқлолият (соли 1991) Россия ва Япония баҳамкориҳои ҳамаҷониба шурӯъ намуданд. Нақши Япония барои Шарқи Дур ва кишвари Приморие хеле муҳим аст. Аммо, боз масъалаи ҷазираҳои Курил рахна баин муносибтҳо мезананд. Барои Ғарб шартҳои гузоштаи Токио оид ба бастани қарордоди сулҳ бо Россия тамоман ғайричашмдошт буд. Дар матни қарордоде, ки баъдан парлумони ҳарду кишвар соли 2005 қабул намуданд (ба муносибати 150-солагии имзои шартномаи Симод). Токио талаби ҳалли «проблемаи Хабомаи, Шикотана, Кунашира, Итурупа ва дигар ҳудудҳои шимолӣ»-ро ба миён мондааст.

Нимҷазираи Корея — саҳнаи рақобатҳои анъанавии пайдо намудани нуфуз байни Япония, Хитой ва Россия гаштааст. Дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX Корея таҳти фишори сахт бо Япония шартномаи нисбати худ вазнинеро, ки ӯро аз Япония вобаста менамояд, ба имзо расонид. Яке аз сулолаҳои қадимии шоҳӣ дар соли 1910 аз ҳукмронии Корея даст мекашад ва Корея музофоти Япония мегардад. Баъди бохти ҷанги Дуюми ҷаҳон аз ҷониби Япония Корея таҳти тассаруфи ИҶШС ва ИМА қарор мегирад ва вобаста ба ғояҳо тақсимот мешавад. Ва соли 1948 ду давлати нав - Қореяи Ҷанубӣ ва Кореяи Шимолӣ арзи вуҷуд мекунанд, ки сарҳадашон дар 38° арзи шимолӣ мегузарад. Рақобатҳо дар аввали соли 1950 ба низоъи хунин байни Хитой, ИҶШС ва ИМА оварда расонд. Маҳз ҳамин ҳолат асоси ташаббусҳои геополитикӣ дар ин минтақа мегарданд. Хатрафзо он аст, ки дар нимҷазира аз ҳарду ҷониб 2 миллион сарбоз ҷойгир шудаанд. Нимҷазира силоҳҳои замонавӣ дошта, яроқи қатли ом истеҳсол карда мешаванд. Кореяи Шимолӣ бо Хитой ҳамсарҳад буда, аз кӯмаки бевоситаи Хитой оид ба пойдории сиёсӣ ва истиқлолияти иқтисодӣ бархурдор буда, аз лиҳози тамоми намуди робитаҳо - обӣ, заминӣ ва ҳавоӣ пайваста аст.

**Муғулистон** — ягона кишвари ҳамсоя дар Шарқи дур бо Россия аст ва ба тамаддуни теллурократӣ павастагӣ дорад, ки ӯро иттифоқчии Россия гардондааст. Мавриди ёдоварист, ки ҳокимиятҳои дар гузашта дар ин сарзамин вуҷуд дошта, маҷрои таърихи ҷаҳониро дигар мекарданд. Қабилаи гунҳо, ки дар қадим дар ин кишвар мезистанд, то ба Рим расида ин империяро барҳам доданд. Давраи дигари таърихи Муғулистон ба асри XIII вобастагӣ дорад. Чингизхон тамоми қабилаҳои муғулҳоро муттаҳид карда, худро ҳоқони бузурги муғулҳо эълон менамояд, империяеро аз Аврупои Шарқӣ то Укёнуси Ором таъсис медиҳад. Вале, бо мурури замон ин минтақа ба яке аз гӯшаҳои фаромӯшшудаи сайёра табдил ёфт. Баъди 250 соли зери истилои Хитой Муғулистон дар асри XX таҳти таъсири ИҶШС монда, ба сохтмони ҷамъияти сотсиалистӣ шурӯъ менамояд. (Қайд кардан ҷоиз аст, ки танҳо баъди Ҷанги Дуюми ҷаҳон, Хитой истиқлолияти Муғулистонро эътироф намуд.

Дар маркази қитъаи калон ҷойгир шуда, надоштани роҳ ба сӯи баҳр, иқлими номусоид, ҷойгиршавии баланд аз сатҳи баҳр, намегузошт, ки қувваҳои дигар ин

сарзаминро ғасб намоянд. Ҳудуди Муғулистон саҳнаи манфиатҳои геополитикии Россия ва Хитой гашт. Мавқеи Хитой дар ин радиф бартарият дорад. Аввалан, дар ҳудуди Хитой ноҳияи худмухтори Муғулистони дохилӣ ҷойгир гаштааст, ки шумораи муғулҳои маскуни ин мавзеъ аз шумораи худи Муғулистон зиёдтар аст, мавқеи дини буддоӣ дар Хитой назар ба Россия устувортар аст. Аммо, таърих роҳи худро интихоб намуд.

Сатҳи зиндагонии муғулҳо доим хеле паст буд (дар гузаштаи начандон дур 40 % мардҳо роҳибҳо *лама* буданд, ки барои онҳо кор кардан мамнӯъ буд ва ин таъсири манфии худро ба самаранокии иқтисодиёт гузошт). Баъди пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ ва сохти сотсиалистӣ, кӯмаки хориҷи бамаротиб коста гардид, ки сатҳи зиндагонии онҳоро боз ҳам пасттар намуд. Асоси иқтисодиёти Муғулистонро то ҳол хоҷогии қишлоқ ташкил медиҳад, ки он танҳо 40 % тамоми кормандони соҳаи истеҳсолотро ташкил медиҳад.

Айни замон, Муғулистон дар давраи гузариш ба муносибатҳои бозорӣ қарор дорад. Ҳамсоягӣ бо ду мамлакати бузурги ҷаҳон ба стратегияи сиёсӣ ва иқтисодии Муғулистон нақши худро мегузорад. Холисона кишвар метавонад ҳам бо минтақаҳои Россия ва ҳам бо Манҷурияи Хитой ҳамкорӣ намояд. Кишвар кӯшиши ба роҳ мондани ҳамкориҳои иқтисодиро бо Германия, ИМА. Кореяи Ҷанубӣ, Сингапур дорад. Аммо, воқеъият ин аст, ки Муғулистон ҳавасманд аст, то муносибатҳои ҳамаҷонибаро маҳз бо Россия ва дигар давлатҳои Осиёи Марказӣ бо назардошти проблемаҳои амнияти миллӣ дар сарҳади ҷанубӣ ба роҳ монад. Новобаста аз ҳамкориҳои судманд бо кишварҳои Шарқ ва Ғарб, барои Муғулистон яке аз самтҳои асосии сиёсати давлатӣ ин ҳамкорӣ бо Россия, бо назардошти бе мамониат ба роҳ мондани интиқоли қувваи барқ, хӯрока (шакар, равғани растанӣ) мебошад. Россия барои Муғулистон ҳамчун бозор барои фурӯши маҳсулоти пастсифати худ зарур аст.

Муносибатҳои Россия ва дигар давлатҳои муштараку манофе Муғулистон таърихи чандинасра доранд. Россия ягона давлате буд, ки соли 1921 истиқлолияти Муғулистонро эътироф намуда, муносибатҳои дипломатиро ба роҳ монд. Аз он вақт ин ду кишварро амалиётҳои ҳарбии Халхин-Гол, ҳамла ба ағбаҳои Хинган дар давраи ҷанги Дуюми ҷаҳон, сохтмони манзилҳои истиқоматӣ дар Улан-Батор комплекси иқтисодӣ дар Дархан, сохтмони комбинати мису-молибдени «Эрдэнэт», роҳи оҳани Улан-Батор, парвози шаҳрванди Муғулистон Ж. Гуррагчи ба кайҳон бо ҳам мепайванданд.

Иттиҳоди Шӯравӣ, қатъ шудани фаъолияти Шӯрои дастгирии Иқтисодӣ, ки барои кӯмак расонидан мусоидат менамуд, ширкати иқтисодиёти дохилӣ - Муғулистонро дар ҳолати ногувор монд. Тамоми системаи муносибатҳои байналмилалӣ дар соҳахои иқтисодиёт, илм, техника ва фарҳанг аз кор монданд. Соҳаи энергетика аз фаъолият бозмонд, мамлакат ба камбудии озуқа рӯ ба рӯ гардид. Россия барои рушди инрфрасохтори роҳҳо манфиатдор аст, чунки ба ҳамкории Россия, Муғулистон ва Хитой мусоидат менамояд. Муғулистон дар натиҷаи интиқоли транзитти молҳо тавассути қаламрави худ фоидаи хуб ба даст меорад. Тавассути Россия Муғулистон метавонад ба сӯи баҳр роҳ ёбад.

Ин барои Муғулистон хеле муҳим аст, чунки дар радифи ҳамкориҳо бо вилоятҳои Иркутск, Ҷумҳурии Бурятия, кишвари Алтай, вилояти Чита, ҳамкориҳо бо вилояти Кемерово ва Ҷумҳурии Тотористону Осиёи Марказӣ вусъат меёбанд.

**Савол ва супоришҳои санҷишӣ**

*1. Кадом омилҳои фарҳангию-тамаддуни ба таҳкими макромузофотии Осиёи Шарқӣ мусоидат намуд?*

*2. Мавқеи географии Осиёи Шарқи кадом аломатҳои хоси онро ифода мекунад?*

*3. Аз таҳлили **ҷадвали** мамлакатҳои соҳибистиқлоли Осиёи Шарқи: банки маълумотҳои оморӣ» **чихел** хулосаҳои асосӣ баровардан мумкин аст?*

*4. Иттиҳоди Давлатҳои аз ҷиҳати геополитики ва геоиқтисодӣ бо давлат ҳои сарзамини Уқёнуси Ором чи гунна марақ доранд?*

## 4.2 Ҷумҳурии халқии Хитой

Ҷумҳурии халқии Хитой дар харитаи сиёсии ҷаҳон 1 октябри соли 1949 пайдо шуд. Аммо, тамаддуни Хитой, ки бо шукӯҳу шаҳомати худ на камтар аз Мисри қадим ва дигар давлатҳои қадим нуфуз дорад, он қариб 3 ҳазор сол пеш аз милод дар маҷрои дарёи Хуанхэ арзи ҳастӣ намудааст.

Имрӯз тамаддуни хитои на танҳо бо ихтирои қоғаз, чиниворӣ, борут, компас, бунёди Девори бузурги Хитой ва канали бузурги Хитой арзёбӣ мегардад. Мамлакат ба таври ҳайратангез «ҷаҳиши иқтисодӣ» намуд, ки тавонист кишварро аз ҷиҳати истеҳсоли маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ба ҷойи дуюм дар ҷаҳон бароварад.

Бо шарофати рушди саноат дар солҳои охир Хитой ба яке аз кишварҳои содироткунандаи маҳсулоти тайёр ва ашёи хом табдил ёфт, ки талабот ба моли он рӯз аз рӯз афзун меёбад. Ба Хитой 8% масрафи ҷаҳонии нафт, 10% энергияи барқӣ, қариб 20% алюминий ва мис, 27% пӯлод, сеяки истеъмоли ангишт ва пахта рост меояд. Нумӯи иқтисодии кишвар вобаста аз саноати металургӣ, коркарди нафт, саноати кимиёвӣ аст. Дар чунин ҳолат ба воридоти захираҳои табиии эҳтиёҷ дорад.

Хитои муосир дорои ҳудуди калон, шумораи зиёди аҳоли ва иқтидори калони иқтисодӣ мебошад. Хитой кишвари дорои яроқи ядрои ҳастаӣ буда аъзои доимии Шӯрои Амнияти СММ мебошад.

**Мавқеи географӣ, табиат ва захираҳо.** Масоҳати Хитой аз шарқ то ғарб ба масофаи 5 700 км, аз шимол ба ҷануб ба масофаи 3 650 км тӯл кашидааст, 9,6 млн км$^2$ -ро ( сеюм аз ҷиҳати ҳудуд баъд аз Россия ва Канада) ташкил медиҳад. Дар охири асри XX Хитой муносибатҳои худро бар *Сянган* (Гонконг) ва *Аомын* (Макао) — собиқ мустамликаи Британияи Кабир ва Португалия барқарор намуд. Чунин масоҳати калон сабабияти сарҳадҳои зиёд бо кишварҳои мухталиф шудааст.

Якеаш аз кӯҳсорҳои баланди касногузар мегузарад, дигараш аз нишебиҳо гузашта барои робитаҳои байналмилалӣ монеа эҷод наменамоянд.

Чунин «тӯҳфаи худодод» барои кишвар — роҳи баромад ба сӯи Уқёнуси Ором аст, ки барои алоқа бо ҷаҳони беруна шароити мусоид фароҳам меоварад.

Чунин мавқеи географӣ ва пурра истифода бурдани он ба Хитой имконият медиҳад, ки бо давлатҳои ҳамсоя алоқаи зичи иқтисодӣ пайдо намояд ва тавассути нақлиёти баҳрӣ бо дигар мамлакатҳои ҷаҳон доду гирифти иқтисодӣ кунад.

Дар Баҳрҳои Зард, Шарқӣ-Хитой ва Ғарбӣ-Хитой анқариб 5 ҳазор ҷазираҳо ҷойгир шудаанд, ки Хитой онҳоро аз они худ меҳисобад, ҳарчанд дигар кишварҳо низ ба ин ҷазираҳо даъво доранд. Калонтарини онҳо Тайван ва Хайнан мебошанд. Аз ҷиҳати масоҳат Хитой яке аз кишварҳои аввал дар Осиё ва сеюм дар ҷаҳон мебошад.

Сатҳи болоии Хитой нишебии умум аз ғарб ба шарқ дошта, бо зинаҳои калон аз Тибет ба Уқёнуси Ором мефарояд; релйефаш гуногуншакл аст.

Се минтакаи релйефро қайд намудан мумкин аст: ҷануб-ғарб, шимол-ғарб ва шарқӣ.

Аввалан, паҳнкӯҳҳои Тибет аз ҳама баландтарин дар ҷаҳон, ки пайвандкунандаи паҳноҳои то 4 000—4 500 м ва қуллаҳои то 5 000 — 6 000 м аст. Паҳнкӯҳҳо ва даштҳо аз системаи силсилакӯҳҳо — Ҳимолой (зиёда аз 8 000 м), Қарақорум, Кунлун, Нанипан ибратанд. Дар қисмати шарқии паҳнкӯҳҳо пастхамии Сичуан ҷойгир шудааст.

Минтақаи дуюмро даштҳои Қошғар ва Ҷунгар ташкил медиҳанд, ки бо кӯҳҳои Тён-Шон, биёбонҳои Гоби, Алашан, Ордос ҷудо када шудаанд. Дар ҷанубии Ордос пуштакӯҳии *Лёссо* ва ҷарию ва пастхамиҳои зиёд воқеъ гаштааст.

Минтақаи сеюм, минтақаи шарқӣ, пайвандкунандаи даштҳои зиёди бо силсилакӯҳҳо ва шохаҳои кӯҳҳои он мебошад. Дар шимолу шарқӣ дашти сераҳолии Дунбэй, бо системаи кӯҳҳои Хингони Хурд ва Калон, инчунин Чанбайшан иҳотагашта ҷойгир шудааст. Қад-қади Баҳри Зард дашти васеи Хитои Бузрг паҳн гаштааст. Бо дашти Дунбэй он бо дараи Шанхайгуан, ки қад-қади халиҷи Ляодуни Баҳри Зард тӯл кашидааст, пайваст мешавад. Қисмати шимолу-шарқии Хитой аз силсилакӯҳҳо, талу пуштаҳо, нишебиҳо ба сӯи дарёҳо иборат аст.

Соҳилҳои наздибаҳрӣ дар шимол (то саргаҳи дарёи Янтсзи) аслан аз пастхамиҳо иборат аст. Нимҷазираҳои Шандун ва Ляодун серхарсанганд.

Дар Хитой дарёҳо бисёранд. Бисёре аз онҳо ба тарафи шарқ ҷорӣ шуда, ба Уқёнуси Ором мерезанд. Калонтарин дарёҳо Янтсзи, Хуанхэ, Хейлунтсзян, Чжутсзян, Ляохэ, Хайхэ мебошанд. Инчунин, дар Хитой кӯлҳои зиёд мавҷуданд, хусусан дар минтақаи миёнаоб ва поёноби дарёи Янтсзи ва шимоли паҳнкӯҳҳои Тибет.

Ҷангалҳо дар Хитой кам аст. Онҳо ҳамагӣ даҳ фоизи қаламрави мамлакатро ташкил медиҳанд.

Қаламрави Хитой дар се минтақаи иқлими мӯътадил, субтропикӣ, субэкваторӣ ҷойгир шудааст, релйефи баландкӯҳ ва дур ҷой гирифтан аз баҳрҳо сабаби сардии иқлими қисми ғарбии Хитой гардидааст. Тамоми минтақаи шарқии Хитой тахти таъсири иқлими муссонӣ (тӯфону гирдбодҳо) қарор дорад. Дар зимистон аз Сибир ва Муғулистон анбӯҳи хеле сарди ҳаво ворид мешавад. Новобаста аз он ки ин минтақаҳо дар арзи Италия ва Африқои Шимолӣ ҷойгиранд, зимистони ин ҷой хеле сард аст (барои мисол дар Шенян, ки дар як арз бо Рим ҷойгир гаштааст, дар моҳи январ назар ба Москва хунуктар мебошад; Пекин зимистони ба мисли Санкт-Петербург дорад; ҳатто дар Гуанчжоу, ки дар Ҷанубтари минтақаи тропики шимолӣ ҷойгир аст, гоҳе барф меборад.

Хитой аз ҷиҳати канданиҳои фоиданок хеле бой аст. Аз ҷиҳати захираи баъзе намудашон дар ҷаҳон пешсаф мебошад. Аз ҳама зиёдтар бо сӯзишворӣ ва захираҳои энергетикӣ таъмин аст. Махсусан аз ангиштсанг бой аст. Ҳавзаҳои калони ангиштсанг дар шимол, шимолу шарқӣ ва қисмати марказии кишвар воқеъ гаштаанд. Дар шимолу шарқ, инчунин дар музофотҳои наздибаҳрӣ ва тунукобаи бахри Зард захираҳои зиёди нафт мавҷуданд, аммо захираи он барои иқтисодиёти зуд рушдкунандаи Хитой басанда нест. Ҳамчунин, дар ин ҷойҳо захираҳои гази табиӣ мавҷуд аст. Дар мамлакат захираи ҷинсҳои варақсанг ва унсурҳои радиоактивӣ мавҷуд мебошад.

Захираҳои маъдани оҳан, конҳои ангиштсанги коксшаванда ба оҳан наздиканд марганетс, хусусан волфрам ва молибден хеле зиёданд. А рӯи захираҳои номбаршуда Чин ҷойҳои аввалро дар ҷаҳон ишғол менамояд. Вале аз захираҳои никел ва хром он қадар бой нестанд.

Дар Хитой захираҳои зиёди ашёи хом барои металлургияи ранга мавҷуд аст. Кишвар ҷойи аввалро дар ҷаҳон аз рӯи захираҳои қалъагӣ ва сурма ишғол менамояд, инчунин конҳои калони маъдан, полиметалл, симоб ва дигар маъданҳо вуҷуд доранд. Захираҳои ашёи хоми алюминии зиёд буда, инчунин кони уран кашф карда шудааст.

Дар Хитой захираҳои чунин металҳо ба мисли кобалт, титан, сирконий, тантал, висмут, тилло, нукра, тиллои сафед (платина) хеле каманд.

Дар Хитой аз сарватҳои ғайримаъданӣ, захираи калони конҳои намаки ошӣ, магнезит, фосфорит ва графит муайян карда шудааст.

Захираҳои минералии Хитой баландии Тсинлин ба ҳисоб меравад. Дар шимоли он конҳои ангиштсанг, нафт, гази табиӣ, ҷинсҳои варақсанг, инчунин конҳои маъдани оҳан, маъдани марганетс ва магнезит мавҷуданд. Дар ғарби баландии Тсинлин ҷойгиршавии конҳои волфрам, металҳои ранга, фосфорит, боксит, алунит ва дигар металҳои нодир ба назар мерасад.

Сарвати обии Хитой хеле зиёд буда, аз ин ҷихат дар ҷаҳон ҷойи чорумро ишғол менамояд. Захираҳои сарвати гидроэнергетии он ниҳоят зиёд буда, имконияти техникии зиёд дошта, дар байни кишварҳои олам ҷойҳои намоёнро соҳиб аст. Нисбат ба ҳар сари аҳолӣ захираи заминаш хеле кам аст.

Дар умум, шароити мусоиди табиӣ ва захираҳои табии Хитой барои рушди хоҷагии гуногунсоҳа мусоид аст.

**Аҳолӣ.** Хитой — ба қатори давлатҳое дохил мешавад, ки аз ҳама сераҳолӣ аст. Барои онҳо зиёд будани афзоиши табиии аҳолӣ хос аст. Қариб ҳар як панҷ нафари аҳолии сайёра — шаҳрванди Ҷумҳурии халқии Хитой буда, аҳолиаш 1,4 млрд нафар одамро ташкил медиҳад. Танҳо Ҳиндустон метавонад дар ояндаи наздик аз ҷиҳати шумораи аҳолӣ аз Хитой пеш гузарад.

Чунин зичии аҳолӣ аз як ҷониб захираи иқтидори қувваи корӣ бошад, аз ҷониби дигар ба сатҳи даромади аҳолӣ мувофиқат накарда, масъалаи таъминот бо манзил, таъминот бо хӯрокворӣ ва бо ҷои корро душвори пеш меравад.

Афзоиши аҳолӣ яке аз масъалаҳои асосии иқтисодию иҷтимоӣ мебошад. Доир ба паст намудани дараҷаи афзоиши он дар Хитой барномаи миллии идоракунии тавлиди фарзанд қабул карда шудааст. Шиори асосии он «Як оила-як фарзанд» мебошад. Ин сиёсати демографӣ солҳои охир натиҷаи хуб дода истодааст.

Чунин ҳисобида мешавад, ки аҳолии хеле зиёд айни ҳол монеъшавии рушди Хитой мегардад, чунки иқтидори захираҳо ва иқтисодии Хитой барои 1,5-1,6 миллиард аҳолӣ пешбинӣ гаштааст.

Бинобар, ҳамин ҳам омили демографӣ як ҷузви сиёсати дохилии кишвар аст. Вобаста ба шумораи зиёди аҳолӣ Хитой дорои захираҳои беандозаи қувваи корӣ ва сафарбаркунанда аст. Шахсони дорои қобилияти корӣ зиёда аз 820 миллион нафарро ташкил дода, наврасон ва ҷавонон (то 30 сола) нисфи шумораи аҳолиро ташкил мекунанд. Ҷадвали 9.

***Ҷадвал 9.***

**Динамикаи афзоиши аҳолии Хитой**

| Солҳо | Шумораи умумии аҳолӣ млн. нафар | Зариби таввалуд, % | Зариби фавт койфисенти % | Зариби афзоиши табиӣ, % | Афзоиши мутлақи аҳолӣ, млн. нафар |
|---|---|---|---|---|---|
| 1950 | 551,9 | 37 | 18 | 19 | 10,5 |
| 1975 | 924,2 | 23 | 7 | 16 | 14,8 |
| 2000 | 1264,5 | 15 | 6 | 9 | 11,4 |
| 2025 (дурнамо) | 1431,1 | - | - | - | - |

Ҷойгиркунии аҳолӣ низ хусусияти хос дорад. Дар шарқи кишвар, дар 40% қаламрави мамлакат 90% аҳолӣ маскун шудааст. Зичии аҳолии Хитой нисбат ба

зичии аҳолии ҷаҳон якчанд маротиба зиёдтар аст. Зичии аҳолӣ мушкилоти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва экологиро ба миён меоварад.

Хусусияти шаҳришавӣ (урбанизатсия) низ ҷолиб аст. Дараҷаи урбанизатсия нисбат ба ҳисоби миёнаи ҷаҳон бештар аз 1,5 маротиба пасттар аст. Дар Чин шумораи шаҳрҳо якчанд ҳазорро ташкил медиҳад, ки дар он сеяки аҳолӣ зиндагӣ мекунад. Ҳарчанд саҳми шаҳрнишинҳо дар Чин дар муқоиса бо дигар кишварҳои тарақикарда кам мебошад, аммо аз ҷиҳати маскуншавӣ дар шаҳрҳо ( қариб 400 млн. нафар) Хитой аз соири дигар кишварҳо пеш меистад.

Дар Хитой зиёда аз 30 шаҳр беш аз як миллион нафар, аҳолӣ ҳамин қадар шаҳр аз 500 ҳазор то 1 миллион нафар ва 200 шаҳрҳои аз 100 то 500 ҳазор нафар аҳолӣ доранд.

Шаҳрҳои калонтарин Шанхай (14,2 миллион нафар). Пекин (12,6 миллион нафар), Тянтсзин (9,5 миллион нафар), Шенян (5,1 миллион нафар) мебошанд.

Тибқи ривоят, Пекин (Тсзи) соли 1121 то милод таъсис дода шудаааст. Бо номи ҳозира *Бэйтзин* (дар таллафуз ва транскриптсияи русӣ — Пекин, ки маънои «пойтахти шимолӣ»-ро ифода менамояд) шаҳр соли 1420 номгузорӣ шуд ва аз асри XX ин ном доимӣ ба пойтахти Хитой дода шуд.

Шаҳри Пекин дар 160 километр ғарбтари баҳри Зард ҷойгир шудааст. Бо масоҳати умумии зиёда аз 17 ҳазор км$^2$, Пекин — яке аз шаҳрҳои бузургтарини олам аст. Маркази шаҳр майдони *Тянанмэн* мебошад. Ин аз ҳама майдони калонтарини ҷаҳон ҳисобида мешавад (44 га, ки якбора то 1 млн. нафарро ҷой медиҳад).

Дар умум нақшаи Пекин монанди вараки дафтари каттакдор аст. Пекин — маркази бузурги илмӣ, фарҳангӣ, нақлиётӣ ва саноатии Хитой аст. Шаҳр дорои ёдгориҳои зиёди таърихӣ-фарҳангӣ мебошад. Аҳамияти таърихии баъзеи онҳоро муайян намудан душвор аст, ба мисли — қасри Императорӣ ва Саройи (павилион) мутобиқат (Павильоны гармоний) дар шаҳри Мамнӯъ, ибодатхонаҳо ва дигар ёдгориҳои меъморӣ. Шаҳр осорхонаҳо, театрҳои зиёд дошта, сирки чинӣ дар ҷаҳон хеле машҳур аст. Пойтахт маркази бузурги илмӣ-таълимӣ аст.

Пекин — воҳиди мустақили маъмурӣ мебошад. Имрӯз Пекин инчунин, яке аз шаҳрҳои некӯаҳвол ба ҳисоб меравад. Ҳамасола ба Пекин садҳо миллион хитоиҳо ва даҳҳо миллион сайёҳони хориҷӣ меоянд. Шаҳр тадриҷан васеъ шуда, аз ҳама ҷиҳат, рушди меёбад.

Хитой давлати сермиллат мебошад. Катъи назар аз ин, хитоиҳо (хан) 91% аҳолии мамлакатро ташкил менамоянд. Аммо дар кишвар боз 60 миллатҳо ва халқиятҳои дигар низ ҳастанд, ки шумораи онҳо аз якчанд сад то якчанд миллионро ташкил медиҳанд (чжуанҳо, уйғурҳо, муғулҳо, тибетиҳо, хуэйҳо, кореягиҳо, тоҷикҳо ва ғ.) Шумораи умумии миллатҳои ғайричинӣ зиёда аз 110 миллионро ташкил дода, дар масоҳати 60% қаламрави мамлакат, асосан дар ғарби Хитой зиндагӣ мекунанд.

Миёни диндорон дар Хитои пайравони се дин зиёданд: конфутсизм, буддоӣ, даосизм. Онҳоро аслан худи хитоиҳо (ханҳо) пайравӣ менамоянд. Шумораи пайравони ин динҳоро наметавон саҳеҳ намуд, чунки ҳамаи пайравони ин динҳо бо якдигар омехта гаштаанд. Аммо нуфузи конфутсизм назар ба динҳои буддоия ва даосизм зиёдтар аст.

Ғайр аз ин динҳои асосӣ, дар Хитой пайравони динҳои дигар низ вуҷуд доранд. Дар қисмати шимоли ғарби мамлакат пайравони дини Ислом зиндагӣ менамоянд. Пайравони дини Ислом хуэй (дунганҳо), инчунин мардуми туркзабон (уйғурҳо ҳазораҳо ва дигарон) ҳастанд. Қисмати ками хитоиҳо пайрави дини масеҳӣ мебошанд.

Қайд кардан ба маврид аст, ки аҳолии Хитой дорои захираи бузурги саломатии рӯҳию равонӣ ва иҷтимоӣ аст. Хитоиҳо мардуми хайрхоҳ, чолок, боилтифот ва ба таври ҳайратангез меҳнатдӯст мебошанд. Дарозии умри чиниҳо ба

ҳисоби миёна 70 солро ташкил медиҳад ( соли 1949 ҳангоми таъсиси Ҷумҳурии халқии Хитои хитоиҳо ба ҳисоби миёна 35 сол умр медиданд). Байни кишварҳои тарраққикарда ин нишондоди хеле калон аст.

**Давлат.** Хитой — ягона аз давлатҳои қадима аст, ки то ҳол арзи ҳастӣ менамояд. Аҳамияти калонро дар ин ҷода сохтори хоҷагидории Хитой мебозад. Хитоиҳо анъанавӣ географияи иқтисодиёти худро ҳамчун кошинкорӣ аз воҳидҳои алоҳидаи миқёси дохилӣ сохтаанд. Муфлисшавӣ ё барҳамдиҳии ягон воҳид дар умумият ба сохтори хоҷагидорӣ таъсири манфӣ намерасонад.

То асри XVI Хитой яке аз давлатҳои абарқудрати Осиёи Шарқӣ ва маркази ҷаҳонӣ то кашфиётҳои нави географӣ буд. Аз ҷиҳати тарраққиёти ҷамъиятӣ аз дигар таммадунҳо пеш меистод ва ё аз онҳо камтар набуд.

Давраи қафомонии Хитой аз асри XVI, аз давраи рушди капитализм дар ғарб оғоз ёфт. Дар асри XIX ин қафомонӣ зиёдтар гашт, ки ба тақсимоти нави ҷаҳонӣ — ба марказҳои индустриалӣ ва мустамликаҳои музофотии мутеъ рост меояд.

Қафомонии Хитой ба таҳқири гӯшношуниди миллӣ — ғуломшавии Хитой аз ҷониби давлатҳои абарқудрати ғарб ва ба ниммустамлика табдил ёфтани кишвар оварда расонд. Ба хориҷиён барои ҳифзи манофеи шаҳрвандони худ нигоҳдошти артиш иҷозат дода шуда, ба ҳокимияти Хитой барои бар зидди онҳо хестан, марг, маҳкумкунӣ ҷазоҳои сахт таҳдид мекард. Ниҳоят ин пастравии некӯаҳволии аҳолӣ то 5 % дараҷаи некӯаҳволии амрикоӣ, ду маротиба кам шудани давомнокии умр назар ба Аврупо, ҷорае надоштани давлат барои ҳифзи худ аз истилогарони бешумор буд.

Ғалабаи ҳизби коммунистӣ дар ҷанги шаҳрвандӣ ва эълони ҷумҳурии халқии Хитой 1 октябри соли 1949 на танҳо инқилоби сотсиолистӣ буд, балки озодии миллӣ буд. Ҳизби коммунистӣ тамоми қаламрави кишварро таҳти назорат гирифта, ба тамоми мунокишаву ҷангҳои дохилӣ хотима гузошта, ҷинояткориро дар кишвар ба сатҳи пасттарин расонд. Дар таърихи Хитой аввалин маротиба давлат ба проблемаи ҳар як деҳа ва ҳар як деҳқон гӯш дод. Самаранокии фаъолияти давлат тавонист Хитойро бо як «ҷаҳиш» аз ақибмондагӣ ба ҷаҳони муосир баробар намояд. Барои дигар кишварҳо ба чунин муваффақият ноил шудан, маъмулан садсолаҳо лозим буд.

Органи олии қонунбарории ҳокимияти давлатӣ — Маҷлиси умумихитоии намояндагони ҳалқӣ мебошад. Органи олии доимоамалкунандаи он — Кумитаи доимии Маҷлиси умумичинии намояндагони халқ аст. Ин органи олии қонунбарорӣ интихоби роҳбари ҷумҳурии халқии Чин ва муовинони ӯро, Раиси Маҷлиси умумихитоии намояндагони халқӣ ва ҳайати онро амалӣ намуда, номзадии Сарвазир ва ҳайати Шӯрои давлатии ҷумҳурии халқии Хитойро – ҳокимияти давлтии мардумиро, ки органи олии иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ба ҳисоб меравад, тасдиқ намуда, Раиси Шӯрои марказии ҳарбии ҷумҳурии Хитойро, ки роҳбарии тамоми қувваҳои муссалаҳи кишварро ба ӯҳда дорад, интихоб ва ҳайати онро тасдиқ менамояд.

Роҳбарии умумиро дар тамоми шохаҳои давлат ва ҳокимият ҳизби Коммунистии Хитой амалӣ менамояд.

Аз ҷиҳати маъмурӣ ҷумҳурии халқии Хитой расми 5. ба 23 музофот, 5 ноҳияҳои худмухтор, 4 шаҳри тобеи марказ (Пекин, Шанхай, Тянтсзинь, Чунтсин) тақсим мешавад. Собиқ мустамликаи Британияи Кабир Гонконг ва Португалия Макао ба ҳайати Хитой ҳамчун ноҳияҳои махсуси маъмурӣ (Сянган ва Аоменя) ворид шудаанд. Қисми ҷудонашавандаи Хитой ҷазираи Тайвань мебошад. Ҳукумати Ҷумҳурии халқии Хитой ба Тайван пешниҳоди истиқрори сулҳро ва муттаҳид шуданро бо нигоҳдошти худидоракунӣ пешниҳод намудааст.

**Расми 5. Тақсимоти марзӣ-маъмурӣ ва музофотҳои иқтисодии Хитой**




*I – Шимолу Шарқ: 1 – Хэйлунцзян, 2 – Гирин (Цзилин), 3 – Ляонин; II – Шимолӣ – 1 – Мугулистони дохилӣ (ноҳияи худмухтор), 2 – Шанси, 3 – Хэбэй; III – Шарқӣ: 1 – Шандун, 2 – Цзянсу, 3 – Анхой, 4 – Чжэцзян, 5 – Цзянси, 6 – Фуцзян; IV – Марказию Шарқӣ: 1 – Хэнан, 2 – Хубей, 3 – Хунан, 4 – Гуанси-Чжуанс (ноҳияи худмухтор), 5 – Гуандун, 6 – Хайнан; V – Шимолу Ғарб: 1 – Синцзян-Уйгурский (ноҳияи худмухтори Синцзян-уйгур), 2 – Цинхай, 3 – Гансу, 4 – Нинся-Хуэйский (ноҳияи худмухтори Нинся-Хун), 5 – Шэнси; VI – Ҷанубу Ғарб: 1 – Ноҳияи худмухтори Тибет, 2 – Сычуан, 3 – Юннан, 4 – Гуйчжоу;*

Хитои муосир абарқудрати ҷаҳонии дорои яроқи ядроӣ ва артиши бузургтарин дар ҷаҳон (айни ҳол — 2,5 миллион аскар дорад) мебошад. Хитой аъзои доимии Шӯрои Амниятии Созмони милали муттаҳид мебошад, ки ба зиммааш масъулияти нигоҳ доштани амният ва пойдории сулҳ вогузор карда шудааст. Хитой ба яке аз абарқудратарин кишварҳо табдил ёфта, ба раванди сиёсии ҷаҳонӣ таъсиррасон ворид гаштааст.

**Иқтисодиёт**. Хитой дар гузашта ҳамчун кишвари сераҳолӣ, нодортарин кишвар таҷҷасум мешуд. Аммо, бо гузаронидани ислоҳотҳои самаранок дар охири қарни XX ба Чин муяссар гашт, ки таъминоти аҳолии худро бо маводи хӯрока хуб ба роҳ монад.

Истеҳсоли босуръати маҳсулотҳое, ки аз мавҷудияташон хитоиҳо нав хабардор гаштанд, аз ҷумлаи: телевизор, яхдон, мошинаҳои ҷомашӯӣ, автомобил, ҷиҳози хона оғоз ёфт. Нақши муҳими Хитой дар иқтисоди ҷаҳонӣ боло рафт. Аз кишварҳои тарақикарда Хитой аз ҷиҳати суръати тараққиёт фарқ мекунад.

Омилҳои чунин комёбиҳои бузурги иқтисодӣ инҳоянд:

• Афзалият додан дар оғози марҳилаи ислоҳот ба он соҳаҳое, ки маблағгузории давлатӣ ба рушди босуръати он замина гузошт (саноати хӯрокворӣ, саноати сабук);

•Ҳавасмандкунии фаъолонаи инвеститсияҳои хориҷӣ (хусусан хуатсяо хитоиҳое, ки дар хориҷи кишвар зиндагӣ менамоянд);

• додани замин барои истифода ба хоҷагиҳои инфродӣ дар асоси шартнома;

•сиёсати хирадмандонаи минтақавӣ бо додани имтиёзҳои зиёд ба ҳокимиятҳои маҳаллӣ барои рушди иқтисодиёти маҳаллӣ;

• Суботи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва молиявии кишвар;

• Меҳнатдӯстии мардуми Чин.

Дар даҳсолаи аввали мавҷудияти Ҷумҳурии халқии Хитой маҳз бо кӯмаку дастгирӣ ва истифодаи таҷрибаи Иттиҳоди Шӯравӣ дар мамлакат заминаи индустриякунонӣ гузошта шуда, муваффақиятҳо дар рушди иқтисодӣ ба амал омаданд.

Баъдан ду даҳсолаи дигар Хитой дигаргуниҳои ҷиддии иҷтимоӣ - «ҷаҳиши калон» ва «инқилоби фарҳангӣ»-ро аз сар гузаронид, ки дар натиҷаи он фаъолияти бисёр соҳаҳои хоҷагидорӣ вайрон шуда, афзоиши суръати иқтидори иқтисодӣ паст рафта, масраф ва аз даст додани сармояи одамӣ мушоҳида карда мешуд.

Соли 1978 дар Хитой роҳ ба самти навкунии ҷомеа гирифта шуд. Мақсади он то соли 2049 г. (бахшида ба 100-гии таъсиси Ҷумҳурии халқии Хитой) кишварро ба давлати абарқудратаррин ва тараққикардаи ҷаҳони табдил додан аст.

Дар солҳои 80-уми асри XX дар мамлакат ислоҳотҳои бузурги иқтисодӣ оғоз ёфтанд. Афзоиши солонаи иқтисодии мамлакат дар ин давра ба 10 ва зиёда аз он баробар шуд. Дар натиҷа иқтисодиёти Хитой айни замон, аз рӯи ҳаҷм дар ҷаҳон баъди ИМА дар ҷойи дуюм истода (аз ҳаҷми иқтисодиёти Россия 7 зина болотар) боз ҳам рушд карда истодааст.

Даромади воқеии аҳолӣ низ зиёд гашта, барои некӯаҳволӣ заминаи мусоид фароҳам овард. Дар умум, муваффффақиятҳои ислоҳотҳои Хитой аз ҳамбастагии чунин омилҳо, ҳамчун бозори озод, ҳокимияти самаранок фаъолияткунанда ва сиёсати дурусти иқтисодӣ амалӣ гаштанд.

Ислоҳотҳо аз «эҳёи» пудрати оилавӣ дар деҳот оғоз гаштанд, ки заминдории оилавиро барқарор намуд. Баъдан, ислоҳот соҳаи саноат, соҳаи хизматрасонӣ, андаке дертар индустрияи вазнинро фаро гирифт. Баъд аз он, ислоҳотҳои молиявӣ ва дигар ислоҳотҳои хурд амалӣ мегаштанд. Дар натиҷа, нисфи зиёди аҳолии кишвар ҳам дар шаҳр ва ҳам дар деҳот соҳиби моликият гаштанд.

Фаъолияти корхонаҳои коллективӣ- худидоракунӣ (мунитсипалӣ) вусъат ёфтанд (TVE — Township and Villag Enterprises). Саҳми корхонаҳои давлатӣ коҳиш ёфтанд, ки айни ҳол танҳо сеяки маҳсулоти саноатиро (баробар ба 10 % маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ), истеҳсол менамоянд.

Ба таври қатъи масъалаи бо кор таъминкунии аҳолӣ таҷдиди назар карда шуд. Миллионҳо нафар аз соҳаи хоҷагии қишлоқ ба сохаҳои саноат, сохтмон, хизматрасонӣ гузаштанд. Агар дар соли 1952 г сектори аграрӣ 83,5%, сохтмони саноатӣ 7,4%, хизматрасонӣ 9,1 % аҳолии қобили кориро фаро мегирифт, пас имрӯз дар хоҷагии қишлоқ 50%, саноат ва сохтмон зиёда аз 20 %, дар соҳаи хизматрасонӣ қариб 30% тамоми аҳолии қобили меҳнат кор мекунанд. Сифати қувваи корӣ боло рафта, маърифатнокии онҳо баланд шудааст. Нақши муҳимро дар ин раванд воридоти сармояи хориҷӣ ба иқтисодиёти кишвар мебозад.

Хитой оид ба ҷалби сармояи хориҷӣ мавқеи мустаҳками дуюмро баъд аз ИМА нигоҳ медорад. Айни ҳол, он ба 7% маҷмӯи маҳсулоти дохилии кишвар баробар аст.

Ҳамзамон, дар хоҷагидории Хитой баъзе мушкилот боқӣ мемонанд. Рушди бемайлон ва босуръати иқтисодӣ аз ҳисоби омилҳои вусъатбахшӣ (экстенсивӣ) дастгирӣ меёбанд. Соҳаи энергетика ва илмӣ-техникӣ ҳоло ҳам суст аст. Маълумоти миёна ва олиро дар Хитой танҳо чоряки аҳолӣ соҳиб аст, миқдори бесавод мондагон 200 млн. нафарро ташкил медиҳад (соли 1949 80% бесавод буд). Барои самаранок амалӣ намудани ислоҳотҳо ҷудоихоҳӣ (сепаратизм) ва коррупсия халал мерасонад.

Сохтори истеҳсолоти саноатии Хитой бо нигоҳдошти мувозинаи истеҳсолӣ ва диверсификатсия, ки устувор гаштани мавқеи кишварро дар арсаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, фарқ мекунад.

Асоси энергетика ин истеҳсоли ангиштсанг ( зиёда аз 1,3 млрд тонна дар як сол) мебошад. Ангишт мақоми рақобатнопазириро ишғол намуда, дар тамоми соҳаҳо истифода бурда мешавад. Қариб 2/3 истеҳсоли ангишт ба минтақаҳои Шимолу- Шарқ ва шимоли Хитой (Фу- син, Фушун, Датун) рост мебиёяд.

Захираҳои энергетикӣ инчунин бо варақсангҳои сӯзанда (сланетс) ва сӯзишвории ядроӣ арзёбӣ мегарданд. Инчунин, сӯзишвории иловагӣ-поруи растаниҳо, чорво ва дарахт истифода бурда мешавад

Саноати нафтӣ низ бо тадриҷ рушд менамояд. Ҷойгоҳи асосӣ барои истихроҷи саноатии нафт, корхонаи саноатии истихроҷи нафтии Датсин аст, ки дар шимолу-шарқии мамлакат, 370 км дуртар аз сарҳади Россия ҷойгир шудааст. Конҳои истихроҷии ин мавзеъ зиёда аз ҳазор конҳо ва чоҳҳои нафтиро дар бар мегирад.

Дигар конҳо дар Шимол (Даган — наздики Тянтсзин) ва шарқи Хитой (Шэнли — дар нимҷазираи Шандун) кашф шудаанд. Дар ин минтақаҳо корхонаҳои интиқол ва коркарди нафт, нафту-кимиёвӣ (Шэнян, Пекин, Далян, Шанхай) фаъолият менамоянд. Тарраќиёти саноати гази табиӣ хеле суст аст.

Дар соҳаи энергетика нерӯгоҳҳои барқӣ асосан бо ангишт кор мекунанд. Сотхтмони нерӯҳгоҳҳои стансияҳои барқӣ обӣ на танҳо дар дарёҳои калон, балки дар дарёҳои хурд низ сохта мешаванд.

Дар гузашта НБО –и «Гэчжоуба» (2,7 млн кВт) дар дарёи Янтсзи пуриқтордатарин маҳсуб мееёфт. Ҳоло, дар ин дарё бо суръат сохтмони калонтарин комплекси гидротехники «Се дара» (арзишаш зиёда аз 25 млрд доллари амрикоӣ) давом дорад. Сарбанди ин нерӯгоҳ иборат аз 26 генератори иқтидори ҳар кадомаш 700 ҳазор кВт (аксараш ба кор даромаданд) мешавад.

Сохтмони чунин як нерӯгоҳи азимро ҳанӯз 100 сол пеш сиёсатмадори шинохтаи Хитой Сун Ятсен пешниҳод намуда буд. Аммо, дар он давра амалӣ намудани чунин лоиҳаи азим, аз имкониятҳои Хитой берун буд. Танҳо аввали солҳои 90-уми асри XX лоиҳа аз нав баррасӣ гардид. Тибқи Нақша то соли 2009 дар дарёи Янтсзи обанбори дарозиаш 632 км,бо баландии 185 м. сохта мешуд. Дар сарбанд 26 турбин насб карда мешаванд, ки иқтидорашон 18,2 млрд кВт электроэнергияро баробар ба ҳаҷми кори 10 калонтарин стансияҳои гармидиҳии 50 млн тонна ангишт хароҷот мекарда баробар мешавад.

Барои Хитой лоиҳаи «Се дара» аҳамияти стратегӣ дорад. Аввалан, амаликунии чунин лоиҳа мушкилоти бо барқ таъминкунии иқтисодиёти рушкунандаро ҳал менамояд.

Дуюм, барои Ҷумҳурии халқии Хитой гузаштан ба истифодаи аз ҷиҳати экологӣ тозаи истеҳсоли барқ ҳаётан муҳим аст (дар охири асри XX—аввали асри XXI дар нерӯгоҳҳои гармидиҳӣ то 80 % барқ истеҳсол карда мешуд, ки ангишт 70% асоси коркарди барқ ҳисоб мееёфт).

Сеюм ин ки сарбанди сохташаванда барои пешгирии сел, ки дар ин минтақа тез-тез рӯйдода, сабаби ҳалокати одамон ва инҳисороти молӣ мегардад, воситаи хубе мешавад.

Чорум бо воситаи канали махсус сохташуда киштиҳои ғунҷоиши обиашон то 5 ҳазор тонна метавонанд ҳаракат намоянд.

Дар навбати худ захираҳои гидроэнергетикӣ (иқтидорашон барои истеҳсоли барқ то 6 трлн кВт соат) дар маҷмӯъ кам мавриди истифода қарор мегиранд. Диққати махсус ба рушди нерӯгоҳҳои атомӣ ва ҳамкориҳои байналмилалӣ дар ин самт дода мешавад. Якумин чунин нерӯгоҳи атомӣ дар Хитой бо номи «Тсзининан-1» дар наздикии Шанхай сохта шудааст.

**Бузургтарин соҳаи саноатии Хитой металлургияи сиёҳ аст**. Ин соҳа низ дар арсаи ҷаҳон аҳамияти калон дорад. Дар ин соҳа сатҳи баланди тамаркузкунонӣ дида мешавад:: 2/3 истеҳсоли пӯлод дар кишвар дар корхонаҳои пешқадам гудохта мешаванд.

**Чунин марказҳои металлургӣ дар Чин ташаккул ёфтаанд**: Шимолу-Шарқӣ (марказҳо — Аншан, Бэнси, Фушун, Далян), Шимолӣ (Пекин, Тянтсзин), Муғулистони дохилӣ (Баотоу), Шанхай (Шанхай, Баошан), Марказӣ (Ухан).

**Истеҳсоли металлургияи ранга** он қадар васеъ ба роҳ монда нашудааст. Корхонаҳои вуҷуддошта дар шимолу-шарқии кишвар ҷойгир гаштаанд, ки дар он иқтидори электроэнергетикии зиёд, истеъмолкунандагон ва қисман ашёи хом ҷамъ гаштаанд.

**Соҳаҳои асосии саноати мошинсозӣ** ҳанӯз солҳои 1950 бо кӯмаки ИҶШС таъсис дода шуда буданд. Айни ҳол, дар Хитой истеҳсоли гуногуншакли маҳсулоти мошинбарорӣ ба роҳ монда шудааст аз таҷҳизоти кӯҳӣ, трактор, автомобил сар карда то тайёра, ЭВМ ва дигар таҷҳизотҳо барои кайҳонавардӣ.

Дар Шимолу-Шарқ корхонаҳои мошинбарорӣ – истеҳсоли таҷҳизотҳои металлургӣ, кӯҳӣ, роҳи оҳан, дастгоҳҳо, таҷҳизоти электрикӣ, воситаи нақлиёт ва техника барои хоҷагии қишлоқ ҷиҳати қонеъ намудани талаботи дохилӣ воқеъ гаштааст (Шэнян, Харбин, Чанчун, Лоян, Далян).

Дар шоҳроҳҳои калони нақлиётӣ (Ухан, Нанчун, Чжучжоу) истеҳсоли локомотивҳо ва вагонҳо ба роҳмонда шудааст. Маркази пешбарандаи соҳаи мошинбарории мамлакат Шанхай мебошад.

Дар байни соҳаҳои саноати кимиёвӣ, истеҳсоли нуриҳои минералӣ афзалият дорад. Соҳаи нафту-кимиё босуръат рушд менамояд. Дастовардҳои саноати сабук ва хӯрокворӣ назаррасанд. Дар мамлакат соҳаи ватании истеҳсоли яроқи ҳастаӣ-ракетӣ созмон ёфтааст. Барномаҳои кайҳонӣ амалӣ гашта истодаанд.

**Хоҷагии қишлоқ** пурра талаботи аҳолии зиёда аз 1,4 миллиардаро бо хӯрокворӣ қонеъ намуда, инчунин ба хориҷ содирот менамояд. Хитой бузургтарин истеҳсолкунандаи ҷаҳонии маҳсулоти хоҷагии қишлоқ мебошад. Ҷои аввалро дар ҷаҳон оид ба истеҳсоли ғалла, пахта, зироати полезӣ, тамоку, бо саршумори хук, асп, парранда ишғол менамояд. Барои кор дар хоҷагии қишлоқ қисми асосии мардуми дорои қобили қувваи корӣ ҷалб карда шудааст ва дар ин сектори аграрӣ панҷ ҳиссаи маҷмӯи маҳсулоти дохилии кишвар истеҳсол карда мешавад.

Дар соҳаи кишоварзӣ — соҳаи асосии хоҷагии қишлоқ аслан истеҳсоли ғалладона, шолӣ бартарӣ доранд. Соҳаи зироаткорӣ асосан ба истеҳсоли хӯрокворӣ, пеш аз ҳама афзун намудани истеҳсоли ғалладона равона карда шудааст. Агар рӯёндани ҳосили шолӣ дар заминҳои обии ҷанубии кишвар ва водии Янтсзи сурат гирад, пас ғалладона дар паҳнои Бузурги Чин ва водии Хуанхэ рӯёнида мешавад.

Дигар намуди истеҳсоли маҳсулоти хоҷагии қишлоқ пахта аст (заминаи «ғасби нассоҷии» ашёи хоми Хитой дар бозори ҷаҳонӣ), ки дар ҳавзаҳои Хуанхэ ва Янтсзи рӯёнида мешаванд.

Хитой бо истеҳсоли чой машҳур аст. Он дар нишебиҳои кӯҳии ҷанубу-шарқӣ ва шарқи кишвар парвариш карда мешавад.

Яке аз сарчашмаҳои асосии маҳсулоти хӯрокворӣ барои хитоиҳо моҳидорӣ ва моҳипарварӣ мебошад. Метавон чунин ноҳияҳои тараққинамудаи хоҷагии қишлоқро номбар намуд: шимолу-шарқӣ, паҳнои Бузурги Хитой, қисмати паҳнкӯҳҳои шарқӣ,ҷанубӣ, шимолу-ғарбӣ ва Тибет.

Ноҳияи аввал ноҳия зироаткорӣ аст. Он масоҳати шимолу-шарқии кишварро дар бар гирифта , сиёҳзаминҳои ҳосилхез дорад.

Ноҳия дуюм самти ғалладонагӣ-пахтакориро пеш гирифтааст. Маркази ин ноҳия паҳнои Бузурги Чин аст. Ин калонтарин минтақаи кишти тирамоҳии ғалладона ва навъи лубиё аст. Ба ин ноҳия инчунин пушта кӯҳӣ *Лёссо,* ки дар Ғарб ба паҳнои Бузурги Чин пайвастааст, дохил мешавад. Дар ин ҷой низ аслан кишти тирамоҳии ғалладона ва пахта амалӣ карда мешавад.

Ноҳияи сеюм, бо шоликорӣ дар ҳавзаи Янтсзи машғул аст. Қисмати шимолии он аз қаторкӯҳӣ Тсинлин, ҷанубиаш аз қаторкӯҳи Нанлин мегузарад. Ғайри шолӣ дар ин ҷой парвариши ғалладона, пахта, лубиё ва зироати равғандиҳанда ба роҳ монда шудааст. Дар ҷануби водии Янтсзи дар пастхамиии теппаҳо киштзорҳои машҳури чой воқеъ гаштаанд.

Нақши муҳимро дар ин ноҳия музофоти Сичуан, ки марказаш шаҳри Чэнду мебошад, мебозад. Дар музофоти Сичуан кишоварзии серсоҳа тараққӣ ёфтааст ва яке аз мавзеъҳои асосии ғаллакорӣ ва зироати субтропикии Хитой ба ҳисоб меравад. Музофот дар қисмати ғарбии ноҳия ҷойгир буда, хамии бо кӯҳҳо иҳоташудаи Сичуанро дар бар мегирад. Дар ин ҷой тамоми намуди маҳсулоти кишоварзии дар Хитой маъмул истеҳсол карда мешавад. Дар натиҷаи обёрӣ намудани замин, метавон то 2-3 ҳосили шолӣ, ғалла ва меваю сабзавотро ба даст овард. Бинобар ин, ин ҷойро «Хитои сабз» меноманд.

Ноҳияи чорум қисмати тропикии Хитой- воқеъ дар ҷануби қуллаи Нанлинро дар бар мегирад. Ин минтақаи муссонҳои тропикӣ аст. Дар ин мавзеъ шолӣ ва найшакар, ҳамчунин, меваҳои тропикӣ ва субтропикӣ паврвариш карда мешаванд.

Ноҳияи панҷум, минтақаи даштҳо, нимбиёбонҳо ва биёбонҳои Шимолу-Ғарби Хитой ва Муғулистони дохилӣ буда, аслан бо чорводории чарогоҳӣ машғул аст. Кишоварзӣ асосан дар заминҳои нисбатан хуб, ки дар пастхамиҳои Ҷунгар ва Қошғар воқеъ гаштаанд, сурат мегирад. Ин минтақаро «Хитои хушк» ном мебаранд.

Ноҳияи шашум, паҳнкӯҳи васеътарини ҷаҳон Тибет аст, бо чорводории чарогоҳӣ машғул мебошад. Тобистон чорворо дар чарогоҳҳои баландкӯҳ ва зимистон дар водиҳо мечаронанд. Парвариши ҷави ба хунукӣ тобовар ва гандуми баҳорӣ ба роҳ монда шудааст. Дар маҷмӯъ ин ноҳия «Хитои баланд» ва ё худ «Хитои хунук» ном бурда мешавад.

Барои Хитой, бо назардошти аҳолӣ, масоҳат ва таъмини сатҳи рушди иқтисодӣ аз ҳама соҳаи афзалиятнок ва муҳим нақлиёт аст, аз ҷумла нақлиёти роҳи оҳан. Шабакаи роҳҳои оҳан тамоми қисмати шарқии мамлакатро фаро гирифтааст. Самти асосии онҳо самти хатти тӯлӣ аст. Онҷо музофотҳои сераҳолӣ ва тараққикардаро ба ҳам пайваст менамоянд.

Нуқтаи ҷамъомади калонтарини роҳи оҳан дар Пекин аст. Аз он хатҳои магистралии гуногун ба самти бандарҳои баҳрӣ ва марказҳои хоҷагидорӣ равона мегарданд. Хатти роҳҳои оҳани Хитой бо Забайкалия ва Приморияи Россия, инчунин бо роҳҳои оҳани Муғулистон, ҶХОК ва Ветнам пайваст шудааст.

Аммо, нақлиёти рохи оҳан тадриҷан мавқеи худро ба нақлиётҳои автомобилӣ, баҳрӣ (бандарҳои асосӣ: Шанхай. Сянгон, Далян, Тсиндао, Тянтсзин ва ғ.), дарёгардӣ, ҳавоӣ (80% гардиши бор ба ҳавзаи дарёи Янтсз) медиҳад.

Роҳҳои автомобилӣ тамоми қаламрави кишварро бо ҳам мепайвандад. Ҳанӯз соли 1978 роҳи автомобилии Қароқорум ба истифода дода шуд, ки Хитойро бо Покистон пайваст намуд.

Аҳамияти маҳаллии нақлиётиро роҳҳои дарёи иҷро менамоянд. Шараёни асосии роҳҳои обии мамлакат ин аз дарёи Янтсзи барои ҳамаи киштиҳои дарёгард ва каналҳо масофаи 2 700 км аз саргаҳ то шаҳри Ичан ва 1 000 км то шаҳри Уханро ташкил мекунанд. Ҳаҷми ҳамлу нақли борҳо рӯз аз рӯз зиёд мегардад. Бандарҳои асосии кишвар Тянтсзин, Тсиндао, Шанхай, Гуанчжоу, Чжантсзян воқеъ буда, бо воситаҳои техникии нав таҷҳизонида шудаанд.

Нақлиёти ҳавоӣ низ рушд мекунад. Тамоми марказҳои бузург бо ҳам бо роҳҳои ҳавоӣ пайваст карда шудаанд. Якчанд хатҳои ҳавоии байналмилалӣ фаъолият менамоянд. Ба онҳо бандарҳои ҳавоӣ дар Шанхай, Пекин, Гуанчжоу, Урумчи ва дигар шаҳрҳо хизмат мерасонанд.

Нақши муҳимро дар иқтисодиёти Хитой савдои беруна мебозад. Молҳои саноатии истеъсоли Хитой ва маҳсулоти кишоварзӣ дар бисёр мамлакатҳои олам маълуманд. Шарикҳои доимии Хитой дар соҳаи савдо Ҷопон, ИМА ва Ҷумҳурии Корея мебошад. Хусусиятҳои гуногунҷабҳаро робитаҳои иқтисодии Хитой бо кишварҳои Осиё, Австралия, Зеландияи Нав, кишварҳои Аврупо ва Канада фаро гирифтааст.

Ҳамчунин, Хитой ҷиҳати пурқувват гардонидани робитаҳо бо Россия аст. Аз ҳама лоиҳаҳои амалишаванда ин сохтмони қубури гази «Ғарб-Шарқ» аз Синтсзяни ноҳияи худмухтори Уйғур дар ғарби Хитой то саргаҳи дарёи Янтсзии Шанхай.

Ҳамчунин, роҳҳои нави ҳамкории хитойи-россиягии содироти газу нафт ба дигар бозорҳои кишварҳои Осиё ҷустуҷӯ карда мешаванд. Солҳои охир робитаҳои иқтисодию иҷтимоии Хитой бо Тоҷикистон вусатёбанда мебошад. Махсусан дар сохтумони роҳҳои нақлиёти автомобилгард.

**Тафовути музофотӣ ва сиёсати музофотӣ.** Зиддиятҳои ҳудудӣ дар Хитой баръало ҳис карда мешаванд. Он таъсири худро ҳам ба табиат, ҳам ба иқтисодиёт ва ҳам ба некӯаҳволии халқ мегузорад. Бо рангорангии амиқ ҳамаи 23 музофот, 5 ноҳияи худмухтор, 4 шаҳри тобеи марказ ва ду ноҳияи махсуси маъмурӣ (Сянгон ва Аомин) фарқ мекунанд.

Ғайр аз 5 ноҳияи худмухтор бо ҳуқуқи музофотӣ, дар Чин 30 ҳавзаҳои худмухтор ва 124 воҳиди маъмурӣ (сомона) вуҷуд доранд.

Чунон гуногуншаклии мамлакат чанд сабаб дорад. Якум он ки масоҳати калони қаламрави кишвар ва шароити гуногуни табиат (аз як ҷониб шароити ҳаматарафа мусоиди водиҳои наздисоҳилӣ, аз ҷониби дигар иқлими сард ва номусоиди баландкӯҳҳо ва биёбонҳои Тён-Шон, Ҳимолой, Кунлун, силсилакӯҳҳои Тибет, биёбонҳои Такла-Макан ва ғ.).

Дуюм- гуногунии қавмии аҳолӣ ва хусусияти фарҳангии худи ханҳо, ки бо ҷойгиршавии географии худ фарқ мекунанд

Сеюм, номутаносиб ҷойгиршавии аҳолӣ, аз ҷиҳати иқтисодӣ номунназам азхудкунии масоҳати мамлакат мебошад.

Бо назардоштти сабабияти охир дар қаламрави Хитой симои се бузургтарин минтақаҳои иқтисодӣ муайян мешаванд.

1. Аз ҷиҳати иҷтимоӣ-иқтисодӣ рушдкарадаи минтақаи наздибаҳрӣ, ки ба ҳайати он музофоҳои наздисоҳилӣ ва шаҳрҳои тобеи марказ ва ноҳияҳои махсуси маъмурии

Сянгон ва Аомин дохил мешаванд (дар ин минтақа воридоти (инвеститсияи) маблағгузории хориҷӣ зиёд буда, минтақаҳои махсуси иқтисодӣ ҷойгир гаштаанд). Минтақа дорои канданиҳои зиёди фоиданок буда, иқтидори калони қувваи корӣ дорад ва қисмати аз ҳама тарраққикардаи мамлакат аст. Хоҷагиҳои хусусӣ бо фаъолияти содиротиашон фарқ мекунанд.

2. Музофотҳои марказии мамлакат, ҳамчун хатти дуюми рушд ва эҳёи иқтисодии мамлакат мебошанд. Ин минтақа бо соҳаҳои истихроҷӣ, саноати мудофиавӣ ва маҳсулоти миллӣ аз дигар музофотҳо фарқият дорад.

3. Ноҳияҳои камтараққикардаи ғарбӣ ва шимолу-ғарбиро, ки иқтидори иқтисодиашонро ҳоло ҳам маҳсулоти камфоидаи хоҷагии кишлоқ ва саноати кӯҳӣ ташкил медиҳад. Дунёи махсуси Хитой-Тибет аст, ки шароити вазнини кӯҳсор барои зист мушкилиҳо эҷод менамояд. Лек, дар ин ҷой на танҳо чарогоҳҳои чорводорӣ тараққӣ менамоянд (гӯсфанд, буз, асп, хар ва ғ.), балки кишоварзӣ (сабзавот, ҷав, картошка) рушд менамояд. Дар ҷануби Тибет пойтахти дини буддоӣ Лхаса-маркази маъмурӣ фа фарҳангу иқтисодии ноҳияи худмухтори Тибет ҷойгир гаштааст. Иқлими вазнин ва зичии пасти аҳолӣ монеъаро барои рушди иқтисодии ин қисмати мамлакат эҷод менамояд. Омили умедворкунанда ин захираи гуногуни сарватҳои табии мебошад.

Қисмати махсуси сохтори ҳудудии хоҷагии мамлакатро минтақаҳои озоди иқтисодӣ ташкил медиҳанд, ки дар давраи ислоҳотҳо таъсис дода шуда буданд. Дар ин ҷой мавзеъҳои махсуси имтиёзнок фаъолият менамоянд, ки барои воридоти сармояи хориҷӣ пешбинӣ гардидаанд.

Мақсади ин минтақаҳои озоди иқтисодӣ — ҷалби сармояи хориҷӣ, техника ва технологияи нав, тавсеаи робитаҳои берунаи иқтисодӣ, истифодаи таҷрибаи таъсиси истеҳсолот, робита бо зиёда аз 20 бандарҳои баҳрӣ, музофотҳои наздисоҳилӣ ва ҷазираи Хайнан мебошад. Дар ин минтақа як «камарбанди» хос ташкил шудааст, ки сармояи зиёди хориҷӣ муттамарказ шуда, 300 миллион аҳолӣ зиндагӣ менамоянд.

Дар Хитой марказҳои калони иқтисодӣ ҳастанд, ки воҳидҳои зиёди маъмуриро дар бар мегиранд. Аз ҷиҳати масоҳат ва аҳолӣ ҳар минтақа аз ҳар кишвари Аврупоӣ калонтар аст.

**Хитои Шимолӣ-Шарқӣ** (Дунбэй, дар гузашта Манҷурия) дар чорроҳаи байналмилалӣ, ки Россияро бо минтақаҳои дигари мамлакат пайваст менамояд, воқеъ гаштааст.

Дар ин ноҳия нуқтаи асосии индустриалии Хитой бо корхонаҳои вазнини мошинбарорӣ ва металлургия, истихроҷи ангишсанг ҷой гирифтаанд. Марказҳои калони саноатӣ ин Шэнян (саноати вазнини мошинбарорӣ, саноати ҳарбӣ), Аншан, Бэнси (металлургияи сиёҳ), Чанчун (автомобилсозӣ), Далян (киштисозӣ), Харбин (мошинбарорӣ) мебошанд.

Соҳаи кишоварзии шимолу-шарқии мамлакат бо парвариши як навъи лубиё машғул аст. Инчунин, парвариши гаолян, ҷувворимакка, ғалла ва дар ҷануб шолӣ ба роҳ монда шудааст. Дар чорводорӣ соҳаи хукпарварӣ афзалият дорад.

**Шарқи мамлакат** аз Девори Бузурги Хитой дар шимол то баландии Нанлин дар ҷануб тӯл кашида, ба соҳилҳои баҳрҳои Зард ва Шарқӣ-Хитоӣ мебарояд. Дар 20% масоҳати қаламрави мамлакат, аз нисф зиёди аҳолӣ зиндагӣ менамоянд.

**Дар Пекин** рушди умумӣ ва электротехники мошинбарорӣ, дастгоҳсозӣ ба назар мерасад.

**Дар Тянтсзин** - маркази бузурги нассоҷӣ, корхонаҳои металлургияи сиёҳ, саноати кимиёвӣ, дар музофоти Шанси-ҳавзаи ангиштсанг, шаҳри Тайюан- маркази металлургияи сиёҳ, саноати вазнини мошинбарорӣ фаъолият менамоянд. Дар шаҳри Лоян корхонаҳои мошинбарории электротехникӣ ва хоҷагии қишлоқ ҷойгиранд.

Маркази калони индустриалӣ ва бандари муҳими баҳрӣ Шанхай, ки дар дарёи Хуанпу (саргаҳи Янтсиз) ҷойгир гаштааст, бо соҳаи киштисозӣ машҳур аст. Дар наздикии Шанхай шаҳрҳои Ханчжоу — маркази саноати шоҳибофӣ; Нанкин — дастгоҳсозӣ ва истеҳсоли таҷҳизоти электротехникӣ ҷойгир шудаанд. Дар қисмати марказӣ ш. Ухан комбинатҳои металлургӣ, корхонаҳои истеҳсолии дастгоҳҳо, таҷҳизоти оҳангарӣ, мошинҳо барои хоҷагии қишлоқ ва киштиҳои дарёгард воқеъ гаштаанд. Дар ғарби Ухан кофтукови сурбу-рӯҳ, симобу волфрам, дар ҷануб (наздикии Чанша) – сурма ва марганетс идома дорад. Иқлими хеле мусоид барои рушди соҳаи кишоварзӣ шароити хуб муҳайё намудааст.

Ғарб ва Ҷанубу-Ғарби Хитой шашяки қаламрави кишварро ташкил медиҳанд. Сарватҳои бои маъданро дорад. Аз рӯи истихроҷи маъданҳои муфид ноҳия дар кишвар мақоми аввалро дорад. Дар радифи саноати кӯҳӣ ва истихроҷи канданиҳои фоиданок, инчунин саноати коркард фаъол аст.

Марказҳои калони он дар ҷануб — Гуанчжоу бо саноати нассоҷӣ ва корхонаҳои истеҳсоли шакар, коғаз, тамоку, консерва, маснуоти резинӣ (дар музофоти Сичуан); дар Чунтсин мошинбарорӣ, истеҳсоли дизелҳо, турбинаҳо, таҷҳизотҳои электронӣ, металлургия; дар шаҳри Чэнду — саноати нассоҷӣ ва хӯрокворӣ ҷойгир шудаанд. Иқлими намноки субтропики ҷануб ва ҷанубу-ғарбӣ имконияти истеҳсоли гуногуни маҳсулоти кишоварзиро, аз ҷумла ананас ва бананро медиҳад. Дар давоми сол то ду маротиба ҳосили шолӣ ва сабзавот ҷамъоварӣ карда мешавад. Ҳосили ғалладона, ҷуворимакка, ҷав, пахта низ рӯёнида мешавад.

Нисфи масоҳати ҷанубу-ғарбии Хитойро ноҳияи худмухтори Тибет ишғол менамояд, ки ноҳияи камтараққикардаи мамлакат маҳсуб меёбад. Айни ҳол, дар Ҷумҳурии халқии Хитой дар доираи Барномаи амалишавандаи рушди суръатноки минтақаҳои ғарбӣ, ноҳияи худмухтори Тибет мақоми махсусро дорост. Барои тарраққиёти Тибет маблағҳои зиёд ҷудо мешаванд. Сохтмони коммуникатсияҳо, иншоотҳо ва дигар инфрасохторҳо шурӯъ гардидаанд.

Дар раванди ворид намудани навгониҳо ба ҳаёти иҷтимоии Тибет, афзалияти ҷойгиршавии он ба инобат гирифта мешавад. Набудани корхонаҳои саноатӣ ин минтақаро аз ҷиҳати экологӣ нодир мегардонад. Барои ҳамин ҳам аз ҳама соҳаи даромаднок барои ин минтақа саёҳӣ маҳсуб мешавад. Солҳои охир сайёҳони дохилӣ ривоҷу равнақ ёфта истодааст.

Ғарб ва Шимолу-Ғарби мамлакат — аз музофотҳо ва ноҳияҳои худмухтор камаҳолӣ иборат буда, бо Муғулистон, Қазоқистон, Қирғизистон, Тоҷикистон Ҳиндустон, Непал ва Мянма ҳамсарҳад аст.

Хитои Ғарбӣ дорои захираҳои калони нафту гази табиӣ мебошад. Дар Муғулистони дохилӣ конҳои ангишти коксӣ ва маъдани оҳани бо сифат, конҳои металлҳои ранга, графит ва намаки ошӣ кашф шудаанд. Дар ин ҷой корхонаҳои

металлургӣ ва мошинбарорӣ фаъолият намуда, истихроҷ ва коркарди нафт ба роҳ монда шудааст.

Марказҳои асосии саноатӣ Лянчжоу (атом, кимиё, коркарди нафт), Баотоу (металлургия, коркарди нафт, атом), Урумчӣ (металургӣ, коркарди нафт, таъмири автомобил, кимиёвӣ, маҳсулоти сохтмонӣ) ҳастанд. Дар хоҷагии қишлоқ чорводорӣ афзалият дорад.

Дар Ҷумҳурии халқии Хитой бо масоҳати калон ва хусусиятҳои табиӣ, иқтисодӣ, қавмӣ, мақоми хоси сиёсати минтақавӣ дорад. Ин сиёсат бевосита аз ҷониби вазоратҳо ва муассисаҳои давлатӣ ба монанди Кумитаи давлатии банақшагирӣ, Кумитаи давлатии иқтисодиёт, Кумитаи давлатӣ оид ба корҳои миллатҳо, Кумитаи давлатии ба нақшагирии афзоиши аҳолӣ, ки ба ҳайати Шӯрои давлатӣ шомиланд, амалӣ карда мешаванд.

Дар шароити гузариш ба иқтисодиёти бозоргонӣ, имкониятҳои давлат ҳамчун ташабусскор ва сарпарасти молиявии лоиҳаҳои минтақавӣ каме тангтар гаштаанд. Ба ҳар ҳол, Ҷумҳурии халқии Хитой дар аввали асри XXI таҷассумгари сиёсати миллии минтақавӣ боқӣ мемонад.

Кӯшишҳои бевоситаи Ҷумҳурии халқии Хитой дар амалишавии сиёсати музофотӣ, аз нақшаҳо ва барномаҳои минтақавии мушаххас (аслан дар доираи барномаҳои рушди миллӣ) иборат буда, ба ин мақсадҳо равона карда шудаанд:

• Таъмини баробари рушди музофотҳои мухталифи мамлакат (хусусан ноҳияҳои худмухтор);

• Танзими афзоиши аҳолӣ;

• Омӯзиш ва истифодаи пурраи захираҳои табиӣ;

• Дастгирии ташабусскорӣ ва ғайра.

Қисми таркибии сиёсати музофотии Ҷумҳурии халқии Хитой — таъсиси минтақаҳои махсуси озоди иқтисодӣ мебошад (Шэнчжэн, Чжухай ва Шантоу дар музофоти Гуандун ва Сямэн дар музофоти ноҳияи Футсзян), ҷиҳати ҷалби сармояҳои хориҷӣ мебошад.

Охирин, имкониятҳоро баҳри ривоҷ додани савдои байни тарафайн (преференция) дорад. Чунончи, шахси ҳуқуқие, ки на камтар аз 5 миллион доллар сармоягузои менамояд ё ин ки технологияи навро барои корхонаи амалкунандаи гардиши сусти молӣ дошта дастрас менамояд, аз андозҳо қисман ё пурра озод карда мешавад.

Ҳамин ҳолат ба шахси ҳуқуие дахл дорад, ки муддати 5 сол ва зиёда аз он, фоидаи аз сармоягузории худ ба дастомадаро баргашта барои минтақаҳои махсуси иқтисодӣ сарф мекунад. Корхонаҳо барои содироти таҷҳизоти истеҳсолӣ, ашёи хом, кисмҳои эҳтиётӣ, воситаи нақлиёт ва ғайра аз боҷи гумрукӣ озод карда мешаванд.

Супоридани маблағ барои иҷораи замин дар ҳудуди минтақаҳо вобаста аз намуди фаъолият ва мӯҳлати иҷора аст. Дар Шэнчжэн барои мисол, имтиёзҳо барои супоридани андози замин ба корхонаҳои машғули илм, маориф, фарҳанг ва тандурустӣ пешбинӣ гардида, танҳо маблағи иҷораи замин барои амалӣ намудани лоиҳаҳое, ки истифодаи технологияи нав дар назар аст, гирифта мешавад.

Сиёсати рушди минтақаҳои махсуси иқтисодиро давом дода, ҳукумати Хитой қарор намуд, ки 14 шаҳрҳо-бандарҳои наздисоҳилиро (Далян, Тсинхуандао, Тянтсзин, Янитай, Тсиндао, Лянюнган, Нанипун, Шанхай, Нинбо, Вэнъчжоу, Гуанчжоу, Фучжоу, Чэжанчзян ва Бэйхай) барои сармоягузории хориҷӣ кушода монад.

Назар ба минтақаҳои махсуси иқтисодӣ, ин шаҳрҳо мустақилияти маъмурӣ надошта, аз чанд ҷиҳат дар тобеияти ҳокимиятҳои маҳаллии давлатӣ қарор доранд. Аммо, дар ҳамин ҷой ҳам низоми ӯҳдабароёнаи имтиёзҳо ва имкониятҳо баҳри ривоҷ додани савдои байни тарафайн (преференция) барои ҷоннок намудани фаъолияти иқтисодӣ пешбинӣ гардидааст. Ҷазираи Хайнан барои сармоягузорони хориҷӣ низ боз аст.

Инак, симои географии Ҷумҳурии халқии Хитой мухталиф буда, мурракаб боқӣ мемонад.

• Қаламрави мамлакат бо гуногуншаклиии шароитҳои табиӣ фарқият дорад (танҳо номбар намудани Тибет, Ҳимолой; Кунлун, Қароқорум, биёбони Гоби, паҳнои Бузурги Хитой, ҷазираи Хайнан ва дигар иншоотҳои табии-географӣ басанда аст).

• Хитой — яке аз кишварҳои бо захираҳои минералӣ таъминшудаи ҷаҳон мебошад.

• Хитой аз кишвари ниммустамликавӣ ва нимфеодалии дар гузаштаи начандон дурр, имрӯз ба мамлакати абаркудрати индустриалӣ-аграрӣ табдил ёфта, аз рӯи бисёр мавқеҳои иқтисодӣ бо ИМА рақобат менамояд.

• Ҷумҳурии халқии Хитой дорои захираҳои бузурги маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ (дуюм ҷой баъди ИМА) мебошад.

• Бо шарофати сиёсати хирадмандонаи демографӣ, барои мамлакати аз ҷиҳати аҳолӣ дар ҷаҳон сершумортарин, Хитой тавонист афзоиши табиии аҳолиро паст фарорад.

• Сохтори ҳудудии хоҷагии Хитой бо марказҳои ташаккулёфтаи саноатӣ шинохта мешавад (Шанхай, Шэнян, Тянтсзин, Аншан, Ухан, Пекин, Гуанчжоу ва ғ.); таҷрибаи самараноки таъсиси минтақаҳои махсуси иқтисодӣ амалӣ мегардад; ҷойгиршавии номутаносиби аҳолӣ ва рушди хоҷагӣ байни ноҳияҳои наздисоҳилӣ ва ғарбӣ-марказӣ дида мешавад.

• Дар охири асри XX дар тақсимоти маъмурӣ-ҳудудии мамлакат тағйиротҳои ҷиддӣ ворид карда шуданд: бар замми он музофотҳо, ноҳияҳои худмухтор ва шаҳрҳои тобеи марказии вуҷуддошта, ду ноҳияи махсуси маъмурӣ — Сянгон (Гонконг) аз соли 1997 ва Макао аз соли 1999 г. (ҳоло — қаламрави Португалии) илова шуданд.

**Савол ва супоришҳои санҷишӣ**

1. *Хитойро дар таърих чи гунна мамлакат мешиносед?*

2. *Мавқеи географии Хитой ва иқтидори захираҳои табиии онро тавсиф намоед?*

3. *Ноҳияҳои худмухтори Хитой нисбат ба ҳукумати маркази чигуна таносуб доранд?*

4. *Нисбат ба сиёсати ба нақша гирифтани оила дар Хитой чи маълумот доред? Мақсад ва воситаи ин ҳадаф чигуна аст?*

*5. Барои чи самараи ислоҳот ва кушодаи иқтисодиёт ба андозаи васеъ шарқии Хитой истифода мебарад, вале музофотҳои дохили не?*

6. *Ноҳияҳои асосии кишоварзии Хитой дар куҷо ҷой гирифтаанд (барои ҷавоб додан харитаҳои табиӣ ва иқтисодии мамлакатро муқоиса намоед?*

## 4.3 Япония

Япония — давлати кӯҳан, ки дар давоми асрҳои зиёд дар шароити мусоиди таърихӣ ташаккул ёфтааст. Мамлакати ҷазиравии дорои як забон, як миллати аз Ҷиҳати таркиб якхела ва дорои таҷрибаи мустаҳками «худҷудогузорӣ» аст. Маҳз мавқеи ҷазиравӣ - яке аз омилҳои якмиллатии мамлакат мебошад. Кишварест, ки дар асри XIX дар давраи мустамликадорӣ дар Осиё мустамликаи дигарон набуда, аз мамлакати қафомонда ба малакати рушдкунанда табдил ёфт. Ҳарчанд захираҳои бои табии надошта бошад ҳам, захираи калони қувваи корӣ дорад, ки бо масъулиятнокӣ ва ба ҳамагуна муҳит мутобиқшавандагиашон фарқ мекунанд. Умуман, Японҳо бо боинтизомӣ, тарбияи хуб, кӯшишнокӣ ва масъулиятнокӣ дар ҳама кор аз дигарон бартарият доранд. Маҳз дар ҳамин ҳамагон сири «мӯъҷизаи иқтисодӣ»-и Японихоро мебинанд.

Япрния чи тавре қайд намудем мамлакати ҷазиравӣ буда, дар тарфаи шарқии соҳилҳои Осиё воқеъ гардидааст. Ҷазираҳо аз шимолу шарқ ба ҷанубу ғарб кашол мейбанд. Япония дар чор Ҷазираи калон (Хоккайдо, Хонсю, Сикоку *ва* Кюсю) ва ҳазорон дигар ҷазирачаҳо ҷойгир шуда, аз Ғарб бахри Япон ва аз шарқ уқёнуси Ором онро иҳота менамоянд. Аз як тараф мавқеи ҷазиравиаш имконияти рушди иқтисоди «баҳрӣ»-ро медиҳад, ки ба муносибатҳои беруна, дохилӣ ба афкори Японихо таъсир мерасонад. Аз ҷониби дигар ҷазираҳои Япон дар минтақаи хатарнокӣ заминларза ва тӯфонҳо, ки дар давраи муссонҳои тирамоҳӣ ба вуҷуд меоянд, ҷойгир гаштааст. Заминларзаҳо ва тӯфонҳо барои Японихо бисёр харобиҳо меоранд.

Рушди босуръати Япония дар нимаи дуюми асри XX ба он оварда расонд, ки мамлакат ба яке кишварҳои абарқудрати индустриалӣ ва маркази иқтисоди ҷаҳонӣ табдил ёфт. Япони муосир — ин пайвастагии ягонаи намунаи олии тамаддуни илмӣ-техникӣ ва фарҳанги таърихии хос аст. Чунин хусусияти кишвари тулӯъи Офтоб пеш аз ҳама бо ягонагии омилҳои таърихӣ, фарҳангӣ иҷтимоӣ-сиёсӣ ва ғайра маънидод карда мешавад.

**Мавқеи географӣ, табиат ва захираҳо.** Япония аз гала ҷазираҳо (архипелаг)-и пароканда, чор ҷазира калон ва ҳазор ҷазирачаҳо иборат буда, ба гурӯҳҳои зерин тақсим мешавад: 1) Японияи марказӣ (ё кӯҳна), дар давраҳои феодалӣ бо номи Ниппон шинохта мешуд, ки се ҷазираи калонро дар бар мегирад — *Хонсю, Сикоку, Кюсю* ва дигар ҷазираҳои хурди назди онҳо; 2) Японияи шимолӣ, бо ҷазираи *Хоккайдо,* ки азхудкунии он аз солҳои 70-уми асри XIX шурӯъ гашт; 3) Японияи ҷанубӣ, ки ҷазираи *Рюкюро* дар бар гирифта, аз ҳама калонтаринаш Окина ва мебошад.

Мавқеи ҷазиравӣ ба Япония имконият медиҳад, ки онро бо Британия Кабир муқоиса намоянд. Аммо, гулӯгоҳи Корея, ки Японияро аз қитъаи Осиё ҷудо намудааст, 6 маротиба аз гулӯгоҳи Ла-Манш васеъар аст. Аз як ҷониб, маҳз бо ҳамин сабаб Япония дар давраҳои таърихӣ ба ҳамлаи истилогарон камтар мувва дучор шудааст.

Галаҷазираҳои камоншакли Япония аз шимолу шарқ ба ҷанубу ғарб ба масофа бештар аз 3 400 км қад-қади соҳилҳои Осиёи Шарқи кашол ёфтаанд. чанбараи ҷазираҳои Япония «остона»-и зинаҳои Осиёи Шарқӣ ба ҳисоб рафта, аз баландӣ ба болои чуқуриҳои бетаги уқёнус нигоҳ меафканад. Ҳамҳудудии наздики баландиҳо ва пастиҳо сабаби ноустувориҳои тектоникӣ гадидаанд. Дар ягон ақсои олам чунин фаъолияти шиддатноки зилзилавӣ дида намешавад. Кӯҳҳосилшавӣ дар

Япония ба охир нарасидааст. Ин се омил — мавқеи ҷазиравӣ, фарқияти арзии географӣ ва зилзиланокӣ сабабияти шароити хоси табии Япония гаштааст.

Япония чун кишвари вулқонҳо, заминҷунбиҳои мунтазам бо релйефи кӯҳӣ ва заминҳои барои кишт нобоб тавсиф мешавад. Нуқтаи баландатарини ҷазираҳои Япония ин вулқони хомӯшшудаи Фудзияма (3778 м) аст , ки ҳамчунон рамзи миллӣ маҳсуб мешавад. Тоҷи сафеди он яке аз даштҳои бузурги Хонсю — дашти *Канто,* ё худ Токиоро (17 ҳазор км$^2$), ки дар халиҷи Токио ҷойгир шудааст, оро медиҳад. Дар ин ҷой пойтахти Япония ва чандин шаҳрҳои бузург ҷойгиранд. Дашти паҳнои дигари калони аҳамиятдошта *Ноби,* ё худ Нагоя, инчунин дар соҳили Уқёнуси Ором, наздикии Исе ҷойгир аст. Маркази калони иқтисодии он — шаҳри Нагоя аст. Сеюм дашти аҳамиятноки минтақа ин дашти *Кинки,* ё худ Осака, дар ҷанубу-ғарбии Ҷазираи Хонсю мебошад. Дар он пойтахтҳои қадимаи Нара ва Киото, инчунин маркази бузурги саноати Осака ҷойгир шудаанд. Дигар даштҳои паҳно ва пастхамиҳо дар Япония нестанд. Соҳилҳо бо гуногунрангӣ диққатро ҷалб менамоянд. Хати дарози соҳилҳо гувоҳи алоқамандии ҳудуди кишвар бо баҳр аст. Чунин вазъ воқеияти дигарро таъйид менамояд, ки ягона ҳудудҳои бузурги истеҳсолкунанда, ин марказҳои зичи ҷойгиршавии аҳолӣ дар минтақаҳои даштӣ мебошад.

Дар қисмати дохилии ҷазираҳои Япония, ки бо силсилакӯҳҳои ба самти тӯл равона печонидашуда ва бо ҷангалзорҳову марғзорҳои зебо пӯшонида шудаанд, аҳолӣ кам маскун гаштааст.

Кишвар аз ҷиҳати кандинаҳои фоиданок бой нест (танҳо каму беш захираҳои ангишти сиёҳтоб исифаташ миёна, тилло, мис ва сулфур (сера) дида мешавад). Аммо, фаровонии гармӣ ва намнокӣ имконият медиҳад, ки дар минтақаҳои субтропикӣ ва тропики Японияи ҷанубӣ дар як сол то ду ҳосили шолӣ ва мевагӣ гирифта шавад. Арзиши махсусро Ҷангалҳо ташкил медиҳанд, ки он қариб 2/3 ҳудуди кишварро ишғол намудаанд. Дарёҳои зиёди кӯтоҳу остонадор барои киштиҳо мувофиқ нестанд, аммо манбаи гидроэнергия ва обёрии заминҳо ҳастанд. Аз ҷиҳати фауна низ баҳрҳои атрофи Япония бой аст.

**Аҳолӣ.** Галаҷазираҳои Япония, ки аз як тараф ба қитъа ва аз ҷониби дигар ба Уқёнуси Ором нигаронида шудааст, ҳамчун чорроҳаи ҳаракати бисёр миллатҳои Осиё буд. Аҳолии маҳаллӣ *айну* ба ҳисоб мераванд, ки ба намояндагони қавми қадимаи Осиёи Шарқӣ мансубанд. Ҳанӯз дар давраҳои таърихӣ айнуҳо аз дигар қавму миллатҳо, ки ба Ҷазираҳои Япония аз Корея, галаҷазираҳои Малай ва Океания даромада буданд, мавқеяшонро танг намуда ба тарафи Хоккайдо ронданд. Аз омехташавӣ бо қабилаҳои дигар, аз ҷумла қабилаҳои муғулу-малай ва чиниву-тунгус ташаккули этникии ҳайати миллии Ҷопонӣ ба миён омад. Дар ин ҷо бештар 99 % аҳолиро Японияҳо ташкил менамоянд. Боқимондаи онро кореягиҳо, хитоиҳо, ва халқи айну (анқариб 20 ҳазор нафар) ташкил менамоянд.

Хилватнишинӣ дар ҷазираҳо ва робита надоштан бо дигарон, омили ташаккули халқияти хос, дорандаи забони махсус ва душвор, алифбо ва хислати махсуси равонӣ гашт. Дар шароити кунунӣ дар Япония пайвастагии фарҳанги шарқу ғарб-мулоҳизакорӣ ва фаросат, қатъият ва фасеҳӣ, ҳисси фазо ва вақт дида мешавад. Дар симои Японияҳо шахси дорои ду шаҳрвандии тамаддунӣ тавлид мешавад. «Япония Хитой давлат-миллатест бо дарки махсусияти ва нуфузи хос. Таърихи ҷазиравии он нишон медиҳад, ки Японияҳо одамони меҳнатдӯст ва интизомнок буда, акӣдае доранд, ки ба онҳо худованд зиндагии махсус ва шоистаро фиристодааст ва онро Ҷопониҳо бинобар кандани алоқа бо олам муҳофизат намудаанд, баъдан дар пайравӣ бо империяҳои аврупоӣ дигар онҳо империяи худро дар фазои Осиё таъсис доданд. Баъди шикаст дар Ҷанги Дуюми ҷаҳон тамоми диққати худро Японияҳо ба масъалаи эҳёи иқтисодиёти худ равона намуданд». 3. (Бжезинский, сиёсатшиноси амрикоӣ)

Афзоиши пасти табии аҳолии ҳозираи Япония (1 ‰), вобаста ба тавлид кам аст. Хусусияти оилаҳои Японӣ ин доштани як ва ё ду фарзанд аст. Вобаста ба ин тамоюли пиршавии миллат ба назар мерасад.

Зичии аҳолӣ дар ҷазираҳо нобаробар тақсим шудааст. Аз сабаби бисёр будани аҳолӣ зичии он хеле зиёд мебошад. Дар Хонсю тақрибан 80 % тамоми аҳолӣ дар Кюсю ва Сикоку —- 15 % маскун гаштаанд. Таносуби миқдори аҳолии шаҳр ва деҳот низ калон мебошад. Ин дар дараҷаи баланди урбанизатсия зоҳир гардидааст. Дар ҷануби Япон назар ба шимоли кишвар аҳолӣ зиёдтар маскун гаштааст.

Ҳоло қариб 80 % аҳолии Япония дар шаҳрҳо зиндагонӣ мекунанд. Дар мамлакат 12 шаҳрҳои миллионер вуҷуд доранд. (Ҷадвали 10.)

***Ҷадвали 10.***

**Шаҳрҳои миллионери Япония**

| Шаҳрҳо | Шумораи аҳолӣ, млн. нафар | Шаҳрҳо | Шумораи аҳолӣ, млн. нафар |
|---|---|---|---|
| Токио | 8,1 | Киото | 1,4 |
| Иокогама | 3,4 | Фукуока | 1,3 |
| Осака | 2,6 | Кавасаки | 1,2 |
| Нагоя | 2,1 | Хиросима | 1,1 |
| Саппоро | 1,8 | Китакюсю | 1,0 |
| Кобе | 1,5 | Сендай | 1,0 |

**Токио** — пойтахти Япония аст. Шаҳр дар қисмати зиёди дашти Канто ва соҳилли халиҷи Токио ҷойгир гаштааст. Аз ҳудуди пойтахт дарёҳои Тама, Сумида, Аракава, Эдогава мегузаранд, ки онҳо ба баҳр мерезанд. Дар шимол ва ғарби Токио кӯҳҳо ҷойгиранд. Дар мегаполис иқлими субтпропикӣ ҳукмрон аст, хусусияти он шамолҳои мавсимӣ-муссонҳо мебошад. Мегаполис доим дучори дигаруниҳои ҷиддии харобиовар, аз ҷумла заминларза, ки оқибатҳои фалокатбор дорад мегардад. Шаҳр соли 1457 бунёд гаштааст. Тӯли асрҳо ташаккули симои ба Токио хос сурат гирифтааст. Он бо омезиш ва мувофиқати услубҳои гуногун фарқ мекунад. Токио ба шхри нав ва шаҳри кӯҳна тақсим шудааст. Маркази таърихии он ноҳияи Нихонбаси аст. Дар ин ҷой қароргоҳи император ҷой гирифтааст. Симои пойтахтро иншоотҳои буддоӣ, ки дар асрҳои XVII —XIX сохта шудаанд зеб медиҳанд. Маъбадҳои қадимаи синтоистӣ то ба замони мо дар ҳолати хуб расидаанд. Таъкид кардан ҷоиз аст, ки Токио — шаҳри тазодҳост, ки дар он давраи қадим бо давраи ҳозира, фарҳанги аврупоӣ бо фарҳанги шарқ, ҷангалҳои сангин бо ибодатҳои қадим ҳампаҳлӯянд. Айни ҳол, Токио маркази пешбарандаи иқтисодӣ, фарҳангӣ ва илмӣ-таълимии кишвар мебошад. Дар аввали солҳои 80-и асри XX шаҳри Токио яке аз марказҳои молиявӣ-маблағгузорӣ (инвеститсионӣ) ва иттилоотии ҷаҳон ва пойтахти иқтисодии Осиёи «нав» гашт. Ин мақомро Токио то ҳол нигоҳ медорад.

Дар Япония чун дар дигар кишварҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ рушдкарда ташаккули агломератсияҳои шаҳрӣ идома дорад. Нақши пешбарандаро агломератсияи пойтахт *Кейхин* мебозад, ки дар худ Токио, Иокогама, Кавасаки ва Тибуро дар бар мегирад, инчунин агломератсияи *Хансин* дар атрофи Осаки ва агломератсияи *Тюкё,* ки Нагоюро дар бар мегиранд мебозанд. Ҳар се ин агломератсия аз ҳама мегаполиси калонтарини ҷаҳонро ташкил медиҳанд.

**Токайдо**. Дар ҳудуди он дар масоҳати 70 ҳазор км$^2$ қад-қади соҳили ҷанубии Хонсю зиёда аз 70 млн нафар ва ё худ 56 % аҳолии Япония зиндагӣ мекунанд.

Дар Япония арзишҳои суннатии фарҳангӣ ин меҳнати ҳалол ва дониш ҳисобида мешаванд. На ҳар кишвар чунин низоми таълимии пешқадам ва самаранок дорад. Дар мамлакат шахсони бесавод вуҷуд надоранд. Япониҳо ақида доранд, ки

некӯаҳволӣ аз дониш вобастагӣ дорад. Яке аз суннатҳои Ҷопониҳо ин муносибати эҳтиёткорона нисбати табиат аст. Дини асосии Япония— синтоизм и буддоизм аст.

**Давлат.** ҳокимияти мутлақаи (монархи) констутсионӣ аст. Баъди таслимшавӣ дар ҷанги Дуюми ҷаҳон, кишвар аз ҷониби амрикоиҳо тассаруф гашт. Ҳокимияти олии Японияро бо розигии иттифоқчиён маъмурияти ҳарбии ИМА роҳбарӣ менамуд, ки мақсади асосии он беяроқгардонӣ (демилитаризация) ва демократикунонии ҷомеа буд. Дар доираи ин раванд дар Япония Конститутсияи нав таҳия гардид, ки он дар моҳи октябри соли 1946 қабул шуда ва аз моҳи майи соли 1947 қувваи қонунӣ пайдо намуд. Конститутсия аввалин бор дар таърихи кишвар принсипи истиқлолияти миллӣ ва асосҳои озодии демократиро эълон намуда, ҳуқуқи интихобро ҷорӣ намуд. Асоси консепсияи давлатдориро консепсияи давлати ҳуқуқӣ ташкил намуда, яке аз рукнҳои демократия – принсипи тақсимоти ҳокимият: қонунбарорӣ, иҷрокунандагӣ ва судӣ амалӣ карда шуд. Яке аз қадамҳои беназир дар таҷрибаи ҳуқуқии давлатдорӣ ин моддаи 9 –уми Конститутсия гашт, ки ин «ҷовидона» даст кашидан аз ҷанг барои ҳалли низоъҳо ва доштани «воситаҳои ҷангӣ» аст.

Ҳокимияти олӣ дар Япония ин парламент аст. Тибқи Конститутсия парламент ҳуқуқҳои зиёд дар рафти қонунбарои дорад. Лекин, чун дар дигар кишварҳои тараққикарда, дар Япония баробарҳуқуқии парламент ва ҳукумат дар раванди қонунгузорӣ вуҷуд дорад. Констититутсия мавқеи хокимияти мутлақ (монархия)-ро муайян намуд, ки он ҳамчун нишонаи давлатдорӣ ва ягонагии миллат нигоҳ дошта шуд.

Дар умумият, шакли давлатдории Япония омезиши унсурҳои ҳокимияти мутлақ ва принсипҳои Ҷуҳуриявии ташаккул ва фаъолияти институтҳои давлатӣ аст. Тибқи Конститутсия император аз номи мардум парламентро даъват менамояд, метавонад (танҳо бо тавсияи Ҳукумат) палатаи поёниро пароканда намояд, тағйиру илова ба Конститутсия, қонунҳо, шартномаҳо, амрҳои ҳукумат дарорад, сарвазирро (бо тавсияи парламент) таъин намояд, бо мукофотҳо сарфароз намояд, дипломатҳои хориҷиро қабул карда, чандин дигар ӯҳдадориҳои маросимиро иҷро намояд. Салоҳияти император дар идораи давлатӣ танҳо хусусияти расмиятпарастӣ дорад, чунки ташабусси ӯ дар татбиқи он пешбинӣ нагаштааст. Ҳамин тавр, император ягон салоҳиятро ҷиҳати идораи давлатӣ надошта, тамоми қарорҳоро вобаста ба идораи давлатӣ танҳо бо розиги ва маслиҳати Девони вазирон, ки масъулият ба ӯҳдаашон аст, қабул менамояд.

Аммо, то ҳанӯз Япония бинобар аз ҷиҳати амният вобаста буданаш аз ИМА, кишвари аз лиҳози сиёсӣ маҳдуд боқӣ мемонад. Шартномаи байни Амрикову Япония оид ба ҳамкории тарафайн ва кафолати бехатарӣ, ки соли 1960 ба тасвиб расид, ба қувваҳои ҳарбии ИМА иҷозати таъсиси базаҳои ҳарбиро дар ҳудуди Япония иҷозат медиҳад, ки ҳуқуқҳои ва имкониятҳои номаҳдудро дорост.

Муносибатҳои Россия ва Япония вобаста ба даъвои Япония оид ба гурӯҳи ҷазираҳо силсилаҷазираҳои Курил (Итуруп, Кунашир, Шикотан ва Хабомаи), Японихо ҳудуди шимолӣ ном мебаранд, мурракаб боқӣ мемонанд. Дар умум сухан оид ба масоҳати қариб 296 тыс. $км^2$ меравад. Ҷониби Шӯравӣ (имрӯз- Россия) ишора ба шартномаи Сан-Франтсисск (соли 1951) мекунанд,ки тибқи он Ҷопон аз даъво ва ҳуқуқҳои соҳибмулкӣ нисбати ин силсилаҷазираҳо ( дар айни ҳол ҳудудҳои баҳсталаб) даст кашида буд. Япония бошад чунин меҳисобад, ки ҷазиаҳои номбурда ба силсилаҷазираҳои Курил ягон рабт надоранд. Дар ин ҷо масъалаҳои таърихӣ, ҳуқуқӣ ва истилоҳотӣ омехта гардидаанд. Шиддатнокиии вазъъият аз он иборат аст, ки зиёда аз ним аср ин силсилаҷазираҳо як қисми таркибии сиёсӣ, иқтисодӣ ва ҳарбии СССР-Россия боқӣ мемонад.

Аз ҷиҳати маъмурӣ Япония ба 10 минтақа, ки 46 префектура ва як ҳавза (пойтахт) тақсим мешавад. (расми 6).

**Расми 6. Тақсимоти марзӣ – маъмурӣ ва музофотҳои иқтисодии Япония**




*I – Канто, II – Кинки, III – Токай, IV – Кюсю, V – Тюгоку, VI – Хокурику, VII – Тюхоку, VIII – Хоккайдо, IX – Сикоку, X – Окинава.*

**Шарҳи хориқа (феномен)-и беназири иқтисодӣ.** Япония то асри XX ҳамчун кишвари аз чашми аврупоиён пинҳон ҳисоб меёфт. Дар тассавуроти аксари мардуми олам то ҳол Япония кишвари автомобилҳои «Ниссан» ва «Тоёта», видеотехника, каратэ, сакура, икебана, маросими чойнӯшӣ, рикша, якудзо аст. Лек, ин кишварест, ки на танҳо дар ҷаҳон мавқеи устуворро дорад, балки кишварест соҳиби дорои фарҳанги баланд ва намунаи ваҳдати миллӣ.

Япония — давлати мутарраққии индустриалӣ аст. Япониҳо 2 % аҳолӣ ва 0,25 % масоҳати кураи заминро ташкил дода, баъд аз ИМА аз ҷиҳати иктисодиёт ҷои дуюмро ишғол менамоянд. Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ тақрибан 9 % маҷмӯи маҳсулоти дохилии ҷаҳонро ташкил медиҳад. Аз ҷиҳати ҷамъи маҳсулот ба сари ҳар як нафар аҳолӣ аз ИМА пешсафтар аст. Саноат, истеҳсолот, савдо ва бонкҳо таҳти назорати як гурӯҳи молиявӣ мебошад. Онҳо ташкилотҳои пуркудрати сармоягузорӣ буда, дар тобеияти худ консернҳои саноатӣ, корпоратсияҳои соҳаи қарздиҳӣ, савдои дохили ва беруна, хизматрасонӣ, нақлиётро доранд. Ин гурӯҳҳои молиявӣ ва корпоратсияҳои истеҳсолӣ яке аз калонтарин дар ҷаҳон маҳсуб мешаванд. Японияи имрӯза довталаби пешсаф шудан дар иқтисодиётро дорад.

Япония аввалин шуда дар Осиё «инқилоб»-и иҷтимоӣ-иқтисодиро ба амал овард, ки баъдан Гонконг, Ҷумҳурии Корея, Сингапур, Тайван ва дигар кишварҳои Осиё ба ин пайравӣ намуданд.

Дар нимаи дуюми асри XIX ҳокимони Япония ва идеологҳо дар пеши худ вазифа гузоштанд, ки бо мақсади баланд бардоштани иқтидори иқтисодӣ ва ҳарбӣ ҳамчун намуна роҳи рушди Аврупои Ғарбиро пеш гиранд. Аммо, аз аввали асри XX нусхабардории ин роҳ дар навбати аввал ба бунёди артиши бузург, забти кишварҳои дигар замина гузошта, дар соли 1941 ба таҷовузкорӣ дар Уқёнуси Ором оварда расонд, ки оқибат ба мағлубияти ин сиёсати реаксионии муссалаҳшавӣ (милитаризм) оварда расонд. Дар вақташ ғояи интихоби роҳи рушди иқтисодӣ ва фарҳангӣ аз ҷониби сиёсатмадорон, ҳамчун роҳи самараноки рушди кишвар арзёбӣ мегардид.

Баъди анҷоми ҷанги Дуюми ҷаҳон, «муҳҳарики» эҳёи Япония ИМА гашт. Кӯмаки ИМА барои Япония имкони сарфаи захираҳои бузурги моддӣ ва молиявӣ, ҳамзамон имкони вақтро барои ихтироъҳои илмӣ ва технология дод.

Яке аз ҷанбаҳои анъанаи Япониҳо, ки таъсири бениҳоят калон барои рушди баъди ҷангии Япония гузошт, ин муносибати бошуурона ба меҳнат ва илм аст. Маънии олии ҳаёт барои Япониҳо, ин иҷрои софдилонаи кори фармудашуда аст. Дар баробари ин мафҳуми «шуури гурӯҳӣ» талқин карда мешуд. Дар ин замина такя ба меҳнатдӯстӣ ва ғояи «коллективизм» карда шуд. Дар асоси ин, принсипи кироям якумраи коргарони баландихтисос ва бардоштани ҳаҷми маош бо зиёд шудани собиқаи корӣ, асоси иҷтимоии «мӯъҷизаи иқтисодӣ» гашт.

Парвози баланди иқтисодиёти Японияро, ин самти пешгирифтаи Японихо ҷиҳати қабули тамоми навгониҳои ҷаҳонӣ ва татбиқи он дар ҳаёт таъмин намуд. Чунин сиёсат, ки аз ҷониби ҳукумат дастгирӣ меёфт, содиротро афзуда, барои пурикҷтидор гаштани саноат мусоидат менамуд.

Дар низоми хоҷагии муосири ҷаҳон, Япония ҳамчун «Japan Incorporated» — «Корпоратсияи Япония» муаррифӣ мешавад. Ин маънои хусусияти иттиҳодиявӣ доштани иқтисодиёти кишварро нишон медиҳад, ки дар асоси ғояҳои миллӣ ташаккул ёфтааст. Маънии механизми хоҷагидории Япония бо фалсафаи иттиҳодиявӣ муайян мегардад. Арзишҳои аслии он дар ҳамин ҳолат сифат, ҳамбастагӣ, масъулият ва навҷӯӣ мебошанд.

Яке аз қисмҳои таркибии сохти хоҷагидории Япония ин гурӯҳҳои хурди истеҳсолӣ мебошанд, ки дар онҳо ҳисси вафодорӣ, қадрдонии арзишҳо ва мансубият ба «коллективи ягонаи меҳнатӣ» мақоми аввалро ишғол менамояд. Баъдан ин маънӣ торафт васеъ гашта, тамоми комплекси иқтисодии кишварро фаро гирифт. Чунин таҷриба рӯҳия, ҳифзи анъанаҳои миллӣ ва ваҳдатро дар шуур тарбия менамояд. Принсипи кироям якумраи коргарони баландихтисос, рафти ташаккули бозори меҳнатро суст мекунад, аммо азкорравии қувваи кориро боздошта, таъмини ҳаракати дохилӣ ва истифодаи самараноки коргаронро таъмин менамояд. Дар навбати худ чунин намуди фаъолият ба таъсису пешрафти соҳаҳои нави хоҷагидорӣ таъсири мусбӣ мерасонад.

Барқароркунии хоҷагии харобгашта баъди ҷанги Дуюми ҷаҳон, Япония як даврai рушди босуръати иқтисодиро аз сар гузаронд. Дар аввал сиёсати кишвар барои рушди саноати вазнин ва саноати кимиёвӣ равона гардида буд.

Аммо, баъдан афзалият ба саноатҳои илмӣ: истеҳсоли роботҳои саноатӣ, электроника, техникаи ҳисоббарорӣ, воситаи нақлиёт дода шуд.

Дар баробари, ин раванди ворид намудани маҳдудият ба истеҳсоли масхсулоти энергияталаб ва масолеҳгунҷоии маснуот ҷорӣ карда шуд. Фаъолона ҷорӣ намудани дастовардҳои илмӣ-техникӣ дар заминаи истифодаи васеи маҳсулоти хориҷӣ (дар шакли харидории муҷҷавиз (лицензия) ва бастани шартномаҳои техникӣ) таъмини заминаи пурқуввати индустрияи кишварро ба роҳ монд. Дар натиҷа Япония яке аз пешсафони ҷаҳони дар ҳамои самтҳои хоҷагидорӣ, пеш аз ҳама дар соҳаҳои навтарин — электроника, робототехника, биотехнология гашта, ба истифодаи бошиддати ғайрианъанавии захираҳои энергетикӣ шурӯъ намуд. Нақши соҳаи хизматрасонӣ ва информатика боло бурда шуд, ки айни ҳол 60% маҷмӯи маҳсулоти дохилии кишварро ташкил медиҳад. Иқтидори илмӣ-техникии худӣ тараққӣ меёбад. Аз ҷиҳати маблағгузории соҳаи илм, Япония ба яке аз кишварҳои пешсаф мубаддал гаштааст.

«Япония ва Россия то вақтҳои охир иқтидори давлатии худро дар заминаҳои гуногун месохтанд. Дурушт гӯем, Япония — ин кишварест, ки дар он принсипҳои иқтисодӣ ҳукмронанд, дар Россия бошад — Принсипи сиёсат. Япония дар ҷанг мағлуб шуда, ягона роҳи имконпазирро пазируфт — он ҳам, таъсиси давлати иқтисодӣ. Масоҳати маҳдуди бо об иҳоташуда, мавҷуд будани шартномаи

кафолати бехатарии Япония-Амрико, аз кишвар хароҷоти зиёдатиро барои мудофиа талаб накард ва Япония қисми зиёди имкониятҳояшро барои рушди иқтисодӣ равона намуд».

Акио Кавато,мушовири сафорати Япония дар Россия, соли 1993.

Дар баробари ин, иқтисодиёти Япония аз бисёр омилҳои иқтисодиёти ҷаҳонӣ вобаста аст. Мавқеи нозуки Япония дар иқтисодиёти ҷаҳонӣ дар он аст, ки ӯ наметавонад модели Аврупои Ғарбиро интихоб намуда, фазои иқтисодие ба мисли Иттиҳоди Аврупо созмон диҳад. Япония инчунин, робитаҳои мустаҳками иқтисодии дар заминаи шартномаҳо вуҷуддошта, ба мисле, ки ИМА бо Амрикои Лотинӣ, ё аъзоёни Иттиҳоди Аврупо бо кишварҳои Африқо, ҳавзаи Уқёнуси Ором ва баҳри Кариб дошта бошанд, надорад. Ва фарқияти иқтисоди Японияҳо аз кишварҳои мутараққӣ дар он аст, ки дар кишвар хеле ҳам соҳибкории хурд ривоҷ ёфтааст.

**Иқтисодиёт.** Имрӯз Япония якҷоя бо ИМА, Хитой ва кишварҳои Аврупои Ғарбӣ мавқеи намоёнро дар иқтисодиёти ҷаҳонӣ ишғол менамояд. Имкониятҳои беинтиҳои халқи худро, ки шефтаи ғояҳои эҳёи миллӣ ҳастанд ба ҷаҳониён нишон дода, Япония дар якчанд даҳсолаи баъдиҷангӣ, роҳи садсоларо тай намудааст.

Ба Япония 12% истеҳсоли саноатии ҷаҳонӣ рост меояд. Аслан соҳаҳои наве, ки ба технологияи пешрафта такя намуда, рушд мекунанд. Кишвар ҷойҳои якум ва дуюмро дар ҷаҳон оид ба коркарди метал, роботҳои саноатӣ, техникаи ҳисоббарорӣ, электроника, воситаҳои нақлиёт (киштиҳо, автомобил), нахи сунъӣ, истеҳсоли барқ, гудохтани пӯлод ишғол менамояд.

--------Япония аз ҷиҳати захираҳои энергетикӣ бой нест. Аҳамияти бештар танҳо захираҳои ангиштсанг дорад. Соҳаи энергетикии Япония 80 % аз воридот (нафт, гази табиӣ, ангишт, уран) вобаста аст. Аз нисф зиёд барои энергетика аз нафт истифода мешавад. Имрӯз рушди босуръати сохтмони нерӯгоҳҳои атомӣ идома доранд. Якҷоя бо нерӯгоҳҳои ҳарорати (онҳо 60% энергияро истеҳсол менамоянд) онҳо кишварро бо энергияи барқ таъмин менамоянд.

Нақши муҳимро саноатӣ металлургияи сиёҳ мебозад. Марказҳои металлургии Япония яке аз пуриқтидортарин ва пешқадамтарин дар Ҷаҳон ба ҳисоб меравaнд. Яке аз чунин комбинатҳо дар Фукуяме (16 млн тонна пӯлод дар як сол) истеҳсол мекунад, ҷойгир гаштааст. Дигар комбинатҳои бузург дар Мидзусиме, Касиме, Кимитсу, Канагаве ҷойгир гаштаанд. Барои ҷойгир намудани ин соҳа ноҳияҳои алоҳидаи бузурги металлургӣ таъсис дода мешаванд. Яке аз кӯҳантаринҳо ин— Китакюсю дар шимоли ҷазираи Кюсю мебошад. Ноҳияҳои нав — баҳрҳои дохили Токио, Осака ҳастанд. Дар байни ин ноҳияҳо комбинати Мурorane дар ҷануби ҷазираи Хоккайдо аз ҳама ҷиҳат фарққунанда мебошад. Тамоми корхонаҳо аз ашё ва сӯзишвории содиротшаванда фаъолият мекунанд. Япония ҳамеша дар ҷаҳон содироткунандаи пӯлод боқӣ мемонад.

Металлургияи ранга низ мавқеъ ва нуфузи худро нигоҳ медорад. Корхонаҳои соҳа дар марказҳои пешбарандаи иқтисодӣ ва соҳаи мошинсозӣ ҷойгир гаштаанд. Ашёи хом барои ин корхонаҳо аз хориҷ ворид мегардад.

Маҳаки асосии саноати Япония ин саноати мошинбарорӣ аст. Самтҳои асосии он – таҷҳизотбарорӣ, мошинсозии электронӣ ва электротехникӣ, истеҳсоли соатҳо техникаи оптикӣ, мошинсозӣ, нақлиёти киштисозӣ ва ғ. мебошад.

Соҳаи роботсозӣ низ хусусиятҳои ҷолиб дорад. Аз 2/3 ҳиссаи роботҳои дар ҷаҳон мавҷуда дар Япония истеҳсол карда шудаанд. Япония ба сари ҳар як коргар аз шумораи роботҳои мавҷуд буда дар ҷаҳон ҷои якумро ишғол мекунад.

Дар умум стратегияи рушди соҳаи мошинбарорӣ дар Япония дар асоси ҳамбастагии асосҳои истеҳсолоти муосир, монанди иттилоот, мошин, механизм ва алоқа сурат мегирад. Дар натиҷа гузариш ба сохти нави ҷамъиятие сурат гирифта истодааст, ки дар он қувваи зиндаи корӣ тақрибан истифода бурда намешавад.

Минтақаҳои асосии соҳаи мошинбарорӣ дар соҳилҳои ҷанубии ҷазираи Хонсю, мегаполиси Токайдо ҷойгир гшатаанд. Марказҳои пешбаранда дар минтақаҳои Токио, Осаки ва Нагои таъсис ёфтаанд. Дар соҳаи киштисозӣ минтақаҳои пешрафта Иокогама, Кобе, Куре, Химедзи мебошанд.

**Саноати кимиёвӣ** низ соҳаи хеле рушдёфта маҳсуб мешавад. Самти истеҳсолоти саноатии кимиёвии муосири кишвар ин дар асоси кимиёи нафтӣ бунёд гаштааст. Тараққиёти босуръати истеҳсоли маводи синтетикӣ, аз ҷумла нахи сунъӣ, пластмасса назаррас аст. Диққати зиёд ба рушди соҳаи биохимия – истеҳсоли доруворӣ, витаминҳо, доруворӣ барои ҳифзи растаниҳо дода мешавад. Монанди соҳаҳои дигар, саноати кимиёвӣ дар соҳилҳои уқёнуси Ороми Японияи Марказӣ ҷойгир гаштааст. Дар ин ҷой комбинатҳои калони самти кимиёвӣ-энергетикӣ ва нафтукимиёвӣ-металлургӣ фаъолият менамоянд.

Мавқеи худро инчунин саноати сабук низ нигоҳ медорад. Соҳаҳои асосии он — саноати хӯрокворӣ ва нассоҷӣ аст. Истеҳсоли молҳои анъанавии японӣ (либосҳои миллӣ ва пойафзол, чатрҳо, асбобу анҷоми рӯзгор, бозичаҳои кӯдакона) маъмулан рушд менамоянд.

Саноати Япония аслан дар тасмаи борик (15 — 65 км) ба дарозии 1 500 км ҷойгир шудааст, ки аз ҷониби ноҳияи Канто дар шимолу шарқии соҳилҳои уқёнуси Ором то минтақаи Нагой ва аз он ҷой ноҳияи Кинкиро бурида гузашта, тавассути соҳилҳои дохилии баҳри Япония то Нагасаки ва шимолу-ғарби Кюсю тӯл кашидааст.

Ба ин «камарбанди» иқтисодӣ чор ноҳияи бонуфуз дохил мешаванд.

Якум — *ноҳияи Канто* бо шаҳрҳои Токио ва Иокогама. Ба ин нуқта боз якчанд шаҳрҳои нисбатан хурд дохил мешаванд. Дар ин ҷой тамоми соҳаҳои саноатӣ амал менамоянд.

Дуюм-дар ҷануби Канто нуқтаи *Нагой*,ҷойгир шудааст, ки ба он даҳҳо шаҳрҳо дохил мегарданд. Дар радифи соҳаҳои муосири индустриявӣ, дар ин ҷо маъмулан соҳаҳои нассоҷӣ, хурокворӣ ва саноати чиниворӣ амал менамоянд.

Сеюм дар самти дохилии баҳри Япония гиреҳи *Кинки* ҷойгир шудааст, ки ба он Осака, Кобэ, Киото ва зиёда даҳ шаҳрҳои хурд шомиланд. Соҳаи афзалиятнок металлургия, мошинбарорӣ, нассоҷӣ ва саноати кимиёвӣ мебошанд.

Чорум дар самти ҷанубу-ғарбии ин қисми «камарбанд» *нуқтаи шимолии Кюсю* .ҷойгир гаштааст. Дар ҳудуди вай шаҳрҳои нисбатан калон вуҷуд надошта ва марказҳои саноатӣ низ камтар вомехӯранд. Соҳаҳои афзалиятнок ин саноати металлургия, саноати кимиёвӣ, хӯрокворӣ ва мошинбарорӣ мебошад.

Дар умум, ҷойгиршавии ҳудудии саноати истеҳсолии Япония назар ба дигар кишварҳои Аврупоӣ Ғарбӣ мавқеи хубро ишғол менамоянд.

Хоҷагии қишлоқ Япония ҳамагӣ 2 % ММД кишварро медиҳад. Дар он ҳамагӣ 7 % аҳолӣ машғули коранд. Заминдории хурд инкишоф ёфтааст. Хамагӣ 14 % масоҳати майдонҳо кишт мавриди истифода қарор гирифтаанд, аммо Япония 70% талаботи худро аз ҳисоби истеҳсолоти худӣ қонеъ мегардонад. Аз рӯи баъзе маснуот — биринҷ, тухми мурғ, гӯшти парранда, гӯшти хук, мевагӣ – пурра талаботи худиро қонеъ мегардонад.

Япония дар қисмати тундбодҳои Осиёӣ воқеъ аст, он яке аз истеҳсолкунандагони бузурги шолӣ буда, 95 % ҷаҳонии ин маҳсулотро дар бар мегирад. Баъдан баъд аз шолӣ сабзавот (инчунин картошка ва лубиёгиҳо) мавқеъ гирифтааст, ки парвариши онҳо дар тамоми қаламрави Япония сурат мегирад. Ғаллакорӣ низ дар тамоми кишвар ривоҷ меёбад. Дар минтақаҳои шимолӣ парвариши ячмень ба роҳ монда шудааст. Инчунин, тамоку, зағир, қамиш барои

тайёр намудани бурё, найшакар, тут, нах барои коркарди коғаз, чой парвариш карда мешаванд.

Чорводорӣ он қадар ривоҷ наёфтааст. Дар Япония шароити мусоид барои рушди васеи чорводорӣ муҳайё нест. Аҳамияти зиёд ба соҳаи хукпарварӣ ва паррандапарварӣ дода мешавад.

Нақши муҳимро дар хоҷагидории Япония шикори моҳи мебозад. Кишвар аз ҷиҳати моҳидорӣ ҷои аввалро дар ҷаҳон ишғол менамояд. Рушди бесобиқаи соҳаи моҳидорӣ вобаста аз чанд омиланд: кам будани неъматҳои табиӣ япониҳоро маҷбур менамояд, ки рӯ ба бахр оваранд; мавқеи ҷазиравии Япония ва масоҳати тӯлонии хати соҳил; ҷойгиршавии зичи аҳолӣ дар ҳамвориҳои наздибахрӣ, моҳидӯстдорӣ ва қитъаҳои олиҷаноби моҳидорӣ дар обҳои Осиёи Шарқӣ географияи моҳидорӣ минтақаи хуберо дар ноҳияҳои дохилии кишвар, инчунин минтақаҳои баҳриро дар бар мегирад.

Мавқеи ҷуғрофии Япония ва болоравии сатҳи иҷтимоӣ-иқтисодии он барои мустаҳкам намудани системаи нақлиёт ва муносибатҳои робитаҳои иқтисодии беруна мусоидат менамояд. Дар Япония тамоми намуди нақлиёт фаъол аст.

Дар системаи хизматрасонии нақлиётии дохиликишвар нақши муҳимро нақлиёти баҳрӣ, нақлиёти автомобилӣ ва роҳи оҳан мебозанд. Дар соҳаи мусофиркашонӣ мақоми аввалро назар аз нақлиёти автомобилӣ ва ҳавоӣ роҳи оҳан ишғол менамояд. Робита бо ҷаҳони беруна бо воситаи роҳҳои баҳри ва ҳавоӣ амалӣ мешаванд.

Япония дорои шабакаҳои зиёди роҳҳои оҳан аст, ки масофаи он 30 ҳазор км. тӯл мекашад ва аз ҷиҳати техникӣ хуб муҷҷаҳазанд. Тамоми шоҳроҳҳо, ки марказҳои саноатӣ ва бандарҳои баҳриро боҳам пайваст менамоянд, аз ҷиҳати равшаннамоӣ хуб муҷҷаҳазанд. Хусусияти роҳҳои оҳани Япония мураккаб аст. Миқдори зиёди иншоотҳои муҳандисӣ, ки дар ҳолати хуби техникӣ қарор доранд, иқтидори хуби хизматрасониро соҳибанд. Роҳҳои хеле хуби кишвар имконияти аз рӯи сурати 200-250 км/с ҳаракат намудани таъмин мекунанд.

Япония ҳамчунон бо нақлиёти автомобилии худ фарқ мекунад. Дарозии роҳҳои автомобилии кишвар — қариб 1,2 млн км- (аз онҳо 5 ҳазор км — роҳҳои суръатнок)-ро ташкил медиҳанд. Аз ҷиҳати шумораи автомобилҳо Япония дар ҷаҳон ҷои дуюмро ишғол менамояд. Роҳҳои автомобилгард обычно проходят параллельно железным дорогам, образуя полимагистрали.

Сохтори нақлиёти заминӣ дар Ҷопон хеле содда аст. Роҳҳои асосӣ тавассути соҳилҳои наздиуқёнусии Хонсю мегузаранд. Тавассути онҳо тамоми ҳаҷми мусофиркашонӣ ва боркашонии кишвар амалӣ мегардад. Шабакаи нақлиётии Хонсю, Сикоку, Кюсю ва Хоккайдо бо ҳам тавассути нақбҳо выа пулҳо пайвастаанд.

Япония дар байни дигар кишварҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ тарраққикарда бо доштани флоти баҳрии савдоӣ аввалият дорад. Дар ҳайати флоти Ҷопон аз ҳама калонтарин танкерҳо, маъданкашҳо, ангишткашонҳо, контейнерҳо, киштиҳои барои кашонидани гази моеъ хизмат мерасонанд.

Муҳимтарин нақшро дар системаи нақлиётии Япония бандарҳои баҳрӣ дороянд, ки таъмини ҳамлу нақлро пурра иҷро менамоянд.

Ҳамагӣ дар кишвар зиёда аз ҳазор бандарҳои баҳрӣ мавҷуданд, ки 19-тои онҳо мақоми байналмилалиро дороянд. Аз ҷумла, 7-тои онҳо дараҷаи бандарҳои ҷаҳониро дороанд, яъне табодули мол ба 50 миллион тонна дар як сол мерасад. Онҳо се комплекси бандарҳоро ташкил медиҳанд. Аз ҳама калонтарин — Кейхин, ки дар соҳили халиҷи Токио ҷойгир шудааст ва дар дохили худ чор бандари дигар дорад. ҷойи марказиро Токио ишғол менамояд.

Дуюм мақомро комплекси бандарҳои Ханшин дорад, ки соҳили гулӯгоҳи Акаси воқеъ буда, баҳри дохилии Японияро бо халиҷи Осака пайваст менамояд. Ба ин комплекс бандарҳои Осака ва Кобе дохил мешаванд.

Сеюм комплекси бандарҳо — Токай аст. Он дар минтақаи наздисоҳилии халиҷи Исе ҷойгир буда, бо бандари Нагоя машҳур аст.

Аз ҷиҳати рушди нақлиёти ҳавоӣ Япония яке аз ҷойҳоли аввалро дар ҷаҳон ишғол менамояд. Фурудгоҳҳои калонтарини байналмилалӣ дар Токио ва Осака ҷойгир гаштаанд. Дар соли 1994 фурудгоҳи нави муккамали замонавӣ дар наздикии Осака ба истифода дода шуд, ки имконияти қабули тамоми намудҳои машҳури тайёраҳои мусофиркашонӣ ва боркашониро қабул дорад. Вай дар ҷазираи сунъии махсус барои ин мақсад сохташудаи дар халиҷи Осака, ҷойгир гаштааст.

Япония фаъолона дар тақсимоти ҷаҳонии меҳнат иштирок менамояд. Яке аз роҳҳои мустаҳкам намудани мавқеи худро дар муносибатҳои иқтисоди беруна, Япон дар содирот ва сармоягузорӣ мебинад. Инвеститсияҳои ҷопонӣ ҳам ба кишварҳои истеҳсолкунандаи ашёи хом, ҳам ба марказҳои коркарди саноатӣ равона карда мешаванд. Зиёдтар фаъолиятии амалии иқтисодии берунаи Япония дар минтақаи Осиёии-Уқёнуси Ором ҳис карда мешавад.

Маҳз дар ҳамин ҷой дар чорроҳаи асосии мол ва сармояи ҷаҳонӣ амалиётҳо гузаронида мешаванд. Япония ташабусскори таъсиси АТЭС- Ҳамкории иқтисодии Осиё-Уқёнуси Ором мебошад. Аз ҷониби кишварҳои аъзои ин ташкилот Декларатсия оид ба таъсиси минтақаи озоди савдо ва сармоягузорӣ то соли 2020 ба имзо расидааст. Қайд кардан ҷоиз аст, ки аз ҷониби ин кишварҳо 50% маҷмӯи маҳсулоти дохилии ҷаҳонӣ истеҳсол шуда, дар ин кишварҳо 40% аҳолии кураи Замин зиндагӣ менамоянд.

Дар робитаҳои иқтисодии хориҷии Япония нақши муҳимро савдои беруна мебозад. Аз ҷумла, сӯзишворӣ ва ашёи хом. Мақоми ассосиро дар савдои беруна сӯзишвории минералӣ ва ашёи хом ишғол менамоянд. Яке ҷойҳои асосӣ насиби савдои автомобилӣ, таҷҳизоти истеҳсолӣ, маводҳои истеъмолкунанда, метал, маводи кимиёвӣ мебошад. Аз рӯи савдои ҷаҳонии гардиши мол Япония дар ҷои аввал меистад. Шарикҳо оид ба савдо бо кишвари Хитой, кишварҳои Иттиҳоди Аврупо, ИМА, Осиёи Ҷанубӣ-Шарқӣ ҳастанд. Япония бо тамоми кишварҳои ҷаҳон муносибатҳои иқтисодии худро ривоҷ медиҳад.

**Тавофути дохилӣ ва сиёсати музофотӣ.** Япония бо марказонияти истеҳсолии ҳудудии худ назар ба кишварҳои Аврупои Ғарбӣ, ки ҳаҷми истеҳсолоташон қариб якхела аст, фарқ мекунад.

Дар Япония ду қисми ҳудудии асосӣ фарқ мекунанд, ки маъмулан «офтобрӯя, соярӯ» номгузорӣ шудаанд. «Офтобрӯя»-и асосиро масоҳати наздисоҳилии Хонсю аз Токио то Симоносеки ва сарҳади наздисоҳилии Сикоку ва Кюсю ташкил мекунанд. Ин масоҳатро, ки 1/3 тамоми ҳудуди Японияро таъсис медиҳад, бо номи «Камарбанди Уқёнуси Ором» ном мебаранд.

Аз даҳ минтақҳои иқтисодии Япония, қисман ё худ пурра ба қисмати камарбанди Уқёнуси Ором шаштояшон дохил мешаванд. Чортои онҳо афзалияти бештарро соҳибанд.

Аввалин минтақаи нуфуздор, ин *Канто* бо шаҳрҳои Токио ва Иокогама аст,ки 45 % тамоми маҷмӯи маҳсулоти дохилии кишварро истеҳсол менамояд. Кан-Хо — яке аз минтақаҳои калонтарини кишвар маҳсуб мешавад. Дар ғарб Канто амалан бо ноҳияи *Токай,* ки марказаш Нагоя мебошад, якҷой гаштаанд. Дар собиқ, ин ноҳия ҳамчун ноҳия саноати нассоҷӣ ва чинибарорӣ машҳур буд. Баъдан, корхонаҳои металургияи сиёҳ, нафту-кимиё ва дигар соҳаҳо ба фаъолият оғоз намуданд. Айни ҳол, дар ин ҷой корхонаҳои истеҳсоли таҷҳизотҳои электронӣ, мошинбарорӣ масолеҳи авиатсионӣ ва ғайра амал менамоянд. Дар яке аз шаҳрҳои

ҳамрадифи Нагой — Тоёте калонтарин корхонаҳои мошинбарорӣ ҷойгир гаштааст. Дар ин минтақа хоҷагии қишлоқ рушд намуда, халиҷи Исе бошад яке аз марказҳои ҷамоварии марворид мебошад.

Дар ғарби Токай ноҳия *Кинки* ҷойгир аст. Ба ҳайти он Осака, Кобэ, Киото ва зиёда аз даҳ шаҳрҳои хурд дохил мешаванд. Саноати ин минтақа бо гуногуншаклии худ фарқ менамояд. Металлургияи сиёҳ ва мошинбарорӣ, саноати хӯрокворӣ, нассоҷӣ, кимиёвӣ ва чинибарорӣ корхонаҳои пешқадам маҳсуб меёбанд. Дар ин ҷой соҳаи зироаткорӣ-шолӣ, меваю сабзавот, моҳидорӣ ва парвариши марвориди сунъӣ коркади марвориди сунъи тараққӣ менамоянд.

Пас аз Токайдо ноҳияи *Тюгоку,* ки қисмати дохилии наздисоҳилии баҳри Японияро дар бар мегирад, воқеъ гаштааст. Ин яке аз марказҳои пешбарандаи саноати вазнин дорои марказҳои бузурги металургӣ, корхонаҳои киштибарорӣ аст. Шаҳрҳои бузурги саноатӣ- Хиросима ва Куре мебошанд.

Ба «камарбанди» Укёнуси Ором қисматҳои шимолии ҷазираҳои Кюсю ва Сикоку низ дохил мешаванд. Дар ин ҷой шаҳрҳои калон ва марказҳои саноатӣ камтар ба назар мерасанд. Соҳаи рушдёфта истихроҷи ангишт, саноати металлургӣ ва кимиёвӣ, хӯрокворӣ ва мошинбарорӣ аст.

Вақтҳои охир соҳаи илмӣ, аз ҷумла истеҳсоли нимноқилҳо рушд кардааст. Сарҳади ин минтақа ба ҷануби ҷазираҳои Сикоку ва Кюсю тӯл кашида, баъдан ба шимоли ҷазираи Хоккайдо, ки дар он саноати кӯҳӣ, ҷангал, моҳидорӣ ва қогазбарорӣ тараққӣ кардааст, пайваст мешавад.

Оғози фаъолияти амалии ҳукумати Япония дар мутамарказгардонии қувваҳои корӣ аз солҳои 50-уми қарни XX, замони аз ҷониби парламенти кишвар қабул намудани қонуни рушди минтақаҳоро, аз ҷумла рушди ҷазираҳои Хоккайдо, Тохоку, Кюсю (баъдан — Хокурику, Тюгоку, Сикоку) шурӯъ мешавад. Дар ҳамон давра қонунҳои сохтмони роҳҳои автомобилгард, таҷҳизондани бандарҳо қабул гардиданд.

Баъдан қарорҳо оид ба «Принсипҳои тезондани равандҳои саноатикунонии ноҳияҳои рушднакарда», «Принсипҳои ҷойгир намудани саноат дар минтақаҳо» (Вазорати савдо ва саноат), «Принсипҳои сохтмони шаҳрҳо»(Вазорати сохтмон) ва ғайра қабул шуданд.

Аммо, он вақт ин фаъолияти ҳукумат хусусияти пароканда ва муваққатӣ дошта, танҳо ҳуҷҷати соли 1962 қабулшуда дар бораи «Нақшаи рушди ҳамаҷонибаи ҳудудии Япония» барои рушди кишвар такони ҷиддӣ дод.

Аз ҳамон ҷониб то имрӯз нақши калидиро дар маблағгузории тамоми чорабиниҳои пешбинишуда ҳукумат мебозад, ки воситаҳои гуногунро оид ба татбиқи сиёсати минтақавӣ истифода мебарад. Аз ҷумла:

1) Маблағгузории ҳокимияти марказӣ ба ҳокимиятҳои маҳаллӣ ҷиҳати бунёди инфрасохторҳои иҷтимоӣ ва истеҳсолот (аксаран- сохтмони роҳҳо ва иншоотҳо дар бандарҳо).

2) Қарз аз ҷониби ташкилотҳои молиявӣ.

3) Додани имтиёзҳо барои сохтмони корхонаҳои истеҳсолӣ.

Маълум аст, ки сиёсати музофотӣ вобаста аз мақсадҳои мушаххас амалӣ мегардад. Барои амалӣ намудани сиёсати ғайримарказоният кардан истифода мешаванд:

а) қарздиҳӣ баои рупӯш намудани хароҷотҳо;

б) имтиёзҳо барои харидории қиттъаҳои замин ҷиҳати сохтмони корхонаҳо дар минтақаҳои нав;

в) додани қарзи дарозмуддати имтиёзнок барои ҳокимиятҳои маҳаллӣ ҷиҳати сохтмони иншоотҳо;

г) имтиёз барои супоридани андозҳо барои ширкатҳо. Таҷрибаи маблағгузории шахсӣ дар Япония маъмул аст.

Дар раванди лоиҳакашии рушди музофотҳо, диққати муҳим ба ҳамбастагии сиёсати давлат ва соҳибкорӣ дода мешавад.

Хусусияти сиёсати музофотӣ дар он зоҳир мегардад, ки бо нақшаи умумидавлатӣ якҷоя амал менамояд. Нақшаҳои рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ сар карда аз миёнаҳои асри XX, дар асоси барномаҳои давлатӣ амалӣ мешаванд. Нақшаҳо дар муддати дароз, дақиқкорона, якҷоя бо муассисаҳои давлати ва илмӣ-тадқиқотӣ, ки ба иқтисодиёт муносибат доранд (вазорати молия, вазорати савдои хориҷӣ ва саноат) таҳия мешаванд. Нақши муҳимро Раёсати дурнамои иқтисодӣ (Кейдзай кикаку) ва Шӯрои иқтисодӣ (Кейдзай сингикай) доранд.

Бо қабули ҳар як нақшаи нав ҷанбаи музофотӣ қувват гирифта, ӯҳдадории давлат зиёд мегардад. Ҳамчунон, «Нақшаи зиёд намудани даромади миллӣ» (солҳои 1961 —1970), ки боз бо номи «Нақшаи ҷойгиркунии саноат» ном дошт, маҳдуд намудани муттаҳидшавии саноатиро дар агломератсияҳои Токио — Иокогама, Нагоя —Иоккаити, Осака—Кобе ва Китакюсю тарҳрезӣ намуда, бунёди марказҳои нави саноатиро дар митақаҳои кам рушдёфтаи Хоккайдо, Тохоку ва Тюгоку пешбинӣ намуд.

Ғояҳои пештараи дар «Нақшаи рушди иқтисодию-хоҷагӣ» оид ба бардоштани маҳдудиятҳо (солҳои 1967—1971) омада, бо пешниҳоду даъватҳои нав ҷиҳати рушди инфраструктура дар минтақаҳои нав амалӣ мегаштанд. Аммо, яке аз мақсадҳои асосии аз рӯи ҳисоб ёздаҳум нақшаи нави умумидавлатии рущди иқтисодию-хоҷагии Япония («Нақшаи нави иқтисодӣ», солҳои 1982-1992), ки пеш аз мӯҳлат нақшаи пештараро иваз намуд, мантиқан дуруст ҷобаҷогузории қувваҳои корӣ ва аҳолӣ, инчунин муайян намудани ӯҳдадориҳои маъмурии муассисаҳои давлатӣ дар тамоми қаламрави кишвар буд.

Аз тамоми нақшаиҳои қабулшудаи иқтисодӣ, танҳо татбиқи 2 нақша бебарор буд, дигараш ҳама барзиёд иҷро шуданд.

Дар радифи нақшаҳои иқтисодӣ дар Япония аз оғози соли 1962, дурнамо ва «нақшаҳои маҷмӯии рушди миллӣ» таҳия мегарданд. Онҳо бо Қарори Девони вазирон дар асоси «Қонун дар бораи рушди маҷмӯии қаламрави кишвар, ки асоси қонунӣ доранд қабул шуда, барои рушди асосноки кишвар равона карда шудаанд. Якум «Нақшаи рушди ҳаматарафаи қаламрави кишвар» (соли 1962), ҳарчанд таъсири самаранок ба сохтори хоҷагии кишвар нарасонид, аммо заминаи танзими онро гузошта, самтҳои афзалиятноки сиёсати минтақавии Японияро муайян намуд.

Дигар «Нақшаи нави рушди ҳамаҷонибаи қаламрави кишвар» (соли 1969) бештар хусусияти иҷтимоӣ дошта, барои қонеъ намудани талаботу дархости аҳолӣ (таҳияи барномаҳои хоҷагии қишлоқ, лоиҳаҳои рушди системаҳои коммуникатсионӣ, ҳавасмандагардонӣ барои ҳифзи муҳисти зист) равона гардида буд ва ахиран, «Сеюм Нақшаи ҳамаҷонибаи рушд» (соли 1977) барои то охири асри XX пешбинӣ гардида, стратегияи якҷояи рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ, ки тамоми ҷанбаҳои раванди рушди минтақаҳоро (аз ҷумла сиёсати демографӣ) дар бар мегирифт.

Дар охир хусусиятҳои хоси географияи иқтисодӣ ва иҷтимоии Япония кишвари тулӯъи Офтобро қайд менамоем:

• Япония кишвари кӯҳсор, ҷазиравӣ, дар минтақаи зилзилавӣ ва тӯфонҳо ҷойгир шуда, захираҳои ками минералӣ дорад;

• Дар асл кишвари якқавма буда, бо зичии аҳолӣ фарқ менамояд (300 нафар одам ба 1 км2) ва аҳолии аз 80% муқими шаҳр дар қисмати калони мегаполиси бузурги Уқёнуси Ором (Токайдо);

• Масоҳати ин мегаполис бо ба тарҳи камарбанди саноатии Ӯкёнуси Ором, ки аз халиҷи Токио дар шимол то халиҷи Осака дар ғарб тӯл кашидааст, монанд мебошад. Дар ҳудуди он *0% иқтидори кишвар ҷойгир гаштааст (аз ҷумла шаҳрҳои илмӣ-техникӣ);

• Ба заминҳои коркардшуда 13% масоҳати кишвар рост меояд, аммо масоҳати киштшаванда аз масоҳати коркардшуда зиёдтар аст (ба туфайли 2-3 ҳосил ғундоштан дар 1 сол); қайд намудан ҷоиз аст, ки истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ бештар растанипарварӣ (қариб 70%) аст;

• Дар тақсимоти ҷахонии меҳнат Япония яке аз марказҳои моливии аҳонӣ буда, инчунин таъминкунандаи маҳсулотҳои илмии соҳаҳои саноатӣ аст.

***Б О Б И 5***

# Осиёи Ҷанубӣ: Мушкилоти демографӣ

## 5.1 Тавсифи умумии сарзамин

Вақте, ки Осиёи Ҷанубӣ мегӯем, қуллаҳои барфпӯши Ҳимолой ва лагунаҳои ҷанубии пур аз норҷил(кокос)-и уқёнуси Ҳинд; Кашмири «бесоҳибмонда» («тухми низоъ» дар байни Ҳиндустону Покистон); Непал, Бутон ва серодамии Колката (Калкуттаи собиқ); Мумбай (Бомбайи собиқ), Карочӣ; индустрияи ҳозиразамони ҳавзаи дарёи *Дамодар* («Рури ҳиндиён»); плантатсияҳои чойи Сейлон ва кишоварзии камҳосили деҳқонони Бангладеш, ки бо заҳмати тоқатшикан мангриҳоро аз худ менамоянд, пеши назарамон ҷилвагар мешавад. Вақте, ки Осиёи Ҷанубӣ мегӯем, такягоҳи динҳои ҳиндуия, ислом, буддизм ва пойдории тақсимоти кастаӣ, нуқтаи васли фарҳангҳо ва тамаддунҳои нотакрор, маъбади тиллоии Амритсар, Тоҷмаҳали машҳур дар Агра, сабки модернистии меъмори маъруф Ле Корбюзе дар Чандигарҳ ва ғайраро дар назар дорем.

**Гузаштаи умумии таърихӣ.** Осиё Ҷанубӣ, ки башар аз оғози пайдоишаш маҳали сукунат интихоб карда буд, дар роҳи ҳама кӯчишҳои халқҳо ҷойгир шуда, қитъаҳоро ба ҳам мепайваст. Аз ҳамин сабаб, ин минтақа ҳамеша бо гуногунии этнофарҳангиаш фарқ мекард.

Аз замони кашфи роҳҳои баҳрӣ ба Ҳиндустон муносибатҳои мустақими Осиёи Ҷанубӣ бо Европа шурӯъ шуд. Европоиҳо батадриҷ дар ин замини бекарон ва пуродам ҳукмрон гардиданд. То миёнаи асри бист кишварҳои Осиёи Ҷанубӣ дар мустамликаи Британияи Кабир буданд. Онҳо мустамликаи ягонаи «Империяи Ҳиндустон»-ро ташкил медоданд ва аз тарафи ноиби шоҳ, ки Британияи Кабир таъин менамуд, идора карда мешуданд. Ба ҳайати «Империя» бо ҳуқуқи князигариҳои вассалӣ Непал ва Бутон дохил мешуданд. Сейлон (ҳоло Шриланка) колонияи алоҳидаро ташкил медод. Ҳамчунин дар ин минтақа Португалия ва Франсия анклавҳо доштанд (Ҳиндустони португалӣ – Гоа, Даман, Диу; Ҳиндустони фаронсавӣ).

Дар натиҷаи барҳам хӯрдани мустамликаҳо дар минтақа аз рӯи аломатҳои динӣ тақсимоти сиёсӣ гузаронида шуд, ки тамомияти миллӣ ва иқтисодии ташкилотҳои алоҳидаи давлатию ҳудудӣ ба назари эътибор гирифта нашуд. Ин тақсимот дар охири кор ба тузутунд шудани муносибатҳои аҳолии минтақа, пайдоиши баҳсҳои сарҳадӣ, ки баъзан ба мухолифатҳои ҳарбӣ табдил меёбанд, оварда расонд.

Давраи муҳим дар ташаккули харитаи муосири сиёсии минтақа тақсими Ҳиндустони британияӣ ба ду давлат – Ҳиндустон ва Покистон буд. Покистон аз ду қисмати аз ҳам ҷудо – Покистони Ғарбӣ ва Покистони Шарқӣ иборат буд. Баъдан ба ҷои Покистони Шарқӣ Ҷумҳурии Бангладеш бо пойтахташ – шаҳри Дакка арзи

вуҷуд намуд. Тақсимоти динӣ – обшинаии Ҳиндустон ба давлатҳои алоҳида бо авҷ гирифтани низоъҳои динӣ миёни ҳиндуҳо ва мусулмонон, кӯчонидани миллионҳо одамон, қатъи муносибатҳои иқтисодӣ ва фарҳангӣ, баҳсҳои беохири сарҳадӣ, сепаратизм ( кӯшиши баромадани ҳудудҳо аз ҳайати давлат) ҳамроҳ буд. Оташи баҳси Покистону Ҳиндустон барои Кашмир то ҳол хомӯш нашудааст.

Давлати бо нуфузи асоси дар минтақа Ҳиндустони сераҳолӣ мебошад. Ҳиндустон кишварест куҳанбунёд ва соҳиби фарҳанги хос, ки ба тамаддуни башарӣ саҳми бузург гузоштааст. *Ҳиндустон сермиллаттарин кишвари ҷаҳон мебошад.* Дар он халқҳои бисёре, ки ба оилаҳои забонии мухталиф мутааллиқанд, зиндагӣ мекунанд. Ҳиндустониҳо, банғолагиҳо, биҳориҳо, панҷобиҳо ва дигар даҳҳо миллион нафарро ташкил медиҳанд. Таркиби динии кишвар низ мураккаб аст, ҳарчанд 80 дарсади аҳолии Ҳиндустон пайравони *ҳиндуия* мебошанд (боқимондаҳои нобаробарии кастаӣ, махсусан дар деҳот, маҳз ба ҳиндуия вобаста аст), ҳамзамон аҳолии Покистон ва Бангладеши ҳамсоя мусулмонанд. Рангорангии таркиби этникӣ ва динӣ баъзан ҳамчун омил барои миллатгароӣ, ҷудоихоҳӣ ва моҷароҷӯӣ хидмат мекунанд.

Ғайр аз Бангладеш, Ҳиндустон ва Покистон ба кишварҳои Осиёи Ҷанубӣ Бутан, Малдив, Непал, Шри-Ланка, ҷазираҳои Чағос дохил мешаванд. Масоҳати минтақа ба ҳудуди Европаи Ғарбӣ ва ё қисмати европоии Россия баробар аст.

**Мавқеи географӣ, шароит ва захираҳои табиӣ**. Суроби Осиёи Ҷанубӣ дар харита ба чоркунҷае монанд аст, ки аз рӯи хати тропик ба ду секунҷа тақсим мешавад: қисмати шимолӣ, ки дар қитъа ҷойгир аст ва қисмати ҷанубӣ – дар нимҷазираи Ҳиндустон, ки мисли фона ба обҳои уқёнуси Ҳинд даромада рафтааст. Дар харитаи табиӣ равшан дидан мумкин аст, ки Осиёи Ҷанубӣ гӯё ба воситаи пастхамии Ҳинду Ганг аз Евразия ҷудо карда шудааст. Худи нимҷазираи Ҳиндустонро дарёи Нарбада ба ду қисмат ҷудо мекунад: Ҳиндустони Марказӣ ва пуштакӯҳи Декан. Барои Ҳиндустон, чун дар қисмати калони Осиёи Ҷанубӣ, иқлими субэкваториалӣ бо хусусияти гузариш аз Банғолаи намнок ба водии хушки Ҳинд хос аст (баъзан ба сифати водии хоси табиию географӣ ҷазираи Шри-Ланкаро низ зикр менамоянд).

Минтақа дар хушкӣ бо кишварҳои Осиёи Ҷанубӣ-Шарқӣ, Хитой, кишварҳои Осиёи Ҷанубӣ-Ғарбӣ ҳамсарҳад мебошад. Кӯҳҳои боҳашамат ва душворгузари Ҳимолой (дар ин ҷо, дар сарҳади Непал ва Хитой баландтарин қуллаи ҷаҳон Ҷомолунгма – Эверест бо баландии 8 848 метр ҷойгир аст) Осиёи Ҷанубиро аз шимолу шарқ ва шимол печонида гирифтаанд, ки «даҳлези афғонӣ»-и танг (17 – 35 км) онро аз ҳудуди ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ ҷудо менамояд. Дар ғарб Осиёи Ҷанубӣ бо ҳамсояҳояш дар шохакӯҳҳои Ҳиндукуш ва Сулаймон ҳамсарҳад аст. Дар инҷо чандин гузаргоҳ аз Покистон ба Афғонистон мавҷуд аст, ки машҳуртаринашон ағбаҳои Болан ва Хайбар мебошанд ( Гузаргоҳи Болан бо дарозии 90 км дорои роҳи оҳан ва роҳи мошингарди Суккур – Кветта мебошад, ки то сарҳади Афғонистон мерасад).

Сарҳади Ҳиндустон бо Хитой то ҳол мушаххас карда нашудааст. Таърихан он аз обтақсикунаки силсилакӯҳҳои Ҳимолой мегузарад. Ба воситаи ҳудуди шимолии Ҳиндустон (ҳоло дар тасарруфи Покистон) роҳи мошингарди аз нигоҳи стратегӣ муҳими Қароқурум сохта шудааст, ки шаҳрҳои Исломободи Покистон ва Кошғари Хитойро пайваст менамояд. Дарозии роҳ 820 км, васеъиаш 8 метр буда, ҷо-ҷо асфалтпӯш ва ҷо-ҷо сангфарш аст. Роҳ дорои гардишҳои пурпечутоб ва мақтаъи мураккаб мебошад.

Дар ҷануби кӯҳҳои Сулаймон кӯҳҳо паст шуда, батадриҷ сурати ландшафти биёбониро мегиранд. Аз инҷо то халиҷи Банғола пастхамии Ҳинду Ганг дар шакли камони бузурге доман паҳн кардааст. Дуртар, дар самти ҷануб сипари кристаллии қадим ҷойгир шудааст, ки пуштакӯҳи Деканро дар нимҷазираи Ҳиндустон ба вуҷуд оварда, то ҷазираи Шри-Ланка идома меёбад.

Дар маҷмӯъ, сарҳадҳои хушкии минтақа бо сарбастагӣ ва душворгузарӣ фарқ мекунанд.Халиҷҳои Араб ва Банғола, ки Осиёи Ҷанубиро иҳота кардаанд, қариб ки ҷазира надоранд ва фақат дар баъзе маҳалҳо халиҷҳои муносиб вомехӯранд.

Дар ҳудудҳои Осиёи Ҷанубӣ, ки ба тарафи ҷануб аз тропик дар иҳотаи иқлимҳои субэкваториалӣ ва экваториалӣ ҷойгир шудаанд (ба ҷуз аз Осиёи Баланди сарҳадӣ ва пеш аз ҳама Ҳимолой – бузургтарин силсилакӯҳи ҷаҳон ва муҳимтарин ҳудуди иқлимӣ, геоморфологӣ ва флористии Осиё),чунин ноҳияҳои табии географиро аз ҳам фарқ кардан мумкин аст:

*Пастхамии Ҳинду Ганг* мисли тасмаи васеъ аз баҳри Араб то ба халиҷи Банғола тӯл кашида, дар байни Ҳимолой ва кӯҳҳои Балуҷистон дар шарқу ғарб ва пуштакӯҳҳои нимҷазираи Ҳиндустон дар ҷануб «пинҳон» шудааст. Агар пастхамии Ганг ва Ҳинд (Банғола, Ассом ва ғ.) бо серборишии худ фарқ кунад, обтақсимкунаки Ганг ва Ҳинд ва тамоми ҳамвории Ҳинд (Панҷоб, Синд ва ғ) хеле хушк мебошанд (таъсири муссон суст мешавад);

*Нимҷазираи Ҳиндустон* ба воситаи дарёи Нармада ба Ҳиндустони Марказӣ ва пуштакӯҳҳои Декан тақсим мешавад. Иқлими ноҳия, мисли қисмати калони Осиёи Ҷанубӣ, субэкваториалӣ бо хусусияти гузариш аз Банғолаи намнок то водии хушки Ҳинд мебошад (баъзан ба сифати ноҳияи хоси табиию географӣ ҷазираи Шри-Ланкаро низ зикр менамоянд).

Барои Осиёи Ҷанубӣ ҳарорати баланди миёнаи солона (зиёда аз 20 $^0$C) хос буда, дар қисмати калони он амплитудаи хурди тағйири ҳарорат дар давоми сол ба мушоҳида мерасад. Қисмати хушкии Осиёи Ҷанубӣ бо мавсимӣ будани тақсимоти боришот сахт фарқ мекунад (фақат ҷамъи солонаи боришот ва давомнокии мавсими намнокӣ дар минтақаҳои мухталиф гуногун аст). Ҳамаи ин барои кишоварзии маҳаллӣ шароити мусоиди агроиқлимӣ фароҳам меоварад.

*Захираҳои минералии* минтақаро пеш аз ҳама ангиштсанг, маъданҳои оҳандори гематитӣ (тақрибан 25 дарсади захирааҳои ҷаҳонӣ), маъданҳои урандор (регҳои монтситивии соҳилҳои Керал), бокситҳо ва ғ. ташкил медиҳанд. Ҷазираи Сейлон аз графит ва конҳои парокандаи сангҳои қиматбаҳо бой аст. Дар соҳилҳои ҷазира аз қадимулайём марворид ҷамъоварӣ менамоянд. Кишварҳои минтақа аз захираи маъданҳои металлҳои ранга камбағал мебошанд (ба истисноИ алюминий) ва такя ба ашёи хоми импортӣ мекунанд. Фақат Ҳиндустон дарои захираҳои фаровони табиӣ мебошад ва беҳуда онро дар даврони мустамликавӣ колониалӣ *«марвориди шоҳигарии Британия»* наномидаанд.

Нақш ва ҷойгоҳи Осиёи Ҷанубӣ дар ҷаҳони муосир аз бисёр ҷиҳат бо махсусиятҳои шароити географии минтақа, ки аз омилҳои зерин таркиб ёфтаанд, муайян карда мешаванд:

- доштани мавқеи марказӣ дар байни кишварҳои Осиё ва кишварҳои ҳавзаи уқёнуси Ҳинд (ба воситаи Осиёи Ҷанубӣ бисёр борҳои стратегӣ интиқол дода мешаванд, ҳамчунин коммуникатсияҳои доимии пайвасткунандаи ноҳияҳои ғарбӣ ва шарқии Руссия мегузаранд);

- наздик будан ба давлатҳои пасошӯравии Осиёи Марказӣ;

- доштани мавқеи наздисарҳадӣ бо ҳудуди ҶХХ.

**Тафсири умумии давлатҳои минтақа.** Шароити дохилии иҷтимоию иқтисодии Осиёи Ҷанубӣ мураккаб ва бисёрҷанба мебошад. Пеш аз ҳама, дар байни минтақаҳои калони фарҳангию таърихии ҷаҳон чунин минтақаеро бо аҳолии сермиллат ва гуногунзабон ёфтан душвор аст. Махсусан таркиби аҳолии Ҳиндустону Покистон мураккаб мебошад. Фақат Бангладеш аз нигоҳи миллӣ аҳолии якхела дорад (98 дарсад банғолагиҳо). Сарнавишти таърихии Осиёи Ҷанубӣ чунин будааст, ки дар тӯли асрҳои зиёд минтақа ба саҳнаи мудохилаҳои бетакаллуфона ва кӯчишгоҳи

халқҳои бисёр табдил ёфтааст. Ба фарқияти этникӣ фарқияти мазҳабӣ зам мешавад. Низоъҳои динӣ – ҷомеавӣ, ки дар минтақа ба мушоҳида мерасанд, ба ягонагии сиёсии давлатҳо зарари ҷиддӣ мерасонанд. Онҳо на танҳо зиёни ҷиддии молӣ, инчунин қурбониҳои инсонӣ низ ба ҳамроҳ доранд. Дар аксари маврид чунин низоъҳо шакли терроризми зиддидавлатиро мегиранд.

Мушкилоти хусусияти демографи дошта микёсан диданашавандаанд. Дар масоҳате, ки ҳамагӣ 3% дарсади хушкии кураи заминро ташкил медиҳад, 20 аҳолии ҷаҳон зиндагӣ мекунад. Фақат дар даҳ соли охир шумораи аҳолии Осиёи Ҷанубӣ 200 миллион нафар афзуд, ки аз шумораи умумии аҳолии Германия ва Британияи Кабир зиёд аст. Ба афзоиши босуръати шаҳрнишинӣ нигоҳ накарда, дараҷаи умумии он дар минтақа паст мебошад. Аз 10 то 20% дарсади аҳолӣ дар шаҳрҳо зиндагӣ мекунанд. Ҳамзамон, дар Ҳиндустону Покистон ва баъзе кишварҳои дигар агломератсияи калони шаҳрҳо ба вуҷуд омадааст.

Дар ҳаёти сиёсии кишварҳои минтақа сохторҳои қудратӣ нақши назаррас доранд. Мавқеи низомиён махсусан дар Покистон устувор мебошад.

Дараҷаи рушди иқтисодии кишварҳои музофот гуногун аст (ҷадвали 11.). Нишондиҳандаҳои аз ҳама баландро Ҳиндустон ва Покистон ба даст овардаанд, ки дорои истеҳсолоти ҳозиразамони индустриалӣ, аз ҷумла саноати ҳарбӣ, мебошанд. Дар аксари кишварҳои минтақа соҳаҳои саноати сабук ва хӯрокворӣ тараққӣ кардаанду бас. Бахшҳои асосии иқтисодиёт дар ҳама ҷо аз кишоварзӣ, асосан соҳаи рустанипарварӣ, иборат аст.

***Ҷадвали № 11.***

**Давлатҳои соҳибистиқлоли Осиёи Ҷанубӣ: бонки маълумоти оморӣ**

| Мамлакатҳо | Масоҳат ҳаз. км² | Аҳолӣ, млн. нафар | Афзоиши табиӣ, % | Дарозии умри одамон, сол | | Истифодаи шабонарӯзи/ккал | ММД | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | мардҳо | занҳо | | Умуми млрд. долл | Ба сари 1одам |
| Бангладеш | 144 | 144,3 | 2,1 | 59 | 59 | 2201,3 | 299,9 | 2100 |
| Бутан | 47 | 2,2 | 2,1 | 66 | 66 | - | 2,9 | 1400 |
| Ҳиндустон | 3288 | 1080,3 | 1,4 | 62 | 64 | 2417,3 | 3678,0 | 3400 |
| Малдив | 0,3 | 0,35 | 2,8 | 67 | 66 | 2298,2 | 1,3 | 3900 |
| Непал | 140,8 | 27,7 | 2,2 | 58 | 57 | 2264,3 | 42,2 | 1500 |
| Покистон | 796 | 162,4 | 2,1 | 63 | 63 | 2462,3 | 385,2 | 2400 |
| Шри- Ланка | 65,6 | 20,1 | 0,8 | 70 | 74 | 2411,3 | 86,7 | 4300 |

Кишварҳои дигари минтақа дар пасманзари Ҳиндустон ба дараҷае «гум мешаванд», вале набояд фаромӯш кард, ки аҳолии Покистон аз аҳолии Россия хеле зиёд буда, аҳолии Бангладеш тақрибан ба он баробар аст. Шри-Ланка мисли Ҳиндустон дар содироти чой ҷои аввалро дар ҷаҳон ишғол намояд, Бангладеш (мисли Ҳиндустон) дар содироти ҷут ва маҳсулоти ҷутӣ ҳамин ҷойгоҳро дорад. *Непал, Бутан* ва *Малдив* аз нигоҳи иқтисодӣ хеле ақибмондаанд. Асоси иқтисодиёти аксари кишварҳоро мисли пештара кишоварзӣ ташкил медиҳад, ки аз хоҷагиҳои хурди деҳқонӣ иборат буда, дараҷаи пасти агротехникӣ доранд. Манбаъи муҳими даромади асъор барои кишварҳои минтақа соҳаи туризм ва баъзан туризми вобаста ба кӯҳнаварди (алпинизм) (Непал) мебошад.

Дар маҷмӯъ, кишварҳои Осиёи Ҷанубиро аз рӯи дараҷаи тараққӣ ва махсусгардонии хоҷагидорӣ ба се гурӯҳ тақсим кардан мумкин аст:

- кишварҳои тараққикарда, ки дар баробари нақши муҳим доштани кишоварзӣ, саноати ҳозиразамон басуръат рушд меёбад; мавқеи ҳукмронро дар кишоварзӣ истеҳсоли мол ишғол менамояд (Ҳиндустон, Покистон);

- кишварҳои то андозае тараққиёфта, асосан аграрӣ бо ҳиссаи зиёди хоҷагиҳои истеъмолкунанда ва саноати нав рӯ ба тараққиоварда (Банғола, Шри-Ланка);

- кишварҳои аз нигоҳи иқтисодӣ ақибмонда, ки кишоварзии бо миқдори кам истеҳсолкунандаи маҳсулот мебошад (Непал, Бутон, Ҷумҳурии Малдив).

Манфиатҳои ҳаётии халқҳои Осиёи Ҷанубӣ, эҳтиёҷоти зарурии иқтисодӣ ҳамкории беш аз пеш фаъол ва манфиатноки кишварҳои минтақаро тақозо менамоянд. Бо ҳамин мақсад онҳо соли 1985 дар Ассотсиатсияи ҳамкории минтақавии Осиёи Ҷанубӣ (АҲМОҶ) муттаҳид шуданд. Нақшаҳои мушаххаси кор таҳия карда шудааст. Татбиқи онҳо дар аксари мавридаз хусусияти вазъи сиёсӣ дар минтақа вобаста мебошад.

**ИДМ ва Осиёи Ҷанубӣ.** Дар давраи ҶИСШ ҳамеша аҳамияти тиҷоратию нақлиётӣ, ҳарбию стратегӣ ва захиравӣ доштани минтақаи мазкурро ба инобат мегирифтанд. Асосан аз Ҳиндустони сераҳолӣ умедвор буданд, ки ҳамчун яке аз абарқудратҳои «ҷаҳони сеюм» дер ё зуд роҳи сохтмони сотсиализмро пеш мегирад.Вале ин тавр нашуд.

Бо ҳамкории ҶИСШ дар Ҳиндустон даҳҳо корхонаи саноатӣ дар соҳаҳои замонавии иқтисодиёт (электроэнергетика, металлургияи сиёҳ, коркарди нафт ва ғ.) сохта шудаанд. Ҳамкории ҳарбию техникӣ дар муносибатҳои Руссия ва Ҳиндустон ҷойгоҳи муҳим дорад. Оғози он ба солҳои 60-и асри XX, замоне ки аз тарафи Покистон ва Хитойи маоӣ ба Ҳиндустон хатар таҳдид мекард, рост меояд. Маҳз ҳамон вақт интиқоли муназзами силоҳи шӯравӣ ба Ҳиндустон шурӯъ шуд, ки дар рафти мухолифатҳои Ҳиндустону Покистон дар солҳои 1965 ва 1971 озмуда шуд. Дар оғози солҳои 90-ум ҳиссаи техникаи ҳарбии шӯравӣ на кам аз 70% аслиҳаи артиши Ҳиндустонро ташкил медод. Ҳанӯз дар солҳои 70-ум корпоратсияи ҳиндии «Ҳиндустон аэронотикс Лтд» дар корхонаи самолётсозии шаҳри Насик истеҳсоли литсензионӣ ва тармими самолётҳои шӯравии МиГ-21 ва баъдан МиГ-27-ро сар кард.. Пештар аз он ҳамон шартҳо истеҳсоли танкҳои шӯравии Т-72 ба роҳ монда шуда буд.Инак, ба шумори махсусиятҳои асосии географии минтақаи Осиёи Ҷанубӣ инҳоро дохил кардан мумкин аст:

- гуногунрангии табиӣ (экстремумҳо: Непал – ҷануби Ҳиндустон ва давлатҳои ҷазираӣ; Шри-Ланка ва Малдив), табдилёбии мураттаби мавсимҳои намнокӣ ва хушкии сол (дар зери таъсири муссони ҷанубӣ-ғарбӣ, ки тобистон аз уқёнуси Ҳинд мевазад);

- рангорангии таркиби этникӣ ва конфессионалии аҳолӣ;

- ҷамъшавии захираҳои асосии минералию ашёи хом дар Ҳиндустон (штатҳои Биҳор, Орриса, Банғолаи Ғарбӣ, Мадхя-Прадеш, Гуҷарот, Ассом ва ғ.);

- афзоиши босуръати демографӣ, ки дар натиҷаи он Ҳиндустон аз ҷиҳати саршумори аҳолӣ ба ҶХХ расидан дорад;

- дар сохтори иқтисодиёт бартарият доштани кишоварзии каммол ва каммаҳсул;

- пешсафии бечунучарои Ҳиндустон ва Покистоназ нигоҳи индустриалӣ, ки на танҳо асосҳои саноати фабрикиву корхонаии муосирро бунёд гузоштанд, балки соҳиби силоҳи ядроӣ низ гардиданд.

**Саволҳо ва супоришҳои санҷишӣ**

1. *Гузаштаи умумии таърихии давлатҳои Осиёт Ҷанубӣ аз чӣ иборат аст?*

*2. Фурӯпошии Британияи Кабир чӣ тавр сурат пазируфт? Кадом омилҳое ба он мусоидат намуданд?*

*3. Махсусиятҳои асосии мавқеи географии давлатҳои минтақаро нишон диҳед.*

*4. Бонки маълумоти оморӣ оид ба давлатҳои Осиёи Ҷанубиро таҳлил намоед ва хулосаҳои лозимӣ бароред.*

*5. Давлати мо чӣ манфиатҳои геополитикӣ ва геоиқтисодӣ дар минтақаи Осиёи Ҷанубӣ дорад?*

## 5.2 Ҳиндустон

Масоҳаташ – 3,2 млн км$^2$

Аҳолиаш – 1,1 млрд нафар

Ҳиндустон давлати калонтарин ҳам дар ҷаҳон ва ҳам дар Осиёи Ҷанубӣ мебошад. Ҳиндустон бо фарҳанги моддӣ ва маънавии гуногунхелаш дар рушди тамаддуни ҷаҳонӣ саҳми бисёр дорад. Кишвар истиқлоли сиёсиро дар гузаштаи начандон дур (соли 1947) ба даст оварда бошад ҳам, аллакай дар бисёр самтҳои рушд ба натиҷаҳои баланд ноил гардидааст: дар бахши иқтисодиёт – ҷои панҷум аз рӯи ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти умумии дар бахши илмию техникӣ – яке аз ҷойҳои аввал аз рӯи шумораи мутахассисони баландихтисос, бахши ҳарбӣ – сохтани сершумортарин артиши дунё ба силоҳи ядроӣ. Дар системаи муносибатҳои байналхалқӣ Ҳиндустон ҳамчун яке аз қувваҳои асосӣ ва таъсиррасон шинохта шудааст.

**Мавкеи географӣ, шароити табиӣ ва захираҳо.** Аз рӯи андозаи ҳудуд (зиёда аз 3 млн. км. мураббаъ) Ҳиндустон дар ҷаҳон ҷои ҳафтумро ишғол менамояд. Ба ҳайати ҷумҳурӣ ғайр аз қисмати хушкӣ чандин ҷазира, аз ҷумла ҷазираҳои *Лаккадив* дар баҳри Араб, ҷазираҳои *Андаман* ва *Никобар* дар халиҷи Банғола, дохил мешаванд. Аз рӯи сохти маҳал ва хусусияти ландшафтҳо Ҳиндустон ба се ноҳия тақсим мешавад: *кӯҳҳои Ҳимолой, пастхамии Ганг* ва *нимҷазираи Ҳиндустон.*

Дар шимоли Ҳиндустон, ба дарозии 2,4 ҳазор км аз ғарб ба шарқ қаторкӯҳҳои Ҳимолой - баландтарини қаторкӯҳҳои дунё, ки абадан либоси барфӣ ва яхӣ ба бар кардаанд (Ҳимолой маънои «барфистон»-ро дорад) тӯл кашидаанд. Ягон кишвари кӯҳсор ба мисли Ҳиндустон бо ҳашамат, бузургӣ ва манзараҳои табиии худ ин гуна таассурот намебахшад. Барфу ях, шаххҳои урёну водиҳои тангу тира бонавбат ба ҷангалзорону марғзорон ва водиҳои гулпӯш иваз мешаванд. Кишвари Кашмир дар Ҳимолойи Ғарбӣ махсусан зебост.

Ба сабаби мавҷудияти баландиҳои бузург, ҷариҳои рост, сардӣ ва тунукии ҳаво дар қуллаҳои баланд қисмати аъзами Ҳимолой амалан касногузар аст. Шумори ками гузаргоҳҳои кӯҳӣ мавҷуданд бошанд ҳам, вале онҳо дар баландии 4000-5000 метр ҷойгир буда, убурашон басо мушкилу хавфноканд.

Дар доманакӯҳҳои Ҳимолой (онҳоро Химолойи Хурд меноманд) дар баландии 2000-3000 метр ҳанӯз дар замонҳои мустамликадорӣ роҳҳои мошингард ва оҳан, «шаҳрҳои тобистона» - *Симла, Дарҷилинг* ва ғ. сохта буданд, ки дар онҳо мансабдорони англис аз гармои ҷонсӯзи ҳамвориҳо паноҳ мебурданд. Канораҳои ин шаҳрҳо бо зебоии худ ҳушу дилро мерабоянд. Масалан, нишебиҳои ҳамсояи Симла саросар родендронапӯшанд, ки гулҳои сурхашон мисли доғҳои дурахшон дар пасманзари баргҳои зард ҷилвагар мешаванд ва дар наздикии ин нишебиҳо яхистони дар зери нурҳои хуршед дурахшанда ба чашм мерасанд.

Дар доманаҳои Ҳимолой ботлоқзори тасмашакле ба дарозии 2 км ва ба васеъии даҳҳо км бо ҷӯйбор ва дарёҳои зиёд, алафзорони баланд, буттазорон ва рустаниҳои печон тӯл кашидааст. Ин ҷангалзори Ҳиндустон мебошад, ки

ботлоқзорҳо ва хоки аз нури Офтоб гармшудаи он навъҳои бадтарини вараҷаро бармеангезонад.

Кӯҳҳои Ҳимолой алоқаҳои Ҳиндустонро бо мамлакатҳои ҳамсоя маҳдуд намуда, ба иқлими кишвар ва хусусияти ҷойгиршавии аҳолии он таъсири амиқ мерасонанд. Онҳо ҳудуди Ҳиндустонро аз бодҳои сарди шимолӣ муҳофизат намуда, дар пуштаҳои ғарбӣ муссонҳои аз укёнуси Ҳинд вазандаро бозмедоранд. Дар инҷо дар як сол он қадар борон меборад, ки баробар ба миқдори боришоти 20-30-солаи Европаи Ғарбӣ мебошад. Борон ва барфҳои Ҳимолой манбаъҳои тамомнашавандаи об барои дарёҳои асосии минтақа – Ҳинд ва Ганг ба шумор меравand. Дар ҳамвории Ганг ва ҳудудҳои наздисоҳилии нимҷазираи Ҳиндустон аксарияти аҳолии Ҳиндустон зиндагӣ мекунанд.

Дар тарафи ҷануби ҳамворӣ баландии Декан (пуштакӯҳи Декан) қомат афрохтааст. Он қариб тамоми нимҷазираро дарбар мегирад. Баландии миёнаи Декан қариб 1000 метр мебошад. Нишебии умумии пуштакӯҳ ба тарафи ғарбу шарқ доман паҳн кардас, дарёҳо ба ҳамин тараф  ҷорӣ мешаванд. Қисматҳои баландтарини Декан дар канораҳои он ҷойгир шудаанд. Дар шимол, қад-қади дарёҳои Нарбада ва Таптӣ, ки ба халиҷи Араб мерезанд, кӯҳҳои пурҷангали Видхя  ва ғ. ҷойгиранд. Ин ноҳия бо ҷангалзорони боҳашаматаш яке аз мавзеъҳои зеботарини Ҳиндустон ба шумор меравад. Махсусан водии азхудкардашуда ва серодами дарёи Нарбада хеле ҷолибу дилкаш мебошад.

Канораи ғарбии каме баланди Декан силсилакӯҳи дарози Гати Ғарбиро ташкил медиҳад, ки ба шакли қуллаҳои дандонадори аз ҳам ҷудо тӯл кашидаанд. Кӯҳҳо ба шакли суффаҳои бисёри рост то ҳамвории наздибаҳрӣ (Соҳили Малабар) поин омадаанд, ки аз онҳо шаршараҳои хурӯшон сарозер мешаванд. Дар баъзе мавзеъҳо Ғати Ғарбиро водиҳое мебуранд, ки то жарфои (канори)  Декан рафта мерасанд. Ноҳияҳои дохилии пуштакӯҳ ҳамвориҳои мавҷдоранд. Канораҳои шарқии Деканро ҳам кӯҳҳои Гати Шарқӣ иҳота кардаанд. Онҳо дар инҷо он қадар рост ва баланд нестанд. Қад-қади соҳили халиҷи Банғола тасмаи пастии соҳили Коромандело тӯл кашидааст. Гатҳои Шақӣ ва Ғарбӣ дар ҷануби нимҷазира ба ҳам пайваст мешаванд ва баландии ҷангалдорро ба вуҷуд меоваранд, ки аз пушти онҳо кӯҳҳои аз ҳама баландтарини ноҳия қад меафрозанд.

Ҳудуди Ҳиндустон дар минтақаи тропикӣ ва субтропикӣ ҷо гирифта, зери таъсири муссонҳо мебошад. Вобаста ба муссонҳо сол дар Ҳиндустон ба давраҳои салқин, гарм ва боронӣ тақсим карда мешавад. Давраи аввал аз октябр то март давом карда, фасли беҳтарини сол ба шумор меравад. Дар давраи гармо ҳарорати ҳаво то 50 $^{0}$С баланд шуда, ҳатто шабонгоҳҳо ҳам аз 35 $^{0}$С паст намефарояд. Чунин ҳароратро, ки одам дар зери нурҳои офтоб аз ҳол меравад, на «гарм», балки «сӯзанда» меноманд. Дар моҳи июн гармо ва хушкӣ ба дараҷаи аъло мерасанд. Ин ҳолат то замоне давом мекунад, ки сатҳи замин зиёдтар аз укёнус метасфад ва ба ҷаббидани намӣ аз он шурӯъ менамояд. Табдили давраи гармо ба боронӣ дар ҷануби Ҳиндустон дар моҳи май, дар дигар ноҳияҳо дар моҳи июл ба вуқӯъ мепайвандад.

Гуногунии релйеф ва иқлими Ҳиндустон сабабгори рангорангии олами набогот ва ҳайвоноти кишвар мегардад.

Аз канданиҳои сӯзишворӣ ангиштсанг бисёр аст. Захираи ангиштсанги пастсифат зиёд ва ангиштсанги коксшаванда хеле ночиз мебошанд. Конҳои асосии ангиштсанг дар шимолу шарқи кишвар, дар водиҳои дарёҳои Дамодар, Сон, Маҳанадӣ ва ғ. ҷойгир шудаанд. Нисфи захираҳои умумӣ ва тамоми захираҳои ангиштсанги коксшаванда дар ҳавзаи Дамодар ҷамъ шудаанд. Ин ҳолат рушди саноати ангишт ва соҳаҳои вобаста ба онро муқаррар менамояд.

Ҳиндустон захираҳои ками нафт дорад. Ҳанӯз дар охири асри X1X конҳои хурди нафт дар Ассоми Боло кашф шуда буданд. Дар заминаи ин конҳо дар аввали садаи гузашта дар шаҳри Дигбой яке аз корхонаҳои аввалини коркади нафт дар

ҷаҳонро сохтанд. Ҷустуҷӯи конҳои нав дар замони мустамликавӣ қариб идома наёфт. Корҳои мунтазами ҷустуҷӯи геологии нафт фақат баъд аз истиқлолият шурӯъ шуд. Бо ҳамкории ИҶШС дар ғарби Ҳиндустон, дар Гуҷарот конҳои нави нафт кашф гардид. Захираҳои ҷамъулҷамъи нафт дар ҳоли ҳозир дар байни Ассом ва Гуҷарот баробар тақсим карда мешавад.

Камбуди сӯзишвории углеродиро захираҳои азими торий, ки дар таркиби регҳои монатситовӣ ва илменитии соҳилҳои Ҳиндустони Ҷанубӣ мавҷуданд ва ҳамчунин конҳои уран дар пуштакӯҳи Чхота-Нагпур мепӯшонанд. Захираи ашёи хоми ядроӣ аз ҷамъи захираҳои тамоми навъҳои захираҳои энергетикии кишвар зиёдтар мебошад.

Ҳиндустон назар ба захираҳои сӯзишворию энергетикӣ, аз ашёи хоми маъданҳои металлдор бой аст. Захираҳои маъданҳои оҳандори баландсифат (бо мавҷудияти оҳан аз 60 то 70 дарсад), ки дар шимолу шарқи кишвар ҷойгир шудаанд, дар ҷаҳон аз ҳама бойтарин ҳисобида мешаванд. Маъданҳои нисбатан камбағал Дао Ҳиндустони Ҷанубӣ вомехӯранд. Ҳиндустон ҳамчунин аз рӯи захираҳои маъданҳои марганетсдори баландсифат дар ҷаҳон яке аз ҷойҳои аввалинро ишғол менамояд. Ҳамин тавр, Ҳиндустон на фақат барои рушди металлургияи сиёҳ захираҳои калони ашёи хом дорад, балки имкониятҳои фаровони содиротӣ, аз ҷумла содироти маъдани оҳандорро низ дорад.

Дар Ҳиндустон маъданҳои маталлҳои ранга начандон калон мавҷуд аст, аммо конҳои калони бокситҳо, хромитҳо, мис, инчунин маъданҳои тиллодор

вомехӯранд. Ҳамчунин захираҳои слюдаи баландсифат маълуманд. Ҳиндустон дорои конҳои алмос ва дигар минералҳои киматбаҳо ва нимқиматбаҳо мебошад.

Дар маҷмӯъ, Ҳиндустон дорои захираҳои калони аҳамияти ҷаҳонидоштаи маъданҳои оҳан ва марганетсдори баландсифат, ҳамчунин слюда, регҳои монатсит ва илменит (навъҳои минерал) мебошад. Кишвар содиркунандаи муҳими ин маъданҳо ва баъзе навъҳои ашёи хом дар бозори ҷаҳонӣ ба шумор меравад. Ҳамзамон Ҳиндустон аз камбуди нафт, металлҳои ранга, ашёи хоми химиявӣ, баъзе маводи сохтмон танқисӣ мекашад. Барои ҷобаҷокунии захираҳои минералию ашёи хоми Ҳиндустон фароҳамоии баланди канданиҳои фоиданок дар *шимолу шарқи* кишвар хос аст.Дар инҷо қариб тамоми захираҳои ангиштсанг, конҳои калонтарини маъданҳои металлдор ва захираҳои бисёри ашёи хоми ғайриметаллӣ ҷамъ омаанд. Ҳавзаи Дамодар ва пуштакӯҳи ба он часпидаи Чхато-Нагапур, ки дар онҷо якҷояшавии беназири тамоми конҳои ашёи хоми минералии мавҷуд дар кишвар ба назар мерасад, дорои аҳамияти муҳим мебошад. Таҷаммӯъи (ҷамъомади) баланди истисноии сарварҳои табиии гуногун дар ин қисмати кишвар барои рушди маҷмааи бисёрсоҳаи хоҷагидорӣ замина муҳайё месозад.

**Аҳолӣ.** Ҳиндустон аз рӯи шумораи аҳолӣ дар ҷаҳон баъд аз Хитой дар ҷои дуюм қарор дорад. Саршумори аҳолӣ тибқи риояи тамоми қоидаҳои омор соли 1901 гузаронида шуда буд. Он замон дар кишвар 238,4 миллион нафарро ба қайд гирифта буданд. Дар миёнаи садаи бистум дар Ҳиндустон аллакай 361,1 миллион шаҳрванд ба ҳисоб гирифта шуда бошад, дар соли 2007 дар кишвар қариб 1 100 миллион одам (16,75 дарсади аҳолии ҷаҳон) зиндагӣ мекард. Ҳамин тавр, дар муддати сад сол шумораи аҳолии Ҳиндустон зиёда аз 4 маротиба афзуд. Дар ҳоли ҳозир ҳар сол 18 миллион нафар одам зиёд мешавад. Ин гувоҳи он аст, ки дар Ҳиндустон «таркиши демографӣ» ба амал омадааст. Ҳолати мазкур ҳалли масъалаҳои асосии иқтисодӣ ва иҷтимоии дар назди кишвар истодаро душвор мегардонад.

Ҳудуди кишвар, ки ҳамагӣ 2,4% хушкии сайёраи Заминро ташкил медиҳад, макони зисти 17% аҳолии ҷаҳон мебошад. Зичии миёнаи аҳолии Ҳиндустон дар садсолаи гузашта аз 77 то 324 одам дар 1км$^2$ мураббаъ афзудааст ва ин яке аз нишондиҳандаҳои баланди ҳазиразамон мебошад. Ба ҳамин сабаб дар Ҳиндустон ба сиёсати демографии кам кардани таваллуд таваҷҷуҳи зиёд зоҳир менамоянд.

Ҳиндустон якумин кишвари ҷаҳон буд, ки ҳанӯз дар соли 1952 Барномаи миллии танзими оиларо эълом кард ва ҳадафаш «кам кардани таваллуд то сатҳи барои суботи аҳолӣ зарурӣ ва мутобиқ бо талаботи иқтисодиёти миллӣ» ба шумор мерафт. Вазифаи дарозмуддати барномаи миллии демографии соли 2000 қабул кардашуда расидан ба «суботи шумораи аҳолӣ дар соли 2045 дар сатҳи мутобиқ ба талаботи рушди устувори иқтисодӣ, тараққиёти иҷтимоӣ ва ҳифзи муҳити зист» мебошад. Вале бесаводии оммаи васеъи аҳолӣ, махсусан занон, хурофот ва анъанаҳои динӣ, мушкилоти иҷтимоию иқтисодӣ расидан ба ин ҳадафро душвор мегардонад. Бинобар ин, аҳолии Ҳиндустон босуръат афзоиш меёбад.Дар миёнаи асри ҳозир кишвар аз рӯи шумораи аҳолӣ дар ҷаҳон ба ҷои аввал хоҳад баромад.

Аҳолии Ҳиндустон сермиллаттарин дар ҷаҳон мебошад. Дар кишвар садҳо миллат, халқият ва гурӯҳҳои қавмӣ, ки ба забонҳои гуногун гуфтугӯ мекунанд ва дар сатҳҳои гуногуни инкишофи ҷамъиятӣ қарор доранд, ба ҳисоб гирифта шудаанд. Дар Ҳиндустон намояндагони ҳамаи нажоди башар омехта шудаанд. Бинобар ин, дар онҷо дар қатори навъҳои тозаи антропологӣ, гурӯҳҳои гузаранда низ вомехӯранд. Дар маҷмӯъ, набояд дар бораи халқи ҳиндӣ ҳарф зад,балки дар бораи халқҳои Ҳиндустон сухан ронд, ки шабеҳи ҳотамкории рангоранг дар фазои бекарони кишвар мебошад.

Аҳолии европоидии қисмати шимолии кишвар аз аҳолии ҷануби Ҳиндустон, ки ба гурӯҳи нажодӣ дравидии тааллуқ доранд, фарқ мекунад. Дар шимолу шарқ ва ноҳияҳои кӯҳсори Ҳиндустони шимолӣ аксари гурӯҳҳои аҳолӣ ба гурӯҳи муғулӣ тааллуқ доранд ва ё дорои хусусиятҳои муғулӣ мебошанд. Халқҳои калонтарини Ҳиндустон *ҳиндустониҳо* ва *биҳориҳо* ба шумор мераванд. Ҳиндустониҳо ҳавзаи болоӣ ва миёнаи маҷрои дарёи Гангро ишғол намуда, аз гурӯҳҳои хурди бешумори фарҳанг ва рӯзгордориашон ба ҳам наздик иборатанд ва ба забони *ҳиндӣ* гуфтугӯ мекунанд. Биҳориҳо дар ҳавзаи миёнаи маҷрои Ганг маскун буда, аз се гурӯҳи асосӣ иборат мебошанд ва бо забони *биҳорӣ* гуфтугӯ мекунанд. Дар байни халқҳои дравидӣ *телугу* ва *тамилҳоро* метавон зикр намуд. Парокандагии этникии аҳолии Ҳиндустон сабаби асосии паҳншавии босуръат ва ҳукмронии дурударози британиягиҳо гардидааст. Аҳолии Ҳиндустони муосирро асосан деҳотиён ташкил медиҳанд. Дар шаҳрҳо қариб 30% тамоми аҳолии кишвар (ҷадвали 12.) ҷамъ омадаанд, аммо Ҳиндустон аз рӯи шумораи аҳолии шаҳрнишин дар ҷаҳон баъд аз Хитой ҷои дуюмро ишғол менамояд.

**Шумораи агломератсияҳои Ҳиндустон, ки беш аз 1 млн. нафар сокин доранд**

**Ҷадвали 12.**

| № т/р | Агломерация | Шумораи одамон ҳаз. нафар | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | **1950 с.** | **1960с.** | **1970с.** | **1980с.** | **1990с.** | **2000с.** | **2010с.** |
| 1 | Агра | 368 | 499 | 624 | 739 | 933 | 1167 | 1476 |
| 2 | Ахмадобод | 859 | 1181 | 1695 | 2484 | 3255 | 4154 | 5232 |
| 3 | Асансол | 91 | 162 | 235 | 356 | 728 | 1423 | 2122 |
| 4 | Банглор | 764 | 1173 | 1616 | 2812 | 4036 | 5554 | 7173 |
| 5 | Мумбай | 2901 | 4060 | 5812 | 8067 | 12246 | 18042 | 23653 |
| 6 | Бхопал | 97 | 212 | 370 | 646 | 1031 | 1574 | 2138 |
| 7 | Вадовара | 207 | 289 | 452 | 772 | 1096 | 1606 | 2148 |
| 8 | Варанаси | 348 | 480 | 597 | 783 | 1031 | 1574 | 1639 |
| 9 | Вичаявала | 157 | 225 | 334 | 527 | 821 | 1236 | 1673 |
| 10 | Вишанхаптнам | 104 | 176 | 345 | 583 | 1018 | 1702 | 2389 |
| 11 | Гвалияр | 1122 | 1243 | 1749 | 2487 | 4193 | 6833 | 9382 |
| 12 | Дели | 1391 | 2283 | 3531 | 5559 | 8207 | 11680 | 15175 |

| | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 13 | Ҷайпур | 285 | 395 | 616 | 984 | 1478 | 2143 | 2846 |
| 14 | Индор | 306 | 389 | 547 | 808 | 1088 | 1427 | 1823 |
| 15 | Калкутта | 4446 | 550 | 6912 | 9030 | 10890 | 1290 | 15640 |
| 16 | Канпур | 691 | 951 | 1250 | 1612 | 2001 | 2447 | 3047 |
| 17 | Коимбатур | 265 | 417 | 707 | 907 | 1088 | 1290 | 1598 |
| 18 | Кочин | 187 | 303 | 428 | 666 | 1103 | 1757 | 2426 |
| 19 | Лакхнав | 488 | 644 | 801 | 993 | 614 | 2565 | 3520 |
| 20 | Лудхияна | 149 | 237 | 387 | 590 | 1006 | 1652 | 2305 |
| 21 | Ченаи (Мадрас) | 1397 | 1706 | 3030 | 4203 | 5338 | 6639 | 8246 |
| 22 | Мадурай | 358 | 420 | 685 | 893 | 1073 | 1273 | 1577 |
| 23 | Меттур | 230 | 280 | 361 | 523 | 824 | 1259 | 1713 |
| 24 | Нагпур | 474 | 674 | 910 | 1273 | 1637 | 2060 | 2596 |
| 25 | Патна | 279 | 359 | 480 | 881 | 1087 | 1289 | 1597 |
| 26 | Пуна | 592 | 727 | 1099 | 1642 | 2430 | 3485 | 4591 |
| 27 | Сурат | 219 | 283 | 474 | 877 | 1469 | 2341 | 3219 |
| 28 | Тируванантапурм | 192 | 294 | 400 | 512 | 801 | 1227 | 1672 |
| 29 | Улхаснагар | 79 | 106 | 360 | 628 | 1031 | 1628 | 2238 |
| 30 | Ҳайдаробод | 1122 | 1243 | 1749 | 2487 | 4193 | 6833 | 9382 |

Манзараи бисёре аз шаҳрҳои Ҳиндустон ҳанӯз дар замони мустамликавӣ шакл гирифтаанд. Барои онҳо омехташавии ду қисмат – кӯҳна ва нав хос аст. Қисмати кӯҳна одатан шаҳри ба худ хоси шарқӣ бо иморатҳои зич ва фаъолияти тиҷоратӣ дар бозорҳои серодам аст, қисмати нав – «шаҳри европоӣ» бо маҳаллаҳои аз рӯи нақша сохташуда мебошад, ки вазифаҳои идорӣ ва маъмуриро адо менамоянд.

Ҳиндустон мамлакатест бо *муҳоҷирати* қадима ва аз рӯи андоза бузург. Ҳиндуҳоро дар бисёре аз мамлакатҳои дунё дидан мумкин аст. Диаспораҳои калони ҳиндуҳо дар кишварҳои бо Ҳиндустон ҳамсоя, ҳамчунин дар Африкаи Ҷанубӣ ва Шарқӣ, минтақаи Лотину Кариб, Океания ва Британияи Кабир кору зиндагӣ менамоянд.

Забони расмии Ҳиндустон *ҳиндӣ* мебошад, ба ин сифат забони *англисиро* ҳам истифода мекунанд. Дар коргузории давлатӣ расман боз аз бист забони асосии минтақавӣ кор мегиранд.

Нақши дин дар ҳаёти ҷамъиятӣ ва дар рӯзгордорӣ то ҳанӯз бузург мебошад. Зиёда аз 80% аҳолии Ҳиндустон пайравони *ҳиндуия* мебошанд, ки дар тафаккур ва ҷаҳонбинии ҳиндиён амиқ ҷой гирифтааст. Ҳиндуия на танҳо дин, балки системаи иҷтимоию ҳуқуқӣ низ мебошад, ки ба воқеияти мавҷуда мутобиқ гардонида шудааст. Махсусияти асосӣ ва устувори рӯзгори ҳиндиён тақсимоти онҳо ба гурӯҳҳои меросӣ мебошад, ки *каста* ном дорад.

Дар ҳоли ҳозир сохти кастаӣ таърих ҳисобида мешавад, аммо бисёрии ҳиндуён дастурҳои асосии кастаӣ – меросӣ будани касбу кор ва ақди никоҳ бастанро риоя менамоянд. Ҷои дуюмро пас аз ҳиндуия *ислом* мегирад. Пайравони ин дин махсусан дар шарқи кишвар, дар Ҷамму ва Кашмир хеле тавоннуфузанд (расми 7). Гурӯҳи сеюми калони мазҳабӣ *масеҳиён* мебошанд (тақрибан 2,5% аҳолӣ). Дар замони ҳозира аз нисф зиёди масеҳиёни Ҳиндустон дар ҷануби кишвар (пеш аз ҳама дар штати Керала ва ҳамчунин дар ноҳияю шаҳри Ченнаӣ) зиндагӣ мекунанд. *Сикхҳизм* низ мақоми дини мустақилро дорад. Сикхҳо 2 дарсади аҳолии Ҳиндустонро ташкил дода, аксаран дар Панҷоб зиндагӣ доранд. Дар Ҳиндустон ҳамчунин чандин миллион *буддоиҳо* ва *ҷайнистҳо* сукунат доранд. *Зардуштиён* ва пайравони эътиқодҳои қавмии маҳаллӣ гурӯҳҳои хурдро ташкил медиҳанд.

**Расми 7. Тақсимоти маъмурӣ – марзӣ ( иолотҳо ва марзҳои иттифоқи) ва музофотҳои иқтисодии Ҳиндустон**




*Иолотҳо: Ҷамму ва Кашмир, 2 – Химачал-Прадеш, 3 – Пандҷоб, 4 – Харяна, 5 – Уттар-Прадеш, 6 – Раҷастхан, 7 – Гуҷарат, 8 – Мадҳя-Прадеш, 9 – Махараштра, 10 – Картнатака, 11 – Керала, 12 – Тамилнад, 13 – Андхра-Прадеш, 14 – Орисса, 15 – Бихар, 16 – Банголи Ғарбӣ, 17 – Сикким, 18 – Ассам, 19 – Нагаленд, 20 – Манипур, 21 – Мегхалая, 22 – Трипура. Марзҳои иттифоқӣ, 23 – Мизорам, 24 – Аруначал-Прадеш, 25 – Чандигарх, 26 – Дели, 27 – Гоа, Диу, Даман, 28 – Дарда ва Нагар-Хавели, 29 –*

*Лакшадвип, 30 – Пондичерри. Музофотҳои иқтисодӣ: I – Шимолӣ, II – Шимолу Ғарб. III – Шарқ, IV – Шимолу Шарқ, V – Марказ, VI – Ғарб, VII – Ҷануб,*

Таркиби мураккаби миллӣ ва мазҳабии аҳолии Ҳиндустон ба вазъияти сиёсии дохили кишвар таъсири калон мерасонад. Ихтилофҳои дар ин замина бавуҷудоянда дар аксари маврид бо хунрезӣ дар байни ҷамоаҳои миллию мазҳабӣ анҷом мёбанд. Ин пеш аз ҳама ба муносибатҳои ҳиндиҳо ва мусулмонон ва ҳиндиҳою сикхҳо дахл дорад.

**Давлат.** Ҳиндустон аз 15 августи соли 1947 давлати мустақил мебошад. Дар он вақт он мақоми доминианро ба даст оварда буд (худидора дар ҳайати империяи Британия) ва бо ин ҳолат то соли 1950 давом дошт. 26 ноябри соли 1950 кишвар Ҷумҳурӣ эълон карда шуд. Ҳамзамон Ҳиндустон ҳамчун узви Иттиҳоде, ки Британияи Кабир сарварӣ мекард, боқӣ монд.

Ҷумҳурии Ҳиндустон давлати федеративӣ мебошад. Тибқи Сарқонуни кишвар он «иттиҳоди штатҳо» мебошад, ки ҳуқуқи озодона аз он баромаданро надоранд. Штатҳои Ҳиндустон воҳидҳои асосии маъмурию ҳудудӣ ба ҳисоб мераванд. Штатҳо дар заминаи умумияти забонӣ ташкил карда шудаанд.

Тақсимоти маъмурию ҳудудии Ҳиндустон батадриҷ сурат гирифтааст. Дар замони ҳукмронии британиягиҳо ҳудуди кишвар аз ду қисмат иборат буд. Қисмати якумро мулкҳои мустақим ва ё музофотҳои Англия ташкил медоданд, ки Ҳиндустони британиягӣ номида мешуд. Онҳо қисматҳои наздибаҳрии Ҳиндустон ва водии Гангро ишғол менамуданд. Дар онҷо марказҳои такягоҳии англисҳо – Бомбай, Калкутта ва Мадрас ҷой гирифта буданд.

Қисмати дуюмро садҳо князигарии вассалӣ ташкил медоданд, ки аз тарафи *роҷаҳо* (роҷа – мақоми князӣ дар Ҳиндустони асримиёнагӣ ва имрӯза; дар Ҳиндустони қадим – шоҳ) дар зери назорати англисҳо идора карда мешуданд. Ин қисмат Ҳиндустони маҳаллӣ номида шуда, сеяки ҳудуди кишварро ишғол менамуд ва чоряки аҳолии Ҳиндустонро дарбар мегирифт.

Баъд аз эълони истиқлолият дар соли 1947 воҳиди асосии маъмурию ҳудудии Ҳиндустон иолот ба ҳисоб меравад. 27 иолот ташкил карда шуд, ки ба гурӯҳҳои «А», «Б», «С», «Д» тақсим мешуд. Гурӯҳи якумро музофотҳои собиқи Британия дар зери роҳбарии губернаторҳо ташкил медод, гурӯҳи дум аз князигариҳои собиқ ва муттаҳиддини онҳо, ки роҷаҳо роҳбарӣ мекарданд, иборат буд. Роҷаҳо аз байни мардум интихоб ва аз тарафи президент тасдиқ карда мешуданд. Ба гурӯҳи сеюм иолотҳои ба ном комиссарӣ дохил мешуданд, ки аз князигариҳои хурд ташкил ёфта, аз тарафи комиссарҳо ё лейтенант-губернаторҳо идора карда мешуданд. Гурӯҳи «Д»-ро ҷазираҳои Андаман ва Никобар ташкил медоданд.

Давраи минбаъдаи ташкилии маъмурию ҳудудии Ҳиндустон соли 1956 шурӯъ шуд. Тақсимоти штатҳо ба категорияҳо мансух эълон гардид, сарҳадҳои онҳо, махсусан дар Ҳиндустони Ҷанубӣ, тағйироти чашмрас пазируфт. Дар ин давра иолотҳо аз рӯи усули ягонагии лингвистӣ (миллӣ) ташкилшуда ба вуҷуд омаданд. Ҳамзамон мақоми як қатор ҳудудҳои иттифоқӣ, ки аз тарафи президенти кишвар идора карда мешуданд, мушаххас гардид.

Давраи навбатии ислоҳоти маъмурӣ бо нигаҳдошти сохтори миллӣ хурд кардани штатҳои аз рӯи масоҳат калонро дар назар дошт. Бисёре аз ҳудудҳои иттифоқӣ ба иолот табдил дода шуданд. Дар маҷмӯъ, чораҳои андешидашуда ба раванди муттаҳидшавии ҳамаи халқҳои Ҳиндустон мусоидат намуданд.

Ҳиндустони имрӯза дорои 28 иолот ва 27 ҳудуди иттифоқӣ мебошад. Сарҳадҳои иолотҳо одатан бо сарҳадҳои ҷойгиршавии халқҳои Ҳиндустон мувофиқат мекунанд ва дар ҳар як иолот миллати асосӣ мақоми хос дорад (ҷадвали

13). Иолотҳо ва баъзе ҳудудҳои иттифоқӣ ба *округҳо* тақсим мешаванд, ки миқдори умумиашон ба садҳо воҳид мерасад.

***Ҷадвали 13.***

**Халқиятҳои калони Ҳиндустон ва ҷойгиршавии онҳо дар иолотҳо.**

| Халқиятҳо | Иолотҳо |
|---|---|
| Ҳиндустониҳо | Уттар – Прадеш, Мадхя – Прадеш, Харяна |
| Бихарҳо | Бихар |
| Банголаҳо | Банголаи Ғарбӣ |
| Телугу (андхра) - ҳо | Андхра – Прадеш |
| Маратхиҳо | Махараштра |
| Тамилиҳо | Тамилнад |
| Гуҷаратҳо | Гуҷарат |
| Каннараҳо | Картнатака |
| Малаялиҳо | Керала |
| Орияҳо | Орисса |
| Панҷабҳо | Панҷоб |
| Раҷастханиҳо | Раҷастхон |
| Ассамиҳо | Ассам |

Ҳар як иолотҳо маҷлиси қонунгузори интихобӣ ва хукумати худро дорад. Сарвари ҳукумати иҷроия дар иолот губернатор мебошад, ки аз тарафи президенти кишвар идора карда мешавад. Идораи ҳудудҳои иттифоқӣ, ки ба онҳо пойтахт Деҳлӣ, ҳудуди мулкҳои собиқи фаронсавӣ Путтучерӣ (Пондишерӣ), мустамликаҳои португалии Даман, Диу ва баъзеи дигар дохил мешаванд, бевосита аз тарафи ҳукумати марказӣ идора карда мешаванд.

Сардори давлат президент мебошад. Мақоми олии қонунгузории кишвар парламент мебошад, ки аз Шӯрои иолотҳо ва Палатаи мардумӣ иборат аст. Ҳукумати олии иҷроия аз тарафи ҳукумат бо роҳбарии сарвазир, ки пешвои ҳизби роҳбарикунандаи кишвар мебошад, амалӣ карда мешавад.

**Иқтисодиёт.** Дар солҳои истиқлолият кишвар тавонист пешрафти иқтисодӣ ва фаъолияти давлатро дар тараққӣ додани хоҷагидорӣ васеъ намояд.

Аз рӯи миқдори истеҳсоли маҳсулот Ҳиндустони имрӯза дар қатори давлатҳои пешрафтаи ҷаҳон ҷой дорад ( аммо аз рӯи нишондиҳандаҳо ба ҳар сари аҳолӣ дар яке аз ҷойҳои охирин меистад). Иқтисодиёти кишвар *бисёрсоҳавӣ* ба ҳисоб меравад. Унсурҳои хоҷагидории натуралӣ ҳам ба назар мерасанд. Корхонаҳои калони капиталистии навъи монополӣ мавҷуданд. Дар бисёр соҳаҳо (энергетика, металлургия, мошинсозӣ, саноати химия, хоҷагиҳои ирригатсионӣ, нақлиёт, алоқа), ҳамчунин дар бахши бонкдорӣ ва савдои хориҷӣ бахши давлатӣ нақши асосиро мебозад. Дар Ҳиндустони уклади асосиро давлатӣ-капиталистӣ мебошад. Дар асл хусусияти бисёрукладии иқтисодиёт дар якҷоягии хоҷагидории ақибмонда бо комёбиҳои навтарини илму техника зоҳир мегардад.

**Саноати** Ҳиндустон тақрибан сеяки маҷмӯъи маҳсулоти дохилии кишварро ташкил ташкил медиҳад. Дар сохтори индустрия саҳми соҳаҳои саноати сабук ва хӯрокворӣ калон аст. Ҳиндустон аз қадимулайём бо истеҳсоли матоъҳои пахтагӣ, пашмӣ, шоҳӣ ва қолинҳо маълуму машҳур аст.Махсусан саноати бофандагӣ дар нимаи дуюми асри бист барои рушди индустрияи вазнин такон бахшид. Нақши асосиро дар ин раванд бахши давлатӣ бозид, ки дар айни замон 40 дарсади истеҳсоли

тамоми маҳсулоти саноатиро таъмин менамояд. Дар рушди бахши давлатии саноати Ҳиндустон собиқ ИҶШС ва дигар кишварҳо ёрии калон расониданд.

Соҳаҳои асосии саноати сӯзишвориро истеҳсол ва коркарди ангишсанг ва нафт ташкил медиҳанд. Ангиштсанг дар ҳаёти хоҷагидории кишвар аҳамияти бештаре дорад. Зиёда аз 2/3 тавлидоти энергия дар кишвар ва истеҳсоли солонаи ангиштсанг (тақрибан 300 миллион тонна) бар дӯши он аст. Ҳиндустон ба қабили давлатҳои пешрафта дохил гардидааст. Ҳиссаи нафт чоряки мувозинаи энергетикиро ташкил медиҳад. Ҳар сол заёда аз 30 миллион тонна нафт истеҳсол ва миқдори зиёди он ба хориҷа содир карда мешавад.

Асоси *электроэнергияи* Ҳиндустонро нерӯгоҳҳои барқи ҳарорати ташкил медиҳанд. Нерӯгоҳҳои барқи обӣ низ аҳамияти бузург доранд. Онҳо дар таркиби маҷмааҳои гидротехникӣ, ки нерӯгоҳҳо ва иншооти обёриро дарбар мегиранд, сохта мешаванд. Ҳиндустон дар миёни давлатҳои рӯ ба рушд яке аз аввалинҳост, ки ба сохтани нерӯгоҳҳои барқии атомӣ даст задаанд. Дар ҳоли ҳозир дар Ҳиндустон НБА-ҳо кор карда истодаанд. Бо ҳамкории Россия нерӯгоҳи навбатии атомиро дар иолоти Тамилнад сохта истодаанд.

Саноати металлургия, ки манбаъҳои фаровони ашёи хом дорад, ба дастовардҳои калон ноил гардидааст. Дар мамлакат пӯлод, алюминий, мис ва баъзе металлҳои дигар дар ҳаҷмҳои калон гудохта мешаванд. Марказҳои калони металлургӣ дар Ҳиндустони Шимолу Шарқӣ ва Марказӣ ҷойгир шудаанд.

Суръати баланди рушд ба *мошинсозӣ* ҳам хос аст. Ҳиндустон дастгоҳҳо, таҷҳизоти энергетикӣ, киштиҳо, самолётҳо, автомошинаҳо ва дигар навъи воситаҳои нақлиёт, техникаи кайҳонӣ ва ҳарбӣ, электроника истеҳсол мекунанд. Технологияи олӣ босуръат рушд мекунад. Дар наздикии Мумбай (Бомбай) яке аз пуриқтидортарин маҷмааҳои компютерӣ дар ҷаҳон фаъолият мекунад. Дар Ҳайдаробод ва Бангалор истеҳсоли электроника ба роҳ монда шуда, маркази таҳқиқоти кайҳонии миқёси ҷаҳонӣ амал менамояд.

Дар Ҳиндустон саноати химияви низ поягузорӣ шудааст. Истеҳсоли нуриҳои минералӣ, молҳои рӯзгор, доруворӣ аз рустаниҳо ба роҳ монда шудаанд. Дар заминаи маҷмааҳои нафту химия истеҳсоли пластмасс, нахи химиявӣ, каучуки синтетикӣ босуръат идома дорад.

Саноати сабук ва хӯрокворӣ ҳам тараққӣ мекунад. Аз рӯи истеҳсоли матоъҳои пахтагӣ Ҳиндустон дар ҷаҳон дар ҷои дуюм қарор дорад, аз рӯи истеҳсоли ҷут ва маҳсулоти он ҷои аввалро ишғол менамояд. Мумбай ва Аҳмадобод (саноати химия), Колката (саноати ҷут) марказҳои бофандагии Ҳиндустон ба шумор меравaнд. Истеҳсоли чой ҳам, ки дар Колкута таҷаммӯъ ёфтааст, дар ҷаҳон маълуму машҳур мебошад.

Дар сохтори истеҳсолот ҷои намоёнро ҳунарҳои косибӣ ва саноати хонагӣ ҳифз менамоянд. Ҳунарҳои анъанавӣ ҳам ривоҷи васеъ доранд.

**Хоҷагии кишоварзӣ.** Қариб 60 дарсади аҳолии фаъоли Ҳиндустон дар соҳаи кишоварзӣ кор мекунанд. Дар он чоряки маҷмӯъи маҳсулоти дохили тавлид карда мешавао. Дар Ҳиндустон соҳибмулки замин давлат мебошад ва аз заминдорон андоз меситонад. Заминдорони калону миёна одатан заминро ба иҷоракорон медиҳанд, ки онҳоро ба қитъаҳои хурд тақсим намуда, бо салоҳдиди худ истифода мебаранд. Заминдорони хурд заминҳо худро асосан худашон истифода мебаранд ва баъзан ба иҷоракорон ҳам медиҳанд. Ҳамин тавр, дар Ҳиндустон хоҷагиҳои хурди деҳқонӣ ва миқдори бешумори деҳқонони безамин афзалият доранд.

Баъд аз ба даст овардани истиқлолият дар кишвар ба ном «инқилоби сабз» роҳандозӣ шуд. Дар натиҷа ҳосили умумии зироатҳои хӯрокӣ зиёд шуд ва имкон дод аз воридоти ғалладонаи қимати хориҷӣ даст кашида шавад. Ҳамзамон чунин тарзи худтаъминкунӣ дар шароити ниҳоят паст будани сатҳи истеъмоли ғалладона ва

дигар навъҳои хурокворӣ ба сари аҳолӣ ҳифз карда мешавад. Аксарияти аҳолии Ҳиндустон мисли пештара дар ҳолати камбизоати ним гуруснаги ва гуруснагии доимӣ умр ба сар мебаранд.

Шароити табиӣ дар маҷмӯъ барои тараққии кишоварзӣ мусоидат менамояд. Барои бисёре аз ноҳияҳои кишоварзӣ фаровонии гармӣ хос аст (ҷамъи ҳарорати фаъол дар як сол 4 000 – 8 000 $^{0}$C –ро ташкил медиҳад), вале барои ба даст овардани ҳосили фаровон серборишӣ ва ё обёрии сунъӣ зарурат дорад. Бинобар ин, дар Ҳиндустон системаи ирригатсионии боҳашамат бунёд карда шудаанд, ки каналҳои обёрикунанда, чоҳҳо, обанборҳоро дарбар мегирад.Онҳо 2/5 ҳамаи заминҳои обёришавандаро таъмин менамоянд. Аз рӯи масоҳати заминҳои обёришаванда Ҳиндустон Аз Хитой каме ақиб мемонад.

Соҳаи тараққикардаи кишоварзии Ҳиндустон рустанипарварӣ мебошад, ки ҳаҷми асосии арзиши маҳсулоти аграрӣ ба он рост меояд. Зиёда аз нисфи ҳудуди кишварро заминҳои шудгор ташкил медиҳанд. Аз рӯи масоҳати заминҳои кишт Ҳиндустон дар ҷаҳон баъд аз ИМА дар ҷои дуюи қарор дорад. Дар Ҳиндустон ду мавсими кишоварзвӣ вуҷуд дорад: тобистона (хариф) ва зимистона (рабӣ). Дар мавсими тобистона киштукор дар охири моҳи май – аввали моҳи июн ва ҷамъоварии ҳосил дар сентябр – ноябр гузаронида мешавад. Мавсими зимистона аз октябр-ноябр шурӯъ шуда, дар моҳҳои март-апрел ба охир мерасад. Ҳиссаи асосии ҳосил ба мавсими тогбистона, ки муссонҳо боришро таъмин менамоянд, рост меояд. 80 дарсади заминҳои киштро зироатҳои хӯрокворӣ ишғол менамоянд, ки муҳимтарини онҳо шолӣ (нисфи ҳосили ғалладона) ва гандум (сеяки ҳосили ғалладона) мебошанд. Аз дигар зироатҳои ғалладонагӣ арзан ва ҷуворимаккаро зикр намудан салоҳ аст.

Зироатҳои техникӣ аҳамияти калони иқтисодӣ доранд. Муҳимтарини онҳо пахта, ҷут, буттаи чой, найшакар ва ғ. мебошанд. Ҳамчунин тамоку, ҳомилони каучук, дарахти қаҳва, норҷил, банан, ананас, манго ва зироатҳои ситрусӣ аҳамияти муҳим доранд. Гулпарварӣ фаъолона рушд мекунад.

**Чорводорӣ** соҳаи дуюмдараҷаи кишоварзӣ ба шумор меравад. Бо сабаби кам будани заминаи ему хошок маҳсули он хеле паст мебошад. Инчунин, анъанаҳои пойдори динӣ истеъмоли гӯшти говро иҷозат намедиҳанд. Маҳсули соҳаи чорводорӣ фақат пӯсту чарм мебошад.

Ҳудуди Ҳиндустонро ба се ноҳияи асосии кишоварзӣ тақсим кардаанд. Ноҳияи якум, бо бартарияти киштзорони гандум, штатҳои шимолии Панҷоб, Харян, Уттар-Прадешро дарбар мегирад. Дар ҳудуди на он қадар калони Панҷоб 40 дарсади ҷамъоварии умумиҳиндустонии гандум рост меояд. Дар ин ноҳия ғайр аз гандум, инчунин шолӣ, арзан, пахта, растаниҳои равғанӣ, найшакар киштукор карда мешавад.

Ноҳияи дуюм, бо бартарияти киштзорони шолӣ, нисбат ба ноҳияи гандумкорӣ масоҳати калонро ишғол намуда, водии Ганг ва Браҳмапутра, қисмати шарқии пуштакӯҳи Декан, ҳамчунин соҳилҳои Коромандело ва Малабарро дарбар мегирад. Ядрои ноҳияро штатҳои Банғолаи Ғарбӣ, Биҳор, Орриса ва қисмати ҷанубу шарқии Уттар-Прадеш ташкил медиҳад. Шоликорӣ дар инҷо ба анъана табдил ёфтааст, найшакар, ҷут, арзан, растаниҳои равғанӣ ва гандум низ киштукор карда мешавад.

Ноҳияи сеюми кишоварзӣ қисмати асосии пуштакӯҳи Деканро фаро мегирад. Он ягон махсусият надорад. Аз зироатҳои ғалладонагӣ арзан зиёдтар кишт карда мешавад, шолӣ, гандум, ҷуворимакка ва аз зироатҳои техникӣ пахта парвариш мекунанд. Сатҳи умумии рушди соҳа дар инҷо хеле паст аст.

Ғайр аз ноҳияҳои асосии кишоварзӣ боз чандин ҳудуди махсусгардонидашудаи аграрӣ мавҷуданд. Ба онҳо поёноби Ганг дар Банғолаи Ғарбӣ дохил мешавад, ки парвариши ҷут дар ҷои аввал меистад. Водии Ассом ҳам дар шимолу шарқи кишвар аз ҷумлаи чунин ҳудудҳост, ки калонтарин ноҳияи

истеҳсолкунандаи чой дар ҷаҳон маҳсуб меёбад. Соҳили Малабар содиркунандаи норҷил, каланфури сиёҳ ва дорувор мебошад. Умуман дар ин ҳудудҳо хоҷагидории плантатсионӣ афзалият дорад.

**Нақлиёт ва алоқаҳои берунии иқтисодии** Ҳиндустонро мавҷудияти тамоми навъи коммуникатсия тавсиф мекунад. Дар боркашонии дохилӣ нақлиёти роҳи оҳан пешқадам аст. Самтҳои асосии роҳи оҳан аз водии Ганг, қад-қади соҳилҳо мегузаранд ва нимҷазираи Ҳиндустонро мебуранд. Махсусан хатти роҳи оҳани Мумбай – Нагпур – Колката муҳим мебошад. Ҳолати техникии роҳҳои оҳоан на он қадар хуб аст. Дар боркашонии дохилӣ ҷои дуюмро нақлиёти автомобилӣ ишғол менамояд. Дар Ҳиндустон зиёда аз 1,3 миллион км роҳҳои автомобилгард мавҷуданд, ки тамоми шаҳрҳои калонро ба якдигар мепайванданд. Дар баъзе шаҳрҳо (ҳатто дар шаҳрҳои калонтарин) корҳои интиқоли борро рикшаҳо (аробаҳо) ва велорикшаҳо (аробасечархаҳо) анҷом медиҳанд. Нақлиёти баҳрӣ асосан ба интиқоли борҳои савдои беруна машғул аст. Дар деҳот арроба то ҳол аҳамияти худро гумм накардааст. Нақлиёти ҳавоӣ ҳам борҳои дохилӣ ва ҳам борҳои беруниро мекашонад6 вале асосан ба мусофиркашон машғул мебошад.

Ҳиндустон асосан молҳои кишоварзӣ ва ашёи хоми саноатӣ, сангҳои қиматбаҳо ва маҳсулоти заргарӣ, матоъ, ҳамчунин маҳсулоти металлӣ ва навъҳои алоҳидаи таҷҳизоти саноатӣ, дорувор содир мекунад. Яке аз соҳаҳои даромадноки содироти Ҳиндустон ин таъмин намудани бозори ҷаҳонӣ бо барномаҳои аълосифати компютерӣ ба шумор меравад. Дар воридот ҷои аввалро мошинҳо ва таҷҳизот, ҳомилони энергия, маҳсулоти таъиноти ҳарбӣ мегирад. Калонтарин шарикони тиҷоратии Ҳиндустон ИМА, Япония, Германия, Британияи Кабир, Руссия мебошанд.

**Тафовути дохилӣ ва сиёсати музофотӣ**. Таърихан дар Ҳиндустон се маркази асосии рушди иқтисодиёт мавҷуд аст, ки ҳамзамон дарвозаҳои баҳрии он низ ҳисобида мешаванд, Инҳо *Мумбай, Колката*, ва *Ченнай* мебошанд. Онҳо ҳамчун манбаъи ба ҳудудҳои атроф паҳнкунандаи муносибатҳои ҳозиразамони иқтисодӣ шинохта шудаанд. Ҳанӯз дар замонҳои мустамликавӣ аз ин шаҳрҳо ба ноҳияҳои дохили мамлакат хатҳои ба ном вурудӣ – роҳҳои оҳан сохта шуда буданд. Ва ҳамин тавр, қолиби ибтидоии сохтори ҳудудии хоҷагидории Ҳиндустон ташаккул ёфт. Дар замони ҳозира *Деҳлӣ* – пойтахти мамлакат ба чорумин маркази умумимиллии иқтисодӣ табдил ёфтааст. Рушди босуръати шаҳр яке аз омилҳои муайянкунандаи ташаккули иқтисодиёти Ҳиндустони мустақил мебошад. Дар натиҷаи ин қолиби сохтори ҳудудии хоҷагидорӣ шакли ромби бузургро гирифтааст, ки қуллаҳояш шаҳрҳои Деҳлӣ, Колката, Ченнай, Мумбай мебошанд. Хатҳои пайвасткунандаи ин шаҳрҳо ва диагонали арзии ромб ба «масоҳатҳои кашидашудаи навормонанд» табдил ёфтаанд, ки дорои шароити хеле муносиби рушд мебошанд. Ин масоҳатҳо номи «даҳлезҳои рушд»-ро гирифтаанд.

«Даҳлези рушд»-и Деҳлӣ – Колката бо рушди босуръати Маркази саноатии Деҳлӣ, ки дар таркиби худ ҳамчунин маркази индустриалии Хардвар (корхонаи таҷҳизоти вазнини барқӣ)-ро дорад, фарқ мекунад. Дар қисмати миёнаи «даҳлез» вазифаи такягоҳро маҷмааи сӯзишворию энергетики Риханд-Сингураулӣ (истихроҷи ангиштсанг, электроэнергетика) бар дӯш дорад. Қисмати ҷанубӣ истеҳсолоти энергетикию металлургӣ ва корхонаҳои саноати коркардро дарбар мегирад (Бараунӣ, Бокаро, Дургапур).

«Даҳлези рушд»-и Колката – Ченнай аз маркази нави индустриалии Вишакхапатнам иборат аст. Дар инҷо корхонаи коркарди нафт, корхонаи нуриҳои минералӣ, корхонаи киштисозӣ ҷойгир шудаанд. Бо гузашти вақт ядрои саноатии марказ ягона комбинати металлургӣ дар Ҳиндустон гардид, ки дар бандари баҳрӣ ҷойгир шудааст. «Даҳлезҳои» Ченнай – Мумбай ва Мумбай - Деҳлӣ сатҳи пасти рушд

доранд. Онҳо дорои корхонаҳои коркарди нафт ва мошинсозӣ дар Кой-ялӣ, Матхурӣ ва Кота мебошанд.

«Даҳлези рушд»-и Мумбай – Колката то гузаштаи начандон дур аз ҳама назарногир ба шумор мерафт, аммо дар даҳсолаи охир хеле ояндадор гардид. Махсусан қисмати шарқии «даҳлез», ки бахши аз нигоҳи канданиҳои фоиданок бойтарини Ҳиндустонро бурида мегузарад, хеле фаъол рушд мекунад. Ҳанӯз дар аввали асри XX дар инҷо, дар Ҷамшедпур нахустин корхонаи металлургии Ҳиндустон сохта шуда буд, ки рушди соҳаи мошинсозии вазнинро таъмин менамуд. Баъдан, дар нимаи дуюми садаи бист дар инҷо ду комбинати металлургӣ – дар Роуркела (бо ҳамкории Германия  сохта шудааст) ва дар Бҳилай (бо ҳамкории собиқ ИҶШС сохта шудааст) арзи вуҷуд намуданд. Дар шимоли Бҳилай комбинати алюминийи Корба қомат афрохт. Дар заминаи ин марказҳои металлургӣ корхонаи мошинсозии вазнин дар Ранчӣ пайдо шуд (вобаста ба комбинати металлургии Бокаро).

Хулоса, «даҳлезҳои рушд»-ро бояд ҳамчун тамоили пешбарандаи ташаккули сохтори муосири ҳудудии хоҷагидории Ҳиндустон баррасӣ намуд.

Дар байни кишварҳои мустамликавӣ  ва номустақил Ҳиндустон таҷрибаи аз ҳама зиёди банақшагирии музофотӣ ва дар маҷмӯъ сиёсати музофотиро дорад. Нисбат ба ҶХХ, ки  қувваи ҳаракатдиҳандаи рушди музофотӣ дар асри XX асосан бахши давлатии сотсиалистӣ буд (қувваҳои ҳаракатдиҳандаи камаҳамият, ба мисли ҳаракати кооперативӣ, ба ҳисоб гирифта намешуд, чароки таъсири онҳо фақат дар микросатҳҳо ба мушоҳида мерасид.). Дар Ҳиндустон ин вазифаро то ин ё он ҳад сармояи миллӣ ва хориҷӣ иҷро мекарданд. Табиист, ки ҳар се қувва ҳавасмандкунии худро доранд, вале вазифаи давлат сафарбар намудани тамоми захираҳо ва мақомот барои ҳалли мушкилоти умумимиллӣ мебошад.

Чанде аз вазифаҳои муҳими сиёсати музофотӣ, ки Ҳиндустон дар даҳсолаи охир ҳал карданист, инҳоянд:

- тараққӣ додани ҳудудҳо дар қисматҳои дури кишвар, ки истеҳсолоти кишоварзии кам молистеҳсолкунанда доранд ва боқимондаҳои феодализм барҷоянд;

- ғайримарказӣ кардани марказҳои калонтарини бандарию саноатӣ – Мумбай, Колката ва Ченнай, ки дар гузаштаи начандон дур 3/4 саноати фабрикию корхонаии кишвар ҷамъ омада буд;

- ҷойгир намудани корхонаҳои саноатӣ берун аз ареалҳои метрополитенӣ;

- сохтани «даҳлезҳои рушд»-и дар боло зикршуда – роҳҳои нақлиётӣ аз музофотҳои наздибаҳрӣ ба музофотҳои  марказӣ, ки бисёр навсохтмонҳои саноатиро ба худ ҷазб менамояд ва ғ..

Ҳалқаи асосии рушди минтақавии кишвар – иолотҳо  мебошанд, ки дар солҳои 50-ум аслан аз рӯи усули миллию этникӣ, на аз рӯи махсусиятҳои ҷазби нақлиётию иқтисодӣ, сохта шуда буданд. Иолотҳо, аз як тараф, имкониятҳои васеъ барои рушди нисбатан мустақил доранд; ба салоҳияти онҳо истифодаи захираҳои замин, об, ва ҷангал, амалӣ кардани ислоҳоти аграрӣ, инкишофи саноати миёнаю хурд ва ғайра дохил мешавад. Аз тарафи дигар – дар фаъолияти атрофи этникии музофотӣ тамоюлоти маҳалгароӣ ба мушоҳида мерасад, ки ба автаркия (хоҷагидории инфиродӣ) оварда мерасонад ва ба рушди тамоми кишвар ва қисматҳои алоҳидаи он зарар мерасонад.

Инак, Ҷумҳурии Ҳиндустон яке аз давлатҳои калонтарини Осиё ва тамоми ҷаҳон, кишвари куҳан ва дорои фарҳанги бойи моддӣ ва маънавӣ мебошад. Дар солҳои рушди мустақилона дар рушди иқтисодӣ, илмию техникӣ ва ҳарбӣ ба комёбиҳои калон ноил гардид. Дар системаи муносибатҳои байналхалқӣ ба сифати яке аз қувваҳои пешбаранда ва таъсиргузор шинохта шудааст.

Дар нимаи дуввуми асри XX Ҳиндустон дар бисёр соҳаҳо муваффақ буд. Дар натиҷаи «инқилоби сабз» ҷамъоварии ғалладона бамаротиб афзуд, ки ба шарофати он кишвар аз унвони «қутби ҷаҳонии гуруснагӣ» халос шуд. Ҳиндустон дар ҷаҳон калонтарин кишвари истеҳсолкунандаи *чой, арахис, найшакар, ҷут, дорувор* ва ғ. буда, аз рӯи ҷамъоварии шолӣ дар ҷаҳон ҷои дуюм (баъд аз ҶХХ), тамоку – дар ҷои сеюм ва ғ. қарор дорад. Дар баробари ин, Ҳиндустон давлати аз нигоҳи индустриалӣ рушдкарда аст, ки на танҳо худро бо навъҳои асосии маҳсулоти саноатӣ таъмин менамояд, балки асрори технологияҳои олиро ҳам медонад (Ҳиндустон мисли Покистони ҳамсоя дорои силоҳи ядроӣ мебошад). Марказҳои калонтарини индустриалии Ҳиндустон шаҳрҳои *Ҷамшедпур, Колката, Дургапур Роуркела,Мумбай, Аҳмадобод, Беналуру*, ва ғ. мебошанд.

Комёбиҳои иқтисодӣ ва фарҳанги нодири Ҳиндустон тавони паноҳ нигоҳ доштани мушкилоти доғро надоранд. Мушкилии асосӣ афзоиши босуръат ва назоратнашавандаи аҳолӣ мебошад, ки таҳдиди таркишҳои иҷтимоӣ ва иқтисодиро ҳамроҳ дорад. Шумораи аҳолии Ҳиндустон кайҳост аз 1 миллирд гузаштааст ва торафт зиёд мешавад. Дар ҳар як километри мураббаъи хушкӣ, бо дарбар гирифтани кӯҳҳо, биёбонҳо ва ҷангалзорҳо, қариб 300 нафар одам зиндагӣ мекунад (сад сол пеш 70 нафар зиндагӣ мекард). Ҳар қадар зичии аҳолӣ зиёд бошад, ҳамон қадар сарборӣ ба табиат зиёд мегардад: марғзорон ба заминҳои кишт табдил меёбанд, нишебиҳои кӯҳҳо азхуд карда шуда,ботлоқзорон хушконида мешаванд. Вазъияти экологӣ бад мешавад, *оби нӯшокӣ намерасад*. Бинобар ин, муқаррар намудани назорати пурсамар аз болои афзоиши шумораи аҳолӣ яке аз муҳимтарин вазифаҳо дар назди давлат мебошад.

**Саволҳо ва супоришҳои санҷишӣ**

1. *Тақсимоти колонияҳои Британияи Кабир ба давлатҳои мустақил дар музофот дар асоси кадом усулҳо сурат гирифт?*

2. *Ҳаёҳуи идомаёбандаи демографӣ чӣ хатаре барои Ҳиндустон дорад?*

3. *Чӣ чизе, ғайр аз сарҳади давлатӣ, банголагиҳои Ҳиндустон ва Бангладешро аз якдигар ҷудо нигоҳ медорад?*

4. *Дар аввали соли 2000 дар сохтори ММД Ҳиндустон ҳиссаи саноат 30 дарсад, кишоварзӣ – 31 дарсад ва бахши хизматрасонӣ – 39 дарсадро ташкил медод. Дар сохтори истеҳсолоти саноатӣ таносуби саноати бофандагӣ ва хӯрокворӣ мутаносибан – 17 ва 11 дарсад, нафт ва ангиштсанг – 16 дарсад, металлургияи сиёҳ ва ранга – 14 дарсад, мошинсозӣ -12 дарсадро ташкил медод. Ин маълумотро шарҳ диҳед.*

5. *«Даҳлезҳои рушд» дар Ҳиндустон кадом вазифаеро иҷро мекунанд?*

***Б О Б И 6***

# Осиёи Ҷанубӣ – Шарқӣ

## 6.1 Тавсифи умумии сарзамин

Осиёи Ҷанубӣ – Шарқӣ (ОҶШ) сарзамини васеъи ҷаҳон мебошад, ки дар он 11 давлати мустақил бо масоҳати қариб 4,5 миллион километри мураббаъ ҷойгир шудаанд. Он гӯё дар байни ду макони қадими тамаддун, абарқудратҳои сераҳолӣ (ва ҳоло иқтисодӣ ҳам) – Хитой ва Ҳиндустон воқеъ шудааст. Ин ҳолат бо ин ё он восита ба равандҳои маскуншавӣ, ба азхудкуниҳои иқтисодӣ, ташаккули симои этникӣ, динӣ ва фарҳангии сарзамин таъсиргузор будааст.

Зимнан, ифодаи дар сарлавҳа овардаи «дар байни ду абарқудрат» аслан инъикоси топоними «Ҳиндухитой» мебошад. Сарзамини баррасишаванда бо амри тақдир аз тамаддунҳои қадим дур монда буд, вале баъдан он ба доираи ин

тамаддунҳо кашида шуд. Ба воситаи ҳудуди Ҳиндухитой роҳҳои кӯчиш аз Хитой ва роҳҳои фарҳангӣ аз Ҳиндустон мегузашт.

Маълум аст, ки Индонезия, Филиппин ва дигар мамлакатҳо на Ҳиндухитой, балки Осиёи Ҷанубӣ – Шарқии классикӣ мебошанд. (расми 8). Ба ҳар ҳол, таъсири фарҳангӣ ва иқтисодии он ба ин мамлакатҳо хеле зиёд ба мушоҳида мерасад.

*Расми 8. Мамлакатҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ*




**Мавқеи географӣ, шароит ва захираҳои табиӣ. Сарнзамин** аз ду қисмат иборат аст: *континенталӣ* (нимҷазираи Ҳиндухитой) ва *ҷазираӣ* (ҷазираҳои бешумори архипелаги Малайзия). ОҶШ гӯё қитъаи Авроосиё ва Австралияро ба ҳам «дӯхта», сарҳади ҳавзаҳои уқёнусҳои Ором ва Ҳинд мебошад. Ба воситаи мамлакатҳои сарзамин коммуникатсияҳои муҳимтарини обӣ ва ҳавоӣ мегузаранд. *Гулӯгоҳи Малаккаро* аз ҷиҳати киштиронии баҳрӣ бо каналҳои Гибралтар, Суэтс ва Панама муқоиса кардан мумкин аст.

Доштани мавқеи калидии географӣ дар чорроҳаи роҳҳои муҳимтарини баҳрӣ, захираҳои мухталифи табиӣ, иқлими мусоид – ҳамаи ин европоиҳоро дар давраи мустамликадорӣ мисли оҳанрабо ба худ мекашид. (Фақат Таиланди зоҳиран мустақил, мисли минтақаи буферӣ дар байни Ҳиндустони Британиягӣ ва Ҳиндухитои Фаронсавӣ боқӣ монда буд).

Вазъияти ҳозираи географии мамлакатҳои Осиёи Ҷанубӣ – Шарқӣ аз омилҳои зерин таркиб ёфтааст:

- ҷой гирифтан дар байни марказҳои ҷаҳонии иқтисодӣ ва сиёсӣ – Европаи Ғарбӣ, ИМА, Япония, ки стратегияи глобалии рушд ва тамоилҳои асосии сиёсии сарзаминро муайян менамоянд;

- ҷой гирифтан дар байни Ҳиндустон ва Хитой – ду давлати аз нигоҳи аҳолӣ сернуфуси ҷаҳон, калонтарин давлатҳои иқтисодӣ ва аз ҷиҳати сиёсӣ таъсиргузор;

- ҷо гирифтан дар байни ду уқёнус (Ором ва Ҳинд), ки ба назорати гулӯгоҳҳои пайвасткунанда ва аз нигоҳи стратегӣ муҳим – Малакка ва Зонд имконият фароҳам меоварад.

Дар қисмати нимҷазираии Осиёи Ҷанубӣ – Ғарбӣ силсилакӯҳҳое ҷойгир шудаанд, ки ба шакли бодбезак дар тамоми ҳудуди он паҳн ва аз якдигар бо водиҳои дарёҳо ҷудо шудаанд. Кӯҳҳои шимол ва ғарб нисбат ба кӯҳҳои ҷануб ва шарқ баландтаранд. Кӯҳҳо ноҳияи хушкии минтақаро ба чандин кисмати пароканда ҷудо кардаанд, роҳҳои хушкигарди байни онҳо душворгузар мебошанд. Тамоми галаҷазираҳои Малай ҳам кӯҳсор мебошанд. Дар инҷо вулқонҳои зиёд мавҷуданд, ки баъзеашон амалкунанда мебошанд. (Зиёда аз 80 дарсади тӯфонҳои (сунамӣ) ба қайд гирифташаванда дар уқёнуси Ором, аз ҷумла дар Осиёи Ҷанубӣ – Ғарбӣ ба вуҷуд меоянд. Шарҳи ин одист – аз 400 вулқони дар Замин амалкунанда 330-тои он дар ҳавзаи уқёнуси Ором ҷой гирифтаанд. Дар инҷо 80 дарсади ҳамаи заминҷунбиҳо ба қайд гирифта мешаванд). Фақат дар шарқи Суматра ва соҳилҳои Калимантана пастхамиҳои нисбатан калон мавҷуданд. Ба шарофати зиёдии гармию нами Осиёи Ҷанубӣ - Ғарбӣ дар маҷмӯъ бо гуногунӣ ва фаровонии олами наботот ва ҳайвонот, серҳосилии хок фарқ мекунад.

Иқлими ин сарзамин гарм, субэкваториалӣ ва экваториалӣ бо ҷамъи боришот то 3 000 мм дар як сол мебошад. Сиклонҳои тропикӣ – *тайфунҳои* дорои қувваи азими харобкунанда дар инҷо зуд-зуд меҳмон мешаванд. Дар бораи хатари сейсмикӣ, ки ба аҳолии аксари мамлакатҳо таҳдид менамояд, ҳоҷати гап ҳам нест. Ҳарчанд қисмати калони ОҶШ бо ҷангалҳои сабзу тропикии сернам пӯшонида шудаанд (минтақа аз ҷиҳати захираҳои чӯби навъи тропикӣ баъд аз Бразилия дар ҷаҳон ҷои дуюмро мегирад), Ҳиндухитои дохилиро саваннаҳо пӯшонидаанд. Шабакаи дарёӣ зич буда, дарёҳо (*Меконг, Салуин, Иравадӣ* ва ғ.) пуроб мебошанд.

ОҶШ ҳамчунин бо мавҷудияти захираҳои калони навъҳои муҳимтарини *ашёи хом* ва *сӯзишворӣ* машҳур мебошад. Махсусан захираҳои маъданҳои металҳои ранга: қӯрғошим (аз рӯи захираҳои он миндақа дар ҷаҳон дар ҷаи аввал меистад), никел, мисс, молибден зиёданд. Захираҳои маъданҳои оҳан ва марганетс, хромитҳо низ бузурганд. Конҳои калони нафт ва гази табиӣ, ангиштсанги хокистарранг ва уран мавҷуданд. Навъҳои пурқимати чӯбҳои тропикӣ ва ҷангалҳои экваториалӣ ҳам сарвати табиӣ ба ҳисоб мераванд. Дар маҷмӯъ ОҶШ манбаъи ҷаҳонии ивазнашавандаи бисёре аз захираҳои стратегӣ шинохта шудааст.

Муҳаққиқони географияи табиӣ дар ҳудуди сарзамин ноҳияҳои табиию-географии зеринро зикр менамоянд:

1) *нимҷазираи Ҳиндухитой*, ки канораҳои ҷанубӣ – шарқии қитъаро ташкил дода (Осиёи Ҷанубӣ – Шарқӣ), ҳавзаҳои уқёнусҳои Ҳинд ва Оромро бурида мегузаранд. Дар инҷо саддҳои орографии арзӣ вуҷуд надоранд, бинобар ин дар шимоли Ҳиндухитой «нафас»-и ҳавои гарми континенталӣ ҳис карда мешавад. Миқдори асосии намиро муссонҳои экваториалӣ меоваранд;

2) *архипелаги Малайзия*, ки ба Индонезия шабоҳат дошта, ҷазираҳои Калон ва Хурди Зонд, Молук ва ҷазираи Серамро дарбар мегирад. Ноҳия бо махсусиятҳои калони табиии худ фарқ мекунад. Ҷойгиршавии наздиэкваториалӣ ва ҷазираии он ҳукмронии ҳавои экваториалӣ ва баҳрии тропикӣ, ҳарорати якхела, намнокии ҳамешагии баланд ва боришоти зиёдро дар ҳудуди он таъмин менамояд;

3) *Ҷазираҳои Филиппин*, ки баъзан ба ҳайати архипелаги Малайзия дохил мекунанд, вале аз нигоҳи табиию географӣ ноҳияи алоҳидаро ташкил медиҳад. Он дар минтақаи иқлими субэкваториалӣ ва қисман экваториалии сербориш ҷойгир шудааст.

**Аҳолӣ.** Барои халқҳои ОҶШ омехтагии хусусиятҳои *мугулоидҳо* ва *австралоидҳо* хос мебошад (дар ҳамин асос баъзан онҳоро ба *нажоди хурди осиёиҷанубӣ* мутааллиқ медонанд). Таркиби этникӣ хеле рангоранг мебошад – тақрибан 500 халқи бумӣ, миқдори зиёди хитоиаслҳо (хуатсяо) ва миқдори ночизи европоиҳо зиндагӣ мекунанд. Дар сераҳолитарин мамлакати минтақа – Индонезия (аз 50 дарсад камтари аҳолии ОҶШ) *халқҳои малайзиягӣ*, дар Таиланд – *тайҳо* ва ғ, зиндагӣ мекунанд.Масалан, 75 дарсади аҳолии Таиландро халқи тай (ё сиамҳо) ва халқи лао (тайҳо асосан дар нимаи ҷанубӣ ва лао дар қисмати шимолу шарқ паҳнкӯҳҳоро дарбар гирифтани) ташкил медиҳанд; Дар Малайзия малайзиягиҳо ва хитоиҳо қисматҳои баробари аҳолии бумиро ташкил медиҳанд, 10-11 дарсади боқимонда аз ҳиндуҳо иборат аст; қисмати асосии аҳолии Сингапурро хитоиҳо ташкил медиҳанд (то 80 дарсад).

Сокинони сарзамин пайравони динҳои ислом, буддоӣ, насронӣ (Филиппин), ҳиндуия ва аксари хитоиҳо пайравони Конфутсий ва Дао мебошанд. Зичии аз ҳама зиёди аҳолӣ дар музофотҳои серҳосил ва заминҳои обёришаванда, ҳамчунин дар бандарҳо ба мушоҳида мерасад.

**Таърихи сиёсии сарзамин.** Ба сарзамини Осиёи Ҷанубӣ-Шарқӣ (ОҶШ) нимҷазираҳои Ҳиндухитой ва Малакка, ҳамчунин васеътарин галаҷазираҳои ҷаҳон – Малайзия дохил мешаванд. Дар нимҷазираи Ҳиндухитой Ветнам, Лаос, Камбоҷа, Таиланд ва Мянма ҷойгир шудаанд. Малаккаро Малайзия ва Сингапур ишғол намудаанд. Дар галаҷазираҳои Малайзия Индонезия, Бруней, Тимори Шарқӣ ва Филиппин ҷойгир шудаанд (Ҷадвали 14).

***Ҷадвали 14.***

**Давлатҳои соҳибистиқлоли Осиёи Ҷанубӣ – Шарқӣ: бонки маълумотҳои оморӣ**

| Мамлакатҳо | Масоҳат ҳаз. км² | Аҳолӣ, млн. нафар | Афзоиши табиӣ, % | Давомоти умр, сол | | Истифодаи ккал/шабонарӯз | ММД | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | мардҳо | занҳо | | Умумӣ, млрд долл. | Ба сари 1 нафар, долл. |
| Бруней | 5,8 | 0,4 | 1,9 | 71 | 76 | - | 6,8 | 23 600 |
| Ветнам | 331,7 | 83,5 | 1,0 | 67 | 70 | 2564,0 | 251,8 | 3 000 |
| Индонезия | 1904,5 | 241,97 | 1,4 | 66 | 70 | 2931,1 | 899,0 | 3 700 |
| Камбоҷа | 181,0 | 13,6 | 1,8 | 54 | 58 | 1999,6 | 28,7 | 2 100 |
| Лаос | 236,8 | 6,2 | 2,4 | 52 | 55 | 2151,8 | 11,9 | 1 900 |
| Малайзия | 329,8 | 23,95 | 1,8 | 70 | 75 | 2946,5 | 248,0 | 10 400 |
| Мянма | 676,6 | 42,9 | 0,8 | 54 | 59 | 2803,0 | 76,2 | 1 800 |
| Сингапур | 0,64 | 4,4 | 1,4 | 76 | 80 | - | 131,3 | 29 700 |
| Таиланд | 513,1 | 65,4 | 0,7 | 70 | 75 | 2411,3 | 545,8 | 8 300 |
| Тимори Шарқӣ | 14,9 | 1,0 | 2,1 | - | - | - | 0,4 | 400 |

| | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Филиппин | 300,1 | 87,9 | 1,8 | 65 | 71 | 2357,1 | 451,3 | 5 100 |

Дар гузашта Осиёи Ҷанубӣ – Шарқиро Ҳиндустони Пасин ё Дур ва ҳамчунин Ҳинду –Хитой меномиданд. Номи охирин на фақат шабоҳати табиии ин қисмати қитъаро дар ғарб бо Ҳиндустон ва дар шарқ бо Хитой, балки ҳолати *гузариши* этнофарҳангии минтақаро инъикос менамуд. Пеш аз ҳама Ҳиндустон ба Осиёи Ҷанубӣ – Шарқӣ сар даровардa буд. Он замонҳо ҳиндӣ «тамаддуновар» сарзаминро мустамлика накарда буданд. Онҳо ба инҷо забони олимонаи худ (санскрит), хат ва адабиёт, равишҳои ҳаёти сиёсӣ ва ҷамъиятӣ (унсурҳои системаи кастаӣ), усулҳои ҳунари худро оварданд. Давлатҳои мухталифи Осиёи Ҷанубӣ - Шарқӣ дар зери таъсири ҳиндуҳо ба вуҷуд омаданд.

Харитаи сиёсии ин сарзамин дар шароити мураккаби таърихӣ шакл гирифт. Нахустин мустамликунандагон ба Осиёи Ҷанубӣ – Шарқӣ сардаровардагон аз Испания, Португалия, Нидерландия буданд. Аввалин давлате, ки голландиҳо аз дигар европоиҳо пештар Индонезияро тасарруф намуданд, буд, ки дар аввали асри ХУ11 «Ҳиндустони Нидерландия» ном дошт. Фаъолияти мустамликадорон дар он замон пур аз «манзараҳои куштор, хиёнат, харидуфурӯш ва разолат» буд. Баъдан ба ин сарзамин англисҳо, франсавиҳо ва амрикоиҳо ворид шуданд.

Таиланд расман ба шумори мустамликаҳо дохил намешуд ва баъд аз мухолифати байни Британияи Кабир ва Франсия (ва дастгирии Россия) дорои мақоми давлати мустақил гардид. Дар замони ҷанги Дуюми ҷаҳон Япония мамлакатҳои Осиёи Ҷанубӣ – Шарқиро ба зери тасарруфи худ даровард.

Баъд аз ҷанг давлатҳои сарзамин соҳибистиқлол гардиданд. Соли 1984 протекторати Британия Бруней мустақил шуд, соли 2002 Тимори Шарқӣ истиқлолияти худро эълон намуда, 192-юмин давлати мустақили ҷаҳон гардид.

Вазъи сиёсиро дар минтақа дар аксари маврид гуногунии таркиби миллӣ, динӣ ва этникии аҳолӣ муайян менамояд. Хусусияти хоси ОҶШ мавҷудияти гурӯҳи бисёрмиллионнафараи хитоиҳо (ба ном хуатсяо) мебошад.

Такягоҳи асосии иҷтимоии реҷаҳои давлатии муосирро дар мамлакатҳои ОҶШ буржуазияи миллии афзоянда ташкил медиҳад. Сиёсати берунӣ ва дохилии давлатҳо одатан барои ба вуҷуд овардани шароити мусоиди модернизатсияи капиталистӣ равона карда шудаанд. Раванди интегратсияи сиёсӣ ва иқтисодӣ дар сарзамин фаъолона ҷараён доранд. Дар баробари ин, Ассотсиатсияи Давлатҳои Осиёи Ҷанубӣ – Шарқӣ (АДОҶШ) дар байни давлатҳои канораӣ гурӯҳи аз ҳама устувор ба шумор меравад.

**Хусусиятҳои хоси мамлакатҳо.** Одатан дар бораи мамлакатҳои ОҶШ мегӯянд, ки дар инҷо давраҳо ва услубҳо ба ҳам омехтаанд, Европа, Америка ва Осиё ба ҳам омадаанд, дороию нодорӣ дар паҳлӯи ҳам вуҷуд доранд. Дар баробари ин, ҳар як мамлакати сарзамин дорои хусусиятҳои хоси худ мебошад. Масалан, Таиланди муосири индустриалӣ (номи қадимиаш Сиам: дугоники сиамӣ, гурбаи сиамӣ ва ғ. баромада аз он аст) бо 27 ҳазор маъбади буддоиаш, бо иншооти афсонавии Маъбади Буддои Зумуррадӣ ва «хонаҳои бешумори арвоҳ»-аш (ёдгориҳои нодири «меъмории хурд») ягон шабоҳате ба мамлакати калонтарини минтақа – Индонезия надорад, зеро дар онҷо мардум мусулмонанд. Лаоси аграрии ақибмонда ба Сингапур – «паланги иқтисодӣ», воҳаи некӯаҳволии иқтисодӣ ва гулгулшукуфӣ, яке аз калонтарин марказҳои молиявии ҷаҳон аз ягон ҷиҳат монандӣ надорад; мамлакати насронии Филиппин, ки барои рушди босуръати из ҷиҳати илми асосноки соҳаҳои хоҷагии халқ ҷаҳду ҷадал дорад, аз Лаос – давлати дорои фарҳанги буддоӣ, ки кишоварзӣ «чеҳраи иқтисодӣ»-и онро муайян менамояд, хеле фарқ дорад. Султонии Бруней, ки каме «ҷудо» мавқеъ дорад, аз фурӯши нафт «бой» мешавад.

Вазъияти таърихию географии сарзамин ба рушди ҳозираи давлатҳо таъсири муҳим дорад. Масалан, мавқеи географии Сингапур ба яке аз омилҳои асосии рушди

аз дигар худудҳо фарққунанда табдил ёфтааст. Сингапур хеле пештар шуҳрати маркази калонтарини тиҷоратию тақсимотиро дар ҷануби Осиё соҳиб гардид. ки алоқаҳои тиҷорати берунии Ҳиндустон ва Хитой, давлатҳои европоӣ ва Индонезияро таъмин менамуд. Дар аввал Сингапур вазифаи ҷои борфурорӣ ва боркуниро иҷро мекард, баъдан бо васеъ шудани тиҷорати ҷаҳонӣ, сохтани хоҷагидории плантатсионӣ (аз ҷумла коркарди каучук) ва рушди саноати истихроҷи қӯрғошим дар Малая, Индонезия ва дигар мамлакатҳои ОҶШ, Сингапур ба бозори калони ҷаҳонии қӯрғошим ва каучук табдил ёфт.

Мамлакатҳои Осиёи Ҷанубӣ – Шарқӣ муддати дурудароз дар тафаккури халқи шуравӣ ҳамчун намунаи ақибмондагии иҷтимоӣ ба шумор мерафтанд. Вале аз охири асри Х1Х авали асри ХХ сар карда баъзе аз онҳо (Таиланд, Малайзия, Сингапур) ба мамлакатҳои ба ном индустриалӣ («палангҳои осиёӣ» ё «аждаҳоҳои кӯчак») табдил ёфтанд. Дар баробари ин, 80 дарсади содироти мамлакатҳои номбаршуда ба маҳсулоти саноати коркард (платформаҳои пармакунии баҳрӣ, видеомагнитофонҳо, кондитсионерҳо, ҷузъҳои электронӣ, дискҳои магнитӣ, бозичаҳо ва ғ. рост меояд. Ҷаҳиши босуръати ин мамлакатҳо натиҷаи интихоби дурусти стратегияи дарозмуддати иқтисодӣ, қобилияти азхуд намудани комёбиҳои илмӣ-техникӣ ва ба вуҷуд овардани соҳаҳои бартариятноки худӣ дар самтҳои асосии табодули байналхалқӣ мебошад. Қувваи кори арзони маҳаллӣ ва қобилияти ба худ хоси иҷрокунандагӣ ва меҳнатдӯстии шарқиёнро низ набояд фаромӯш кард. Мамлакатҳои минтақа дар солҳои охир истихроҷи нафтро зиёд карда истодаанд (Индонезия, Бруней, Малайзия). Ветнам ва Камбоҷа аз ҷиҳати иқтисодӣ ақибмонда ба шумор мераванд.

Майли таърихии Таиланд (Сиам) ба ҳамкорӣ бо ИДМ аз он ҷумла бо Руссия решаҳои қадима дорад. Ҳанӯз дар охири асри Х1Х шоҳи Сиам Рамаи 1У ба Руссия ташриф оварда, таъсири Руссияро барои озод шудан аз зери юғи Франсия ва Англияи қудратманд устокорона истифода бурд. Шоҳ ба нишонаи эътирофи хидматҳои Руссия дар артиши худ либоси низомии русҳоро ҷорӣ намуд (либоси идонаи артиши Таиланд то ба ҳоло русист). Мусиқии Суруди миллии шоҳигариро оҳангсози рус П. А. Шуровский навиштааст.

Асоси хоҷагии қишлоқи мамлакатҳои ОҶШ-ро кишоварзии субтропикӣ ташкил мекунад, ки шолӣ дар ҷои аввал меистад дар Филиппин то 90 дарсад, дар Индонезия аз нисф зиёди заминҳои кишти минтақа аз қадимулайём дар парвариши маҳсулоти тундбӯй (қаранфули сурху сиёҳ, анбар, ванил, қаранфули гардан) шӯҳрат дорад. Каучуки табиӣ (Малайзия, ба шарофати плантатсияҳои *гевей*), равғани норгил (ҷавзи ҳиндӣ), мағзи норгил ва нахи абакӣ (Филиппин), чой, қаҳва, пӯстлохи дарахти ҳино (Индонезия) ва ғ. истеҳсол менамоянд. Сатҳи пасти рушди чорводориро бо *моҳидории дарёӣ* ва *баҳрӣ* ҷуброн мекунанд.

Қисмати зиёди заминҳои хуб ва системаҳои обёрӣ ба мулкдорони калон (баъзан хориҷиён) тааллуқ доранд. Техникаи муосири кишоварзӣ ва усулҳои илмии хоҷагидориро фақат дар плантатсияҳои калон истифода мебаранд. Ҳарчанд қисмати асосии аз нигоҳи иқтисоди фаъоли аҳолӣ ба кишоварзӣ машғул бошанд ҳам, дар бисёре аз мамлакатҳои сарзамин камбуди ғизо эҳсос карда мешавад.

**Саноат** ба соҳаи зудтараққикунанда табдил ёфта истодааст. Коркарди канданиҳои фоиданок: қӯрғошим (қариб 60 дарсади истихроҷи ҷаҳонӣ), волфрам, хром, никел, мисро зикр намудан мумкин аст. Соҳаи коркарди навъҳои қиматбаҳои ҷӯб пешрафта ҳисобида мешавад. Дигар соҳаҳои индустрия низ дар ҳоли сохтан мебошанд.

Дар хотима хусусиятҳои асосии географияи мамлакатҳои Осиёи Ҷанубӣ – Шарқиро қайд менамоем:

- нимҷазираи Ҳиндухитой ва ҷазираҳое ки онро ба самти ҷанубу шарқ идома медиҳанд, пули хушкигарди табиӣ мебошанд ва Авроосиёро бо Австралия пайваст намуда, сарҳади байни ҳавзаҳои уқёнусҳои Ором ва Ҳинд ба шумор меравconfiguration.

- Минтақа бо ваҳдати дохилии заиф фарқ мекунад ва на тамомияти ҳудудӣ, на тамомияти фарҳангию хоҷагидорӣ дорад.

- Халқҳои минтақа аз нигоҳи антропологӣ аксаран ба нажоди хурди ҷанубиосиёӣ мутааллиқанд ва барои намояндаҳои онҳо омехтагии муғулоидҳо бо австралоидҳо хос аст.

- Хусусияти хоси рушди иқтисодии мамлакатҳои минтақа дар охири асри XX ба қабатҳо ҷудошавии онҳо ва гузариши баъзе аз онҳо (Сингапур, Таиланд, Малайзия ва ғ.) ба гурӯҳи «давлатҳои нави индустриалӣ» мебошад; Ақибмонии иқтисодӣ ва махсусгардонии аграрӣ аз ҳама зиёд барои Камбоҷа, Мянма, Лаос ва Ветнам хос мебошад.

**Саволҳо ва супоришҳои санҷишӣ**

*1.Ба иқтидори табиию захиравии мамлакатҳои сарзамин боҳо диҳед. Аз рӯи захираи кадом металл сарзамин мутлақо дар ҷаҳон ҷои аввалро ишгол менамояд?*

*2. Махсусгардонии хоҷагидории малакатҳои индустриалии нав дар сарзамин кадомҳоанд?*

*3. Кадом зироати озуқаворӣ дар заминҳои кишти сарзамин ҷои аввалро ишгол менамояд?*

*4. АДОҶШ чӣ ташкилотест ва дар рушди давлатҳои Осиёи Ҷанубӣ – Шарқӣ чӣ нақш дорад?*

*5. Мамлакати муназзам рушдкунандаи мусулмониеро номбар кунед, ки сардори давлат шоҳ буда, ӯро нӯҳ султон барои панҷ сол интихоб менамоянд. (Агар дар ҷавоб додан душворӣ кашед, метавонед аз шарҳҳои иловагӣ истифода намоед: он колонияи пештараи Португалия, Голландия ва Британияи Кабир буда, замоне калонтарин давлати истеҳсолкунандаи қӯрғошим ва каучук ба шумор мерафт).*

## 6.1 Ҷумҳурии Индонезия

Масоҳат – 1904,5 ҳазор км$^2$

Аҳолӣ – 242 млн. нафар

Пойтахт – Ҷакарта

Индонезия мамлакат – галаҷазиравӣ мебошад. Он ҳамчун давлати мустақил аз 17 августи соли 1945 вуҷуд дорад. Дар ҷазираҳои Малай (Индонезия) , ки дар байни Осиёи континенталӣ ва Австралия тӯл кашидаааннд, ҷойгир шуда, ҷазираҳои *Зондҳои Калон* (Калимантан, Суматра, Сулавесӣ, Ява, Мадура), *Зондҳои Хурд* ва *Малуккро* дарбар мегирад. Ба ҳайати давлат аз соли 1963 Папуа – қисмати ғарбии ҷазираи Гвинеяи Нав дохил мешавад, ки аз ҷиҳати бузургӣ дар ҷаҳон пас аз Гренландия меистад.

То ҷанги Дуюми ҷаҳон ҳамаи ҷазираҳои Индонезия (ба истисноми қисмати шимолии ҷазираи Борнео, ки ба Англия ва ҷазираи Тимор, ки ба Португалия тааллуқ доранд), мулкҳои мустамликавии Нидерландия ба шумор мерафтанд.

**Табиат ва аҳолӣ.** Индонезия аз рӯи масоҳат ва шумораи аҳолӣ калонтарин давлати ҷазираӣ дар ҷаҳон мебошад. Ҳудуди мамлакат экваторро бурида гузашта, дар паҳнои минтақаи гарм ҷойгир шудааст. Дар инҷо мавсимҳои соли иваз намешаванд, ҳарорати ҳаво ҳамеша баланд аст, боришот зиёд мебошад. Қариб дар ҳамаи ҷазираҳо ҷангалҳои тропикии намнок мерӯянд. Дар он дарахти нахл, дарахтони мевадор ва бамбук ҷои намоёнро ишғол менамоянд. Ҷангалзорон

ҳамчунин аз дарахтони каучук ва рустаниҳои дигар, ки навъҳои гуногуни қатрон ва маводи қиматбаҳои ороишӣ медиҳанд, бойанд. Дар қаъри заминҳои мамлакат захираҳои калони қӯрғошим, никел, мис, ангиштсанг, маъданҳои урандор ва қабатҳои нафтдор мавҷуданд.

Индонезия аз рӯи гуногунии зичии аҳолӣ ҳам фарқ мекунад. Дар Ява ва Мадура, ки камтар аз 7 дарсади масоҳати мамлакатро ишғол менамоянд, 2/3 аҳолии он зиндагӣ мекунанд. Зичии миёнаи аҳолӣ дар инҷо даҳҳо ва садҳо маротиба аз ноҳияҳои дигари мамлакат баландтар мебошад. (Дар баъзе мавзеъҳои Ява зичии аҳолии деҳот ба 2 500 нафар дар 1 километри мураббаъ мерасад. Ҳамзамон, дар баъзе ноҳияҳои мамлакат – шимолу шарқи Калимантана, қисмати марказии Суматра, ноҳияҳои дохилии Ирианаи Ғарбӣ ба 1 километри мураббаъ на зиёда аз як одам рост меояд). Аҳолии аксарияти ҷазираҳо дар соҳилҳои баҳр зиндагӣ мекунанд, вале дар баъзе ҷазираҳо ноҳияҳои дохилии сераҳолӣ мавҷуданд ва қисматҳои соҳилии онҳо умуман одам надоранд.

Аҳолии Индонезия бо сохтори мураккаби этникиаш тавсиф карда мешавад. Аз рӯи маълумоти мухталиф, дар мамлакат аз 100 то 300 ва зиёдтар аз он халқ зиндагӣ мекунанд. Эҳтимол дорад, дар ин ҳолат баъзе гурӯҳҳои этнографиро, ки ба ҳайати халқҳои калонтар дохил мешаванд, ба сифати халқҳои мустақил ба шумор оварда бошанд. Халқҳои аз ҳама калон ва муттаҳиди мамлакат *явагиҳо* (50 дарсади ҳамаи аҳолӣ), *сундҳо* ва *мадуриҳо*, ки дар Ява ва Мадура маскунанд, ба ҳисоб меранвад. Аксарияти этносҳо (зиёда аз 95 дарсади ҳамаи аҳолӣ), ки дар байни ҳамдигар пайванди хешутаборӣ доранд, ба оилаи забонии австронезӣ мутааллиқ буда, таҳти номи умумии *«индонезиҳо»* муттаҳид гардидаанд. Гурӯҳи дуюми аҳолиро ба ном *халқҳои папуас* ташкил медиҳанд ва асосан дар Ирианаи Ғарбӣ зиндагӣ мекунанд. Гурӯҳи сеюм аз аққалиятҳои миллии хориҷиасл – *хитоиҳо, арабҳо* ва *ҳиндиҳо* иборат мебошанд.

Аксарияти индонезиҳо (зиёда аз 80 дарсад) пайрави мазҳаби суннии ислом мебошанд. Тақрибан 10 дарсади аҳолӣ насронианд. Насрониҳо (протестантҳо ва католикҳо) асосан дар ҷазираҳои Молукк ва Сулавесӣ зиндагӣ мекунанд. Сокинони ноҳияҳои дохилӣ ва халқҳои папуас тибқи боварҳои маҳаллии қавмӣ умр ба сар мебаранд. Хитоиҳо пайравони Буддо, Конфутсий ва Дао мебошанд.

**Давлат.** Индонезия *ҷумҳурии* муттаҳидаи навъи президентӣ мебошад. Хусусияти хоси рушди дохилии мамлакат таҳаввулоти системаи сиёсӣ баъд ҳукумаматро ба даст гирифтани ҳарбиён мебошад (соли 1956). Қувваҳои мусаллаҳи Индонезия дар давоми муддати дурудароз ҳалқаи калидии ҳукумат ба ҳисоб мерафтанд, ки масъалаҳои асосии сиёсати дохилӣ ва берунро матраҳ ва ҳал мекарданд. Чунин сохти сиёсӣ (дар асл режими авторитарӣ) барои таъмини устувории нисбии вазъияти сиёсии дохилӣ хеле пурсамар арзёбӣ карда мешуд. Талаботи қатъии барҳам додани режими авторитарӣ, демокаратикунонии ҷомеа дар ҳоли ҳозир мубориза сиёсиро дар мамлакат пурзӯр гардонидааст. Хусусияти ин мубориза дар аксари маврид аз мавқеи қувваҳои мусаллаҳ, ки то ҳол «вазифаи дугона» - ҳам ҳарбӣ ва ҳам иҷтимоию сиёсиро ба ӯҳда доранд, вобаста мебошад.

**Иқтисодиёт.** Аз рӯи дараҷа ва хусусияти рушди *иқтисодиёти* миллӣ ба Индонезия дар аксари маврид навъи мамлакатҳои нави индустриалӣ мувофиқ меояд. Дар *хоҷагии қишлоқ* аз нисф ками (44 дарсад) аҳолии қобили кор машғул ҳастанд. Ҳиссаи он дар ММД тақрибан 19 дарсадро ташкил медиҳад ва тамоили пастравӣ дорад. Зироатҳои асосии озуқаворӣ биринҷ (1/2 замини кишт дар Ява), ҷуворимакка, кассава (рустании навъи маниок), батат, арахис, лӯбиё мебошанд. Ҳамчунин тамоку, қаҳва, чой, какао, қаранфул, чормағзи мускатӣ, найшакар парвариш карда мешавад. Индонезия содиркунандаи асосии ҷаҳонии каучук (2/3-ро Суматра медиҳад), пӯстлохи дарахти ҳино, мағзи норгил ва равғани нахл ба шумор меравад.

Дар *саноат* 40 дарсади ММД-и мамлакат ба вуҷуд оварда мешавад. Соҳаи асосӣ истихроҷи нафт (асосан дар Суматра), гази табиӣ, ангиштсанг, ҳамчунин маъданҳои никелдор ва мисдор, тилло, нуқра, асбест, фосфоритҳо, намаки ош мебошад. Инденезия калонтарин давлати истеҳсолкунандаи нафт ва гази табиӣ, ҳамчунин қӯрғошим ва никел дар сарзамини ОҶШ мебошад. Тақрибан 95 дарсади истихроҷ ва коркарди нафт дар дасти хориҷиён, махсусан америкоиҳо, мебошад.

Соҳаҳои зуд тараққикунандаи коркард, аз ҷумла самтҳои татбиқи комёбиҳои илмӣ ва технологияҳои аъло – коркарди нафту газ, қӯрқошим ва истеҳсолоти мисгудозӣ, саноати химия, ҷамъоварии автомошинаҳо, киштисозӣ, истеҳсоли электроника ва афзори рӯзгор ба ҳисоб мераванд. Индонезия дар сарзамини ОҶШ ягона мамлакате мебошад, ки саноати авиатсионӣ дорад, ки маҳсулоти онро (самолётҳои гражданӣ ва вертолётҳо) давлатҳои ҳамсоя харидорӣ менамоянд. Дар баробари ин, асоси саноати коркардро истеҳсоли молҳои истеъмолӣ (бофандагӣ, либоси тайёр, пойафзор, маҳсулоти чармӣ, химияи рӯзгор, моводи гизоӣ) ташкил медиҳанд. Марказҳои асосии саноатӣ дар Ява ва Суматра ҷойгир шудаанд: Ҷакарта, Сурабай, Ҷокякарта, Палембанг.

**Соҳаи хизматрасонӣ** рӯз то рӯз фаъол мешавад ва ҳоло ҳиссаи он дар ММД-и мамлакат 41 дарсадро ташкил медиҳад. Индонезия яке аз мамолики сайёҳии байналхалқӣ аст. Навъи асосии нақлиёт – *нақлиёти баҳрӣ* ба шумор меравад. Боркашонии хушкӣ ба воситаи шабакаи роҳҳои оҳан ва автомобилгард, лӯлаҳои интиқоли нафт амалӣ карда мешавад. Нақлиёти авиатсионӣ асосан дар ҳатсайрҳои байналхалқӣ парвоз мекунанд. Шарикони асосии иқтисодии Индонезия дар бозори ҷаҳонӣ Япония, ИМА, Британияи Кабир, Нидерландия, Ҷумҳурии Корея, Тайван ва Сингапур мебошанд.

Хулоса, Ҷумҳурии Индонезия на танҳо калонтарин давлати Осиёи Ҷанубӣ-Шарқӣ, балки калонтарин давлати ҷазираӣ дар ҷаҳон аз рӯи масоҳат ва шумораи аҳолӣ ба ҳисоб меравад. Ба шарофати захираҳои фаровони табиӣ, потенсиали баланди инвеститсионӣ ва ёрии мамлакатҳои Ғарб Индонезия тавонист дар охири асри XX ҷаҳиши ҷиддии иқтисодӣ кунад. Вале, дар аввали асри XX1 тамоилҳои дилхоҳ дар иқтисодиёт ба таназзул ва ҳатто «ҳаракат ба ақиб» рӯбарӯ шуд, ки инъикоси вазъияти ноустувори сиёсати дохилӣ дар мамлакат арзёбӣ мегардад.

**Саволҳо ва супоришҳои санҷишӣ**

1. *Нидерландия дар сарнавишти таърихии Индонезия чӣ нақше дорад?*
2. *Таносуби халқҳои австронезӣ ва папуас дар таркиби аҳолии Индонезия чӣ гуна аст?*
3. *Индонезия дар тақсимоти муосири байналхалқии меҳнат чӣ ҷойгоҳе дорад?*
4. *Кадом омилҳо махсусиятҳои умумии иҷтимоию иқтисодии мамлакати Индонезияро муайян менамоянд?*
5. *Зичии «аз ҳад зиёд»-и аҳолии маҳз ҷазираи Яваро чӣ хел шарҳ додан мумкин аст?*

## *БОБИ 7*

# Осиёи Ҷанубӣ – Ғарбӣ ва Африкаи Шимолӣ

### 6.1. Осиёи Ҷанубу Ғарбӣ

**Осиёи Ҷанубӣ – Ғарбӣ ва Африкаи Шимолӣ** бахше аз ҷаҳони ислом мебошанд. Қаблан дар китобҳои дарсии география мамлакатҳои Осиё ва Африкаро аз рӯи анъана дар алоҳидаги омӯхта мешуд. Агар аз нуқтаи назари табиӣ чунин муносибатро дуруст гуфтан мумкин бошад, аз нуқтаи назари фарҳангӣ – таърихӣ он нодуруст аст, зеро дар ин ҳолат *ҷаҳони арабӣ – исломӣ* ба таври сунъӣ «пора карда» мешавад.

Унсури умумии пайвасткунандаи давлатҳо ва халқҳои ин сарзамин байниконтиненталӣ (расми 9.) *тамаддуни исломӣ* ба шумор меравад, ки дили онро *Шарқи Наздик* меҳисобанд. Ин сарзамини фарҳангӣ – таърихӣ Миср (баъзан Судон), Исроил, Ӯрдун, Сурия, Лубнон, Туркия, Ироқ, Арабистони Саудӣ, Яман, Кувайт, Уммон, Аморати Муттаҳидаи Араб (АМА), Баҳрайн, Катар, Кипр ва ҳамчунин ҳудуди мухторияти Фаластинро дарбар мегирад. (Дар навбати худ Шарқи Наздик якҷоя бо Эрон ва Афғонистон мафҳуми васеъи *Шарқи Миёнаро* ба вуҷуд меоваранд). Ба ин сарзамин ҳамчунин Либия, Тунис, Алҷазоир, Марокаш ва ҳатто Мавритания бо Саҳрои Кабири Ғарбӣ майл мекунанд. (Ғарби ҷаҳони исломро одатан *Магриб* меноманд, ки ба маънои танги калима Марокаш, Тунис ва Алҷазоирро мефаҳмонад ва ба маънои васеъ Либия ҳам зам карда мешавад).

***Расми 9. Осиёи Ҷанубу Ғарби ва Африкаи Шимолӣ***




*Давлатҳо: 1 – Кипр, 2 – Сурия, 3 – Либия, 5 – Ҳудуди Палестино (соҳилҳои ғарбии д. Иордан ва қисмати Газ), 6 – Иордания, 7 – Кувайт, 8 – Баҳрайн, 9 – Катар, 10. Аморати муттаҳидаи Араб.*

Баъзан ин сарзамин *арабӣ* номида мешавад, ки ин хатост. Дар ҳудудҳои он ҳам туркҳо (намояндагони халқҳои оилаи олтойӣ), ҳам эрониён (ҳиндуевропоиён) ва этносҳои дигар зиндагӣ мекунанд. Вале набояд фаромӯш кард, ки маҳз дар ҳудудҳои Осиёи Ҷанубӣ – Ғарбӣ ва Африкаи Шимолӣ замоне давлати пурқудрати арабӣ бо номи *Хилофати араб* вуҷуд дошт, ки аз уқёнуси Атлантика дар ғарб то Ҳимолой дар шарқ тӯл мекашид (суқути империяи арабҳо дар асри 1Х сар шуд).

Ба истифодаи аз ҳад зиёди таркиби «Шарқи Наздик» ва «Шарқи Миёна» нигоҳ накарда, тарҳи ин минтақаҳо равшан нест. Масалан, ҳанӯз дар оғози асри ХХ ба Шарқи Наздик, ғайр аз давлатҳои ҳозира, мамлакатҳои нимҷазираи Балкан ҳамчун қисмате аз империяи Усмонӣ дохил карда мешуданд. Мафҳуми муҷарради «Шарқи Миёна», ки европоиён дар асри Х1Х сохта буданд (ҳамчун симбиози Шарқи Наздик бо Эрон ва Афғонистон), дар аксари маврид барои омӯхтани воқеиятҳои имрӯза халал мерасонанд ва табиист, ки то соли 622 (оғози тасарруфгариҳои арабҳо) истифода кардани он маъни надорад. Чӣ хеле ки маълум аст, аз нигоҳи таърихӣ ин мафҳум ҳудудҳои Хилофати Араб ва империяи Усмонӣ, аз нигоҳи географӣ сарзамини нимбиёбон ва заминҳои обёришударо дарбар мегирифт.

Бинобар ин, дар истифодаи ин истилоҳҳои паҳншуда хеле эҳтиёт бояд кард: вобаста ба матн дар бораи ҷаҳони ислом, баҳри Миёназамин ё олами араб, дар бораи ареали анъанавии фарҳанги эронӣ, дар бораи империяи Усмонӣ ва дигар империяҳои

исломӣ сухан гуфтан мувофиқи мақсад аст. Ҳарчанд боварнакарданист, аммо унвони илмии ин сарзамини исломии дар пайвандгоҳи Осиё ва Африка ҷойгирифта чунин аст: Осиёи Ҷанубӣ – Ғарбӣ ва Африкаи Шимолӣ. Ва фақат «ноҳинҷорӣ»-и ин таркиб ба нигоҳ доштани истилоҳи «Шарқи Миёна» мусоидат менамояд.

Сарзамини баррасишаванда 16 давлати Осиёи Ҷанубӣ – Ғарбӣ ва 6 мамлакати Африкаи Шимолиро дарбар мегирад. Он гаҳвораи яке аз тамаддунҳои қадими кишоварзӣ мебошад, ки дар водии дарёи Нил ва ҳамчунин дар байни дарёҳои Даҷла ва Фурот ташаккул ёфтааст. Ин сарзамин, ки дар пайвандгоҳи се қитъа ҷой гирифтааст, аз нигоҳи сиёсӣ ҳамеша яке аз минтақаҳои нооромии ҷаҳон ба шумор меравад. Бо сохтани канали Суэтс ва роҳи оҳани Берлин – Бағдод аҳамияти ҳарбӣ – стратегии сарзамин ба маротиб афзуд. Кашфи захираҳои фаровони нафту газ ва дигар канданиҳои фоиданок ҷойгоҳи минтақаро дар сиёсат ва иқтисодиёти ҷаҳонӣ мустаҳкам намуд.

Ба эҳтимоли қавӣ, дар асри XX1 мамлакатҳои минтақаро ҳифзи дифференсиатсия дар иқтисодиёт ва «таркишҳо»-и эҳтимолӣ дар бахши иҷтимоӣ (махсусан дар мамлакатҳои суст рушдкарда), ҳамчунин ранги пешгӯинашаванда гирифтани *ихтилофи Арабу Исроил* интизор аст. Дар баробари ин, пешрафтҳои воқеӣ дар бахшҳои иқтисодиёту иҷтимоиёти аксарияти мамлакатҳои истихроҷкунандаи нафти минтақа ва барои таҳкими манфиатҳои ҷомеаи исломӣ дар арсаи байналхалқӣ мавқеи «хуҷумкунандагӣ»-ро ишғол намудани пешвоёни онҳо, имкони сухан гуфтан дар бораи «нафаси дуюми тамаддуни исломӣ»-ро фароҳам меоварад.

**Ҷаҳони ислом.** Аз нигоҳи сиёсӣ Шарқи Наздик, ки бо олами ислом як дониста мешавад, яке аз сарзаминҳои пурҷӯшу хурӯши кураи замин мебошад. Гуфтан мумкин аст, ки дар инҷо ҳассостарин «раги асаби сайёра» ҷойгир шудааст. Дар ягон гӯшаи дунё харитаи сиёсӣ ба мисли ин минтақа зуд-зуд тағйир наёфтааст. Дар инҷо дар тамоми давраҳои таърихии рушди ҷомеаи башарӣ, дар натиҷаи ҷунбишҳои мураккаби иҷтимоию иқтисодӣ, ғалаба ва мағлубиятҳои ҳарбӣ империяҳои бузург ва давлатҳои хурд ба вуҷуд омадаанду нопадид гаштаанд.

Шарқи Наздик ҳамеша бо захираҳои табиӣ ва моддӣ, арзишҳои фарҳангӣ, мавқеи муносиби ҳарбӣ – стратегиаш дар пайвандгоҳи се қитъаи замин – Осиё, Африка ва Европа, таваҷҷуҳро ба худ ҷалб намудааст. Сабаби охирин (ки хусусияти геополитикӣ дорад) амалан ҳамеша боис ба низоъҳои ҳарбӣ (мустақим ва ғайримустақим) дар ин сарзамин бо иштироки «зӯрмандони ин ҷаҳон» гардидааст. Сохтмони канали Суэтс дар замони худ, баъдан кашфи захираҳои фаровонтарини нафту газ мавқеи иқтисодӣ, сиёсӣ ва ҳарбӣ – стратегии ин минтақаро ба маротиб боло бурдааст.

Мафҳумҳои олами араб ва Шарқи Миёна (мисли Шарқи Наздик) табиист, ки муродиф нестанд, ақаллан барои онки туркҳо, эрониҳо, афғонҳо ва баъзе этноси дигари Шарқи Миёна араб нестанд. Минтақаи араб ҳудудест, ки аз канораи шимолу ғарбии Африка то халиҷи Форс тӯл кашида, дар он тақрибан бист мамлакати арабӣ ҷойгир шудаанд (Алҷазоир, Баҳрайн. Миср, Урдун, Ироқ, Яман, Катар, Кувайт, Лубнон, Либия, Мавритания, Марокаш, АМА, Уммон, Арабистони Саудӣ, Сурия, Судон, Тунис). Масоҳати умумии он 12 059 ҳазор километри мураббаъ ва аҳолиаш 300 миллион нафар мебошад. Дар баробари ин 70 дарсади ҳудуди давлатҳои арабӣ дар Африка ҷой гирифта, 3/4 аҳолии арабзабҳо зиндагӣ мекунанд ва бо лаҳҷаҳои гуногуни забони арабӣ (арабистонӣ, суриёнӣ, мисрӣ, мағрибӣ) гап мезананд.

Чӣ тавре маълум аст, таърихи Шарқи Наздик ва Миёна дар тӯли давраҳои дуру дароз дар зери таъсири сиёсӣ ва фарҳангии арабҳо сипарӣ шудааст. Дар ҳаминҷо, дар асрҳои У11 – У111, дар ҳудуди Арабистон ва мамлакатҳои дар Осиёи Пеш ва Африкаи Шимолӣ тасарруфнамудаи арабҳо, ҳамчунин дар қисмати зиёди нимҷазираи Пиреней давлати феодалию теократӣ – Хилофати араб арзи ҳастӣ намуд. (Пойтахти хилофат ҳангоми ҳукмронии Уммавиҳо (661 – 750) шаҳри Димишқ ва

ҳангоми ҳукмронии Аббосиҳо (750 – 1258) шаҳри Бағдод буд). Шароити ҳаёти фарҳангӣ дар инҷо аз асри У11 сар карда то ҳадди муайяне умумӣ буд (махсусан аз нигоҳи забон, адабиёт ва дин). Дар баробари ин, ҳарчанд адабиёти араб дар Арабистон пайдо шуд, мактабҳои хеле барҷастаи он дар Сурия ва Миср ба вуҷуд омаданд. «Васлгар»-и муҳимтарини минтақаи араб ислом буд ва хоҳад монд.

Аммо имрӯз сарзамини араб ягона нест. Сатҳи рушди иқтисодии мамлакатҳо фарқ мекунад, моҳияти ниятҳои субъективии режимҳои ҳукмрон якхела нест ва ғ. Фарқияти сахти байнисарзаминӣ, ихтилофотиислоҳнашаванда ва роҳу равишҳои хоса ба воқеият табдил ёфтаанд. Дар як қутб – қутби некӯаҳволӣ – давлатҳои нимҷазираи Арабистон – Арабистони Саудӣ, АМА, Катар, Кувайт, Баҳрайн бо «кисаҳои пур» аз доллар, дар қутби дигар – Мавритания, Яман ва ғ. бо «зиндагии қашшоқона» ҷой гирифтаанд.

Тамоюлҳои марказгурезӣ дар қаламрави Шарқи Миёна ҳамеша барҷаста ба мушоҳида мерасиданд. Онҳоро бо ягон навъи даъват ба ваҳдати исломӣ, ки гӯё арабҳо, Шарқи Миёна ва ислом синоним мебошанд, наметавон рӯпӯш кард. Дар асл тамоман ин хел нест. Якум, дар тӯли таърихи дурудароз марказҳои фарҳанги исломӣ ба Шарқ ҷой иваз карданд (дар Эрон, Ҳиндустон, Осиёи Миёна) ва сабабгори пайдоиши ихтилофот, масалан дар байни канораи шарқии (ғайриарабии) сарзамин (Эрон, ақвоми Афғон) ва мағзи империяи Усмонӣ гардиданд. Ба ақидаи баъзе муаллифон, ваҳдати арабӣ – мусулмонӣ баъзан на танҳо ба Эрони канора, балки ба Туркияи ҳамсоя низ нигаронида мешуд. Дуюм, анъанаҳои маҳаллӣ баъзан аз таъсири ислом,ки ба Шарқи Миёна якрангии зоҳириро медод, устувортар буданд. Масалан, дар ҷараёни рушди фарҳанги миллӣ дар Туркия ва Эрон чандин маротиба кӯшишҳои озод будан аз таъсири арабҳо (дар Туркия аз таъсири форсҳо) ба мушоҳида мерасад, ки дар натиҷаи онҳо калонтарин мамлакатҳои исломӣ гӯиё берун аз «якхелагии шарқиназдикӣ» мондаанд. Сеюм, худи олами ислом хеле «рангин» ва пурихтилоф аст (дар робита ба ин ба ёд овардани ҳуҷуми Ироқ ба Кувайт кифоя аст, ки яке аз саҳифаҳои тираи таърихи навини арабҳост). Чорум, набояд аз «носозгорӣ»-и чандинасраи байни намояндагони кишоварзони муқимӣ ва бодиянишинони бешумори сарзамин ва ғ. фаромӯш кард.

Ба ибораи дигар, тасаввурот дар бораи ягонагии Шарқи Миёна дар аксари маврид дурӯғ мебошад ва эҳтимол дар навбати аввал ба шарофати дар гузашта аз будаш зиёд карда нишон додани шабоҳати *империяҳои Усмонӣ* ва *Сафавӣ* ба вуҷуд омадааст. Бинобар ин, истилоҳи «Шарқи Миёна»-ро хеле боэҳтиёт истифода бояд кард.

Мамлакатҳои ҷаҳони араб ба асри ХХ1 бо пурра дифференсатсия кардани натиҷаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсӣ ворид гардиданд, ки дар асрҳои гузашта ба даст овардаанд. Нобаробарии аз ҳад зиёд дар тақсимоти ҳам иқтидорҳои табиӣ – захиравӣ, захираҳои молиявӣ ва инсонӣ (махсусан қувваи кори соҳиби тахассус) ва ҳам дар суръати рушди иқтисодӣ мамлакатҳои арабро дар оғози асри нав ба натиҷаҳои аз ҳам хеле фарқкунанда оварда расонд.

Мағлубияти Ироқ дар ҷанг бо мамлакатҳои коалитсияи зиддиироқӣ дар солҳои 90-ум ба якбора паст шудани ММД ин давлат сабаб шуд, суқути режими Садом Ҳусейн ва тасарруфи хориҷӣ Ирокро тамоман ба фоҷиаи сиёсӣ ва иқтисодӣ рӯбарӯ намуданд. Аз рӯи ҳаҷми ММД ба ҳар сари аҳолӣ Катар ва АМА пешвоёни бечунучарои олами араб ва Яману Ироқ ҳамчун қафомонда шинохта шудаанд. Уммон, Миср, Кувайт, Алҷазоир ва баъзеи дигар ба асри ХХ1 бо натиҷаҳои умедворкунанда дар бахши иқтисодиёт ворид гардиданд. Омили нохушоянди демографӣ то ҳол ба вазъияти иҷтимоию иқтисодӣ, махсусан ба кишварҳои суст тараққикардаи сарзамин (Ӯрдун ва ғ.) таъсири азим дорад. Қобили зикр аст, ки дар ҳар 23 сол шумораи аҳолии олами араб ду баробар меафзояд (зимнан, шумораи аҳолии Европа фақат дар ҳар 233 сол).

Ихтилофоти мусаллаҳонаи дохилӣ дар минтақаи араб ба тарзи хос равандҳои номақбулро исбот менамоянд. Вуруди артиши Ироқ ба Кувайт дар соли 1990 ва эълони С. Ҳусейн дар бораи якҷоя кардани ду давлат ҷомеаи ҷаҳониро ба ҳайрат овард. Бисёре аз мамлакатҳои араб, аз ҷумла Арабистони Саудӣ, мавқеи зиддироқиро ишғол намуданд. (Дар Ар-Риёд «мантиқ»-и Бағдодро нағз мефаҳманд: агар дар онҷо даъвои марзӣ бо Эрон доштанд ва эълон намуданд, ки умуман давлати Кувайт вуҷуд надорад, пас бо ҳудудҳои шарқии Арабистони Саудӣ, ҳанӯз дар аввали асри XX ба ҳайати империяи Усмонӣ дохил ва аз Басра идора карда мешуданд, чӣ бояд кард?).

Дар оғози асри XX1 оҳанги ҳамгироии умумиарабӣ ҳарчи бештар ба тарафи ҳамгироии минтақавӣ равона карда мешавад, ки дар он на ҳамаи давлатҳои арабӣ, балки баъзеи онҳо иштирок менамоянд. Ба сифати мисол ғояи ҳамгироии Сурия, Ироқ, Лубнон, Ӯрдун ва аз тарафи онҳо ба вуҷуд овардани фазои ягонаи иқтисодиро метавон овард. (Мутаассифона, ҳодисаҳои Ироқ дар солҳои 2005 – 2006 ба амалӣ шудани ин ғоя фурсат надод).

Чорабиниҳо оид ба либерализатсияи иқтисодиёт, ки дар бисёр мамлакатҳои сарзамин ба роҳ андохта шудаанд, дурнамоҳои навро дар пеши мамлакатҳои арабӣ боз мекунанд. Инислоҳот таъсири ногузир ва қувватгирандаи чунин тамоилҳои муосири рушди ҷаҳонӣ ба мисли ҷаҳонишавӣ (глобализатсия), информатикунонӣ, татбиқи технологияҳои навро инъикос менамоянд. Дар ин маврид АМА ҷои аввалро ишғол мекунад ва тибқи бисёре аз баҳогузориҳо, дар даҳсолаи наздиктарин ба намунаи рушди иқтисодӣ дар олами ислом табдил меёбанд.

**Муҳити табиӣ ва аҳолии Осиёи Ҷанубӣ – Ғарбӣ.** Осиёи Ҷанубӣ – Ғарбӣ (дар географияи табиӣ баъзан Осиёи Пеш меноманд) ҳудуди азимеро аз Туркия то Эрону Озарбойҷон ишғол менамояд ва ноҳияҳои табиию географии зеринро дарбар мегирад: кӯҳсори Осиёи Хурд ва Эрон (ҳамчунин кӯҳсори Арманистон), қисмати осиёии баҳри Миёназамин (Левант), Байнанаҳрайн (Месопотамия) ва нимҷазираи Арабистону биёбони Сурия.

1. *Кӯҳсори Осиёи Хурд* ғарбии Осиё, ки бо Туркия як дониста (дақиқтараш Анатолия – қисмати осиёии давлат), аз Европа бо гулӯгоҳҳои Босфору Дарданелл ҷудо карда мешавад иборат мебошад. Аз шимолу ҷануб ин кӯҳсорро силсил кӯҳҳо печонида гирифтаанд (кӯҳҳои Понтӣ ва Тавр). Иқлими ин ноҳияи табиию географӣ субтропикӣ баҳримиёназаминӣ мебошад ҳангоми ба самти шарқ рафтан торафт хушк мешавад.

2. *Кӯҳсори Эрон.* Аслан дар ҳудуди Эрон ҷой гирифта, қисман Афғонистон (масалан, кӯҳҳои Паропомиз) ва Покистон (кӯҳҳои Сулаймон ва ғ.) – ро дарбар мегирад. Ноҳия тақрибан пурра дар минтақаи субтропикӣ ҷойгир аст. Вале, азбаски қисмати дарунии кӯҳсор бо ҳалқакӯҳҳо маҳдуд аст, иқлим бо хушкӣ ва ҳарорати баланди тобистон фарқ мекунад.

3. *Қисмати осиёии баҳри Миёназамин* (бо номи Левант машҳур аст) ҳошияи на он қадар васеъи қад-қади саҳили шарқии баҳри Миёназамин мебошад, ки Туркия, Сурия, Лубнон, Исроил, мухторияти Фаластин ва Ӯрдунро дарбар мегирад.Дар олами наботот ва хоки он хусусияти субтропикии ноҳия ошкор ба мушоҳида мерасад, ҳарчанд дар давраи тобистон дар инҷо ҳавои тропикӣ ҳукмрон аст. Боришот аслан дар зимистон ба сабаби фаъол шудани сиклонҳо ба қайд гирифта мешаванд.

*4.* Байнанаҳрайн *(Месопотамия)* дар маҷрои миёна ва поини дарёҳои Даҷла ва Фурот дар ҳудуди Ироқ ҷойгир буда, қисман ҳудудҳои Эрон ва Сурияро ишғол менамояд. Махсусиятҳои табиии ин ноҳияи табиию географӣ асосан бо иқлими хушки субтропикӣ, ки дар ҷануб хусусияти биёбони тропикиро мегирад, алоқаман

аст. Хусусияти континентали боиси пастшавии ногаҳонаи солона ва шабонарӯзии ҳарорат оварда мерасонад.

5. Нимҷазираи Арабистон ва биёбони Сурия асосан аз ландшафтҳои биёбонию тропикии Арабистони Саудӣ, Яман, Кувайт, Баҳрайн, Уммон, АМА, қисман Сурия, Ироқ, Ӯрдун иборатанд ( шимол ба ҳудудҳои минтақаи субтропикӣ дохил мешавад). Боришоти ночиз ва тағйирёбии ҳарорат натиҷаи бартарияти солонаи ҳавои хушки тропикӣ аст.

Ҳамин тавр, қисмати калони сарзамин пур аз кӯҳ аст ва дар ҷануб ба онҳо биёбони нимҷазираи Арабистон – идомаи биёбонҳои тропикии Африка меҷаспад. Барои тамоми Осиёи Ҷанубӣ – Ғарбӣ, ки дар минтақаҳои *субтропикӣ* ва *тропикӣ* ҷойгир шудааст, ландшафтҳои хушкида бартарият доранд: *хушксолиҳои* доимӣ дарди сари мардуми деҳот аст. Пастхамиҳои назди соҳилҳои баҳри Сурх ва халиҷи Форс аз ҳудудҳои биёбонӣ бо воҳаҳои бешумори «хурмодор» иборатанд, ки дар атрофии чашмасорон ва чоҳҳо рӯидаанд. Аз ҳамин ҷост, ки дарёҳои Нил ва Фурот барои минтақа дорои аҳамияти калон мебошанд. Табиист, ки деҳаҳои кӯҳсори Афғонистон бо пистазорон ва бурсзоронашон, ки дар водиҳои байни кӯҳҳо ҷой гирифтаанд, манзараи дигар доранд.

Вақте аз иқтидори табиию захиравии ОҶҒ сухан мегӯем, пеш аз ҳама захираҳои фаровони нафту газро дар назар дорем. Вале на ҳамаи мамлакатҳои сарзамин дорои чунин захираҳои зарурӣ ва афзоянда нарх мебошанд. Нисбат ба Арабистони Саудӣ, Кувайт, Баҳрайн, Катар, АМА, Эрон ва Ироқ давлатҳое мисли Туркия, Исроил, Лубнон, Ӯрдун, Сурия ва ғ. барои воридоти бензин, мазут, сӯзишвории авиатсионӣ ва маҳсулоти дигари нафтӣ маблағҳои калон харҷ мекунанд. Аз дигар захираҳои табиии ОҶҒ баъзе маъданҳои металлдор ва офтобию гармӣ; аз ошкоро камёб – захираҳои ҷангал ва оби нӯшокиро зикр намудан мумкин аст.

**Аҳолии ҳозираи ОҶҒ** асосан ба се гурӯҳи этнолингвистӣ тааллуқ доранд: 1) халқҳои *гурӯҳи эронии оилаи ҳиндуаврупоӣ* (форсҳо, толишҳо, афғонҳо, балуҷҳо ва ҳамчунин курдҳо, ки ба забонҳои гурӯҳи эронӣ ҳарф мезананд; 2) халқҳои *гурӯҳи сомии оилаи сомию хамитӣ* (арабҳо, айсорҳо, ва ҳамчунин яҳудиёне, ки баромади қадим ва забони қадим доранд); 3) *гурӯҳи турки оилаи олтойӣ* (туркҳо, озарбрйҷониҳои Эрон, ӯзбекҳои Афғонистон ва ғ.). Вазъияти демографӣ дар маҷмӯъ бо афзоиши баланди табиӣ тавсиф карда мешавад. Шаҳрҳои калонтарин: *Анқара, Истамбул, Бейрут, Димишқ, Ар – Рияд, Тел – Авив* ва ғ.

Халқи парокандаи *курд* дар харитаи этникии сарзамин ҷои махсусро ишғол менамояд. Ноҳияҳои курднишин аз қадимулайём фазои ягонаи хоҷагидорию фарҳангиро ташкил медоданд ва роҳҳои кӯчиш аз аср ба аср ҳифз карда мешуданд. Курдҳо ҳанӯз дар асрҳои миёна ибтидои давлатдориро дар шакли аморатҳои нимвассалӣ бунёд ниҳода буданд. Вақте дар охири асри Х1Х империяҳои бузурги Осиёи Ҷанубӣ рӯ ба таназзул оварданд, бори аввал имконияти муттаҳид намудани ҳамаи заминҳои курдон дар давлати ягонаи марказонидашуда пайдо шуд. Вале ин ниятҳо амалӣ нагардиданд. Мавқеи намоёни стратегии Курдистон ва кашфи конҳои нафт дар назди шаҳрҳои Киркук ва Мавсул манфиатҷӯии Англия, Германия, Франсия ва қисман Руссияро барангезонд. Набарди хунин оғоз ёфт ва ҳар як аз ин давлатҳо фаъолона ва баъзан бадахлоқона бо масъалаи курдҳо бозӣ карданд. Сарнавишти таърихии курдҳо чунин шуд, ки баъд аз сукути империяи Усмонӣ ва пайдоиши давлатҳои нав дар сарзамин Туркия, Эрон, Ироқ ва Сурия Курдистонро байни худ тақсим намуданд (ҳарчанд курдҳо дар тамоми ҷаҳон паҳну парешонанд, аз ҷумла 100 ҳазор курд дар ҷумҳуриҳои паси Қафқози шӯравӣ сарпаноҳ ёфтанд). Шӯришҳои чандинкаратаи курдҳо барои ба даст овардани мухторият дар Эрону Ироқу Туркия бенатиҷа анҷомид.

Саволи зерин таваҷҷуҳро ба худ ҷалб менамояд: курдҳои маскун дар сарзамини исломӣ пайравони кадом мазҳабанд?

Аксарияти курдҳо дар мазҳаби шофеӣ мебошанд. Вале дар байни ҷамоатҳои динӣ *йазидҳо* – пайравони дини *йазидия* (пайравони оини зардуштия, ки онро оташпарасти низ гӯянд, китоби муқадаси он «Авесто» мебошад), ки курдҳо пеш аз ислом онро қабул карда буданд, фарқ мекунанд. Йазидҳо аз 1 то 1,5 миллион нафар дар Курдистони Ироқ (Мавсул, Синҷар), қисмати суриягии Байнанаҳрайн, Арманистон, Гурҷистон (як гурӯҳашон ба Германия ҳиҷрат карданд) зиндагӣ мекунанд. Миқдори на он қадар зиёди курдҳо низ ҳастанд, ки дини насрониро қабул намудаанд. Ва, ниҳоят, дар маъхазҳо аз мавҷудияти курдҳои яҳудӣ хабар медиҳанд. Курдҳое ки худро яҳудӣ меҳисобанд, 150 – 200 ҳазор нафаранд ва асосан дар Исроил зиндагӣ мекунанд (калимаҳои «ибрӣ» ва «яҳудӣ» барои арабҳо ҳаммаъноанд, бинобар ин дар ин маврид масъалаи мазҳабӣ ба худ ранги сиёсӣ мегирад).

Дар гузашта режимҳои диктаторӣ ва иртиҷоӣ на танҳо кӯшиши поймол кардани ҳуқуқҳои курдҳо ва бо истифодаи зӯрӣ тағйир додани марзҳои онҳоро мекарданд, инчунин мехостанд шумораи онҳоро кам карда, ба араб, форс, турк табдил диҳанд ва маълумот дар бораи шумораи курдҳоро таҳриф кунанд. Ба ақидаи баъзе муаллифони курд шумораи курдҳо дар ҷаҳони имрӯза 50 – 60 миллон нафарро ташкил медиҳад. Аз афташ, ин рақамҳо каме зиёд нишон дода шудаанд, зеро шумораи курдҳо дар худи Курдистон аз 50 миллион нафар зиёд нест.

Дар маҷмӯъ, мавҷудияти ҷамоатҳои ғайриисломӣ дар Исроил, Сурия, Лубнон, Туркия, Миср ва баъзе дигар давлатҳо қудрати тағйир додани чеҳраи мазҳабии ОҶҒ – ро, ки дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ ҳувайдост, надоранд. Масалан, тибқи таълимоти ислом табъиди ҷудоандозии ҳуқуқи марду зан (сегрегатсия) падидаи маъмулист. Дар бисёре аз мамлакатҳои сарзамин (пеш аз ҳама дар халиҷи Форс) муассисаҳои таълимии писарона ва духтарона вуҷуд доранд. Зану мард дар як ҳуҷра наметавонанд кор бикунанд. Дар ҳама ҷойҳои ҷамъиятӣ, ҳатто автобусу тролейбусҳо барои занҳо ҷойҳои ҷудо муқаррар карда шудаанд. Занҳо одатан сарпӯши сиёҳ, рӯймол, *фаранҷӣ* (масалан, дар Афғонистон) доранд, рӯйи худро бо *чочван* пинҳон нигоҳ медоранд. Ҳамзамон, дар ҳамон Арабистони Саудӣ ё Кувайт аксари занҳо маълумоти хуб мегиранд; мошин меронанд, дар компютер кор мекунанд.

**Мамлакатҳои Осиёи Ҷанубӣ – Ғарбӣ.** Осиёи Ҷанубӣ – Ғарбӣ мисли ҳар як сарзамини калони ҷаҳон пур аз тазод аст. Ҳатто даъвои онки ислом унсури умумии пайвандкунандаи сарзамин мебошад, бо назардошти мавҷудияти давлати яҳудии Исроил, насрониёни Лубнону Сурия, курдҳои йазидӣ ва ғ. (ҷадвали 15.), ба шарҳу эзоҳ ниёз дорад.

***Ҷадвали 15***

**Осиёи Ҷанубу Ғарб: бокни маълумотҳои оморӣ.**

| Мамлакатҳо | Масоҳат ҳаз. км² | Аҳолӣ млн. нафар | Афзоиши табиии аҳолӣ, % | Давомнокии синну сол | | Истеъмоли ғизо ккал/шабонарӯз | ММД | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | мардҳо | занҳо | | умуми млрд доларов | ба сари 1 одам |
| Афғонистон | 652,1 | 29,9 | 2,7 | 46 | 44 | 1755,3 | 21,5 | 800 |
| Бахрайн | 0,7 | 0,7 | 1,5 | 75 | 75 | - | 14,1 | 20 500 |
| Исроил | 20,8 | 6,3 | 1,2 | 76 | 81 | 3541,5 | 139,2 | 22 200 |
| Урун | 89,3 | 5,8 | 2,5 | 69 | 71 | 2834,0 | 27,7 | 4 800 |
| Ироқ | 435,1 | 26,1 | 2,7 | 56 | 59 | 2445,5 | 94,1 | 3 400 |
| Эрон | 1634,0 | 68,0 | 1,1 | 68 | 70 | 2898,4 | 551,6 | 8 100 |
| Яман | 528,0 | 20,7 | 3,5 | 57 | 61 | 2002,1 | 17,2 | 800 |
| Қатар | 11,4 | 0,9 | 2,5 | 79 | 75 | - | 22,5 | 26 000 |
| Кипр | 9,2 | 0,8 | 0,5 | 74 | 79 | 3486,6 | 21,4 | 20 400 |
| Кувайт | 20,2 | 1,7 | 3,5 | 79 | 75 | 3167,4 | 51,6 | 22 100 |
| Либия | 10,4 | 3,8 | 1,2 | 72 | 75 | 3255,7 | 19,5 | 5 100 |
| ИМА | 83,6 | 2,6 | 1,5 | 73 | 74 | 3181,8 | 74,5 | 29 100 |
| Умон | 212,5 | 3,0 | 3,3 | 72 | 75 | - | 40,1 | 13 400 |

| | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Фаластин | 6,3 | 3,8 | 3,1 | 71 | 74 | - | 2,6 | 800 |
| Арабистони Сауди | 2150,0 | 26,4 | 2,2 | 71 | 73 | 2953,0 | 340,5 | 12 900 |
| Сурия | 185,2 | 18,4 | 2,3 | 70 | 70 | 3271,9 | 63,9 | 3 500 |
| Туркия | 779,5 | 69,7 | 1,1 | 67 | 72 | 3469,4 | 551,6 | 7 900 |

Дар ҳудудҳои ОҶҒ ноҳияи фарҳангию таърихии Осиёи Хурд, ки дар пайвандгоҳи Европа ва Осиё ҷойгир шуда, мероси азими империяҳои евроосиёро дар худ «ҳазм» намудааст бо Истамбул (Константинопол) - Руми дуюм, маркази насроният ва Бобулистони (Византия) қадим, пойтахти империяи Усмонӣ) бо нодир будани фарқ менамояд.

**Туркияи** муосир давлати зуд тараққикунанда буда, асосан такя ба рушди саноати сабук (аз ҷумла бофандагӣ) мекунад.

Сониян, дар шарқ **Эрон** ва **Афғонистон** ҳамчун ҳалқаи пайванд дар байни бархостгоҳҳои тамаддунҳои Осиёи Пеш, Хитой ва Ҳиндустон, фазои махсуси фарҳангию таърихиро ба вуҷуд меоваранд. Эрон ҳам аз нигоҳи масоҳат ва ҳам аз рӯи шумораи аҳлоӣ давлати калон ба ҳисоб меравад. Аз нисф зиёди аҳолиро порсҳо (ё форсҳо) ташкил медиҳанд, боқимонда *курдҳо*, *луриҳо, бахтиёриҳо, балучҳо, озарбойҷониҳо* ва ғ. мебошанд. Афғонҳои қариб дар тамоми тӯли асри XX «ҷангдида» (дар аксари маврид бидуни хоҳиши худ) аз гурӯҳҳои этникии пуштун, тоҷик, ӯзбек, туркман, ҳазора иборатанд.

**Арабистони Саудӣ** гаҳвораи ислом аст. Рушди босуръати мамлакат дар асри XX ба захираҳои нафт вобаста мебошад. Дар солҳои аввал шоҳигарӣ тавони «ҳазм» кардани ин сарватро надошт ва пулҳояшро дар бонкҳои ғарбӣ ҳифз мекард, аммо дар охири асри бист барномаи азими модернизатсияро ба роҳ андохт.

Дар саноат асосан ба **нафту химия** такя намуданд. Дар кишоварзӣ ҳам қадамҳои устувор гузашта шуд. Шоҳигарӣ дар шароити биёбон тавонист худро бо ғалла ва сабзавот таъмин намояд. Ин ба шарофати сохтани системаи иншооти обёрӣ, истифодаи тухмии дар ҷаҳони аз ҳама хуб ва техникаи пешқадам ба даст омад. Пойтахти мамлакат Ар Риёд чеҳраи худро тағйир дод. Дар давоми чоряк аср давлати патриархалии бадавиҳои кӯчманчӣ ба «ҷомеаи истеъмолкунанда» (ба тарзи амрикоӣ) табдил ёфт. Нафт ҳамчунин манбаи андӯхтаҳои молиявӣ ва гулгулшукуфии босуръати давлатҳои аъзои **(ОПЕК)……………………** - *Баҳрайн, Катар, Кувайт, АМА* гардид. *Яман* ва *Уммон* аз нигоҳи рушди иҷтимоию иқтисодӣ дар нимҷазираи Арабистон ҳамчунон қафомонда боқӣ монданд.

Ноҳияи таърихию географии *Фаластин* – ватани ду халқ – арабҳо ва яҳудиён ба шумор меравад, ки ҳар яки онҳо дар рушди иқтисодӣ ва фарҳангии кишвар саҳми худро гузоштаанд. Пас аз анҷоми ҷанги Дуюми ҷаҳон резолютсияи СММ дар бораи дар ҳудуди Фаластин сохтани ду давлати алоҳида – Исроил ва Фаластин содир шуд. Давлати яҳудии Исроил соли 1948 арзи ҳастӣ намуд, вале мамлакатҳои арабӣ қарори СММ-ро эътироф накарданд ва даст ба амалиёти ҳарбӣ бар зидди Исроил заданд. Исроил дар рафти ҷанг порае аз ҳудуди барои давлати арабӣ пешбинишуда ва қисмати ғарбии Байтулмуқаддасро забт намуд. Солҳои минбаъда ҳамчун давраи ихтилофоти доимии ҳарбӣ дар байни Исроил ва давлатҳои арабии ҳамсоя ёд карда мешавад. «Ҳалқа»-и навбатии ҷанг ба соли 2006 рост омад.

Аз ҷамъи аҳолии ҳозираи Исроил тақрибан 50 дарсадро сокинони ИҶШС-и собиқ ташкил медиҳанд.

**Хоҷагӣ.** Осиёи Ҷанубӣ – Ғарбӣ агар аз як тараф яке аз қадимтарин маконҳои тамаддуни ҷаҳонӣ бошад, аз тарафи дигар аксарияти давлатҳои ҳозираи он то ҳол мақоми мамлакати рушдкунандаро доранд ва вазифаи таъминкунандаи бозори ҷаҳонӣ бо ашёи хоми саноатӣ ва кишоварзиро иҷро менамоянд.

Нақши глобалии иқтисодии ОҶҒ-ро захираҳои ҳангуфти (бузурги) нафти Арабистони Саудӣ, Кувайт, АМА, Баҳрайн, Катар, Эрон, Ироқ муайян менамоянд.

Мавзеъҳои асосии истихроҷи нафт ҳудуди мамлакатҳои часпида ба халиҷи Форс ва канорҳои тунукобаи он мебошанд. Арабистони Саудӣ аз рӯи ҳаҷми истихроҷи нафт ҳамаи мамлакатҳои сарзаминро якҷоя бо Россия ба ақиб гузошта, дар ҷаҳон пештозӣ мекунад (қариб 400 миллион тонна). Дар баробари ин, дар байни сатҳи истихроҷи нафт ва иқтидорҳои маҳаллии саноати коркарди нафт тафовути калон ба мушоҳида мерасад. Миқдори зиёди нафти хом ба хориҷа, асосан ба мамлакатҳои Европаи Ғарбӣ ва ИМА содир карда мешавад.

Ғайр аз ин, дар Ӯрдун конҳои намаки калийи аҳамияти ҷаҳонидошта коркард мешаванд. Туркия аз рӯи истихроҷ ва содироти маъданҳои хромитдор дар ҷаҳон ҷои намоёнро ишғол менамояд; дар Ироқ фосфоритҳо ва кибрити табиӣ истихроҷ мекунанд. Дар халиҷи Форс ва баҳри Сурх аз қадимулайём марворид ва марҷон берун меоваранд.

**Исроил** (дорандаи силоҳи ядроӣ) ва *Туркия* (узви НАТО ва номзад ба узвияти ИА) аз нигоҳи индустриалӣ рушдкардатарин мамлакатҳои минтақа ба шумор мераванд. Аз рӯи «ченакҳои» ҳозиразамон Исроил давлати аз ҷиҳати иқтисодӣ хеле тараққикарда мебошад (дар муқоиса бо ҳамсояҳои худ). Сармоягузориҳои ҳангуфт (бузург), ки асосан аз ҳисоби сармояи хориҷӣ дар шаклҳои сармоягузории мустақим, қарз, вомборг, ёрии иқтисодӣ ва ғ. амалӣ карда мешавад, ба суръати баланди рушди ин давлати шарқимиёнаӣ мусоидат намуданд. Исроил ба бозори ҷаҳонӣ маҳсулоти мошинсозӣ, саноати бофандагӣ ва дӯзандагию трикотажӣ, ҳамчунин саноати хӯрокворӣ содир менамояд. Дар бахши кишоварзии Исроил шабакаи васеъи ба ном коммун-*кибутс* ва кооперативҳо-*мошавҳо* созмон дода шудаанд, ки самаранокии онҳоро гузашти айём исбот намудааст.

Дар истеҳсолоти индустриалии **Туркия** нақши асосиро саноати сабук (истеҳсоли матоъҳои пахтагӣ), ҳамчунин тавлиди техникаи на он қадар мураккаби рӯзгор, ҷамъоварии мошинҳо ва ғ. мебозанд. Тамоку яке аз муҳимтарин зироатҳои техникӣ шинохта шуда, баъзе навъҳои он дар байни тамокукашон машҳур гардидааст. Зироатҳои ситрусӣ, ангур, чормағз, анҷир ва ғ. низ парвариш карда мешаванд. Миқдори зиёди бузҳои ангорӣ пашми аълосифат медиҳанд.

Аз рӯи шумораи одамони машғули кор соҳаи асосии иқтисодиёти мамлакатҳои сарзамин *кишоварзӣ* мебошад. Маҳдудкунандаи ягонаи рушди он норасоии об ва талаботи зиёд ба обёрӣ мебошад. Чеҳраи хоҷагидории **Афғонистон** аз захираҳои карбогидрат (нафт) бенасибро кишоварзии қафомонда, махсусан чорводорӣ муайян менамояд. Дар сохтори содироти ин кишвар ҷои аввалро *пӯсти қарокӯл* ва *қарокӯлча* ишғол менамояд. Мамлакатҳои сарзамин мавиз ва финдиқ (Туркия), қаҳваи «мокко» (Яман), бодом (Эрон), хурмо (Ироқ) содир менамоянд.

Баъзе маҳсулоти косибон, ба мисли *қолинҳои эронӣ, маҳсулоти* катонии С*урия* ва *Лубнон, муслини ироқӣ* ва ғ. дар бозори ҷаҳонӣ талаботи зиёд доранд.

Географияи иқтисодии минтақаро аз бисёр ҷиҳат вазифаи *чорроҳаи глобалии нақлиётӣ* будани он муайян менамояд. Якум, гулӯгоҳҳои Ҳурмуз, Босфор ва Дарданелла, ҳамчунин калонтарин бандарҳои баҳрӣ: Истамбул, Измир, Бейрут, Хайфа, Аден ва ғ. Дар киштигардии байналхалқӣ эътироф шудаанд. Дуюм, аз инҷо роҳи оҳани фароқитъаии *Гамбург (Германия) – Басра (Ироқ)* мегузарад, ки аз пули дар Босфор буда истифода карда мешавад. Сеюм, бисёре аз хатҳои лӯлаи нафт (аз ҷумла хати нави лӯлаи нафти Боку – Ҷайҳон дар Туркия) аҳамияти ҷаҳонӣ доранд. Чорум, фурудгоҳҳои Бейрут, Димишқ, Анқара, Теҳрон, Тел – Авив на танҳо бо миқёсҳои азими мусофиркашонӣ фарқ мекунанл, балки марказҳои муҳими транзитӣ аз Европаи Ғарбӣ, Африка ва Америкаи Шимолӣ ба мамлакатҳои дар самти шарқ ба Шарқи Миёна ҷойгиршуда низ мебошанд.

Хулоса, Осиёи Ҷанубӣ – Ғарбӣ ҳамчун «мағз»-и таърихии собиқ империяи Усмонӣ бисёр унсурҳои ҳам тамомияти фарҳангию таърихӣ (дар чорчӯбаи сарзамини

васеъи исломӣ бо дарбар гирифтани Африкаи Шимолӣ) ва ҳам аломатҳои ошкори «ба қабатҳо ҷудошавии» иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсиро доро мебошад. Даъвати бисёре аз ходимони сиёсии Шарқи Наздик ва Миёна дар борои ба вуҷуд овардани фазои иқтисодии умумиарабӣ, бозорҳои умумиарабӣ ва умумиисломӣ ба ихтилофоти байни давлатҳои сарзамин рӯбарӯ омадааст, ки пеш аз ҳама ба фарқиятҳои муҳими онҳо дар мақоми иқтисодӣ, ба гуногунии нуқтаи назари онҳо ба ғояҳои фундаментализми исломӣ ва ғ. вобаста мебошанд.

Дар мамлакатҳои сарзамин (пеш аз ҳама дар мамлакатҳои халиҷи Форс) захираҳои ҳангуфти нафту газ ҷамъ омадаанд, ки истихроҷи онҳо ба сифати манбаи муҳимтарини рушди иқтисодии бисёре аз онҳо хидмат мекунад. Ҳамзамон ин захираҳо манбаи «бозиҳои геополитикӣ»-и сунъии абарқудратони имрӯза дар ин сарзамин гардидаанд.

Дар сарзамин мамлакатҳои камаҳолӣ бисёр мебошанд (ба истиснои Туркия, Эрон ва баъзеи дигар). Афзоиши баланди табиӣ (зиёда аз 2 дар сад) ба мушоҳида мерасад.

Тазодҳои мамлакатҳои минтақа аз рӯи дараҷаи рушд ба дараҷаи аъло расидаанд. Дар як қутб Арабистони Саудӣ ва мамлакатҳои муваффақи халиҷи Форс, дар дигар қутб Афғонистон (яке аз камбағалтарин давлати ҷаҳон) ва Мавритания ҷой гирифтаанд.

**Саволҳо ва супоришҳои санҷишӣ**

1. *Мафҳумҳои «тамаддуни исломӣ», «олами ислом», «Шарқи Наздик» ва «Шарқи Миёна» бо ҳам чӣ муносибат доранд?*

2. *Чаро сарзамини арабӣ имрӯз тамомияти пурра надорад?*

3. *Кадом мамлакатҳои сарзамин аз рӯи ҳаҷми ММД ба ҳар сари аҳолӣ пешсаф ва кадом мамлакатҳо қафомондаанд?*

4. *Иқтидори захираҳои табиии Осиёи Ғарбиро чӣ гуна тавсиф кардан мумкин аст?*

5. *Мафҳуми «Курдистон» чиро ифода менамояд? Он дар куҷо ҷойгир шудааст?*

6. *Барои ҳамгироии иқтисодӣ ва фарҳангии мамлакатҳои Шарқи Наздик ва Миёна чӣ монеа вуҷуд дорад?*

## 7.2. Сарзамини Баҳримиёназаминии Африка

**Дар бораи тарҳи минтақаи Африкаи Шимолӣ**. Одатан дар ҳайати Африка ду қисматро ёдовар мешаванд: Африкаи Шимолӣ (ё арабию барбарӣ) ва Африкаи ҷанубтари Саҳрои Кабир (ё Африкаи сиёҳ). Ба Африкаи сиёҳ давлатҳои Африкаи континентӣ, ки дар ҷанубтари биёбони Саҳрои Кабир ҷойгир шудаанд, ҳамчунин як қатор мамлакатҳои ҷазиравӣ ва ҳудудҳои дар уқёнусҳои Атлантика ва Ҳинд воқеъ буда дохил мешаванд.

Тибқи тартиботе, ки Комиссияи Иқтисодии СММ истифода мекунад, ба ҳайати субсарзамини *Африкаи Шимолӣ* Алҷазоир, Либия, Марокаш, шаҳрҳои Мелиля ва Сеут (мулкҳои Испания), Судон, Тунис ва Миср, (баъзан Мавритания) дохил мешаванд.

Муҳаққиқони дигар Судонро аз ҳайати Африкаи Шимолӣ мебароранд, зеро гумон доранд, ки тибқи нишондиҳандаҳои бисёри иҷтимоию фарҳангӣ ин давлат ҳарчанд замоне як қисми таркибии Судони Англо-Мисрӣ будааст ва аз нисф зиёди аҳолиаш ба забони арабӣ гап мезананд, «аз ансамбли олами ислом берун аст».

Муаллифони сеюм дар зери мафҳуми мамлакатҳои Африкаи Шимолӣ фақат давлатҳои ба ном *Магрибро* мефаҳманд («Мағриб» калимаи арабист, ба маънои ғарб ва номи музофотро тасодуфан чунин нахондаанд: ҳудуди ғарбии ҳаракати арабҳо дар асрҳои У11 – У111 маҳз дар ҳаминҷо ба охир мерасид). Одатан чун анъана ба

ҳайати Мағриб Марокаш, Алҷазоир ва Тунисро дохил мекарданд. («Мағриб парандаест, ки Алҷазоир танааш ва Тунису Марокаш болҳояш мебошанд» - мегӯянд арабҳо). Баъзан ба ҳайати Мағриб Либияро ва аҳёнан Мавританияро ҳам ворид мекунанд. Агар Миср бо сабаби дар Африкаи Шимолӣ – Шарқӣ ҷойгир шуданаш ба ҳайати Африкаи Шимолӣ дохил карда нашавад, пас бо чунин асос Марокашро метавон ба Африкаи Шимолӣ – Ғарбӣ дохил нанамоем.

Чӣ хеле ки мебинем, нисбат ба тарҳи минтақаи Африкаи Шимолӣ фаҳмиши ягона вуҷуд надорад. Душвориҳо дар масъалаи Судон ва Мавритания ҳам дучор меоянд, ки бо баъзе гузаштҳо метавон мутааллиқ ба ҷаҳони арабу барбарӣ донист. Ба ҳар ҳол, сарзамини мазкурро дар ҳайати мамлакатҳои канори ҷанубии баҳри Миёназаминии Африка баррасӣ менамоем.

**Муҳити табиӣ ва аҳолӣ.** *Африкаи Шимолиро,* ки қариб пурра дар минтақаҳои тропикӣ ва субэкваториалӣ ҷойгир шудааст, тибқи анъана ба се музофоти табиию географӣ тақсим менамоянд:

1) *музофоти Атлас*- ҳошияи қисмати шимолу ғарбӣ, ки дар байни минтақаҳои баҳримиёназаминӣ ва биёбонию тропикӣ ҷойгир шудааст. Аз нигоҳи тектоникӣ ва геоморфологӣ ин музофот идомаи Европаи Ҷанубӣ мебошад, бинобар ҳамин нишебиҳои шимолу ғарбии Атлас аз бисёр ҷиҳат соҳилҳои Испанияро ба хотир меоранд, ҳол он ки қисматҳои дохилии он «махсусиятҳои Саҳрои Кабир»-ро мегирад. (Дар баъзе ноҳияҳои кӯҳсори силсилаи Атлас, аз ҷумла дар Марокаш, мавзеъҳое ҳаст, ки дар зимистон барфпӯш мешаванд ва каме ҳам бошад ҳамчун манбаъи оби дарёҳо хидмат мекунанд);

2).*Саҳрои Кабир* – дар минтақаи иқлимӣ биёбонӣ воқеcт, ки ҳамасолаи ҳавои хушки тропикӣ ҳукмрон мебошад. Ин музофоти биёбонию тропикӣ дорои масоҳати азим (тақрибан 7 миллион километри мураббаъ) бо камборишӣ (камтар аз 50 мм) ва бухоршавандагии дар ҷаҳон аз ҳама зиёд тавсиф карда мешавад;

3) *Судон* – саваннаи тӯлкашидаест, ки аз Атлантика то суфакӯҳи Ҳабашистон ва қисман ҷануби Африкаи Шимолиро фаро гирифтааст. (Сахел – минтақаи биоиқлимии баландҳарорат дар байни Саҳрои Кабир ва саванна, ки берун аз ҳудудҳои Африкаи Шимолӣ ҷойгир шудааст). Реҷаи ҳарорат дар музофоти табиию географии Судон нисбатан кам тағйир меёбад ва хусусияти хоку рустаниҳо ба тамом аз миқдори боришот вобаста мебошанд.

Шояд хусусияти аз ҳама хоси сарзамини баррасишаванда *хушкӣ* ва норасоии *захираҳои об* бошад, зеро, зиёда аз 90 дарсади ҳудуди мамлакатҳои сарзамини Бахримиёназаминии Африкаи Шимолӣ биёбон мебошад). Дар Саҳрои Кабир ва биёбони Либия (охирин қариб 70 дарсади ҳудуди Мисрро ташкил медиҳад) зуд-зуд реги равон вомехӯрад, ки дар зери таъсири шамол ҷой иваз мекунад. Баландии хомаҳои рег дар баъзе ҷойҳо ба 150 метр мерасад. Қаторҳои мувозии хомаҳо баъзан то садҳо километр тӯл мекашанд.

Дар робита ба ин масъалаи обёрии заминҳо барои сарзамин масъалаи доғи соҳаи технологияи кишоварзӣ ба шумор меравад. Шабакаи обнигории (гидрографии) мавҷуда (ба истиснои Нил ва баъзе обҳои равони наздисоҳилӣ) аз уеддҳо – маҷроҳои муваққатии дарёҳо иборат аст. Дар Саҳрои Кабир *обҳои зеризаминӣ* (*артезианӣ),* ки дар масоҳатҳои калон дучор меоянд ва бештар дар маҳалҳои истироҷи нафту газ истифода карда мешаванд, аҳамияти хоса пайдо мекунанд. Вале, якум, обҳои зеризаминӣ дар чуқуриҳои гуногун вомехӯранд (баъзан дар чуқурии 1000 – 2000 метр); дуюм, дар аксари маврид онҳо маъданокии зиёда доранд ва нӯшиданашон безарар нест; сеюм, захираҳои обҳои артезианӣ одатан бозмонда аз давраҳои қадиманд ва баъд аз истифода ҷояшон аз нав барқарор намешавад.

Сарвати асосии минералии мамлакатҳои сарзамини Баҳримиёназаминии Африка нафту газ ҳисобида мешавад, ки махсусан дар қаъри замини Алҷазоир ва Либия зиёданд. Ғайр аз инҳо, маъданҳои металлдор, фосфоритҳо (Атлас) ва ғ. вомехӯранд.

Ба шарҳи муфассали таърихи этникӣ напардохта (дар замони худ сарзамин Баҳримиёназаминии Африкаро финиқиҳо, империяи Рим, қавмҳои олмонии вандалҳо, императорони Бобулистон, туркҳо, конкистадорҳои испанӣ ва ғ. мехостанд ба зери тасарруфи худ дароранд), қайд мекунем, ки баъд аз ҳуҷуми нахустини арабҳои истилогар (асри У11) ислом дар инҷо пирӯз гардид. Дар оғози ҳазорсолаи нав (дар миёнаи асри Х1) анбӯҳи аз пештара бештари арабҳо ба минтақа зада даромаданд. Кӯчиёни биёбони Арабистон ғалабаи пурра ба даст оварданд ва Африкаи Шимолӣ ба Хилофати араб ҳамроҳ карда шуд. Қисмати зиёди қавмҳои барбар ва ақвоми дигар забону фарҳанги арабиро пазируфтанд ва ғолибон ҳам дар навбати худ (кам ҳам бошад) бо мағлубон омехтанд.

Дар баробари ин, таркиби аҳолии сарзамини Баҳримиёназаминии Африкаи Шимолӣ аз унсурҳои гуногун иборат буд. Масалан, халқи қадими Миср дар натиҷаи омехташавии қавмҳои мухталифи африкоии аз Ҷануб ва Ғарб ба водии Нил воридшуда арзи ҳастӣ намудааст. Аз рӯи баромад халқи қадими Миср аз табори аҳолии Нубия (Судони ҳозира) мебошад. Муҳоҷирони осиёии аз шимолу шарқ омада (асосан сомиҳо) ва либиягиҳои сафедпӯсти аз ғарб ба Миср воридшуда зуд бо мардуми бумӣ омезиш ёфтанд. Дар ҳудуди Марокаши ҳозира қавмҳои либиягӣ – аҷдоди барбарони муосир мезистанд.

Ҳарчи ҳам набошад, қисмати аъзами аҳолии муосири сарзамин арабҳо ё *барбарҳои арабшуда* (Қабилҳо, рифҳо ва ғ.) мебошанд ва барои сухан гуфтан дар бораи шабоҳати нисбии этникии сарзамини Баҳримиёназаминии Африка имкон медиҳанд. (Масалан, барбарҳои арабшуда қариб 15 дар сади аҳолии Марокашро ташкил медиҳанд). Инҳо рифҳо, шлехҳо ва барбарҳои дигар мебошанд, ки асосан дар музофотҳои доманакӯҳ ва кӯҳҳо зиндагӣ ва бо забони барбарӣ гуфтугӯ мекунанд.

Дар миёни аққалиятҳои миллӣ туарегҳо (ҷануби Алҷазоир) бо «хислат»-и хоси худ фарқ мекунанд.

Шумори аққалиятҳо дар шаҳрҳои наздисоҳилӣ зиёд мебошад. Масалан, дар Миср юнониҳо, арманиҳо, нубиягиҳо, беҷа, италиягиҳо ва дигар халқҳо аксаран дар шаҳрҳои Қоҳира ва Искандария ҷамъ омадаанд. (Онҳо асосан дар соҳаи хизматрасонӣ кор мекунанд: юнониҳо – савдогарони хурд; нубиягиҳо – ошпаз ва дарбони меҳмонхонаву тарабхонаҳо; италиягиҳо – асосан бинокор ва косиб; ақвоми беҷа – кишоварз ва ғ.). Ба шумори аққалиятҳои миллии Марокаш яҳудиёни пайрави иудаизм, ҳамчунин фаронсавиҳо, испаниҳо ва дигарон дохил мешаванд.

Хусусияти фарқкунандаи ҷараёни демографии аҳолии сарзамин таваллуди зиёд ва мутаносибан афзоиши зиёди табиӣ (дар баъзе солҳо то 3 дарсад) мебошад.

Бо назардошти хусусияти шароити табиии минтақа ҷойгиршавии аҳолӣ хусусияти мабдаъи ва воҳавӣ дорад. Зичии аз ҳама зиёди аҳолӣ дар резишгоҳи Нил, қад-қади соҳилҳои баҳри Миёназамин ва укёнусм Атлантика ба мушоҳида мерасад, ки бисёре аз шаҳрҳо дар он ҷойҳо ҷойгир шудаанд.

Аксарияти сокинони сарзамини Баҳримиёназаминии Африкаи Шимолӣ дар *мазҳаби суннии дини исломанд.*

**Мамлакатҳои сарзамин**. Ҳар як мамлакат дар ин сарзамин (ҷадвали 16.) ба таври худ нодир аст. Масалан, дар ҳудуди ***Мисри*** ҳозира яке аз тамаддунҳои аввалини башарият ба вуҷуд омадааст. Европоиҳо номи онро Египет талаффуз мекунанд, ки решаи юнонӣ дорад. Худи мисриён онро вобаста ба ранги водии Нил «Кемет» («сиёҳ) меноманд. Бобулиҳо ва ошуриҳо «Мусрӣ» мегуфтанд (*Митсраими* яҳудиён ва *Мисри* арабҳо аз ҳаминҷост).

*Ҷадвали 16.*

**Африкаи Баҳримиёназаминии: бокни маълумотҳои оморӣ.**

| Мамлакатҳо | Масоҳат ҳаз. км² | Аҳолӣ, млн. нафар | Афзоиши табиии аҳоли, % | Давомнокии синну сол | | Истеъмоли ғизо ккал/шабонарӯз | ММД | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | мардҳо | занҳо | | умуми млрд доларов | ба сари 1 одам |
| Алҷазоир | 2381,7 | 32,5 | 1,2 | 68 | 71 | 2965,5 | 237,0 | 7300 |
| Миср | 1001,4 | 77,5 | 1,8 | 65 | 68 | 3323,0 | 337,0 | 4400 |
| Либия | 1759,5 | 5,8 | 2,3 | 73 | 77 | 3276,8 | 48,2 | 8400 |
| Мароккаш | 446,6 | 32,7 | 1,6 | 67 | 71 | 3010,2 | 139,5 | 4300 |
| Тунис | 164 | 10,1 | 1,0 | 70 | 74 | 3387,6 | 76,9 | 7600 |
| Мавритания | 1030,7 | 3,1 | 2,9 | 53 | 55 | 2702,5 | 6,2 | 2000 |

Аз охири асри Х1Х Миср ниммустамликаи Британияи Кабир ва аз соли 1953 ҷумҳурии соҳибистиқлол аст. Воқеаи аз ҳама муҳимтарин барои Миср милликунонии *канали Суэтс* (соли 1956) мебошад, ки аз ҳудуди Миср мегузарад ва кишварҳои Европаю Америкаро бо давлатҳои Осиё ва Африкаи Шимолӣ мепайвандад. Аз нуқтаи назари табиию географӣ Миср (мисли баъзе кишварҳои дигари сарзамин) – мамлакати биёбонӣ аст (96 дарсади ҳудуд). Тамоми ҳаёти хоҷагидории мисриён асосан  дар резишгоҳи дарёи Нил ва дар воҳаҳо сурат мегирад. Дар паҳноҳои бекарони биёбонҳои Либия ва Арабистон *бадавиёни* кӯчманчӣ ба шутур, гӯсфанд  ва бузбонӣ машғуланд. *Фаллоҳон*  (деҳқонон) бо тарзи ҳаёти муқимӣ ва обёрӣ кардани заминҳои заҳматталаб аз онҳо фарқ мекунанд.

Замини киштбоб дар Миср ва дигар мамлакатҳои сарзамини Баҳримиёназаминии Африкаи Шимолӣ арзиши баланд дорад. Аз ҳамин сабаб, деҳоти мисриён аз таҷаммӯъи хонаҳои ба ҳам часпида иборат мебошад. Хонаҳои деҳотиён одатан аз саман, (шабеҳи похса) ки худи фаллоҳон аз лойқаи Нилу каҳпора тайёр мекунанд сохта мешавад.

Пойтахти Миср *Қоҳира* калонтарин шаҳри Африка ва Шарқи Наздик ба шумор меравад. Дар миқёси Африка Искандария (*Александрия)* ҳам шаҳри хеле калон ҳисобида мешавад..

Дар тарафи ғарби Миср Ҷумҳурии ***Либия*** ҷой гирифтааст, ки гузаштаи мустамликавиаш  бо Италия пайванд мебошад (кишвар дар натиҷаи ҷанги Италияю Туркия (солҳои 1911 – 1912) ба тасарруфи Италия даромад). Шоҳигарии муттаҳидаи Либия дар он замон аз се музофоти таърихӣ иборат буд – *Триполитания, Киренаики* ва *Фетсано*. Соли 1969 монархияи меросӣ сарнагун ва Либия ҷумҳурият эълон карда шуд.

Мисли дигар давлатҳои сарзамин  либиягиҳо ҳам асосан дар соҳилҳо ва пуштакӯҳҳои бо ҳам часпида ба соҳилҳо наздик зиндагӣ мекунанд. Дар байни аққалиятҳои миллӣ *италиягиҳо* аз ҳама зиёданд ва аксарияти онҳо дар Триполитания сукунат доранд. Шаҳрҳои Либия камшумор ва на он қадар калонанд. Шаҳри аз ҳама калон пойтахти мамлакат *Триполӣ* ва *Бангозӣ* мебошанд. Дар умқи биёбони Либия (дар Фетсано) маҳалҳои аҳолинишини доимӣ кам вомехӯранд. Воҳаҳои он ҳамчун пайвандгоҳи роҳҳои корвон ва бозорҳои маҳаллӣ хидмат мекунанд.

Дуюмин мамлакати аз ҷиҳати ҳудуд калони Африка ***Алҷазоир*** мебошад. Қаламрави онро асосан биёбони Сахрои Кабир ишғол намудааст. *Теллро*

«марворид»-и кишвар меноманд. Он тасмаи тангест, ки қад-қади соҳили баҳри Миёназамин тӯл кашидааст ва аксарияти аҳолии мамлакат дар онҷо зиндагӣ мекунанд. Қисмати шимолии ҷумҳурӣ ба силсилакӯҳҳои Атлас дохил мешавад.

Алҷазоир зиёда аз 150 сол мулки мустамликаи Франсия буд (истиқлоли давлатӣ соли 1962 эълон карда шуд), ки ба муносибатҳои хоссаи ин кишвар бо метрополияи собиқ «равшанӣ меандозад». Аз ҷумлаи миллионҳо алҷазоирҳои муҳоҷир шумораи зиёди онҳо дар Франсия умр ба сар мебаранд (анъанаи муҳоҷирати меҳнатии алҷазоириён ба Европаи Ғарбӣ решаҳои «қадимӣ» дорад).

Дар харитаи географӣ дар байни Алҷазоир ва Либия мамлакати аз ду тараф «фишурда» - ***Тунис*** ҷойгир аст, ки нисбат ба ин ду мамлакат ҳудуди хурдтар дорад. Тунис дорои тамаддуни кӯҳан буда, пайдоиши он ба замони мустамликакунонии финиқиҳо, ки дар асри Х11 то милод рост меояд. Дар байни маҳалҳои аҳолинишини финиқӣ *Карфаген* - маркази тиҷоратӣ ва ғуломфурӯшии давлати бузург, мавқеи асосиро ишғол менамуд. Дар асрҳои 111-11 то милод Финиқия барои ҳокимият дар ғарби баҳри Миёназамин бо Рими Қадим муборизаҳои сахт бурд ва дар рафти он пурра мағлуб гардид. Дар соли 146 то милод римиҳо Карфагенро хароб ва ба мулкҳои худ пайваст намуданд.

Баъд аз ин ҳудуди Тунис чандин бор аз даст ба даст гузашт – вандалҳо, Рум, норманнҳо, ақвоми араб, испаниҳо, туркҳо ва дигарон барои соҳиб шудан ба ин заминҳо муборизаҳои беамон бурдаанд.

Дар ниҳояти кор, соли 1881 Тунисро Франсия ишғол намуд ва рақибони худро аз он сарзамин ронд. Ва фақат дар соли 1955 аҳдномаи Франсияю Тунис эълон гардид, ки тибқи он мустақилияти дохилӣ ба дасти тунисиҳо супорида шуд. «Нақши»-и фаронсавӣ дар таърихи мамлакат - гуфтугӯи аҳолӣ бо забони фаронсавӣ дар шаҳрҳо – то ҳоло боқист. Тунис аз нигоҳи иқтисодӣ нисбат ба ҳамсоядавлатҳои худ ақибмондатар аст. Кишоварзӣ ва саноати коркарди маъдан мисли пештара соҳаҳои пешбарандаи хоҷагим халқ мебошанд.

Яке аз давлатҳои Мағриб ***Марокаш*** мебошад. Сохти идоракунии Марокаш монархия буда, мамлакат дар гузаргоҳи роҳҳои муҳими ҷаҳонии байни Европа ва Африка, Шарқи Наздику Миёна ва Америка (ба воситаи баҳри Миёназамин ва уқёнуси Атлантика) ҷойгир шудааст. (номи мамлакат аз номи шаҳри *Марокаш* (ба арабӣ *Ал-Магриб*) гирифта шудааст.

Марокаш ҳамчун давлати мустақил дар аввали асрҳои миёна ташаккул ёфтааст. Дар асрҳои Х1 –Х111, дар давраи гулгулшукуфии сулолаҳои феодалии арабу барбарҳо Марокаш хеле муқтадир буд. Тасарруфи мамлакат аз тарафи европоиҳо дар асри Х шурӯъ гардид. Давлатҳои феодалии Марокаш қариб чорсад сол бо европоиён мубориза карданд. Аммо дар охири асри Х1Х ва аввали асри ХХ ҷанги Франсияву Испания бо Марокаш сар шуд ва соли 1912 бо имзои аҳдномаи тақсими Марокаш ба 3 музофот – фаронсавӣ, испанӣ ва байналхалқӣ (Танжер) ба охир расид. Ва фақат дар соли 1956 истиқлоли Марокаш эълон гардид (ба истиснои шаҳрҳои Суэт ва Мелил). Соли 1969 ҳудуди Ифнӣ ба Марокаш дода шуд.

Аз нигоҳи табиию географӣ Марокаш аз дигар мамлакатои Африкаи Шимолӣ хеле фарқ мекунад, зеро релйефи он ба ноҳияи чиндори алпӣ, ки системаи мураккаби кӯҳсори Атласро ба вуҷуд овардаанд, дохил мешавад. Ба қавли дигар, Марокаш *ягона мамлакати кӯҳсори сарзамин* мебошад. Махсусиятҳои релйеф дар обнигорӣ, шароити иқлимӣ, хосияти хак ва рустанӣ инъикос ёфтааст. Масалан, дар кӯҳҳо иқлими мӯътадил ба мушоҳида мерасад (дар баъзе ҷойҳои Атласи Миёна ва Баланд ҷангалзорони санавбар ва ҷалғӯза боқӣ мандаанд).

Аҳолии асосии мамлакат *марокашиҳо* – авлоди арабу барбарҳо мебошанд. Чӣ тавре дар боло зикр шуд, рифҳо, шлеҳҳо ва дигар барбариҳо, ки асосан дар пуштакӯҳҳо ва кӯҳсори сарзамин умр ба сар мебаранд ва то ҳоло ба забони барбарӣ

гап мезананд. Шаҳрҳои калонтарини Марокаш *Касабланка, Марокаш, Работ* (пойтахт), *Фес, Танжер, Уҷда, Тетуан* ба ҳисоб мераванд.

**Иқтисодиёт.** Дар нимаи дуюми асри бист, вақте номи олами арабро ҳамроҳ бо *нафт* ба забон мегирифтанд, ду музофоти нафтдор маъруфият пайдо карданд. Яке дар мамлакатҳои халиҷи Форс, дигаре дар Саҳрои Кабир. Дар байни мамлакатҳои сарзамини Баҳримиёназаминии Африкаи Шимолӣ дар истихроҷи нафт Либия солҳои дароз пешсафиро аз даст намедод; Баъд аз Либия Алҷазоир ва Миср ҷоийҳои дуюму сеюмро ишғол менамуданд. (Дар Тунис истихроҷи нафт кам ва дар Марокаш аз он ҳам камтар мебошад). Бо гузашти айём миқёси истихроҷи нафт дар Алҷазоир ва Либия баробар гардид. Маҳз ин ду мамлакат – калонтарин содиркунандагони нафт – аз рӯи ММД ба ҳисоби миёнаи шумораи аҳолӣ дар минтақа пешсаф мебошанд.

Аммо аз нуқтаи назари ҳаҷми умумии ММД ва дараҷаи диверсификатсияи иҷтимодиёт дар сарзамин ҷои аввалро Миср ишғол менамояд. Дар мамлакат на танҳо индустрияи коркарди маъдан ва электроэнергетика (аз ҷумла ба шарофати ёрдами ИҶШС бунёд кардани *сарбанди баланди Асвон* дар дарёи Нил) пайдо шуд, инчунин баъзе соҳаҳои саноати коркард: пахтатозакунӣ, истеҳсолоти ресандагӣ ва бофандагӣ, металлургияи сиёҳ (ш. Ҳелуан), саноати химия, соҳаҳои алоҳидаи мошинсозӣ ва ғ. ба вуҷуд омаданд. Шаҳрҳои Искандария, Асют, Ал-Маҳалла-ал-Кубро ва ғ. ба марказҳои пешқадами индустриалӣ табдил ёфтанд.

Дар омади гап бояд бигӯем, ки корхонаҳои саноати коркард дар мамлакатҳои ҳамсоя низ сохта мешаванд. Масалан, дар Марокаш комбинати химиявии Сафӣ, дар Тунис корхинаи металлургии Анноб (Ал-Ҳаҷар), корхонаҳои коркарди нафт дар Арзев, Алҷазоир ва Скикд, корхонаи истеҳсоли гази моеъи Арзев ва ғ. бунёд карда шудаанд.

Ҳарчанд манбаъҳои муҳимтарини даромад ба хазинаи давлат тақрибан дар ҳамаи мамлакатҳои сарзамин истихроҷ ва қисман коркарди ашёи хоми саноатӣ аст, шумораи зиёди қувваи корӣ машғули корҳои кишоварзӣ мебошанд. Тарзи ҳаёти падаршоҳӣ маҳз бо бахши аграрӣ як дониста мешавад. Он қисмати асосии аҳолии деҳотро бо кор тахмин менамояд, вале амалан барои васеъ кардани истеҳсолот ягона манбаи воқеӣ ба вуҷуд оварда наметавонад. Шакли нимнатуралии кор дар ин бахш вобаста ба самаранокии ниҳоят пасти кор, камҳосилии заминҳо, набудани техникаи ҳозиразамон ва фарҳанги одии агротехникӣ мебошад. Бозсозии хоҷагиҳои нимнатуралӣ ба истеҳсолоти даромаднок бевосита ба ҳалли масъалаи доғи Африкаи муосир –худтаъминкунӣ бо моводи ғизоӣ вобаста аст. Бо назардошти он ки дар инҷо дар як сол ду – се бор ҳосил бардоштан имконпазир аст, иҷрои ин вазифа он қадар афсонавӣ наменамояд.

Махсусгардонии кишоварзии Африкаи Шимолӣ ва дифференсиатсияи ҳудудии он натиҷаи якҷоя амал кардани омилҳои табиию географӣ ва иҷтимоию иқтисодӣ буда метавонад. Дар ҳамаи мамлакатҳои сарзамин зироаткорӣ бар чорводорӣ бартарият дорад (аз рӯи арзиши маҳсулот). Дар баробари ин, ду гурӯҳи зироатҳои кишоварзӣ: истеъмолӣ ва содиротиро зикр намудан мумкин аст. Ба гурӯҳи якум асосан зироатҳои озуқаворӣ мансубанд, ба гурӯҳи дуюм – зироатҳои техникӣ (ҳарчанд фарқи байни онҳо шартист: масалан арахис дар як вақт ҳам зироати техникӣ ва ҳам озуқаворӣ шинохта шудааст). Дар Миср – мамлакати қадими кишоварзӣ – зироати асосии бахши аграрӣ *пахта* мебошад, ки асосан дар резишгоҳ ва қисмати шимолии дарёи Нил парвариш карда мешавад (пахтаи маҳиннахи дар дунё беҳамто кишт мекунанд). Ғайр аз ин, ҷуворимакка, гандум, шолӣ, найшакар, лӯбиёиҳо, ангур ва ғ. парвариш мекунанд.

Зироатҳои асосии кишоварзии Алҷазоир (асосан *лалмӣ*) гандум, ҷав, лӯбиёгиҳо, ҷавдор мебошад. Ба токдорӣ ҳам таваҷҷуҳи ҷиддӣ медиҳанд. Зироатҳои анъанавии кишоварзии маҳаллӣ ситрусиҳо, тамоку, хурмо ва ғ. ба ҳисоб мераванд (дар воҳаҳо). Дар Либия ҳам, ки иқлими хушк дорад, анъанаи киштукори лалмӣ паҳн

шудааст. Об он қадар кам аст, ки фақат ба баъзе қитъаҳо дода мешавад, барои обёрӣ аз чашмаҳо ва чоҳҳои артезианӣ, дар баъзе маҳалҳои Триполитания аз кӯлҳои зеризаминӣ, ки *фог-гара* ном доранд, истифода мебаранд. Зироати асосии кишоварзӣ, ки либиягиҳо ба сифати зироати озуқаворӣ истифода мекунанд, ҷав аст; гандум аҳамияти камтар дорад. Аз зироатҳои техникӣ тамоку, арахис ва канадона киштукор мекунанд. Аз рӯи масоҳати кишт ҷои аввалро дар Тунис гандум, ҷав, ҷуворимакка мегиранд, зироатҳои равғанӣ аҳамияти махсуси содиротӣ доранд (номи мамлакат – «кишвари чакалакҳои зайтун» аз ҳаминҷост). Дар Марокаш дар баробари парвариши ҷав, гандум ва ҷуворимакка инчунин лаблабуи қанд, канаб, пахта, бангдона, тамоку, ангур, ситрусиҳо ва ғ. кишт мекунанд. *Чорводорӣ* суст тараққӣ кардааст.

Нақлиётро ҳам ба монанди ҳамин баҳогузорӣ кардан мумкин аст. Қариб тамоми шабакаи роҳ дар минтақаҳои наздисоҳилӣ сохта шудаанд, дар қисматҳои дохилии ҳудуд аксар корвонҳо мегарданд. Дар даҳсолаи охир бо афзоиши истихроҷи нафту газ нақлиёти лӯлавӣ тараққӣ мекунад.

Хулоса, мамлакатҳои сарзамини Баҳримиёназаминии Африкаи Шимолӣ (Миср, Либия, Тунис, Алҷазоир, Марокаш) бо таркиби ягона аҳолӣ (арабҳо ва барбарҳои арабшуда); афзунии биёбон, нимбиёбон ва даштҳои биёбоншуда (бинобар ҳамин масъалаи *обёрӣ* масъалаи доғи рӯз ба шумор меравад); захираҳои аз рӯи андозаҳои ҷаҳонӣ ҳангуфти нафт, газ ва захираҳои дигари минералӣ; дараҷаи «хоксорона»-и рушди иқтисодиёт фарқ мекунанд.

**Саволҳо ва супоришҳои санҷишӣ**

1. *Мафҳуми «Африкаи Шимолӣ»-ро чӣ гуна шарҳ медиҳанд?*

2. *Дар кадом асос баъзан Судонро ба мамлакатҳои Шарқи Наздик мутааллиқ медонанд?*

3. *Агар Судон ба мамлакатҳои Шарқи Наздик тааллуқ дошта бошад, пас чаро Мавритания мамлакати шарқиназдикӣ номида нашавад?*

4. *Мамлакатҳои Африкаи Шимолӣ чӣ нақше дар истихроҷ ва коркарди нафт доранд?*

5. *Хусусиятҳои хоси махсусгардонӣ ва дифференсиатсияи ҳудудии кишоварзӣ кадомҳоанд?*

6. *Барои ҳамгироии иқтисодӣ ва сиёсии мамлакатҳои Африкаи Шимолӣ чӣ монеа вуҷуд дорад?*

# *Б О Б И 8*

# Африкаи Ҷанубтари Саҳрои Кабир

## 8.1 Мамлакатҳои Африкаи Тропикӣ

**Тамаддуни зангию африкоӣ.** Ба мавҷудияти ин тамаддун бисёр вақт шубҳа мекунанд. Гуногунии халқҳои африкоӣ, забонҳо ва фарҳангҳо дар тарафи ҷануб аз Саҳрои Кабир баҳона мешавад таъкид намоянд, ки тамаддуни ягона нест ва фақат «ба чизе монанд набудан» вуҷуд дораду бас. Ин мулоҳизаи яктарафа аст. Фарҳанги анъанавии зангиёни Африка системаи возеҳи арзишҳои моддӣ ва маънавӣ, яъне тамаддунро дар худ таҷассум менамояд. Ба ақидаи Л. Сенгор (собиқ президенти Сенегал, файласуф, яке аз муаллифони идеологияи африкоии «негритюд») омилҳои асосии муайянкунандаи тамаддуни африкоӣ *«ҳассосият», (гувоҳии дил, фаҳм), «интуитсия», «пайванди зич бо табиат»* мебошанд. Шароити якхелаи таърихӣ ва табиию иқтисодӣ дар укладҳои иҷтимоӣ, санъат, менталитети халқҳои зангии *банту, манде* ва ғ. умумияти зиёдро ба вуҷуд овардаанд.

Ҳанӯз дар давраи неолит дар Саҳрои Кабир тасвирҳои рӯисангӣ вуҷуд доштанд. Дар асрҳои 1У-У1 дар суфакӯҳи Ҳабашистон давлати Аксум (фарҳанги он бо фарҳанги арабии ҷанубӣ сахт алоқаманд буд) ба авҷи тараққиёт расид. Дар ҳудуди Нигерия ва Чади муосир дар асрҳои У11-Х1Х давлатҳои халқҳои хауса (аз ҷумла салтанати Кано) бомуваффақият тараққӣ мекарданд. Дар асрҳои Х1У-ХУ11 дар ҳавзаи дарёи Конго як қатор давлатҳои калон ба вуҷуд омаданд, ки машҳуртарини онҳоро шоҳигарии Конго медонанд. Дар асрҳои миёна дар байни дарёҳои Замбези ва Лимпопо фарҳанги барҷастаи *Зимбабве* шукуфо ва бо иншооти сангии монументалӣ, металлургияи рушдкарда машҳур буд. Офарандагони он – заминдорон ва чорводорони халқҳои банту давлати пуриқтидори *Мономотапуро* таъсис доданд, ки ба рушди фарҳанги халқҳои имрӯзаи Зимбабве, Мозамбик, Ботсвана ва ғ. таъсири калон расонд.

Албатта, ба рушди фарҳанги мамлакатҳои ҷанубтари Саҳрои Кабир мустамликакунонӣ, ғуломфурӯшӣ, ғояҳои нажодпарастӣ (махсусан дар ҷануби қитъа ҳадафмандона тарғиб карда мешуд), исломикунонӣ ва насроникунонии аҳолии бумӣ таъсири амиқ расониданд. Дар охири асри Х1Х ва аввали асри ХХ омехтакунии намояндагони ду навъи тамаддун: яке аъзои ҷомеаи анъанавӣ, (шакли чандинасраи тарзи ҳаёти деҳқонӣ), дигаре таблиғгарони евромасеҳият аз Европаи Ғарбӣ, шурӯъ гардид. Ва маълум шуд, ки меъёрҳою қоидаҳои пештараи ҳаёт нисбат ба ташаккули меъёрҳою қоидаҳои нав ва бозорӣ зуд аз байн мерафтаанд. Дар ҷараёни мутобиқшавии (адаптатсияи) фарҳангии африкоиҳо ба арзишҳои ғарбӣ мушкилот низ вуҷуд доштанд.

Ҷои баҳс нест, қисмати аъзами халқҳои зангии Африка то асри ХХ чӣ будани хатро намедонистанд (онро эҷодиёти даҳонӣ ва мусиқӣ иваз мекард). Дар инҷо мустақилона динҳои «осмонӣ» (мисли масеҳият, буддоия ё ислом) ба вуҷуд наомадаанд, аз илму техника нишоне набудааст, аз муносибатҳои бозорӣ хабар надоштаанд – ҳамаи инро аз дигар сарзаминҳо ба Африка овардаанд. Аммо, инкори фарҳанги африкоӣ ва «нуқтаҳои пайванд»-и он низ иштибоҳ хоҳад буд. Дар дунё халқи бефарҳанг вуҷуд надорад ва ин муродифи меъёрҳои европоӣ намебошад.

Асоси тамаддуни африкоиро зиндагии созгори одамон ба табиат ташкил медиҳад. Тамаддуни африкоӣ ба фарҳанги ғарбӣ, ки дар он худнамоишдиҳӣ, мусобиқа ва комёбии моддӣ равшан ифода ёфтаанд, тамоман монанд нест. Идеологияи тамаддуни африкоӣ, чӣ хеле ки дар боло зикр кардем, *негритюд* – хусусияти мутлақ шуморидани нажоди зангӣ ба шумор меравад.

Дар Африка алоқаи табиат ва ҷомеа ба фароҳам овардани шароит барои бартарии устувори шаклҳои экстенсивии созгории (адаптатсияи) аҳолӣ ба муҳити табиӣ мисли зиндагии якҷоя (ҳамроҳ бо шикор) ва зироаткорӣ дар замини кундаковшуда оварда расонд. Ин навъҳои фаъолият ба муҳити атроф созгор буда, онро қариб тағйир намедоданд ва ҳамзамон ба таҷаммӯъи ҳудудии аҳолӣ ва ташаккули сохторҳои мураккаби мутамаддин монеа эҷод менамуданд. Дар ҳамин ҳол, африкоиҳо ҳамеша қобилияти зуд ба вазъияти табиӣ мутобиқ шудан ва вобаста ба шароити табиӣ тағйир додани тарзи ҳаёташонро доштанд.

Ба таркиб ва симои тамаддунҳои африкоӣ дарёҳо таъсири калон расонидаанд. Нақши онҳо дар тараққии сарзамин доиман меафзояд. Европоиён дар ҷараёни мустамликакунонии Африка аз роҳи дарёҳо ба умқи қитъа ворид мешуданд. Тасодуфӣ нест, ки ҳудудҳои бисёре аз давлатҳои муосири африкоӣ қад-қади дарёҳо тӯл кашидаанд ва номи онҳоро доранд (Сенегал, Гамбия, Замбия, Конго, ва ғ.). Дарёҳои Африка ҳамчунин дар ҳаёти иқтисодии мамлакатҳои сарзамин нақши муҳим бозидаанд. Инҷо истифодаи об дар ирригатсия дар назар дошта шудааст, ки махсусан дар шароити ба биёбон табдил ёфтани саванна ва ба саванна табдил ёфтани ҷангалҳо рӯз то рӯз густариш меёбад. Кишоварзии аксари мамлакатҳои сарзамин ба таври пурра ё аксаран ба обёрии сунъӣ вобаста аст. Бо вуҷуди ин, истифодаи

ирригатсионии обҳо ва дарёҳо ҳамроҳ ба истифодаи энергетикии онҳо сурат мегирад. Гидросохтмонҳои маҷмавӣ барои аксари мамлакатҳои Африка ба ҳукми одат даромада, истифодаи дарёҳо барои киштигардӣ ва моҳидорӣ дар даҳсолаи охир хеле коҳиш ёфтааст.

Дарёҳои Африка имрӯз ҳам дар ҷараёнҳои муттаҳидкунӣ ва экспансияи навъҳои мухталифи этносҳо ва конфессияҳо нақши муҳим доранд. Бо рушд кардани хоҷагидорӣ таваҷҷуҳи аҳолӣ ба соҳилҳои дарёҳо ба таври чашмрас меафзоядд. Дар аксари маврид ин ноҳияҳо ба манбаъи таркишҳои демографӣ табдил ёфта, сармояи хориҷию ватанӣ дар ин фазоҳои урбанизатсияшуда ҷамъ мешаванд.

Пайванди амиқи инсон бо табиат хусусиятҳои типологии тамаддуни африкоиро муайян намудааст. Ҳифз ва зиёд намудани манбаъҳои табиии зиндагӣ (яъне муҳити табиӣ) ҳамчун асоси он боқӣ хоҳад монд. Африкоиҳо дар роҳи тамаддун сохтор ва тарзҳои хоҷагидории анъанавии ҷавобгӯ ба хусусиятҳои табиии сарзамин такмил доданд. Шароити табиӣ ба инсон таъсири бавосита расонидааст. Дилкушодӣ, дасткушодӣ, созгории табиӣ ва импулснокӣ аз хусусиятҳои хоси хислати африкоӣ ба шумор меравaнд. Сабаби хунсардӣ, бепарвоӣ ва майли ночиз доштани африкоиҳо ба навгониҳо (инноватсияҳо) ҳам дар ҳамин мебошад. Ҳамзамон арзиши бечунучарои тамаддуни африкоиҳо иттиҳоди одамон мебошад. Дар шароити Африка инсон ҷойгоҳе баробар бо воқеиятҳои анъанавӣ ва образҳои дигари тамаддун дорад.

Ҳангоми тавсиф кардани тамаддуни африкоӣ зикр бояд намуд, ки қисмати шимолии қитъа ва соҳили шарқии он мутааллиқ ба ҷаҳони ислом мебошад. Ҳабашистон фарҳанги хоси худро дорад. Дар ҷануби қитъа фарҳанги европоии дорои унсурҳои қавмии маҳаллӣ ба вуҷуд омадааст. Қайд кардан муҳим аст, ки европоиҳо масеҳиятро дар дигар қисматҳои Африкаи ҷанубтари Саҳрои Кабир низ паҳн намудаанд. Вале то ҳанӯз дар ин қисмати Африка шабоҳатҳои мухталифи қавмӣ, барбарият афзалият доранд. Дар заминаи *трайбализм* (фарқияти қавмӣ) низоъҳои бешумори мусаллаҳи дохилӣ ва байнидавлатӣ рӯй медиҳанд.

Олими машҳури Кения А. Мазруӣ ҳолати имрӯзаи мамлакатҳои ҷанубтари Саҳрои Кабири қитъаи Африкаро чунин тавсиф менамояд:

«Қисмати бузурги Африкаи муосир давраи заъф ва парокандашавиро аз сар мегузаронад. Ҳатто дараҷаи нисбии модернизатсияи ҳангоми ҳукмронии мустамликадорӣ бадастомада акнун торафт гум мешавад. Сукути давлатдорӣ дар бисёре аз мамлакатҳои африкоӣ дар солҳои 90-уми асри XX моро ба тасмимгирии гӯшношунид – реколонизатсия (азнавмустамликакунонӣ) раҳнамоӣ мекунад. Ин барои аксарияти африкоиҳо ба ҳақиқати талх табдил ёфта истодааст. Африкоиҳо дар мубориза барои озодии миллӣ хеле муваффақона муттаҳид гардида буданд, лекин ба хотири рушди иқтисодӣ ва суботи сиёсӣ натавонистем муттаҳид бишавем. Ҷанг, гуруснагӣ ва вайронӣ барои африкоиҳо ба воқеияти баъд аз мустамликавӣ табдил ёфтааст. Дар натиҷа, имрӯз масъалаи азнавмустамликакунонӣ аз хориҷ, вале ин дафъа дар зери парчами гуманизм, матраҳ карда мешавад».

**Шароити табиӣ ва захираҳо**. Қитъаи Африка ягона сарзамини классикии платформаи хушкии тропикӣ дар кураи замин мебошад (расми 10).

**Расми 10. Мамлакатҳои Африкаи Тропикӣ**




*1 – Гамбия, 2 – Гвинея-Бисау, 3 – Съерра-Леоне, 4 – Либерия, 5 – Того, 6 – Гвинеяи Экваториалӣ, 7 – Эритрея, 8 – Ҷибути 9 – Руанда, 10 – Бурунди, 11 – Малави, 12 – Свазиленд, 13 - Лесото*

Он бо тазоди заифи орфографӣ ва қадимияти релйефи имрӯзаи пенепленизатсияшуда фарқ мекунад. Хусусияти хоси Африка, ҳамчун пораи азими хушкии тропикӣ инъикоси худро дар гуногунии иқлими ин бахши тропикҳо: дар хушкӣ, дар тақсимоти нобаробари ҳудудии захираҳои об, таъминоти аз ҳисоби миёна камии об ва ҳамчунин бартарияти зиёди рустаниҳои ксерофилӣ бар гигрофилӣ ёфтааст.

Уқёнусҳое, ки канори материкро мешӯянд дар ягон самт ба умқи қитъа ворид нашудаанд. Халиҷ, гулӯгоҳ ва гаванҳои табиӣ каманд. Мавҷудияти шаху шахпораҳо дар соҳилҳои шимолу шарқӣ ва шарқӣ, бешазорони мангрӣ дар резишгоҳи дарёи Нил ва ноҳияҳои дигар соҳилҳои Африкаро барои сохтани бандарҳои ҳозиразамон номувофиқ гардонидаанд.

Африка яке аз қитъаҳои баландтарин мебошад. Баландии миёнаи замин аз сатҳи баҳр 750 метрро ташкил медиҳад. Африка аз рӯи ин нишондиҳанда фақат аз Антарктида (2040 метр, бо назардошти иқтидори сипари яхӣ) ва Осиё (950 метр) қафо мемонад. Ҳамзамон Африка ба тарзи амудӣ нисбат ба Европа, Осиё ва Америка, камтар буридашудаанд, ки дар қатори силсилакӯҳҳои баланд пастхамиҳои бекарон ҷойгир шудаанд, фарқи калон дорад. Дар релйефи Африка ҳамвориҳои баланди якхела, ки дар болои онҳо ноҳияҳои аз ҳам ҷудо ва кӯҳҳои алоҳида сар афрохтаанд, бартарият доранд. Пастхамиҳои Африка дар муқоиса бо дигар музофотҳо масоҳати на он қадар калонро ишғол менамоянд ва мисли тасмаҳои борик қақ-қади соҳилҳои баҳр ҷойгир шудаанд.

Африкаи ҷанубтари Саҳрои Кабир қариб пурра дар ҳудуди минтақаи гарм ҷой гирифтааст. Ҳарорати баланди минтақа дар давоми қисми зиёди сол аз ҳамин сабаб аст. Дар ноҳияҳои экваториалӣ ва субэкваториалӣ ҳамеша намноки минтақа ҷангалзорони бисёрқабатаи пурнам ва душворгузар мерӯянд. Дар чунин ҷангалзорҳо шоху барги дарахтони бист-симетра осмонро аз чашми бинанда мепӯшонанд. Ҷангалзорон тира, тор, камҳаво ва беалаф мебошанд. Онҳо аз рӯи таркиби худ гуногунанд (17 дарсади ҷангалҳои дорои чӯби аълосифати ҷаҳон ба ҳамин минтақа рост меояд).

Дар ду тарафи пахнои канори экватор ноҳияҳои ҷангали сираки тропикӣ ё ҷангалҳои саваннавӣ ва бешадаштҳои тропикӣ саваннаҳо ҷой гирифтаанд. Намноктарини ноҳияҳои он бо қабати рустаниҳои алафии баланд (то 2-3 метр) фарқ мекунанд.

Дар шимол байни саванна ва Саҳрои Кабир минтақаи бузург ва васеъшавандаи *Соҳил* (дар инҷо ба маънои соҳили биёбон) доман паҳн кардааст. Ҷараёни биёбоншавӣ дар инҷо шакли фоҷиаро гирифтааст. Дар ҷануб биёбони Намиб ва нимбиёбони Калахирӣ ҷойгир шудаанд. Обҳои доимии рӯизаминӣ дар онҷо вуҷуд надоранд, аммо дар баъзе ноҳияҳо шабакаи васеъи муваққатии ҳавзҳо мавҷуданд, ки барои муддати кӯтоҳ аз об пур мешаванд (онҳоро «ому-рамбо» меноманд).

Мавҷудияти миқдори зиёди дарё ва кӯлҳо Африкаи ҷанубтари Саҳрои Кабирро аз захираҳои об бой мекунад. Ноҳияҳои назди экватор аз ҳама беҳтар бо об таъминанд. Бо дур шудан аз экватор таъмини намнокӣ ва захираҳои обҳои рӯизаминӣ кам шудан мегиранд ва дар биёбонҳо ба нишондиҳандаҳои минималӣ мерасанд. Захираҳои обӣ дар Африка манбаъи обёрии сунъӣ, манбаъи захираҳои энергетикӣ ва **шараёнҳои** нақлиётӣ ба шумор мераванд. Захираҳои моҳии обҳои дохилӣ ҳам аҳамияти калон доранд.

Дар Африка минтақаи арзии ландшафти равшан ба мушоҳида мерасад, ки фақат дар ҷануб (зери таъсири укёнуси Ҳинд ва орография) ва шарқ (натиҷаи фаъолшавии тектоникӣ) «тасҳеҳ» карда мешавад. Дар маҷмӯъ дар ҳудудҳои қитъа чор қисмати табиию географиро ҷудо намудан мумкин аст: Африкаи Шимолӣ, Марказӣ, Шарқӣ ва Ҷанубӣ.

Ба ҳайати **Африкаи Марказӣ ё экваториали** ду вилояти табиию географӣ дохил мешаванд:

1) *Соҳилҳои Гвинея,* ки дар зери он минтақаи васеъи наздисоҳилии халиҷи Гвинея, ҳамчунин баландии Гвинеяи Шимолӣ ва ноҳияи Камерун фаҳмида мешавад. Қисми зиёди ин ҳудуд дар зери таъсири муссони ҷанубу ғарбии экваториалӣ, ки боришоти зиёд меоваранд, қарор дорад. Махсусияти табиии ноҳия аз бисёр ҷиҳат ба хусусияти гузариши он аз саваннаҳои Судон ба ҷангалҳои экваториалии ҳавзаи дарёи Конго вобаста мебошад;

2) *пастхамии Конго ва кӯҳҳои атроф* – ҳудуде, ки дар ду тарафи экватор аз Атлантика то суфакӯҳи Африкаи Шарқӣ тӯл кашида, бо иқлими экваториалӣ ва ҷангалҳои анбӯҳи намнок фарқ мекунад. Реҷаи муқаррарии серборишоти экваториалӣ, ки барои ҳамвориҳои ҳавзаи дарёи Конго хос аст, вале маҳз ҳамин мавзеъ барои кору зиндагии одамон хеле номусоид мебошад.

**Африкаи Шарқӣ** аз ду вилояти табиию географӣ иборат мебошад:

1) Паҳнкӯҳи Ҳабашистон *ва Сомалӣ* (Абессомалӣ), ки фурӯхамидаи Афар аз ҳам ҷудо менамояд. Ин ноҳия ба хусияти релйеф ва иқлим хеле мураккаб аз ноҳияҳои ҳамсоя фарқ мекунад. Агар паҳнкӯҳи Ҳашабистон Абиссиния ва ҳпаҳнои Ҳарар дорои иқлими хеле намнок ва салқин бошанд, ин ноҳияро ҳамвориҳои хушку гарм, ки нимҷазираи Сомалӣ ва соҳилҳои бахри Сурх инъикоси он мебошанд, иҳота кардаанд;

2) Паҳнкӯҳӣ *Африкаи Шарқӣ,* - тақрибан дар ҳамон арз ҷой гирфтааст, ки ноҳияи табиию географии хамидаи Конго ва кӯҳҳои атроф ҷойгир шудаанд. Вале бо хусусиятҳои табиии маҳал вобаста ба релйефи кӯҳӣ он фарқ мекунад (таҳкурсии кристаллии он тарқишҳое бузурге дорад, ки дар онҳо кӯлҳои калон воқеъ гардидаанд). Агар барои ҳудудҳои дохилӣ реҷаи муқаррарии экваториалии боришот хос бошад, қисмати шарқии ноҳия, ки ба укёнуси Ҳинд мечаспад, дар минтақаи зери таъсири пассатҳо қарор дорад.

**Африкаи Ҷанубӣ** бо бартарияти релйефи паҳнкӯҳҳо, хушкии нисбии иқлим, ҳамчунин бо бартарияти ивазшавии минтақаҳои ландшафти аз самти шарқ ба ғарб фарқ мекунад. Дар инҷо ноҳияҳои зерини табиию географӣ мавҷуданд:

1) П*аҳнкӯҳи Африкаи Ҷанубӣ.* 3/4 дарсади ҳамаи ҳудуди минтақаро ишғол намуда, дар маҷмӯъ бо иқлими хушк ва боришоти нисбатан кам фарқ мекунад. Фақат дар наздикии акваторияҳои укёнуси Ҷаҳонӣ ҳавои намноки тропикӣ ба реҷаи иқлим «тасҳеҳ» ворид мекунад;

Кӯҳҳои Кап ноҳияи «кӯчактарин»-и табиию географии қитъаи Африкаро ташкил медиҳанд. Он дар соҳил, ҷойгир шудааст бо ҷараёни сарди Бангола шӯста мешавад, иқлими хоси субтропикӣ ва тобистони хушк фарқ мекунанд;

2) Ҷ*азираи Мадагаскар* бо ҷудоии ба худ хос ва иқлими тропикиаш, ки дар пастиҳо гарм ва дар ҳамвориҳои баланд мӯътадил мебошад, фарқ мекунад. Пассатҳои ҷанубию шарқӣ ба ҷазира боришоти зиёд меоранд. Ҳарорати тоқатпазири ҷазира Мадагаскарро аз гармои ҷонгудози соҳили шарқӣ фарқ мекунад.

Қаъри заминҳои Африка миқдори зиёди *канданиҳои фоиданок* доранд (ҷадвали 17.). Минтақа махсусан аз маъданҳои металлҳои нодир ва қиматбаҳодор (бокситҳо, мисс, марганетс) бой аст. Захираҳо барои металлургияи сиёҳ низ зиёд мебошанд. Аз канданиҳои энергетикӣ захираҳои калони нафт, гази табиӣ, маъданҳои урандор ва конҳои ангиштсанг мавҷуданд.

***Ҷадвали 17.***

**Захираҳои ҳақиқии сарватҳои теризамини ва захираҳои гидроэнергетики Африка**

| **Сарватҳои зеризамини** | **Ҳиссаи захираи ҷаҳонӣ, %** | **Сарватҳои зеризамини** | **Ҳиссаи захираҳои ҷаҳонӣ , %** |
|---|---|---|---|
| Хромит | 95 | Баксит | 50 |
| Алмос | 92 | Кобалт | 38 |
| Марганес | 81 | Гидроэнергетика | 33 |
| Уран | 80 | Мис | 22 |
| Тилло | 70 | Литий | 21 |
| Фосфорит | 70 | Гази табиӣ | 13 |
| Титан ва тантал | 60 | Нафт | 12 |

Захираҳои минералӣ дар ҳудуди минтақа нобаробар ҷойгир шудаанд. Аз ин нигоҳ ҷанубу шарқи Конго (Киншас) ва ноҳияҳои ба он часпидаи Замбия, нимаи шарқии Ҷумҳурии Африкаи Ҷанубӣ (ҶАҶ) хеле бой мебошанд. Шарқи минтақа нисбатан камбағал аст, аммо ба андозаи густариши таҳқиқоти геологӣ захираҳои ашёи хоми минералӣ дар онҷойҳо низ меафзоянд.

Захираҳои замин ҳам бузурганд. Вале сифати хокҳои Африка хеле гуногун мебошад. Бисёре аз навъҳои он ҳангоми дарави алафи табиӣ ва истифода дар кишоварзӣ зуд ҳосилхезии худро гум мекунанд ва гирифтори эрозия мегарданд. Пас аз обёрии сунъӣ онҳо дубора шӯр мешаванд.

Дар баъзе ноҳияҳои минтақа то ҳанӯз рамаҳои бузурги ширхӯрҳои калони ёбоӣ фил, гов, гурхар ва ғайра) ҳифз шудаанд. Шикори онҳо мамнуъ аст, вале мардум аз онҳо ба майли хотир барои тайёр кардани ғизо истифода мекунанд.

Африкаи ҷанубтари Саҳрои Кабир *захираҳои фаровони рекреатсионӣ* дорад. Манзараҳои нодири табиати ибтидоии ноҳияҳои дохилӣ, оламӣ ғароиби ҳайвонот, алафзорони анбӯҳ, дарёҳои пуроб, кӯлҳои боҳашамат, шаршараҳои машҳур дар

ҷаҳон – номгӯи нопурраи ҷузъҳои табиат мебошанд, ки ҳар сол таваҷҷуҳи миллионҳо сайёҳро ба худ ҷалб менамоянд.

Омилҳои табиӣ дар рушди сарзамин нақши асосиро мебозад. Дар тӯли таърихи Африка дараҷа ва хусусияти вобастагии халқҳои он аз муҳити табиӣ тағйироти муҳимро аз сар гузаронидаанд. Дар давраи томустамликавӣ фаъолияти истеҳсолӣ, ки дар он ҷамъоварӣ ва шикор ҳукмрон буд, пурра ба вазъи табиат мувофиқат мекард. Қисмати асосии аҳолӣ дар ин давра дар ноҳияҳои дохилии сарзамин мезистанд.

Дар давраи мустамликакунонӣ истифодаи босуръати захираҳои табиӣ ва миқёси истеҳсоли онҳо афзун гашт. Алоқа бо табиат мураккаб гардид. Воситаҳо ва тарзҳои таъсир ба табиат на танҳо афзуданд, балки тамоман дигар шуданд. Ба шаклҳои пештараи муносибат ба табиат шаклҳои нав – истихроҷи ашёи хоми минералӣ, буриши ҷангал, сохтмони гидротехникӣ, созмон додани хоҷагидориҳои плантатсионӣ зам гардиданд. Ноҳияҳои азхудкунии ба осони хоҷагидорӣ ба соҳилҳои баҳр наздик карда шуданд, то ашёи хомро ба метрополия интиқол дода тавонанд. Сохтани роҳҳо дар умки минтақа авҷ гирифт. Ҳамаи ин ба афзоиши нақши ноҳияҳои наздисоҳилӣ мусоидат намуд. Дар ҳудудҳои дохилӣ фақат баъзе манбаъҳои истихроҷ ва коркарди ашёи хом – *«минтақаи мисӣ»* дар Африкаи Марказӣ ва ноҳияи *Йоҳаннесбург* дар ҷануби қитъа ба вуҷуд омаданду бас.

Хусусияти истифодаи ҳозиразамони табиати ин ҷоро афзоиши миқёси истихроҷи захираҳои табиӣ муайян менамояд, ки ба воситаи усулҳои анъанавӣ ва ҳамчунин технологияҳои пешқадам ба амал бароварда мешавад. Ва ин вазъият манбаъи захираҳои табииро кам карда, ба асосҳои таъмини фаъолияти ҳаётии сарзамин хатар эҷод менамояд.

**Аҳолӣ ва захираҳои меҳнатӣ.** Шумораи аҳолии Африка дар авали асри XX1 ба 800 миллион нафар расида ва сол то сол басуръат меафзояд. Дар ҷануби Саҳрои Кабир зиёда аз 650 миллион нафар одам (зиёда аз 80 дарсади аҳолии қитъа) зиндагӣ мекунанд. Аз рӯи суръати афзоиши табиии аҳолӣ сарзамин дар ҷаҳон яке аз пешқадамҳо ба шумор меравад. Дар инҷо кишварҳое ҳастанд, ки аз рӯи таваллуд (50 ва зиёда аз он одам дар ҳар 1 000 нафари аҳолӣ) дар ҷаҳон дар ҷойҳои баланд қарор доранд: Нигер, Либерия, Чад. Аз рӯи фосилаи ду баробар зиёдшавии аҳолӣ (5 сол) низ сарзамин дигар қитъаҳоро ба қафо гузоштааст. Ҳамзамон таваллуди аз ҳад зиёди анъанавӣ дар Африкаи ҷанубтари Саҳрои Кабир марзи нисбатан баландро соҳиб аст. Синни миёнаи ҳаётии аҳолӣ (50 сол) дар байни сарзаминҳои калони дунё аз ҳама паст мебошад. Дар сохтори синнусолии аҳолӣ кӯдакон ва наврасон ҷои бисёрро ишғол менамоянд. Ҳамаи ин ба пайдоиши як қатор масъалаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоию сиёсӣ сабаб мегардад.

Аксарияти аҳолии Африкаи ҷанубтари Саҳрои Кабир ба нажоди зангӣ тааллуқ доранд. *Пигмейҳо* (Африкаи Марказӣ), *бушменҳо* ва *готентотҳои* камшумор (Африкаи Ҷанубӣ) бо хусусиятҳои антропологии худ фарқ мекунанд. Аҳолии Мадагаскар, *малгашҳо* ба нажоди гузарандаи муғулу зангӣ мутааллиқ мебошанд.

Дар замони мустамликакунонӣ ва маскуншавии европоиён дар баъзе ноҳияҳои Африка дар як қатор мамлакатҳои қитъа аҳолии европоӣ аз мардуми бумӣ зиёд шуд. Дар айни замон чунин ҳолат дар ҶАҶ ба мушоҳида мерасад, ки гурӯҳи асосии антропогении аҳолиро намояндагони махлутшудаи нажодҳои муғулӣ ва зангӣ («рангаҳо») ташкил медиҳанд, бо европоиҳо омехта шуда намуди зоҳирии онҳоро ба худ гирифтанд.

Таркиби забонии аҳолии минтақа ҳам мураккаб мебошад. Яке аз забонҳои васеъ паҳншуда *суахилӣ* буда ба забонҳои банту дохил мешавад. Даҳҳо миллион аҳолии Африкаи Марказӣ ва Шарқӣ бо ин забон гуфтугӯ мекунанд, дар Танзания он мақоми забони давлатиро дорад. Ҳамзамон дар бисёре аз мамлакатҳо забонҳои

метрополияҳои собиқ –англисӣ, фаронсавӣ, португалӣ расман забони давлатӣ эълон карда шудаанд. Дар ҶАҶ ғайр аз англисӣ боз забони *африкаанс* (забони Голландии сахт тағйирхӯрда) мақоми давлатӣ дорад ва бо он авлоди муҳоҷирони голландӣ – бурҳо гап мезананд. Дар Мадагаскар забони малгашӣ –хеши забонҳои Индонезии Ғарбӣ паҳн шудааст.

Ба ҳамгироии фаъоли этникии африкоиҳо нигоҳ накарда, дар ҳоли ҳозир дар сарзамин садҳо халқ зиндагӣ мекунанд. Дар баъзе мамлакатҳо даҳҳо этнос, ки басёре аз онҳо дар ҳудудҳои ду ва зиёда аз он давлатҳо паҳн шудаанд. Дар натиҷа дар Африкаи ҷанубтари Саҳрои Кабир давлати тамоман миллӣ вонамехӯрад. Таркиби этникии аҳолии Гана, Камерун, Кения, Конго, Либерия, Нигер, Нигерия, Танзания, Чад махсусан мураккаб мебошад.

Сарҳадҳои давлатии мамлакатҳои африкоии давраи мустамликавӣ худсарона муайян шуда буд ва ба тақсимоти этникию лингвистии аҳолӣ мутобиқат намекард. Бинобар ин, сарҳадҳои давлатӣ дар аксари маврид манбаъи ихтилофот ва шиддатнокии сиёсии байни мамлакатҳо гардидаанд.

Аз се ду ҳиссаи аҳолии Африкаи ҷанубтари Саҳрои Кабир дар деҳот зиндагӣ мекунанд ва хусусияти аграрӣ доштани иқтисодиёти минтақа ҳам аз ҳамин ҷост. Аз нимаи дуюми асри бист сар карда, ба сабабҳои афзоиши табиӣ ва ҳиҷрати аҳолии деҳот ба шаҳрҳо, зиёдшавии аҳолии шаҳрҳо ба мушоҳида мерасад. Махсусан марказҳои маъмурӣ, дар навбати аввал пойтахтҳо васеъ мешаванд. Дар баъзе мамлакатҳо шаҳрҳои миллионнафара ва агломератсияи шаҳрҳо ба вуҷуд омадаанд. Бо вуҷуди ин, аксарияти аҳолии шаҳрҳои Африка, ҳатто шаҳрҳои калон, ба кишоварзӣ машғуланд, ки ба онҳо хусусияти деҳоти калонро медиҳад.

Дар даҳсолаи охир дар минтақа *ҳиҷрати аҳолӣ*, дар навбати аввал муҳоҷирати меҳнатӣ нақши муҳимро иҷро менамоянд. «Кучи ақлҳо» ва муҳоҷирати меҳнатӣ ба кишварҳои дигар, аз ҷумла ба Европа, ба мушоҳида мерасад. Қисмати асосии аҳолии аз нигоҳи иқтисодӣ фаъоли Африкаи ҷанубтари Саҳрои Кабир ба кишоварзӣ машғуланд. Деҳқонон қашшоқ ҳастанд ва ҳоли зор доранд. Дараҷаи пасти маълумотнокӣ масъалаи шуғли аҳолиро ба масъалаи доғи рӯз табдил додаст. Дар сарзамин камбуди «баровардани хароҷоти иқтисодӣ»-и наслҳо хеле дарднок эҳсос карда мешавад.

**«Канорҳои техногении ҷаҳони муосир».** Дар аксари маврид мамлакатҳои ҷанубтари Саҳрои Кабирро «музофоти ҷаҳони муосири техногеннӣ», «умқи ҷануб», «муродифи деҳаи ҷаҳонӣ» ва ғ. меноманд. Онҳо дар ҳақиқат пешсаҳнаи ҷараёнҳои бешумори деструктивӣ мебошанд, ки воқеияти онҳо ташвиши амиқ ба бор овардааст. Ин мамлакатҳо асоси мавҷудияти худро дар ба даст овардани рента ба воситаи *сиклҳои хоси захиравию содиротӣ* мебинанд. Манзараи маконии рушди сарзамин дар инҷо бо шаклҳои минтақавии сода ифода карда мешавад. Фишангҳои асосии баҳаракатоварандаи сохторҳои музофотӣ сармоягузориҳои марказҳои ҷаҳонӣ ба шумор мераванд. Вале ҳамкории давлатҳои пешқадам бо мамлакатҳои Африка ҳатман номутаносибии (ассиметрияи) тарафҳоро ба вуҷуд меоварад.

Ба мавҷудияти захираҳои фаровони табиӣ нигоҳ накарда, зиндагии мардуми мамлакатҳои ҷанубтари Африкаи Шимолӣ дар шароити қарзҳои ҳангуфти (бузурги) молиявӣ, ки аз ММД-и умумӣ зиёданд, сипарӣ мешавад. Дар ниҳояти кор, мамлакатҳои Африкаи ҷанубтари Саҳрои Кабир аз ҳама қафомонда ва аз дигарон чандкарата вобаста боқӣ мемонанд. Ин қисмати Африка камбағалтарин сарзамини ҷаҳон мебошад.

Нақши асосиро дар рушди мамлакатҳои сарзамин сармоядории музофотии мебозад. Самти нахустини сар даровардани сармоя хориҷӣ ба Африка мубодилаи моли хоҷагии анъанавӣ мебошад. Дар мустамликаҳои ба давлатҳои мухталифи Европа тааллуқдошта системаҳои пулии метрополияҳо паҳн карда шуд. Ба сари

Африка тақсимоти мустамликавии меҳнатро бор карданд, ки моҳияти он ба замимаи аграрию ашёихомии метрополияҳои европоӣ табдил додани мулкҳои африкоӣ буд. Бо ҳамин роҳ вобастагии иқтисодии Африкаро бо алоқаҳои нобаробари истеҳсолӣ мустаҳкам намуданд ва ин ҳолат то имрӯз асосан бетағйир мондааст.

Самти дигар дар интиқоли сармоя аз метрополия ба мулкҳои мустамликавии Африка ифода меёфт. Сармояи хориҷӣ хоҷагидории миллиро пароканда кард ва ба ҷои он ташкилотҳои иқтисодии пуриқтидор ва ночаспонро ворид сохт. Таъсири нохушоянди мустамликакунонӣ дар маҷмӯъ ба *парокандагии* Африка дар ҳамаи шаклҳои зуҳуркардааш вобаста мебошад:

- дар ташкил кардани «порчаҳои Европа» дар сохторҳои хоҷагидорӣ;

- дар сохтани коммуникатсияҳои нақлиётӣ на ба хотири рушди иқтисоди миллӣ, балки барои таъмини интиқоли арзишҳои моддӣ аз ноҳияҳои дохилӣ ба соҳилҳои уқёнус ва баъдан ба Европа;

- дар сар даровардани сохтори яккамолии содирот, дар монеъ шудан ба рушди саноати миллӣ.

Махсусияти сармоядории музофотӣ дар Африка дар хусусияти анклавӣ доштани он ифода меёбад. Сармоядорӣ на ҳамаи ҷомеаи африкоиро фаро гирифтааст. Он дар шароити мустамликакунонӣ ба ду бахш тақсим шудааст: *сармоядорӣ* ва *тосармоядорӣ*, ки хоҷагидории натуралӣ ва истеҳсоли молҳои майдаро дарбар мегирад. Мустамликакунонии Африка ба пайдоиши синфи сершумори мулкдорони хурд сабаб гардид. Барои аксарияти аҳолии деҳот (аҳолӣ дар Африка асосан деҳотӣ буду деҳотӣ мемонад) мустамликакунонии ба заминрабоии маҷбурӣ баробар дониста мешавад. Кашида гирифтани замин барои ҷомеаҳои анъанавии африкоӣ натиҷаҳои харобиовар ба бор овард.

Мамлакатҳои африкоӣ дар солҳои рушди мустақилона натавонистанд аз хусусиятҳои асосии иқтисоди музофотӣ раҳоӣ ёбанд. Пеш аз ҳама онҳо натавонистанд хоҷагидории парокандаи худро баҳам оваранд. Иқтисодиёти мамлакатҳои африкоӣ мисли пештара асосан *диверсификатсиянашуда* боқӣ мемонад, хоҷагиҳо мисли пештара ба истеҳсоли маҳдуди ашёи хом машғуланд. Вазъият боз аз он душвортар мегардад, ки дар рафти тараққиёти баъд аз мустамликавӣ номутаносибиҳои ҷиддии нав пайдо шуданд ва вобастагии мамлакатҳои африкоиро боз ҳам зиёдтар карданд. Аз ҷумла, *қафомонии кишоварзӣ* аз талаботи ҷомеа ба маҳсулот. Дар натиҷа дар мамлакатҳо камбуди ҳамешагии маводи ғизоӣ ҳис карда мешавад ва воридоти он рӯз то рӯз зиёд мегардад. Қафомонии бахши аграрӣ дар навбати худ масъалаи индустриаликунонии мамлакатҳои африкоиро мушкилтар мекунад, зероки бозори дохилии онҳо маҳдуд буда, ба кор андохтани иқтидорҳои истеҳсоли корхонаҳои сохташаванда душвор мегардад.

Омилҳои дигари зиёд шудани вобастагӣ густариш ва амиқрафти рахнаи *технологии* байни мамлакатҳои африкоӣ ва давлатҳои аз ҷиҳати саноатӣ тараққикарда мебошанд. Ин рахна дар чорчӯби ҷараёни муосири *глобализатсия*, ки ихтилофоти иҷтимоию иқтисодии имрӯзаро тезутунд месозад, ҷой гирифтааст. Имрӯз ҷойгоҳи мамлакатҳо ва музофотҳоро аз рӯи *сифати сармояи инсонӣ,* вазъияти маориф, дараҷаи истифодаи илму техника дар истеҳсолот муайян менамоянд. Афзунии қувваи корӣ ва маводи ашёи хомро ҳамчун бартарияти нисбӣ камтар ба назар мегиранд, зеро ҳиссаи ин омилҳо дар ба вуҷуд овардани арзиши ҳамаи молҳо паст меравад.

Вобастагии иқтисодиёти Африка натиҷаи хусусияти хоси ворид кардани он ба хоҷагидории ҷаҳонӣ мебошад. Ин хусусият дар соҳаи савдои мамлакатҳои африкоӣ равшан ифода меёбад. Қисми асосии содирот дар дасти метрополияҳои пештара ва шариконн ғарбии онҳо мебошад. Кӯшишҳои кам кардани ин вобастагӣ бо роҳи густариши географияи савдо гоҳ-гоҳ дида мешавад. Мамлакатҳои аврупоӣ то ҳол,

нисбат ба дигар субъектҳои хоҷагидории ҷаҳонӣ, бо метрополияҳои пештара муносибатҳои танготанги худро нигоҳ доштаанд. Ҳамгироии амудии хоҷагиҳои мамлакатҳои африкоӣ бо сохторҳои ҷамъиятию иқтисодии марказҳои ҷаҳонӣ дар алоқаҳои уфуқии байни мамлакатҳои қитъа мушкилоти ҷиддӣ эҷод менамояд.

Манзараи умумии Африкаи ҷанубтари Саҳрои Кабир – ин вазъи касодии иқтисодӣ ва ақибрафти мақоми сарзамин нисбат ба марказҳои хоҷагидорӣ ва ҳатто нисбат ба аксарияти мамлакатҳои канорӣ мебошад.

**Ҷойгиркунонии хоҷагиҳо, ҳамгироии иқтисодӣ, сиёсати музофотӣ.** Хусусиятҳои муҳими ҷойгиркунонии хоҷагиҳои мамлакатҳои Африка аз китобҳои дарсии мактаби нағз маълум аст: мамлакатҳои Ғарб фақат ҳамон музофотҳоро аз худ намудаанд, ки бо харҷи кам фоидаи зиёд меоваранд. Имрӯз ҳадафи сиёсати музофотӣ илман асосноккардашудаи мамлакатҳои суст рушдкунанда баробар намудани тараққиёти ҳамаи қисматҳои ҳудуд, ҳал кардани ихтилофоти байни «лахта»-ҳои камшумори саноати нисбатан хуб ба роҳ мондашуда ва ҳудудҳои васеъи хоҷагиҳои истеъмолкунандаи (анъанавии) деҳот, ҳисобу китоби манфиатҳои иҷтимоию иқтисодии этносҳои мухталиф мебошад.

Ба қатори ҳадафҳои эълоншудаи рушди мамлакатҳои африкоӣ инҳо дохил мешаванд:

а) ғайримарказӣ кунонидани шаҳрҳои пойтахтӣ (дар аксари маврид шаҳрҳои бандарӣ);

б) ба вуҷуд овардани заминаҳо барои азхудкунии заминҳои нав барои хоҷагидорӣ (одатан – табиию захиравӣ);

в) баланд бардоштани фаъолнокии иқтисодӣ дар ҳудудҳои музофотҳои аграрии ақибмонда;

г) танзими давраҳои муҳоҷират аз деҳот ба шаҳр ва ғайра.

Барномаи рушди музофотӣ аз ҳама камтар чораҳоеро чун ҷустуҷӯи роҳҳои пурсамари қувват бахшидани алоқаҳои ҳамгироӣ дар байни унсурҳои мухталифи иқтисодиёт, ба вуҷуд овардани ташкилаҳои байнисоҳавии ҳудудию истеҳсолӣ дар назар дорад. Дар бораи таҳияи тарҳҳои ҷомеъи рушди минтақаии иқтисодиёти миллӣ барои ояндаи дур ҳоҷати гап ҳам нест.

Дар байни манбаъҳои назариявии сиёсати музофотии мамлакатҳои рушдкунанда дар даҳсолаи гузашта, назарияи рушди *иқтисодиёти музофотии* Р. Пребиш ва *консепсияи ивазкунии воридоти* А. Хиршманро зикр кадан ҷоиз аст. Ғояҳои стратегияи ивазкунии воридот ядрои таҳлилии назарияи рушди иқтисодиёти музофотиро ташкил мекунанд, ки Р. Пребиш ҳанӯз дар солҳои 50-уми асри XX барои минтақаи Америкаи Лотинӣ пешбинӣ намуда буд ва ҳадаф ба вуҷуд овардани таҳкурсии мустаҳками иқтисодӣ дар зери ҷараёнҳои ташаккули иқтисодиёти мустақили миллӣ ба шумор мерафт. Дар консепсия ба масъалаҳои иҷтимоӣ он қадар таваҷҷуҳ зоҳир накарда буданд, модели рушди иқтисодӣ бошад бо самтгирии яктарафа барои босуръат зиёд намудани маҳсулоти дохилӣ ва ҷамъ кардани қувва ба афзоиши миқдории захираҳо тавсиф карда мешуд. Камбуди калони ғояҳои ивазкунии воридот ҳамчунон дар он буд, ки татбиқи он моҳиятан ба алоқаҳои иҷтимоию иқтисодӣ дар системаи «шаҳр –деҳот» кам дахл мекард (агар муҳоҷирати умумӣ аз деҳот ба шаҳрро ба назар нагирем). Солҳои 60-70 уми асри гузашта дар бисёре аз мамлакатҳои рушдкунанда (дар навбати аввал давлатҳои Америкаи Лотинӣ) стратегияи ивазкунии воридотро аз ҷумла барои қувват гирифтани хусусияти манбаъии рушд, (инфлятсия) афзоиши гуногунии амволӣ ба зери тозиёнаи танқид гирифта буданд.

Дар мамлакатҳои рушдкунанда дар нимаи дуюми асри XX консепсияи *қутбҳо* ва *марказҳои рушд («рушди қутбнок», «фокусҳои рушд», «нуқтаҳои рушд»* ва ғ.)-и

олимони фаронсавӣ Ф. Перу ва Ж. Будвилл хеле машҳур буд. Он бисёре аз ғояҳои пешгузаштагон ва бо ин ё он роҳ ба назарияи мавзеъҳои марказии В. Кристаллер, ғояҳои Ҷ. Шумпетер ва Т. Хэгерстренд дар бораи диффузияи навовариҳо алоқамандро дарбар мегирифт (дар ҳолати охирин чунин ҳисобида мешавад, ки пешрафти иқтисодӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ то ҳадде ба самаранокии ҷараёни густариши навовариҳо, ки дар атрофи соҳаҳои пешқадам (*пропулсивӣ)* гирд омадаанд). Охирӣ, ба ақидаи муаллифон, ба ҳудуди атроф таъсири мусбии мултипликатсионӣ расонида, «қутбҳои рушд»-ро ба вуҷуд меоваранд.

Ғояи рушди қутбнок аз ҳама зиёд дар мамлакатҳои Африка: *Нигерия, Кот-д Ивуар, Марокаш, Алҷазоир, Тунис* ва ғ. паҳн шуда, дар барномаҳои миллии рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва дигар санадҳои ҳукуматӣ низ зикр гардидаанд. Дар амал татбиқ намудани онҳо, ҳарчанд баъзан ба баробарсозии номувофиқатиҳои сарзамин дар сохторҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ (масалан, дар Кот –д Ивуар) мусоидат намуд, дар маҷмӯъ натавонист аз марказҳои анъанавӣ сармоягузориҳо ва қувваи кориро берун бикашад.

Консепсияи такяи коллективӣ ба қувваи худ («худтаъминкунии коллективӣ») консепсияи муназзами рушди сарзаминро рӯи об наовард, вале барои ҷорӣ намудани сиёсати ҳадафмандонаи музофотӣ ва субсарзамини дар ҷаҳони рушдкунанда такони ҷиддӣ дод. Ҳадафи аввалиндараҷаи барномаи «худтаъминкунии коллективӣ» аз нуқтаи назари тақсимоти ҷаҳонии меҳнат – на ҳамгироӣ дар хоҷагии ҷаҳонӣ, балки ҳамкории коллективӣ дар байни мамлакатҳои рушдкунанда, ҷустуҷӯи захираҳои якҷояи рушди иқтисодиёт мебошад. Тарафдорони барномаи «такя» чунин ҳамкориро ба сифати фишанги самараноки азхудкунии ҷомеъи захираҳои табиӣ, устувории нархҳо ба молҳои анъанавии содиршаванда ва ғ. баррасӣ менамоянд.

Омили *этникӣ* (дақиқтараш этнофарҳангӣ) яке аз унсурҳои ҷиддии татбиқи сиёсати музофотӣ, махсусан дар Африкаи Тропикӣ ба ҳисоб меравад. Ашрофи раҳбарикунанда дар аксари маврид ҳудудҳои маскунии аққалиятҳои этникиро ба «колонияҳои дохилӣ»-и ба худ хос табдил медиҳанд, ки номутаносибии (диспрпортсияи) дохилидавлатиро бештар қувват мебахшад. Ареалҳои фаъолнокии сиёсӣ ва тиҷоратӣ дар ин маврид амалан ба ареалҳои зисти этносҳои асосӣ мутобиқ меоянд. Ҳамин тавр, самаранокии сиёсати минтақавӣ дар давлатҳои полиэтникии суст рушдкунанда мустақиман ба масъалаи федерализми байниэтникӣ вобаста мебошад. Аз татбиқи муваффақонаи чорабиниҳои музофотӣ дар мамлакатҳои рушдкунандаи Африка мисол овардан душвор аст. Фақат дар бораи музофотҳои алоҳида, ки рушди худро ба шарофати истифодаи иқтидори фаровони табиию захиравӣ суръат бахшидаанд (Алҷазоир, Миср, Марокаш, Нигерия ва ғ.), сухан гуфтан мумкин аст. Агар ҳудудҳои музофотӣ ва душворгузарро бигирем, ки захираҳои пурқимати ашёи хоми минералӣ ва захираҳои чӯб надоранд, лоиҳаҳои қабулшуда қариб, ки амалӣ карда нашуданд. Ҳамчунин лоиҳаҳои «эквализатсия» ё баробарсозии дараҷаҳои рушди музофотҳо, ҳамгироии миллии иқтисодӣ, баланд бардоштани дараҷаи шуғли аҳолӣ дар музофотҳо ва ғ. тамоман дар амал татбиқ нагардиданд.

Сабаби ҳамаи ин камбуди воситаҳо ва *заъфи бахши давлатӣ* ҳамчун тавсифи асосии сиёсати музофотӣ мебошад. Самаранокии сиёсати музофотӣ дар мамлакатҳои Африка ҳамчунин дар натиҷаи номушаххасии ҳадафҳо, суст будани заминаҳои назариявию кадрӣ ва дар аксари маврид ихтилофоти барномаҳои кӯтоҳмуддат ва дарозмуддати рушди миллӣ ва ғ.кам мешавад. «Трайбализм», яъне фарқияти қавмӣ ҳам ҳамчун монеаи душворгузар боқӣ мондааст.

**Муҳити экологӣ.** Муҳити экологии Африкаи ҷанубтари Саҳрои Кабир вобаста ба омилҳои зер мебошад:

- гуногунии табиии сарзамин ва дараҷаи пасти устувории он дар шароити таъсири фаъоли антропогенӣ;

- махсусияти сохторҳои анъанавии иҷтимоию иқтисодии алоқаманд бо муҳити географӣ, ки дар он фаъолият менамоянд;

- вазъияти мураккаби демографӣ, ки дар гузашта чизе монанд ба он вуҷуд надошт;

- хусусияти аграрию ашёи хомӣ доштани иқтисодиёти сарзамин.

Сабабҳои зикршуда аҳамияти захираҳои табииро, ки таъминоти озуқаворӣи аҳолии зуд афзоишёбанда бо онҳо вобаста мебошад, хеле муҳим ва аҳамияти канданиҳои фоиданокро, ки ҳамчун манбаъи воруди арзи хориҷӣ хидмат мекунанд, камтар ҷилва медиҳанд.

Маҷмӯъи алоқаҳо дар байни табиат ва ҷомеаи Африкаи ҷанубтари Саҳрои Кабир вуҷуддошта аз ҳукмронии устувори шаклҳои экстенсивии адаптатсияи аҳолӣ ба шароити табиӣ гувоҳӣ медиҳад. Инҳо зиндагии дастаҷамъона, шикор, кишоварзӣ дар заминҳои кундаковӣ кардашуда мебошанд. Ин навъҳои фаъолият ба муҳити атроф созгор буда, онро қариб тағйир намедоданд ва ҳамзамон ба таҷаммӯъи ҳудудии аҳолӣ ва ташаккули сохторҳои мураккаби мутамаддин монеа эҷод менамуданд. Дар ҳамин ҳол, африкоиҳо ҳамеша қобилияти зуд ба вазъияти табиӣ мутобиқ шудан ва вобаста ба шароити табиӣ тағйир додани тарзи ҳаёташонро доштанд. Дар даҳсолаи охир хатари ба вуҷуд омадани ҳолатҳои бӯҳронӣ дар системаи «табиат – ҷомеа» дар Африка ба таври қобили мулоҳиза тезутунд гардидааст. Сабаби асосӣ дар инҷо на масъалаи демографӣ, балки масъалаи технологӣ мебошад, ки ба пайдоиши истеҳсолоти муосир ва ҷорӣ намудани техникаҳои нави пурмаҳсул вобвста мебошад.

Дар бисёре аз қисматҳои Африкаи ҷанубтари Саҳрои Кабир гидросохтмонҳои азим қомат афрохтаанд. Ва он ба густариши васеъи ҷараёнҳои обию экологӣ: зериобмонии заминҳо, тақсимоти сунъии дарёҳои алоҳида ва қитъаҳои аз ҳамдигар ҷудо, тағйирёбии микрошароитҳои табиӣ оварда мерасонад.

Дар системаи ҷараёнҳои экологию иқтисодӣ дар сарзамин ҷойгоҳи муҳимро ҳамон ҷараёнҳое ишғол менамоянд, ки дар шаҳрҳои зуд афзоишёбанда мегузаранд. Интиқоли истеҳсолоти ғажд (ифлоскунанда) ҳам ба табиат тавъсири азим дорад. Вале ҳолатҳои бӯҳронӣ дар Африкаи ҷанубтари Саҳрои Кабир асосан дар деҳот ба амал меоянд. Дар онҷо шароити таъсири байниҳамдигарӣ бо табиат на танҳо дар чорчӯбаи тарзҳои анъанавии зист, ҳамчунин дар натиҷаи татбиқи технологияҳои нав сурат мегирад, ки боиси тағйир ёфтани табиат мегарданд. Барои нигоҳ доштани ҳолатҳои муносиби экологию иқтисодӣ дар сарзамин на танҳо механизмҳои таъсири байниҳамдигарии табиат ва ҷомеаро ба назар гирифтан зарур аст, балки махсусиятҳои сохтории мавҷудияти ниҳодҳои анъанавии иҷтимоии аҳолии бумии африкоиро низ донистан шарт аст.

Барномаҳои рушди Африкаи ҷанубтари Саҳрои Кабир бояд вазифаи ҳифз ва аз нав барқароркунии муҳити табиии атроф ва захираҳои табииро дарбар бигиранд. Ҳалли ин масъалаҳоро хусусият ва дараҷаи зиндагии аҳолӣ, ақибмондагии сартосарии иқтисодии сарзаминро душвортар месозанд. Ин вазъият маҷбур месозад чорабиниҳо оид ба ҳифзи табиат ва устувории ҳолати экологро аз рӯихати вазифаҳои аввалиндараҷа канор бигзоранд. Таҳияи консепсияи умумии рушд дар Африкаи ҷанубтари Саҳрои Кабир яке аз вазифаҳои муҳимтарини илмӣ ва амалӣ ба шумор меравад.

**Саволҳо ва супоришҳои санҷишӣ**

*1. Чаро ба мавҷудияти тамаддуни зангию африкоӣ баъзан шубҳа мекунанд?*

*2. Иқтидори ашёи хоми минерали Африкаи ҷанубтари Саҳрои Кабирро чӣ гуна метавон тавсиф кард?*

*3. Кадоме аз мамлакатҳои африкоӣ аз рӯи суръати афзоиши табиии аҳолӣ дар ҷаҳон пешқадамманд?*

*4. Малагасийҳо (малгашҳо) ба кадом нажод тааллуқ доранд ва чаро?*

*5. Чаро Африкаи ҷанубтари Саҳрои Кабирро баъзан «музофоти ҷаҳони техногеннӣ» меноманд?*

*6. Чаро равандҳои ҳамгироии иқтисодӣ дар Африка тибқи одат натиҷаҳои пурсамар ба бор намеоранд?*

## 8.2 Африкаи Ғарбӣ ва Марказӣ

**Музофотҳои ичтимоию иқтисодии Африка.** Дар оғози асри XX1 дар Африка зиёда аз 50 давлати мустақил вучуд дошт (бисёре аз онҳо номҳои худро иваз кардаанд – чадвали18).

***Ҷадвали 18.***

**Номҳои пештара ва нави давлату масоҳатҳои Африка**

| Номи нав | Номи пештара |
|---|---|
| Бенин | Дагомея |
| Ботсвана | Бечуаналенд |
| Буркина - Фасо | Вольтаи Боло |
| Бурунди | Руанда – Урунди |
| Гана | Соҳили Тиллои |
| Гвинея | Гвинеяи Франсузӣ |
| Гвинея - Бисау | Гвинеяи Португалӣ |
| Ҷумҳурии Демократии Конго | Конго, Заир |
| Ҷибутӣ | Соҳили Сомалии Франсузӣ |
| Замбия | Родезияи Шимолӣ |
| Сахараи Ғарбӣ | Саҳрои Кабири Испанӣ |
| Зимбабве | Родезияи Ҷанубӣ |
| Кабо - Верде | Ҷазираи Димоғаи Сабз |
| Кения | Африкаи Шарқии Бритони |
| Конго | Конгои Франсузӣ |
| Кот – д, Ивуар | Соҳили Устухони Коҷ |
| Лесото | Басутоленд |
| Ливия | Либияи Италиявӣ |
| Малави | Нясаленд |
| Намибия | Германияи Ҷанубу Ғарбии Африка |
| Руанда | Руанда – Урунди |
| Судон | Судони Англо-Мисрӣ |
| Танзания | Танганика |
| Того | Тоголенд |
| ҶАМ | Убанги – Шари |
| Гвинеяи Экваторӣ | Гвинеяи Испанӣ (Рио Муни) |
| Эфиопия | Ҳабашистон |
| ҶАҶ | Иттифоқи Африкаи Ҷанубӣ |

Аксарияти онҳо ба Африкаи Саҳроикабирӣ тааллуқ доранд. Ҷӣ тавре ки пештар қайд карда шуд, Африка аз нуқтаи назари ҷамъиятӣ (на географӣ) ба ду қисмати асосӣ тақсим карда мешавад: Африкаи Шимолӣ ё *арабию барбарӣ* ва Африкаи ҷанубтари Саҳрои Кабир ё *Африкаи Сиёҳ*. Ба охирӣ на танҳо давлатҳои

Африкаи континенталии дар ҷанубтари биёбони Саҳрои Кабир ҷойгиршуда, балки ҳамчунин мамлакатҳои ҷазиравӣ ва ҳудудҳои дар укёнусҳои Атлантика ва Ҳинд ҷойгиршуда дохил мешаванд. Тақсим кардани Африка ба макросарзаминҳои иҷтимоию иқтисодӣ аз таҷрибаи Комиссияи иқтисодии СММ барои Африка (КИА), ки тибқи анъана таҳияи барномаҳои махсуси таҳқиқ ва рушди давлатҳои африкоиро ба амал мебароранд, сар мешавад. Мутобиқи ҷадвали КИА дар ҳудуди қитъаи Африка ба ғайр аз *Африкаи Шимолӣ* инчунин *Африкаи Ғарбӣ, Марказӣ (ё Экваторӣ), Шарқӣ* ва *Ҷанубиро* зикр менамоянд. *Асосноккунии қатъии илмии* чунин тақсимот аслан вуҷуд надошт, аз ҷумла бо сабаби набудани марзҳои аниқи этнофарҳангӣ ва алоқаҳои интегратсионии камубеш мустаҳкам дар байни мамлакатҳои суст рушдкарда. Ин макросарзаминро сарзамини фарҳангию таърихӣ номидан низ нодуруст аст (ҳарчанд дар адабиёт баъзан ин корро мекунанд). Бинобар ин, бо мақсадҳои таълимию таҳсилотӣ мо низ пешниҳоди шабакаи умумигеографиро қабул мекунем (дар зимн аз шартӣ будани марзҳои байни макросарзаминҳо фаромӯш намекунем).

**Африкаи Ғарбӣ** (ҷадвали 19.) дар аксари маврид дар ҳайати ҷумҳуриҳои президентии Бенин, Гамбия, Гана, Гвинея, Кабо-Верде, Кот-д Ивуар, Лиҳкрия, Малӣ, Нигер, Нигерия, Сенегал, Сера-Леон, Того, Ҷазираҳои Димоғаи Сабз ва Буркина Фасо баррасӣ карда мешавад.

*Ҷадвали № 19.*

**Давлатҳои мустаҳқили Африкаи Ғарбӣ: бонки маълумотҳои омори**

| Давлатҳо | Майдони ҳаз. км² | Аҳолиаш млн. наф | Афзоиши табии | Дарозии умри одасон сол | | Истемол ккал 1 рӯз | ММД | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | мардҳо | занҳо | | Умуми млн. долл. | Ба 1 нафар долар |
| Бенин | 112,7 | 7,5 | 2,7 | 53 | 56 | 2488,6 | 8,7 | 1200 |
| Буркино –фасо | 274,4 | 13,0 | 3,0 | 46 | 47 | 2375,8 | 17,0 | 1200 |
| Гамбия | 11,3 | 1,6 | 2,8 | 51 | 55 | 2163,5 | 3,1 | 1900 |
| Гана | 238,5 | 21,0 | 2,1 | 56 | 59 | 2590,4 | 51,8 | 2500 |
| Гивинея | 245,9 | 9,5 | 2,6 | 47 | 48 | 2133,4 | 20,7 | 2200 |
| Гвинея Бисау | 36,1 | 1,4 | 2,4 | 43 | 46 | 2244,5 | 1,1 | 800 |
| Колбо Верде | 4,0 | 0,5 | 0,6 | 66 | 72 | 3166,2 | 3,0 | 6200 |
| Кат-д? ивуар | 322,5 | 17,3 | 2,0 | 44 | 47 | 2582,1 | 24,8 | 1400 |
| Либерия | 111,41 | 3,0 | 4,9 | 49 | 56 | 2088,6 | 8,6 | 700 |
| Мали | 1248,6 | 12,3 | 2,6 | 48 | 48 | 2314,4 | 11,8 | 1000 |
| Нигер | 1267,0 | 11,7 | 2,9 | 45 | 46 | 2064,2 | 10,2 | 900 |
| Нигерия | 923,8 | 128,8 | 2,4 | 52 | 52 | 2832,6 | 132,1 | 1000 |
| Сенегал | 198,7 | 12,1 | 2,3 | 52 | 55 | 2307,4 | 20,6 | 1800 |
| Сверх-Леона | 71,7 | 6,0 | 2,3 | 38 | 40 | 2016,5 | 5,0 | 800 |
| Того | 56,8 | 5,7 | 2,7 | 53 | 57 | 2527,5 | 9,0 | 1600 |

Вобаста ба тасарруфоти мустамликадории Фаронса дар ин кисмати қитъа дар адабиёти таърихию географӣ мафҳуми «Африкаи Ғарбии фаронсавӣ» васеъ паҳн гардидааст. (Нуқтаи такягоҳи мустамликакунонӣ барои Фаронса Сенегал ба ҳисоб мерафт, ки онро ҳанӯз дар асри ХУ11 бунёд ниҳода буданд). Вале ин ду мафҳуми «Африкаи Ғарбӣ» ва «Африкаи Ғарбии Фаронсавӣ» синоним нестанд: ғайр аз мустамликаҳои калони фаронсавӣ дар инҷо ҳамчунин мустамликаи Британияи Кабир (ҳудудҳои Нигерия, Гамбия, Гана, Либерияи муосир), Италия, Германия ва ғ. мавҷуд буданд.

Ба ҳайати *Африкаи Марказӣ (Экваториалӣ)* одатан ҷумҳуриҳои президентии Ангола, Бурундӣ, Габон, Конго бо пойтахташ Киншас), Конго (бо пойтахташ Браззавил), Сан-Тома ва Принсипӣ, Руанда, Ҷумҳурии Африкаи Ҷанубӣ, Чад ва Гвинеяи Экваториалиро дохил мекунанд. Чӣ хеле ки маълум аст, қисмати калони ин қитъа ҳангоми тақсимоти мустамликавӣ насиби Фаронса (Габон, Конго-Браззавил, Чад, ҶАҶ) ва Белгия (Конгои Белгиявӣ), ҳамчунин Португалия (Ангола, Гвинеяи экваториалӣ) гардид.

**Африкаи Ғарбӣ.** Африкаи Ғарбӣ аз нигоҳи табиию захираҳои табиӣ, этникӣ ва хоҷагидорӣ манзараи рангорангро дар пеши назарҳо ҷилвагар менамояд. Макросарзамин дар байни Саҳрои Кабир ва халиҷи Гвинея ҷойгир шудааст. Он дар Африка аз рӯи масоҳат ва шумораи аҳолӣ калонтарин қисмат ба шумор меравад. Дар аксари мамлакатҳои сарзамин аҳолӣ асосан ба парвариши зироатҳои озуқаворӣ машғуланд. *Арахис, мева* ва *магзи нахл, каучуки табиӣ, какао, қаҳваро* содир мекунанд. Истихроҷ ва содироти ашёи хоми минералӣ: *маъданҳои оҳан* ва *урандор, бокситҳо, қӯргошим, нафт, алмос, тилло, тантал* низ аҳамияти калон доранд.

Дар сарзамин ноҳияҳои саноатию кӯҳкории *Гвинеяи Ғарбӣ* ва *Гвинеяи Шарқӣ* ба вуҷуд омадаанд. Ноҳияи якум маъданӣ ба шумор рафта, бо мавҷудияти конҳои якҷояи тилло, алмос (асосан техникӣ), маъданҳои оҳан ва алюминийдор тавсиф карда мешавад. Махсусан бокситҳо, ки дар Гвинея кашф карда шудаанд, аҳамияти калон доранд. Мамлакат аз рӯи захираҳои онҳо (зиёда аз 20 миллиард тонна) дар ҷаҳон ҷои аввалро ишғол менамояд. Конҳои асосии бокситҳо дар Гвинея (Бока, Киндиа), дар наздикии соҳилҳои халиҷи Гвинея ҷойгиранд. Ноҳияи дуюм низ дорои конҳои ашёи хоми маъданӣ – маъданҳои металлҳои сиёҳ ва ранга, уран, тилло мебошад. Аммо сарвати асосии Гвинеяи Шарқиро нафт ва гази табиӣ ташкил медиҳанд. Ҳавзаи нафтзо мисли тасмаи на он қадар васеъ дар ҳудудҳо ва акваторияҳои чандин мамлакат паҳн шудааст. Бо вуҷуди ин, қисми асосии конҳои нафт дар резишгоҳи дарёи Нигер дар Нигерия ҷойгир шудаанд.

**Нигерия** сераҳолитарин давлати Африка (зиёда аз 130 миллон нафар одам) мебошад. Дар гузашта ҳудуди ин мамлакат мустамликаи Британияи Кабир ба шумор мерафт. Соли 1966 Нигерия давлати мустақил гардид (вале узви Иттиҳоди Британии миллатҳо боқӣ монд).

Қаъри заминҳои мамлакат аз канданиҳои пурқимати маъданӣ ва ғайримаъданӣ бой аст. Конҳои нафти Нигерия дар қитъа калонтарин ба шумор мераванд (ҷои аввал дар Африка), ҳамчунин захираҳои гази табиӣ бузурганд. Конҳои ангишсанги коксшаванда ва сиёҳтоб низ мавҷуданд. Конҳои металлҳои ранга ва нодир, дар навбати аввал қӯрғошим, тантал, ниобий аҳамияти ҷаҳонӣ доранд.

Дар Нигерия зиёда аз 200 этнос ва гурӯҳҳои этникӣ зиндагӣ мекунанд. Онҳоро ба се гурӯҳи асосӣ тақсим менамоянд: *хауса* ва *фуланӣ* (шимол), *ибо (игбо)* (ҷанубу шарқ), *йоруба* (ҷанубу ғарб). Забони давлатӣ англисӣ мебошад. Таркиби динии аҳолӣ низ рангоранг аст. Нисфи аҳолӣ пайравони ислом, аз нисф камтар насронианд. Боқимонда эътиқодмандони боварҳои маҳаллии алоқаманд бо парастиши аҷдод ва

қуввахои табиат мебошанд. Сохтори мураккаби этникӣ ва динии аҳолӣ то ҳол сабабгори сар задани низоъҳои дохилӣ дар мамлакат мегарданд.

Зичии аз ҳама зиёди аҳолӣ дар ҷанубу ғарб, ҷанубу шарқ ва шимол ба мушоҳида мерасад. Дар шаҳрҳо 20 дарсади аҳолӣ зиндагӣ мекунанд. Калонтарини онҳо – *Лагос* (5.7 миллион одам), *Ибадан, Огбомашо, Иво, Порт-Харкорт, Илорин, Абеокута, Онича* – дар ҷануб, *Кано, Кадуна, Зарио* – дар шимоли мамлакат мебошанд. Пойтахт – *Абуд-ҷа* (қариб 400 ҳазор аҳолӣ) дар қисмати марказии мамлакат бунёд карда шудааст. Шаҳр ба ҳудуди Федералиии пойтахтӣ дохил карда шудааст.

Нигерия мамлакати аграрӣ бо потенсиали бузурги саноатӣ аст. Дар соҳаи кишоварзӣ, ки аксарияти аҳолии қобили кор машғули меҳнатанд, сеяки ММД истеҳсол карда мешавад. Дар истеҳсолоти индустриалӣ, ки 20 дарсади аҳолии қобили кор машғули меҳнатанд, зиёда аз 40 дарсади ҳаҷми умумии ММД-и мамлакат ба вуҷуд оварда мешавад.

Асоси иқтисодиёти Нигерияро *истихроҷи нафт* (Зиёда аз 100 миллион тонна дар як сол) ташкил медиҳад. Ноҳияҳои асосии нафтзо (нафтдор) дар ду соҳили Нигери поину резишгоҳи он ва тунукобаи баҳр ҷой гирифтаанд. Маркази ноҳияи истихроҷи нафт Порт-Хиркорт ба шумор меравад, ки ба воситаи системаи лӯлаҳои нафт бо дигар конҳо пайваст карда шудааст. Содироти нафт даромади асосии асъори мамлакатро таъмин менамояд. Нигерия яке аз истихроҷкунандагони асосии нафт дар Африка буда, дар байни мамлакатҳои узви ТИСН ҳам калонтарин ба ҳисоб меравад. Бандари асосии нафтии мамлакат Порт-Харкорт (бо аванбандари Боннӣ) мебошад. Саноати нафти Нигерия аҳамияти ҷаҳонӣ дорад. Дар баробари нафт *гази табиӣ* низ истихроҷ карда мешавад. Содироти он дар шакли моеъ ҳам ба назар гирифта шудааст. Лоиҳаи лӯлаи нафти байниқитъавии Нигерия – Алҷазоир – Испания дар давраи таҳия қарор дорад. Ангиштсанги дар ҷануб, дар ноҳияи Окабо-Энугу истихроҷшударо дар дохили мамлакат истифода мебаранд ва қисман ба давлатҳои дигари африкоӣ содир менамоянд.

Асоси *электроэнергияи* Нигерияро нерӯгоҳҳои барқи ҳарорати ташкил медиҳанд, ки дар шаҳрҳои калони ҷануби мамлакат ҷойгиранд. Дар дарёи Нигер нерӯҳгоҳҳои барқи обии Каинҷӣ ва Ҷебба сохта шудаанд.

Дар қисмати марказии Нигерия (суфакӯҳи Ҷое) маъданҳои қалъагидор истеҳсол мекунанд, ки аз онҳо металлҳои содиротӣ гудохта мешаванд. Дар ҳаминҷо колумбит – *маъдани ниобийдор* истихроҷ менамоянд (3/4 истихроҷи ҷаҳонӣ). Нигерия аз рӯи истихроҷи ин ашёи хоми пурқимат дар ҷаҳони хориҷӣ ҷои аввалро ишғол менамояд. Дар ҳамин ноҳия ҳамчунин маъданҳои танталдор мавҷуданд.

***Ашёи хом*** ҳамчун асос барои рушди соҳаҳои заминавии саноати вазнин, аз ҷумла металлургия, нафтухимия ва ғ. хидмат мекунад. Дар Нигерия аллакай корхонаҳои металлургӣ дар шаҳрҳои Аҷаокуте, Варрӣ, Катсина, Огомбо, Делта фаъолият менамоянд. Дар мамлакат се корхонаи коркарди нафт дар Порт-Харкорт, Бенин-Ситӣ, Сапела мавҷуданд. Ҳамчунин корхонаҳои ҷамъоварии мошинҳо, мошинҳои кишоварзӣ ва техникаи рӯзгор кор мекунанд. Маркази асосии мошинсозӣ ва коркарди металл шаҳри Лагос ба шумор меравад. Дар иқтисодиёти мамлакат саноати коркарди чӯб ҳам аҳамияти муҳим дорад.

Истеҳсолоти бофандагӣ дар навбати аввал ба бозори дохилӣ нигаронида шудааст. Саноати хӯрокворӣ ҳам барои бозори дохилӣ ва ҳам барои бозори берунӣ фаъолият менамояд.

Дар бахши кишоварзӣ нақши асосиро *зироаткорӣ* иҷро мекунад. Зироатҳои муҳими озуқаворӣ *маниок* ва *ямс* (дар ҷануби мамлакат – *ҷавдор* ва дар шимол – ҷойҷуворӣ (*сорго*) мебошанд. *Арахис* (дар шимол), *нахли равгандор* ва *какао* (дар ҷануб) аз ҷумлаи зироатҳои содиротианд. Нигерия аз рӯи истеҳсоли маниок, ямс,

ҷойҷуворӣ, арахис, мағзи нахл, какао, каучук дар Африка ҷойҳои якуму дуюмро ишғол менамояд. Дар баъзе ноҳияҳои мамлакат чорводории экстенсивӣ тараққӣ кардааст. Дар Нигерия қисмати бузурги саршумори умумии чорвои Африка нигоҳубин ва парвариш карда мешавад.

Асоси *шабакаҳои нақлиётиро* роҳҳои мошингард, оҳан ва киштигарди дарёи Нигер бо шохобаш Бенуа ташкил медиҳанд. Бандарҳои муҳими баҳрӣ – Лагос, Порт-Харкорт, Боннӣ ба шумор мераванд. Дар мамлакат ду фурудгоҳи аҳамияти байналхалқидошта – дар Лагос ва Кано мавҷуданд. Шарикони асосии тиҷоратии Нигерия ИМА ва мамлакатҳои Иттиҳоди Европа мебошанд. Алоқаҳо бо давлатҳои Осиёю уқёнуси Ором густариш меёбанд.

**Африкаи Марказӣ.** Африкаи Марказӣ дар минтақаи ҷангалзорҳои намноки тропикӣ ва саваннаҳо ҷойгир аст, Нисбат ба Африкаи Ғарбӣ аҳолии аз нигоҳи этникӣ қариб якхела дорад, ки асосан аз халқҳои *банту* иборат мебошад. Африкаи Марказӣ (ҷадвали 20.) яке аз ноҳияҳои аз ҷиҳати табиию захиравӣ бойи на танҳо Африка, балки тамоми ҷаҳон мебошад. Давлатҳои сарзамин муҳимтарин содиркунандагони алмоси техникӣ, мис, кобалт, манган, қалъаги, нафт ва дигар канданиҳои фоиданок ба бозори ҷаҳонӣ ба шумор мераванд. Содироти чӯб ҳам қобили зикр аст. Дар қисмати ҷанубии Ҷумҳурии Демократии Конго (Шаба) ноҳияи калони саноатию кӯҳкорӣ арзи вуҷуд намудааст. Он аз шимолу ғарб ба тарафи ҷанубу шарқ чун тасмаи борик (50-60 км) ба дарозои 500 км тӯл кашидааст. Номи васеъ паҳншудаи ин ноҳия *Камарбанди мисӣ* мебошад. Дар айни замон дар инҷо зиёда аз 150 кон кашф карда шудааст, ки маъданҳои баландсифати кобалт, қалъагӣ, кадмий, германий, тилло ва нуқрадор дорад.

***Ҷадвали 20.***

**Давлатҳои соҳибистиқлоли Африкаи марказӣ: бонки маълумотҳои оморӣ**

| Мамлакатҳо | Масоҳат ҳаз км$^2$ | Аҳолӣ млн нафар | Афзоиши табиии аҳолӣ | Давомноки умр сол | | Истифодаи ғизо ккал 1 шабона рӯз | ММД | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | Мардҳо | Занҳо | | Ҳамагӣ | Ба сари ҳар 1 нафар |
| Ангола | 1246,7 | 11,2 | 2,5 | 44 | 47 | 1873,6 | 237,0 | 2500 |
| Бурунди | 27,8 | 6,4 | 3,7 | 40 | 41 | 1628,2 | 4,4 | 700 |
| Габон | 267,7 | 1,4 | 2,1 | 49 | 51 | 2486,8 | 8,0 | 5800 |
| Конго (киншаса) | 475 | 475,4 | 2,0 | 54 | 56 | 2260,0 | 32,4 | 2000 |
| Камерун | 342,0 | 3,0 | 3,0 | 47 | 51 | 2211,9 | 2,5 | 800 |
| Конго(браззавиль) | 2344,9 | 60,1 | 2,6 | 49 | 53 | 1637,9 | 46,3 | 800 |
| Руанда | 26,3 | 8,4 | 2,4 | 39 | 40 | 2011,4 | 11,2 | 1300 |
| Сан-Томе и Принсипи | 1,0 | 0,2 | 3,2 | 64 | 67 | 2268,8 | 0,2 | 1200 |
| ҶАМ | 622,4 | 3,8 | 1,5 | 42 | 46 | 1977,7 | 4,5 | 1200 |
| Чад | 1284,0 | 9,8 | 2,9 | 49 | 53 | 2120,5 | 18,3 | 1900 |
| Гвинеяи | 28,1 | 0,5 | 2,6 | 49 | 53 | 3173,2 | 3,2 | 6000 |
| Экваторӣ | | | | | | | | |

«Маркази сарзамини ба худ хоси қувваҳо» дар Африкаи Марказӣ ***Ҷумҳурии Демократии Конго (ҶДК)*** мебошад, ки дар қисмати марказии қитъаи Африка, дар ду тараф аз экватор ҷойгир шудааст. Аз рӯи масоҳат (2345,4 ҳазор километри мураббаъ) сеюмин (баъд аз Судон ва Алҷазоир) давлати Африка ба ҳисоб меравад. Қариб сад сол ҳудуди мамлакат мустамликаи Белгия буд. Конго ба сифати давлати мустақил аз соли 1960 вуҷуд дорад (солҳои 1971 – 1997 мамлакат Ҷумҳурии Заир номида мешуд). Ҳудуди ҶДК аз соҳилҳои укёнуси Атлантика ба дур ҷойгир шуда, фақат бо даҳлези танги қад-қади дарёи Конго бо бандарҳои *Бома* ва *Матадӣ* пайваст мешавад.

Қисмати бузурги мамлакатро хамии васеъи Конго (ноҳияҳои марказӣ ва шимолу ғарбӣ) ишғол менамояд. Қисми аз ҳама пасти чуқурӣ ҳамвории ботлоқзор мебошад, ки дар чандин ҷой онро маҷрои дарёҳои Конго, Убангӣ, Касай бурида мегузаранд. Дар пастиҳои ҳамвори кӯлҳои зиёд мавҷуданд, ки калонтарини онҳо Маи-Ндомбе ва Тумба мебошанд. Хамидаи Конго ва ҳамвории ба он часпидаро аз чор тараф паҳнкӯҳҳо ва силсилакӯҳҳо, ки баландии қуллаҳои алоҳидаашон 800-1000 метрро ташкил медиҳад, иҳота кардаанд.

Конго дорои канданиҳои фоиданоки мухталиф мебошад. Аз ин нигоҳ мамлакат ба қатори давлатҳои сарватманди на танҳо Африка, балки ҷаҳон дохил мешавад. Дар қаъри замини кишвар захираҳои бузурги маъданҳои полиметаллдор (пеш аз ҳама маъданҳои мису кобалтдор), касситерит (руҳ), металлҳои нодир (тантал, ниобий, литий, германий ва ғ.) ашёи хом барои металлургияи сиёҳ (манган, оҳан ва ғ.), металлҳои қиматбаҳо мавҷуданд. Дар ин ҷо калонтарин конҳои алмоси техникӣ ва бокситҳоро кашф кардаанд. Аз захираҳои сӯзишворию энергетикӣ захираҳои потнесиалӣ энергияи об, конҳои ангиштсанг, нафт ва гази табииро қайд кардан зарур аст.

Махсусан ҷанубу шарқи мамлакат – ноҳияи Шаба аз захираҳои табиӣ бой мебошад. Дар инҷо захираҳои калони маъданҳои мисс, кобалт ва марганетсдор, уран мавҷуданд. Ин қисмати конголезии Камарбанди мисӣ мебошад, ки ба дарозои зиёда аз 360 километр тӯл кашидааст. Дар шарқи мамлакат тилло ва маъданҳои руҳдор истихроҷ мекунанд, ангиштсанг ҳам мавҷуд аст, дар ҷануб алмос истеҳсол менамоянд. Дар тунукобаи укёнус конҳои нафт пайдо карда шудааст. Шабакаи зичтарини дарёҳои Африка ва захираҳои бузурги энергияи об дар Конго мебошад. Зиёда аз нисфи ҳудуди мамлакатро ҷангалзорҳои ҳамешасабз пӯшонидаанд, ки манбаъи пурқимати чӯби ороишӣ ба ҳисоб мераванд. Дар ҷануб саваннаҳои пароканда афзалият доранд.

Аҳолии ҶДК бо мураккабии қобили мулоҳизаи этникиаш фарқ мекунад. Аҳолии бумӣ ба ду гурӯҳи нажодӣ тааллуқ доранд: зангӣ ва негриллӣ ё пигмейӣ. Дар мамлакат зиёда аз 300 қавму халқият зиндагӣ мекунанд. Маскуншавӣ нобаробар аст: ноҳияҳои саваннадор, ки дар канораҳои мамлакат ҷойгиранд, зичии зиёд доранд, аммо серодамии аз ҳад зиёд дар поёноби дарёи Конго ба мушоҳида мерасад. Зиёда аз 70 дарсади аҳолиро деҳотиён ташкил медиҳанд. Дар байни шаҳрҳои калонтарин пойтахт – *Киншаса* (4,5 миллион одам), *Лубумбашӣ* (зиёда аз 1 миллион нафар одам), *Мбуҷӣ-Майӣ* (қариб 1 миллион нафар одам), *Колвезиро* (550 ҳазор нафар одам) зикр бояд намуд. Пойтахт дар соҳили чапи дарёи Конго, дар паҳнои кӯлмонанди Стенли-Пул ҷойгир шуда, маркази хоҷагӣ ва фарҳангии ҶДК ба ҳисоб меравад.

ҶДК мамлакати дорои иқтисодиёти аграрию ашёи хомӣ мебошад, ки кишоварзии қафомондаи истеъмолкунанда ва хоҷагии қишлоқи плантатсионии истеҳсолкунандаи молҳои аълодараҷа, саноати калони истихроҷ ва коркарди ашёи хоми минералии содиршавандаро баҳам овардааст.

Асоси саноати ҶДК-ро *соҳаҳои коркарди маъдан* ва *металлургияи ранга* ташкил медиҳанд. Конго аз ҷиҳати истихроҷи кобалт (70 дарсади истеҳсоли ҷаҳонӣ) ва алмоси техникӣ (30 дарсади истеҳсоли ҷаҳонӣ) дар ҷаҳон ҷои аввалро ишғол менамояд. Миқдори хеле зиёди мис, кобалт ва дигар металлҳои рангаи гудохта мешаванд. Ноҳияи асосии саноати коркарди маъдан ва металлургияи ранга Шаба (Катангаи собиқ) мебошад. Он дар қисмати конголезии Камарбанди мисӣ ҷой гирифтааст. Лубумбашӣ ва Колвезӣ марказҳои калонтарини истеҳсолӣ ба шумор мераванд. Рушди энергетикаи мамлакат аз талабот ба ин соҳаҳо вобаста аст, ки асоси онро НБО-ҳо ташкил медиҳанд.

Кишоварзӣ дар зинаи пасти тараққиёт қарор дорад ва талаботи аҳолиро ба маводи ғизоӣ қонеъ карда наметавонад. Дар бахши аграрӣ зиёда аз 3/4 аҳолиии қобили меҳнати мамлакат кор мекунанд. Барои содирот нахли равғандор, рустаниҳои каучукдор, пахта, дарахтони қаҳва ва какао парвариш мекунанд. Чорводорӣ суст тараққӣ кардааст.

Дарозии умумии *роҳҳои оҳан* аз 5 ҳазор километр зиёд мебошад, ки аз рӯи ченакҳои африкоӣ хеле зиёданд. Бо роҳи оҳани 400 километрии пойтахтро бо бандари Матадӣ пайвасткунанда борҳоро ба хориҷи кишвар интиқол медиҳанд. Маркази саноати кӯҳкории ноҳияи Лубумбашӣ ба воситаи роҳи оҳан бо се бандари хориҷӣ –Бейра (Мозамбик), Лобиту (Ангола) ва Кейптаун (ҶАҶ) пайваст аст. Дарозии роҳҳои мошингард 45 ҳазор километрро ташкил дода, аз ҷумла 2,4 ҳазор километри он асфалтпӯш карда шудааст. Роҳҳо хеле фасурда шудаанд. Дарозии роҳҳои киштигарди дохилӣ 16 ҳазор километр мебошад. Барои аксари ноҳияҳои мамлакат нақлиёти ҳавоӣ ягона навъи иртибот ба шумор меравад. Хусусияти хоси шабакаи нақлиётии мамлакат зарурати боркашонии омехта мебошад, ки хароҷоти нақлиётро якчанд маротиба афзун мекунад.

Истеъмолкунандагони асосии маҳсулоти кишоварзӣ ва саноатии ҶДК ИМА, Британияи Кабир, Белгия, Нидерландия ва давлатҳои дигари узви ИА мебошанд.

**Саволҳо ва супоришҳои санҷишӣ**

1. *Чаро Африкаро ба макроминтақаҳо (Шимолӣ, Ғарбӣ, Марказӣ, Шарқӣ ва Ҷанубӣ) аз ҷиҳати илмӣ асоснок кардан (тақсим кардан) душвор аст?*

2. *Чаро Африкаи Ғарбӣ солҳои дароз бо «минтақаи франк» як дониста мешуд?*

3. *Кадоме аз мамлакатҳои Африкаи Ғарбиро «маркази сарзаминии қувваҳо» ҳисобидан мумкин аст? Асоснок кунед.*

4. *Дар ҳудуи кадом мамлакатҳои Африкаи Ғарбӣ ва Марказӣ қисмати асосии ҷангалзорони намноки тропикӣ ҷойгир шудаанд?*

5. *Камарбанди мисӣ чӣ аҳамияти иқтисодӣ дорад? Он дар куҷо ҷойгир шудааст ва бо чӣ машҳур аст?*

6. *Мамлакати Габон дар тақсимоти ҷаҳонии меҳнат чӣ ҷойгоҳ дорад?*

## 8.3 Африкаи Шарқӣ ва Ҷанубӣ

**Африкаи Шарқӣ. Сарзамин** баррасишаванда қариб тамоман дар арзҳои наздиэкваториалӣ ва тропикӣ (танҳо қисмати ҷанубии ҷазираи Мадагаскар ба субтропик рафта мерасад). Марзҳои он хусусияти умумигеографӣ дорад, на фарҳангию таърихӣ, ки мавқеияти ҷойгиршавии давлатҳоро инъикос менамояд.

***Ҷадвали 21.***

**Давлатҳои соҳибистиқлоли Африкаи шарқӣ (аз ҷумла ҷазираҳо): банки маълумотҳои оморӣ**

| Мамалакатҳо | Масоҳат ҳаз, км² | Аҳоли млн. нафар | Афзоиш и табиӣ, % | Давомноки и умр сол | | Истифодаи калл/шабона рӯз | ММД | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | мардҳо | занҳо | | умуми млрд долл. | ба сари 1-нафар одам |
| Ҷибути | 23,2 | 0,5 | 2,0 | 42 | 44 | 2129,1 | 0,6 | 1300 |
| Замбия | 752,6 | 11,5 | 2,1 | 37 | 37 | 1933,8 | 10,3 | 900 |
| Зимбабве | 390,8 | 12,7 | 0,6 | 39 | 36 | 2075,7 | 24,0 | 1900 |
| Кения | 580,4 | 33,8 | 2,6 | 47 | 49 | 1886,1 | 39,5 | 1200 |
| Ҷазираҳои Комор | 1,9 | 0,7 | 2,9 | 54 | 59 | 1799,9 | 0,4 | 600 |
| Мавриқий | 2,0 | 1,2 | 0,8 | 68 | 75 | 2539,7 | 16,4 | 13300 |
| Малави | 587,0 | 18,0 | 3,0 | 53 | 57 | 1994,1 | 15,8 | 900 |
| Ҷумҳурии Малагас | 118,5 | 12,2 | 2,4 | 37 | 38 | 2164,0 | 7,6 | 600 |
| Мозамбик | 799,4 | 19,4 | 1,4 | 38 | 37 | 1938,7 | 25,6 | 1300 |
| Ҷазираҳо Сейшел | 0,5 | 0,08 | 1,5 | 65 | 76 | 3125,3 | 0,6 | 7800 |
| Сомали | 637,7 | 8,6 | 2,9 | 45 | 48 | 1555,0 | 4,8 | 600 |
| Сулон | 2505,8 | 40,2 | 2,6 | 55 | 57 | 2359,6 | 85,2 | 2100 |
| Танзания | 945,1 | 36,8 | 1,8 | 41 | 53 | 1939,6 | 26,6 | 700 |
| Уганда | 236,6 | 27,3 | 3,4 | 42 | 44 | 2238,1 | 36,0 | 1700 |
| Эритрея | 127,3 | 1,6 | 2,5 | 53 | 58 | 1646,1 | 4,5 | 1000 |
| Ҳабашистон | 1094,7 | 73,1 | 2,3 | 51 | 6,3 | 1803,0 | 59,9 | 800 |

Вале баъзе риштаҳои пайвандкунандаи хусусияти таърихӣ, антропологӣ, лингвистӣ ва албатта, табии доштаро фаромӯш набояд кард. Масалан, Англия дар охири асри Х1Х нақшаи ба як минтақаи яклухт даровардани мулкҳояш аз Қоҳира то Кейптаун (ин нақшаҳо фақат баъд аз анҷоми ҷанги Дуюми ҷаҳон амалӣ карда шуданд), аннексияи ноҳияҳои аз нигоҳи иқтисодӣ ва геополитикӣ арзишманди Судони Ғарбӣ ва дигар ҳудудҳоро дар сар мепарварид. (Дар амалӣ шудани ин нақшаҳо Миср, ки пурра аз Англия ва Фаронса вобаста буд, нақши муайян бозидааст). Судон дар соли 1821 аз тарафи қӯшунҳои Муҳаммад Алӣ ба Миср пайваст карда шуд). Ҳукмронии англисҳо имрӯз ҳам эҳсос карда мешавад, бигирем густариши васеъи забони англисиро, махсусан дар шаҳрҳои бандарӣ.

Ҷиҳатҳои умумӣ дар он ошкор мешаванд, ки дар инҷо дар қатори намояндагони нажоди европоӣ ва зангӣ бисёр халқҳое зиндагӣ мекунанд, ки ба навъҳои гузарандаи антропологӣ таалluқ доранд. Аксарияти аҳолии Судон ба забони арабӣ гуфтугӯ менамоянд. Ба забони сомалӣ на танҳо аҳолии Сомалӣ, ҳамчунин як қисми аҳолии Эритрия, Ҳабашистон ва Кения гуфтугӯ мекунанд. Забони суахилӣ кайҳост мақоми забони муоширати байни этносҳоро соҳиб гардидааст ва ғ. Монандиҳои мушаххас низ дар махсусгардонии иқтисодиёти давлатҳои Африкаи Шарқӣ ба назар мерасанд. Дар бисёре аз мамлакатҳои сарзамин тиҷорати ҳиндиён ҷои махсусро ишғол менамояд.

Ниҳоят, баъзе мамлакатҳои Африкаи Шарқӣ мамлакатҳои ҳавзаи Нил, уқёнуси Ҳинд (интиқолоти каботажӣ) ва ҳатто чокҳои бузурги африкоӣ (мавзеъҳои интақаи тарқишҳо, заминҷунбиҳо ва вулқонҳо)-ро ба ҳам гиреҳ мезананд.

Африкаи Шарқӣ махсусиятҳои нодири хусусияти табиӣ ва этнофарҳангидоштаро доро мебошад. Аз нигоҳи иқтисодӣ аксарияти мамлакатҳои сарзамин содиркунандагони маҳсулоти кишоварзии тропикӣ: қаҳва, чой, қанд, қаранфул ва ғ. ба ҳисоб меравaнд. Давлатҳои алоҳидаи Африкаи Шарқӣ мисс ва дигар маҳсулоти саноати истихроҷи маъданро содир менамоянд. Саноати коркард дар мамлакатҳои сарзамин суст тараққӣ кардааст.

**Танзания** ҳамчун иттиҳоди ду давлати мустақил – *Ҷумҳурии Танганика* ва *Ҷумҳурии Халқии Занзибар* ва *Пемба* арзи вуҷуд намуд. Ҳарду қисмат – хушкӣ ва

ҷазираӣ бо ҳифзи ҳуқуқи мухторият дар масъалаҳои алоҳида дар соли 1964 Ҷумҳурии Муттаҳидаи Танзанияро ташкил доданд. Ба таъсиси давлати Танзания умумияти мавқеи географӣ, забонҳо, урфу одат, фарҳанг ва махсусияти рушди таърихии ҳудуди он мусоидат намуданд. Қисмати хушкии мамлакат – Танганика дар соҳилҳои уқёнуси Ҳинд доман паҳн карда, қисмати ҷазиравии он дар ҷазираҳои Занзибар, Пемба, Мафия ҷойгир шудааст. Масоҳати Танганика 942,6 ҳазор км мураббаъ ва масоҳати Занзибар 2,6 ҳазор км мураббаъро ташкил медиҳанд.

Дар замони мустамликавӣ Танганика ва Занзибар ба ҳайати Африкаи Шарқии Олмонӣ ворид мешуданд, протекторат ва ҳудуди зермандати Британияи Кабир ва ҳамчунин ҳудуди зери назорати СММ бо идоракунии британӣ буданд. Дар айни замон Танзания ҷумҳурии президентӣ буда, ба Иттиҳоде, ки Британияи Кабир сарвариашро ба ӯҳда дорад, дохил мешавад.

Қисмати калони ҳудуди хушкии мамлакат, ба истисноии тасмаи борики соҳилҳои уқёнуси Ҳинд, дар ҳудуди суфакӯҳи Африкаи Шарқӣ ҷой гирифтааст. Ҷазираҳои Занзибар ва Пемба аз нигоҳи геологӣ ҷавон буда, таркиби он аз оҳаксанги марҷон иборат мебошад. Ҳудуди мамлакатро се шохаи чокҳои бузурги Африка бурида мегузаранд. Дар инҷо вулқони хомӯшшудаи *Килиманҷаро* бо қуллаи баландтарини *Кибо* (5 895 метр), вулқони амалкунандаи *Меру* (4 567 метр), суфакӯҳи Кратерҳои азим (Нгоронгоро ва ғ.) ва кӯҳҳои зиёд ҷойгир шудаанд. Ҳамвории наздисоҳилӣ (паҳнӣ-180 км, дарозӣ –қариб 900 км) аз тарафи уқёнус бо харсангҳои марҷонӣ иҳота карда шудааст.

Сатҳи қисмати ҷазиравӣ дар тафовут аз қисмати хушкӣ паст (то 120 метр) мебошад. Қисмати зиёди ҷазираи Занзибарро ноҳияи карстӣ ишғол менамояд. Релйефи Танзания умуман барои фаъолияти хоҷагидорӣ мувофиқ аст. Дар қаъри заминҳои мамлакат *канданиҳои фоиданоки* мухталиф мавҷуданд. Онҳо асосан дар шимол ва ҷанубу ғарб, ба миқдори камтар дар паҳнкӯҳи марказӣ, пастхамии наздисоҳилӣ ва ҳудудҳои ҷазиравӣ ҷамъ омадаанд. Дар шимол конҳои алмос (техникӣ ва ороишӣ), тилло ҷойгир шудаанд. Тилло ҳамчунин дар қисмати ҷанубу ғарбӣ ёфт шудааст, ки онро якҷоя бо нуқра ва молибден истихроҷ мекунанд. Дар қисмати маркази мамлакат ҳам чунин конҳо ҳастанд. Танзания аз захираҳои ангиштсанг бой аст. Дар ҷанубу ғарб чандин ҳавзаи ангиштсанг мавҷуданд. Аз канданиҳои фоиданоки маъданӣ метавон маъданҳои оҳандори ҷанубу ғарбро зикр намуд. Миқдори металл дар маъданҳо дар баъзе маврид то 48 дарсад мерасад. Дар пуштакӯҳи Уфипа (ғарби мамлакат) конҳои маъданҳои оҳандору манган кашф шудаанд. Дар қисмати ғарбии мамлакат майдони маъданҳои металлҳои рангадори Мпанда (сурб, мис) ошкор гардидаанд. Дар шимол ва ғарб конҳои руҳ, никел, ниобий мавҷуданд. Дар шимолу шарқ ва марказ конҳои калони фосфоритҳо ва конҳои хурди апатит, бериллий, тантал, қӯрғошим, волфрам, хром, сангҳои қиматбаҳо ошкор карда шудаанд.

Дарёҳои Танзания манбаъҳои энергияи об мебошанд. Аҳамияти нақлиётии онҳо камтар аст. Дар ҳудуди мамлакат кӯлҳои зиёд мавҷуданд. Калонтарини онҳо Виктория, Танганика, Няс (Малавӣ) мебошанд, ки дар сарҳад бо Кения ва Уганда ҷойгир шудаанд. Кӯлҳо сермоҳӣ ва серпарандаанд, барои иртибототи нақлиётӣ истифода карда мешаванд.

Ҷазираҳои Занзибар ва Пемба, мисли қисмати хушкии наздисоҳилии мамлакат, нафти зиёд доранд. Захираҳои калони ашёи хоми сохтмон ва кулолӣ (оҳаксанг, хоки сурх) ва дигар канданиҳои фоиданок ошкор карда шудаанд.

Ба наздикии экватор нигоҳ накарда, ба Танзания навъҳои мухталифи саванна хос аст. Саваннаҳо дар баробари ҷангалзорони миомбо қисмати калони ҳудуди мамлакатро ишғол менамоянд.Дар ин ҷо навъҳои қиматбаҳои дарахтон: обнус, зард, камфор, фикус ва ғ. мерӯянд. Аммо ин ҷангалҳо масоҳати нисбатан хурдро ишғол

менамоянд. Ҷазираҳои Занзибар ва Пемба бо қабатҳои дубораи буттазорон ва рустаниҳои зироатӣ пӯшонида шудаанд. Дар пастхамиҳо бешазорони мангро ҷойгир шудаанд.

Танзания яке аз давлатҳои ками қитъаи Африка мебошад, ки дар шароити табиӣ намунаҳои олами бойи наботот ҳифз карда шудааст. Аммо олами ҳайвоноти он дар натиҷаи қиркунии бардавом хеле камбағал гардидааст. Ҳайвоноти калон асосан дар мамнӯъгоҳҳо ва боғҳои миллӣ боқӣ мондаанд, ки калонтаринашон *Серенгетӣ, Манъяра, Нгоронгоро, Руаха*, *Микумӣ* ба шумор мераванд. Ҳифзи табиати ландшафтҳои нодир ба як қисми асосии сиёсати миллии Танзания табдил ёфтааст.

Аксарияти *аҳолии* мамлакат дар қисмати материки он зиндагӣ мекунанд, дар ҷазираҳо 600 ҳазор нафар одам ҳастанд (1,9 дарсад аз шумораи умумии аҳолӣ). Ноҳияҳои сераҳолитарин дар канораҳои мамлакат ҷойгир шуда, аз якдигар бо масоҳатҳои калонмиқёси тамоман беодам ҷудо мондаанд. Ҳиссаи аҳолии шаҳрҳо тақрибан 30 дарсадро ташкил медиҳад. Шаҳрҳои бузурги Танзания Доруссалом (1,5 миллион), *Додома* (пойтахт, 200 ҳазор), Танга, Занзибар, Мванза. Мбея мебошанд.

Таркиби этникии аҳолии Танзания хеле мураккаб аст. Дар кишвар зиёда аз 120 халқияти мухталиф ба ҳисоб гирифта шудааст. Бо вуҷуди ин, халқҳои *банту* (суахилӣ, маконде, ванявезӣ, вагого, вапаре ва ғ.) ва *нилотҳо* бартарият доранд; ҳиссаи арабҳо, муҳоҷирин аз Осиёи Ҷанубӣ ва европоиён каме зиёдтар аз 1 дарсади аҳолӣ рост меояд. Дар қатори забони англисӣ забони африкоии суахилӣ мақоми давлати дорад ва торафт ба забони умумимиллӣ табдил меёбад.

Соҳаи асосии иқтисодиёт, ки 80 дарсади аҳолии қобили меҳнат кор мекунанд, *кишоварзӣ* мебошад. Ҷои асосиро дар он зироаткорӣ ишғол менамояд. Зироатҳои озуқаворecho таъиноти истеъмолидошта (ҷуворимакка, чойҷуворӣ, кассава, батат, банан, лӯбиёгиҳо) 60 дарсади маҳсулоти кишоварзиро ташкил медиҳанд ва амалан дар ҳамаи ноҳияҳои мамлакат парвариш карда мешаванд. Зироатҳои асосии содиротӣ қаҳва, пахта, чой, чормағз, тамоку, ҷуворимакка, биринҷ ва ғ. мебошанд. Чорводорӣ дар Танзания каммаҳсул аст. Кишоварзӣ дар маҷмӯъ 56 дарсади ММД ва 80 дарсади даромади содиротиро таъмин менамояд.

Саноат суст тараққӣ кардааст (15 дарсади ММД). Ҷои асосиро дар он истихроҷи алмос ишғол менамояд, ки бештари он ба хориҷ аз кишвар содир карда мешавад. Захираҳои дигари минералӣ ҳам истеҳсол карда мешавад. Корхонаҳои саноати сабук ва хӯрокворӣ фаъолият менамоянд. Ҳамчунин корхонаҳои истеҳсоли маҳсулоти химиявӣ, коғазбарорӣ ва ғ. мавҷуданд.

Асоси *нақлиётро* роҳҳои оҳан ташкил медиҳанд (3,5 ҳазор км). Нақши роҳҳои мошингард ҳам афзоиш меёбад (81,9 ҳазор км, аз ҷумла 10,3 ҳазор км бо пӯшиши сахт). Киштигардӣ дар кӯлҳо аҳамияти калон пайдо кардааст. Бандарҳои муҳими баҳрии Танзания Доруссалом, Мтвара, Танга, Занзибар ба шумор мераванд. Се фурудгоҳи байналхалқӣ – Доруссалом, Аруша (Килиманҷаро) ва Занзибар фаъолият мекунанд.

*Алоқаҳои иқтисодии берунӣ* асосан бо мамлакатҳои пешрафтаи Ғарб барқарор карда шудаанд. Гардиши мол дар байни Танзания ва мамлакатҳои дигари африкоӣ ва давлатҳои осиёӣ ҳам чашмрас аст. Бо вуҷуди ин, манбаъи муҳими даромади асъори Танзания туризми хориҷӣ мебошад. Объектҳои асосии туризми кишвар соҳилҳои уқёнуси Ҳинд, ҷазираи Занзибар, кӯҳи Килиманҷаро, шаршараҳо, боғҳои миллӣ ва мамнӯъгоҳҳо мебошанд.

Дар байни давлатҳои ҷазиравӣ аз рӯи бисёр нишондиҳандаҳо ***Ҷумҳурии Мадагаскар,*** ки дар ҷазираи ҳамноми Мадагаскар ва ҷазираҳои ҳамсояи он (Нуси-Бӣ, Нуси-Бураха, Баррен ва ғ.) ҷойгир шудааст, сазовори зикр аст.

**Давлатҳо дар уқёнуси Ҳинд.** Ҷазираҳои мутааллиқ ба Африкаи уқёнуси Ҳинд – *Мадагаскар, Коморра, Реюнон, Маврикий* ва *Сейшел* – таъсири баробари оламҳои африкоӣ, осиёӣ, арабӣ ва европоиро дар худ таҷассум намудаанд. Таъсири онҳо ба симои сарзамин  аз чандин ҷиҳат ошкор мегардад. Масалан, ҷазираҳои Мадагаскар ва Коморро мулкҳои Фаронса буданд, бо вуҷуди ин Реюнон то ҳол департаманти хориҷии Фаронса ба шумор меравад. Маврикий соли 1968 аз зери юғи Британияи Кабир озод шуд. Соли 1976 ҷазираҳои Сейшел озод ва мисли ҷазираҳои Коморра ба Иттиҳоде ки сарварии онро Британияи Кабир ба ӯҳда дорад, дохил гардиданд.

Ҷазираи Мадагаскар аз рӯи бузургӣ баъд аз Гренландия, Гвинеяи Нав ва Калимантана дар ҷаҳон ҷои чорумро ишғол менамояд. Соҳилҳои Мадагаскар буриши зиёд надорад, дарозии хати соҳил ҳазор км мебошад. Пастобҳо ва харсангҳои марҷонӣ  дар ғарб, силсилаи лагун ва дюн дар шарқ, соҳилҳои шахдор дар шимол ва ҷануб дастрасӣ ба ҷазираро душвор мегардонад. Халиҷҳои чуқури ҳимояшаванда ками андар кам вомехӯранд. Аз бандарҳои табиӣ метавон Диего-Суарес ва Антунгиларо дар шимол ном бурд.

Табиати мамлакат хеле рангоранг аст. Қисмати марказии ҷазираро ҳамвории Баланд ё ҳамвории Имерина ишғол менамояд. Он дар шарқ бо вартаҳо тамом мешавад ва дар соҳили уқёнус пастхамии борикро ба вуҷуд меоварад. Ҳамворӣ дар ғарб тадриҷан ба минтақаи ноҳамвор табдил ёфта, ба халиҷи Мозамбик мепайвандад.

Иқлими Мадагаскар ҳам хеле ва хеле гуногун мебошад. Ба ин ноҳияи баландбардошташудаи марказӣ  ҳамчунонки аз шимол ба ҷануб ба дарозои зиёда аз !500 км тӯл кашидааст, мусоидат менамоянд. Бо вуҷуди ин, қисмати бузурги ҷазира дар минтақаи иқлими тропикӣ аст, дар ноҳияи амали сиклонҳо ҷой гирифтааст.

Олами набототи ҷазира бо хусусияти нодири худ фарқ мекунад. Аз 12 ҳазор навъи рустанӣ, 10 ҳазори он хоси худи ҷазира ба шумор мераванд. Бинобар ин, олами наботот дар инҷо зерноҳияи алоҳидаи набототии Мадагаскарро ташкил медиҳад. Олами ҳайвонти ҷазира ҳам нодир мебошад ва ноҳияи алоҳидаи зоогеографиро ба вуҷуд овардааст. Бисёре аз ҳайвоноти нодир ва эндемикӣ қонунан ҳифз карда мешаванд. Дар мамлакат зиёда аз даҳ боғи миллӣ ва мамнӯъгоҳ сохта шудаанд.

Қаъри замини Мадагаскар пурра омӯхта нашудааст, аммо маълумоти бадастомада гувоҳи серсарватии инҷо мебошанд. Дар соҳилҳои шарқӣ конҳои графит коркард мешаванд, ки аз рӯи истеҳсоли он ҷазира дар ҷаҳон яке аз ҷойҳои аввалинро ишғол менамояд. Дар ҷануб слюда истихроҷ карда мешавад, дар маркази ҷазира конҳои хромитҳо кашф шудаанд. Захираҳои ангиштсанг, оҳаксанг, маъданҳои оҳандор, бокситҳо, конҳои никел ва дигар канданиҳои фоиданок маълуманд. Дар маҳалҳои гуногуни ҷазира сангҳои қиматбаҳо ва нимқиматбаҳо: хоро, турмалин, топаз, шпинел ва ғ.  вомехӯранд.

Қариб тамоми аҳолии мамлакатро малагасийҳо (99 дарсад) – халқҳои баромадашон омехта, ки аз гурӯҳҳои гуногуни этникӣ иборатанд, ташкил медиҳанд. Ғайр аз онҳо дар ҷазира муҳоҷирон аз ҷазираи Комор, ҳиндуҳо, покистониҳо, арабҳо, хитоиҳо, фаронсавиҳо зиндагӣ мекунанд. Забонҳои расмӣ дар ҷазира малагасийӣ ва фаронсавӣ мебошанд. Тақрибан нисфи аҳолӣ эътиқодманди боварҳои анъанавӣ буда, қариб ҳамин қадар насронианд (протестентҳо ва католикҳо). Боқимонда мусулмонҳо, буддоиҳо ва даоиҳо мебошанд.

Ноҳияҳои марказии ҷазира сераҳолӣ буда, пойтахти он – шаҳри *Антананариву* (зиёда аз 1 миллион аҳолӣ) дар онҷо ҷойгир шудааст. Афзоиши табии аҳолӣ баланд мебошад.

Ҷумҳурии Мадагаскар (дар гузашта мустамликаи Франсия) ҳамчун давлати мустақил аз соли 1960 вуҷуд дорад. Мадагаскар аз рӯи дараҷа ва хусусияти рушди иқтисодӣ мамлакати аграрӣ мебошад. Дар хоҷагии қишлоқ зиёда аз 3/4 аҳолии кобили меҳнат кор мекунанд. Ҳиссаи бахши аграрӣ дар ММД 1/3 ташкил медиҳад, бо вуҷуди ин, маҳсулоти кишоварзӣ зиёда аз 4/5 даромади асъорро таъмин менамояд. Аксарияти аҳолии деҳотҳо хоҷагидории натуралӣ ва нимнатуралӣ машғуланд. Зироати асосии озуқаворӣ дар мамлакат биринҷ мебошад, ки аз нисф зиёди вояи хӯроки аҳолиро ташкил медиҳад. Биринҷро дар ҳама ҷо, ҳатто дар кӯҳҳо парвариш мекунанд. Ҷои дуюмро ҷуворимакка ва чойҷуворӣ ишғол менамоянд. Агар ҷуворимаккаро мисли биринҷ дар ҳама ҷо парвариш намоянд, чойҷувориро фақат дар ҷануб киштукор мекунанд. Барои истеъмоли дохилӣ ҳамчунин маниок, картошка, банан, батат ва ғ. истеҳсол мекунанд.

Дар байни зироатҳои содироти қаҳва дар ҷои аввал қарор дорад. Онро асосан дар соҳилҳои шарқӣ, ҳамвории Баланд ва ҷазираи Нуси-Бе парвариш менамоянд. Барои бозори ҷаҳонӣ ҳамчунин ванил (аз рӯи истеҳсол ва содироти он Мадагаскар дар ҷаҳон ҷои аввалро ишғол менамояд), қаланфури гардан (ҷои дуюм дар ҷаҳон), қаранфул, найшакар, сизал, тамоку, какао, чой, рустаниҳои эфирдор киштукор мекунанд. Аҷиб аст, ки дар ҷазира меваҳои минтақаи мӯътадил (себ, муруд, шафтолу, зардолу) ва сабзавот мерӯёнанд. Чорводорӣ он қадар тараққӣ накардааст. Моҳидориро соҳаи ояндадори иқтисодиёт меҳисобанд.

Тараққиёти *саноат* ҳам суст аст. Ҳиссаи дар ММД мамлакат аз 13 дарсад зиёд нест. Дар маҷмӯъ дар ҷазира ҳазорон корхонаи саноатӣ, аз ҷумла матбааҳо, корхонаҳои нону ширинибарорӣ, устохонаҳои хурди оҳангарӣ ва дуредгарӣ фаъолият доранд. 70 дарсади коргарони саноат дар чунин ҷойҳо кор мекунанд. Зиёда аз нисфи корхонаҳои саноатӣ дар атрофи пойтахт ҷой гирифтаанд.

*Саноати истихроҷи кӯҳӣ* новобаста ба гуногунии захираҳои минералӣ ба дараҷаи дилхоҳ тараққӣ накардааст. Маҳсулоти асосии он графит, слюда ва маъданҳо хромдор мебошад. Ба миқдори кам квартс, берилл, танталит, сангҳои нимқиматбаҳо, маводи сохмон истеҳсол карда мешавад. Камбуди захираҳои сӯзишворию энергетикӣ ва гаронии сӯзишвории воридотӣ энергетикаи Мадагаскарро гаронхарҷ кардааст. *Саноати коркард* асосан аз корхонаҳои коркарди аввалияи ашёи хоми кишоварзӣ иборат мебошад. Калонтарин ва ҳозиразамонтарин соҳа дар инҷо *саноати истеҳсоли қанд* ба шумор меравад. Саноати бофандагӣ ва истеҳсоли маводи сохтмон тараққӣ карда истодаанд. Корхонаҳои хурди мошинҷамъкунӣ ва киштисозӣ мавҷуданд.

**Нақлиёт** ҳам суст тараққикарда боқӣ мондааст. Дар Мадагаскар системаи ягонаи миллии нақлиётӣ вуҷуд надорад. Дарозии умумии роҳҳои оҳани камбар ба ҳазор км намерасад. Онҳо Антананариву ва Фианарансуаро бо соҳилҳои уқёнус мепайванданд. Навъи асосии нақлиёт дар мамлакар автомошин ба шумор меравад. Шабакаи роҳҳои мошингард 50 ҳазор км дарозӣ доранд ва аз ҳама ҷо бештар дар қисматҳои марказӣ ва шарқии ҷазира рушд кардаанд. Нақлиёти ҳавоӣ (дар боркашонии дохилӣ) ва баҳрӣ нақши муҳим доранд. Бандари асосӣ барои савдои хориҷӣ ва иртибототи каботажӣ Таматаве ба ҳисоб меравад.

Шарикони асосии тиҷорати хориҷии Мадагаскар мамлакатҳои ИА (пеш аз ҳама Франсия ва Германия), ҳамчунин ИМА, Япония, ҶАҶ боқӣ мемонанд.

**Африкаи Ҷанубӣ** (ҷадвали 22.). Чанд даҳсола қабл буд, ки зикри номи Африкаи Ҷанубӣ дар матбуот ҳамеша нажодпарастӣ, апартеид ва мубориза зиддимустамликавии халқҳои Африкаро дар назар дошт. Муҳаққиқи забардасти Африка Ю. Д. Дмитревский ин макросарзаминро чунин тавсиф мекард: «Африкаи Ҷанубӣ такягоҳи охирини мустамликадорӣ ва нажодпарастӣ дар ин қисмати кураи замин мебошад. Агар ҷазираи Еленаи Муқаддас – мулки на он қадар калони

Британияи Кабирро ба назар нагирем, ба ин сарзамин давлати империалистии Африкаи Ҷанубӣ, Намибияи забткардаи он, мулкҳои англисии Родезияи Ҷанубӣ, ки доираҳои ҳукмрони он ғайриқонунӣ «истиқлолият»-и онро эълон кардаанд (дар зери фишори аксарияти сафедпӯстон) (1975), дохил мешаванд. Аз он замон то ҳол бисёр чиз тағйир ёфт: реҷаи апартеид сарнагун гардид ва дар ҶАҶ намояндагони аҳолии бумии сиёҳпӯст ба сари қудрат омаданд; ҳамсояҳои ҶАҶ – Ангола, Мозамбик ва Намибия истиқлол ба даст оварданд. Акнун тарҳи худи макросарзамини Африкаро дигархелтар баррасӣ мекунанд (аз ҷумла Мозамбик, Ангола, Зимбабве ва Малавиро дар аксари маврид ба макросарзаминҳои дигари қитъаи Африка мутааллиқ медонанд).

***Ҷадвали 22.***

**Мамлакатҳои соҳибистиқлоли Африкаи Ҷанубӣ: бонки маълумотҳои оморӣ.**

| Мамлакатхо | Майдон ҳаз. $км^2$ | Аҳолӣ млн. нафар | Афзоиши табиии аҳолӣ, % | Давомнокии синну сол | | Истеъмоли ғизо ккал/шабонарӯз | ММД | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | мардҳо | занҳо | | умуми млрд долл. | ба сари 1 одам |
| Ботсвана | 581,7 | 1,6 | - 0,04 | 40 | 40 | 2288,0 | 16,6 | 10100 |
| Лесото | 30,4 | 1,9 | - 0,5 | 52 | 52 | 2300,0 | 6,1 | 3300 |
| Намибия | 825,1 | 2,0 | 0,6 | 44 | 41 | 2095,6 | 15,8 | 7800 |
| Свазиленд | 17,4 | 1,2 | - 0,2 | 40 | 41 | 2698,2 | 6,2 | 5300 |
| ҶАҶ | 1221,0 | 44,3 | - 0,4 | 50 | 52 | 2805,4 | 527,4 | 11900 |

Дар ҷануби қитъаи Африка калонтарин *ноҳияи саноатию кӯҳкории* Африка ҷойгир шудааст, ки ҳудуди ҶАҶ, Ботсвана, Намибия (ва ҳамчунин Зимбабве, ки ба Африкаи Шарқӣ дохил карда шудааст)-ро дарбар мегирад. Минтақа аз нигоҳи таҷаммӯъи захираҳои минералӣ дар ҷаҳон яке аз бойтарин ва нодиртарин ҳудуд ба шумор меравад. Дар инҷо тақрибан тамоми захираҳои сӯзишворӣ, канданиҳои маъданӣ ва ғайримаъданӣ, ки барои рушди хоҷагидории имрӯза зарур аст, коркард мешавад. Ин пеш аз ҳама ба ҶАҶ дахл дорад, ки аз рӯи захира ва истихроҷи бисёре аз канданиҳои фоиданок аҳамияти стратегӣ дошта дар ҷаҳон мавқеи намоён дорад.

Хоҷагии қишлоқи молистеҳсолкунанда дар хоҷагидории мамлакатҳои Африкаи Ҷанубӣ аҳамияти бузург пайдо кардааст.

**Ҷумҳурии Африкаи Ҷанубӣ** дар ҷануби қитъа ҷойгир шуда, то соли 1961 Иттиҳоди Африкаи Ҷанубӣ ном дошт ва ба ҳайси доминион ба ҳайати Иттиҳоди Британия дохил мешуд. Солиёни дароз дар дарки сиёсӣ мамлакат бо реҷаи сахти нажодпарастии «рушди алоҳида»-и гурӯҳҳои этникии аҳолӣ – сиёсати апартеид (ҳукмронии аққалияти сафедпӯст бар аксарияти сиёҳпӯст) як дониста мешуд. Дар айни замон дар мамлакат конститутсияи дар соли 1996 қабулгардида амал менамояд, ки ба усулҳои тақсимоти ҳукумат ва даст кашидан аз апартеид асос ёфтааст.

ҶАҶ дар арзҳои тропикӣ ва субтропики нимкураи Ҷанубӣ ҷойгир шудааст. Ҳудуди ҶАҶ 4,2 дарсади масоҳати ҳамаи қитъаро ташкил медиҳад. Бо вуҷуди, ин мамлакат дар гиреҳи коммуникатсияи нақлиётии аҳамити ҷаҳонидошта мавқеи стратегиро ишғол менамояд.

Дар табиати ҶАҶ ландшафтҳои саванна ва ҷангалҳои сирак, нимбиёбон ва биёбон, ки аз шарқ ба ғарб ҳамдигарро иваз менамоянд, бартарият доранд. Ҳудудҳои алоҳида (ҷанубу шарқи кӯҳсор) бо ҷангалҳои намноки субтропикӣ ва ҳамчунин рустаниҳои баҳримиёназаминӣ пӯшида шудаанд (ноҳияи димоғаи Умеди Сабз). Дар маҷмӯъ ландшафтҳои табиӣ ивазшавии мураккаб доранд ва манзараи рангорангро ба вуҷуд меоваранд. Дар пасманзари он намояндагони бешумори олами ҳайвонот равшантар ба чашм мерасанд. Дар ҶАҶ барои ҳифзи хусусиятҳои хоси табиӣ боғҳои миллӣ ва мамнӯъгоҳҳо бунёд карда шудаанд. (ҳамагӣ дар мамлакат қариб 300 мамнӯъгоҳи музофотӣ, 16 боғи миллӣ ва як кӯл-мамнӯъгоҳ мавҷуданд. Боғҳои миллии Калахарӣ – Хемсбок, Крюгер, Натал, Хлухлуве ва мамнӯъгоҳҳои Фалдам, Ҷайантс-Касл, Мкузе, Сент-Люсия ва ғ. шуҳрати ҷаҳонӣ доранд).

Аз рӯи хусусияти релйеф ҶАҶ «амфитеатр»-и бузургро ба хотир меорад. Ҳамвориҳои баланди дохилӣ дар соҳилҳои уқёнусҳои Атлантика ва Ҳинд ба водиҳои танг иваз мешаванд. Хати соҳил камбуриш буда, халиҷҳои табиии мувофиқ вуҷуд надоранд.

Гуногунии сохтори геологӣ ба фаровонии сарватҳои табиӣ, аз ҷумла канданиҳои фоиданоки аҳамияти стратегидошта боис гардидаанд. Ҳамагӣ дар ҳудуди мамлакат қариб шаст навъи ашёи хоми минералӣ ошкор карда шудаанд. ҶАҶ аз рӯи захира ва истихроҷи тилло, платина, алмос, сурма, маъданҳои уран ва магандор, хромитҳо, ванадий, асбест ва ғ. дар ҷаҳон яке аз ҷойҳои аввалинро ишғол менамояд. Тақрибан ҳамаи муҳимтарин конҳо дар ноҳияҳои дохилии мамлакат ҷойгир шудаанд. Камбуди пойгоҳи ашёи хоми ҶАҶ набудани конҳои нафт ва гази табиӣ ба ҳисоб меравад. Потенсиали энергетикии дарёҳо он қадар калон нест. Дар вобастагӣ ба ин, ҷои асосиро дар тавозуни сузишворию энергетикӣ ангиштсанг ишғол менамояд, ки аз рӯи захираҳои он мамлакат дар қитъа пешсаф мебошад.

ҶАҶ аз рӯи шумораи *аҳолӣ* (зиёда аз 44,5 миллион нафар одам) фақат аз чор кишвар Нигерия, Миср, Ҳабашистон ва Конго-ҶДК) қафо меемонад. Бо вуҷуди ин, афзоиши аҳолии кишвар (1,3 дарсад) дар қитъа яке аз пасттарин мебошад, ки дар оянда ба тағйир ёфтани таносуби шумораи аҳолӣ оварда мерасонад.

Аҳолии мамлакат бо сохтори мураккаби этникии худ фарқ мекунад. Аксарияти аҳолии кишварро намояндагони халқҳои банту (зулу, коса, тсвана, *педи, суто, тсонга, свазӣ, ндебеле* ва ғ.) ва ҳамчунин *бушменҳо* (санҳо*)* ва *готентотҳо* (койкоинҳо) – бошандагони қадимии ҷануби қитъа ташкил медиҳанд. Зиёда аз 10 дарсади аҳолӣ бозмондагони муҳоҷирони европоӣ, асосан *африканёрҳо (бурҳо)* ва англисҳо мебошанд, ки дар рафти ҷанги англисҳою бурҳо дар охири асри Х1Х ва авали асри ХХ мубориҳаҳои беамон мебурданд. Боқимонда ашхоси баромадашон омехтаанд, ки дар ҶАҶ ранга ва ё калэрд пипл меноманд, ҳамчунин муҳоҷирони осиёӣ, махсусан ҳиндиҳо мебошанд. Аксарияти онҳо авлоди ҳиндиёне мебошанд, ки дар нимаи дуюми асри Х1Х барои кор дар плантатсияҳо бо шартнома ба инҷо овардаанд. Ҳамзамон ҶАҶ аз дигар мамлакатҳои Африка асосан бо он фарқ мекунад, ки дар он миқдори зиёди аҳолии сафедпӯст зиндагӣ мекунад (тақрибан ҳар як аҳолии ҳаштуми ҷумҳурӣ).

Аксарияти аҳлӣ (77 дарсад) насронӣ мебошад (асосан протестантҳо). Тақрибан панҷяки аҳолии мамлакат эътиқодманди боварҳои анъанавианд, боқимонда тарафдорони ислом, ҳиндуия ва яҳудия мебошанд.

ҶАҶ мамлакати аз ҳама баланд урбанизатсияшудаи Африка ба шумор меравад, ки тақрибан нисфи аҳолӣ дар шаҳрҳо зиндагӣ мекунанд. Шаҳрҳои бандариаш – *Кейптаун, Дурбан, Порт-Элизабет, Ист-Лондонро* қайд кардан зарур аст. Маркази калонтарини мамлакат, пойтахти молиявӣ ва тиҷоратии он Йоханнесбурги думиллионнафара мебошад. Тақрибан ду миллион аҳолӣ дар Кейптаун зиндагӣ мекунанд (қароргоҳи парламент). Якуним миллион аҳолӣ дар

*Претория* – пойтахти мамлакат маскунанд. Дурбани миллионнафара ягона шаҳри ҳиндии Африка ба шумор меравад, ки нисфи аҳолии онро ҳиндиён ташкил медиҳанд.

Претория на фақат пойтахти ҶАҶ, балки маркази маъмурии музофоти Трансваал низ мебошад. Аҳолии Претория якуним миллион нафар буда, 65 дарсади онро африкоиён, 12 дарсадро дурагаҳо ва боқимондаро европоиён (англисҳо ва африканёрҳо) ташкил медиҳанд.

Забт кардани қисмати ҷанубии Африкаро голландиҳо оғоз намуданд ва дар соли 1662 дар ноҳияи ҳозираи Кейптаун колонияи Капро бунёд ниҳоданд. Машғулияти асосии муҳоҷирон зироаткории экстенсивӣ ва чорводорӣ буд, ки ба истисмори аҳолии маҳаллии ба ғулом табдил додашуда такя мекард. Баъдтар ба колонистҳои голландӣ – бурҳо, ки минбаъд худро *африканёр* меномиданд, фаронсавиҳо ва дар ниҳояти кор англисҳо ҳамроҳ гардиданд. Дар оғози асри Х1Х ҳукумати Англия колонияи Кап ва Наталро ғасб (аннексия) кард (соли 1856 Наталро ба колонияи алоҳида табдил доданд). Бурҳо дар зери фишори англисҳо маҷбур шуданд ба ноҳияҳои дохилии Африкаи Ҷанубӣ кӯч баста, як қатор ҷумҳуриҳои мустақил (Трансваал, Давлати озодиноранҷӣ)-ро ташкил кунанд ва таҷрибаи истисмори қабилаҳои нимғуломи бумиро идома диҳанд. Дар натиҷа аҳолии африкоӣ ба заминҳои камҳосил ронда шуданд, ки минбаъд ба заминае барои резерватҳо ва баъдан *бантустанҳо* табдил ёфтанд. Паёмадҳои мустамликакунонӣ ба ҷуз аз қиршавии бисёр қавму халқият, зиёнҳои дигаре ҳам ба ҳамроҳ дошт, ки ҳангоми ҷангҳою шӯришҳо ба африкоиён расонида шуд.

Талошҳои Британияи Кабир барои бартарӣ пайдо кардан дар Африкаи Ҷанубӣ ба ҳаракати онҳо ба даруннтари қитъа бо хати Кейптаун – Қоҳира, тасарруфи заминҳои нави бантуҳои Африкаи Ҷанубӣ ва дар ниҳояти кор ба ҷанги англисҳою бурҳо (1899-1902) оварда расонд. Британияи Кабир дар натиҷаи ин ҷанг соҳиби Трансваал ва давлати озоди Норанҷӣ гардид. Соли 1910 ин ҳудудҳо дар якҷоягӣ бо колонияи Кап ба Иттиҳоди Африкаи Ҷанубй (ИАҶ), доминиони нави британӣ – қисмати худидоракунандаи империяи Британия муттаҳид карда шуданд. Соли 1961 ИАҶ ба ҶАҶ табдил дода шуд.

ҶАҶ-и ҳозира давлати унитарии дорои унсурҳои федерализм мебошад. Сиёсати мамлакат ба усули тақсими ҳукумат ва даст кашидан аз апартеид такя менамояд. Тибқи Конститутсияи амалкунанда ҶАҶ ба 9 музофот тақсим карда шудааст: *Кейпи Ғарбӣ (пойтахт Кейптаун), Кейпи Шарқӣ (Бишо), Кейпи Шимолӣ (Кимберлӣ). Давлати Озод (Блумфонтейн Квазулу-Натал), музофоти Шимолу Ғарбӣ (Мабата), Готенг (Йоханнесбург), Мпумаланга(Нелетпрейт), музофоти Шимолӣ (Питерсбург).* Қобили зикр аст, ки дар яке аз онҳо (Квазулу-Натал) тарзи ҳукмронии монархӣ ҷорӣ карда шудааст. Ҷузъиёти дигари конститутсионӣ ба тақсими ҳукумат вобаста мебошад: Претория дар музофоти Готенг пойтахти маъмурии давлат, Кейптаун (музофоти Кейпи Ғарбӣ) – пойтахти қонунгузорӣ, Блумфонтейн (давлати Озод ё музофоти Озод, ки пештар давлати озоди Норанҷӣ – мероси ҷанги англисҳою бурҳо ҷойгир шуда буд) пойтахти судӣ эътироф шудаанд.

ҶАҶ дар Африка ягона мамлакати ба маънои томаш *индустриалию аграрӣ* мебошад (давлат бо ҳиссаи зиёди дар саноати истихроҷ доштааш, масалан Либия, ба назар гирифта намешавад). Ҷумҳурӣ ҳамагӣ 4 дарсади ҳудуди қитъаро ишғол менамояд, аммо 30 дарсади маҳсулоти дохилӣ, зиёда аз 40 дарсади маҳсулоти саноатӣ ва 30 дарсади маҳсулоти кишоварзии Африкаро истеҳсол мекунад. Ҳамзамон дар хоҷагидории ҶАҶ бисёр хусусиятҳои давлати музофотӣ нигоҳ дошта мешавад.

Соҳаҳои *саноати истихроҷи кӯҳии* Африкаи Ҷанубӣ мисли пештара аҳамияти худро гум накардаанд. Яке аз онҳо истихроҷи тилло – соҳаи муҳимтарини иқтисодиёти мамлакат ба ҳисоб меравад. Дар ҶАҶ зиёда аз нисфи захираҳои

пешгӯишудаи тиллои ҷаҳон мавҷуд буда, истихроҷи сеяки тиллои ҷаҳон ба он рост меояд. Мамлакат ҳамчунин аз рӯи захираҳои уран, ки ҳамчун маҳсули дуюми коркарди маъданҳои тиллодор ба даст меояд, мақоми пешсафиро аз даст намедиҳад. ҶАҶ аз рӯи истихроҷи маъданҳои манган, хромитҳо, ванадий, титан, металлҳои гурӯҳи платина, сурма ва ҳамчунин минералҳои дигар дар ҷаҳон ҷойҳои якуму дуюмро ишғол менамояд.

ҶАҶ калонтарин давлати истеҳсолкунандаи алмос дар ҷаҳон шинохта шудааст. Ба коркарди он консерни фаромиллии «Де Бирс», ки истихроҷи тамоми алмоси мамлакатро ба даст дорад, машғул мебошад.

Бо кашф ва истихроҷи тилло, алмос ва канданиҳои фоиданоки дигар на танҳо таърихи муосир, инчунин географияи хоҷагидории ин кишвар вобаста аст. Коркарди пурсамари захираҳои минералӣ ба ташаккули ноҳияҳои калони саноатию кӯҳкорӣ боис гардид. Муҳимтарини онҳо *Витватесранд (Ранд)*мебошад, ки масоҳати хурдеро дар музофоти Готенг ишғол менамояд. Дар инҷо конҳои тилло, ашёи хоми урандор, ангиштсанг, алмос ва дигар минералҳо мавҷуданд. Дар шимоли ин ноҳия маҷмааи Бушвелд ҷойгир аст, ки дар он конҳои дар ҷаҳон калонтарини металлҳои гурӯҳи платина, хромитҳо, маъданҳои оҳану титандор ва ғ. кашф шудаанд.

Саноати истихроҷи кӯҳии ҶАҶ 2/3 арзиши содироти мамлакатро таъмин менамояд. Ашёи хоми минералии Африкаи Ҷанубӣ, ки қариб ба 100 давлати дунё содир карда мешавад, базаи ҷаҳонии захиравӣ ба шумор меояд. Бо вуҷуди ин, мамлакат бо коркарди тилло, алмос ва уран дар саноати истихроҷи кӯҳии ҷаҳон ҳамеша дар ҷои аввал будааст.

*Саноати сӯзишворию энергетики* ҶАҶ такя ба захираҳои ангиштсанг ва уран дорад. Ангиштсанг на танҳо барои қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти энергетикӣ истифода карда мешавад, балки онро содир ҳам менамоянд, масалан ба Ҷопон. Дар ҶАҶ миқдори зиёди электроэнергия – аз нисф зиёди дараҷаи умумиафрикоӣ истеҳсол карда мешавад. Ҳаҷми асосии электроэнергия ба НҲБ рост меояд. Ҳиссаи НБО ва НБА ночиз мебошад.Дар байни соҳаҳои саноати коркард ҷойҳои муҳим ба *металлургияи сиёҳ* ва *ранга* тааллуқ доранд. Дар корхонаҳои металлургии Претория, Фандербейлпарк, Нюкасле маҳсулоти пӯлодӣ истеҳсол карда мешавад. Истеҳсоли ферроомехтаҳо ва навъҳои махсуси пӯлод дар Феринихинге ва Витбанк ба роҳ монда шудааст. ҶАҶ аз рӯи истеҳсоли феррохром, ферроманган ва мангани электролитӣ дар ҷаҳон яке аз пешсафҳост. Дар соҳаи металлургияи ранга чандин корхонаи мисгудозӣ, алюминий (Ричрус-Бей) ва корхонаи дар ҷаҳон калонтарини тиллошӯии Ҷермистон фаъолият мекунанд.

Соҳаҳои коркарди металл ва мошинсозӣ ҳам хеле хуб тараққӣ кардаанд. Дар мамлакат навъҳои гуногуни таҷҳизотисаноти кӯҳӣ, дастгоҳҳои технологӣ барои корхонаҳои химиявӣ, маҳсулоти радиоэлектроника ва ғ. истеҳсол каржда мешаванд. Марказҳои муҳимтарини ин соҳаҳо асосан дар ноҳияҳои истеҳсолӣ, дар Кейптаун, Порт-Элизабет, Ист-Лондон, Дурбан ҷой гирифтаанд. (Дар ҶАҶ соҳаҳои *саноати ҳарбӣ* ба вуҷуд оварда шудаанд, ки ба истеҳсоли ҳамаи навъҳои техникаи ҳарбӣ ва силоҳ машғуланд. Имкони сохтани силоҳи ҳастаӣ ҳам вуҷуд дорад. Марказҳои муҳимтарини ҳарбию саноатии ҶАҶ Йоҳаннесбург, Кейптаун, Сасолбург, Дурбан мебошанд).

Ба қатори соҳаҳои хеле тараққикардаи индустрияи коркард *саноати химия* дохил мешавад. Дар корхонаҳои Моддерфонтейн (дар ноҳияи Йоҳаннесбург), Соммерсет-Уест (дар ноҳияи Кейптаун) ва Умбогинтвин (дар ноҳияи Дурбан) моддаҳои тарканда, нуриҳои минералӣ, пластмасса, қатрони сунъӣ, доруворӣ ва ғ. истеҳсол карда мешаванд. Корхонаҳои калони коркарди нафт, ки бо нафти воридотӣ кор мекунанд, дар Дурбан ва Кейптаун фаъолият менамоянд. Дар Салосбург

(давлати Озод) ва Секунда (Готенг) аз ангиштсанг ба миқдори зиёд сӯзишвории моеъи сунъӣ истеҳсол менамоянд.

Маҳсулоти корхонаҳои бешумори саноати сабук ва хӯрокворӣ талаботи бозори дохилиро қонеъ мегардонанд. Консерваҳои сабзавотӣ, мевагӣ ва моҳӣ , найшакар аҳамияти содиротӣ доранд. Истеҳсоли маводи сохтмон низ дар миқёси бузург ба роҳ монда шудааст.

Бахши бузург барои фаъолият дар ҶАҶ соҳаи *кишоварзӣ* мебошад. Дар он зиёда аз 30 дарсади аҳолии қобили меҳнати мамлакат, аксаран африкоиён машғули коранд. Мамлакат талаботи дохилиро ба маводи ғизоӣ пурра таъмин менамояд ва миқдори зиёди маҳсулоти хоҷагии қишлоқро ба хориҷи кишвар содир менамояд. Соҳаи асосӣ зироаткорӣ мебошад. Гандум, чойҷуворӣ, ҷуворимакка, найшакар, арахис, тамоку, ангур (барои майкашӣ), меваҳои ситрусӣ ва ғ. парвариш карда мешаванд. Чорводории гӯштӣ, махсусан гӯсфандпарварӣ тараққӣ кардааст. Пашм ҳам ба миқдори зиёд содир карда мешавад. Ҳамаи маҳсулоти кишоварзиро хоҷагиҳои фермерии африканёрҳо истеҳсол мекунанд.

Дар даҳсолаи охир *моҳидорӣ* равнақи нав пайдо кардааст. Ба он асосан аҳолии соҳилҳои ғарбӣ машғуланд. Дар байни давлатҳои африкоӣ ҶАҶ аз рӯи моҳидорӣ ва содироти маҳсулоти моҳӣ ҷои аввалро ишғол менамояд.

ҶАҶ ягона давлат дар Африка мебошад, ки бо *нақлиёт* хуб таъмин карда шудааст. Нақши асосиро дар боркашониҳои дохилӣ роҳҳои оҳан мебозанд. Ҷойгиршавии шабакаи роҳи оҳан шакли радиалӣ дорад, ки марказаш Йоханнесбург мебошад. Аз онҷо хатҳои роҳи оҳан ба тарафи бандарҳо кашида шудаанд. ҶАҶ ба воситаи чандин хати роҳи оҳан бо Намибия, Зимбабве, Мозамбик, пайваст мебошад. Ҷойгиршавии роҳҳои мошингард ҳам манзараи роҳҳои оҳанро такрор мекунад.

*Нақлиёти баҳрӣ,* ки алоқаҳои тиҷорати хориҷиро таъмин менамояд, барои ҶАҶ аҳамияти аввалиндараҷа дорад. Бандарҳои асосии баҳрӣ Кейптаун ва Дурбан мебошанд. Ҳамзамон онҳо ҳамчун пойгоҳ барои киштигардӣ дар нимкураи Ҷанубӣ хидмат мекунанд ва аҳамияти стратегӣ доранд. Алоқаҳои беруниро нақлиёти ҳавоӣ низ таъмин менамояд. Лӯлахатҳо нафт ва маҳсулоти нафтиро аз бандарҳо ба марказҳои асосии саноатӣ интиқол медиҳанд.

Шарикони асосии тиҷоратии ҶАҶ Британияи Кабир, Германия, Япония, Италия ба шумор мераванд. Дар солҳои охир кӯшишҳои васеъ намудани алоқаҳои иқтисодии хориҷӣ бо дигар давлатҳо, аз ҷумла бо давлатҳои африкоӣ ба мушоҳида мерасад.

Африка калонтарин ноҳияи платформавии хушкии тропикӣ буда, бо дараҷаи баланди радиатсияи офтобӣ тавсиф карда мешавад ва гармтарин қитъа дар рӯи замин ба шумор меравад. Хусусияти хоси табии он ҳамчунин дар хушкии иқлим, дар тақсимоти нобаробари захираҳои об ва дараҷаи пасти таъминоти об нисбат ба дигар мавзеъҳои хушкии тропикии Замин ифода меёбад. Дар зери таъсири омилҳои табиӣ ва инсонсириштӣ биёбоншавии минтақа идома дорад.

Омили табиию захираи табиӣ дар рушди минтақа нақши аввалиндараҷа дорад. Азхудкунии захираҳои табиӣ дар минтақа дар шаклҳое амалӣ карда мешавад, ки аз берун талқин карда мешуданд ва дар аксари маврид ба рушди иқтисодии сарзамин мусоидат накарданд. Дар айни замон ин раванд аз рӯи шароити тиҷорат бо мамлакатҳои саноатии пешқадам муайян карда мешавад.

Сарзамин аз рӯи суръати афзоиши табиии аҳолӣ ва гуногуншаклии этникӣ дар ҷаҳон дар яке аз ҷойҳои аввал қарор дорад. Дар инҷо мамлакатҳои дорои дараҷаи баланди таваллуд ҳастанд, дар бисёре аз ин мамлакатҳо даҳҳо этнос зиндагӣ мекунанд, ки аксаран дар ҳудуди ду ва ё чандин давлат ҷойгиранд. Шумораи зиёди

аҳолии Африкаи ҷанубтари Саҳрои Кабир дар деҳот зиндагӣ мекунанд, ки ба хусусияти аграрӣ гирифтани иқтисодиёт боис мегардад.

Дар давраи ҳозира дар сарзамин хавфи сар задани ҳолатҳои буҳронӣ дар системаи «табиат – ҷомеа» вуҷуд дорад. Сабаби асосӣ фишори афзояндаи инсонсириштӣ ба муҳити табиӣ дар натиҷаи қувват гирифтани нақши омилҳои демографӣ ва техникию технологӣ мебошад, ки бо ҷараёни урбанизатсия ва татбиқи техникаи нави истеҳсолӣ дар соҳаҳои захираи табиӣ вобастагӣ дорад.

**Саволҳо ва супоришҳои санҷишӣ**

1. *Омилҳоеро номбар кунед, ки ба ҳамгироии давлатҳои Африкаи Шарқӣ мусоидат карда тавонанд.*

*2. Дар бораи «гузаштаи мустамликавӣ»-и Ҳабашистон» (Абиссиния) чӣ медонед?*

*3. Кадом мамлакатҳои Африкаи Шарқӣ ва Ҷанубиро ҳамчун «маркази қувваҳо»-и сарзаминӣ мебояд шинохт.*

*4. Консентратсияи наздибаҳрию музофотии иқтисодиёт дар Африкаи Шарқӣ ва Ҷанубӣ чӣ гуна ошкор карда мешавад?*

*5. Мазмуни топонимии «Кимберлӣ»-ро шарҳ диҳед.*

***Б О Б И 9***

# 9. Америкаи англосаксонӣ

## 9.1 Иёлоти Муттаҳидаи Амрико

Вақте калимаи «Америка»-ро ба забон меоранд, ду қитъаи нимкураи ғарбӣ ва ҷазираҳои атрофи онҳоро дар назар доранд. (Дар аксари маврид ҳангоми гуфтугӯ ИМА-ро Америка ва шаҳрвандони онро америкоӣ меноманд, ки албатта, нисбат ба мамлакатҳои дигари қитъа беҳурматӣ аст). Аслан, аз рӯи дигар нишондиҳандаҳо параметрҳо, аз ҷумла аз рӯи шароити табиӣ, *Америкаи Шимолӣ* ва *Америкаи Ҷанубӣ* (саҳеҳтараш *Америкаи Лотинӣ*) ду ҷаҳон ба ҳамдигар монанд нестанд. Албатта, мисолҳои мушаххас ва лоиҳаҳои алоқаҳои васеъшавандаи «ду Америка»-ро овардан мумкин аст (аз ин ҷиҳат лоиҳаи ташкили «сарзамини озоди тиҷорат ва шукуфоӣ» аз *Аляска* то Оташзамин, ки ҳанӯз соли 1992 аз тарафи президент Ҷ. Буш пешниҳод шуда буд, ҷолиб аст), аммо то ҳол дар бораи «якшавӣ»-и ҳақиқии ду макросарзамини нимкураи ғарбӣ ҳарф задан душвор аст.

Агар аз нигоҳи табиию географӣ Америка ба Шимолӣ ва Ҷанубӣ тақсим карда шавад, географҳо ва ҷомеашиносон дар аксари маврид ***Америкаи англосаксонӣ*** ва ***Америкаи Лотинӣ*** – ду макросарзамин мегӯянд, ки сарҳади байни ИМА ва Мексика онҳоро аз ҳам ҷудо менамоянд. (Ғайр аз ин, Мексика, Америкаи Марказӣ ва Вест-Индияро аксаран дар субсарзамини *мамлакатҳои Кариб* ё Мезоамерика (Америкаи миёна); Венесуела, Колумбия, Эквадор, Перу, Боливия ва Чилиро дар субсарзамини *мамлакатҳои Анд;* Аргентина, Уругвай, Бразилия ва Парагвайро дар субсарзамини *мамлакатҳои Ла-Плато* ё *Атлантика* муттаҳид менамоянд.

**Ҳаммонандии Америкаи Шимолӣ (англосаксонӣ).** Ҳамин тавр, Америкаи англисзабон бо ИМА ва Канада як дониста мешавад. Ҳарду давлат, ки «муҳоҷиратӣ» ҳастанд (муҳоҷирон аз Европа онҳоро сохтаанд), дар заминаи анъанаҳои фарҳангии Европа омада инкишоф ёфтаанд. Баъдан, дар натиҷаи ҳиҷрати босуръат аҳолии ин ду мамлакат аз ҳисоби муҳоҷирони мамлакатҳои Шарқи Наздик ва Миёна, Ҳиндустон, Хитой, Америкаи Лотинӣ ва ғ. афзоиш ёфтанд.

Ҳам ИМА ва ҳам Канада давлатҳои рушдкардаи баъдазиндустриалии дорои иқтисоди бозорӣ мебошанд ва аз зодагони миллатҳои муваффақ ба шумор мераванд.

Аммо, агар ИМА аз рӯи ҳаҷми ММД, истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ, кишоварзӣ ва аз рӯи дигар нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ дар ҷаҳон мутлақо пешсаф бошад, нишондиҳандаҳои иқтисодии Канада хоксоронаанд. Валекин ҳарду мамлакат бо сарҳади якҷоя, аз рӯи дараҷаи баланди иқтисодиётҳои ба ҳамдигар вобаста, аз ҷумла дар чаҳорчӯбаи «Ассотсиатсияи тиҷорати озоди Америкаи Шимолӣ дар ҳайати ИМА, Канада ва Мексика тавсиф карда мешаванд.

Баъзан тавсиф мешавад, ки хешовандии генетикии Америкаи англисзабон бо тамаддуни Европаи Ғарбӣ кафолати ҳаммонандии Америкаи Шимолӣ буда наметавонад, зеро усулҳои дар Европаи Ғарбӣ ташаккулёфта (ҳанӯз дар Юнони Қадим!) то ин ё он ҳад заминаи сиёсӣ, корӣ ва ахлоқӣ рӯзгордории аксари давлатҳои Америкаи Лотиниро ташкил медиҳанд. Дар робита ба ин набояд фаромӯш кард, ки якум, Америкаи англисзабон кайҳост таҷассумгари ғояҳои пешқадами индустриалию техникӣ, либералию демократии Британияи Кабир, Франсия, Белгия, Нидерландия, мамлакатҳои Скандинавия мебошад, ҳамзамон Америкаи Лотинӣ таҷассумгари анъанаҳои консервативию романтики Европаи империяҳо ҳаст, ки ҳомилонаш Испания ва Португалия буданд ва ба қатори давлатҳои зубдаи европоӣ баъд аз мамлакатҳои зикргардида «пазируфта» шуданд; дуюм, ҳаммонандии иқтисодии Америкаи Шимолӣ ҷои шубҳа надорад; сеюм, аз нақши бузурги забони ягона, ки сиёсату иқтисодиёт, навъҳои бисёри санъат, эҷодиёти халқҳо ва ғайраро ба ҳам мепайвандад.

**Мавқеи географӣ, сарҳад ва тақсимоти маъмурӣ, мавқеи ИМА дар ҷаҳон.** ИМА яке аз мамлакатҳои аз рӯи масоҳат калонтарин буда, дорои 50 иёлат ва округи федералӣ (Колумбия ҳудуди пойтахти мамлакат – шаҳри Вашингтон) мебошад. 48 иёлати он дар ҳудуди кишвар (қисми марказии Америкаи Шимолӣ, ду иёлат – *Аляска* (соли 1867 аз Россия харидаанд) ва *ҷазираҳои Гавайя* – 24 ҷазираи на он қадар калон дар укёнуси Ором (расми 11.) берун аз ҳудуди малакат ҷойгиранд. Ба вазъӣ глобалии ҳудуди давлатии ИМА нигоҳ накарда (бо назардошти ҷазираҳои Гавайя ва ғ.) мамлакат ба шарофати азхудкунии васеъи заминҳо, системаи рушдкардаи коммуникатсия ва ғ. бо дараҷаи ба қадри кофӣ баланди ягонагии фазои хоҷагидорӣ (ба истиснои Аляска) фарқ мекунад.

**Расми 12. Тақсимоти марзӣ – маъмурии (иолотҳои) ИМА**




Гурӯҳи иолотҳо:

Мавқеи «онсӯи уқёнусӣ» ва дурӣ аз мухолифатҳои дар Европа ва Осиё рухдода, ба ин мамлакат амнияти устуворро кафолат дода, алоқаҳои васеъи тиҷоратии онро бо мамлакатҳои сарзамини уқёнуси Ором ва уқёнуси Атлантика осон карданд.

Вуруди фаъоли ИМА ба бозори ҷаҳонӣ аз аввали асри Х1Х, аз замоне ки дар истеҳсолоти саноатӣ аз Британияи Кабир пеш гузашт, шурӯъ гардид. Иқтисодиёти мамлакат дар он вақт босуръат тараққӣ кард, ки ба он: а) озодии хоҷагии қишлоқ дар аксари ҳудуди мамлакат (шимол, ғарб); б) вуруди муҳоҷирони зиёд ва ҳам коргари од ива ҳам зиёиёни техникӣ ; в) захираҳои табиии фаровон; г) мавқеи хуби географӣ; д) густариши босуръати бозори дохилӣ ва ғ. мусоидат намуд.

Пас аз анҷоми ҷанги Дуюми ҷаҳон ИМА дар ҷаҳон дигар дар соҳаи иқтисодиёт рақиб надошт, зеро иқтисодиёти Германия ва Япония хароб гардида, давлатҳои ғолиб – СССР, Британияи Кабир ва Франсия низ аз ҷанг бо иқтисодиёти хароб берун омада буданд. Тавоноии ИМА, ки монополияи муваққатии силоҳи ҳастаӣ буд онро мустаҳкам мекард, хеле бузург буд.

ИМА ҳоло низ бо иқтисодиёти рушдкардаи худ аз рӯи бисёр нишондиҳандаҳо дар байни давлатҳои ҷаҳон пешсаф мебошад (ҷадвали 24), ки маблағҳои калон ба НИОКР ва эҳтиёҷоти ҳарбӣ харҷ мекунад. Бисёр музофотҳои ҳазорҳо мил аз ҳудуди худаш дурбударо фазои манфиатҳои ҳаётан зарури ИМА эълон кардааст. Аммо бо қувват гирифтани иқтисодиёти Хитой, Япония, Германия ва дигар марказҳои иқтидори хоҷагидорӣ ва ҳарбӣ мавқеи ИМА тадриҷан суст мегардад.

*Ҷадвали 24.*

**Америкаи Англо-Саксонӣ: Бонки маълумотҳои оморӣ**

| Мамлакат | Масоҳат ҳаз. км² | Аҳолӣ млн. нафар | Афзоиши табии аҳолӣ | Давомнокии умр сол | | Истифодаи ккал/шабона-рӯз | ММД | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | Мардҳо | Занҳо | | Умумӣ млрд долл. | Ба сари ҳар 1 одам |
| ИМА | 9518,9 | 295,7 | 0,9 | 74 | 80 | 3754,0 | 12410 | 42000 |
| Канада | 9970,6 | 32,8 | 0,9 | 76 | 81 | 3160,9 | 1080 | 32900 |

Дар шаҳри Ню-Йорк Штаб-квартираи СММ ҷойгир шудааст.

**Шароити табиӣ ва захираҳо.** Ба шукуфоии иқтисодии ИМА то ҳадде шароити табиии муносиб ва ҳамчунин захираҳои фаровони табиӣ мусоидат менамоянд. Аммо нахуст дар бораи музофотҳои табиии мамлакат ҳарф мезанем.

Тибқи анъана дар таркиби қитъаи Америкаи Шимолӣ ҳамагӣ ду қисмати табиии маскуниро ҷудо зикр мекунанд: *Ғарби Кордилерӣ* ва *Шарқи Беруназкордилер*, ки гуногуни байни онҳо (аз нуқтаи назари зуҳури минтақабандии арзӣ, таъсири уқёнус ва ғ.) хеле муҳим мебошад. Ғайр аз ин, Шимоли Арктикаи сустазхудшуда, ҳамчунин Америкаи Марказиро зикр менамоянд, ки дар байни ду қитъа ҳамчун пул хидмат мекунанд.

Шарқи Беруназкордилерии хуб азхудшуда масоҳати калони Америкаи Шимолии байни уқёнуси Атлантика ва уқёнуси Яхбастаи Шимолӣ дар шарқ ва системаи орографии Кордилер дар ғарб ҷойгиршударо ишғол менамояд. Васеъии сарзамин сабабгори фарқияти минтақавии назаррас дар байни шимол ва ҷануб гардидааст. Ҳудуди ИМА-ро ба музофотҳои - табиию географии зерин тақсим менамоянд:

1. Аппалачӣ (Шимолӣ ва Ҷанубӣ) ва музофотҳои *наздиаппалачӣ* – ноҳияи дорои релйефи на чандон баланд ва тавассути эрозия буридашуда дар ҳудуди ИМА (ва Канада). Аппалачӣ дар шимол ба халиҷи Лаврентии Валӣ мечаспад, дар шарқи дур системаи Аппалачии Ҷанубӣ бо сипари кристаллии Пидмонт маҳдуд мешавад, дар ҷанубу ғарб водии дарёи Теннессиро дарбар мегирад.

2. Музофоти Кӯлҳои Бузург тақрибан дар байни $42^0$ ва $48^0$ арзи шимолӣ ҷойгир шудааст. Дар ғарб он гӯё бо маҷрои болоии дарёи Миссисипӣ маҳдуд мешавад, Дар шарқ дарёи Лаврентии Валӣ ба шакли тасмаи борик пуштакӯҳи Лаврентийро аз Аппалачӣ ҷудо мекунад. Махсусиятҳои табиии онро системаи Кӯлҳои Бузург, мавқеи дохиликонтиненталӣ ва таъсири яхбандии давраи чаҳорум муайян менамоянд;

3. Ҳамвориҳои Марказии дар ду тарафи миёнаҷараёни дарёи Миссисипӣ, дар ғарби Аппалачӣ ва дар ҷануби ноҳияи Кӯлҳои Бузург ҷойгиршуда, яке аз сарзаминҳои асосии зироаткории ИМА ба шумор меравад. Бо хокҳои серҳосил ва зичии аҳолӣ фарқ мекунад;

4. Ҳамвориҳои Соҳилии ҷанубӣ соҳилҳои халиҷи Мексика ва уқёнуси Атлантикаро ба тарафи ҷануб аз халиҷи Чепатик, ҳамчунин нимҷазираи Флоридаро ишғол менамоянд. Бо иқлими субтропикӣ тавсиф карда мешавад (дар ҷануби Флорида ҳатто нишонаҳои иқлими тропикӣ ба мушоҳида мерасад), ки барои соҳаҳои мувофиқи зироаткорӣ мусоидат менамояд;

5. *ҳамвориҳои Бузург* ба самти меридионалӣ тӯл кашида, дар доманаи кӯҳҳои Харсангӣ дар ҳудудҳои ИМА (ва Канада) ҷой гирифтааст. Иқлими хушк ва континеталӣ дорад. Агар дар шимоли дури ин музофот (ҳавзаи дарёи Маккензӣ) ландшафтҳои тундра ва тайга бартарият дошта бошанд, дар ҷануби дур ҳарорати миёнаи моҳи аз ҳама сардтарин мусбат мебошад.

Қисмати континенталии мамлакат иқлими муътадил ва субтропикӣ дорад, фақат ҷануби Флорида дар минтақаи иқлими тропикӣ ҷой гирифтааст. Аляска дар минтақаҳои иқлими субарктикӣ ва муътадил ҷойгир шудааст. Гавайя бошад ноҳияи дорои иқлими баҳрии тропикӣ ба шумор меравад. Агар харитаи табиию географии ИМА бодиққат омӯхта шавад, ба осонӣ метавон фаҳмид, ки чаро барои минтақаҳои шарқии ИМА тағйирёбии калони обу ҳаво хос аст: ситемаи кӯҳии Аппалачи сахт фарсӯдашуда наметавонад пеши роҳи ҳам ҳавои сарди шимолӣ ва ҳам ҳавои гарми тропикиро аз тарафи ҷануб бигирад. Силсилакӯҳҳои сарбаланди Кордилер дар ғарб аз бисёр ҷиҳат континеталӣ будани иқлимро дар сарзаминҳои марказӣ ва ғарбии мамлакат муайян менамояд. Дар маҷмӯъ, шароити иқлим имкон медиҳад на танҳо рустаниҳои минтақаҳои муътадил, балки бисёре аз рустаниҳои субтропикӣ ва тропикӣ низ парвариш карда шаванд.

Захираҳои обӣ низ фаровон ва гуногун мебошанд, аммо онҳо аслан дар Шарқи мамлакат ҷамъ омадаанд. Дар инҷо шараёни асосии дарёии ИМА – Мисссисипӣ ҷорӣ мешавад, ки якҷоя бо шохобҳои худ аҳамияти бузурги нақлиётӣ, энергетикӣ ва обёрӣ дорад. Дар сарҳад бо Канада калонтарин системаи кӯлҳо дар ҷаҳон – Кӯлҳои Бузурги Америка ҷойгиранд.

Хокҳо ҳосилхезии баланди табиӣ доранд, махсусан сиёҳхокҳои даштҳои Америка *(прерий)* ва сияхҳокҳои қисматҳои марказии мамлакат, ки пурра шудгору кишт карда, ба макони ғаллав сабзаводу алафзорон табдил додаанд. Ҷангалҳо ба таври назаррас қир карда шуда, имрӯз фақат чаҳоряки ҳудуди ИМА-ро мепӯшонанд (ба ҷуз Аляска ва Кордилер).

Дар шукуфоии имрӯзаи ИМА нақши носутурданиро захираҳои минералӣ (ангиштсанг, маъданҳои мисс ва полиметалдҳо, нафт ва ғ.) бозидаанд, ки аз рӯи захираҳои онҳо мамлакат дар Ҷаҳони Нав ҷои намоёнро ишғол менамояд. Дар тунукобаи халиҷи Мексика, Уқёнуси Ороми назди Калифорния, уқёнуси Яхбастаи Шимолӣ, дар шимоли Аляска конҳои калонтарини нафту газ ҷой гирифтаанд. Маъданҳои металдор асосан дар Ғарб, дар иёлоти Ню-Мексико, Вайоминг, Колорадо, Юта ва ғ. истихроҷ карда мешаванд.

Ҳамзамон бо ин, иқтидори ашёи хомии минерали ИМА «ҷойҳои суст» низ дорад: никел, манган, хромитҳо, кобалт, бокситҳо дар онҷо каманд. Камбуди онҳоро бо воридот мепӯшонанд.

**Аҳолӣ.** Халқҳои бешумор, ки то ғасби (экспансияи) европоиҳо дар ҳудуди Америка мезистанд (ба истисноги эскимосҳо, чӣ тавре ки олимон ақида доранд, онҳо аз Осиёи Шарқӣ омадаанд), номи умумии *ҳиндиҳоро* гирифтаанд. (Пайдоиши истилоҳ ба иштибоҳи Х. Колумб вобаста аст. Ӯ гумон мекард гӯшаи замини кашфкардааш Ҳиндустон аст). Ҳиндуҳо аз якдигар бо намуди зоҳирӣ, забон, мазҳаб, фарҳанг фарқияти ҷиддӣ доштанд. Аборигенҳои Аляска на танҳо ҳиндӣ, балки аз қавмҳои эскимос ҳам нестанд. Барои америкоиҳои европоиасл ҳамаи онҳо аҳолии бумӣ ё *нэйтивс* мебошанд. Сарнавишти ягона беихтиёр онҳоро бо ҳам наздик кардааст. Дар баробари ассимилятсияи аҳолии бумӣ аз тарафи сафедҳо, афзоиши никоҳҳои ҳиндиҳою эскимосҳо ҳам ба мушоҳида мерасад. Намояндагони ҳарду этнос на танҳо ҷашнҳои якҷоя мегузаронанд, балки дар аксари маврид ҳамдигарро дастгирӣ мекунанд. Муборизаи дурудароз ва душвори нэйтвиси Аляска (бо ҳамроҳии алеутҳо) барои ҳуқуқҳои худ ва «аз нав ба даст даровардани» марзҳои аҷдодиро метавон ҳамчун зуҳури равшани сарзаминияти этникӣ баррасӣ кард.

Дар ҳудуди ҳозираи ИМА дар оғози асри XX1 аз 2 – 3 миллион ҳиндуҳои аввали мустамликакунонӣ *(ирокезҳо, алкогинҳо, сиу, атапаскҳо,* команчӣ ва ғ.) қариб 200 ҳазор боқӣ мондаасту бас. Ҷудоии маҳали зисти онҳо (дар резерватсияҳо), фарҳанги моддӣ ва маънавии ба худ хос, гуногунии забонҳо, муттаҳидшавӣ дар ассотсиатсия ва ҳаракатҳои мухталиф – ҳамаи ин аз равандҳои хеле мураккаби дифференсиатсияи аҳолии бумии ИМА гувоҳӣ медиҳад.

Ташаккули миллати америкоӣ аз муҳоҷират шурӯъ гардид. Ҳамин тавр, америкоиҳои муосир (ғайр аз аҳолии камшумори бумӣ – ҳиндиҳо, эскимосҳо, алеутҳо ва гавайҳо) авлоди муҳоҷирин аз Европа, Африка, Хитой, Ҳиндустон, Япония, Филиппин ва мамлакатҳои дигар мебошанд. Асоси миллати америкоиро англисҳо, шотландҳо, ирландҳо ва европоиёни дигар ташкил медиҳанд. Ҷомеаи испанизабон (зиёда аз 40 миллион нафар) як қисми таркибии миллати америкоӣ мебошанд, ки шумораашон дар солҳои охир аз шумораи афроамерикоиён зиёдтар шудааст.

Дар солҳои пешин миллати америкоиро аксаран ба «деги ҷӯшон» монанд мекарданд, ки дар он муҳоҷирон «тағйири чеҳра карда», гуногунрангии худро аз даст медоданд ва ба америкоиҳо табдил меёфтанд. Ҳоло ин образ каме тасҳеҳ хӯрдааст: ҷои «деги ҷӯшон»-ро «кӯрпаи дарбеҳин» гирифтааст. Яъне онро дар назар доранд, ки махлутшавии (ассимилятсияи) гурӯҳҳои мухталиф ба охир нарасидааст ва бисёре аз гурӯҳҳои миллии ба таври сарҷамъона маскуншуда махсусиятҳои (ранги «дарбеҳ»-ҳои) худро ҳифз кардаанд.

ИМА муддати дурудароз бо суръати баланди афзоиши аҳолӣ фарқ мекард, ки вобаста ба афзоиши баланди табиӣ ва муҳоҷират буд. Баъдан нишондиҳандаҳои афзоиши табиӣ кам ва устувор, шумораи муҳоҷирон маҳдуд карда шуд. Ҳамзамон маҷрои муҳоҷирати пинҳонӣ аз Мексика пурзӯр гардид.

Географияи аҳолии ИМА-ро дар аксари маврид шабакаи шаҳрҳо, ки дар онҳо ¾ америкоиҳо зиндагӣ мекунанд, муайян менамоянд. Нақши асосиро дар маскуншавӣ агломератсияи шаҳрҳое чун Ню-Йорк, Лос-Анҷелес, Чикаго, Филаделфия, Сан-Франсиско, Хюстон, Детройт ва ғ. мебозанд. Агломератсияҳо баъд аз якҷоя шудан ҳудудҳои калонтари урбанизатсияшуда – шаҳрҳои пайваст (мегаполисҳо)-ро ба вуҷуд меоваранд. Мегаполисҳо дар ИМА сетоанд: 1) *Шимолию шарқӣ* (аз Бостон то Вашингтон – *Босваш*), 2) *Наздикӯлӣ* (аз Милуокӣ то Питсбург), 3) *Калифорниягӣ* (аз Сан-Франсиско то Сан-Диего –*Сан-Сан*).

Дар қисмати марказии шаҳрҳои калон *ситӣ* ҷойгиранд. Ситиҳо аксаран дорои биноҳои осмонхарош мебошанд, ки идораҳои бонкҳо, раёсати ширкатҳои калонтарини саноатӣ, тиҷоратӣ ва ғ. дар онҳо ҷой гирифтаанд. Дар Ню-Йорк намунаи классикии чунин ситӣ Уолл-стрит – кӯчаи на он қадар калон дар ҷазираи Манҳаттан ва маркази тиҷорати ҷаҳонӣ мебошад. Маҳаллаҳои камошёнадори беруназшаҳрии қисмати сарватманди аҳолӣ гӯё «антипод»-и маҳаллаҳои баландошёна мебошанд.

**Иқтисодиёт.** ИМА давлати *баъдазиндустриалии* дорои соҳаҳои пешрафтаи ***хизматрасонӣ*** ва ***саноат*** мебошад, ки дар иқтисодиёти он амалан «ҷои суст» вуҷуд надорад. Мамлакат ҳамчунин бузургтарин истеҳсолкунандаи маҳсулоти саноатӣ ва кишоварзӣ дар ҷаҳон боқӣ монда, аз рӯи миқёси рушди электроника, электротехника, саноати аэрокайҳонӣ ва химия, гудозиши металлҳои ранга, истеҳсоли автомошин ва ҳавопаймо ва ғ. пешсафиро аз даст намедиҳад. Дар баробари ин, ИМА дар қатори давлатҳои пешсаф оид ба истихроҷи баъзе канданиҳои фоиданок (ангиштсанг, нафт, гази табиӣ) қарор дорад ва аз рӯи истеҳсоли қувваи барқ дар ҷаҳон ҳамто надорад. Ҳиссаи асосии ангиштсангро мисли пештара ҳавзаи нодири Аппалачӣ медиҳад; маъданҳои металлдор асосан дар иёлоти ғарбӣ истеҳсол карда мешаванд, дар онҷо нақши НБО-ҳо ҳам калон аст.

Дар заминаи қувваи барқи арзони силсилаи НБО дар дарёи Колумбия ва ашёи хоми маҳаллӣ дар шимолу ғарби мамлакат ноҳияи калони *металлургияи ранга* (иёлати Вашингтон) ташаккул ёфтааст.

ИМА бо такя ба манбаъҳои захираҳои фаровони табӣ бисёр навъҳои ашёи хомро ба сабаби арзиши аслии кам доштан аз хориҷа ба мамлакат ворид менамояд ва бо ин роҳ захираҳои стратегии худро сарфа мекунад. Масалан, бо вуҷуди онки ИМА аз рӯи захираҳои нафт (иёлоти Техас, Луизиана, Калифорния, Аляска) дар ҷаҳон яке аз ҷойҳои аввалро ишғол менамояд, ин «ашёи хом-сӯзишворӣ»-ро аз Канада, Венесуела, Мексика, Эквадор, Арабистони Саудӣ ва мамлакатҳои дигар ворид карда мешавад.

Ноҳияҳои асосии таҷаммӯъи *саноати коркарди* ИМА инҳоянд:

- «ноҳияи саноатӣ»-и шимоли мамлакат бо махсусгардонии корхонаҳо барои истеҳсоли маҳсулоти металлургия, мошинсозӣ ва саноати химия (Ню-ЙОРК, Чикаго, Детройт, Филаделфия ва ғ.);

- соҳили уқёнуси Ором (Лос-Анҷелес, Сиетл, Сан-Диего ва ғ.), ки дар онҷо асосан саноати аэрокайҳонӣ, радиоэлектроника ва нафту химия тараққӣ кардаанд. Дар Калифорния (дар ноҳияи Санта-Клара) водии Силикони маъруф – маҳали сарҷамъшавии истеҳсолоти илмталаб ҷойгир шудааст;

- соҳили халиҷи Мексика (иёлоти Техас ва Луизиана), ки чеҳраи саноатиашро асосан коркарди нафт ва нафту химия муаррифӣ менамояд;

- иёлоти кӯҳсор (Юта, Монтана, Аризона, ва Айдаҳо) бо металлургияи рангаи рушдкарда;

- дар водии дарёи Теннесӣ соҳаҳои илмталаби химия, металлургия, индустрияи ҳарбӣ бартарӣ доранд.

Ширкатҳои дар тамоми ҷаҳон машҳури «Ҷенерал моторс» ва «Форд мотор» (мошинсозӣ), «Боинг», «Макдоналс-Дуглас», «Локхид эйркрафт» (самолёту ракетасозӣ), «Ҷенерал электрик», «ИБМ», «Вестингауз электрик» (электротехника ва электроника), «Доу ке-микл», «Дюпон де Немур», «Юнион карбайд» (индустрияи химия) ва ғ. дар саноат мавқеи ҳукмрониро соҳиб гардидаанд.

Асоси истеҳсолоти хоҷагии қишлоқи ИМА-ро *фермаҳо ташкил медиҳанд.* Фермаҳо молҳои аълодараҷа истеҳсол намуда, бо маҳсулнокии баланди меҳнат ва таҷҳизоти техникӣ, ҳаҷмҳои калон ва маҳсулоти гуногун фарқ мекунанд. Дар соҳа истеҳсоли маҳсулоти чорводорӣ дар ҷои аввал меистад (тақрибан 2/3 арзиши умумӣ).

Гуногунии шароити табиӣ географияи хоҷагии қишлоқро муайян кардааст. Масалан, музофоти *ҷуворимакка* (Огайо, Индиана, Иллинойс) хеле машҳур аст. Дар шимолтари мамлакат *музофоти шир* (Мичиган ва махсусан Висконсия) ва дар ғарбтари ин ареал, ки камшавии боришот ба мушоҳида мерасад, музофоти *гандум* ташаккул ёфтааст.

Махсусгардонии хоҷагии қишлоқи Ҷануб камтар фарқ мекунад: дар инҷо ҳанӯз аз замони ғуломдорӣ пахтакорӣ ва тамокупарварӣ тараққӣ ёфта, иёлати Флорида (зимнан, чун Калифорния) барои парвариши *мева* ва *сабзавот* махсусгардонида шудааст. Дар соҳили халиҷи Мексика ва дар Гавайя киштукори *найшакар* таҷаммӯъ пайдо кардааст. Дар иёлоти кӯҳсор то 90 дарсади заминҳои фермаҳоро чарогоҳҳо ташкил медиҳанд.

Ҳудуди васеъ, мавҷудияти баромадгоҳҳо ба уқёнуси Ҷаҳонӣ, дараҷаи баланди рушди иқтисодиёт барои инкишофи ҳамаҷонибаи тамоми навъҳои нақлиёт заминаи мусоид фароҳам овардаанд. *Нақлиёти роҳи оҳан*, ки замоне хеле тараққӣ карда буд, ҷои худро ҳоло ба *нақлиёти автомобилӣ* додааст. Автомобил ба ҷузъи

чудонашавандаи тарзи ҳаёти америкоиён табдил ёфтааст ва ҳар оила дар ихтиёри худ на камтар аз як мошин дорад. Шабакаи дар ҷаҳон калонтарини лӯлахатҳо густариш пайдо мекунад.

Аммо қисмати асосии боркашонии тиҷорати хориҷиро нақлиёти баҳрӣ бар ӯҳда дорад ва киштиҳо дар аксари маврид зери «парчами арзон»-и кишварҳои хурд (Панама, Либерия ва ғ.) шино мекунанд. Бандарҳои калонтарини баҳрии ИМА Ню-Йорк, Филаделфия, Балтимор, Орлеани Нав, Хюстон, Сан-Франсиско, Сиэтл, Анкориҷ, Гонолулу ва ғ. ба шумор мераванд. Дар мусофиркашонӣ (махсусан мусофиркашонии байналхалқӣ) нақлиёти ҳавоӣ бартарият дорад. Парки ҳавопаймоҳои авиатсияи граждании ИМА калонтарин дар ҷаҳон мебошад.

Тайфи (Спектри) ***алоқаҳои берунии иқтисодии*** ИМА хеле васеъ аст, ки ба «мақом»-и хоҷагидори ҷаҳонӣ будани он мувофиқат менамояд. Аммо ҳиссаи онҳо дар содироти ҷаҳонии мол каме коҳиш ёфтааст: аз рӯи ҳаҷми содироти маҳсулоти тайёри саноатӣ Германия аз ИМА пеш гузаштааст, Япония ва Хитой тақрибан дар як сатҳ қарор доранд. Дар ИМА талош доранд зиёни савдои хориҷиро бо даромадҳои сармоягузориҳои хориҷӣ ҷуброн намоянд. Корхонаҳои хориҷии ширкатҳои фаромиллии америкоӣ истеҳсоли молҳо ва хизматрасониро бо арзиши умумии 40 дарсад аз сатҳи ММД мамлакат таъмин менамоянд.

Дар байни тамоилҳои нави тавсифкунандаи географияи иқтисодии ИМА инҳоро номбар кардан мумкин аст: 1) ҷойивазкунонии соҳаҳои дорои технологияи аъло ва илмталаб ба самти ҷануб ва ғарби мамлакат; 2) мунтазам кам кардани фарқиятҳои музофотӣ дар сатҳи рушди иқтисодӣ; 3) азхуд намудани нафту гази Аляска ва ғ.

**Фарқияти дохилӣ ва сиёсати музофотӣ.** Асоси дифференсиатсияи фарҳангию иқтисодии ИМА-ро тақсимоти аз тарафи В. И. Ленин асоснокkардашудаи мамлакат ба се минтақаи калони иқтисодӣ: *Шимоли саноатӣ, Ҷануби дар собиқ ғуломдорӣ* ва *Ғарби колонияшаванда* ташкил медиҳад. Аз он замон то имрӯз дар Америка тағйироти зиёд ба вуқӯъ пайвастааст: дар иқтисодиёт, дар шабакаи шаҳрҳо, дар маскуншавии аҳолӣ. Фарқияти пештара дар дараҷаи рушди байни минтақаҳо дигар вуҷуд надорад.

Бо вуҷуди ин, махсусияти шимол, ҷануб ва ғарби мамлакат гум нашудааст: он дар гуногунии табиат, таркиби этникии аҳолӣ ва фарҳанги он, дар махсусгардонии истеҳсолот ва ғ. боқӣ мондааст.

Дар ИМА ноҳияҳои иқтисодӣ ҳеч вақт ҳамчун афзолӣ банақшагирии ҳудудӣ хидмат накардаанд (чӣ хеле ки дар «тулӯъ»-и ҳукумати шӯравӣ дар ИҶШС буд), аммо ба барномаҳои махсуси музофотӣ ҳамеша диққати ҷиддӣ дода мешуд. Масалан. депрессияи бузурги иқтисодии солҳои 30-и асри XX ҳукумати федералиро маҷбур кард барои музофотӣ депрессивӣ, ки бекории умумӣ таҳдид мекард, як қатор санади маъмурӣ ва қонунгузорӣ қабул намояд. Конгресси ИМА зиёда аз 60 қонуни зиддибӯҳрониро тасдиқ намуд, аз ҷумла «Қонун дар барқарор намудани саноат» ки унсурҳои стратегияи музофотӣ дошт, ҳамчунин қонун дар бораи таъсиси Шӯрои Миллии банақшагирии саноатӣ ва корхонаҳои давлатӣ дар назди вазорати корҳои дохилӣ. Шӯрои Миллӣ таваҷҷуҳи ҳукуматро ба пурзӯр намудани инкишофи чор навъи зерини музофотҳо равона мекард:

1) музофоти депрессивии қисмати ҷанубии Аппалач бо бекории умумӣ, ки дар натиҷаи баста шудани шахтаҳои зиёновар ба таназзул рӯбарӯ шуда буданд;

2) музофоти депрессивии гирифтори бӯҳрони маҳаллии пахтакории ҷанубу шарқ;

3) музофоти индустриалии Кӯлҳои Бузург бо ландшафтҳои антропогении зуд харобшаванда;

4) музофоти ҳамвории гирифтори эрозияи бод ва оби шарқтари кӯҳҳои Харсангӣ.

Амалӣ намудани барномаи маъруфи вобаста ба *азхудкунии маҷмӯи ҳавзаи дарёи Теннессӣ* барои инкишофи иқтисодиёти музофотҳои ақибмонда саҳми мушаххас дошт. Бо қонуни махсус Корпоратсияи давлатии водиҳои дарёи Теннессӣ таъсис дода шуд, ки ба ташкилоти бузурги хоҷагидории давлатӣ бо сармояи ҳангуфти бисёр барномавӣ табдил ёфт. Асоси Барномаи комплексиро энергетика ташкил медод (маҷмӯи комплекси гидроэнергетикӣ дорои 27 сарбанд буд: 9 сарбанд дар дарёи Теннессӣ ва 18 сарбанд дар шохобҳои он). Дар давоми се даҳсола иқтисодиёти ҳавзаи Теннессӣ баландтарин суръати инкишоф дар ИМА дошт, худи ҳудуд ба сарзамини пешқадами дорои сохтори соҳавии диверсификатсияшуда табдил ёфт.

Ҷанги Дуюми ҷаҳон боис ба ҷӯшу хурӯши нав дар фаъолияти ҳукумати федералӣ гардид. Хароҷоти давлатӣ барои аҳдномаҳои ҳарбӣ, корҳои илмию таҳқиқотӣ, бунёди пойгоҳҳои ҳарбӣ, марказҳои озмоишӣ ва тамринӣ (машқӣ) дар кӯҳҳо ва биёбонҳои беодам беандоза бузург буд. Аз ҷумла, миллиардҳо доллар барои инкишофи иқтисодиёти иёлоти уқёнуси Ором ҷудо карда шуд, ки инкишофи бандарҳои *Сан-Франсиско, Сиэтл, Сан-Диего;* сохтмони корхонаҳои давлатӣ; таъсиси озмоишгоҳҳои бузурги таҳқиқотӣ; азнавсозии шаҳрҳо; бунёд намудани аэродромҳо; сохтани иншооти гидроэнеггетикӣ дар водии Калифорния ва дар дарёи Колумбия; субсидия ба донишгоҳҳо барои корҳои таҳқиқотӣ ва ғайра ҷудо карда шуданд. Танзими давлатии сохтмони навро қисман он чиз осон кард, ки зиёда аз нисфи ҳамаи заминҳои иёлоти ғарбӣ (асосан ҳудудҳои кӯҳӣ ва биёбонии барои зироаткорӣ бефоида) моликияти ҳукумати федералӣ мебошанд.

Аммо дар солҳои охир дахолати калонмиқёси ИМА ба инкишофи музофотӣ якбора суст гардид, ки дар маҷмӯъ вобаста ба сиёсати ҳукумати федералӣ нисбат ба маҳдудкунии(то ҳадди ақал) дахолати давлат ба фаъолияти хоҷагидорӣ мебошад.

Дар охири солҳои 70-ум (асри XX) ба ҳадди охири густариши нақши иқтисодии давлат дар маҷмӯъ ва дар танзими музофотии иқтисодиёт бахусус расиданд. Баъдтар тамоилҳои ғайримарказонидан ва маҳдуд кардани дахолати давлат дар азнавистеҳсолкунӣ ба мушоҳида мерасад. Ҳатто раванди нисбатан кам кардани ҳаҷми буҷети федералӣ (ва давлатӣ) дар иқтисодиёт шурӯъ гардид.

Вале, чӣ хеле ки маълум аст, робитаи қавӣ ва мустақим дар байни ҳаҷмҳои сармоягузории мустақими давлатӣ ва миқёсҳои амалӣ кардани сиёсати музофотӣ вуҷуд надорад. Нақши муҳимро дар ҳифз ва истифодаи таҷрибаи андӯхтаи сиёсати музофоти дар ИМА тағйир ёфтани системаи андоз, ҳавасмандкунии қарзию пулӣ дар маҳалҳо ва ғ. мебозанд. То ба ҳадде шартан метавон таъкид кард, баъд аз он ки ҳукумати федералӣ мухолифати музофотиро тамоман барҳам зад ё суст кард, ташаббус ба дасти ҳукуматҳои маҳал гузашт.

Хусусияти хоси механизми давлатии америкоӣ ғайримарказонидани ҳукумат мебошад. Як қатор кафолат ва соҳаҳои фаъолият ба ҳукумати маҳалҳо вогузор шудааст, ки бе ягон дахолати ҳукумати федералӣ ва ҳукумати иёлот амалӣ карда мешавад. Дар оғози асри XX1 дар ИМА зиёда аз 80 ҳазор воҳиди маҳаллии идоракунӣ мавҷуд буд. Инҳо графиҳо, мунисипалитетҳо, тауншипҳо, округҳои мактабӣ, округҳои махсус буданд, ки чаҳортои аввали онҳо воқеан маҳалҳоро идора мекарданд ва дутои охир як ё миқдори маҳдуди вазифаҳоро иҷро мекарданд. Мақомоти маҳаллии идоракунӣ дар заминаи мустаҳками молиявӣ фаъолият мекунанд, ки мустақилияти маъмурию хоҷагидории онҳоро таъмин менамояд (2/3 даромади умумиро даромадҳои маҳаллӣ ташкил медиҳанд, 1/3 аз ҳисоби интиқоли маблағ аз буҷети иёлот ва буҷети федералӣ даромад мекунанд).

Ҳамин тавр, мақомоти маҳаллии ҳокимияти ИМА на фақат фишангҳои воқеӣ барои банақшагирии музофоти  дар сатҳҳои хурд доранд, балки аз онҳо самаранок истифода мебаранд: шоҳроҳҳо ва фурудгоҳҳо, системаи таъмини об ва канализатсия, ҷойҳои истироҳат ва ғ. месозанд. Дар робита ба ин, ақида дар бораи он ки миқёси дахолати давлат ба рушди музофотҳо  ночиз аст, ташреҳ мехоҳад.

Дар айни замон дар ҳудуди асосии ИМА (бе Аляска ва Гавайя) одатан 4 сарзамини  калонро зикр мекунанд: 1) *Шимолу Шарқ*; 2) *Ғарби Миёна;* 3) *Ҷануб;* 4) *Ғарб,* ки дар навбати худ дар ҳайаташон музофотҳои  худро доранд. Ин сарзаминҳо, ки сарҳадҳои муайян надоранд, Поволже, Сибири Ғарбӣ, Кавказӣ Шимолӣ ва ғайраро ба хотир меоранд. Ба ҳар ҳол, чи тавре ки минбаъд мебинем, ҳар як аз ин сарзамин  махсусияти муайяни худро дорад.

Сарзаминҳои калон (макросарзаминҳо)-и ИМА пеш аз ҳама бо нишонаҳои таърихию фарҳангиашон фарқ мекунанд. Масалан, Шимолу Шарқро ҳанӯз дар асрҳои ХУ11- ХУ111 дар заминаи фермаҳои хурд ва соҳибкории озод мустамлика карда буданд. Ҷануб, ки оғози мустамликакунониаш низ ба асрҳои ХУ11 – ХУ111 рост омада буд, муддати дурудароз дар шароити ғуломдорӣ инкишоф меёфт. Ғарби Миёна дар шароити ҷумҳурии мустақил ва ҷӯшухурӯши инкишофи сармоядорӣ ташаккул ёфт. Ва ниҳоят, азхудкунии Ғарб  фақат дар асри Х1Х шурӯъ гардид ва то ҳол ба анҷом нарасидааст. Макросарзаминҳои  зикршуда аз рӯи вазифаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ низ фарқи назаррас доранд.

Масалан Шимолу Шарқ – «ядрои кристаллизатсияшудаи» ИМА, марзи истихроҷи ангишт, корхонаҳои металлургӣ ва химиявӣ («Рури Америка»), маркази илму фарҳанг (донишгоҳи Гарвард, донишкадаи технологии Массачусетс ва ғ.) мебошад; дар ҳаминҷо силсилашаҳрҳои калонтарин (Ню-Йорк, Бостон, Филаделфия ва ғ.) ҷойгиранд.

Ғарби Миёна бо мавқеи наздикӯлии аксари иёлот ва нақши бузурги системаи оби Миссисипӣ – Кӯлҳои Бузург; инкишофи мошинсозии металлталаб фарқ мекунад; дар инҷо «пойтахти мошинсозӣ» - Детройт ва яке аз бузургтарин марказҳои индустриалӣ ва тиҷоратию молиявии ИМА – Чикаго ҷойгир шудаанд.  Ва ниҳоят, Ғарби Миёнаро «кони ғалла»-и ИМА ном мебаранд. Дар ҳаминҷо марзи  шир, ҷуворимакка ва иёлати «ҷуворимаккаи» Айова ва ғ. ҷойгиранд.

Ҷануб, пеш аз ҳама, марказҳои калонтарини истихроҷи нафту газ ва коркарди нафт, ҳиссаи зиёди аҳолии зангӣ, индустрияи аэрокайҳонӣ, марзи  пахта, манбаъи зироаткории тропикӣ, бизнеси туризми Флорида ва ғ. мебошад. Ва ниҳоят, Ғарб «дарвозаи» уқёнуси Ором, сарвати ҳангуфти металлҳои ранга ва ҷӯб, инкишофи босуръати соҳаҳои илмталаб дар солҳои баъдиҷангӣ, истеҳсолоти ҳарбӣ, саноати авиатсионӣ (консерни «Боинг») аст. Водии машҳури Силикон дар ҳаминҷо ҷойгир шудааст.

Амалан дар ҳар як аз ин сарзаминҳои  боз сарзаминҳои  мақоми пасттардошта ташаккул ёфтаанд. Масалан, дар ҳудудҳои *Шимолу Шарқ Англияи Нави* маъруф ҷойгир шуда, ки замоне ҳамчун «ҷаҳишгоҳ» барои мустамликакунонии тамоми ҳудуди ИМА хидмат кардааст. Силсилашаҳрҳои калонтарини қад-қади соҳилҳои шимолу шарқии кишвар ҷойгирифта, ки кайҳост номи *Мегаполисро* соҳиб шудаанд, дар ИМА мақоми махсус доранд.

Дар дохили **Ғарби Миёна** музофоти  индустриалии Наздикӯлҳо – «марворид»-и шаҳрҳои калонтарин дар атрофи Кӯлҳои Бузург (Кливленд, Детройт, Чикаго) мавқеи муносибро ишғол намудаанд, ки дар рафти индустриякунонӣ,урбанизатсия ва ҳиҷрати сарҷамъона аз Европа дар асри Х1Х ташаккул ёфтаанд.

Дар ҳудуди **Ҷануби** Америка канораи ҷанубу шарқии кишвар – *Флорида* бо махсусияти бечунучарои худ – истироҳатгоҳҳо ва афзоиши босуръати аҳолӣ фарқ

мекунад. Баъзан дар инҷо аз *Ҷануби Кӯҳан* (иёлоти Вирҷин, Каролинаи Ҷанубӣ ва Шимолӣ)-и ташаккулёфта дар замони мустамликакунонӣ ва *Ҷануби Нав* (иёлоти Техас, Оклахома) низ ном мебаранд, ки иқлими хушк дошта, дорои нафту гази табиии бисёр ва корхонаҳои пуриқтидор мебошанд. Ҳиссаи аҳолии зангӣ дар инҷо ночиз буда, шумораи мардуми испанизабон зиёд аст. (Минтақаи қад-қади сарҳади Мексикаро, ки дар зери таъсири Мексика мондааст, вақтҳои охир *Мексамерика* ҳам меноманд).

**Ғарб** ошкоро ба ду музофоти дохилӣ тақсим мешавад – *Ғарби Кӯҳистон*, ки на танҳо аз нигоҳи баландӣ аз сатҳи баҳр, балки бо азхудкунии нисбатан суст ва аҳолии кам ҳам фарқ мекунад ва *Ғарби Дур* - бо роҳҳои васеъ ба уқёнуси Ором, азхудкунии аълодараҷа ва аҳолии зиёд.

*Гавайя* ва *Аляска* табиист, ки ба Ғарби ИМА майл мекунанд. Аляска бо истихроҷи нафту газ, моҳидорӣ, истеҳсоли мӯина, коркарди чӯб маъруф аст. Дар Гавайяи экзотикӣ, ки амрикоиҳои сарватманд дар онҷо истироҳат карданро нағз мебинанд, найшакар ва ананас парвариш карда мешавад. Пойтахти иёлат Гонолулу пайвандгоҳи муҳими роҳҳои баҳрӣ ва ҳавоӣ ба ҳисоб меравад. Ҳамчунин дар ҳаминҷо пойгоҳи машҳури ҳарбию баҳрии Пирл-Харбор ҷойгир аст.

### Савол ва супоришҳои санҷишӣ

1. *Муҳоҷират (иммигратсия) дар ташаккули миллати америкоӣ чӣ нақш дорад?*

2. *Кадом омилҳо сабабгори интиқоли маркази иқтисодиёти ҷаҳонӣ ба ИМА шуданд?*

3. *Чаро ИМА, бо вуҷуди доштани сарватҳои зиёд, аксари ашёи хомро аз хориҷа мехарад?*

4. *Ноҳияҳои асосии таҷаммӯъи саноати коркарди ИМА дар куҷо ҷойгиранд.*

5. *Музофотҳои ҷуворимакка ва гандуми ИМА дар куҷо ҷойгир шудаанд? Чӣ тавр шароити агроиқлимии ИМА ба баробарии онҳо мусоидат менамояд?*

6. *Махсусияти иҷтимоию иқтисодии Шимолу Шарқ, Ғарби Миёна, Ғарб ва Ҷануб дар чӣ ифода меёбад?*

## 9.2 Канада

Муқоисаи Канада бо Россия дар аксари маврид дуруст аст, вале ин монандии табиист. Аз нигоҳи иҷтимоию иқтисодӣ, таърихӣ ва сиёсӣ онро метавон бо Австралия муқоиса намуд. Инҳо ду давлати англосаксонии дорои иқтисоди рушдкарда мебошанд ва ба қатори кишварҳои капитализми муҳоҷир дохил мешаванд. Ҳарду кишвар бо шумораи нисбатан ками аҳолӣ ҳудудҳои калонро бо захираҳои фаровони табиӣ ишғол менамоянд. Дар ҳарду кишвар иқтисодиёт муддати дурудароз «ба паҳно» инкишоф меёфт, дар солҳои охир босуръат «ба умқ» ҳаракат мекунад. Канада ва Австралия ба ҳайати Иттиҳод дохил мешаванд.

Ҳанӯз дар асри X1X географи маъруфи фаронсавӣ Э. Реклю ба қобили ҳаёт будани давлати Канада шубҳа дошт ва аз рӯи ақидаи ӯ ин давлат «мухолиф бо қонунҳои географияи табиӣ сохта шудааст» (зимнан, сарҳадҳои онро «афсонавӣ» меномид, Волтер дар навбати худ таъкид мекард, ки ба Франсия зарур набуд барои ин «чанд барфтеппа» ҷанг кунад). Ин мавқеъгириҳо аз он сабаб буд, ки дар замони маорифпаварии фаронсавиҳо тамоми Канадаро шимоли «аз ҳудуд берун» меҳисобиданд. Дар ҳақиқат, гуногунрангии табиати Канада ҳайратовар аст. Соҳилҳои уқёнуси Атлантика ва Ором, кӯҳҳои Харсанги ва Аппалач, ҳамвориҳои Бузург ва системаи оби дарёи Миссисипӣ – Лаврентии Валӣ симои мухталиф доранд ва бо ҳамдигар иртиботашон он қадар қавӣ нест. Агар далелеро ба назар гирем, ки минтақаи фаъоли иқтисодии мамлакат дар сарҳади ИМА ҷойгир аст, тасаввуроте

ҳосил мешавад, ки гӯё музофотҳои  Канада ба таври механикӣ дар давлати ягона муттаҳид карда шудаанд.

Аммо мулоҳизаи дигар ҳам вуҷуд дорад, ки «симои» махсуси табиӣ ва миллӣ доштани Канада ва ҳаммонандии бечунучарои онро таъкид менамояд (англисии *«айдентитӣ»* ё фаронсавии *«идантитэ»)*. Маҳаки табиии ҳаммонандии мамлакат метавонад «шимолият»-и мавқеи географии он *(«нордиситӣ»)* бошад. Шимол – «сарзаминест, ки бо дигар музофотҳои  Канада ҳамсарҳад буда, аз ҳар яки онҳо мерӯяд ва ягонагии онҳоро таъмин менамояд» (Ҷ. Ватсон, 1973).

Тибқи пурсишҳои дар Канада гузаронидашуда зиёда аз 80 дарсади аҳолӣ худро канадагӣ меҳисобанд, на шаҳрванди музофоти худ, ки гувоҳ аз мавҷудияти ҳаммонандии иқтисодӣ ва фарҳангию таърихӣ мебошад. Худшиносии миллии хуб рушдкардаи канадагиҳо табиатан бо эҳсоси «ҷаҳонбинии шимолии» онҳо гиреҳ мехӯрад. («Ҷаҳонбинии шимолӣ» дар санъати миллӣ – расмҳои гурӯҳи Ҳафтгона, дар эҷодиёти шоирону нависандагоне чун Ф. Моуэт, Э. Сетон-Томсон, И. Терио, Ж. Винйо, ҳатто дар суруди миллӣ, ки Канадаро ҳамчун «Шимоли ҳақиқӣ, пуриқтидор ва мустақил» васф менамояд, инъикос ёфтааст.

Бо вуҷуди онки чӣ фарқияте дар байни Канада ва ИМА набошад, онҳоро решаҳои англосаксонӣ, сарнавишти ягонаи таърихӣ, менталитети ба ҳам монанди аҳолӣ ва ғ. хеле наздик кардааст.

**Ҳудуд, табиат, захираҳо.** Канада аз рӯи масоҳат дуюмин давлати рӯи замин аст (баъд аз Федератсияи Россия), ки қисмати шимолии қитъа (расми 11.) ва галаҷазираҳои часпида ба он ( архипелаги Арктикаи Канада, Нюфаундленд ва ғ.)-ро ишғол намудааст. Вале 2/3 ҳудуди он дар минтақаҳои субарктикӣ ва арктикӣ ҷой гирифта, барои зиндагии доимӣ ва фаъолияти хоҷагидорӣ номувофиқ мебошанд. Ҳудуди мамлакатро обҳои се уқёнус мешӯянд, дар ҷануб бо ИМА ҳамсарҳад буда, қисмати ғарбии он то Кӯлҳои Бузург хате камонмонанд аст, ки натиҷаи тақсимоти мустамликавии мулкҳои Британияи Кабир дар Америкаи Шимолӣ мебошад. Дарозии сарҳади хушкӣ (ва кӯлӣ) бо ИМА барои мамлакат аҳамияти якумдараҷа дорад.

**Расми 11. Тақсимоти маъмурию марзӣ (музофоти)-и Канада**




*1 – Ню-Брансуик, 2 – Ҷазираи Шаҳзода Эдуард, 3 – Шотландияи Нав;*

Дарозии аз ҳад зиёд аз шимол ба ҷануб (қариб 5 ҳазор км) –ро минтақаи биёбонҳои арктикӣ ва даштҳо ташкил медиҳанд. Рейлефи Канада гуногун мебошад: ҳамвориҳо бартарият доранд, аммо маҳалҳои васеъи кӯҳсор ҳам вуҷуд доранд. Системаи тавонои Кордилер, ки дар ғарби мамлакат ҷойгир аст, мисли ҳудудҳои шимолӣ фаъолияти хоҷагидории одамонро душвор мекунанд. Дар ҳудуди Ғарби Кордилери Америкаи Шимолӣ *Кордилери* Аляска ва *шимолу гарби Канадаро* ҷудо мекунанд, ки амалан тамоми кӯҳсори шимолу ғарби Америкаи Шимолӣ ва ҷазираҳои Алеутро дарбар мегиранд. Азбаски минтақа рӯ ба баҳрҳои Чукотка ва Беринг, ҳамчунин баҳри Бофорт (дар шимол) дорад, дар ноҳияҳои соҳилӣ таъсири қавии бодҳои укёнусӣ ҳис карда мешавад. Аммо бо дур шудан аз соҳилҳо иқлими хушк ва хунук ҳукмрон мегардад.

Дар ҳудуди Шимоли Канадаи Арктикӣ галаҷазираҳои *Канадаи Арктикӣ* дар минтақаҳои яхбаста ва тундра ҷойгир аст ва шароити табиии сахт дорад, ки вобаста ба мавқеи наздиқутбӣ ва инкишофи пурзӯри яхбандии муосир мебошад. Дар таркиби галаҷазираҳои Канадаи Арктикӣ ҷазираҳои калоне чун *Замини Баффин, Замини Элсмир* ва ҷазираи *Виктория* вуҷуд доранд. Ҳарду минтақаи табиию географӣ камодаманд. Аҳолии маҳаллӣ (асосан эскимосҳо) ба шикори ҳайвоноти шимолӣ ва моҳидорию шикори баҳрӣ машғул мебошанд.

*Кордилери ҷанубу гарби Канада* (ва шимолу ғарби ИМА) қад-қади соҳилҳои укёнуси Ором, тақрибан аз кӯҳҳои Илияи Муқаддас ва Макензӣ то канораҳои шимолии Ҳавзаи Калон тӯл кашидаанд. Махсусияти табиати ин музофоти табиию географӣ аз рӯи мавқеи он дар минтақаи мӯътадил, қаторкӯҳҳои аз ҳамдигар ҷудо (нисбат ба минтақаҳои пештара) муайян менамоянд.

*Ҷазираи Нюфаундленд* ноҳияи махсуси табиию географӣ ба шумор меравад, ки новобаста ба наздикии қитъа, аз бисёр ҷиҳат (аз ҷумла, бо шароити иқлимӣ) аз қисматҳои наздисоҳилии ҳамсоя ба таври назаррас фарқ мекунад. Сарвати асосии

атрофии ҷазираҳо захираҳои бузурги моҳӣ мебошад (қуттии Калони Нюфаундленд), ки маҳали сукунати аҳолӣ ва машғулияти онро муайян менамояд.

Сарҳади *ноҳияҳои тундраю тайгаи Канадаро* ҳам омилҳои тектоникию морфологӣ (сипари Канада) ва ҳам минтақавӣ мушаххас менамоянд. Ноҳия дар ҷанубу ғарби халиҷи Гудзон ҷойгир шуда, нимҷазираи Лабрадорр дарбар мегирад. Иқлими хунуки сахт дорад. Қисмати асосии онро ҷангалҳои дарахтони сӯзанбарг ташкил медиҳанд, бинобар ин, чӯббурӣ, коркард ва интиқоли чӯб машғулияти асосии аҳолии маҳаллӣ ба шумор меравад.

Дар охир боз як ноҳияи табиию географӣ – *Ҳамвориҳои Бузургро* зикр бояд намуд, ки ба самти меридионалӣ тӯл кашида, дар доманаи кӯҳҳои Харсанги ҳам дар ҳудуди Канада ва ҳам дар ҳудуди ИМА ҷой гирифтаанд.

Захираҳои табиии Канада фаровон аст, ҳарчанд бисёре аз онҳо (мисли Россия) дар минтақаҳои душворгузари арктикӣ ҷойгиранд ва то охир азхуд карда нашудаанд. Захираҳои *маъданҳои металлдор* (пеш аз ҳама минтақаи сипари кристаллии Канада), *нафт, газ, ангиштсанг, уранро* қайд кардан лозим аст. Шабакаи зичи дарёҳои сероб бо иқтидори гидроэнергетики дар ҷаҳон яке аз ғанитаринҳо, кӯлҳои бисёр мавҷуданд.

Сарвати ҳақиқии мамлакат ноҳияҳои бекарони ҷангалӣ ба шумор меравaнд, ки асосан аз дарахтони сӯзанбарг иборат буда, қариб нисфи масоҳати Канадаро ишғол намудаанд. Аз рӯи захираи чӯб ба ҳар сари аҳолӣ Канада дар ҷаҳон ҳамто надорад. Ва ниҳоят, мамлакат дорои *заминҳои* ҳосилхези сияҳхоку хурмоӣ дар ҷануби Ҳамвориҳои дохилӣ мебошад (музофотҳои *Алберта, Саскачеван, Манитоба).*

**Таърихи азхудкунӣ ва аҳолӣ.** Дар замонҳои қадим дар ҳудуди Канада қавмҳои ҳиндӣ ва эскимос зиндагӣ мекарданд, аммо ҳоло аҳолии маҳаллӣ кам мондааст. (Қайд мекунем, ки истилоҳи «эскимос» дар Канада истифода карда намешавад, зеро маънояш «одами гӯшти хомхӯр» мебошад ва онро таҳқирӣ меҳисобанд .Дар Конститутсия ва дигар асноди расмӣ намояндагони ин этносро *инуитҳо* ( шумораи танҳо – *инук*) меноманд, ки дар забони эскимосҳои Канада ва Гренландия маънои инсонро дорад). Ҳиндиҳо ва эскимосҳо аз қадимулайём дар ҳудудҳои шимолу ғарбии Канада маскун буданд. Инҳо аҳолии нодир ва пароканда ба шумор мерафтанд. Дар қисмати наздисоҳилии укёнуси Яхбастаи Шимолӣ ва дар ҷазираҳо эскимосҳои соҳилӣ ба шикори ҳайвони баҳрӣ машғул буданд; дар тундра эскимосҳои карибу зиндагӣ мекарданд ва ба шикори гавазн (карибу) машғул буданд. (Моҳидорӣ барои ҳарду қавм шуғли ёрирасон ба ҳисоб мерафт). Дар ҷанубтар, асосан дар минтақаи ҷангалӣ ҳиндиҳои қавми *атапаск* умр ба сар мебурданд ва гавазнну дигар ҳайвоноти ҷангалӣ шикор мекарданд.

Имрӯз дар Канада дар баробари масъалаи доғи Квебеки фаронсавизабон, ба мисли пешина масъалаи худмухтории музофоти ва ҳуқуқҳои миллии аҳолии бумии он – ҳиндиҳо, эскимосҳо (инуитҳо), ва дурагаҳо (метисҳо), ки асосан дар шимолу ғарб ва Юкон зиндагӣ мекунанд, боқӣ мондааст. Ташкилоти калонтарини музофотии аҳолии бумӣ (Ассамблеяи миллатҳои аввалин, Кумитаи инуитҳо оид ба корҳои умумимиллӣ, Иттиҳодияи миллии метисҳо ва Шӯрои аҳолии бумии Канада) барои эътирофи бартарияти ҳуқуқҳои онҳо ба соҳибмулкӣ ва истифодаи заминҳо дар маҳалҳои зисташон; худмуайянкунии сиёсӣ дар ҳудуди этникии худ; имконияти инкишофи мустақили фарҳангӣ; ширкат дар қабул кардани қарорҳои хоҷагидорӣ дар заминҳои худ ва дар тақсими даромад мубориза мебаранд. Мухолифини асосии эътирофи ҳуқуқҳои ҳудудии ҳиндуҳо ва эскимосҳо ширкатҳои саноатии коркарди чӯбу маъдан мебошанд, ки ҳеҷ хоҳиши тақсим кардани даромадро бо аҳолии бумии мамлакат надоранд,

Аммо аксарияти аҳолии муосири мамлакатро *англо-канадиҳо* ва *франко-канадиҳо* ташкил медиҳанд. Дар Канада намояндагони миллатҳои дигари Европа – немисҳо, италиягиҳо, украинҳо ва ғ. зиндагӣ мекунанд.

Дар ягон кишвари ҷаҳон ҷобаҷошавии аҳолӣ ба мисли Канада рангоранг нест. Дар инҷо 9 нафар аз 10 одам на дуртар аз 160 км дар сарҳади ҷануби дар ҳамсоягӣ бо ИМА зиндагӣ мекунад. Ин ҳолат вобаста ба шароити душвори ноҳияҳои шимолӣ, дертар мустамлика кардани онҳо ва самтгирии алоқаҳои иқтисодӣ бо ИМА мебошад.

Канада мамлакати урбанизатсияшуда аст: қариб 80 дарсади аҳолӣ шаҳрнишин мебошанд. *Торонто* ва *Монреал* шаҳрҳои калонтарини Канада ба шумор меравdefinitions, ҳарчанд пойтахт – *Оттава* аз рӯи шумораи аҳолӣ аз онҳо хеле қафо меистад.

**Иқтисодиёт.** Канадаи муосир дар баробари ИМА, Япония, Германия, Британияи Кабир, Франсия ва Италия ба «ҳафтгона»-и давлатҳои пешқадами индустриалии дорои иқтисодиёти бозории рушдёфта дохил мешавад. Ҳамчун мамлакати капитализми муҳоҷир, Канада дар муддати на он қадар зиёди таърихӣ иқтисодиёти пурсамар ба вуҷуд овард, ки ба ин то ба ҳадде: 1) фаровонии захираҳои табиӣ ва аҳолии кам; 2) ҳавасмандкунии муҳоҷират; 3) ҷалби васеъи сармояи хориҷӣ (махсусан ИМА); 4) демократикунонии ҳаёти ҷамъиятӣ мусоидат намуданд.

Хусусияти фарқкунандаи саноати Канада (ва Россия) нақши калони соҳаҳои истихроҷ ва коркарди аввалияи ашёи хом ба шумор меравад. Канада калонтарин давлати содироткунандаи никел, асбест, намакҳои калий, коғази рӯзнома дар бозори ҷаҳонӣ мебошад. Дар сохтори саноати коркард металлургия ва мошинсозӣ, соҳаҳои коркарди чӯб ва селюллозаю коғаз бартарият доранд. Бо вуҷуди ин, 80 дарсади маҳсулоти саноати истихроҷ ва қариб 50 дарсади маҳсулоти саноати коркард ба бозори ҷаҳонӣ бароварда мешавад. Табиист, ки муҳимтарин бозори фурӯши молҳои Канада ИМА (зиёда аз 70 дарсади содирот) ба ҳисоб меравад.

Ду музофот – Онтарио ва Квебек ба сифати мағзи индустриалии мамлакат шинохта шудаанд. Музофоти даштии ҷанубии Алберта ҳамчун «анбор»-и асосии захираҳои сӯзишворию энергетикӣ, музофоти уқёнусиоромии Колумбия ҳамчун маркази коркарди чӯб хидмат мекунанд.

**Хоҷагии қишлоқи** Канада серсоҳа ва аз нигоҳи техникӣ муҷаҳҳаз буда, ки соҳаи чорводорӣ бартарият дорад. Мамлакат бо арзаи (пешниҳоди) гандум дар бозори ҷаҳонӣ шуҳрат пайдо кардааст (дар баъзе солҳо то 20 дарсади содироти ҷаҳонии ин зироат). Анборҳои асосии ин зироат музофотҳои даштии Минатоба, Саскачеван ва Алберта, ҳамчунин музофоти Наздикӯлӣ ва водии Лаврентии Валӣ мебошанд. Ҷазираи Шоҳзода Эдуард музофоти ба худ хоси аграрии Канада ба шумор рафта, истеҳсолкунандаи асосии картошкаи тухмӣ мебошад, музофотҳои Шотландияи Нав ва Колумбияи Британӣ арзакунандагони себ ва ғ. ба шумор меравад.

Барои Канадаи дорои масоҳати бузург, камаҳолӣ ва иқтисодиёти «пароканда» **нақлиёт** аҳамияти бузург касб мекунад. Аз рӯи дарозии шабакаи роҳҳои оҳан Канада ба қатори панҷ давлати пешқадам дохил мешавад, аммо зичии он аз даҳҳо давлати дигар қафо меистад. Махсусияти мамлакат дар нақши калони нақлиёти лӯлаӣ ва системаи оби Кӯлҳои Бузург ва дарёи Лаврентии Валӣ зоҳир мешавад.

**Фарқияти дохилӣ ва сиёсати музофотӣ.** Мустамликакунонии интихобии ҳудудҳои бекарон дар гузашта, гуногунии шароити табиӣ ба хусусияти манбаӣ пайдо кардани иқтисодиёти мамлакат сабаб гардидаанд. Дар инҷо: 1) *музофотҳои рушди баланд;* 2) *музофотҳои навазхудкардашуда;* 3) *ҳудудҳои камазхудкардашуда* ё *аз нигоҳи иқтисодӣ умуман азхуднакардаро* ҷудо мекунанд. «Иқлим»-и сиёсӣ ва иқтисодиро ду музофоти марказӣ – *Онтарио* ва *Квебек* муайян менамоянд.

Инкишофи минтақаҳои навазхудкардашуда (Шимол ва Ғарби Дур) одатан вобаста ба коркарди захираҳои табиӣ мебошад. Ҳудудҳои шимолу ғарби Арктика, ки аз ҳама дастнорастар ва дорои иқлими сард мебошанд, то ҳанӯз ба гардиши хоҷагидорӣ ворид карда нашудаанд.

Бо сабабҳои айнӣ сиёсати фаъоли музофотӣ яке аз хусусиятҳои муҳимтарини Канада ба ҳисоб меравад. Дар инҷо анъанаи куҳани нақши созандаи давлат дар рушди иқтисодиёт вуҷуд дорад. *Этатизм*, ки дар зери он ба дасти давлат гузаштани вазифаҳои бахши хусусӣ бояд фаҳмида шавад, аз тарафи ҳамаи ҳизбҳои сиёсии ба сари қудратомада таҷриба карда шудааст.

Бо вуҷуди ин, солҳои дароз самти асосии дахолати давлатӣ дар ҳаёти хоҷагидории мамлакат мусоидат намудан ба рушди инфрасохтори нақлиёт будааст. Маълум аст, ки барои Канада *масъалаи коммуникатсия* моҳиятан бо масъалаи бозори умумимиллӣ ва иқтисодиёти миллии нисбатан худтаъминкунанда бо алоқаҳои арзии рушдкарда дар муқобили алоқаҳои зуд васеъшавандаи меридионалӣ бо ИМА як аст.

Ҳамчунин соҳибкории давлатӣ дар бахши электроэнергетика босуръат инкишоф ёфтааст. Дар солҳои баъдиҷангӣ давлат бевосита дар рушди саноати истихроҷ ва коркард, пеш аз ҳама дар соҳаҳои барои тиҷорати хусусӣ камаҳамият ва барои давлат аз нигоҳи стратегӣ муҳим (истихроҷи ангиштсанг ва уран, энергетикаи атомӣ, саноати авиатсионӣ, истеҳсоли каучуки сунъӣ) ширкат варзидааст. Дар оғози асри XX1 қисмати калони захираи замин ва қаъри замин, дарёҳо ва кӯлҳо, системаи киштигардӣ дар дарёи Лаврентии Валӣ, зиёда аз 70 дарсади шабакаи роҳи оҳан, корхонаҳои бешумори электроэнергетика, ангиштсанг, уран, нафту газ, ширкати авиатсионии «Эйр Канада», ширкати радиою телевизиони «Си-би-сӣ» ва ғ. ба давлат (асосан ба музофотҳо) тааллуқ доштанд.

Таваҷҷуҳи амалӣ ба захираҳои Шимоли Канада дар солҳои ҷанги Дуюми ҷаҳон, вақте ки Канада, ИМА ва Британияи Кабирро бо ашёи хом ва масолеҳи нимтайёр таъмин мекард, зоҳир карда шуд. Анҷоми ҷанг барои пурра азхуд кардани ҳудудҳои дорои шароити табиии экстремалӣ мусоидат намуд. Барномаҳои махсус оид ба инкишофи қисматҳои шимолии Квебек, Онтарио, Алберта, Манитоба, Саскачеван ва Колумбияи Британӣ қабул ва амалӣ карда шуд. Онҳо шурӯъи корҳои геологию ҷустуҷӯӣ, харитакашии маҳалҳо, роҳсозӣ, ба вуҷуд овардани маҳалҳои нави аҳолинишинро дарбар мегирифтанд. Дар шароити мустақилияти васеъ (аз ҷумла молияви)-и ҳиссаи зиёди хароҷот аз тарафи худи музофотҳои Канада сарфа карда мешуд.

Ба сифати барномаи мустақили федералии музофотӣ солҳои 50-уми асри XX ҳамчунин метавон чорабиниҳои серхароҷот оид ба азхуд кардани конҳои маъдани оҳандори нимҷазираи Лабрадор (ба вуҷуд овардани инфрасохтори истелҳсолӣ, сохтани неругоҳҳои гармидиҳанда ва барқи обӣ, роҳҳои мошингард, аэродромҳо, бандарҳо дар шохобҳои дарёи Лаврентии Валӣ: Севен-Айлендс, Карте ва Пуэн-Нуар, даҳҳо шаҳрак ва марказҳои саноатиро)-ро баррасӣ намуд.

Баъдан ҳукумати Канада аз татбиқи ҷузъии чорабиниҳои ҷузъӣ ба таҳияи барномаҳои «пурра»-и музофотӣ (ба мисли «Рӯ ба Шимол», «Роҳ ба сӯи захираҳо» ва ғ.), ки ба ҳамаи ҳудудҳои шимолӣ тааллуқ доштанд, иқдом намуд. Чораҳои мушаххас оид ба ҳавасмандкунии иқтисодии сармояи хусусӣ пешниҳод карда шуданд, масалан, ба мӯҳлати се сол пурра аз андози даромад озод намудани соҳибкорон ва ширкатҳо, ки дар музофотҳои шимолӣ иқтидорҳои истеҳсолӣ месозанд ва ихтисори андози амвол барои муҳлатҳои дароз, се сол озод кардан аз иҷорапулӣ барои коркарди маъданҳои қаъри замин, тақсими бепули замин ва ғ..

Дар чаҳорчӯбаи барномаҳои умумимиллии рушди Шимол ғояи бунёд кардан ва тараққӣ додани шаҳрҳои шимол аҳамияти махсус пайдо намуд. Сармоягузории ҳукумати федералӣ ба инфрасохторҳои саноатӣ ва иҷтимоию мадании чунин шаҳрҳо баъзан 75 дарсад аз сармоягузорӣ барои азхудкунии ин ё он конро ташкил медиҳад (субсидия ва қарзҳо баъзан аз номи музофотҳо маблағгузорӣ карда мешаванд). Бо мақсади сарфаи маблағ шаҳрҳои шимолӣ ҳамчун марказҳои фаъолмандии иқтисодии ҳамаи ҳудудҳои гирду атроф сохта мешаванд; дар онҳо, одатан, ба рушди равандҳои механиконидашудаи аз ҳад зиёд заҳматталаб роҳ дода намешавад; кайҳост, ки усули мавсимии азхудкунии конҳои ашёи хом таҷриба карда мешавад; истифодаи қувваи кори ғайриҳирфавӣ (ғайрикасбӣ) маъмул нест ва ғ..

Таҷрибаи Канада дар лоиҳакашӣ ва сохтмони шаҳрҳо дар музофотҳои ғайримаскуни шимолӣ барои мамлакатҳои дар Шимол ҷойгирбуда қобили қабул аст. Зимнан, дар Канада барои гузаронидани таҳқиқоти мушаххас оид ба мавзӯъҳои азхудкунии Шимол олимон ва мутахассисони соҳаҳои гуногунро ҷалб менамоянд. Донишгоҳҳои маҳаллӣ тибқи шартнома бо ҳукумат ё ширкатҳои хусусӣ корҳои ҷиддии илмӣ мебаранд. (Бо вуҷуди ин, хароҷоти давлат барои таҳқиқи масъалаҳои Шимол нисбат ба хароҷоти ширкатҳои хусусӣ хеле зиёд мебошад).

Воҳиди асосии ибтидоии банақшагирии музофотӣ дар Канада – «шаҳр-музофот» мебошад, ки ҳамчун симбиози ҳудуди хоси шаҳр ва маҳалҳои атроф дар радиуси 80-100 км шарҳ дода мешавад. Ҳамзамон, музофотҳои ибтидоӣ метавонанд ҳам сохтори мономарказӣ – бо як шаҳри марказӣ ва ҳам сохтори полимарказӣ (дар ҳолате ки якчанд шаҳр маркази иқтисодӣ ба вуҷуд оваранд) дошта бошанд. Воҳидҳои калонтари таксономии банақшагирии сарзамин музофот, гурӯҳи музофотҳо (масалан, се музофоти даштӣ: Манитоба, Алберта ва Саскачеван) ва ҳамчунин музофотҳои хоси ҳавзаҳои дарёҳо ва музофотҳои дури шимолӣ бо шароити табиии экстремалӣ буда метавонанд.

Дар маҷмӯъ, ҷараёни банақшагирии музофотии Канада гӯё ба чанд шоха ҷудо мешавад. Якум, банақшагирии шаҳрӣ. Ва вазифаҳои он аз рӯи масъалаҳои таъхирнопазири маҳаллӣ (сермошинӣ, афзоиши хароҷоти истеҳсолот, деградатсияи муҳити атроф ва ғ.) муайян карда мешаванд. Шохаи дуюм аллакай дар худ зерматни миллӣ (на музофотӣ) дорад ва ба кӯшишҳои танзими стратегии истифодаи замин дар ин ё он музофот вобаста мебошад. Ниҳоят, шохаи сеюм бо таҳияи барномаҳои музофотии рушд барои музофотҳо ё ҳудудҳои васеъ ҳамгунӣ дорад, ки ба интенсификатсияи механизми миллии такрористеҳсолкунӣ умедворӣ мебахшад.

Инак, ба қатори хусусиятҳои аз ҳама хоси географияи иқтисодии Канада инҳо дохил мешаванд:

- ҷойгиршавии аз ҳад зиёд нобаробари хоҷагиҳо ва аҳолии Канада ( таҷаммӯъ дар минтақаи танги қад-қади сарҳади ИМА);

- дараҷаи баланди вобастагии сохтори соҳавӣ ва ҷойгиршавии иқтисодиёт аз ИМА, ки дар натиҷаи пайванди танготанги механизми такрористеҳсолкунӣ ва сармояи ду мамлакат ба вуҷуд омадааст;

- мавҷудияти заминҳои бисёри сустазхудкардашуди ҳудуди шимоли мамлакат.

**Савол ва супоришҳои санҷишӣ**

*1. Географи маъруфи фаронсавӣ Э. Реклю вақте мегуфт, ки Канада «бархилофи қонунҳои географияи табиӣ сохта шудааст», чиро дар назар дошт?*

*2. Инуитҳо кӣ ҳастанд?*

*3. Тезутундии масъалаи музофотии Квебек дар чист?*

*4. Музофотҳои даштии Канадаро бо кадом сарзаминҳои Россия муқоиса кардан мумкин аст?*

*5. Кадом ҷараёнҳо ва тамоилҳо дар бахши иқтисодиёт муносибатҳои ИМА ва Канадаро тавсиф менамоянд?*

*6. Харитаи зичии аҳолии Канадаро омӯзед. Баъди муқоисаи он бо харитаи Россия чӣ хулосаҳо баровардан мумкин аст?*

## *Б О Б И 10*

## Америкаи Лотинӣ:

### 10.1 Тавсифи умумии сарзамин

**Америкаи Лотинӣ** номи умумии мамлакатҳое мебошад, ки қисмати ҷанубии Америкаи Шимолӣ (Мексика, давлатҳои Америкаи Марказӣ ва ҳавзаи Кариб) ва тамоми Америкаи Ҷанубиро ишғол намудаанд. Масоҳати умумии сарзамин 21 миллион километри мураббаъ буда, шумораи аҳолӣ ба 550 миллион нафар мерасад. Дар инҷо 33 давлати мустақил ва зиёда аз 10 ҳудуди хурди ғайримустақил, ки ба мамлакатҳои Европаи Ғарбӣ ва ИМА тааллуқ доранд, ҷойгир шудаанд.

Истилоҳи «Америкаи Лотинӣ» ба шарофати дар ин қисмати замин бартарияти таърихӣ пайдо намудани таъсири забон, фарҳанг ва урфу одати халқҳои *романӣ (лотинӣ)-и* нимҷазираи Пиреней – *испаниҳо ва португалиҳо* пайдо шудааст. Албатта, дар инҷо мустамликакунонӣ аз тарафи давлатҳои «ғайрилотинӣ» (аз ҷумла Британияи Кабир) вуҷуд дошт, аммо онҳо дертар шурӯъ гардиданд ва нисбатан камтаъсир буданд. Ба ҳар ҳол, ҷузъи испанӣ ва португалии ташаккулдиҳандаи миллатҳои Америкаи Лотинӣ ба таври возеҳ авлавият дорад. Тақрибан 63 дарсади аҳолӣ ба забони испанӣ, 34 дарсад ба забони португалӣ (Бразилия) ва фақат 3 дарсад ба забонҳои дигар (сокинони Гаитӣ ба забони фаронсавӣ, Барбадос, Ямайка, Гренада, Доминик, Белиза, Сент-Люсӣ, Сент-Винсент ва Гренадина, Антигуа ва Барбуда, ҷазираҳои Багам, Сент-Кристофер ва Невис ба забони англисӣ, Суринам ба забони голландӣ) ҳарф мезананд.

Давлатҳои Америкаи Лотинӣ ҳанӯз дар солҳои 20-уми асри Х1Х нахустин шуда дар ҷаҳони мустамликавӣ истиқлолият ба даст овардаанд. Вале дар натиҷаи бекор кардани ғасб (экспансия) аз тарафи давлатҳои империалистӣ ва пеш аз ҳама ИМА – наздиктарин давлати пешқадам, онҳо дар системаи муносибатҳои байналхалқӣ дар ҳолати вобастагӣ ва тобеият монданд.Ҳудуди якҷоя доштани давлатҳои Америкаи Лотинӣ ва ИМА омили асосии *мавқеи географии* сарзамин гардид. ИМА дар ниҳояти кор ба муқаррар намудани таъсири иқтисодӣ, сиёсӣ ва идеологии худ дар бисёре аз мамлакатҳои Америкаи Лотинӣ ноил гардид.

**Ҳаммонандии америкаи лотинӣ.** Он пеш аз ҳама омехтаи органикӣ, якҷояшавии фарҳанги европоии испанию португалӣ ва унсурҳои ҳиндуи фарҳанг ва тамаддуни токолумбиро дар назар дорад. Ҳамчунин мавҷудияти мувозии (параллелҳои) умумӣ дар инкишофи таърихӣ аҳамияти калон дорад. Амалан ҳамаи мамлакатҳои Америкаи Лотинӣ мустамликаҳои собиқ мебошанд, ки нисбатан пештар мустақилият ба даст овардаанд (дар муқоиса бо кишварҳои Африка ва бисёре аз давлатҳои Осиё ва Океания) ва дар роҳи расидан ба озодӣ «азобу маҳрумият»-и монандро чашидаанд.

Америкаи Лотинӣ дар муқоиса бо баъзе сарзаминҳои фарҳангию таърихии ҷаҳон тарҳи дақиқи сиёсӣ, фарҳангӣ ва табиию геогарафии худро дорад (яъне, марзҳои сарзамин ҳатто аз нуктаи назари муносибати тавсифи замин осон муқаррар карда мешаванд). Дар инҷо фарқияти ҷиддӣ дар сатҳи рушди иҷтимоию иқтисодии давлатҳо вуҷуд надорад. Америкаи Лотинӣ аз сиёсати ҷаҳонӣ дар канор буда, ҳодисаҳои пурҷӯшу хурӯши ҳаёти ҷаҳон гӯё ба он дахл надоранд. Ҳамчунин метавон

аз ҷангҳои бардавоми партизанӣ дар баъзе аз мамлакатҳо, дар бораи ба сохтори ҳукумат амиқ сар даровардани наркобизнес ва ғ. ёдовар шуд. Аммо бе ин ҳам фаҳмост: Америкаи Лотинӣ гурӯҳи давлатҳоест, ки аз нигоҳи таърихӣ, иҷтимоию фарҳангӣ, этникӣ ва динӣ (бартарияти назарраси католитсизм) пайванди танготанг доранд.

Боз як ҷузъи муҳим. Ҳамроҳ кардани Мексика ба иттиҳоди интегратсионии Америкаи Шимолию Канада аслан маънои онро надорад, ки ин давлат аз Америкаи Лотинӣ «ҷудо»-ст. Хоҳиши табдил шудан ба пули байни Ҷануб (махсусан Америкаи Марказӣ ва Вест-Индия) ва Шимол аз «ҳаммонандии америкаилотинӣ» он чизе кам намекунад.

**Муҳити табиӣ ва захираҳо.** Америкаи Лотинӣ ҳам дар Америкаи Шимолӣ ва ҳам дар Америкаи Ҷанубӣ тӯл кашидааст, ки аз мавҷудияти музофоту ноҳияҳои бешумори табиии ба ҳамдигар монанд набуда гувоҳӣ медиҳад.

*Мексикаи Шимолӣ,* ки нимҷазираи Калифорния, пуштакӯҳи шимолу ғарби Мексика ва суфакӯҳи Мексикаро дарбар мегирад, махсусияти чашмрас дорад. Барои ҳамаи ҳудуди ин музофот бартарияти ландшафтҳои кӯҳӣ ва биёбонӣ хос аст (қисмати аз ҳама хушки инҷо шимолу ғарби музофот ва нимҷазираи Калифорния мебошад, ки аз нигоҳи иқлим ба Саҳрои Кабири Ғарбӣ ё биёбони Намиб наздиктар аст). Дар ҳудуди Америкаи Марказӣ, ки Америкаи Шимолӣ ва Ҷанубиро пайваст мекунад, ду ноҳияи табиию географиро зикр менамоянд: 1) *ноҳияи қитъавии Америкаи Марказӣ* ва 2) *ноҳияи ҷазиравии Америкаи Марказӣ* - архипелаги томи ҷазираҳои баромади қитъавӣ, вулқонӣ ва кораллидошта (Гаитӣ, Куба, Пинос, Ямайка, Пуэрто-Рико ва ғ.). Симои табиати Америкаи Марказиро ҷойгиршавӣ дар арзҳои тропикӣ, боришоти зиёд ва ҳарорати баланд муайян мекунанд.

Тибқи анъана дар таркиби Америкаи Ҷанубӣ ду ҷузъи табиию географии калон – **Шарқи Беруназандӣ** ва **Ғарби Андиро** ҷудо мекунанд, ки сабаби он фарқияти ҷиддии ин қисматҳо дар пайдоиш (генезис) ва сохти оротектонии онҳост. Бо вуҷуди ин, агар дифференсиатсияи Ғарб ба ноҳияҳои табиию географӣ алоқаи мураттаб бо минтақанокии амудӣ ва минтақавӣ будани ландшафтҳоро дошта бошад, дар Шарқ якхелагии назарраси шароити табиӣ дар масоҳатҳои калон ба мушоҳида мерасад.

Акнун вилоятҳои табиию географии ин қитъаро мухтасар тавсиф мекунем. Дар ҳудуди Шарқи Беруназандӣ одатан 8 ноҳияро ҷудо мекунанд, ки дар байни онҳо суфакӯҳҳои Амазония ва Бразил бо мураккабиашон фарқ доранд:

1) *амазония* – аз рӯи масоҳат калонтарин (қариб 5 млн км мураббаъ) вилоятҳои табиию географии хушкист, ки махсусияти табиии онро релйефи ҳамвор, мавқеи наздиэкваториалӣ ва ҷангалҳои сернами тропикӣ бо рустаниҳои мухталиф муайян менамоянд;

2) *суфакӯҳи Бразилия вилоятест* хурдтар аз Амазония, аммо дорои ландшафти гуногун. Гуногунии ландшафт ба тафовути муайяни релйеф, зиёд будани на фақат пуштакӯҳ ва ҳамворӣ, ҳамчунин қуллаҳои алоҳидаи на он қадар баланд, пастхамиҳо ва ғ. мебошад. Махсусияти табиии онро ҳам шаклҳои дар боло номбаршудаи релйеф ва ҳам бартарияти иқлимҳои субэкваториалӣ ва тропикӣ муайян мекунанд;

3) *суфакӯҳи Гвиана* ва *пастхамии Гвиана* – сохтори «дуалистӣ»-и табиию географии дорои қисматҳои кӯҳсор ва ҳамворӣ. Бешазорони мангрии соҳилҳои Атлантика тадриҷан ба умқи қитъа расида, ба ҷангалҳои намноки тропикӣ табдил мeёбанд. Махсусияти иқлимӣ ба реҷаи боришот вобаста аст;

4) *ҳамвории Ориноко* вилоятест, ки «шлейф»-и васеъ ба вуҷуд оварда, аз соҳилҳои Атлантика то расидан ба ноҳияи ҷангалии Амазония тӯл мекашад. Он қадар азхад карда нашудааст ва камодам мебошад, бо мавсимӣ будани боришот тавсиф карда мешавад;

5) *ҳамвориҳои тропикӣ (Гран-Чако, Маморе ва Пантанал).* Дар шимол ба Амазония мечаспад, дар ҷануб ба параллели 30 градуси арзи шимолӣ мерасад, дар шарқ ва ғарб дар «оғӯш»-и доманакӯҳҳо ва суфакӯҳҳо ҷо гирифтааст. Ин вилояти табиию географиест, ки дар ҳудуди чандин мамлакат (Аргентина, Боливия, Парагвай ва Бразилия) ҷо гирифта, бо релйефи ҳамвор, иқлими тропикии континенталӣ, саваннаҳои васеъ паҳншуда ва камҷангалии тропикӣ фарқ мекунад;

6) вилояти *Ла-Плат (Пампа*) дар иҳотаи эстуарияҳои дарёи Ла-Плат ва дар шарқ ва ҷанубу шарқ баромада ба уқёнуси Атлантика мерасад. Чӣ тавре ки маълум аст, Пампа қисмати серодам ва нағзазхудкардашудаи қитъа мебошад (Бразилия, Аргентина ва Уругвай). Дар инҷо таъсири анбӯҳои ҳавои аз тарафи Атлантика меомада зиёд буда, иқлими субтропикӣ дорад;

7) *Пампаи хушк* ва *доманаи Кордилер.* Бо камнамии зиёд баланд ва иқлими континенталӣ, ҳамчунин камбуди об фарқ мекунад. Дар ҳудуди вилоят ландшафтҳои нимбиёбонӣ бо шароити гуногуни табиӣ вобаста ба шаклҳои гуногуни релйеф бартарият доранд;

8) паҳн*кӯҳи аргентинии Патагон* – ягона вилояти табиию географии хушк дар ҷаҳон, ки дар ҷануб аз 40 градуси арзи ҷанубӣ ҷой гирифтааст. Пуштакӯҳ ба чанд ноҳияи алоҳида ва баландиҳои теппаҳои ҳамвордор тақсим мешавад. Ҳудуд хеле камодам ва тамоман азхуднакарда мебошад.

Дар ҳайати Ғарби Андӣ мавҷудияти вилоятҳои табиию географии зеринро зикр мекунанд:

1) *Анди Шимолӣ.* Дар минтақаҳои экваториалӣ ва субэкваториалӣ ҷойгир шуда, нишебиҳои шимолии Анд, соҳилҳои баҳри Кариб ва уқёнуси Оромро аз ҷазираи Тринидад дар шимол ва тақрибан то 4 градуси арзи ҷанубӣ дарбар мегирад;

2) *Анди Марказӣ.* Дар минтақаи тропикӣ ҷойгир шуда, қисмати миёнаи Андро дар ҳудудҳои Перу, Боливия , Чилии Шимолӣ ва як қисми соҳилҳои ба онҳо часпидаи уқёнуси Оромро дарбар мегирад. Барои Анди Марказӣ иқлими хушк ва континенталӣ хос аст, ки сабаби бартарияти ландшафтҳои биёбонӣ ва нимбиёбонӣ гардидааст;

3) *Анди Чилигию Аргентинӣ.* Дар минтақаи мӯътадил ва дар ҳудуди давлатҳои дар номаш зикршуда ҷой гирифта, бо баландиҳои на он қадар калон (дар ҳамин ҷо баландтарин қуллаи қитъа Аконкагуа – тақрибан 7000 м, мавҷуд аст) фарқ мекунад. Дар байни хатҳои мутавозии 27 градус ва 42 градуси арзи ҷанубӣ хобидааст. Қад-қади соҳил Кордилери Соҳилии на он қадар баланд тӯл кашидааст;

4) *Анди Ҷанубӣ (Патагонӣ).* Ҷануби дури қитъаро ишғол менамояд. Дар минтақаи мӯътадил ҷойгир шудааст. Дар инҷо кӯҳҳои Анд ба таври назаррас паст мешаванд ва Кордилери Соҳилӣ гӯё дар ҷазираҳои бешумори кӯҳдори архипелаги Чилӣ идома меёбад. Соҳилҳои уқёнуси Ором кам-кам соҳилҳои Норвегияро ба хотир меоваранд, ҳарчан фордҳои маҳаллӣ на он қадар мӯҳташаманд;

5) *Замини Оташин (Оташзамин).* Камубеш галаҷазираҳои ҷудогонаро ба хотир меорад. Дар байни 53 градус ва 55 градуси арзи ҷанубӣ ҷойгир шудааст. Ҳарорат дар тамоми сол паст аст (тобистон ба минтақаи тундра наздик мешавад),иқлим хеле намнок аст.

Хусусияти муҳими Америкаи Лотинӣ гуногуннавъии ба худ хоси *захираҳои табиӣ* мебошад. Дар инҷо қариб тамоми навъи маълуми ашёи хоми минералӣ мавҷуд аст, вале захираҳои металҳои ранга ва нодир, ҳамчунин маъданҳои оҳандор ва нафт хеле бузург мебошад. Конҳои маъданҳои оҳан ва мангандори баландсифат ва бокситҳо дар ноҳияи суфакӯҳҳои Бразил ва Гвиана мавҷуданд. Минтақаи кӯҳсори Анд бо захираҳои маъданиҳои метали рангадор – мисс, руҳ, сурб, руҳ молибден,

волфрам, сурма ва сангҳои қиматбаҳо фарқ мекунад.Аз нигоҳи андоза ва аҳамият дар байни онҳо маъданҳои мис ва руҳдор (Чилӣ, Колумбия, Перу, Боливия) дар ҷои аввал қарор доранд. Минтақаи Анд ҳамчунин бо захираҳои селитраи табиӣ (Чилӣ) маъруф аст. Дар хамиҳои байни кӯҳҳои Анд конҳои нафт ва гази табиӣ мавҷуданд. Бо вуҷуди ин, тақрибан нисфи захираҳои умумии нафт дар Венесуэла аст. Дар Америкаи Марказӣ ва ҳавзаи Кариб конҳои бокситҳо (Ямайка), никел (Куба), маъданҳои оҳан, полиметалл ва мисдор, нуқра (Мексика) мавҷуданд. Дар қисмати ҷанубу шарқии Мексика ва дар соҳилҳои халиҷи Мексика конҳои бешумори нафт кашфу истихроҷ када мешаванд. Аз рӯи бисёр навъҳои захираҳои минералӣ Америкаи Лотинӣ дар ҷаҳон пешсаф аст (молибден, мис, сурма, нуқра, оҳан, руҳ, бокситҳо). Аз рӯи фаровонӣ ва гуногунии канданиҳои фоиданок ҷои аввалро дар сарзамин Бразилия, ҷои дуюмро Мексика, ҷои сеюмро Чилӣ, Перу ва Колумбия мегиранд.

Америкаи Лотинӣ ҳамчунин дорои захираҳои фаровони *замин, об, ҷангал* ва *захираҳои агроиқлимӣ* мебошад. Аз рӯи масоҳати замин ба ҳар сари аҳолӣ Америкаи Лотинӣ фақат пас аз Австралия ва ИДМ қарор дорад. Аз рӯи андозаҳои нисбии обшораи дарёҳо минтақа аз Европа, Осиёи хориҷӣ ва Африка хеле пеш меистад. Иқтидори гидроэнергетикии Америкаи Лотинӣ тақрибан ¼ ҳаҷми ҷаҳониро ташкил медиҳад. Аз захираҳои ҷангал ҳам пурраву барзиёд таъмин аст. Рустаниҳои ҷангалӣ навъҳои мухталифро ташкил медиҳанд. Захираҳои агроиқлимии муносиб имкон медиҳанд дар сарзамин рустаниҳои гармидӯсти яксола ва бисёрсола (найшакар, қаҳва, какао ва ғ.) парвариш карда шавад.

**Аҳолӣ.** Халқҳои бешуморе, ки то замони ғасби (экспансияи) европоӣ дар Америка зиндагӣ мекарданд ва номи умумии ҳиндуҳоро гирифтанд, бо намуди зоҳирӣ, забон, дин, фарҳанг аз якдигар фарқи ҷиддӣ доштанд. Махсусан, суфакӯҳи Мексика ва нимҷазираи Юкатан, Анди Перую Боливия ва Колумбия аз ҳама серодамтар буданд. Дар он ҷойҳо дар замонҳои гуногун ареалҳои тамаддунсози *атстекҳо* бо пойтахташон Теночтитлан (Мехикои ҳозира), *тарраско* бо пойтахташон Патскуаро, *майя* дар Юкатан, *кечу* ва *аймара* бо пойтахташон Куско, *чибчею муискҳо* бо пойтахташон Баката (Боготои ҳозира) ва диг. арзи вуҷуд карда буданд. Тибқи ҳисобҳои гуногун дар натиҷаи забткориҳо аз 1/3 то 1/2 аҳолии бумӣ ҳалок гаштанд. Дар Вест-Индия аборигенҳоро тақрибан пурра қир карданд. Дар охири асри XX ва аввали асри XX1 фақат дар баъзе мамлакатҳои Америкаи Лотинӣ (Боливия, Гватемала ва ғ.) шумораи ҳиндуҳо аз 50 дарсад зиёд буд. Ҳарчи ҳам набошад, аҳолии бумӣ ба равандҳои гуногуни иҷтимоию фарҳангӣ ҳоло ҳам таъсир мерасонад. Чӣ хеле ки маълум аст, аҳолии бумии зиндамонда ба умқи қитъа ронда шуданд, ки сабабгори пайдоиши ареалҳои зисти онҳо (резерватсия) дар мамлакатҳои мухталиф гардид. Баъзе забонҳои ҳиндӣ соҳиби хати нав ва эътироф шуданд: майяи тарраско дар Мексика, кечуа дар Перу. Парагвай дар конститутсияи худ баробарҳуқуқии забони ҳиндии гуараниро бо забони испанӣ эълон кард.

Дар аввали асри XX1 аз рӯи суръати солонаи афзоиши аҳолӣ (1,8 дарсад) Америкаи Лотинӣ фақат аз Африка қафо меистад, аз дигар минтақаҳои ҷаҳон пеш рафтааст. Тақрибан 1/3 аҳолии Америкаи Лотинӣ дар Бразилия ва қариб 2/3 дар Мексика ва Аргентина сарҷамъ шудаанд. Баъд аз мустамликакунонии сарзамин аз тарафи Испания, Португалия ва дигар давлатҳои Европа раванди махлутшавии (омезишёбии) аҳолии бумӣ бо муҳоҷирони европоӣ ва ғуломони африкоӣ, ки барои кор дар плантатсияҳо меоварданд, шурӯъ гардид. Бинобар ин, дар сохтори аҳолии муосири Америкаи Лотинӣ ҷойгоҳи калонро халқҳое ишғол менамоян, ки аз махлутшаваии нажодҳои асосӣ пайдо шудаанд. Дар як қатор мамлакатҳо (Боливия, Перу, Гватемала) бартарияти аҳолии бумӣ нигоҳ дошта мешавад, дар баъзе ҷазираҳои ҳавзаи Кариб (Гаитӣ, Ямайка) ва шимолу шарқи Бразилия африкоиҳо

бартарият пайдо кардаанд. Дар байни европоиён шумораи испаниҳо, португалиҳо ва италиягиҳо аз ҳама зиёд аст.

Дар Америкаи Лотинӣ зичии аз ҳама зиёди аҳолӣ дар ноҳияҳои дохилии Мексика ва ноҳияҳои наздиуқёнусии Венесуэла, Бразилия, Аргентина, ҳамчунин ҳавзаи Кариб мушоҳида карда мешавад. Дар Америкаи Марказӣ ва аксарияти давлатҳои Анд шумораи асосии аҳолӣ дар маҳалҳои баландиашон аз сатҳи баҳр 1000-2500 метр сарҷамъ омадаанд.

Америкаи Лотинӣ яке аз урбанизатсияшудатарин сарзаминҳои ҷаҳон ба шумор меравад. Дар айни замон 75 дарсади амрикои лотиниҳо шаҳрнишин мебошанд. Дар шаҳрҳои баъзе мамлакатҳо (Аргентина, Уругвай, Венесуэла, Чилӣ, Бразилия) аз 80 то 90 дарсади аҳолӣ зиндагӣ мекунанд. Дар байни шаҳрҳои калон ва пуровоза чаҳор агломератсияро зикр кардан мумкин аст: Мехико, Сан-Пауло, Буэнос-Айрес, ва Рио-де-Жанейро.

**Географияи сиёсӣ.** Ба гуногунчеҳрагии «ҷаҳон»-и Америкаи Лотинӣ нигоҳ накарда, ҷиҳатҳои бисёре ҳастанд, ки халқҳои ин мамлакатҳоро муттаҳид менамоянд. Пеш аз ҳама умумияти сарнавишти таърихӣ ва масъалаҳои бисёри хусусияти иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсидошта дар назар аст. Ҳамаи онҳо мустамликаҳои собиқи мамлакатҳои европоӣ (асосан Испания ва Потругалия) мебошанд, ки истиқлоли сиёсӣ ба даст овардаанд. Чанд даҳсолаи баъд аз ҷанг «барҳадар» (барабас) зиста (солҳои 80-ум номи «даҳсолаи гумшуда»-ро гирфтаанд), дар охири асри XX ба ҷунбуҷӯш сар карданд ва ба дастовардҳои зиёди иқтисодӣ ноил гаодиданд. Дар кишварҳои сарзамин даҳҳо барномаи устуворсозии ҳам ба мӯътадилгардонии вазъияти молиявӣ ва ҳам ба суръат бахшидани истеҳсолоти нави дорои технологияи аъло равонагардида қабул карда шуданд. Дар натиҷа *Бразилия, Мексика, Аргентина* ба сафи давлатҳои нави индустриалӣ дохил шуданд, мамлакатҳои дигар (ба истиснои *Гаитӣ, Куба* ва баъзеи дигар) ҷаҳишҳои муаасир карданд.

Бинобар ин, омӯзиши таҷрибаи Америкаи Лотинӣ барои давлатҳое, ки дар роҳи душвори истиқрори иқтисодиёт қадамҳои устувор мегузоранд, хеле муфид мебошад. Махсусан барои давлатҳои ИДМ, ки вазъи иҷтимоию сиёсӣ (ба табақаҳо ҷудо шудани аҳолӣ, мавҷудияти анъанаҳои қавии популистӣ, заъфи институтҳои демократӣ ва ғ.) монандӣ дорад.

Оғози асри XX1 барои ИМА на танҳо солҳои «аз даст додан»-и канали Панама, балки ба таври назаррас кам шудани таъсири он дар минтақаи Америкаи Лотинӣ, махсусан дар *Венесуэла* ва *Боливия* (дар бораи муносибатҳои бади ИМА ва Куба ҳоҷати гап ҳам нест) ба шумор меравад. «Ҳамсоя»-и тавонои шимолӣ то ҳол системаи пойгоҳҳои ҳарбиро дар ихтиёр дорад, (аз ҷумла Гуантанамо дар Куба), заминҳои пештар тасарруфкардаашро аз нав ба худ тобеъ кардан мехоҳад (ҷазираҳои *Вирҷиния, Пуэрто-Рико*, ки давлатҳои ихтиёран ба ИМА ҳамроҳшуда эълон карда буданд).

Табиист, дар ҳудуди Америкаи Лотинӣ, ки дар муқоиса бо Америкаи англисизабон даҳҳо давлат дорад, сарзаминҳои мақоми пастдошта ҷудо кардаанд. Масалан, *Мексика, Америкаи Марказӣ* ва *Вест-Индияро* дар аксари маврид мутааллиқ ба сарзамини *мамлакатҳои Кариб* (ё Америкаи Миёна); *Венесуэла, Колумбия, Эквадор, Перу, Боливия, Чилиро* ба сарзамини м*амлакатҳои Анд; Аргентина, Уругвай, Бразилия* ва *Парагвайро* ба *Атлантика* (ё сарзамини ҳавзаҳои Амазонка ва Ла-Плата) медонанд.

Дар байни каналҳои бо даст кофтаи ҷаҳон канали Панама яке аз муҳимтаринҳо ба шумор меравад. Вай аз гарданаи Панама (бориктарин қисмати Америкаи Марказӣ) мегузарад. Дарозии канал 81,6 кмаст, ки аз ин 65 км ба хушкӣ

рост меояд, боқимонда – ба шелф (тунукоба). Канал шлюздор аст, зеро қисмати миёнаи канал аз сатҳи баҳр 26 метр баланд мебошад. Кофтани канал (ширкати саҳомии фаронсавӣ оғоз карда, ИМА дар соли 1931 ба анҷом расонидааст) на фақат роҳи байни Европа, Австралия ва Зеландияи Навро кӯтоҳ карда, самти интиқоли ҷаҳонии борро тағйир дод, балки барои алоқаҳои баҳрии байни иёлоти шарқӣ ва ғарбии ИМА ҳам имконият фароҳам овард.

ИМА бо назардошти аҳамияти стратегии канали Панама (имкони зуд интиқол додани флот аз уқёнуси Атлантика ба уқёнуси Ором ва баръакс) даҳсолаҳои зиёд музофоти канали Панамаро ҳамчун моликияти худ дар зери назорат дошт. Фақат дар соли 2000 музофоти канал ба Панама супорида шуд.

Таҳлили тарҳҳои тақсимоти маъмурию ҳудудии давлатҳои америкоӣ нишон медиҳад, ки ҳангоми «пора кардан»-и сарзаминҳо дар байни ҳамаи мамлакатҳо муносибати ягона вуҷуд надорад. Дифференсиатсияи сиёсию маъмӯрии кишварҳои бузургро муқоиса карда ба хулоса омадан мумкин аст, ки он амалан сарҳадҳои байниэтникиро ба инобат намегирад, ба зичии аҳолии таксонҳои (воҳидҳои марзбандӣ) географӣ ва иқтидори иқтисодии онҳо таваҷҷуҳи зарурӣ зоҳир карда нашудаст. Он дар мамлакатҳои калон иртиботи мустақим бо таърихи мустамликакунонии заминҳо дорад ва то андозае давраҳои ташаккули ҳудудҳои миллиро инъикос менамояд. Аргентина аз нигоҳи маъмурӣ ба 22 музофот (расми 12.), ҳудуди миллии Замини Оташин ва округи федералии пойтахт; Мексика ба 31 иёлат ва округи федералии пойтахт; Бразилия ба 23 иёлат, 3 ҳудуд ва округи федералӣ таксим карда шудаанд. Устувории тақсимоти маъмурию ҳудудии бисёре аз мамлакатҳои нимкураи ғарбиро метавон ҳамчун гувоҳи суботи сиёсӣ ва иқтисодии онҳо баррасӣ кард.

**Ҷойгиркунононии хоҷагӣ ва сиёсати музофотӣ.** Дар байни сарзаминҳои «канораӣ» Америкаи Лотинӣ бо дараҷаи хеле баланди индустриализатсия шуда фарқ мекунад. Бисёре аз кишварҳо аллакай дорои саноати электронӣ, авиатсионӣ, соҳаҳои нави химия, дорусозӣ, индустрияи ҳарбӣ мебошанд.

Ноҳияҳои саноатӣ ташаккул ёфта, фаъолият мекунанд. Намунаҳои барҷастаи чунин ноҳияҳо – ноҳияи нафту химия дар Венесуэла ва Мексика, ноҳияи кӯҳкорию металлургӣ дар Бразилия, Чилӣ, Куба, Ямайка мебошанд. Аз ноҳияҳои нави саноатӣ метавон «Караҷаси Калон» дар шимоли Бразилия ва Гуаяна дар Венесуэларо зикр намуд.

Таваҷҷуҳи беандозаи иқтисодиёти Америкаи Лотинӣ ба бозори берунӣ, ки дар охири асри XX боз ҳам бештар шуд, барои дар бандарҳо ташкил кардани «лахтаҳо» (пораҳо)-и иқтисоди содиротӣ бо инфрасохтори рушдкарда оварда расонд. Бо вуҷуди ин, ҷойгиркунонии саноатро асосан сохтори мономарказӣ ва нақши гипертрофии як марказ (Аргентина, Уругвай, Мексика, Венесуэла, Чилӣ ва ғ.) муайян мекунад, ки аз 50 то 90 дарсади маҳсулоти саноатии мамлакатро истеҳсол менамояд.

***Расми 12. Тақсимоти маъмурӣ ва иқтисодии сарзаминҳои Аргентина***




*I – Пампа: 1 – Санта-Фе, 2 – Кордова, 3 – Ла-Пампа, 4 – Буэнос – Айрос; 5 – Энтре-Риос; II – Ғарб: 1 – Сан-Фе, 2 – Сан-Луис, 3 – Мендоса; III – Шимолу Ғарб: 1 – Сальта, 2 – Жужуй, 3 – Тукуман, 4 – Катамарка, 5 – Лариоха; IV – Чако: 1 – Формосо, 2 – Чако, 3- Сантяго-дел-Эстро; V – Байнаннараҳйн: 1 – Мисонес, 2 - Корриентес; VI – Патагония: 1 – Неукен, 2 – Рио-Негро, 3 – Чубут, 4 – Санта-Круз, 5 – Замини Оташин.*

Дар бораи тачаммӯъи азими иқтидорҳои истеҳсолӣ дар сарзаминҳои интихобии Америкаи Лотинӣ рақамҳои зерин гувоҳӣ медиҳанд. Ҷанубу Шарқи Бразилия 11 дарсади ҳудудро ишғол намуда, зиёда аз 80 дарсади маҳсулоти саноатии онро ( аз ҷумла зиёда аз 40 дарсад дар иёлати Сан-Паулу) медиҳад. Музофоти Пампа дар Аргентина – 90 дарсад маҳсулоти саноатӣ, музофоти Марказии Мексика, ки 6,6 дарсади ҳудуди мамлакатро ишғол менамояд, зиёда аз 60 дарсад, музофоти Марказии Перу –зиёда аз 70 дарсади чунин маҳсулотро истеҳсол мекунанд ва ғ..

Маконҳои бандарию саноатии аксари мамлакатҳои Америкаи Лотинӣ «меҳвари соҳилҳои бахрӣ»-и хосе мебошанд (соҳилҳои Атлантика дар Бразилия, Уругвай, Аргентина, соҳилҳои уқёнуси Ором дар Чилӣ, Перу), ки дар онҳо чунин агломератсияҳои индустриалӣ ба мисли Буэнос-Айрес, Монтевидио, Лима, Валпараисо, Сан-Паулу ва ғайра) ташаккул ёфтаанд. Рӯ овардани алоқаҳои иқтисодӣ «ба дарун», ба фазои азхуднакарда самти асосии сиёсати музофотии давлатҳои Америкаи Лотинӣ дар солҳои баъдиҷангӣ мебошад (фақат Мексика истисност, ки дар онҷо сиёсати давлатии музофотӣ ба ҳавасмандкунии рушди бандарҳои

индустриалӣ, аз ҷумла Ласаро Карденас ва Салина Круус дар соҳили укёнуси Ором, Тапико ва Коатсакоалкос дар соҳили халиҷи Мексика равона карда шудааст).

Америкаи Лотинӣ ҳамчунин дар *истеҳсолоти кишоварзии* ҷаҳонӣ мавқеи намоён дорад. Масоҳати бисёрро ноҳияҳои зироаткории анъанавии истеъмолӣ ишғол намуаанд, ки зироатҳои озуқаворӣ – ҷуворимакка, шолӣ, банан, картошка ва дигар сабзавот истеҳсол мекунанд. Дар заминаи ҳамин дар як қатор мамлакатҳо (Аргентина, Бразилия, Мексика, Уругвай, Чилӣ) ноҳияҳои алоҳида арзи вуҷуд намуданд, ки ба парвариши як ё ду навъи зироат махсус гардонида шудаанд. Дар чорводорӣ ҳам аз чунин таҷриба истифода бурда мешавад. Ҳамзамон Америкаи Лотинӣ дар кишоварзии ҷаҳонӣ ба содироти зироатҳои плантатсиягии тропикӣ - найшакар, қаҳва, какао, банан ва пахта махсус гардонида шудааст. Плантатсияҳои найшакар асосан дар ҷазираҳои ҳавзаи Кариб, Мексика, Гайана ва шимолу шарқи Бразилия мутамарказонида шудаанд. Ноҳияҳои калонтарини парвариши қаҳва ва какао-лӯбиёгиҳо Америкаи Марказӣ, Мексика, Колумбия, Бразилия, Аргентина ба шумор мераванд. Бананро дар Бразилия, Эквадор, Колумбия, Коста-Рика, Мексика истеҳсол менамоянд. Пампаи Аргентина ҳамчун ноҳияи махсуси кишоварзӣ шинохта шудааст. Дар инҷо калонтарин маҷмааи агросаноатӣ дар ҷаҳон ташкил карда шудааст, ки истеҳсол, коркард, ва содироти ашёи хом ва маҳсулоти тайёри кишоварзӣ машғул мебошад.

Чӣ хеле дар боло зикр карда шуд, сохтори ҳудудии хоҷагии Америкаи Лотинӣ бо таҷаммӯъи зиёди фаъолияти иқтисодӣ дар минтақаҳои наздисоҳилӣ ва нақши гипертрофии шаҳрҳои пойтахтӣ фарқ мекунад. Одатан дар байни пойтахтҳо ва бандарҳои асосии баҳрӣ «даҳлезҳои рушд» ё «хатҳои вуруд» ба ноҳияҳои дохилии ашёи хомӣ ташаккул меёбад.

Дар робита ба ин вазифаҳои афзалиятноки сиёсати музофотии мамлакатҳои Америкаи Лотинӣ инҳо мебошанд:

- барҳам задании гипертрофияи таърихан ташаккулёфтаи марказҳои алоҳидаи наздибаҳрӣ;

- ба гардиши хоҷагидорӣ ворид намудани захираҳои табиии канораҳо ва «наздик кардан»-и иқтидорҳои истеҳсолӣ ба манбаъҳои ашёи хом (музофоти Гуаяна дар Венесуэла, Патагония дар Аргентина, Селвӣ дар Перу ва ғ.);

- ба вуҷуд овардани инфрасохторҳо, махсусан дар музофотҳои навазхудшаванда (роҳҳо, хатҳои интиқоли барқ ва ғ.);

- ҳамгироии миллӣ ё муттаҳиддии миллӣ;

- танзими раванди урбанизатсия ва ташкили ҷойҳои кор дар минтақаҳо.

Алоқаҳои иқтисодии берунии мамлакатҳои Америкаи Лотинӣ асосан бо ИМА ба роҳ монда шудааст. Солҳои охир дар ҳаёти хоҷагидории сарзамин ҳамгироии сарзаминии иқтисодӣ, масалан *Ассотсиатсияи ҳамгироии Америкаи Лотинӣ* (АҲАЛ), *Системаи иқтисодии Америкаи Лотинӣ* (СИАЛ), *Бозори умумии Америкаи Марказӣ* (БУАМ), *Созмони давлатҳои Кариб* (СДК), *Бозори умумии Америкаи Ҷанубӣ* (БУАҶ) нақши назаррас доранд.

Солҳои охир дар Америкаи Лотинӣ тағйироти амиқи сиёсӣ ва иқтисодӣ рух доданд. Диктатураҳои ҳарбӣ, ки дар аксари мамлакатҳо ҳукмронӣ мекарданд, ҷои худро ба ҳукуматҳои интихобии демократӣ доданд. Барномаҳои рӯ овардан ба бозор барои устувор кардани иқтисодиёт (бо умеди ҷалби сармояи хориҷӣ) дар ниҳояти кор амалӣ шуданд ва бор оварданд.

Аммо роҳ аз устуворсозӣ то рушд хеле душвор будааст (баъзан «печухамиҳо» ва «ҳаракат ба ақиб» пайдо мешаванд). Масъалаҳои мураккаб ва деринаи камбизоатӣ ва нобаробарии даромадҳо ҳам ором намегузоранд. Нобаробарии

даромадҳо асосан дар Бразилия, Мексика, Боливия, Чилӣ, Венесуэла барҷаста ба мушоҳида мерасад. Ислоҳоти бозорӣ ҳам тафриқаи иҷтимоиро васеъ мекунад.

Аз нуқтаи назари дурнамои минбаъдаи инкишоф ҳамаи мамлакатҳои сарзаминро ба чаҳор гурӯҳ тақсим кардан мумкин аст:

1) мамлакатҳои барои рушди устувор имкониятҳои васеъдошта (пеш аз ҳама Чилӣ);

2) мамлакатҳое ки дар маҷмӯъ дурнамои муносиби рушд доранд, аммо масъалаҳои ҷиддӣ дар пеши онҳо истодааст (Бразилия, Мексика, Уругвай, Аргентина, Боливия ва ғ.);

3) мамлакатҳое ки ба таваккалҳои хеле ҷиддӣ рӯбарӯянд (инҳо бисёранд);

4) мамлакатҳое ки дар онҳо эҳтимоли гирифтор шудан ба бухрони сиёсӣ ва иқтисодӣ вуҷуд дорад (баъзе мамлакатҳои Вест-Индия).

Аз рӯи баҳогузориҳои мутахассисони Комиссияи иқтисодии СММ оид ба Америкаи Лотинӣ дар оғози ҳазорсолаи сеюм 8-10 мамлакати Америкаи Лотинӣ (Мексика, Чилӣ, Бразилия, Аргентина, Боливия, Коста-Рика ва ғ.) метавонанд иқтисодиёти худро устувор намуда, дар «ҷадвали мақом»-ҳои ҷаҳонӣ ҷойгоҳи сазовори худро пайдо намоянд.

**Саволҳо ва супоришҳои санҷишӣ**

1.*Пайдоиш (этимология)-и истилоҳи «Америкаи Лотинӣ»-ро шарҳ диҳед.*

*2. Чӣ тавр фаҳмондан мумкин аст, ки ҷаро мамлакатҳои Америкаи Лотинӣ нисбат ба мустамликаҳои Осиё ва Африка нахустин шуда, хеле барвақт (чоряки авали асри X1X) ба истиқлол расиданд?*

3. *Чӣ тавр аз рӯи пайдоиши этникӣ ва таркиби антропологӣ халқҳои сарзаминро ба гурӯҳҳо ҷудо кардан мумкин аст? Махсусиятҳои асосии ташаккули таркиби этникии мамлакатҳои минтақа кадомҳоанд?*

*4. Чӣ тавр давлатҳои сарзаминро аз рӯи а) мавқеи географӣ; б) «вазн»-и иқтисоди онҳо ба гурӯҳҳо ҷудо кардан мумкин аст?*

*5) Нобаробарии аз ҳад зиёди ҷойгиркунонии қувваҳои истеҳсолкунандаи мамлакатҳои Америкаи Лотинӣ дар чӣ зоҳир мешавад?*

## 10.2 Сарзамини Кариб Мексика

Дар ҳудуди минтақаи Кариб се қисми таркибиро камубеш равшан ҷудо кардан мумкин аст: *1) Мексика; 2) Америкаи Марказӣ; 3) Вест-Индия* (ҷадвали 25). Хусусияти географии ҷаҳони ҷудогонаи ҷазираҳои Вест-Индия пурра равшан аст, Мексика – «маркази қувваҳо»-и музофотии ба худ хоси Америкаи Лотинӣ бо андозаҳо, шумораи аҳолӣ ва нишондаҳои иқтисодии худ наметавонад яке аз «ҷумҳуриҳои бананӣ»-и Америкаи Марказӣ бошад.

***Ҷадвали № 25.***

**Давлатҳои соҳибистиқлоли сарзамини**

**Кариб : банки маълумотҳои оморӣ**

| Мамлакатҳо | Масоҳат ҳазор км² | Аҳолӣ млн .нафар | Афзоиши табиӣ | Давомнокии умр, сол | | Истеъмоли ккал шабонарӯз | ММД | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | мард | зан | | Умуми млрд долл. | Ба 1.одам долл. |
| Мексика | 1958 | 110,2 | 1,2 | 73 | 78 | 3168,0 | 1068,0 | 10100 |
| **Америкаи Марказӣ** | | | | | | | | |

| | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Белиз | 23,0 | 0,3 | 2,3 | 70 | 74 | 2888,8 | 1,8 | 6800 |
| Гватемала | 108,9 | 12,0 | 2,3 | 63 | 69 | 2330,9 | 63,0 | 5200 |
| Гондурас | 112,1 | 7,2 | 2,2 | 64 | 68 | 2396,3 | 20,2 | 2800 |
| Ҷумхурии Доминикан | 48,7 | 9,1 | 1,5 | 67 | 71 | 2333,5 | 60,0 | 6600 |
| Коста –Рика | 51,1 | 4,0 | 1,5 | 75 | 79 | 2760,5 | 40,4 | 10100 |
| Никарагуа | 131,8 | 5,5 | 1,9 | 66 | 71 | 2314,1 | 13,2 | 2400 |
| Панама | 75,5 | 3,1 | 1,6 | 72 | 77 | 2495,8 | 22,3 | 7100 |
| Салвадор | 21,0 | 6,7 | 1,7 | 67 | 73 | 2463,4 | 34,2 | 5100 |
| Вест-Ҳиндустон | | | | | | | | |
| Антигуа ва Барбуда | 0,4 | 0,07 | 0,6 | 68 | 73 | 2395,6 | 0,8 | 11000 |
| Ҷазираи Багам | 13,9 | 0,3 | 0,6 | 70 | 75 | 2500,0 | 5,7 | 18900 |
| Барбадос | 0,4 | 0,3 | 0,4 | 70 | 76 | 3202,7 | 4,8 | 17400 |
| Гаити | 27,7 | 8,1 | 2,3 | 48 | 51 | 1977,5 | 12,9 | 1600 |
| Гренада | 0,3 | 0,09 | 0,3 | 71 | 71 | 2684,8 | 0,4 | 5000 |
| Доминика | 0,8 | 0,07 | -0,1 | 71 | 76 | 2946,6 | 0,4 | 5500 |
| Сент-Винсен ва Гренадины | 0,4 | 0,1 | 0,3 | 71 | 74 | - | 0,3 | 2900 |
| Сент- Китс ва Невис | 0,3 | 0,04 | 0,5 | 68 | 74 | - | 0,3 | 8800 |
| Сент-Люсия | 0,6 | 0,2 | 1,3 | 69 | 74 | - | 0,9 | 5400 |
| Тринидад ва Тобаго | 5,1 | 1,1 | -0,9 | 68 | 73 | 2702,9 | 13,9 | 12900 |
| Ямайка | 11,5 | 2,7 | 0,8 | 73 | 77 | 2707,8 | 11,6 | 4200 |

Дар бораи табиати хоси сарзамин пештар гуфта шуд. Фақат ҳаминро зикр мекунем, ки силсилакӯҳи Кордилер на танҳо аз шимол ба ҷанубу шарқ қисмати хушкии онро бурида мегузарад ва тадриҷан дар сарҳади Панамаю Колумбия ба қаторкӯҳҳои алоҳида табдил меёбад. Қисмати ҷазиравии ҳавзаи Кариб ҳам ноҳияи чиндори Кордилер аст. Америкаи Марказӣ ва Вест-Индия бо алафзорони анбӯҳ, олами ҳайвоноти ғароиб (экзотикӣ) ва фаунаи баҳрӣ фарқ мекунанд. Иқлими тропикӣ ва табиати ин гӯшаи Замин таваҷҷуҳи сайёҳонро ба худ ҷалб менамояд. Аммо дар инҷо заминҷунбӣ, аз ҷумла заминҷунбиҳои харобиовар мешавад. Гузашта аз ин, дар ҳавзаи Кариб ва Америкаи Марказӣ аз июл то октябр тӯфонҳои аз заминҷунбӣ даҳшатноктар ба амал меоянд. Тӯфонҳо нисбат ба заминҷунбӣ зуд-зуд пайдо мешаванд ва масоҳати калонро фаро гирифта, онро харобу холӣ мекунанд.

Шумораи аҳолии минтақа ба 200 миллион наздик мешавад. Таркиби этникӣ рангоранг аст, ки ба равандҳои азими муҳоҷират дар гузашта вобаста мебошад. Аҳолии бумӣ (халқҳои ҳиндӣ) аз 2 то 6 дарсад, сиёҳпӯстон ва дурагаҳо (мулатҳо) – 80-90 дарсад, сафедпӯстҳо 2-3 дарсадро ташкил медиҳанд. Аҳолии сафедпӯст асосан дар Пуэрто-Рико, Коста-Рика зиндагӣ мекунанд ва дар Куба 1/3-ро ташкил медиҳанд. Ҳиссаи аҳолии шаҳрҳо ба ҳисоби миёна тақрибан 50 дарсад боқӣ мемонад.

Дар қадимулайём дар ҳудуди сарзамин қавмҳои ҳиндӣ зиндагӣ мекарданд. Дар оғози асри ХУ1 истилогарони (конкистадорҳои) испанӣ ба инҷо ҳуҷум карда, бо зӯри силоҳ, ҳамчунин бо истифода аз мухолифати байниқавмӣ муқовимати сахти ҳиндиҳоро шикаст доданд, заминҳои онҳоро забт карданд ва режими сахти истисморро ҷорӣ намуданд, ки асосан хусусияти феодалию деҳқонӣ дошт. Бисёре аз қавмҳои ҳиндиро қариб саросар қир карданд. Ба овардани ғуломон аз Африка шурӯъ намуданд. Ҳудудҳои нав барои ғасби империяи мустамликавии Испания ҳамчун

пойгоҳ хидмат мекарданд. Ҳаёти иқтисодии минтақа пурра аз манфиатҳои мустамликадор вобаста буд, ки мустамликаҳоро ҳамчун манбаъи сарват ва фоидаи муфт меҳисобиданд.

Саноат, ба истисснои устохонаҳои майдаи косибӣ дар шаҳрҳо ва истихроҷи маъдан ба тарзи ибтидоӣ, умуман вуҷуд надошт. Аҳолии бумӣ саросар бесавод ва гирифтори зулми ҳукуматҳои колониалӣ буд. Зубдагони ҷомеа намояндагони мустамликадор буданд ва қариб тамоми мансабҳои маъмурӣ, ҳарбӣ ва мазҳабиро дар дасти худ нигоҳ медоштанд.

Тасаллут ёфтан ба истихроҷи конҳои тилло, нуқра ва молҳои мустамликавӣ ба мубориза барои ҳукмронӣ дар минтақа мусоидат намуданд. Дар ҷангҳо дуздони баҳрии (пиратҳо) Англия, Франсия, Голландия, Португалия ва баъдан нерӯҳои ҳарбию баҳрии ин давлатҳо иштирок доштанд. Дар натиҷаи муборизаҳои бераҳмона Испания дар охири асри X1X қариб аз тамоми мустамликаҳои худ маҳрум гардид ва ҷои онро Британияи Кабир, Франсия, Нидерландия ва ИМА соҳиб шуданд.

Аҷиб аст, ки ҳанӯз то анҷоми муборизаи озодихоҳонаи мустамликаҳои испанӣ барои истиқлолият ИМА дар соли 1823 дар «доктринаи Монро»-и машҳур эълом кард, ки даъвои ҳукмронӣ дар тамоми Америкаи Лотиниро дорад ва бо гузашти айём дар муносибат бо мамлакатҳои Америкаи Марказӣ ва тамоми Америкаи Лотинӣ сиёсати зуроварӣ ва ғораткуниҳои ҳудудиро пеш гирифт. Қариб тамоми давлатҳои Америкаи Марказӣ гирифтори ғоратгариҳои ҳарбии ИМА гардиданд.

Қувват гирифтани ғасбкориҳои ИМА ба пайдоиши сохтори вобастаи истеҳсолӣ ва ҳифзи ақибмондагии иқтисодӣ, амиқрафти ноустувории иҷтимоӣ ба муфлисшавии табақаҳои васеъи аҳолии мамлакатҳои сарзамин мусоидат намуд.

Раванди ҳукмронии иҷтимоию иқтисодии ИМА дар сарзамин амалӣ намудани диктатураи навъи ҳарбию политсайиро қариб дар ҳамаи мамлакатҳои Америкаи Марказӣ ба ҳамроҳ дошт (ба истисснои Коста-Рика). Ин режимҳо ифодакунандаи манфиатҳои инҳисори хориҷӣ ва заминдорони калони маҳаллӣ буданд ва ҳадафашон пурра пахш намудани ҳамагуна ҳаракатҳои иҷтимоӣ ва сиёсӣ дар ин мамлакатҳо буд. Мамлакатҳои сарзаминро ҳаракатҳои пинҳонии партизанӣ ва ҷангҳои шаҳрвандӣ фаро гирифт.

Дар нимаи дуюм ва асосан дар солҳои 80-90-уми асри XX вазъияти сиёсӣ дар аксари мамлакатҳо ба эътидол омад. Ҳукуматҳои гражданӣ дар Гватемала, Гондурас, Салвадор, Никарагуа қудратро ба даст гирифтанд. Вазъият дар Белиз (собиқ Гондураси британӣ), Коста-Рика, ки сиёсати бетарафиро пеш гирифта буд (дар ин давлат тибқи Конститутсия ташкил кардани артиши доимӣ манъ аст) ва Панама, ки аз ҳудудаш канали байниуқёнусии Панама мегузарад, нисбатан устувор боқӣ мондааст.

Дар байни ҳудудҳои ҷазиравӣ ҷойгоҳи махсусро **Ҷумҳурии Куба** давлати сотсиалистӣ, ки дар харитаи сиёсӣ 1 январи соли 1959 пайдо шуд, ишғол менамояд. Дар гурӯҳи ҷазираҳои Антили Калон давлати Пуэрто-Рико - мулки ИМА-ро зикр кардан лозим аст, ки мақоми сиёсии «ихтиёран ба ИМА ҳамроҳшуда»-ро бо нигоҳ доштани ҳуқуқҳои худидоракунӣ дорад. ИМА ғайр аз Пуэрто-Рико як қисми ҷазираҳои Вирҷинияро низ мулки худ эълон кардааст. Барои ИМА ин ҷазираҳо аҳамияти калони иқтисодӣ ва ҳарбию сиёсӣ доранд. Дар ҳавзаи Кариб то ҳол мулкҳои давлатҳои европоӣ вуҷуд доранд: Нидерландия (баъзе аз ҷазираҳои Антили Хурд дар назди соҳили Венесуэла – Аруба, Кюрасо, Бонайре ва ғ.), Британияи Кабир (як қисми ҷазираҳои Вирҷиния, ҷазираҳои Кайманов, Монтсеррат, Ангиля ва ғ.), Фаронса (Гваделупа, Мартиника). Дар Кариби европоӣ пойгоҳҳои ҳарбӣ нигоҳ дошта мешаванд.

**Иқтисодиёти муосири сарзамин** то ба ҳадди охир аз сармояи хориҷӣ, дар навбати аввал аз сармояи ИМА ва Европаи Ғарбӣ, вобастагӣ дорад. Дар сохтори хоҷагидорӣ соҳаи хизматрасонӣ (58 дарсади ММД), саноат (30 дарсади ММД), кишоварзӣ (12 дарсади ММД) ҳисса доранд. Кишоварзӣ тибқи анъана асосан аз кишту парвариши найшакар, банан, қаҳва иборат аст, ки ин давлатҳоро пурра вобаста аз вазъият (конъюктура) ва рақобати сахт дар бозори ҷаҳонӣ кардааст. Саноат асосан аз коркарди ашёи хоми кишоварзӣ иборат аст. Фақат саноати Салвадор бо доштани сохторҳои соҳавии нисбатан мухталиф фарқ мекунад. Канали Панама нақши калони хоҷагидорӣ дорад. Ба воситаи он ҳар сол қариб 9 ҳазор киштии мамлакатҳои зиёд мегузарад. Соҳаҳои хоҷагидорӣ, ки ба хизматрасонии вобаста ба канал машғуланд, қариб 30 дарсади ММД Панамаро медиҳанд. Дар кишварҳои ҳавзаи Кариб шаклҳои пинҳонии фаъолияти иқтисодӣ («иқтисоди соягӣ») васеъ паҳн шудаанд ва 30-40 дарсади ММД-ро ташкил медиҳанд.

Мексика ҳалқаи хоси пайванди байни Америкаи англосаксонӣ ва «канораҳо»-и Америкаи Лотинӣ ба шумор меравад. Ҳамчун узви **НАФТА** он ҳамзамон дар чорчӯбаи «гурӯҳи сегона» (Мексика. Венесуэла, Колумбия), ки дар байни онҳо ва Америкаи Марказӣ шартномаи тиҷорати озод баста шудааст, фаъолият мекунад. Самти дигари сарзамин ҳамгироии Мексикаю Чилӣ мебошад. Дурнамоҳои онро ба он вобаста медонанд, ки маҳз ҳамин ду давлат аз рӯи як қатор нишондиҳандаҳои иқтисодӣ дар солҳои 90-ум барои «тиҷорати озод» омода буданд.

Тибқи анъана алоқаҳои берунии иқтисодии мамлакатҳои минтақа бо ИМА ва давлатҳои ИА ривоҷ меёбад. Ба ин алоқаҳо 2/3 гардиши моли ин қисмати Америкаи Лотинӣ рост меояд. Мамлакатҳои минтақа барои фурӯши маҳсулоти асосии худ – қанди хом, банан, қаҳва ба рақобати сахт дар бозори ҷаҳонӣ дучор гардидаанд ва маҷбуранд истеҳсоли навъи молҳои анъанавии худро тағйир диҳанд. Туризм босуръат тараққӣ мекунад. Дар сарзамин бонкҳои пуриқтидор фаъолият менамоянд.

**Иёлоти Муттаҳидаи Мексика** дар Америкаи Лотинӣ аз рӯи шумораи аҳолӣ ва ҳаҷми иқтидори иқтисодӣ дуюмин кишвар ба шумор меравад. Мексика таърихи афсонавӣ дорад. Дар ҳудуди он яке аз тамаддунҳои рушдкардатарини нимкураи ғарбӣ – тамаддуни майя, толтекҳо ва атстекҳо пайдо шуда, нашъунумӯ кардааст. Тавонотарини онҳо фарҳанги атстекҳо мебошад, ки дар асри ХУ1 империяи пуриқтидори худро сохта буданд. Дар аввали асри ХУ1 испаниҳо онро забт карданд. Мексика соли 1821 мустақил шуд. Ҳамсоягӣ бо ИМА нақши нохуше дар таърихи Мексика гузоштааст. Соли 1845 ИМА Техасро ба тасарруфи худ даровარданд ва солҳои 1846-1848 дар рафти ҷанг бо Мексика аз нисф зиёди ҳудуди Мексикаро ба тарафи шимол аз дарёи Рио-Браводел-Норте азони худ карданд. Солҳои 1910-1917 дар Мексика инқилоби буржуазию демократӣ ғалаба кард ва мамлакат фаъолона бо роҳи модернизатсияи иҷтимоию иқтисодӣ қадам гузошт. Мексикаи муосир давлати муназзам тараққикунандаи сарзамин ба ҳисоб меравад ва дар иқтисодиёту сиёсат муваффақиятҳои беназир ба даст овардааст. Мексика яке аз бист давлати пешрафтатарини ҷаҳон мебошад.

Мексика дар байни ду уқёнуси калони кураи Замин ҷойгир шудааст (расми 13.).

***Расми 13. Тақсимоти маъмурӣ (музофотҳо) ва сарзаминҳои иқтисодии Мексика***




Қисмате аз уқёнуси Атлантика, ки хоки мамлакатро аз тарафи шарқ мешӯяд, баҳри Миёназаминии Америкаро ташкил медиҳад. Сарҳади байни Мексика ва ИМА баъд аз анҷоми ҷанги солҳои 1846-1848 муқаррар карда шудааст. Баъдтар дар солҳои 1882-1894 сарҳадҳо бо Гватемала, ва Белиз муайян карда шуданд. Роҳи васеъ ба уқёнусҳои Атлантика ва Ором, ҳамчунин ҳамсоягии бевосита бо ИМА ба ҳама паҳлӯҳои ҳаёти мексикоиён таъсири калон мерасонад.

Аз нисф зиёди ҳудуди мамлакатро паҳнкӯҳи Мексика ишғол менамояд, ки аз ҳама тараф онро кӯҳҳои баланд иҳота намудаанд. Ҳамвориҳо ва пасхамиҳо дар ноҳияҳои наздисоҳилӣ ҷойгиранд. Гуногунии сохтори геологӣ сабаби аз сарватҳои зеризамини ғани будани кишвар гардидааст. Сарвати бебаҳои мамлакат нафт ва газ мебошад, ки дар ноҳияи халиҷи Мексика истихроҷ карда мешавад. Мексика аз нигоҳи истеҳсоли нуқра, маъданҳои полиметалл, мисс, манган, симобдор дар ҷаҳон дар қатори давлатҳои пешрафта ҷой гирифтааст. Дар мамлакат ҳамчунин захираҳои калони маъданҳои оҳандор, ангиштсанг, уран мавҷуд аст. Захираҳои об барои таъмини рушди хоҷагидорӣ кифоят мекунанд. Аммо зиёда аз 80 дарсади захираҳои об дар пастхамиҳоанд, ки аз намнокии зиёд ба мушкилот дучор гардидаанд. Ноҳияҳои дохилӣ, ки дар онҳо қисмати асосии аҳолӣ зиндагӣ мекунанд, баръакс аз мушкили камобии доимӣ азият мекашанд.

**Аҳолии Мексика** бо суръати баланд афзоиш меёбад. Аксарияти мексикоиҳо дурагаҳои испанию ҳиндиасл (60 дарсад) ва ҳиндуҳо (30дарсад) мебошанд. Дар Мексика ҳамагӣ зиёда аз 40 қавму халқияти ҳиндӣ зиндагӣ мекунанд. Бисёртарини онҳо атстекҳо ва майя мебошанд. Аксарияти аҳолии Мексика дар маркази мамлакат зиндагӣ мекунанд, яъне дар 7 дарсади ҳудуд 40 дарсади аҳолӣ маскун шудаанд. Муҳоҷират хоси мардуми Мексика мебошад ва сабаби инро дар ҳамсоя будан бо ИМА медонанд. Ҳар сол ошкорою пинҳонӣ садҳо ҳазор мексикоӣ сарҳади ИМА-ро

убур мекунанд. Бо вуҷуди ин, миқдори муҳоҷирони пинҳонӣ – *брасерос* – метавонад то 0,5 миллион нафарро дар як сол ташкил бидиҳад. Дар маҷмӯъ, ҳоло дар ИМА зиёда аз 13 миллион мексикоӣ зиндагӣ мекунад.

Зиёда аз 70 дарсади аҳолии Мексика шаҳрнишин мебошад. Дар мамлакат 4 шаҳри миллионнафара мавҷуд аст: Мехико (20 миллион нафар бо канораҳояш), Гвадалахара (2,8 миллион), Монтеррей (2,5 миллион), Пуэбло (1,6 миллион). Агломератсияи пойтахти Мексика калонтарин дар ҷаҳон аст.

Мексика ҷумҳурии федеративӣ буда, аз 31 иёлот ва округи федеративии пойтахт иборат мебошад. Аз нуқтаи назари географӣ Мексика ба ду Америка – Лотинӣ ва Шимолӣ тааллуқ дорад. Ин ҳолат аҳамияти барҷастаи сиёсӣ ва иҷтимоию иқтисодӣ дорад ва симои имрӯзаи кишварро муайян мекунад. Мексика аз соли 1994 якҷоя бо ИМА ва Канада узви калонтарин митақаи тиҷорати озод (НАФТА) мебошад.

Мексика аз рӯи ҳаҷми ММД баъд аз Бразилия дар Америкаи Лотинӣ дар ҷои дуюм қарор дорад. Иқтидори ҳангуфти иқтисодӣ, хоҷагидории бисёрсоҳа ва пойгоҳи бойи ашёи хоми минералӣ Мексикаро ба яке аз давлатҳои пешқадами дунё табдил медиҳад.

Мексика бо баъзе хусусиятҳои рушди иқтисодӣ аз давлатҳои дигари Америкаи Лотинӣ фарқ мекунад. Он ягона кишвар дар сарзамин аст, ки ислоҳоти радикалии аграрӣ гузаронидааст. Баъд аз анҷоми ислоҳот кишоварзӣ дар мамлакат мураттаб рушд мекунад. Мексика нахустин кишварест дар Америкаи Лотинӣ, ки захираҳои табииро миллӣ кунонида, бахши тавонои давлатиро ташкил намудааст ва ин бахш дар ҳаёти иқтисодии мамлакат фаъолона ширкат меварзад. Мексика дар ҷаҳон нахустин шуда саноати нафтро миллӣ эълон кард (соли 1938) ва аввалин давлатест дар Америкаи Лотинӣ, ки бо собиқ ИҶШС муносибатҳои дипломатӣ барқарор намуда буд.

Соли 1980 Мексика гирифтори бӯҳрони шадид гардид, давлат маҷбур шуд сиёсати иқтисодиашро бозбинӣ кунад ва ба модели нави рушд рӯ биёварад. Дигаргунсозии амиқи бозорӣ ҳамаи соҳаҳои иқтисодиёт ва бахшҳои фаъолиятро фаро гирифт. Ворид шудан ба НАФТА дари ҳамкориҳои васеъи иқтисодиро бо ИМА ба рӯи Мексика боз кард ва «ҷаҳиш» ба «иқтисоди озод»-ро таъмин намуд.

Мексика захираҳои калони ашёи хом дорад ва аз нигоҳи истихроҷи навъҳои бисёри канданиҳои фоиданок дар ҷаҳон ҷойгоҳи сазоворро соҳиб гардидааст. Нафт ва гази табиӣ, ки асоси иқтисодиёти Мексикаро ташкил медиҳанд, нақши муҳим доранд. Захираҳои асосии нафту газ ва иқтидорҳои истеҳсолии соҳа дар соҳили халиҷи Мексика, дар ҳамвориҳои ба он часпида ва тунукобаи (шелфи) континенталии нимҷазираи Юкатан ҷойгир шудаанд. Иктишофи нафту газ, истихроҷ, коркард, интиқол ва фурӯши онҳоро консорсиуми давлатии нафти «Пемекс» бар ӯҳда дорад. Дар ҳоли ҳозир Мексика яке аз бузургтарин истеҳсолкунанда ва содиркунандаи нафт дар бозори ҷаҳонӣ ба ҳисоб меравад.

Қисми зиёди нерӯи барқ дар НБГ истеҳсол карда мешавад.Ҳиссаи гидроэнергетика зиёда аз 20 дарсадро ташкил медиҳад. Чашмаҳои гарми табиӣ васеъ истифода бурда мешаванд, чандин нерӯгоҳи геотермалӣ фаъолият доранд. Дар заминаи захираҳои худии уран (дар иёлати Чиуау) нерӯгоҳи барқи атомии «Лагуна Верде» (70 км дуртар аз шаҳри Веракрус) кор мекунад.

Дар саноати коркард соҳаҳои асосӣ металлургия ва мошинсозӣ, ҳамчунин коркарди нафт нафту химия ба ҳисоб мераванд.Саноати сабук ва хӯрокворӣ хуб тараққӣ кардаанд. Металлургияи сиёҳ ва ранга анъанаҳои қадима дорад ва ба ашёи хоми мухталифи маҳаллӣ такия мекунад. Корхонаҳои калони металлургӣ дар

Монклов, Ласаро-Карденас ва Лос-Тручас фаъолият менамоянд. Аз соҳаҳои металлургияи ранга гудозиши руҳ, ва мис қобили зикр аст.

Дар мошинсозӣ саноати автомобилсозӣ бо автогигантҳои дар ҷаҳон машҳур ҷои аввалро ишғол менамояд. Мексика ҳамчунин дар қатори истеҳсолкунандагони таҷҳизоти мухталифи саноатӣ ҷо гирифтааст. Аҳамияти соҳаҳои навтарини саноати электронӣ сол то сол меафзояд. Аксарияти корхонаҳои ин соҳаро ба «макиладорас» - корхонаҳои навъи васлкунанда, ки асосан америкоиҳо дар музофотҳои ҳамсарҳад сохтаанд, нисбат медиҳанд. Онҳо бо сармояи ИМА ва қувваи арзони кории Мексика кор мекунанд.

Дар робита ба рушди саноати коркарди нафт нақши индустрияи химия ба маротиб афзуд. Мексика калонтарин давлати истеҳсолкунандаи полиэтилен, этилен, метанол ба шумор меравад. Марказҳои муҳими нафту химия Ла-Кангрехера (яке аз калонтарин маҷмааҳои нафту химия дар Америкаи Лотинӣ), Коатсакоалкос, Минатитлан, Пахаритос мебошанд.

**Саноати бофандагӣ ва хӯрокворӣ** соҳаҳои анъанавии саноати Мексика боқӣ мемонанд. Дар ин соҳаҳо корхонаҳои хурду миёна кор мекунанд. Ноҳияи калонтарини бофандагӣ – иёлати Пуэбла (саноати пахтакоркунӣ), Мехико – (саноати шоҳибофӣ ва чармкоркунӣ), Юкатан (коркарди хенекен). Дар саноати хӯрокворӣ ҷойҳои муҳимро истеҳсоли нӯшокиҳо, қанд, маҳсулоти ҷуворимакка ишғол менамоянд.

Сохтори ҳудудии саноати Мексика хусусияти таърихан ҷудогона дорад. Қисми асосии истеҳсолоти саноатӣ (мисли аҳолӣ) дар маркази кишвар ҷойгир шудаанд. Бинобар ин, дар Мексика «ҳаракат ба сӯи баҳр» равнақ пайдо кардааст. Ин тамоил имрӯз равшан ба мушоҳида мерасад: марказҳои нафт дар соҳилҳои халиҷи Мексика рӯ ба афзоиш доранд, манзара дар минтақаи уқёнуси Ором тағйир меёбад.

Дар кишоварзӣ рустанипарварӣ афзалият дорад. Зироатҳои асосӣ ҷуворимакка, чойҷуворӣ, гандум мебошанд. Мексика яке аз калонтарин давлатҳои истеҳсолкунандаи пахта дар ҷаҳон ба шумор меравад. Пахтаи навъи олии мексикоӣ дар бозори ҷаҳонӣ талаботи бисёр дорад. Мексика аз ҷиҳати сармоягузорӣ барои корҳои илмию таҳқиқотӣ дар соҳаи кишоварзӣ аз бисёр мамлакатҳои Америкаи Лотинӣ пешсафтар аст.

Моҳидорӣ ҳам дар иқтисодиёти кишвар ҷойгоҳи сазовор дорад. Содироти маҳсулоти баҳрӣ босуръат меафзояд.

Системаи нақлиёти мамлакатро навъҳои хушкигард, баҳрӣ ва ҳавоӣ ташкил медиҳанд. Вале дар кишвар коммуникатсияҳои пайвасткунандаи соҳилҳои уқёнус кам аст. Қисми асосии боркашониро нақлиёти автомобилӣ ба ӯҳда гирифтааст. Боркашонии хориҷиро нақлиёти баҳрӣ иҷро мекунад. Мексика дорои флоти бузурги тиҷоратӣ, пеш аз ҳама танкерӣ, мебошад.

***Музофоти марказиро*** ядрои иқтисодии Мексика мешуморанд. Дар инҷо, дар қисмати ҷанубии суфакӯҳи Мексика аз қадим шабакаи зичи роҳҳо вуҷуд дорад, ки пойтахтро бо шаҳрҳои бузурги атроф мепайвандад. Дар ин музофоти Мексика иқтидорҳои асосии иқтисодии мамлакат ҷойгир шудаанд. Дар *Шимол* иқтидорҳои асосии металлургияи сиёҳ ва ранга ҷой гирифтаанд. Дар аксари шаҳрҳои Шимол (Тихуана, Мехикалӣ,Сюдад-Хуарес) намояндагии ширкатҳои бешумори америкоӣ фаъоланд. Онҳо бо шаҳрҳои ҳамсояи ИМА алоқаи зич доранд (бинобар ин, онҳоро дар аксари маврид шаҳрҳои дугоник меноманд). *Соҳилҳои халиҷи Мексика манбаи* (намои) инкишофи атлантикии кишвар ва анбори сӯзишвории он ба шумор меравад. *Ҷануб* қафомондатарин қисмати Мексика, «канораи ҳиндӣ»-и он ба ҳисоб меравад. Дар инҷо шаҳрҳои калон вуҷуд надорад. Рушди индустриалии Ҷануб дар ҳоли ҳозир

вобаста ба азхудкунии конҳои маъдани оҳандори Лас-Тручас мебошад, ки дар заминаи онҳо дар шаҳри Лисаро-Карденас корхонаи металлургӣ сохта шудааст.

Шарики асосии савдои хориҷии Мексика ИМА мебошад. Дар солҳои охир муносибатҳои иқтисодӣ бо узви дигари НАФТА – Канада васеъ шудан дорад. Ҳаҷми тиҷорат бо мамлакатҳои узви ИА ва вуруди сармояи Европаи Ғарбӣ ба иқтисодиёти Мексика зиёд шуда истодаанд. Тамоили дигари алоқаҳои иқтисодии Мексика қувват гирифтани нақши мамлакатҳои ҳавзаи уқёнуси Ором мебошад. Ба муносибатҳои байни Мексикаю Япония дар инҷо таваҷҷуҳи махсус зоҳир менамоянд. Ҳоло Япония (баъд аз ИМА) шарики дуюми тиҷоратии Мексика ба шумор меравад.

**Саволҳо ва супоришҳои санҷишӣ**

*1. Ба се қисми таркибӣ тақсим намудани сарзамини баррасишаванда: Мексика, Вест-Индия ва мамлакатҳли Америкаи Марказӣ то кадом андоза матиқӣ аст?*

*2. Ҳудудҳои худидоранашаванда (вобаста)-ро дар Вест-Индия номбар кунед. Онҳо ба кӣ тааллуқ доранд?*

*3. Аз ҷадвал маълум мешавад, ки давлатҳои Вест-Индия дар байни ҳамдигар оид ба дараҷаи ММД ба ҳар сари аҳолӣ фарқиятҳои ҷиддӣ доранд. Сабабҳои фарқиятҳои мавҷударо шарҳ диҳед.*

*4. Чӣ хеле ки маълум аст, Мексика яке аз калонтарин давлатҳои истеҳсолкунандаи пахта ба шумор меравад. Пахта дар ин мамлакат дар куҷо киштукор карда мешавад?*

## 10. 3 Америкаи Ҷанубӣ: Бразилия

**Мамлакатҳои Анд ва мамлакатҳои Атлантика.** Чӣ хеле пештар қайд карда шуд, одатан дар ҳудуди Америкаи Ҷанубӣ мавҷудияти ду (суб) сарзаминро таъкид мекунанд: 1) *Атлантика* ё сарзамини мамлакатҳои ҳавзаи Амазонка ва пастхамии Лаплат (Аргентина, Бразилия, Гайана, Парагвай, Суринам, Уругвай); 2) сарзамини *мамлакатҳои Анд* (Венесуэла, Колумбия, Эквадор, Перу, Боливия, Чилӣ). Албатта, агар ҳавсала карда шавад, метавон гурӯҳбандии муфассалтари мамлакатҳои баррасишавандаро пешниҳод намуд. Масалан, дар ҳайати субсарзамини Атлантика *мамлакатҳои Лаплат* (Аргентина, Уругвай, Парагвай), *секунҷаи ба худ хоси Гвиана* (Гайана, Суринам ва Гвианаи фаронсавӣ) ва ҳамчунин *Бразилия* – давлат-қитъаро, ки дар Америкаи Ҷанубӣ мавқеи хос дорад, метавон ҷудо кард (расми 14).

**Расми 14. Тақсимоти маъмурӣ – ҳудуди ва музофотҳои Бразилия**




***Шимол:*** *1 – Амазонас; 2 – Пара; 3 – Акри 4 – Токантис; 5 – Рорайма; 6 – рондония; 7 – Амапа;* ***Маркази Ғарб:*** *1 – Мату-Гросу, 2 – Гояс, 3 – Федералний округ -Бразилия, 4 – Мату-Гросу-ду-Сул;* ***Ҷануб:*** *1 – Парана, 2 – Санта-Катарина, 3 – Риу-Гранди-ду-Сул; Шимолу Шарқ: 1 – Мараньян, 2 – Пиауи. 3 –*

*Сеара; 4 – Риу-Гранди-ду-Норти, 5 – Паранба, Пирнамбуку, 7 – Алагоас, 8 – Сержили, 9 – Баня;* ***Ҷанубу Шарқ:*** *1 – Минас, 2 – экспериту-Санту, 3 – Рио-деЖанейро, 4 – Сан-Паулу.*

Ғайр аз ин, ба Америкаи Ҷанубӣ *ҷазираҳои Фолкленд* (Малвин) тааллуқ доранд.

***Ҷадвали 26.***

**Давлатҳои соҳибистиқлоли Америкаи Ҷанубӣ банки маълумотҳои морӣ**

| Мамалакатҳо | Масоҳат ҳаз, км$^2$ | Аҳоли млн. нафар | Афзоиши табиӣ, % | Давомнокии умр сол | | Истифода кал/шабонарӯз | ММД | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | мардҳо | занҳо | | умуми млрд долл | ба сари 1-нафар одам |
| **Сарзамини Анд:** | | | | | | | | |
| Венесуэла | 912,0 | 25,4 | 1,4 | 71 | 77 | 2229,4 | 164,1 | 6500 |
| Колумбия | 1141,7 | 43,0 | 1,5 | 68 | 74 | 2567,3 | 303,7 | 7100 |
| Эквадор | 283,6 | 13,4 | 1,5 | 68 | 75 | 2679,4 | 52,8 | 3900 |
| Перу | 1285,2 | 27,9 | 1,3 | 66 | 71 | 2621,3 | 169,5 | 6100 |
| Боливия | 1098,6 | 8,9 | 1,5 | 61 | 64 | 2237,3 | 23,7 | 2700 |
| Чили | 756,6 | 16,0 | 0,9 | 72 | 78 | 2857,7 | 185,1 | 11300 |
| **Сарзамини Атлантикӣ (ҳавзаи Ла-Плат ва Амазонка) :** | | | | | | | | |
| Аргентина | 2780,1 | 39,5 | 1,0 | 70 | 77 | 3176,5 | 542,8 | 13700 |
| Бразилия | 8547,4 | 186,1 | 1,0 | 65 | 73 | 3011,6 | 1568,0 | 8400 |
| Гайана | 215,0 | 0,8 | 0,3 | 59 | 67 | _ | 2,9 | 3800 |
| Парагвай | 406,8 | 6,3 | 2,5 | 69 | 73 | 2588,3 | 31,8 | 4900 |
| Суринам | 163,8 | 0,4 | 0,2 | 68 | 74 | 2603,9 | 2,1 | 4100 |
| Уругвай | 176,2 | 3,4 | 0,5 | 71 | 79 | 2862,4 | 54,6 | 16000 |

Ҳатто агар сарзаминҳои Атлантика ва Анд дар ҷудои гирифта шаванд аз нигоҳи ҳудуд аз мамлакатҳои шимолии Америкаи Лотинӣ калонтаранд. Он қитъаи томест дар тарафи ҷануб аз гарданаи Панама. Қад-қади соҳили ғарбии қитъа силсилакӯҳи дарози *Кордилери Анд* тӯл кашидааст (*Анд,* нуқтаи баландтарин кӯҳи Аконгагуа дар Аргентина, баландиаш 6 960 метр; дар Анд калонтарин кӯли баландкӯҳи сайёра Титикака ҷойгир аст, баландиаш 3 812 метр). Шимолу ғарб ва шарқро суфакӯҳҳои Гвиана ва Бразил ишғол кардаанд, ки пастхамии Амазония онҳоро аз ҳамдигар ҷудо менамояд. Дар инҷо, дар ноҳияи васеъи пуробтарин дарёи сайёра – Амазонка маҷмааи нодири табиии ҷангалзорҳои ҳамешабзи экваториалӣ – *гилея* (номи бразилиаш *селвас*) ҷой гирифтааст. Ҷануби қитъа аз ҳамвориҳои ҳудуди пастхамии Ла-Плата бо бартарияти рустаниҳои алафӣ (*пампа, пампасӣ*) ва пуштакӯҳи зинадори *Патагония*, ки аз обҳои уқёнуси Атлантика берун омадааст. иборат иебошад.

Дар қаъри заминҳои Америкаи Ҷанубӣ 10 дарсади захираҳои ҷаҳонии (ба истиснои ИДМ ва Хитой) нафт, 12 дарсади гази табиӣ, 2 дарсади ангиштсанг, 25 дарсади маъданҳои металҳои сиёҳ, 21 дарсади металҳои ранга ва 50 дарсади металҳои нодир мавҷуд аст. Захираҳои канданиҳои ғайриметаллӣ низ бузурганд. Дарёҳои Амазонка, Оринока, Парана бо Парагвай ва ҷангалзорони Америкаи Ҷанубӣ сарватҳои бебаҳоянд. Захираҳои биологии баҳрҳои атроф низ қобили зикранд.

Аҳолии Америкаи Ҷанубӣ ба 400 миллион нафар наздик шуда истодааст. Аҳолии бумӣ (халқҳои ҳиндӣ) 10-12 дарсади аҳолиро ташкил медиҳанд, сиёҳпӯстон (авлоди ғуломон) – 8-9 дарсад, авлоди муҳоҷирони сафедпӯст аз Европа – 1—11 дарсад, дурагаҳо (авлоди сафедпӯстон ва ҳиндиҳо) 70 дарсади аҳолиро ташкил медиҳанд. То омадани европоиҳо минтақа пур аз қавмҳои бешумори ҳиндӣ буд. Ҳуҷуми испаниҳо ва португалиҳо инкишофи мустақили тамаддуни инкро боздоша, ба камшавии якбораи шумораи аҳолии бумӣ оварда расонд ва мустамликадорон барои пур кардани ҷои онҳо аз Африка ғуломонро оварданд. Ҳаракатҳои миллию озодихоҳӣ ва ҷангҳо барои истиқлолият дар нимаи авали асри Х1Х ба сукути реҷаи мустамликадорӣ сабаб гардиданд. Вале баъдан мамлакатҳои Америкаи Ҷанубӣ ба манбаъи ашёи хоми ИМА ва кишварҳои дигари Ғарб табдил ёфтанд, ки ба рушди давлатҳои ҷаҳон бо роҳи сармоядории вобаста ва сода (примитив) мусоидат намуданд. Фақат дар асри ХХ, махсусан дар нимаи дуюми он, дар инҷо кӯшиш мекунанд бо роҳи мустақил ва муосири рушди иҷтимоию иқтисодӣ бираванд. Татбиқи ин ниятҳо дар ҳама мамлакатҳо якхела набуд.

Мамлакатҳои Америкаи Ҷанубиро хусусиятҳои умумии инкишофи таърихӣ ва шароити муосири ҷамъиятии ба он монанд муттаҳид менамояд. Ҳамзамон дар байни онҳо аз нигоҳи андозаҳои ҳудуд, шумораи аҳолӣ, захираҳои табиӣ ва иқтидори фарқиятҳои ҷиддӣ вуҷуд доранд.

Дар таърихи навтарини сиёсии мамлакатҳои Анд давраҳои мураккаб, ҷунбишҳо, сиёсати диктаторӣ бартарӣ дошт. Мисоли равшани он реҷаи хунтаи ҳарбии генерал Пиночет буд, ки солҳои 1973-1989 *Ҷумҳурии Чилиро* дар зери даст дошт. Дар даҳсолаи охир ҳукумат дар дасти қувваҳои демократӣ мебошад, ки вазифаашонро дар мусоидат кардан ба раванди сулҳи миллӣ ва таъмини сулҳи миллӣ дар кишвар мебинанд.

Дар гурӯҳи мамлакатҳои Ла-Плат давраи дурударози диктатураи репрессивиро дар нимаи дуюми асри ХХ (дар давоми 35 сол (!) аз соли 1954 то соли 1989 *Парагвай* аз сар гузаронд.Муҳаққиқони таърихи мамлакатҳои Америкаи Лотинӣ таваҷҷуҳро ба он ҷалб менамояд, ки «синдроми авторитаризм» ва сар хам кардан дар назди ҳукумати пурқувват то имрӯз дар хуни бисёре аз америкоилотиниҳо ҷой дорад.

Дар байни масъалаҳои сиёсию географии (ҳудудии) Америкаи Ҷанубӣ масъалаи ҷазираҳои Фолкленд (Малвин), ки боиси баҳси Британияи Кабир ва Аргентина гардидаанд, ҷои алоҳида дорад. Соли 1982 дар ҷазираҳо амалиёти ҳарбӣ гузаронида шуд, ки бо бастани шартномаи муваққатӣ бас карда шуд. Дар айни замон ҷазираҳои Фолкленд амалан дар ихтиёри Британияи Кабир мебошад. Онҳоро губернатор, ки шаҳбонуи Британияи Кабир таъин менамояд, идора мекунад. Дар баробари ин, Аргентина ҳам аз ниятҳои худ даст накашидааст.

Унсури асосии сиёсати муосири иқтисодии Америкаи Ҷанубӣ кам кардани нақши давлат дар танзим, ҳиссаи он дар бахшҳои истеҳсолӣ ва ғайриистеҳсолии иқтисодиёт, хусусигардонии корхонаҳо, ҷалби васеъи сармояи хориҷӣ, либерализатсияи савдои хориҷӣ, модернизатсияи истеҳсолот, фароҳам овардани шароит барои истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазир ва васеъ намудани содирот аз ҳисоби арза кардани молҳои ғайрианъанавӣ мебошад. Дар байни масъалаҳои мураккаби дигар - афзоиши ҳаҷми маблағҳои қарзи хориҷӣ, «фирори маблағҳо» ва ғ. низ ҳалли худро тақозо доранд. Модели нави рушд дар Чилӣ, Колумбия, Перу ва Боливия бомуваффақият амалӣ карда мешавад.

Дар иқтисодиёти минтақа нақши муҳимро тибқи анъана истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ мебозад. Қаҳва, какао, ғалла, гӯшт содир карда мешавад. Саноати истихроҷ бозорҳои дохилӣ ва хориҷиро бо миқдори зиёди ашёи хом, махсусан нафт. маъданҳои металдор ва ғайра таъмин менамояд. Ҳамзамон, тибқи таҳқиқоти

муҳаққиқон то 40 дарсади ММД мамлакатҳои америкаи Ҷанубиро иқтисоди соягӣ ташкил медиҳад.

Мамлакатҳои Конуси Ҷанубӣ, ки аз мегаблокҳои иқтисодии ташаккулёфта дур афтодаанд, кӯшиш мекунанд созмонҳои худро таъсис бидиҳанд. Дар солҳои 90-уми асри XX чаҳор мамлакат (Бразилия, Аргентина, Уругвай, ва Парагвай) Шартнома дар бораи бозори умумии кишваҳои Конуси Ҷанубиро ба имзо расониданд, зеро иттифоқҳо ва ассотсиатсияҳои минтақавии қаблан созмондодашуда корношоямии худро нишон медоданд. Агар сухан дар бораи иттифоқҳои сиёсӣ равад (мисли Созмони давлатҳои америкоӣ), нақши онҳо дар инкишофи равандҳои музофотизмӣ иқтисодӣ дар таблиғи бартарияти ҳукмронии мақомоти байналхалқии иқтисодӣ равшантар мегардад.

Дар оғози асри XX1 алоқаҳои дохилии иқтисодии мамлакатҳои Америкаи Ҷанубӣ асосан дар сарҳадҳои се ташкилоти иқтисодӣ таҷаммӯъ ёфтаанд: Ассотсиатсияи ҳамгироии Америкаи Лотинӣ, ки ба он Аргентина, Боливия, Бразилия, Венесуэла, Парагвай, Уругвай ва Чилӣ шомиланд. МЕРКОСУР, ки ба он ба сифати узв қариб ҳамаи (ба истисноИ Гайана ва Сурина) мамлакамтои Америкаи Ҷанубӣ дохил мешаванд. Дар инҷо ҳаракатдиҳандаи (генератори) алоқаҳои иқтисодӣ Бразилия ҳисобида мешавад.

Алоқаҳои хориҷӣ дар самтҳои гуногун инкишоф меёбанд. Тибқи анъана мамлакатҳои Америкаи Ҷанубӣ ҳамчун манбаъи ашёи хом (заёда аз 40 дарсади ҳаҷми содирот ва воридот) побанди иқтисодиёти ИМА ҳастанд. Алоқаҳои иқтисодӣ, тиҷоратӣ ва илмию техникӣ бо Европа босуръат рушд мекунанд. Савдо бо ИДМ хеле кам аст.

**Ҷумҳурии Федеративии Бразилия.** Беш аз се аср ҳудуди Бразилия мустамликаи Португалия буд. Истиқлолияти мамлакат соли 1822 эълон гардид. Бразилияи муасир аз рӯи масоҳат ва шумораи аҳолӣ дар ҷаҳон ҷои панҷумро мегирад. Аз рӯи дарозии сарҳад, ҳамчунин аз рӯи шумораи давлатҳои ҳамсоя фақат аз Хитой ва Россия қафо меистад. Иқтидори бузурги Бразилия ин давлатро ба яке аз марказҳои хоҷагидории ҷаҳонӣ табдил дода истодааст.

Ҳудуди васеъи Бразилия дорои шароит ва захираҳои гуногуни табиӣ мебошад. Аз рӯи захираҳои маъданҳои оҳан ва магандор, хромитҳо, бериллий, ниобий, сирконий ва слюда мамлакат дар сарзамин ҷои аввалро ишғол менамояд, аз рӯи захираҳои титан, кобалт, волфрам, намакҳои калийдор, асбест, графит ва талк дар ҷои дуюм меистад. Дар Бразилия ҳамчунин никел, мисс, бокситҳо, литий, уран, тилло, фосфоритҳо, слюда, ангиштсанг ва канданиҳои фоиданоки дигар мавҷуданд. Захираҳои ҷангал ва об ниҳоят бузурганд. Вале эҳтиёҷ ба навъҳои асосии сӯзишворӣ ҳис карда мешавад.

Аҳолии мамлакат босуръат афзоиш меёбад. Миллати бразил аз авлоди европоиҳо (55 дарсад), мулатҳо (40 дарсад) ва авлоди африкоиҳою ҳиндиҳо таркиб ёфтааст. Ҷойгиршавии аҳолӣ нобаробар мебошад. Тақрибан нисфи аҳолии мамлакат дар минтақаи борики соҳили Атлантака, ки камтар аз 10 дарсади масоҳати кишварро ташкил медиҳад, маскун шудаанд. Дар инҷо шаҳрҳои калонтарини Бразилия – Сан-Паулу, Рио-де-Жанейро, Салвадор, Белу-Оризонтӣ ва ғ. ҷойгир шудаанд.

Аз нигоҳи маъмурӣ Бразилия ба 23 иёлат, 3 ҳудуд ва округи федералии пойтахт тақсим карда мешавад. Калонтаринҳои онҳо аз рӯи масоҳат Амазонас (қариб 1,5 миллион километри мураббаъ), Пара (зиёда аз 1,2 млн км мураббаъ), Мату-Гросу (900 ҳазор км мураббаъ); аз рӯи шумораи аҳолӣ Сан-Паулу (32 млн нафар), Минас-Жерайс (16 млн), Рио-де-Жанейро (13 млн), Баия (12 млн) мебошанд.

Бразилияи муосир аз рӯи ҳаҷми умумии рушди хоҷагидорӣ дар байни давлатҳои Америкаи Лотинӣ пешсаф аст ва ба қатори даҳ кишвари аз ҳама пешқадами дунё дохил мешавад. Мавқеи Бразилия на фақат дар саноати истихроҷ, балки дар саноати коркард низ мустаҳкам мебошад. Нишондиҳандаҳои соҳаи кишоварзӣ ҳайратангезанд. Алоқаҳои берунии иқтисодӣ сол то сол густариш пайдо мекунанд.

Дар Бразилия даҳҳо навъи ашёи хом истихроҷ карда мешавад. Аз рӯи истихроҷи баъзе аз онҳо мамлакат дар ҷаҳон яке аз пешсафҳост ва ё аз ҳама калонтарин истеҳсолкунанда ба шумор меравад. Дар ҷои аввал маъдани оҳандор, бокситҳо, руҳ (конҳо дар иёлоти Минас-Жерайс, Пара ва Параиба) ва ниобий (Минас-Жерайс) меистанд.

Асоси хоҷагидории энергетикии мамлакатро НБО-и дар ҷаҳон калонтарини *Итайпу* бо иқтидори 12,6 мли кВт, ки дар сарҳад бо Парагвай дар дарёи Парана сохта шудааст ва НБА-и Ангра, ки дар ноҳияи Рио-де-Жанейро ҷойгир аст, ташкил медиҳанд. Дар мувозинаи сӯзишворию энергетикӣ дар баробари гидроэнергетика ҳиссаи нафту гази табиӣ ҳам ҳаст, ҳамчунин маҳсулоти (пояи) найшакар ва ҳезум аҳамияти худро гум накардаанд.

Бразилия иқтидорҳои бузург оид ба истеҳсоли чӯян, пӯлод, алюминий ва металлҳои рангаи дигар дорад. Корхонаҳои калони металлургии бо сикли пурра коркунанда ва заводҳои пӯлодгудозӣ дар Волта-Редонде (иёлати Рио-де-Жанейро), Тубаран – бандари асосии хурӯҷи маъдани оҳандор, Пиасагар (Сан-Паулу), Итабир (Минас-Жерайс) фаъолият мекунанд. Азхудкунии васеъ ва истихроҷи захираҳои маъданҳои оҳану манган мисдор ва бокситҳо дар музофоти васеъи саноатию кӯҳкории Каражас дар иёлати Пара ба роҳ монда шудааст.

Дар байни соҳаҳои муосири саноати коркард, мошинсозӣ (автомобилсозӣ, дастгоҳсозӣ, киштисозӣ, электротехникӣ, радиотехникӣ ва электронӣ, ҳатто авиатсионӣ), химия, саноти сабук ва хӯрокворро зикр намудан лозим аст. Истеҳсоли бисёр навъҳои маҳсулоти тайёр дар марказҳои муҳими саноатии мамлакат, асосан дар Сан-Паулу ва Рио-де-Жанейро ба роҳ монда шудааст. Миқдори зиёди маҳсулоти ин соҳаҳо ба хориҷа содир карда мешавад.

Дар хоҷагии қишлоқи Бразилия уклади ҳозиразамони сармоядорӣ бартарият дорад, вале латифундияҳои калон (анбӯҳи бешумори деҳқонони безамин) нигоҳ дошта мешаванд. Бахши аграрӣ дар маҷмӯъ беш аз 1/3 ҳамаи содироти маҳсулоти кишварро таъмин менамояд. Рустанипарварӣ соҳаи пешқадами кишоварзӣ ба шумор меравад. Зироатҳои асосии содиротӣ қаҳва, какао, найшакар, банан ва меваҳои ситрусӣ мебошанд. Қаҳва муҳимтарин зироати плантатсиягӣ буда, асосан дар иёлоти Парана. Сан-Паулу, Минас-Жерайс ва Эспириту-Санту киштукор карда мешавад. Зироатҳои анъанавии плантатсиягӣ пахта ва найшакарро ҳам дар ҷанубу шарқ ва ҳам дар шимолу шарқи кишвар парвариш мекунанд. Шолӣ ҳам, ки дар ҷануби мамлакат парвариш карда мешавад, зироати содиротӣ ба шумор меравад.Зироатҳои асосии хӯрокворӣ ҷуворимакка, гандум, ҷав, маниок ва ғ. мебошад. Чорводорӣ аслан барои истеҳсоли гӯшт нигаронида шудааст ва дар заминаи чарогоҳҳо табиии ҷануб ва қисмати марказии суфакӯҳи Бразилия тараққӣ мекунад.

Дар соҳаи нақлиёти кишвар нақлиёти автомобилӣ бартарият дорад. Муҳимтарин шоҳроҳҳои мошингарди Бразилия инҳоанд: Рио-де-Жанейро – Салвадор, Рио-де-Жанейро –Бразилиа, Бразилиа – Белен ва шоҳроҳи арзии Трансамазония, ки аз шимолу шарқи кишвар сар шуда дар сарҳади Перу тамом мешавад. Дар алоқаҳои беруна саҳми нақлиёти баҳрӣ ва ҳавоӣ зиёд аст.

Шарикони асосии иқтисодии Бразилия ИМА, мамлакатҳои ИА, Япония ва мамлакатҳои ҳамсояи МЕРКОСУР шуморида мешаванд. Алоқаҳои тиҷоратӣ бо ИДМ васеъ мешавад.

Ҳудуди Бразилия ба панҷ ноҳияи иқтисодӣ тақсим карда мешавад (расми 10.3). Дар сетои он (Ҷанубу Шарқӣ, Шимолу Шарқӣ, ва Ҷанубӣ) аксарияти аҳолӣ ва иқтидори иктисодии кишвар ҷой гирифтаанд. Бинобар ин, вазифаи асосии сиёсати музофотии Бразилия азхудкунии хоҷагидороии ноҳияҳои дохилӣ, пеш аз ҳама Амазония – анбори табиии пур аз ганҷи ҷаҳон мебошад. Дар Бразилия музофоти озоди иқтисодии Манаус (маркази маъмурии иёлати *Амазония*)фаъолият мекунад. Дар онҷо воридот ва содироти бепошлина ба роҳ андохта шуда, ҳамчунин интиқол ва дигар амалиёт бо дарбар гирифтани савдои яклухт ва чакана аз андоз озоданд. Музофотҳои озоди Макапа ва Сантана низ тараққӣ карда истодаанд.

### Саволҳо ва супоришҳои санҷишӣ

1. *Ҳангоми сарзаминбандии муфассали Америкаи Ҷанубӣ Бразилия ҳатман ҳамчун сарзамини хос ҳисобида мешавад, ки на ба мамлакатҳои Лаплат, на ба мамлакатҳои Секунҷаи Гвиана тааллуқ дорад. Ин гуна муносибатро бо далелҳо исбот намоед.*
2. *Суринам дар гузашта мустамликаи кадом давлат буд?*
3. *Хусусиятҳои иҷтимоӣ ва иқтисодию географии мамлакатҳои Америкаи Ҷанубӣ дар чист?*
4. *Бразилия, Венесуэла, Аргентина, Эквадор дар тақсимоти байналхалқии меҳнат чӣ ҷойгоҳ доранд?*
5. *Дар байни Британияи Кабир ва Аргентина кадом коллизияи геополитикӣ вуҷуд дорад?*

# *Б О Б И 11*
# Австралия ва Океания

## 11.1 Иттиҳоди Австралия

**Ҳудуд ва муҳити табиӣ.** Австралия ҳам ба мисли Зеландияи Нав дар ҳақиқат дар канораи географии дунё ҷойгир аст, вале ин нуктаро дар хусуси нақши онҳо дар иқтисодиёти ҷаҳонӣ гуфтан мумкин нест (ҷадвали 24).

***Ҷадвали № 27.***

**Иттиҳоди Австралия ва Зеландияи Нав: бонки маълумоти оморӣ**

| **Мамлакат** | **Масоҳат ҳаз. км²** | **Аҳолӣ млн. нафар** | **Афзоиши табии, %** | **Давомноки и умр, сол** | | **Истеъмол и ккал/ шабонарӯз** | **ММД** | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | **мардҳо** | **занҳо** | | **Умумӣ, млрд долл.** | **Ба сари ҳар 1 сокин** |
| Австралия | 7692,0 | 20,1 | 0,9 | 77 | 82 | 3149,6 | 642,1 | 32000 |
| Зеландияи Нав | 270,0 | 4,0 | 1,0 | 76 | 81 | 3151,8 | 97,6 | 24200 |

Ин мамлакатҳоро дар аксари маврид таърихи ташаккул ва мақоми имрӯзаи давлатию сиёсиашон муттаҳид менамояд. Онҳо ҳамчун *мулкҳои муҳоҷирони Британияи Кабир* ташаккул ёфта, аҳолиашон низ асосан ҳамин муҳоҷирин буданд. Дар оғози асри Х1Х мустамликаҳо дар федератсия муттаҳид шуданд, баъд аз сад сол мақоми доминион ва мустақилияти пурра дар ҳайати Иттиҳоди Британияро соҳиб гаштанд. Австралияи имрӯза мамлакати тараққикардаи индустриалию аграрӣ,

шарики фаъоли муносибатҳои байналхалқии иқтисодӣ ва сиёсӣ, яке аз марказҳои ҷаҳонии таъминкунандаи ашёи хоми минералӣ ба ҳисоб меравад. Зимнан бояд зикр намуд, ки вобастагии анъанавӣ аз Британияи Кабир имрӯз бисёре аз австралиягиҳоро қонеъ намекунад.

Австралия давлате мебошад, ки як қитъаи том, ҷазираи *Тасмания* ва ҳамчунин як қатор ҷазираҳои майдаро ишғол намудааст. Номи расмии он *Иттиҳоди Австралия* буда, ишораест ба сохтори федеративии мамлакат. Ба Иттиҳод 6 иёлат дохил мешавад: Уэлси Нави Ҷанубӣ, Виктория, Австралияи Ҷанубӣ, Квинсленд, Австралияи Ғарбӣ ва Тасмания ва ҳамчунин ду марз: марзи Шимолӣ ва марзи пойтахт (ғайр аз ин, пойтахти мамлакат Канберра воҳиди махсуси маъмуриро ташкил медиҳад). Аз рӯи нишондиҳандаҳои бисёри иқтисодӣ (пеш аз ҳама ҳаҷми ММД ва андозаи он ба саршумори аҳолӣ) Австралия ба қатори давлатҳои хеле тараққикардаи дунё дохил мешавад. *Зеландияи Нав* (ки ба мамлакатҳои Океания тааллуқ дорад) ҳам давлати дорои иқтисоди бозории рушдкарда ба ҳисоб меравад ва асосан дар ду ҷазира – *Шимолӣ* ва *Ҷанубӣ,* ки *гулӯгоҳи Кук* онҳоро аз ҳам ҷудо менамояд, ҷойгир шудааст. Австралия ягона давлати ҷаҳон мебошад, ки ҳудуди як қитъаи пурраро ишғол намудааст, бинобар ин, фақат сарҳадҳои баҳрӣ дораду бас. Ҳудуди он аз қитъаҳои дигар, бозорҳои бузурги ашёи хом ва фурӯши маҳсулот ҷудо мебошад. Яке аз омилҳои муҳими *мавқеи географии* Австралия наздикии нисбии он бо мамлакатҳои муназзам тараққикунандаи минтақаи Осиёю уқёнуси Ҳинд ба шумор меравад.

Австралия *ҳамвортарин қитъаи* рӯи замин шинохта шудааст. Кӯҳҳо ва баландиҳо фақат 5 дарсади масоҳати онро ишғол менамоянд, боқимонда ҳамаро биёбонҳо ва нимбиёбонҳои алафзор ва бешазор пӯшонида ташкил медиҳанд. Қитъаи Австралия, ки асосан дар арзҳои тропикӣ ва субтропикӣ ҷойгир шуда, резиши (радиатсияи) нурҳои офтоб хеле баланд мебошад, басо камбориш, гарм мешавад. Таъсири баҳрҳо ба ноҳияҳои дохилии Австралия хеле ночиз мебошад. Бинобар ин, иқлими қисмати калони ҳудуди Австралия бо камнамии баланд фарқ мекунад. Австралия хушктарин қитъаи рӯи замин мебошад. Фақат дар шимол ва шимолу шарқи қитъа боришоти бештар ба мушоҳида мерасанд. Ноҳияҳои наздисоҳилии ҳамвориҳо ва доманаҳои шарқии қаторкӯҳи Калони Обтақсимкунанда ва ҳамчунин ҷазираи Тасмания намнокии хуб доранд.

Иқлими хушк, боришоти ночиз ва нобаробар тақсимшудани он дар қисмати калони қитъа бо он оварда расонидаанд, ки 60 дарсади ҳудуди он ягон ҷараёни об ба уқёнус надорад ва фақат шабакаи маҳдуд ва муваққатии ҷараёни об мавҷуданд. Дар ягон қитъаи дигар, чун дар Австралия, шабакаи суст рушкардаи обҳои дохилӣ вуҷуд надорад.

Шароити нисбатан якхелаи табиии қитъаи Австралия вобаста ба андозаҳои на он қадар калони он, гуногунии ночизи сохти гелогӣ ва релйеф ва ҳамчунин ҷойгиршавии қисмати бузурги он дар минтақаҳои тропикӣ ва субтропикӣ сабаби тафовутҳои (дифференсиатсияи) на он қадар равшани табиӣ нисбат ба қитъаҳои маскуншуда гардидаанд.

Дар ҳудуди Австралия вобаста ба махсусиятҳои релйеф ва тағйирёбии шароити минтақавию иқлимӣ вилоятҳои табиию географии зеринро ҷудо кардан мумкин аст:

1) *Австралияи Шимолӣ,* ки се нимҷазираи шарқӣ – *Кейп-Йорк, Арнхемленд* ва *Кимберлӣ (Тасманленд)* ва ҳамчунин қисматҳои ҷанубии ба он часпидаи қитъаро дарбар мегирад (то 18° – а. ҷ.);

2) Вилояти *Австралия Шарқӣ,* ки соҳилҳои шарқии қитъа ва кӯҳҳои Австралияи Шарқиро ишғол менамояд;

3) *Ҳамвориҳои Марказӣ,* ки сарҳадашон дар шарқ қад-қади доманаҳои кӯҳҳои Австралияи Шарқӣ, дар ғарб аз канораҳои шарқии суфакӯҳи Австралияи Ғарбӣ мегузаранд ва дар шимол бо ноҳияҳои на он қадар баланди суфакӯҳ, ки обтақсимкунаки байни ҳавзаҳои халиҷи *Карпентария* ва кӯли *Эйр* мегузарад, иҳота кардааст;

4) С*уфакӯҳҳо ва кӯҳҳои Австралияи Ғарбӣ* – ноҳияи хеле калон, ки дар шимол бо ноҳияи Австралияи Шимолӣ, дар шарқ бо ҳамвориҳои Марказӣ, дар шимолу ғарб ва ҷануб бо соҳилҳои укёнуси Ҳинд ҳамсарҳад аст (аз рӯи мавқеи минтақавӣ ва шароити табиӣ ин ноҳияро метавон бо Саҳрои Кабир муқоиса кард);

5) Вилояти *Ҷануби* «ҷойгиршаванда» дар минтақаи хурди соҳили укёнуси Ҳинд, дар шарқи халиҷи Калони Австралия, ки бо шароити табиии худ аз вилоятҳои ҳамсоя фарқ мекунад;

6) Вилояти *Ҷанубу Ғарб* аз се тараф обҳои укёнуси Ҳинд мешӯянд ва бо ҳамвории Австралияи Ғарбӣ ҳамсарҳад аст (аз рӯи шароити табиӣ бо вилояти Ҷанубӣ наздик мебошад);

7) Ҷ*азираи Тасмания* – вилояти алоҳидаи табиию географӣ дар сарҳадҳои минтақаҳои субтропикӣ ва мӯътадили нимкураи Ҷанубӣ воқеъ гаштааст.

Хусусияти фарққунандаи табиати Австралия *эндемикӣ* будани олами зиндаи он аст. Австралия мамлакат – паноҳгоҳе мебошад, ки то ҳанӯз дар он рустанӣ ва ҳайвоноти «кайҳо аз байн рафта» нигоҳ дошта шудааст. Мустамликадорони аввалин дар онҷо олами набототи монанд ба Европаро пайдо накарданд. Минбаъд ба Австралия намуду навъҳои европоӣ ва дигар қитъаҳо дарахтон, буттаҳо ва алафҳоро оварданд. Дар инҷо токи ангур, пахта, гандум, ҷав, шолӣ, ҷуворимакка, сабзавот, дарахтони бисёри мевадор ва ғ. нағз мутобиқ шуданд.

Австралия дорои канданиҳои фоиданоки мухталиф мебошад. Он яке аз мамлакатҳои аз нигоҳи захираҳои минералӣ бойи ҷаҳон ба шумор меравад. Кашфи захираҳои нави минералӣ дар даҳсолаи охир мамлакатро аз рӯи захира ва истихроҷи канданиҳои фоиданоку чун ангиштсанг, уран, маъданҳои оҳан, марганетс, мис, боксидҳо, никел, тилло, нуқра, алмос, кобалт, тантал ва ғ. ба яке аз ҷойҳои аввал баровард. Таҳқиқоти геологӣ исбот намуданд, ки дар қаъри замини қитъаи Австралия ва дар тунукобаи соҳилҳои он конҳои калони нафту гази табиӣ мавҷуданд.

Дар зери замини биёбон ва нимбиёбонҳои қитъа, дар чуқуриҳои аз 20 то 200 метр захираҳои бузурги обҳои гарм ва маъдандорӣ дараҷаи аъло ошкор карда шудаанд, ки метавон барои эҳтиёҷоти хоҷагидорӣ ва ғ. истифода кард.

**Аҳолӣ.** Мустамликакунонии Австралия аз тарафи европоиён бо сафарҳои баҳрии Ҷ. Кук шурӯъ гардид. Ӯ дар соли 1770 соҳилҳои шарқии қитъаро таҳқиқ карда, онро мулки Британия эълом намуд. Муҳоҷирони аввалин 850 бадарғашуда ва 200 сарбозу афсар буданд, ки моҳи майи соли 1787 аз Англия баромада, 26 январи соли 1788 ба соҳилҳои шарқии Австралия расиданд (аз ҳамон сол сар карда ин санаро ҳамчун Рӯзи миллӣ таҷлил менамоянд). Онҳо аввалин мавзеъи маскунии европоиро бунёд ва номашро Сидней (ба шарафи вазири ҳамонвақтаи мустамликаҳои Англия) ниҳоданд. Дар даҳсолаҳои минбаъда аз Англия ба Австралия қариб 160 ҳазор бадарғашуда ва садҳо мустамликакунандагони озод оварда шуданд, ки сокини ин сарзаминҳои дур гаштанд.

Мавҷудияти чарогоҳҳо ва марғзорони сералаф дар шарқи қаторкӯҳи Калони Обтақсимкунанда ба пайдоиши фермаҳои калони чорводорӣ сабаб гардиданд. Ҳукуматдорон барои бо қувваи корӣ таъмин намудани онҳо муҳоҷирати озод аз метрополия (Англия) ба Австралияро эълон карданд. Кашфи конҳои тилло дар ҷанубу шарқ ва ғарби қитъа дар солҳои 50-уми асри X1X мавҷҳои нави муҳоҷират ба

Австралияро аз тамоми ҷаҳон ба вуҷуд овард. Дар натиҷа афзоиши аҳолии мустамлика суръат гирифт. Дар авали асри XX дар Иттиҳоди Австралия қариб 3,8 миллион одам зиндагӣ мекард. Дар давоми сад сол шумораи аҳолӣ афзуда, ҳоло беш аз 20 миллионро ташкил медиҳад.

Қариб 77 дарсади аҳолии имрӯзаи Австралия авлоди муҳоҷирон аз ҷазираҳри Британӣ мебошанд, ки миллати англо-австралиро ба вуҷуд овардаанд. Боқимонда муҳоҷирини мамлакатҳои Европа ва дар солҳои охир муҳоҷирон аз давлатҳои Осиёӣ мебошанд. Дар мамлакат зиёда аз 200 ҳазор нафар аз ҷумҳуриҳои собиқи шӯравӣ, аз ҷумла даҳҳо ҳазор русҳо зиндагӣ мекунанд. Аҳолии бумӣ – аборигенҳо – танҳо 1,2 дарсади аҳолии Австралияро ташкил медиҳанд.

Нақши аҳолии бумии қитъаи Австралия дар ҷараёни рушди иҷтимоию иқтисодии давлат, бо дарбар гирифтани аҳолии ҷазираҳои *халиҷи Торрес* (дар ин ҷазираҳои мутааллиқ ба Австралия қариб 7 ҳазор одами мансуб ба гурӯҳи халқҳои меланезӣ мезиянд), ҳамчун музофоти хурд боқӣ мондааст (махсусан дар қисмати ҷанубу шарқӣ). Аҳолии бумии баъд аз қатли ом зиндамонда аз маҳалҳои зисташон ронда шуданд, ё дар биёбонҳо барои зиндагӣ на он қадар мувофиқ маскан гузиданд, ё дар резерватсияҳо ҷо карда шуданд.

Дар охири асри X1X шумораи зиёди аборигенҳоро дар заминҳои хушк (*Квинсленд, марзи Шимолӣ, марзи Ғарбӣ)* маскун карданд. Дар миёнаи солҳои 60-ум, вақте ки аксари маҳдудиятҳои нажодпарастона мансух ва аборигенҳо «шаҳрвандони Австралия» эълон карда шуданд, ҳазорон-ҳазор нафари онҳо барои ба даст даровардани қути лоямут рӯ ба Сидней, Мелбурн, Брисбен оварданд. Дар канораҳои шаҳрҳои калонтарин геттоҳои сегрегитатсияшудаи аҳолии бумии Австралия ба вуҷуд омаданд.

Имрӯз ҳарчанд ҷараёни мураккаби дарки манфиатҳои умумии худ аз тарафи аборигенҳо ва консолидатсияи ҷамоатҳои бешумори онҳо ба аққалияти миллӣ ба амал омада истодаанд, вале дар бораи мавҷудияти «монандии хоси музофотӣ» -и онҳо сухан гуфтан барвақт аст, зеро фарқияти забонӣ, тасаввуроти динӣ, дараҷаи рушди ҷамоатҳо ва ғ. калон мебошад.

Дар робита ба ин, омили аҳолии бумӣ на дар ташкили мустамликаҳои аввалин, на дар муттаҳид намудани онҳо дар федератсия, на дар ташаккули сохтори муосири сиёсию маъмурӣ ва ноҳияҳои иқтисодӣ амалан нақше надоштааст. Ва фақат дар даҳсолаҳои охир вобаста ба талаботи беохири аборигенҳо дар бораи эътирофи ҳуқуқи онҳо ба «замини бобоӣ» ҳукумати Австралияи Ҷанубӣ (нисбат ба мавқеи беамони ҳукуматҳои Австралияи Ғарбӣ ва Квинсленд) нахустин муоҳидаро дар таърихи кишвар бо аҳолии бумии қавмияти *питдчантдчатдчара* ба имзо расонд, ки тибқи он даҳяки ҳудуди иёлат (масоҳати баробар бо Австрия ва Венгрия) «моликияти ҷудонашаванда»-и аборигенҳо дониста мешавад. Вале, дар гумон аст, ки вобаста ба ин, майлонҳои эҳтимолии музофотизм мисли ташкили хоҷагиҳои кооперативии чорводории қавмияти *юнгнгора* дар Нунканбе (дар шимолу ғарби Австралия) аз ҳад зиёд баҳогузорӣ карда шавад.

Аз тамоми сарзаминҳои калони ҷаҳон *зичии аҳолӣ* дар Австралия *аз ҳама камтар* мебошад. Бо вуҷуди ин, фарқияти маскуншавӣ дар ҳудуди қитъа хеле бузург аст. Тақрибан 1/4 масоҳати мамлакат маскуншуда азхудкардашуда мебошад, ки барои ин корҳо заминаҳои табиӣ доранд: Ҷанубу Шарқ, Шимолу Шарқ ва Ҷанубу Ғарб. Дар инҷо зиёда аз 80 дарсади аҳолӣ зиндагӣ мекунанд. Ва дар ҳаминҷо аксарияти шаҳрҳои Австралия ҷойгиранд, аз ҷумла шаҳрҳои калонтарин –Сидней (4 миллион нафар), Мелбурн (3,5 миллион), Брисбен (1,4 миллион), Перт (1,2 миллион), Аделаида (1,1 миллион). Дараҷаи умумии шаҳрнишинӣ дар Австралия хеле баланд мебошад (85 дарсад).

Ноҳияҳои дохилӣ камодаманд. Аҳолӣ дар онҷо дар фермаҳои дурдаст, ки аз ҳамдигар дар масофаи даҳҳо ва садҳо километр ҷойгиранд, зиндагӣ мекунанд. Дар баъзе ноҳияҳо шаҳракҳои хурд вомехӯранд, ки аҳолӣ дар корхонаҳои коркарди аввалияи маҳсулоти кишоварзӣ ва ё ашёи хоми минералӣ кор мекунанд.

**Давлат.** Австралия сохти федеративии парламентӣ дорад ва чӣ хеле ки дар боло қайд кардем, аз 6 иёлат ва 2 марз иборат мебошад.

Иттиҳоди Австралия 1 январи соли 1901 бо роҳи дар асосҳои федеративӣ муттаҳид намудани шаш мустамликаи худидораи британӣ, ки ба иёлоти давлати нав табдил ёфтанд, ташкил карда шудааст. Марзҳои алоҳида – Шимолӣ ва пойтахт, ки тибқи анъана ба ҳукумати миллии Иттиҳод тобеъ буданд, ҳоло ваколатҳои баробар бо ҳукуматҳои иёлотро соҳибанд. Ниҳодҳои қонунгузор, ҳукуматҳои судӣ ва иҷроияи ҳукумати федералии Иттиҳод дар пойтахти кишвар фаъолият мекунанд. Системаи федеративӣ, ба монанди модели парламентии британӣ, бо ниҳодҳои парламентӣ якҷоя амал менамояд.

*Канберра* маркази сиёсӣ, илмӣ ва фарҳангии давлат мебошад. Канберра якҷоя бо канораҳои шаҳр марзи пойтахти Австралияро ташкил медиҳад, ки воҳиди мустақили маъмурӣ ба ҳисоб меравад. Шумораи аҳолии Канберра зиёда аз 350 ҳазор мебошад.

Австралия ба ҳайати Иттиҳод дохил мешавад ва сарвари давлат шоҳи британӣ мебошад. Намояндаи шоҳ генерал - губернатор мебошад, ки бо тавсияи ҳукумати Австралия таъин карда мешавад. Тибқи қоидаи қатъӣ, ки асоси системаи парламентӣ ба ҳисоб меравад, ин роҳбари номиналии давлат (яъне генерал-губернатор) дар зери назорати ҳукумат, аз ҷумла сарвазир фаъолият мекунад. Сарвазир, аз рӯи анъана, пешвои ҳизби аксарияти парламент мебошад.

Амалкарди сиёсати хориҷии Австралия дар замони навтарин, аз рӯи қоида, дар мутобиқат бо мавқеи Британияи Кабир ва аз нимаи дуюми асри бист бо ИМА муайян карда мешавад. Австралия дар иттиҳод бо Британияи Кабир дар Ҷанги якуми ҷаҳонӣ (1914-1918) ва дар ҷанги Дуюми ҷаҳонӣ (1939-1945) иштирок кардааст. Ҳодисаҳои ҷанги Дуюми ҷаҳонӣ дар укёнуси Ором Австралияро бо ИМА наздиктар сохт. Баъд аз анҷоми ҷанг Артиши Австралия ҳамроҳи қӯшунҳои ИМА дар нимҷазираи Корея (1950-1953) ва дар Ветнам (1966-1972) ҷангиданд. Австралиягиҳо дар ҷанги халиҷи Форс (1991-1992), дар миссияи сулҳофаринӣ дар Сомалӣ (1992) ва дар тасарруфи Ироқ (2003) ба америкоиҳо кумак карданд.

Асоси амалкарди сиёсати хориҷии имрӯзаи Австралия нигоҳ доштани мувозинати наздикӣ бо мамлакатҳои минтақаи Осиёю укёнуси Ҳинд ва бартарияти самтгирии сиёсии Америкаю Британияи Кабир мебошад.

**Иқтисодиёт ва фарқияти дохилии Австралия.** Дар хоҷагидории мамлакат нақши калидӣ ба саноати истихроҷи кӯҳӣ ва кишоварзӣ тааллуқ дорад. Тафовути куллии Австралия аз дигар давлатҳои аз ҷиҳати саноатӣ тараққикарда ҳам дар ҳамин аст ва онро аз баъзе ҷиҳатҳо бо Канада наздик мекунад. Аз рӯи истихроҷи як қатор маъданҳои металлдор (маъданҳои оҳандор, руҳ ва ғ) Австралия дар ҷаҳон пешсаф аст.

**Саноати истихроҷи кӯҳӣ.** Австралия аз нигоҳи таҷҳизоти аълои техникӣ, ҳаҷмҳои бузурги истихроҷи канданиҳои фоиданоки мухталиф ва содироти зиёди онҳо фарқ карда меистад. Мамлакат дар истихроҷи бокситҳо, қалъаги, алмос дар ҷаҳон ҷои аввал, маъданҳои оҳан ва уран ҷои дуюм, никел ва тилло ҷои сеюмро ишғол менамояд. Ҳамчунин аз рӯи истихроҷи ангиштсанг, манган, нуқра, мис ва руҳ дар яке аз ҷойҳои аввал меистад. Сӯзишворӣ ва ашёи хоми Австралия асосан ба Япония, ИМА ва Европаи Ғарбӣ содир карда мешавад. Захираҳои нафт ва гази табиӣ эҳтиёҷоти дохилиро таъмин менамоянд.

Ноҳияҳои маъмулии саноати истихроҷи кӯҳӣ, ки аҳамияти худро то ҳол гум накардаанд, дар ҷанубу шарқ ва ҷануби мамлакат дар иёлоти Уэлси Нави Ҷанубӣ ва Австралияи Ҷанубӣ ҷойгиранд. Дар инҷо ангиштсанг (ноҳияи Сидней – Нюкасл), руҳу синк (Брюккен – Хилл) ва маъданҳои оҳандор (Айрон – Ноб) истеҳсол мекунанд. *Маунт – Айза* (иёлати Квинсленд) низ ҳамчун маркази истихроҷи кӯҳӣ машҳур аст, ки аз нисф зиёди миси Австралия дар инҷо истеҳсол карда мешавад. Истихроҷи тилло дар ҷануби Австралияи Ғарбӣ (Калгурлӣ) ба роҳ монда шудааст.

Ноҳияҳои навазхудшавандаи захираҳои минералии Австралия дар айни замон дар шимол ва ғарби мамлакат ҷойгиранд. Инҳо ҳавзаҳои ангиштсанг ва конҳои маъданҳои мис дар ноҳияи Гладстон, конҳои маъданҳои кобалт ва никел дар Таунсвилле (иёлати Квинсленд), маъданҳои мису висмут ва тилло дар Таннант-Крик (марзи Шимолӣ) мебошанд. Кони дар ҷаҳон калонтарини бокситҳои аълодараҷа дар нимҷазираи Кейп-Йорк дар Уейп ҷойгир шудааст. Дар инҷо аксаран аз бокситҳо гилхок истеҳсол менамоянд, ки як қисми он ба корхонаи гилхоки Гладстон фиристода мешавад ва ё содир карда мешавад. Истеҳсоли маъданҳои манган дар ҷазираи Грут-Айленд дар халиҷи Карпентария, ки бандари азим дорад, ба роҳ монда шудааст.

Дар ноҳияи маркази маъмурии марзи Шимолӣ (Дарвин) иктишофи конҳои маъданҳои урандор ба итмом расидааст. Амалан тамоми захираҳои ин навъи ашёи хоми мамлакат дар ҳаминҷо мавҷуданд.

Дар шимоли иёлати Австралияи Ғарбӣ коркарди конҳои навкашфшудаи алмос идома дорад. Соҳаҳои дигари саноати Австралияи Ғарбӣ истихроҷ ва коркарди маъданҳои никелдор дар ҷануби иёлат (Камбалда – Калгурлӣ – Куинана) ва маъданҳои оҳандор дар шимолу ғарб (ҳавзаи Хамерслӣ ё Пилбар) мебошанд, ки аз онҷо ба воситаи Порт-Хедленд ва Дампир ашёи хом ба Япония ва дигар мамлакатҳо содир карда мешавад.

Дар истихроҷи нафт ва гази табиӣ нақши асосиро тунукобаи континенталӣ дар халиҷи Басов ва дар шимолу ғарб дар ҷазираи Барроу мебозанд. Дурнамоҳои ҳавзаи дуюм пеш аз ҳама вобаста ба коркарди гази табиӣ, ки аллакай ба миқдори муайян дар шакли гази моеъ ба Япония содир карда мешавад, вобаста мебошад.

Австралия ҳамчунин аз рӯи истихроҷи сангҳои қиматбаҳо (ороишӣ) ба мисли сапфир ва опал дар ҷаҳон яке аз ҷойҳои аввалинро ишғол менамояд.

Австралия ҳамчун намуна исбот менамояд, ки махсусгардонии истихроҷи ашёи хом нишонаи ақибмонӣ нест. Муҳим аст, ки Австралия соҳаҳои аълодараҷаи саноати коркард (мошинсозӣ, электроника ва электротехника, истеҳсоли агротехника ва ғ.) дорад, ки маҳсулоти он аз рӯи арзиш аздусар аз маҳсулоти истихроҷшаванда камтар нест. Пойтахт як навъ ба худ хоси саноати истихроҷи кӯҳӣ шаҳри Броккен-Хил мебошад, ки дар ҷанубу шарқи мамлакат ҷойгир шудааст. Хусусияти ба худ хоси Австралия саноати *хӯрокворӣ* (махсусан саноати коркарди гӯшт) рушдкарда мебошад, ки асосан барои содирот кор мекунад.

**Кишоварзӣ** бахши сермол, серсоҳа, аз нигоҳи техника хуб муҷаҳҳаз ва хусусияти содиротидошта ба шумор меравад. Австралия аз рӯи арзиши умумии содироти маҳсулоти кишоварзӣ фақат аз ИМА қафо мемонад, аз рӯи арзиши он ба ҳар сари аҳолӣ ҳамто надорад. Мамлакат гандум, гӯшт, қанд пашм*, ва гӯсфанд* (аз рӯи саршумори он дар ҷаҳон ҷои аввалро ишғол менамояд) содирот мекунад. Соҳаи аз ҳама муҳимтарини чорводорӣ ҳам гӯсфандпарварӣ ба ҳисоб меравад.

Аллакай дар нимаи асри Х1Х Австралия ба содиркунандаи асосии пашм барои Британияи Кабир табдил ёфта буд. Ба рушди гӯсфандпарварӣ шароити табиии маҳал, талаботи афзояндаи метрополия ба пашм, интиқоли осони пашму чарм ҳамчун моли тиҷоратӣ, экстенсивнокии соҳа, ки қувваи зиёди кориро тақозо

намекунад, мусоидат менамоянд. Қариб аз нисф зиёди саршумори гӯсфанд ба иёлоти ҷанубию шарқӣ (Уэлси Нави Ҷанубӣ ва Виктория) рост меояд. Фермаҳои гӯсфандпарварӣ дар минтақаҳои дохилӣ номи пойгоҳҳои гӯсфандпарварӣ *(шипстейшн)*-ро доранд. Дар чунин пойгоҳҳо чарогоҳ бо сим ба қитъаҳо (паддокҳо) ҷудо карда мешаванд, ки обхӯраҳо, захираҳои эҳтиётии алафи худ ва ғайраро доранд.

Сохтори *нақлиёти* Австралияро андозаи ҳудуд ва хусусияти мавқеи географии мамлакат муайян менамояд. Нақлиёти автомобилӣ васеъ паҳн шудааст, аммо боркашонии ҳавоӣ хеле тараққикарда мебошад. Шабакаи хатҳои ҳавоии доимӣ дар тамоми шаҳрҳои калони Австралия вуҷуд дорад. Авиатсияи хурд тамоми мамлакатро дарбар гирифтааст, хурдтарин деҳоти мамлакатро бо марказҳо мепайвандад. Нақлиёти ҳавоӣ ҳамчунин дар хатҳои байналхалқӣ хидмат мерасонад. Ҳамзамон боркашонӣ ба хориҷи кишварро нақлиёти баҳрӣ ҳам бар ӯҳда дорад.

Дар сохтори содироти моли Австралия ҷои муҳимро ашёи хоми минералӣ ва сӯзишворӣ ишғол менамоянд, баъд аз инҳо маҳсулоти кишоварзӣ ва ниҳоят таҷҳизоти мошинсозӣ. Маҳсулоти тайёр: автомошинҳо, таҷҳизоти телекоммуникатсионӣ, нафт, техникаи электронию ҳисоббарорӣ, самолётҳо аз ҳама зиёд содир карда мешаванд.

Алоқаҳои асосии тиҷоратии Австралия бо мамлакатҳои сарзамини Осиё ва укёнуси Ором дар ҳоли рушд мебошад. Ба қатори шарикони фаъоли тиҷоратӣ Япония, ИМА, Зеландияи Нав, Ҷумҳурии Корея дохил мешаванд. Муносибатҳои иқтисодии Австралия бо ИДМ хеле ночиз мебошанд.

Бо назардошти андозаи қитъа ва аҳолии нисбатан ками он фарқияти қатъии марзӣ дар дараҷаи маскуншавӣ ва рушди иқтисодӣ набояд ҳайратангез намояд. Дар адабиёти махсус дар ҳудуди Австралия 5 музофоти калони иқтисодиро зикр кардан мумкин аст (И. Ф. Антонова, 1986).

1) Ҷанубӣ – Шарқӣ. «Ядро»-и иқтисодии давлат ба ҳисоб меравад. Музофоти иёлоти Уэлси Нави Ҷанубӣ, Виктория ва қисмати ҷанубию шарқии ба он часпидаи Австралияи Ҷанубиро дарбар мегирад. Ҳамчунин марзи пойтахти федералӣ ба он дохил мешавад. Дар инҷо калонтарин шаҳрҳои қитъа – Сидней ва Мелбурн ҷойгиранд, 2/3 аҳолии мамлакат зиндагӣ мекунад, тақрибан 80 дарсади маҳсулоти саноати коркард истеҳсол ва 70 дарсади саршумори гӯсфандон парвариш карда мешавад, аз нисф зиёди дарозии роҳҳои оҳан дар инҷоанд ва ғ. Музофот чунин шуҳратро дар натиҷаи мавҷудияти шароити мусоиди табиӣ ва мустамликакунонии бармаҳал ба даст овардааст;

2) Музофоти Шимолӣ-Шарқӣ ҳудуди штати Квинсленд бо пойтахташ *Брисбен* (сеюмин шаҳри мамлакат аз рӯи шумораи аҳолӣ)-ро дарбар мегирад. Шароити иқлимӣ барои фаъолияти иқтисодӣ он қадар мусоид нест, аммо музофот бо чорводорӣ (махсусан дар парвариши чорвои калон) ва саноати кӯҳӣ фарқ мекунад;

3) Ғарбӣ-Марказӣ – калонтарин музофот аз рӯи масоҳат (40 дарсади ҳудуди мамлакат) ва аз ҳама хушктарин (маҳз дар ҳудудҳои он биёбони Калони Регӣ, биёбони Гибсон ва биёбони Калони Виктория ҷойгиранд) ба шумор меравад. Дар тақсимоти дохилидавлатии меҳнат саноати истихроҷи кӯҳӣ ва ҷамъоварии гандумро зикр намудан мумкин аст;

4) Музофоти Шимолӣ бо шароити экстремалии табиӣ, азхудкунии сусти заминҳо фарқ мекунад. Асоси иқтисодиёти музофотро боз ҳам саноати истихроҷи кӯҳӣ ва кишоварзӣ ташкил медиҳанд;

5) Тасмания ба шарофати ҷойгиршавӣ дар ҷазира, шароити табиӣ ва иқлими мӯътадил дар байни минтақаҳо мавқеи нодир дорад. Иқтисодиёти ҷазира асосан ба рушди гидроэнергетика ва металлургияи ранга, туризм, кишоварзӣ тавсиф мешавад.

Австралия дар саноат ва иқтисодиёти ҷаҳонӣ нақши муҳим дорад. Он манбаъи муҳимтарини ашёи хом ва энергетика ба ҳисоб меравад. Аз рӯи дараҷаи умумии рушди иқтисодӣ Австралия ба қатори даҳ давлати пешрафтаи Ғарб дохил мешавад. Ҳамзамон Австралия ҳамчун саҳнаи рақобати корпоратсияҳои америкоӣ, японӣ ва британӣ боқӣ мемонад. Мақоми Австралия дар рушди сарзаминҳои Осиё ва уқёнуси Ором меафзояд.

**Савол ва супоришҳои санҷишӣ**

*1) Чаро кӯшишҳои Австралия ва Океанияро ҳамчун макросарзамини ягонаи фарҳангию таърихӣ баррасӣ кардан ягон асос надорад?*

*2) Аҳолии бумии Австралия имрӯз дар кадом музофотҳо ва барои чӣ ҷойгир карда шудаанд?*

*3) Ягон қитъа мисли Австралия ин қадар ноҳияи беҷараёнгоҳи об (60 дарсади масоҳати он) нест. Чунин камбуди об бо кадом роҳҳо ҷуброн карда мешавад?*

*4) Хусусиятҳои махсусгардонӣ ва ҷойгиркунонии хоҷагидории Иттиҳоди Австралия кадомҳоанд?*

## 11.2 Океания

**Мавқеи географӣ ва мустамликакунонии европоиҳо.** Океания таҷаммӯъи ҷамъшавии бештарини ҷазираҳо дар ҷаҳон ба шумор меравад (қариб 10 ҳазор), ки дар қисматҳои марказӣ ва ғарбии уқёнуси Ором дар байни 28 градуси а.ш. ва 52 градуси а.ҷ., 130 градуси т.ш. ва 105 градуси т.ғ. ҷой гирифтаанд. Масоҳати умумии сарзамин зиёда аз 800 ҳазор километри мураббаъ буда, фақат 0,7 дарсади акваторияи уқёнуси Оромро, ки дар онҷо ҷойгир шудаанд, ташкил медиҳад. Бинобар ин, масофаи байни ҷазираҳо дар аксари маврид ҳазорҳо километр мебошад. Шумораи умумии аҳолии сарзамин беш аз 12 миллион нафарро ташкил медиҳад.

Ба Океания 12 марз, ки 10-тои онҳо (бо Зеландияи Нав) давлатҳои мустақил (ҷадвали 25.) ва як қисми дигар мулкҳои мамлакатҳои пешрафта мебошанд, дохил мешаванд. Аксари марзҳои ғайримустақил асосан мулкҳои мустамликаи ИМА ба шумор меравaнд *(Самоаи Америкоӣ, Гуам, ҷазираҳои Маршалл, ҷазираи Медуей, Микронезия, Палау, ҷазираҳои Мариани Шимолӣ, ҷазираи Уэйк)* ва мақоми «марзҳои бетарафи ИМА», «озодона бо ИМА якдонисташуда» ё «Иттиҳоди аз нигоҳи сиёсат бо ИМА муттафиқ»-ро доранд.

**Ҷадвали № 25.**

**Давлатҳои соҳибистиқлоли Океания (бе Зеландиям Нав): бонки маълумотҳои оморӣ**

| Мамлакат | Масоҳат Ҳаз, км² | Аҳолӣ млн. нафар | Афзоиши табиӣ, % | Давомнокии умр, сол | | Истеъмоли ккал/ шабонарӯз | ММД | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | мардҳо | занҳо | | умумӣ млрд долл. | ба сари 1 нафар, долл. |
| Вануату | 12,2 | 0,2 | 1,5 | 66 | 69 | 2765,6 | 0,6 | 2900 |
| Кирибати | 0,8 | 0,1 | 2,2 | 59 | 65 | -- | 0,08 | 800 |
| Науру | 0,02 | 0,01 | 1,8 | 57 | 65 | -- | 0,06 | 6000 |

| | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Папуа-Гвинеяи Нав | 462,8 | 5,5 | 2,2 | 56 | 58 | 2185,9 | 13,4 | 2400 |
| Ҷазираҳои Соломоно | 28,4 | 0,5 | 2,6 | 67 | 68 | 2222,1 | 0,8 | 1700 |
| Самоа | 2,8 | 0,2 | - 0,2 | 65 | 72 | -- | 1,0 | 5600 |
| Тонга | 0,7 | 0,1 | 2,0 | 70 | 72 | -- | 0,2 | 2300 |
| Тувалу | 0,03 | 0,01 | 1,5 | 64 | 70 | -- | 0,01 | 1100 |
| Фиджи | 18,3 | 0,0,9 | 1,4 | 65 | 69 | 2933,6 | 5,4 | 6000 |

Ҳолатҳои ҳайратангез ҳам ба мушоҳида мерасанд. Масалан, давлати мустақили Папуа-Гвинеяи Нав, ки дар қисмати шарқии ҷазира ҷойгир аст, ба Океания тааллуқ дорад, қисмати ғарбии ҷазира ҳудуди Индонезия ба ҳисоб меравад ва табиист, ки ба ОҶШ дохил мешавад. Ҷойгоҳи муҳимро дар Океания ҷазираҳои Гавай ишғол менамоянд. Аз нигоҳи географӣ онҳо тааллуқ ба минтақаи Океания доранд, вале марзи (иёлати 50-уми) ИМА ҳастанд.

Тақсими Океания ба *Меланезия* (ҷазираҳои Сиёҳ), *Полинезия* (Галаҷазираҳо) ва *Макронезия* (ҷазираҳои калон) бо пешниҳоди муҳаққиқи фаронсавӣ Дюмон-Дюрвил дар соли 1832 амалӣ карда шудааст, ки барои дифференсиатсияи худ аломати нажодиро ҳамчун асос қабул карда буд. Макронезиягиҳо (ҷазираҳои Маршалл, Каролин, Мариан, Гилберт ва Науру) ва полинезиягиҳо (ҷазираҳои Маркиз, ҷазираҳои Ҷамоат, Туамоту, Самоа, Тонга, ҷазираҳои Кук, Гавай, Писҳо) бисёр нишонаҳои нажоди муғулро доранд. Меланезиягиҳо (Гвинеяи Нав, Каледонияи Нав, Гебридҳои Нав, ҷазираҳои Сулаймон, Фиҷӣ) ба аборигенҳои Австралия наздиканд.

Азхудкунии европоии Океанияро конкистадорҳои (истилогарони) португалӣ ва испанӣ дар давраи кашфиёти бузурги географӣ шурӯъ намудаанд. Дар охири асри Х1Х тақсимоти мустамликавии Океания ба анҷом расид. Дар ҳудуди сарзамин дар он замон фақат мустамликаҳо ва протекторатҳо (зери итоати дигар давлат фаъолият мекунад). То нимаи дуюми асри ХХ дар харитаи сиёсии Океания тағйирот дида намешавад. Метрополияҳо бо истифода аз дурии минтақа, ҷудоии географии ҷазираҳо ва камшумории аҳолӣ муддати дурудароз ҳукмронии худро нигоҳ доштанд.

Кишварҳои ғарбиро ғайр аз манфиатҳои иқтисодӣ, боз мавқеи географии ҷазираҳо ба худ ҷалб мекард. Дар солҳои Ҷанги Дуюми ҷаҳон онҳо «театр»-и амалиёти ҳарбӣ буданд. Баъд аз ҷанг баъзе ҷазираҳо ба майдони озмоиши силоҳи ҳастаӣ табдил ёфтанд (масалан, атоллҳои Бикинӣ, эниветок, Кваҷалейн дар Микронезия, Муруроа дар Полинезияи франсавӣ).

Раванди истиқлолхоҳӣ дар Океания дар солҳои 60-уми асри ХХ шурӯъ гардид. Давлатҳои сарзамин ба қатори хурд ва хурдтаринҳо дохил мешаванд. Ҳатто чунин ҷазираи «бузург»-е дар миқёси Океания чун Папуа-Гвинеяи Нав 5,3 миллион нафар аҳолӣ дорад, Ҷумҳурии Фиҷӣ – камтар аз 1 миллион. Дар байни мамлакатҳои рушдкунандаи Океания давлатҳое вомехӯранд, ки чанд ҳазор аҳолӣ доранд.

Кӯшишҳои Австралия ва Океанияро ҳамчун минтақаи ягонаи фарҳангию таърихӣ баррасӣ кардан ягон асос надорад ва эҳтимол ба таснифи қабул кардашуда такя кунанд, ки тибқи он Австралия ва Океания қисмати панҷуми заминро ташкил медиҳанд. Ва дар инҷо гап на танҳо дар сари муҳити иҷтимоии ба худ хоси мамлакатҳои «капитализми муҳоҷир»-и Австралия ва Зеландияи Нав (зимнан, охирӣ ба Океания тааллуқ дорад), балки дар хусуси аз нигоҳи географӣ ҷудо будани ҷаҳони ҷазираҳо ва рангорангии фарҳангии давлатҳои Океания низ меравад.

Ҳатто давлатҳои алоҳидаи Океания минтақаҳои том (ба маънии иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангӣ) ба ҳисоб намераванд. Масалан, ғарбитарин ҷазираи *Ҷумҳурии Кирибатӣ* аз ҷазираи шарқӣ ба масофаи қариб 4 ҳазор км. шимолӣ аз ҷанубӣ ба

масофаи зиёда аз 2 ҳазор км (вақте шумораи аҳолии давлат тақрибан 70 ҳазор нафар аст) ҷойгир шудааст. Аз ин нигоҳ Океанияро ҳатто бо Вест-Индия - калонтарин таҷаммӯъи ҷазираҳо дар шакли гурӯҳҳои нисбатан зич - муқоиса кардан душвор аст.

**Аҳолӣ, муҳити табиӣ, иқтисодиёт**. Давлатҳои ҷазираӣ бо камшумории аҳолии худ фарқ мекунанд (фақат Папуа-Гвинеяи Нав истисност, ки шумораи аҳолӣ аз 5,5 миллион зиёд мебошад). Таркиби этникии аҳолии ҷазираҳо ҳам рангоранг аст. Забонҳои маҳаллӣ ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд – *папуасӣ* ва *австронезӣ* (ё *малайӣ-полинезӣ).* Папуасҳо камубеш ҷамъулҷамъ зиндагӣ мекунанд ва аксарияти аҳолии Гвинеяи Нав ва архипелаги Бисмаркро ташкил медиҳанд. Дар хусуси австронезиҳо бошад (шумораи онҳо дар Океания 500 нафар аст!) – сокинони ҷазираҳои Сулаймон, Гебридҳои Нав, Каледонияи Нав ба *гурӯҳи халқҳои меланезӣ;* сокинони ҷазираҳои Каролин, Маршалл, Гилберт, Науру ба гурӯҳи халқҳои макронезӣ; бошандагони ҷазираҳои Тонга, Самоа, Токелау, Кук (маорӣ, гавайҳо, таитиҳо, тонга ва ғ. ба гурӯҳи полинезӣ тааллуқ доранд. Аҳолии ҷазираҳои Фиҷӣ ҳиндузабон мебошанд. Дар баъзе ҷазираҳо мустамликаҳои хитоиҳо, филиппиниҳо, явагиҳо ва ғ. мавҷуданд.

Дар ҳудуди Океания ноҳияҳои табиию географии зеринро камубеш равшан фарқ кардан мумкин аст:

1) Гвинеяи Нав ва ҷазираҳои атрофи он (махсусияти табиии яке аз калонтарин ҷазираҳои дунё – Гвинеяи Нав, ҳамчунин ҷазираҳои ба он наздики Сулаймон, галаҷазираи Бисмарк ва ғайра пеш аз ҳама аз рӯи мавқеи наздиэваториашон муайян карда мешаванд; дар олами наботот ҷангалзорҳо, аз ҷумла ҷангалзорони намноки тропикӣ, бартарият доранд; қад-қади соҳилҳои паст (махсусан дар Гвинеяи Нав) тасмаҳои буттазорони мангровӣ тӯл кашидаанд);

2) Каледонияи Нав, Гебридҳои Нав ва Фиҷӣ (ноҳия нисбат ба Гвинеяи Нав аз экватор дуртар ҷойгир шудааст ва дар зери таъсири зиёди пассатҳои ҷанубу шарқӣ мебошад);

3) Макронезия, ки аз гурӯҳи ҷазираҳои таркибашон кораллӣ ё вулқонӣ иборат аст (Марианн, Каролин, Маршалл, Палау, Ансон, Гилберт);

4) Полинезияи Марказӣ ва Ҷанубӣ бо дарбар гирифтани галаҷазираи Самоа, Кук, Ҷамоат, Тубуаӣ, Лайн ва ғайра, ки аз шимолу ғарб ба ҷанубу шарқ қад-қади хати тарқишҳои қаъри уқёнуси Оромро буранда тӯл кашидаанд);

5) Полинезияи Шимолӣ, ки аз ҷазираҳои Гавай иборат буда, дар қисмати марказии уқёнуси Ором (ба тарафи ҷануб аз Тропикаи Шимолӣ) ҷой гирифтааст;

6) Зеландияи Нав – ягона ноҳияи табиию географии Океания, ки дар арзҳои субтропикӣ ва мӯътадил ҷо гирифтааст.

То вуруди европоиён аҳолии бумии Океания ба *шикор, моҳидорӣ, зироаткории ибтидоӣ* машғул буданд. Мустамликадорҳо бо истифода аз шароити табиии мусоид ва қувваи арзони корӣ ба ташкили хоҷагидории плантатсионӣ шурӯъ намуданд, ки ба парвариши зироатҳои содиротӣ ба мисли *найшакар, дарахти нахл, ананас, банан, какао* ва ғ. махсус гардонида шуда буданд. Содироти васеъи ҷӯб ҳам ба роҳ монда шуда буд. Дар натиҷа иқтисодиёти ҷазираҳо хусусияти якказироатии содиротӣ гирифт.

Барои тамоми давлатҳо ва мулкҳои Океания маҳдудияти захираҳо (захираҳои меҳнатӣ, замин ва минералию ашёихомӣ) мушкили асосӣ ба шумор меравад ва дар баробари душвориҳои иртибототи байниҷазиравӣ рушди мустақили иқтисодиётро бозмедорад. Соҳаи асосии шуғли мардум *кишоварзӣ* мебошад, ки дар таркибаш бахши якказироатии содиротӣ (дарахти нахл, найшакар, ананас, банан, какао, қаҳва) дорад. Дар интиҳои асри XX ва ибтидои асри XX1 дар мамлакатҳои сарзамин конҳои навъҳои бисёри канданиҳои фоиданок аз ҷумла бокситҳо, хромитҳо, нафт

кашф карда шуданд. Калонтарини онҳо дар Папуа-Гвинеяи Нав таҳқиқ карда шудаанд, ки барои рушди иқтисодиёт ҷиддан мусоидат хоҳад намуд. Ин давлат аллакай ба тарафи содиркунандагони маълуми консентрати мисс ва тилло ҳаракат карда истодааст.

Содироти ашёи хоми кишоварзӣ ва минералӣ манбаъи асосӣ ва баъзан ягонаи воридоти асъори хориҷӣ ба шумор меравaнд. Аксарияти аҳолӣ дар хоҷагии қишлоқ кор мекунанд. Океания 10 дарсади содироти ҷаҳонии копра ва 90 дарсади ҷамъоварии ҷаҳонии ананансро таъмин менамояд. Саноат аз корхонаҳои хурди коркарди зироатҳои содиротӣ, чӯб ва истихроҷи канданиҳои фоиданок иборат аст.

Ҳамаи мамлакатҳои Океания захираҳои биологии бузург баҳрӣ доранд. Масоҳати умумии минтақаи баҳрии иқтисодии давлатҳои Океания аз 12 миллион километри мураббаъ зиёд мебошад. Моҳидорӣ густариш меёбад (шикори солона то 300 ҳазор тонна мерасад, ки камтар 0,25 дарсади шикори ҷаҳониро ташкил медиҳад). Туризми байналхалқӣ ҳам тараққӣ карда истодааст. Ҳамаи соҳаҳои асосии хоҷагидории содиротӣ дар дасти монополияҳои хориҷӣ мебошад. Бо вуҷуди ин, бекорӣ ҳамчун масъалаи доғи иҷтимоии сарзамин боқӣ мемонад.

Дар байни давлатҳои ҷавони Океания Ҷумҳурии Науру ҷои махсусро ишғол менамояд. Ҷазираи ҳамном, ки мамлакат дар он ҷойгир аст, қитъаи кучаки хушкии 53 км ҷанубтари экватор мебошад. Ҷумҳурии аз соли 1968 мустақил 12 ҳазор нафар сокин (қариб нисфи онҳо хориҷиён мебошанд), президент, парламент, шӯрои вазирон, чандин департамент, аз ҷумла департаменти корҳои хориҷӣ дорад. Шабакаи роҳҳои дарозиаш қариб 20 км ҳамеша пурмошин аст. Сермошинӣ на танҳо ба роҳгузарон душворӣ эҷод менамояд, балки ба нишасту парвози чанд ҳавопаймои дар ихтиёри авиаширкати миллӣ буда, ки гоҳ-гоҳ аз баъзе қисмҳои ин роҳҳо истифода мекунад, халал мерасонад. Ҷумҳурӣ бо фосфоритҳои худ машҳур мебошад. Азбаски ширкати давлатӣ онҳоро бо арзиши хоси кам истихроҷ менамояд, мамлакат аз фурӯши онҳо дар бозори хориҷи фоидаи зиёд ба даст меоварад. Дар айни замон Ҷумҳурии Науру сарватмандтарин давлати сарзамин ба ҳисоб меравад.

Конҳои фосфоритҳо дар арафаи тамомшавианд. Вале аз ҳисоби фурӯши онҳо дар ҷумҳурӣ фонди пули калон фароҳам оварданд ва дар хориҷа амволи номанқул харидорӣ кардаанд (асосан дар Австралия) ва ният доранд минбаъд мамлакат аз ҳисоби фоизҳо ва даромадҳои онҳо зиндагии хубро фароҳам оварданд. Дар солҳои охир дар Науру фаъолияти оффшории молиявӣ ҷон гирифтааст. Дар мамлакат қариб 400 бонки офшорӣ мавҷуд аст. Кушодани бонк дар Науру кори осон мебошад, аз ин сабаб ҷазира ҳамчун маркази шубҳаноки оффшорӣ ном баровардааст.

Дар маҷмӯъ мамлакатҳои Океанияро аз нуқтаи назари некӯаҳволии аҳолии маҳаллӣ ҳеч набошад ба чор гурӯҳ тақсим кардан мумкин аст:

1) давлати кучаки *Науру*, ягона давлати Океания (бе Зеландияи Нав), ки ММД ба ҳар сари аҳолӣ дар баъзе солҳо (ба шарофати даромад аз фосфоритҳо) ба 15 ҳазор доллари америкоӣ ва аз он ҳам зиёдтар мерасад. Дидан душвор нест, ки аз рӯи навъи иқтисодиёт Науру ба Баҳрайн, Катар, Брунеӣ ва ғ. наздиктар аст;

2) ба гурӯҳи дуюм *Фиҷиро* дохил кардан мумкин аст, ки ММД ба ҳар сари аҳолӣ қариб 6 ҳазор доллари Америка аст. Солҳои зиёд ин собиқ мустамликаи Англия намунаи иқтисодиёти плантатсионӣ бо махсусгардонӣ барои парвариши найшакар буд. Имрӯз ба он индустрияи туризм ва саноати коркард зам гардидааст;

3) *Папуа-Гвинеяи Нав, ҷазираҳои Сулаймон, Самоа ва Вануату* – мамлакатҳое ҳастанд, ки ММД ба ҳар сари аҳолӣ 2-6 ҳазор доллари Америкаро ташкил медиҳад. Барои онҳо бетағйир нигоҳ доштани укладҳои анъанавӣ, инкишофи сусти муносибатҳои молию пулӣ, бартарияти хоҷагии қишлоқ хос мебошад. Дар баробари

ин, дар Папуа-Гвинеяи Нав саноати истихроҷи кӯҳӣ, дар ҷазираҳои Сулаймон саноати коркарди моҳӣ, дар Вануату соҳаи хизматрасонӣ тараққӣ мекунад;

4) давлатҳои хурди ҷазиравӣ – *Тонга, Кирибатӣ* ва *Тувалу* бо ММД ба ҳар сари аҳолӣ аз 1 то 2 ҳазор доллари америкоӣ ва махсусгардонии иқтисодиёт ба хоҷагии қишлоқ (истеҳсоли копра ва дигар маҳсулоти зироаткории тропикӣ) нигаронида шудааст.

Ҳамзамон барои ҳамаи мамлакатҳои Океания давраҳои умумии стратегии рушди хоҷагидорӣ, ки масалан вобаста ба азхудкунии захираҳои биологии баҳрӣ ва захираҳои қаъри бахр, рушди зироаткории сермаҳсули тропикӣ мебошад, хос аст, равон карда шудааст.

Ҳангоми таҳлили вазъияти иҷтимоию иқтисодӣ набояд фаромӯш кард, ки сабаби тасарруфи ҷазираҳои Океания на иқтисодӣ, балки ҳарбию стратегӣ буд. Бисёр вақт ҷазираҳо хӯҷаинҳои худро «иваз» мекарданд, аз даст ба даст мегузаштанд. Баъзе давлатҳо пас аз касби истиқлол кардан шаклҳои мухталифи сохториро қабул намуданд. Мустамликаҳои собиқи Британияи Кабир дар ҳайати Иттиҳод монданд, як қатор марзҳо дар хусуси ба ИМА як сиёсат доштанашон дар ҳайати он монданд, Полинезияи фаронсавӣ мақоми «марзҳои берунаи» Франсияро гирифт ва ғ..

Дар аввали асри XX1 мамлакатҳои Океания бо алоҳидагии ҳудудҳо, майдадавлатӣ ва камшумории аҳолӣ, камбағалии нисбии пойгоҳи табиию захиравӣ, бартарияти бахши аграрии истеъмолкунанда, махсусгардонии хоҷагидорӣ барои рушди соҳаҳои рекреатсионию сайёҳӣ, интиқолию нақлиётӣ ва ғ. тавсиф карда мешаванд.

**Савол ва супоришҳои санҷишӣ**

*1) Аз рӯи харитаи сиёсии ҷаҳон ҷойгиршавии ҳамаи давлатҳои мустақили Океанияро муайян намоед. Кӯшиши ба вазъи иқтисодию географии онҳо баҳо додан кунед?*

*2) Бо назардошти кадом махсусиятҳо Океания ба Меланезия, Микронезия, ва Полинезия тақсим карда мешавад?*

*3) Душвориҳои асосии рушди иҷтимоию иқтисодии давлатҳо ва марзҳои Океанияро дар чӣ мебинед?*

*4) Мамлакатҳои Океания кадом имкониятҳои рушди иқтисодиро доранд?*

*5) Океания дар рушди имрӯзаи сарзамини Осиё ва уқёнуси Ором чӣ нақше дорад?*

*6. Ба хотир оред, ки дар омӯзиши океания Ф. Магелан, Ҷемс Кук, Н. Миклухо – Маклай ва Т. Хайердал чи саҳм гузоштаанд?*

## Адабиёт


1. Александров А.Ю. Международный туризм. Москва - 2001.
2. Алисов Н.В. и друг. Экономическая и социальная география мира. Москва., 2000.
3. Властова Т.В. Физическая география частей света. Москва – 1966.
4. Вавилова Е.В. Экономическая и социальная география мира. Москва – 2003.
5. Гладкий Ю.Н. Регионоведение. Москва – 2003.
6. Гладкий Ю.Н., Сухоруков В.Д. Экономическая география зарубежных стран. Москва «Академия». 2008.
7. Гладкий Ю.Н., Сухаруков общая экономическая и социальная география зарубежных стран М. Академия 2006.
8. Голубчик М.М Политическая география мира. Смоленск 1998.
9. Колосов Е.Н. География религии народов мира. Москва 2000.
10. Московский В.П. Географическая картина мира: в 2 кн. КН 2 Москва 2004.
11. Мираненко Н.С. В ведение в географию Мирового хозяйство – м., 1995
12. Муртазаев У.И. Экономическая и социальная география зарубежных стран. Душнбе ., Ирфон: 2010.
13. Поздняков Э.А. Геополитика. Москва., 1995.
14. Социально экономическая география зарубежного мира. Под. Рад. В. В. Вольского – Москва; 2003.
15. Страны Мира. Современный справчик Москва. 2008.
16. Туровский Р.Ф. Политическая география. Москва Смоленск. 1999.
17. Шарифов З.Р., Ҷӯраев А.Ҷ., Аброров Ҳ.А. Географияи иқтисодӣ ва иҷтимоии мамлакатҳои хориҷӣ. Қисми якум. Душанбе «Ирфон» 2011.
18. Экономическая, социальная и политическая география мира. – Регионы мира. Под. Ред. С.Б. Лаврова и Н.В. Каледина. Москва – 2002.